ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ МОЁНШО НАЗАРШОЕВ

ВБД: 74.200.25; 34 (09) С 20 **Бо ҳуқуқи дастнавис**

САИДИБРОИМОВ ШОЗОДАИБРОҲИМ ОДИЛШОЕВИЧ

ТАШАККУЛИ ХИРАД ҲАМЧУН ПАДИДАИ СИРАТИ МИЛЛӢ ДАР ТАФСИРИ МУТАФАККИРОНИ АСРҲОИ X-XI ТОҶИКУ ФОРС

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика, 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

(ҳимояи такрорӣ)

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент
Булбулов Ҷумъа

ХУҶАНД – 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 4

БОБИ I. Асарҳои мутафаккирон ҳамчун сарчашмаи афкори педагогии рушди хирад 26

1.1. Хирад ва сирати миллӣ ҳамчун пояи маънавии халқи тоҷик 26

1.2. Табдили ақидаҳои педагогии тоисломӣ сарчашмаи асосии рушди ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик дар асрҳои X-XI 54

1.3. Нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба хирад ва сирати миллӣ дар тарбияи фарзанд 68

Хулоса оид ба боби I 84

БОБИ II. Таҳлили ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс 87

2.1. Ҳамбастагии мақоми ақл дар таълимоти Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав 87

2.2.Ақидаҳои Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ 104

2.3. Таҳлили муқоисавии рушди хирад - омили асосии ташаккули сирати миллӣ дар эҷодиёти Абуалӣ ибни Сино ва «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ 127

Хулоса оид ба боби II 140

БОБИ III. Ҳамбастагиҳои ташаккули хирад ва сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва этнопедагогика 142

3.1. Арзишҳои миллӣ ва маънавии халқи тоҷик ва хусусиятҳои педагогии ин арзишҳо 142

3.2. Мақоми ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва анъанаҳои милливу мардумӣ дар ташаккули сирати миллӣ дар мисоли анъанаҳои наврӯзӣ 184

3.3. Нақши афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва этнопедагогика дар равнақ бахшидани шинохти ҳаққи падару модар 227

Хулосаҳо оид ба боби III 261

БОБИ IV. Истифодаи ғояҳои рушди хирад барои ташаккули сирати миллӣ дар раванди муосири таҳсилот 263

4.1. Таҳқиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва татбиқи он дар педагогикаи муосири миллӣ 263

4.2. Вижагиҳои рушди сирати миллии хонандагони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таълимоти мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс 290

Хулоса оид ба боби IV 308

БОБИ 5. Раванди амалишавии арзишҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар муассисаҳои таҳсилоти умумии тоҷикистон (дар мисоли муассисаҳои таълимии интихобии ВМКБ) 309

5.1. Таҳлил ва баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ оид ба роҳҳои амалигардонии ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.....309

Хулоса оид ба боби V 353

Хулосаи умумӣ 354

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот 360

Рӯйхати адабиёти истифодашуда 365

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Асри XXI асри пешрафти босуръати илму техника буда, барқарор намудани муносибатҳои нави сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоиро тақозо дорад. Бахусус дар раванди барқарор кардани муносибатҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон арзишҳои ахлоқӣ дар асоси анъанаҳои таърихии мардум бо назардошти шароити муосир дар соҳаи маориф аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Зеро суръат гирифтани ҷаҳонишавӣ, таъсири фарҳангу одатҳои бегона ба насли наврас такони ҷиддиро дар соҳаи тарбия талаб менамояд. Барои расидан ба ин мақсад ташаккули сирати миллӣ ва арзишҳои миллӣ басо зарур ва муҳим аст ва он бояд бо роҳҳои мухталиф дар ниҳоди насли наврасу ҷавон тарбият ва рушд дода шавад. Олими рус Б.С. Гершунский овардааст: «Бо назардошти тағйироти сирати (менталитети) халқҳо ба фарҳанги таҳҷойӣ фарҳанги нав ҳамроҳ гардида, тамоюли ягонагии инсониятро ташкил дод. Бо назардошти ин тамоюлҳо ҷомеаи иттилоотии асри XXI талаботи нав ба миён гузошт, ки ҷавоб ба ин талабот, аввал мавҷудияти ҷомеаи иттилоотиро таъмин менамояд, дуюм бар асоси ягонагии технология ва сирати инсони ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳалли душвориҳои ҷаҳонии инсоният мадад мерасонад» [165, с. 130]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мушкилиҳои роҳи ташаккули сирати миллиро бояд муайян ва таҳқиқ намуд ва ҷиҳати бартараф намудани ин мушкилиҳо саъю талош варзид.

Яке аз роҳҳои асосии ташаккули сирати миллӣ ин ҷалб намудани насли наврас ба омӯзиши амиқи ашъори мутафаккирони асрҳои X-XI - асри тиллоӣ ва рушди босуръати адабиёти тоҷик ва бо усули фаъол алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт мебошад. Маҳз дар ин рисола ақидаҳои педагогӣ ва тарбиявии мутафаккирони асрҳои болозикр оид ба хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ мавриди таҳқиқ, таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Боиси тазаккур аст, ки ташаккули ақлу хирад мавзуи нав нест ва асрҳо боз олимону донишмандони соҳаҳои мухталиф ин мавзуъро мавриди таҳқиқ

қарор дода, олимони муосир низ роҷеъ ба он пажуҳишҳо намуда истодаанд. Аммо агар баъзе паҳлуҳои мавзуи зикргардида қисман аз тарафи олимони ватаниву бурунмарзӣ омӯхта шуда бошанд ҳам, то кунун ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс омӯхта нашуда, ба таҳқиқ ниёз дорад.

Мутафаккирон, донишмандон ва адибони асрҳои X-XI дар осори назмиву насрии хеш роҳҳои тарбияи дурусти насли наврас ва дар ин замина, нақши омӯзгор, падару модар ва аҳли ҷомеаро дар тарбияи фарзанд ва ташаккули сирати миллӣ нишон дода, ба ояндагон ба мерос гузоштаанд. Осори мутафаккирони асрҳои болозикр дар ҳалли ин мавзуи мубрам ва асосӣ мисоли равшан буда, дар ташаккули сирати миллӣ, таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон ва дар маҷмуъ, аҳли ҷомеа нақши калидӣ дорад.

Имрӯз масъалаи дар руҳияи арзишҳои миллӣ тарбия намудани насли наврас таҳти таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, омӯзгорон, падару модар ва аҳли ҷомеа вазифадор шудаанд, ки дар тарбияи насли наврас саҳми асосӣ гузоранд. Маҳз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [77, с. 14] нақши падару модарро дар ин самт пурра муайян намудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таҳқиқи ақидаҳои педагогӣ, тарбиявию ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI имкон фароҳам меорад, ки дар таълиму тарбияи насли наврас аз арзишҳои ахлоқӣ, миллӣ ва мардумии халқи ориётабори тоҷик истифода бурда шуда, дар ин замина, сирати миллии насли наврас ташаккул дода шавад ва мутмаинем, ки он натиҷаҳои назаррасро ба бор меорад.

Дар ташаккули сирати миллии насли наврас омӯзиш ва таҳқиқи осори мутафаккирони асрҳои X, аз ҷумла: А. Муродӣ, А. Фароловӣ, Ш. Балхӣ, Ш. Бухороӣ, К. Марвазӣ, А. Балхӣ, Дақиқӣ, М. Тирмизӣ, У. Балхӣ, А. Фаррухӣ, А. Ҷунайдӣ, Б. Урён, Р. Қаздорӣ, Ҳ. Бодғисӣ, М. Варроқ, Ф. Машриқӣ, А.

Гургонӣ, М. Васиф, М. Мухаллад, Б. Курд, Р. Балхӣ, А. Балхӣ, А. Ҷӯйборӣ, А.Ҳ. Балхӣ, М. Мухаллади Сагзӣ, А. Рабанҷанӣ, А. Балхӣ, М. Балхӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва намояндагони бузурги адабиёти асри XI чун: Н. Хусрав, А. Сино, У. Хайём, А. Берунӣ, Ф. Гургонӣ, А. Утбӣ, А. Гардезӣ, А. Байҳақӣ, А. Бухоройӣ, С. Самарқандӣ, Р. Самарқандӣ, У. Кайковус, А. Ансорӣ, А. Тӯсӣ, А. Анварӣ, Масъуди Саъди Салмон, Муиззӣ, С. Тирмизӣ ва дигарон нақши асосӣ дорад. Ақидаҳои аксарияти ин мутафаккирон, ки аҳдулимкон ашъори онҳо дастрас гардид, мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар бобҳо ва фаслҳои рисола баррасӣ карда шуданд.

Масири ҳаёт ва фаъолияти илмиву адабии ин бузургони адабиёти тоҷик як навъи таҷассуми роҳи ташаккули сирати миллӣ ва фарҳангу илми тоҷик дар асрҳои X-XI мебошад. Мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик бо зуҳури худ, бо такя ба хиради волои хеш таконе ба ҷаҳони шеъри тоҷик ворид сохта, таваҷҷуҳи асосиро ба тарбияи насли наврас, бо истифода аз хирад ва дар партави хирад ташаккул додани сирати миллӣ, арзишҳои милливу маънавӣ равона намудаанд. Ин мутафаккирон ашъори зиёди панду ахлоқии хешро ба мавзуи тарбияи насли наврас бахшида, андешаҳои ҷолиб ва асоснокро оид ба ташаккули сирати миллӣ, тараннуми худшиносиву худогоҳии миллӣ, эҳё ва равнақ бахшидани арзишҳои миллӣ баён намудаанд, то кунун ин ақидаҳо раҳнамои таълимдиҳандагон, падару модар, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа мебошанд. Омӯзишҳои равшан ва андешаҳои бикру маъниҳои дақиқи мутафаккирони ин аҳд роҳҳои беҳтарин ва натиҷабахши тарбияи насли наврас дар руҳияи ташаккули сирати миллиро муайян намудаанд. Аз ин лиҳоз, ақидаҳои педагогии фаъоли ин мутафаккирон оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ пурра ба таҳқиқ ниёз дорад.

Дар баробари мавзуъҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ, адибон-мутафаккирони адабиёти тоҷику форс дар асрҳои X-XI ба мавзуъ ва муаммоҳои ташаккули сирати миллӣ, меҳру муҳаббат ва садоқату вафодорӣ ба Ватан, худшиносиву худогоҳии миллӣ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намудаанд. Ин мутафаккирон дар таълиму тарбияи насли наврас такмили хирад,

ақидаҳои педагогии гузаштагон, анъанаҳои милливу мардумиро ба асос гирифта, роҳҳои фаъоли ташаккули сирати миллиро баррасӣ намудаанд ва исбот низ намудаанд, ки ташаккули хирад, эҳёи анъанаҳои милливу мардумӣ омили асосии рушди сирати миллӣ мебошад.

Ақидаҳои мутафаккирони асрҳои болозикри тоҷик аз андешаҳои мутафаккирони пеш аз ин аҳд ва мутафаккирони оянда пурра фарқ дошта, дар ташаккули сирати миллӣ ба асос гирифтани ақидаҳои ин мутафаккирон муҳим аст, зеро ақидаи онҳо дар тарбияи насли наврас мақому манзалати асосӣ дошта, натиҷаҳои дилхоҳро ба бор меорад.

Мутафаккирони асрҳои X-XI дар асоси дониш ва таҷрибаҳои хеш ба хулоса омадаанд: «... ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ танҳо дар асоси тарбияи дурусти насли наврас, омӯхтани осори ниёгон ва эҳёву равнақ бахшидани анъанаҳову арзишҳои миллӣ ба даст меояд» [112, с. 87].

Имрӯз мо шоҳиди ҳол ҳастем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тарбияи миллӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Дар робита ба ин, дар ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи таълиму тарбияи насли наврас пурра инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3 марти соли 2006, №94) дар боби 3 таҳти унвони «Мафҳум, мақсад, вазифа ва заминаҳои тарбияи миллӣ» омадааст: «Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури

миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад. Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад» [18, с. 4].

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик роҷеъ ба тарбияи миллӣ дар замони муосири пур аз нооромиҳову нобасомониҳо боз ҳам таваҷҷуҳи ҷиддиро тақозо дорад.

Мутаассифона, бисёр ақидаҳо ва ғояҳои педагогии мутафаккирони адабиёти тоҷик, аз ҷумла мутафаккирони асрҳои X-XI, бахусус ақидаҳо оид ба хирад ва ташаккули сирати миллӣ омӯхта нашуда, дар тарбияи насли наврас мавриди истифода қарор дода нашудаанд.

Вобаста ба ин, мо дар доираи имкониятҳои мавҷуда кӯшиш бар он намудем, ки қисматҳои назариявӣ ва амалии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI-ро оид ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ таҳқиқ намуда, пешкаши хонандагон ва истифодабарандагони рисола гардонем.

Аз таҳлили адабиёти дастрасшуда ва ақидаҳои мутафаккирони ин аҳд маълум гардид, ки дар самти нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ корҳои таҳқиқотӣ анҷом дода нашуда, маводди кофӣ дастраси мо нагардид. Аммо бо такя ба осори ин адибон ва адабиёти илмиву педагогии бадастомада саъю кӯшиш намудем, то бисёр гиреҳҳои нокушодаи ин мавзуъро боз намуда, пажуҳишҳои судманд анҷом диҳем.

Ба қавли А. Мирзоев: «Дар раванди таҳқиқот дастрас намудани осори ҳамаи мутафаккирони дар боло зикргардидаи асрҳои X-XI имконнопазир буд, зеро мероси адабии на ҳамаи онҳо дастрас аст» [117, с. 200] ва агар абёти пароканда то замони мо расида бошанд ҳам, ақидаҳо оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ қарордодашуда дар ин байтҳо инъикос нагардидааст ва ё ба мавзуи ташаккули хирад ва сирати миллӣ ишора нашудааст. Аммо новобаста аз ин мушкилиҳо имкон даст дод, ки осори аксарияти мутафаккирони асрҳои X-XI аз ҷумла: А. Фароловӣ, Ш. Балхӣ, К. Марвазӣ, А. Балхӣ, Дақиқӣ, М.

Тирмизӣ, А. Ҷунайдӣ, Р. Қаздорӣ, Ҳ. Бодғисӣ, М. Варроқ, М. Васиф, М. Мухаллад, Р. Балхӣ, А. Балхӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Н. Хусрав, А. Сино, У. Хайём, А. Берунӣ, А. Гардезӣ, А. Байҳақӣ, А. Бухоройӣ, Р. Самарқандӣ, У. Кайковус, А. Ансорӣ, А. Тӯсӣ, Муиззӣ, С. Тирмизӣ ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, мақсад гузошта шуд, ки ақидаҳои онҳо оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ муайян карда шавад. Ҳамзамон ин ақидаҳо ба этнопедагогика, анъанаҳои миллӣ алоқаманд ва муқоиса гардида, асоснок карда шуданд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ: Дар замони соҳибистиқлолии кишвар дар асоси дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор аснодӣ меъёриву ҳуқуқӣ оид ба тарбияи насли наврас ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия қабул гардида, дар суханрониву паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкиду супоришҳо ва ҳидоятҳо оид ба ин масъала ироа мегарданд. «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷумлаи ин ҳуҷҷатҳо мебошанд. Дар ин ҳуҷҷатҳо низ ба он ишора карда шудааст, мо дар таълиму тарбия намудани насли наврас танҳо замоне натиҷаи дилхоҳро ба даст оварда метавонем, агар ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик ва педагогикаи милливу мардумиро таҳқиқ намуда, мавриди амал қарор диҳем. Дар робита бо ин, мавриди таҳқиқ қарор додани ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика муҳим ва саривақтист. Ҳамзамон, омӯхтану моҳирона ва мақсаднок мавриди истифода қарор додани ақидаҳои педагогии ин мутафаккирон қадами устувор дар ғанигардонии педагогикаи миллӣ ва таълиму тарбияи насли наврас мебошад.

Барои ҳамин, дар соҳаи педагогикаи миллӣ ва таълиму тарбия ворид намудани тағйиротҳо муҳим аст ва дар ин самт анҷом додани корҳои илмиву таҳқиқотӣ боиси пешрафти кори таълиму тарбия мегардад.

Бархе аз олимони тоҷик роҷеъ ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс пажуҳишҳои илмӣ анҷом дода, дар тақвияти

педагогикаи миллӣ саҳми назарраас гузоштаанд. Дар ин росто наметавон хизмати педагоги тоҷик М.А. Орифиро ба фаромӯш супурд: «М.А. Орифӣ нахустин шуда таҳқиқотро оид ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ анҷом додааст» [37, с. 120]. Ин педагоги машҳур дар таҳқиқоти хеш ба мероси бойи илмӣ ва адабии мутафаккирони асрҳои X-XI, аз ҷумла Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва Абуалӣ ибни Сино такя намуда, ақидаҳои гузаштагони моро оид ба тарбияи насли наврас ошкор намудааст. Муаллиф роҷеъ ба таърихи инкишофи афкори педагогии халқи тоҷик якчанд китоб ва мақолаҳоро ба табъ расонидааст, ки сарчашмаҳои адабии мутааллиқ ба асрҳои X-XI асоси таълифоти ӯро ташкил медиҳанд. Аммо қайд кардан муҳим аст, ки М. Орифӣ сирф ба масъалаи педагогии ташаккули хирад ва сирати миллӣ дахл накардааст.

Инчунин бархе аз муҳаққиқон қисман оид ба муаммоҳои педагогии давраи классикӣ таҳқиқот гузаронидаанд, ки Забеҳулло Сафо, Ш. Розизода, Х. Мирзозода, Е.Э. Бертелс, Ш. Нуъмонӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI низ корҳои зиёди илмиву таҳқиқотии педагогони муосири тоҷик ба пажуҳиши ақидаҳои педагогии мутафаккирони давраи классикии тоҷик бахшида шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои М. Лутфуллоев «Педагогикаи шавқат», «Эҳёи педагогикаи Аҷам», Х. Афзалов «Таърихи педагогикаи халқи тоҷик», С. Қодирова «Ғояҳои педагогии Абдураҳмони Ҷомӣ», Ш. Шарипов «Ғояҳои педагогии маорифпарварони халқи тоҷик», Х. Ҷонназаров «Ташаккул ва инкишофи таҳсилоти педагогӣ дар Тоҷикистон», Э. Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», Ф. Шарифзода «Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ», «Педагогикаи умумӣ ва касбӣ», Т. Атаханов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов «Очеркҳои афкори педагогӣ», И.Х. Каримова «Рӯдакӣ ва софию некиву одамият», «Абуалӣ ибни Сино – инсонпарвари бузурги аҳди Сомониён», Б. Раҳимов, А. Нуров. «Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик», Ш.О. Саидиброимов «Системаи дидактикии Носири Хусрав»,

«Алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт омили рушди маорифи миллӣ» ва амсоли инҳо аз ҷумлаи корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика мебошанд, ки ба масъалаҳои инкишофи афкори педагогӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд. Масалан, Ф. Шарифзода овардааст: «Таълими муосир инсонгароии раванди таҳсилот аст, ки дар маркази он ташаккули шахсияти пуразриш ва гуногунпаҳлу қарор дорад» [382, с. 242].

Таҳия ва бо забони русӣ аз чоп баромадани «Тазкираи педагогии халқи тоҷик» соли 2009, ки афкори педагогии мардуми тоҷикро дар бар гирифтааст, маводди калидӣ барои таҳқиқу омӯзиши ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик мебошад ва муҳаққиқ Ш. Хоников дар ин бора овардааст: «Дар китоби «Тазкираи педагогии халқи тоҷик» маълумотҳои дақиқ роҷеъ ба рушди педагогикаи халқи тоҷик оварда шудааст» [96, с. 24].

Инчунин асарҳои адабиётшиносону таърихнигорони тоҷик низ дар таҳқиқ намудани афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс нақши назаррас доранд. Олимони адабиётшиноси тоҷик А. Афсаҳзод, Ш. Мухторов, Н.Л. Қаҳор, А.А. Мирзоализода, Ҳ. Қаландариён, З. Аҳрорӣ, В. Охонниёзов, К. Айнӣ, Т. Мирзод, М. Муллоаҳмадов ва таърихнигорон - Б. Ғафуров, Н. Неъматов, С. Шарипов, А. Мухторов ва дигарон дар таҳқиқоти худ ба андешаҳои тарбиявию ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ ва мутафаккирони дигари тоҷику форс ишораҳо намудаанд: «Дар асарҳои адабӣ ва илмии донишмандони маъруфи тоҷик ақидаҳои худогоҳӣ, хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ, ки ҷузъи ҷудонопазири арзишҳо ва сирати миллӣ мебошанд, мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд» [79, с. 100].

Дар раванди таҳқиқ намудани ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ҳамбастагии он ба этнопедагогика мавриди пажуҳиш қарор дода шуд. Дар таҳқиқ намудани ин зербоби диссертатсия ба асарҳои муаллифоне, ки ба таҳқиқи педагогикаи халқӣ, ташаккули сирати миллӣ бахшида шудаанд,

такя карда шуд. Аз ҷумла, дар раванди гузаронидани таҳқиқот афкори педагогии мутафаккирон Х. Хадиков, И. Шоров, А. Блекштейн, С.М. Шакарян, Я.А. Ханбиков, Х. Раҳимов, В.А. Арутюнян, А. Кубесов, А.Э. Измайлов, А. Кулжонов, А.Ш. Гашимов, В.Д. Афанасев, А. Субетто, Б.С. Гершунский, А.Я. Гуревич, П.С. Гуревич, В.А. Дмитренко, Т.Г. Абаева, М.С. Андреев Бойс, Мери, А.Н. Болдирев, А.З. Розенфелд ва дигарон мавриди истифода қарор дода шуд.

Таҳқиқотҳои анҷомдодашудаи болозикр паҳлуҳои зиёди афкори педагогии мутафаккирони тоҷикро дар бар гирифта бошанд ҳам, оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои Х-ХІ тоҷику форс асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вуҷуд надоранд. Новобаста аз ин, мо дар анҷом додани ин таҳқиқот ба адабиёти илмии дастрасбуда, корҳои тадқиқотии анҷомдодашуда: диссерататсияҳо, авторефератҳо ва ҳаёту фаъолият ва мероси адабии мутафаккирони ин аҳд такя намудем.

Тазаккур додан бамаврид аст, ки сарфи назар аз таваҷҷуҳи ҷиддии муҳаққиқон ба масъалаҳои омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони тоҷик, таҳқиқотеро наметавон ном бурд, ки дар он таҳлили ақидаҳои мутафаккирони асрҳои Х-ХІ оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ анҷом дода шуда бошад. Ҳамин тавр, бо дарназардошти далелҳои зикргардида, метавон ба таври асоснок иброз дошт, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ нахустин таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи болозикр мебошад.

Пажуҳиши муаммои таҳқиқшаванда ба мо имкон фароҳам овард, чунин хулоса барорем, ки то имрӯз дар Тоҷикистон масъалаи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои Х-ХІ аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври қаноатбахш мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, зеро ин таҳқиқот барои рушди педагогикаи миллӣ ва равнақ бахшидани сифати таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, шуъбаи таҳсилот ва технологияи педагогии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар мавзуи «Таҳсилоти муосир ва технологияҳои педагогии инноватсионии таълим» ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот – муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи (хориқаи) сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс» ва нишон додани роҳҳои амалигардонии ғояҳои педагогии ин мутафаккирон дар тарбияи насли наврас дар замони муосир, бахусус дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот, иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

1. Таҳқиқи ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ва пояи маънавии халқи тоҷик.
2. Таҳқиқ ва муайян намудани ақидаҳои педагогии тоисломӣ оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ - сарчашмаи асосии рушди ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик дар асрҳои X-XI.
3. Мушаххас намудани афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба хирад ва сирати миллӣ дар тарбияи фарзанд ва ҳамбастагии ақидаҳои педагогии мутафаккирони ин аҳд.
4. Муайян намудани муаммоҳои асосии косташавии ахлоқи насли наврас, ошкорсозии сабабу омилҳо, муқаррар кардани усулҳои фаъоли тарбияи насли наврас ҷиҳати бартараф намудани муаммоҳои косташавии ахлоқи наврасон.

5. Таҳқиқ ва муайян намудани ҳамбастагиҳои ташаккули хирад, сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI, этнопедагогика ва афкори педагогӣ дар анъанаҳои миллӣ дар мисоли иди Наврӯз ва ғояҳои тарбиявии он.

6. Ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва хоси тарбия дар муассисаҳои таълимӣ дар асоси ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI, этнопедагогика, эҳё ва тақвият бахшидани анъанаҳои миллӣ ва нақши онҳо дар ташаккули сирати миллӣ.

7. Роҳҳои амалигардонии ғояҳои рушди хирад барои ташаккули сирати миллӣ дар раванди муосири таҳсилот дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

Объекти таҳқиқот – аз таҳқиқи масъалаи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ иборат мебошад, зеро осори ин мутафаккирон дар ташаккули хирад, худшиносиву худогоҳии миллӣ ва дар маҷмуъ, таълиму тарбияи насли наврас нақши асосӣ дорад. Дар амалигардонии кори таҳқиқотӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии ВМКБ, филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ (ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ) ба ҳайси объекти озмоишӣ интихоб гардиданд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот - ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форсро фаро мегирад. Ин раванд асосҳои назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, равнақ бахшидани сифати таълиму тарбияи насли наврас, бо такя ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс, дар бар мегирад.

Фарзияи таҳқиқот. Ба андешаи мо, коркарди асосҳои ташаккули хирад ва сирати миллӣ мукаммал ва мақсаднок хоҳад шуд, агар:

- ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шуда, дар ин замина, вазъи имрӯзаи тарбияи ахлоқии насли наврас дар замони муосир арзёбӣ гардад;

- норасоиҳои хоси косташавии ахлоқи наврасон, ки ба ташаккул додани хирад ва сирати миллӣ монеъ мегарданд, ошкор карда шаванд;

- сабабу омилҳо ва роҳҳои пешгирии ин норасоиҳо муайян ва пешниҳод гарданд;

- усулҳои фаъоли тақвият бахшидани тарбияи насли наврас дар руҳияи арзишҳои миллӣ, хирад ва сирати миллӣ коркард шуда, саҳми ин усулҳо дар бартарафсозии косташавии ахлоқ муайян карда шавад;

- раванди амалишавии ақидаҳо ва арзишҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии ВМКБ бо истифода аз таҷрибаи ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ муайян гардида, тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушаххас дар ин самт ироа карда шаванд.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Кори таҳқиқотӣ асосан дар се марҳила анҷом дода шуд:

Марҳилаи аввал (солҳои 2015-2017) – ҷустуҷӯию назариявӣ. Дар ин марҳила таҳлили адабиёти таърихӣ, педагогӣ, этнопедагогӣ ва методӣ оид ба муаммои таҳқиқот мавриди пажуҳиш қарор гирифт; моҳият ва вижагиҳои хоси таълимоти ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс омӯхта шуда, ғояҳои педагогии онҳо дар бораи хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ муайян карда шуданд. Мушкилиҳое, ки садди роҳи тарбияи ахлоқӣ, ташаккули сирати миллӣ мегарданд, омӯхта шуда, роҳҳои бартараф намудани ин муаммоҳо баррасӣ карда шуданд.

Марҳилаи дувум (солҳои 2018-2020) – озмоишӣ. Муайян кардани роҳҳо, андешаҳои ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI, дар ҳамабастагиҳо ба этнопедагогика, анъанаҳои миллии ба ташаккули сирати миллии насли наврас нигаронидашуда.

Марҳилаи сеюм, ки солҳои 2020-2023-ро дар бар мегирад, давраи таҳлилӣ ва ҷамъбастӣ буда, натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷамъбаст карда шуда, хулоса ва тавсияҳо баррасӣ карда шуданд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Заминаҳои назариявӣ ва асоси далеловарии таҳқиқоти моро хулосаҳои таҳлили осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ, монографияҳо ва дигар таҳқиқоти педагогӣ, инчунин ҷамъбасти фаъолияти манбаъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва хулосаҳои арзёбии муҳаққиқони ин корҳои илмӣ ташкил доданд.

Асосҳои методологии таҳқиқот: а) муқаррароти педагогӣ оид ба равобити ногусастании таърихии падидаҳои иҷтимоӣ, фаъолияти инсон дар омӯхтани таҷриба, табодул ва равнақ бахшидани таҷриба ва дар ин замина, дарк ва дарёфти вазифаҳои таълиму тарбия, роҳҳои ташаккули ахлоқ ва одоби насли наврас, ташаккул бахшидани хирад ва сирати миллӣ дар замони муосир;

б) нақши педагогика дар дарки афзалияти таълиму тарбия дар инкишофи шахсияти инсон, мақоми таърихи педагогика дар муайян намудани муаммоҳои педагогӣ ва роҳҳои ҳалли ин проблемаҳо.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот. Сарчашмаҳои асосии таҳқиқотро мероси илмӣ-адабии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон ва муҳаққиқони тоҷик, рус ва хориҷи кишвар, ташкили суҳбатҳо ва нишастҳо бо шахсони соҳибтаҷриба ва куҳансолони шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, таҷрибаи бойи маорифи Тоҷикистон, дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ ташкил доданд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ монографияҳо, дастурҳо ва раҳнамоҳои илмӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ ва диссертатсияҳои олимони тоҷик, рус ва хориҷаи дуру наздик, инчунин, манбаъҳои электронии шабакаи интернетӣ ва бойгонии муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотии болозикр истифода бурда шуданд.

Заминаҳои эмперикӣ. Дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳо дар навиштани диссертатсия усулҳои зерин истифода карда шуданд:

- таҳлили асарҳои педагогӣ, таърихӣ, фалсафӣ, бадеӣ, ки ба ҳаёт ва фаъолияти мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс бахшида шудаанд;

- муайян намудан ва ба низом даровардани афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI оид ба хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ;

- таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба хирад ва ташаккули сирати миллӣ;

- муайян намудани ҳамбастагиҳои ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI ва этнопедагогика оид ба нақши хирад дар тарбияи насли наврас, тақвият бахшидани ташаккули сират ва арзишҳои миллӣ;

- муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани нақши анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла иди Наврӯз дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқот дар заминаи факултаи педагогӣ, кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев сурат гирифт. Барои гузаронидани таҷриба ва озмоишҳо, ҷиҳати амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI оид ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагии ВМКБ ва филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ, ки бевосита масъули расонидани ёрии методӣ ба роҳбарият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ мебошад, интихоб гардиданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия бори нахуст дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ таҳқиқоти педагогии осори тарбиявии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форсро дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ вобаста ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили

амиқи илмӣ қарор додааст. Дар раванди таҳқиқ ва озмоиши моҳияти таҳқиқоти дар доираи мавзуи интихобшудаи рисолаи докторӣ анҷомёфта навгониҳои зерин муайян ва асоснок шудаанд:

- асосҳои назариявӣ оид ба ҷанбаҳои асосии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI - ҳамчун омили асосии ташаккули хирад ва сирати миллӣ асоснок карда шуданд;

- зарурияти омӯзиш ва паҳн намудани ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI ва нақши он дар таълиму тарбияи насли наврас исбот ва асоснок карда шуд;

- ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар рушди хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ба системаи муайян дароварда шуданд;

- роҳҳои амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар тарбияи насли наврас, ташаккули сирати миллӣ дар замони рушди босуръати илм ва техника муайян карда шуданд;

- усулҳои фаъол барои тақвият бахшидани тарбияи насли наврас дар руҳияи шинохти арзишҳои миллӣ ва ташаккули сирати миллӣ пешниҳод карда шуданд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Самаранок истифода бурдани афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, ки дар низоми муайн баён гардиданд, дар ҷараёни таълиму тарбия ва рушди салоҳиятҳои хонандагон дар шароити рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон, зеро роҳҳои ҳаёт ва фаъолияти илмиву адабии адибону мутафаккирони барҷастаи ин асрҳо як навъи таҷассуми роҳи рушду нумуи илму фарҳанги тоҷик дар ташаккули хирад, ҳамчун падидаи сирати миллӣ мебошад. Омӯзиши осори назмиву насрии бузургтарин намояндагони асрҳои болозикр муҳим ва мубрам аст, зеро афкори онҳо дар дили ҳар як хонанда мақоми асосӣ пайдо намуда, насли наврас ва ҷавон аз осори мутафаккирон маъниҳои олӣ, асоснок ва натиҷабахш, андешаҳои тарбиявӣ-

ахлоқӣ мегирад ва афкори пешқадами мутафаккирони мадҳи назари мо ғояҳои ахлоқиву истифодаи моҳиронаи хирадро таҷассум мекунанд. Аз осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс хонанда маъниҳои асосӣ дармеёбад, тарбияи ахлоқӣ гирифта, дар пешрафти ҷомеа саҳми арзанда мегузорад.

2. Масъалаи таҳкими ахлоқ, худшиносиву ифтихори миллӣ, дониш ва салоҳиятҳои хонандагон, бо истифода аз хирад ҳамчун омили асосии ташаккули сирати миллӣ, дар афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI-и тоҷик ҷойгоҳи асосӣ дошта, андешаҳои педагогии онҳо дар тарбияи насли наврас ва ҷавон нақши муҳим мебозанд ва баррасии масъалаҳои мероси илмиву ахлоқии мутафаккирони тоҷик дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон педагогикаи муосири миллиро бою ғанӣ мегардонад.

Аз таҳқиқ ва асоснокии мавзуи мазкур муайян гардид, равандҳои эҳёкунии асосҳои назариявии мусбат ва ҷиҳатҳои амалии таълиму тарбия дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI ба он асос ёфтаанд, ки дар замони ҳардамтағйирёбандаи муосир мураттаб намудани амсилаи худии тарбияи насли наврас дар руҳияи арзишҳои миллӣ зарур мебошад. Ин амсила бояд ҷавобгӯ ба арзишҳои миллӣ буда, фалсафаи тарбияи насли наврас, ки дар замонҳои хеле қадим, бахусус асрҳои X-XI, давраи тиллоӣ ва рушди адабиёти тоҷик решаҳо дошта, дар равнақ бахшидани ҳувияти халқи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст, дар навбати аввал, ба рушди хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ва тарбияи ахлоқии насли наврас, қобилиятҳои фикрӣ, ақлонӣ ва эҷодии хонандагон нигаронида шуда бошад, то ки дар рушди таълиму тарбия мавқеи марказиро ишғол намояд.

3. Замоне, ки мо дар он ҳаёт ба сар бурда истодаем, печида ва мураккабу номуайян аст, инсоният ҳар рӯз ба мушкилиҳо ё дастовардҳои нави зиндагӣ, рӯ ба рӯ гардида, равнақ бахшидани тарбияи насли наврасро дар руҳияи арзишҳои миллиро боз ҳам ногузир месозад. Пешравиҳои босуръати олам нишон медиҳанд, ки асри XXI аз аввали солшумории хеш бо дастовардҳо ва чолишҳои бесобиқа башариятро дар ҳайрат гузошта, аҳли илм, бахусус олимони соҳаи педагогикаро водор месозад, ки барои ҳифз ва

ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, таълиму тарбия роҳҳои навро ҷустуҷӯ ва амалӣ намоянд. Аз ин лиҳоз, талаботҳо ба эҳтиром намудани арзишҳои миллӣ ва такмили ин арзишҳо беш аз пеш зиёд мегардад. Маҳз ҳадафи муроҷиат ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика, ки арзишҳову андешаҳои миллӣ ва маънавӣ ҷузъи он мебошанд, аз тақвияти ҳаматарафаи хештаншиносии миллӣ ва ба кор гирифтани беҳтарин таҷрибаҳои ниёгон, сабақҳо ва намунаҳо барои сохтани ояндаи босаодат ва намунаи ибрат иборат мебошад. Дар ин робита зарур аст, ки бори дигар ба мероси эҷодии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика, ки асоситарин рукни мунтақиддиҳандаи арзишҳои миллӣ дар масири таърих маҳсуб мешавад ва дар тарбияи насли наврас нақши муҳим дорад, рӯ оварем.

4. Дар заминаи асарҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс бо далелҳо собит намудани он, ки беҳтарин сифатҳои инсонӣ ба даст овардани илму дониш, ташаккули ахлоқ, хирад ва сирати миллӣ мебошад ва ин сифатҳои маънавию ахлоқии ӯро таъмин менамояд. Маҳз таҳқиқ ва баррасии афкори педагогии ин мутафаккирон, ки бо далелҳо дар диссертатсия зикр гардиданд, исбот намуданд, ки дар рушди сифатҳои ахлоқии насли наврас, бахусус рушди сирати миллӣ муҳити зист, шароити зиндагии маҳал, оин, урфу одат, анъанаҳои мардумиву миллӣ, андӯхтани таҷрибаи гузаштагону муосирон ва амсоли инҳо, ки дар маҷмуъ андешаҳои мардумӣ ва педагогикаи мардумиро ташкил менамоянд, нақши бориз доранд. Мо бо далелҳо собит намудем, ки омӯзиши афкори тарбиявию ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI, таҷрибаи бойи этнопедагогика нақши асосӣ дар ташаккули сирати миллӣ дорад. Вобаста ба ин, муҳим ва саривақтист, ки истифодаи андешаҳои хирадмандона ва аз ҷиҳати ҷанбаҳои педагогӣ бойи мутафаккирони бузурги тоҷику форс дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар беш аз пеш роҳандозӣ гардида, омӯзиши осори онҳо амиқан ба роҳ монда шавад. Чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ, маҳфилҳои мухталифи илмиву адабӣ дар асоси осори ин мутафаккирон роҳандозӣ гарданд.

5. Афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI-и тоҷику форс роҳҳо ва усулҳои самарабахш ва фаъоли таълимро дар бар мегирад. Ин афкор моро раҳнамоӣ мекунад, ки истифодаи усулҳои фаъоли таълим, бо роҳҳои нав тарбия намудани насли наврас дар руҳияи ахлоқи намунавӣ, ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбия дар муассисаҳои таълимӣ гардад. Ба рушди тафаккур ва салоҳиятҳои хонандагон, ҷалб намудани онҳо ба омӯзиши осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, таҷрибаи бойи педагогикаи мардумӣ ҷиҳати тақвият бахшидани тарбия, таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Қобили қайд аст, ки дар диссертатсия, бо такя ба афкори педагогии мутафаккирони болозикр, намунаи усулҳои фаъоли таълим баррасӣ гардида, роҳҳои амалигардонии ин усулҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бо овардани мисолҳо аз дарсҳои омӯзгорон, баррасӣ карда шуданд.

6. Афкори педагогии мутафаккирони тоҷик мавзуъҳои зиёд ва гуногуни соҳаи таълиму тарбияро дар бар мегирад, ки барои истифода дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ дар ҳама гуна сатҳ, дар ҳама гуна фан ё фанҳои таълимӣ, аз рӯйи ҳама гуна мавзуъ ё масъала мувофиқанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик бисёр муҳим ва дар замони нобасомониву номуайянии вазъи кишварҳои дунё, коста шудани ахлоқи наврасону ҷавонон зарурияти маҳз мебошад.

7. Самтҳои асосии тарбияи ахлоқӣ-маънавӣ ва равнақ бахшидани шавқу рағбати таълимгирандагон ба омӯзиши илму дониш, тақвияти китобхонӣ, омӯзиши амиқи осори ниёгон дар шароити рушди муосири ҷомеа бо назардошти ғояҳои илмиву ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI-и тоҷику форс, зеро нақши мутафаккирони тоҷик дар рушди афкори илмӣ ва фарҳангӣ бағоят баланд буда, собит мегардад, ки осори онҳо дар ташаккули хирад, ифтихори миллӣ, ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватандӯстии ҷавонон ва ҳамзамон, ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда дошта, ин афкор ба рушди ҷомеа таъсири назаррас дорад.

8. Ба раванди таълими фанҳои гуманитарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ дар самтҳои гуногун фаъолона ворид намудани омӯзиши амиқи осори мутафаккирони асрҳои X-XI, таҷрибаи бойи этнопедагогика ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, рушди бевоситаи дониш, салоҳиятҳои таълимгиранда ҳамаҷониба мусоидат намуда, дар алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт, алоқамандии байни фанҳо, робитаи ногусастании падару модар ва аҳли ҷомеа ба муассисаҳои таҳсилотӣ саҳми арзанда дорад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии кор илмӣ-таҳқиқотиро таҳлили ҳамаҷонибаи ақидаҳои педагогӣ, ахлоқӣ-тарбиявии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форсро дар бар мегирад.

Дар рисола асосҳои назариявии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI оид ба хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи насли наврас таҳлилу тафсир карда шуда, таълимоти ин мутафаккирон дар тарбия ва инкишофи ҳаматарафаи шахсият ошкор карда шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти назарияҳои илмии олимони ватанӣ ва олимону мутахассисони хориҷӣ, ки роҷеъ ба илмҳои педагогӣ ва филологӣ вобаста ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ пажӯҳишҳои илмиро анҷом дода, дар заминаи онҳо таҳлили натиҷаҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот роҳандозӣ карда шудааст, асоснок карда шудаанд. Вобаста ба ин, дар пажуҳиш ба дастовардҳои илмии олимони ватанӣ, ба монанди М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И.Х. Каримова, У. Зубайдов, С.Э. Негматов, Х.С. Авзалов, С.Ш. Бозорова, Б. Қодиров, Ф. Гулмадов, Қ. Қодиров, Б. Маҷидова, А. Нуров, И.О. Обидов, С. Сулаймонӣ, Ҷ.Х. Файзализода, С. Шербоев, Х.Сабурӣ, А. Насриддинов, А. Абдуллоев, А. Мирзоев, А.М. Миралиизода, Х. Сабурӣ, А. Тоҳирҷонов, А. Ҷаъфар, С. Амирзода, Н. Арабзода, Х. Асозода, А. Афсаҳзод, К. Бекзода, Л.Н. Қаҳор, В. Охонниёзов, Ҳ. Қаландариён, А. Абдулназаров, Н. Офаридаев, Б. Ғафуров, М. Диноршоев**, З.** Юсуфбекова, Ш.Х. Карамхудоев, Ҷ. Булбулов, М. Ровандӣ, Т. Мустафоқулов, А. Содиқов,

инчунин, олимону мутахассисони хориҷӣ аз қабили В.В. Бартолд, Е.Э. Бертелс, В.П. Беспалко, Г. Гегел, Е.В. Змановская, Л. Гудман, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, К.Д. Ушинский, Т.Г. Захарова, С.А. Писарева, Е.Г. Булатова, П.А. Рачков, В.А. Ваковетс, Н.А. Вершинина, Ю.Г. Волков, И.Г. Фомичева, С.И. Пахомов, Б.С. Гершунский, В.И. Журавлев, В.С. Грибов, Л.В. Хведченя, В.С. Черепанов, В.А. Гуртов, В.И. Загвязинский, А.В. Костин, Т.В. Новикова, И.В. Пенние, В.М. Полонский, Б.А. Райзберг ва дигарон такя карда шуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастуру раҳнамоҳои илмӣ-методӣ, фаннӣ оид ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони ин асрҳо, нақши анъанаҳову арзишҳои милливу мардумӣ, этнопедагогика дар рушди хирад ва ташаккули сирати миллӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи насли наврас мусоидат намоянд. Инчунин дар ғанӣ гардонидани саҳифаҳои илмии педагогикаи тоҷик нақши созанда дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқотро инчунин омӯзгорон метавонанд дар тадриси фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, марказҳои омӯзишӣ, омӯзишгоҳҳову муассисаҳои олӣ, гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ, озмунҳо ва маҳфилҳои мухталиф мавриди истифода қарор диҳанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ ва маълумотҳои шифоҳӣ оид ба ақидаҳои педагогӣ дар асарҳои тоисломӣ, осори мутафаккирони асрҳои X-XI, асосҳои назариявӣ оид ба анъанаҳои миллии халқи тоҷик ва этнопедагогика таъмин менамояд.

Ҳангоми таҳлили маводҳои таърихиву педагогии омӯхташуда истилоҳот бо дарназардошти мафҳумҳои муосири педагогиву мардумӣ, фалсафӣ, усулҳои фаъоли замонавии таълиму тарбия, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқ қарордодашуда мувофиқанд, ба муомилаи илмӣ ворид карда шуданд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот), аз ҷумла ба банди 3 – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;), банди 5 – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия;), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он аст, ки диссертант бевосита аз адабиёти илмӣ-методӣ, маводди бойгонӣ, суҳбатҳои шахсони рӯзгордида истифода бурда, тули солҳои зиёд дар рафти кор дар муассисаи такмили ихтисоси омӯзгорон, роҳбарӣ намудан ба маркази муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ҳамкорӣ намудан бо муассисаҳои таълимӣ, ташкили нишасту суҳбатҳо бо шахсони рӯзгордидаи соҳибтаҷриба таҳқиқотро мавриди таҷрибагузаронӣ ва омӯзиш қарор додааст. Дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ тавассути таҳияи монография, дастурҳои методӣ-илмӣ, навиштани мақолаҳо, мушоҳида ва таҳлили дарсҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар, дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) роҳҳои ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллиро дар асоси ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс собит намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароти асосии рисола дар нашрияҳои илмии муаллиф, нашрияҳои методӣ, конфронсҳои илмиву амалии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла: Конфронси IV

байналмилалии «Таҳсилоти фарогир, мушкилот ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли он». – Душанбе, 2018; конфронси вилоятии илмӣ-назарияви бахшида ба 150-солагии шоир, маорифчӣ ва омӯзгор Шоҳфутур Муҳаббатшоҳшода. – Хоруғ, 2018; конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба Наврӯзи байналмилалӣ. – Душанбе, 2019; конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши афкори тарбиявии Ҷалолуддини Румӣ дар таҳкими ахлоқи насли муосир». – Хоруғ, 2020; конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқоти дахлдор». – Хоруғ, 2022; конфронси байналмилалии III илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли минтиқаи кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор». – Хоруғ, 2024, инчунин дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, гузаронидани курсу семинарҳо барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик, курсу семинарҳои директорони муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони иттиҳодияи методӣ ва дигар чорабиниҳои илмӣ-назариявӣ ва методӣ инъикос ёфтаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 монография ва 56 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф ба даст омадаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 408 саҳифа таълиф шуда, аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳқиқи дурнамои мавзуъ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Рӯйхати адабиёт фарогири 405 номгӯйи таҳқиқоти илмӣ ва дигар маводди зарурӣ мебошад.

БОБИ I. АСАРҲОИ МУТАФАККИРОН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ХИРАД

1.1. Хирад ва сирати миллӣ ҳамчун пояи маънавии халқи тоҷик

Табаддулоти сиёсии охирҳои асри X, яъне поён пазируфтани давлатдории империяи бузурги Сомониён, ба дасти Қарохониҳо гузаштани Мовароуннаҳр, соҳиб шудани Ғазнавиён ба Хуросон ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву адабии халқи тоҷик таъсири бузург расонид, ба қавли Афзалов Хайрулло: «Дар чунин вазъияти ногувори сиёсӣ илм ва маданияти халқҳои Осиёи Миёна, равнақи забони ноби тоҷикӣ ва адабиёти бою ғании тоҷик то як дараҷа аз ташаккул боз монд. Забони арабӣ ҷойи забони тоҷикиро гирифта, ба забони расмии коргузорӣ ва маъракаву чорабиниҳо табдил ёфт» [137, с. 81].

Аммо халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ ба мушкилиҳои замон таслим нашуда, баръакс фаъолтару пешқадамтар гардид, ба қавли муҳаққиқ: «Таърих гувоҳ аст, ки таъсис ёфтани давлати Маҳмуди Ғазнавӣ ва мутамарказ гардидани тамоми хоки Хуросон, Чағониён, Хатлон, Таҳористон, қисми асосии Эрон ва Шимоли Ҳиндустон аз нав баъзе шароит ва имкониятҳоро барои равнақи илму фан ва адабиёти тоҷик фароҳам овард» [137, с. 81].

Дар ин давра дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавии мардуми тоҷик рух доданд: тақвият ёфтани муносибати Осиёи Миёна ба Хуросон ва Таҳористон бо Бағдод, афзудани шаъну иззати Бағдод дар давлати Ғазнавиён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон аз ҷумлаи ин таҳаввулот мебошанд. Ин муносибат ба он оварда расонид: «Мақоми забони дарӣ поин фуромад ва забони арабӣ мақоми забони давлатиро соҳиб гардид. Акнун корҳои девон, аз ҷумла, мукотибаҳои давлатӣ комилан ба забони арабӣ сурат гирифт. Доираи таълими фанҳо дар таълимгоҳҳо бо забони тоҷикӣ маҳдуд гардид. Ин нобасомонӣ дар корҳои эҷодии адибону донишмандон мушкилиҳои зиёдро ба бор овард» [137, с. 81].

Аммо дар чунин шароит адабиёти тоҷик дар пойтахти давлати Ғазнавиён баръакс рӯ ба инкишоф ниҳод. Сарчашмаҳои таърихиву адабӣ шаҳодат медиҳанд, ки Султон Маҳмуд барои баланд бардоштани нуфузи давлатдории хеш шоирону олимон ва донишмандонро аз ҳар гӯшаву канори кишвар ба дарбор ҷалб намуд. Ин омил боиси равнақ ёфтани жанри қасидаи мадҳия дар ин давра гардида буд.

Новобаста аз ҳамаи ин мушкилиҳои ба сари мардуми тоҷик омада, аз ҷумла, ба коми нестӣ фурӯ рафтани давлати Сомониён, асри X оғози пешрафти адабиёти классикии тоҷик, нахустин рӯзгори дурахши ин адабиёт, давраи тиллоии рушди онро ташкил дод. Ба дунё омадану дар сарчашмаи адабиёт қарор гирифтани султони шоирон, устод Рӯдакӣ ва дар охири он ҳаёт ба сар бурдану ба фаъолияти эҷодӣ машғул будани суханвари машҳури олам Фирдавсӣ аз рушду нумуи бемайлони адабиёти тоҷик дарак медиҳад.

Абуали ибни Сино низ аз нобиғаҳои ҳамон давр ба ҳисоб мерафт. Ин донишманди бузург гоҳе чун адибу табиб ва файласуф, баъзан ба ҳайси фақеҳи вазир, гоҳе надими хоси шоҳону амалдорон, ҳатто замоне чун маҳбусу зиндонӣ рӯзгорро паси сар мекард. Ба ҳамаи ин заҳматҳо ва нобасомониҳо нигоҳ накарда, Сино даме аз омӯхтану эҷод кардан ва офаридани асарҳои бузург даст кутоҳ накард. Ба пешрафти фаъолияти эҷодии Сино давраи равнақи адабиёти тоҷик шароити мусоид муҳайё намуд: «Муҳити мусоиди фарҳанги замони ӯ аз он ҷиҳат созгор буд, ки дар ватанаш Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон донишмандони машҳур дар майдони адабиёт гомҳои устувор гузоштанд» [26, с. 7] ва мероси гаронбаҳоро аз худ боқӣ монданд. Барои далели фикр метавон номи Исмоили Бухороӣ (810-870) - муаллифи «Ҷомеъ-ус-саҳеҳ», маликушшуаро Рӯдакӣ (858-941), табибу файласуфи машҳури олам Закариёи Розӣ (864-932), донишманди нотакрор Абунасри Форобӣ (873-960), шоири абадзинда, офаринандаи «Шоҳнома»-и безавол Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020), олими намоён ва машҳури олам Абурайҳони Берунӣ (973-1048), устоди илми ҳисоб Абумуҳаммади Хуҷандӣ

(ваф. 1000), рубоисарой, ситорашинос ва адиби тавоно Умари Хайём (1048-1131) ва дигаронро ёд кард.

Абушакури Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Муродӣ, Фароловӣ, Хусравонӣ, Гургонӣ, Тоҳирӣ, Чағонӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Абдулфатҳи Бустӣ, Майсарӣ ва дигарон, ки дар зербоби аввал номи онҳо пурра оварда шудааст, намояндагони барҷастаи адабиёти ин давра буданд, ки осори онҳо дар баробари дигар мавзуъҳои тарбиявию ахлоқӣ ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллиро дар бар гирифт.

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар давраҳои баъдина: «... кам ба назар мерасад, ки дар як аср ин қадар мутафаккирони бузург ба камол расиданд» [33, с. 24], асарҳои зиёди тарбиявӣ - ахлоқиро офаридаву ба мерос гузошта бошанд. Таърих гувоҳ аст, ки дар асрҳои X-XI мутафаккирони бузурги тоҷик бо асарҳои хеш пояи устувори адабиёти навини тоҷикро гузоштанд. Муҳаққиқ Шарифзода Файзулло овардааст: «То ин замон адабиёти тоҷик ё ба забонҳое, ки баъдан аз байн рафтанд, таълиф мегардид, ё ба забони арабӣ навишта мешуд, ки ин забон барои халқ бегона буд [33, с. 83]. Аз асри IX сар карда, адабиёти тоҷик ба забоне навишта мешуд, ки барои халқ фаҳмову равшан буд, зеро ин забон забони модарии мардуми тоҷик буд, ки имрӯз ҳам мардуми мо ба он гуфтугӯ доранд ва асарҳои худро бо забони ноби тоҷикӣ меофаранд. Муҳаққиқ менигорад: «Забони осори Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Абуали Сино ва дигарон аз ҷиҳати сарфу наҳв, таркиби луғавӣ, таъбиру ифодаҳо, воситаҳои тасвир ва тарзи талаффуз аз забони ҳозираи тоҷикӣ фарқи куллие надорад» [33, с. 73]. Насру назм - қисса, ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа, ҳикоят, маснавӣ, намудҳои мухталифи достон маҳз дар ҳамин асрҳо арзи ҳастӣ намуда, ба низом дароварда шуданд ва минбаъд ташаккул ёфтанд. Ин замоне буд, ки анъанаҳои асосии адабиёти тоҷик, аз ҷумла диққати асосӣ равона намудан ба тасвири хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ва роҳҳои ташаккули он дар осори мутафаккирони тоҷик дар ҳамин давра ташаккул ёфта, минбаъд ин мавзуъ дар осори дигар мутафаккирони тоҷик низ мақоми хешро пайдо намуд. Пояҳои устувори

асосҳои назариявии адабиёти тоҷик ва ғояҳои педагогии он, низоми: «вазни арӯз ва тарзи ҳатмии қофиябандии хос барои ҳар як навъи шеъри тоҷик» [32, с. 178] дар ҳамин асрҳо гузошта шуд. Ин пешравиҳо занҷири тиллоие буданд, ки адабиёти асрҳои X-XI-ро бо тамоми даврaҳои адабиёти минбаъдаи мо пайваст менамоянд.

Дар асрҳои IX-XI адабиёти тоҷик бо маром рушд намуд, ки он заминаҳои хоси таърихии худро дошт. Аз ҷумла:

- таъсис ёфтани давлати мустақили тоҷикон – давлати Сомониён;
- инкишофи халқи тоҷик;
- ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ;
- ташаккули арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ;
- баланд гардидани худшиносӣ ва худогоҳии мардум;
- ҳамчун забони адабиёту илм мақом ёфтани забони ноби тоҷикӣ;
- инкишоф ёфтани марказҳои илму ҳунар ва савдо;
- дастгирии ҳокимон аз аҳли илму адаб ва амсоли инҳо.

Вобаста ба пешрафти адабиёти тоҷик дар ин асрҳо С. Нафисӣ дар мақолаи худ «Сарзамини поки ниёконам» чунин ибрози назар кардааст: «Шуарои Туркистон маъруфтарин ашъори форсиро сурудаанд. Шаҳрҳои бузургу ободи ин ноҳия, ки аз қадимтарин шаҳрҳои Эрон шумурда мешаванд, мисли Бухорову Самарқанду Балх, то замоне, ки авлоди Темур салтанат карданд, ҳамеша дорулилми Эрон буданд. Ҳанӯз бадеътарину зеботарин шоҳкориҳои меъморону киштисозони Эронро дар Бухорову Балху Самарқанд метавон ёфт. Бузургони Эрон ағлаб аз ин сарзамин бархостаанд. Ҳар китоби форсӣ, ки мехонем, ҳамеша моро ба ёди ин водии ниёкон меандозад. Чӣ қадар падарони мо дар он ҷо мадфун шудаанд! То авосити қарни дувоздаҳум сатре аз таърихи Эрон нест, ки як бор исми Бухоро ё Самарқанду Балх дар он бурда нашуда бошад» [329, с. 120].

Дар замоне, ки Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Носири Хусрав, З. Розӣ ва дигар бузургон зиндагӣ ва эҷод мекарданд даврони «эҳёи мусулмонӣ» («мусульманского Ренессанса»), номида мешуд, ки ба асрҳои IX-XII

мутааллиқ аст. Тавре дар боло қайд гардид, дар ин давра дониш ба дараҷаи баланд инкишоф ёфт ва ақидаҳои инсонгароӣ - инкишофи шахсият ба миён гузошта шуданд, ки бар мероси фалсафии антиқӣ асос ёфта буданд ва дар ин замина масъалаи ташаккули хирад мавзуи марказии ашъори мутафаккирони ин давра гардид. Ин мутафаккирон мекӯшиданд, ки ҳастии табиати инсонро омӯхта, муайян намоянд, ки то чӣ андоза истифодаи хирад, ташаккули ҷомеа ва муҳит ба тарбияи инсон таъсир мерасонад. Таҳлили осори мутафаккирони асрҳои X-XI собит менамояд, ки дар ин маврид табиати иҷтимоии инсон эътирофи болотар аз табиати биологӣ касб карда, ба унвони як ҳадафи аслии тарбияи инсон дар руҳияи баланди ахлоқӣ ва маънавӣ дар назар гирифта шуда, дар ин замина, мавзуи рушди хирад ба мавзуи марказии осори мутафаккирони асрҳои X-XI табдил ёфт.

Мутафаккирони бузурги давраи тиллоии рушди адабиёти тоҷику форс асарҳои худро ба ташаккули ҳаматарафаи инсон ва мавқеи хирад дар ташаккули ӯ бахшида буданд. Барои ҳамин амиқ ва пурра омӯхтану таҳлил намудани ақидаҳои педагогии олимону мутафаккирони бузурги асрҳои IX ва нимаи аввали асри XI Шарқ, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ал-Хоразмӣ, Сино, Берунӣ, Форобӣ, Балхӣ, Н. Хусрав ва дигарон, ки дар ташаккули ақидаҳои педагогии мутафаккирони баъдӣ саҳми босазо гузоштанд, ниҳоят муҳим ва зарур аст.

Ин мутафаккирон бо дониши васеъ ва нигоҳи тозаи педагогии худ дастовардҳои илму фарҳанги даврони гузаштаи тоҷику форс ва дигар донишмандони Ховари Миёна ва Наздикро фаро гирифта, онҳоро такмил медоданд ва бо андешаи равшанфикронаи худ ин дастовардҳоро ривоҷу равнақ дода, барои инкишофи минбаъдаи онҳо низ замина гузоштанд. Ба унвони мисол метавон оварда: «Аз осори Носири Хусрав маълум мешавад, ки ӯ аз ақидаҳои ҳукамову донишмандони юнонӣ ба хубӣ огоҳӣ дошта, афкорашонро дар осори хеш истифода ва инъикос намудааст» [87, с. 87]. Инчунин ӯ аз осори донишмандони тоҷику форс истифода бурда, дар тақвият ва инкишоф додани ин афкор нақши асосӣ гузоштааст: «Байни

донишмандони бузурги иронӣ вай аз афкори Закариёи Розӣ ва ироншаҳрӣ васеъ истифода намудааст. Аз ҷумлаи донишмандони Хуросону Мовароуннаҳр ӯ Аҳмади Насафиро дар «Зод-ул-мусофирин» ва «Хон-ул-ихвон» ёдовар мешавад. Байни ҳамкешони худ Носири Хусрав таҳти таъсири Абу Яъқуби Сиҷистонӣ қарор дорад. Ин афкор низ дар «Зод-ул-мусофирин» ва «Хон-ул-ихвон» равшан ба назар мерасад» [87, с. 87].

Дар маҷмуъ Носири Хусрав давомдиҳандаи анъанаи пешиниёни худ монанди: Аҳмади Насафӣ (Нахшабӣ), Абу Хотами Розӣ, Абу Яъқуби Сиҷистонӣ (Сагзӣ), Ҳамидуддини Кирмонӣ мебошад, ки ин мутафаккирони тоҷик дар асри X кору фаъолият намуда буданд.

Аз таҳқиқи осори мутафаккирони асрҳои X-XI аён гардид, онҳо кӯшиш мекарданд, ки ҳар як ҳодиса, мавҷудот ва ҳастии оламро дуруст ва дақиқ дарк намуда, аз зоҳир ва таъбирот ва истилоҳоти шарҳӣ гузашта, ҳақиқати ин мавзуотро амиқ намоянд ва ба ин мақсади хеш расидагӣ намуданд. Дар ин давра дар ашъори бадеии шоирони тоҷик ҷиҳатҳои нав ва тоза падид омаданд, ки хоси шуарои дигар миллат, аз ҷумла шоирони араб набуданд. Ташаккули инсони хирадманд ва хушахлоқ, пайдо намудани шавқу рағбат ба илмомӯзӣ ва амал кардан бар он, воқеъбинӣ ва ташаккули ақлу хирад, арзишҳову анъанаҳои миллӣ ва амсоли инҳо аз қабили мавзуъҳои асосии осори шоирони ин аҳд мебошанд. Намояндагони ин асрҳо бо асарҳои манзуму мансури худ мардумро ба зиндагии оянда умедбахш менамуданд, ҳақиқатнигор буданд ва истифодаи хирадро дар зиндагӣ чизи асосӣ ва муҳим ҳисоб мекарданд. Дар ин замина усулҳои руҳбаландкунӣ, боварӣ доштан ба худ, интихоби роҳи дуруст инкишоф меёбанд.

Нуктаҳои боло бори дигар собит месозанд, ки: «Пешравии адабиёти тоҷик дар асрҳои X-XI, офарида шудани асарҳои мутафаккирони ин аҳд ҳамчун сарчашмаи афкори педагогии рушди хирад маҳсуб меёбанд» [105, с.127] ва ин ҷиҳат низ ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI қобили омӯзишанд

Адабиёти тоҷику форс яке аз қадимтарин ва пурғановаттарин адабиёти ҷаҳон мебошад, ки бо андӯхтаҳои адабии пуразриш ва шоҳасарҳои беназири худ дар хазоину тамаддуни башарият мақому манзалати бузургро ишғол менамояд. Муҳаққиқон муайян намудаанд, ки нахустин ёдгориҳои ин адабиёт нимаҳои аввали ҳазорсолаи якуми пеш аз милод офарида шудаанд. Адабиёти тоҷик аз ду қисмати асосӣ: асарҳои манзуму мансур иборат аст, ки анъанаҳои бисёр қадима ва тулонӣ дошта, арзиши баланди адабиву бадеиро касб кардааст. Адабиёти тоҷику форс масъалаҳои тарбиявию ахлоқӣ, рушди хирад ва тафаккур, таълим, омӯзиши илму дониш ва дигар масъалаҳои муҳимми ҳаёти инсониятро тараннум мекунад. Ин аст, ки адабиёти тоҷик аз кайҳо боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда, роҷеъ ба шакли назму насри он таҳқиқотҳои судманд аз тарафи олимони ватаниву бурунмарзӣ анҷом дода шудаанд. Шарқшиноси машҳури олмонӣ Ҳ. Эте дар баробари дигар таҳқиқотҳои хеш ба омӯзиши наср ҳамчун як ҷузъи муҳимми адабиёти тоҷик низ пардохта, «Дар таърихи адабиёти форсӣ» ном асари хеш, дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеи махсус доштани насри бадеиро таъкид мекунад: «... ҳар як таърихи адабиёти форсӣ бидуни таваҷҷуҳи шоён ба осори мансур, албатта ноқис хоҳад буд» [179, с. 5]. Ин шарқшинос, инчунин дар асарҳои насрии нависандагони тоҷик инъикос ёфтани руҳиёт ва ахлоқи миллатро исбот намудааст: «... дар онҳо низ монанди осори назмӣ, руҳиёт ва ахлоқи миллат ... ҷилвагар аст» [179, с. 5].

Чунин таҳқиқотҳо аз тарафи олимону донишмандон Ҳ. Котибӣ, М. Баҳор, И.С. Брагинский, Ю. Салимов ва амсоли инҳо анҷом дода шуда, дар «Ганҷинаи насри порсӣ»-и Ҳ. Ҷаводӣ, «Ҳазор соли насри порсӣ»-и И. Кашоварз (дар 5 ҷилд), «Ганҷинаи сухан»-и З. Сафо ва дигарон дарҷ ёфтаанд. Ибн ан-Надим дар «Алфеҳрист» низ ба қадима будани адабиёти тоҷик, махсусан насри он ишораҳо намудааст. Бояд қайд кард, ки ин таҳқиқотҳо танҳо асарҳои насриро дар бар мегиранд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар замони тохтутози арабҳо зулму ситам бар сари мардум беист зиёд мегардид ва ин ба пешрафти илму адабиёт низ зарбаҳои

сахт мезад. Зулму истисмори онҳо боиси норозигии бисёре дар байни оммаи халқ ва асилзодагони эронинажод гардид. Арабҳо бисёр мекӯшиданд, то оммаи халқ, руҳониёну амалдорон ва дигар табақаҳои мардумро ба сӯйи худ ҷалб намоянд, аммо ин нақшаи онҳо натиҷаи дилхоҳ надод. Дар аввали асри IX хилофати араб маҷбур шуд, ки идораи баъзе сарзаминҳои пештараи Эронзаминро ба уҳдаи худи ашрофи маҳаллӣ гузорад. Ин ба ҳукуматҳои маҳаллӣ имкон фароҳам овард, ки мақоми худро мустаҳкам намуда, ба муқобили арабҳо шӯришҳо бардошта, мустақилиятро ба даст оранд ва сулолаҳои маҳаллии худро бо номи Тоҳириён, Саффориҳою Олӣ Бувайҳ, Хоразмшоҳиён ва махсусан давлати пуриқтидори Сомониёнро ташкил намоянд. Аз зери тобеияти хилофати арабҳо халос шудани мардуми ориётабор барои пешрафти илм, адабиёт ва санъат шароити муосидро фароҳам овард.

Олимони таърихнигор исбот намудаанд, ки нисбат ба тамоми давраҳои тоисломӣ дар аҳди Сосониён осори хаттии бештар то замони мо омада расидааст: «Намоёнтарин осори хаттии он замон, ки то замони мо омада расидаанд, тарҷумаи паҳлавии қисматҳои Авасто, «Денкарт», «Бундаҳишн», «Вандидод», «Ривоёти паҳлавӣ», «Ёдгори Зарирон», «Дарахти асурик», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Пандномаи Бузургмеҳр», «Ҷомоспномак», «Мактуби Тинсир ба шоҳи Мозандарон», «Пандномаи Зартушт», «Шаҳристонҳои Эроншаҳр»» [8, ҷ. 4] ва амсоли инҳо мебошанд. Илова бар ин аз давраи Сосониён осори хаттӣ ба монанди: «Оинномак», «Худойномак», «Корванд» ва «Калила ва Димна» бо тарҷумаи арабӣ то замони мо омада расидаанд.

Дар маъхазҳои таърихиву адабӣ дар бораи қабл аз асри X бо забони дарӣ офарида шудани китобе ишора нашудааст ва қадимтарин асарҳои мансури то кунун маълуми ба забони дарӣ иншогардида ба нимаи дувуми асри X мансубанд. Дар ин давра бо забонҳои паҳлавӣ шоҳномаҳову достонҳои қаҳрамонӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ва корнамоии мардони шуҷоъ бахшида шуданд, зулму истибдодро маҳкум ва

адолату сулҳу субот ва ҳимояи манфиати мардумро тараннум мекарданд. Дар асоси таҳқиқотҳои олимони ин соҳа «Шоҳнома»-и Абумуайяди Балхӣ, «Шоҳнома»-и Абуалӣ Муҳаммад бинни Балхӣ ва «Шоҳномаи Абумансурӣ»-и Абумансур Муҳаммад бинни Абдулло-ал-Муаммарӣ аз ҷумлаи ин навъи асарҳоянд. Аммо: «Аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони соҳаи адабиёт маълум аст, ки аз «Шоҳномаи Абумансурӣ» танҳо муқаддимаи он то замони мо расидаасту халос» [341, с. 210], вале аз шоҳномаҳои дигари дар боло зикргардида ягон мерос то замони мо нарасидааст.

Баъд аз «Шоҳномаи Абумансурӣ» муҳимтарин осоре, ки дар асри X таълиф гардидааст, «Таърихи Табарӣ» ё худ «Таърихи Балъамӣ»-и Абулфазли Балъамӣ, «Аҷоиб-ул-булдон»-и Абумуайяди Балхӣ, «Ҳидоят-ул-мутааллимин фи тиб»-и Абубакри Рабеи Бухороӣ, «Ҳудуд-ул-олам» ва китоби «Ал-абния ан ҳақоиқ-ил-адвия»-и Абумансур Муваффақ бинни Алии Ҳиравӣ мебошанд, ки соҳаҳои гуногуни ҳаётро дар бар мегиранд.

Хусусиятҳои хоси назму насри асри X бо забони тоҷикӣ оммафаҳм, содабаён офарида шудани асарҳои назмиву насрӣ буд, ки барои ҳар як хонанда мазмунаш возеҳ ва равшан буд. Таҳия ва таълиф шудани «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», соли 1958 (таҳти таҳрири А. Самад, А. Сатторзода, Х. Шарифов, К. Айнӣ) ва таҳияву чоп гардидани китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», соли 2007 низ хизмати бузург дар ҷамъоварии ашъори донишмандони замони Рӯдакӣ мебошад.

Махсусан, дар ҳаёти адабии асри X ҷунбишҳои ҳаётан муҳим ба назар мерасанд. Тавре дар боло қайд гардид, мақоми баланд гирифтани забони тоҷикӣ, бо ин забон ба роҳ мондани фаъолияти эҷодӣ, озодии сухан ва амсоли инҳо боиси равнақи адабиёт гардид. Ин ба он оварда расонид: «... як қатор асарҳои бузург ба мисли «Калила ва Димна», «Таърихи Табарӣ» аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума гардиданд» [248, с. 180]. Таълифи шоҳномаҳо низ дар замони Сомониён бо забони тоҷикӣ оғоз гардид. Шеъру шоирӣ дар даврони Сомониён рӯ ба инкишоф ниҳод. Дар ин рӯзгор шеъру шоирӣ ва асарҳои насрӣ ба тақдири халқ пайвастагии комил пайдо намуд.

Фазои таърихии давраи Сомониён, дар шароити хуби ин фазо рушди забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ), боиси боз ҳам равнақ ёфтани адабиёти тоҷик гардид. Дар ин бора академик М. Диноршоев навиштааст: «Хусусиятҳои хоси ин давра аз он иборат аст, ки ҳанӯз дар қарнҳои IX-X дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Сиистон, ки забони модарии оммаи васеи аҳолӣ забони форсӣ-дарӣ (тоҷикӣ) буд, шароити муътадили пайдоиш ва тараққиёти адабиёти бадеӣ ба ин забон пайдо мешавад. Маҳз ҳамин давра чунин классикони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба монанди Рӯдакӣ, Дақиқӣ ва Фирдавсиро ба вуҷуд овард» [337, с. 71].

Ҳаёт ва фаъолияти илмиву адабии шоирону мутафаккирони барҷастаи тоҷик, саъю талоши мудавоми онҳо дар пешрафти адабиёти тоҷик намунаи олӣ ва таҷассумгари роҳи рушду нумуи илму фарҳанги тоҷик дар ҳар давру замон, бахусус дар асрҳои X-XI гардид. Дар баробари асарҳои насрӣ ашъори бузургтарин намояндагони ин асрҳо дар дили ҳар як хонанда мақоми асосӣ пайдо намуд, зеро дар осори онҳо маъниҳои олӣ ва бикр, дилкашу дилнишин ифода гардида, ғояҳои ахлоқиву истифодаи моҳиронаи хирадро таҷассум мекунанд. Ҳар як хонанда, дӯстдори адабиёт ва фарҳанги миллат аз осори мутафаккирони ин аҳд маъниҳои барҷастаро дармеёбад, тарбияти ахлоқӣ мегирад ва дар партави панду андарзҳои ин мутафаккирон дар пешрафти ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Истифодаи хирад ва рушди он, ки омили асосии ташаккули сирати миллӣ ва воситаи баланд гардидани кори таълиму тарбия ва ахлоқи инсоният аст, дар адабиёт ва илми асрҳои X-XI мавқеи назаррасро касб намуд.

Бояд ёдовар шуд, ки шеъру шоирӣ дар замони салтанати Сомониён ба авҷи аъло расида буд ва шинохти шеъру шоирии адибони асрҳои VIII-IX дар оғози асри XI, яъне замони ҳукмронии Ғазнавиён шуруъ шуда буд: «Манучеҳри Домғонӣ (ваф. 1040-1041) дар қасидаи машҳури хеш «Дар луғази шамъу мадҳи Ҳаким Унсурӣ» шоирони маъруфи форсигӯйро чунин ёд мекунад:

Дар Хуросон Бушуайбу Бузар, он Турки Кишӣ,

В-он Сабури Порсӣ, в-он Рӯдакии чангзан.

Он ду Гургонию ду Розию ду Валволиҷӣ,

Се Сарахсию се, к-андар Суғд буда мустакан...

Аз Бухоро панҷу панҷ аз Марву панҷ аз Балху боз

Ҳафт Нишобурию се Тӯсию се Булҳасан» [40, с. 5].

Дар асоси маълумотҳои дар шеъри болоқайди Манучеҳрӣ дар асри Х 40 шоири маъруфу машҳур ҳаёт ба сар бурда, ба корҳои эҷодӣ машғул будаанд, аммо, мутаассифона, ашъори на ҳамаи онҳо ба куллӣ дастрас аст.

Маводди дигаре, ки дар бораи шуарои даврони Рӯдакӣ ва ё аниқтараш адибони асри Х маълумот медиҳад, ин тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ мебошад. Дар ин бора Ҷ. Артур ва Д. Карр овардаанд: «Дар фасли «Зикри шуарои оли Сосон»-и ин тазкира роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти 31 шоир ва дар фасли марбут ба шеъри мулуку салотин оид ба 3 нафар подшоҳи соҳибсухан» маълумотҳо оварда шудаанд [26, с. 14]. Бояд гуфт, ки Амир Мунтасир, Абулмузаффари Чағонӣ ва Оғоҷии Бухороӣ аз ҷумлаи он 31 шоиранд. Дар маҷмуъ, Муҳаммад Авфӣ низ оид ба 34 нафар шоир дар тазкираи хеш маълумотҳо овардааст.

Дар асоси пажуҳишҳои таърихӣ, таҳқиқотҳои илмӣ адабиёти тоҷик дар асрҳои Х таърихи садсола дорад ва исми 57 шоири асри Х маълум гардидааст. Дар он асри овозадор номи шоирони зерин: Абулҳасани Муродӣ, Абуабдуллоҳи Фароловӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абуисҳоқи Ҷӯйборӣ, Шокири Бухороӣ, Кисоии Марвазӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Дақиқӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Унсурии Балхӣ, Алии Фаррухӣ, Абуабдуллоҳи Ҷунайдӣ, Боботоҳири Урён, Робеаи Қаздорӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Маҳмуди Варроқ, Фирӯзи Машриқӣ, Абусулайки Гургонӣ, Муҳаммад бинни Васиф, Муҳаммад бинни Мухаллад, Басоми Курд, Робияи Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Абуисҳоқи Ҷӯйборӣ, Абулқосим Ҳасани Балхӣ, Муҳаммад ибни Мухаллади Сагзӣ, Ғазоири Розӣ, Абулаббоси Рабанҷанӣ, Абдуллатифи Балхӣ, Маъруфии Балхӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва ғайраро метавон қайд намуд, ки эътибори баланд дошта, осори гаронбаҳоро ба мерос мондаанд.

Дар воқеъ, дарбори Сомониён макони илму адаб, ҷойи гирдиҳамоии донишмандон ва адибону фозилон буд, ки ҳар кадом бо равиши ақлӣ ва истифоди оқилонаи хирад кӯшиш мекард, ақидаҳои ҷолибро баён намуда, ин ақидаҳои хешро асоснок ва исбот намояд: «Бухоро дар давлати Сомониён ҷойи ҳамоиши бузургони замон, баромадгоҳи ахтарони адаби ҷаҳон ва фозилони рӯзгор аст» [85, с. 106]. Ин таҷрибаи давлатдорӣ ва илмпарастии Сомониён як таҷрибаи арзишманд буд, ки ҷаҳониён минбаъд онро мавриди истифода қарор медоданд. С. Сулаймонов қайд мекунад: «Рушду равнақи улуми ақлӣ ва нақди адабӣ дар бунёди илму фарҳанг саҳми назаррасро гузошт ва баҳси илмиву фарҳангӣ хусусияти илмиро касб карда буд, на тақлидӣ» [91, с. 310]. Чунин таҷриба аз хирадварзиву илмгустарӣ, адолатпарварӣ, дар маркази диққат қарор додани донишу илм ва олимону фозилон, озодии баён, ҳиммати баланди салтанатдорони Сомониён дарак медиҳад.

Рушду нумуи баҳсҳои ақлӣ, инкишофи хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ аз ҳимоя ва дастгирии донишмандони ришташои гуногуни илму адаб чун: Розӣ, Табарӣ, Балъамӣ, Рӯдакӣ, Ш. Балхӣ, Фирдавсӣ, Форобӣ, А. Берунӣ, А. Сино ва донишмандони ҳукмрони аҳди Ғазнавиён дидан мумкин аст, ки ҳамаи ин пешравиҳо маҳсули муҳити илмӣ ва фарҳангии Сомониён мебошанд.

Дар маҷмуъ, дар асри X илму фарҳанг ба мақоми баланди рушди худ расида, дар баробари дигар мавзуъҳо мавзуи ташаккули хирад ҳамчун омили рушди сирати миллӣ дар адабиёти ин аҳд мавқеи калидиро ишғол намуд.

Дар асри XI бошад, шоирону донишмандони бузург чун: Носири Хусрав, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Абурайҳони Берунӣ, Фахриддини Гургонӣ, Абунасри Утбӣ, Абусаиди Гардезӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Амъақи Бухороӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Рашидии Самарқандӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Абдуллои Ансорӣ, Асадии Тӯсӣ, Авҳадиддини Анварӣ, Масъуди Саъди Салмон, Муиззӣ, Собири Тирмизӣ ва ғайра ба майдони илму адабиёт омада, асарҳои назмиву насрии бузурги хешро офарида, адабиёти ин асрро

равнақ бахшидаанд. Дар ин ҷо метавон асарҳои шоирони маъруф чун «Ат-тафҳим ли авоили саноат-ут-танҷим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Донишномаи Алоӣ»-и А. Сино, «Таърихи Систон», «Зайн-ул-ахбор»-и Абусаиди Гардезӣ, «Зод-ул-мусофирин», «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абуалӣ бинни Усмони Ҳуҷвирӣ ва дигар асарҳои ба ин монанд, асарҳои беҳтарини насрии асри XI-ро мисол оварда. Аммо дар бораи бисёр шоироне, ки дар ин асрҳо умр ба сар бурдаанд, маълумот дастрас нест ва ё ашъори кам аз онҳо боқӣ мондааст.

Ашъори ин шуаро аз мавзуъҳои хирад, ташаккули сирати миллӣ, меҳру муҳаббат ва садоқату вафодорӣ ба Ватан, худшиносиву худогоҳии миллӣ, дӯстиву рафоқат, ҳурмату эҳтиром, касбомӯзӣ, пайваста машғул будан ба омӯзиши илму дониш, ишқу муҳаббати самимӣ, таҳкими сулҳу субот, некиву некукорӣ, ҳунармандиву ҳунаромӯзӣ саршор аст. Вале дар ин рисола мо оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи (хориқаи) сирати (менталитети) миллӣ аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI ибрози назар менамоем.

«Хирад» чист ва бо кадом роҳҳо ташаккул меёбад? Мафҳуми «сирати миллӣ» чиро ифода мекунад? Ин саволҳо асрҳо боз таваҷҷуҳи аҳли илм, уламову шуароро ба худ кашидаанд ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Аммо қайд кардан муҳим аст, ки таҳқиқоти мо ба мавзуи таҳлилу исботи мафҳуми хирад ва сирати миллӣ бахшида нашуда, тавре дар боло қайд гардид, масъалаи «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс» баҳси кори илмии мо мебошад. Аз ин лиҳоз, як назари кутоҳ ба масъалаи мафҳуми «хирад» ва «сирати миллӣ» меандозем. Хирад муродифи калимаи «интеллект» буда, маънои вожаи «интеллект» дар луғати энсиклопедӣ чунин тавзеҳ ёфтааст: «Интеллект, аз калимаи лотинии «intellect» гирифта шуда, мафҳумҳои маърифат, фаҳмиш, ҳушро ифода мекунад» [27, с. 7]. Интеллект дар забони тоҷикӣ бо мафҳуми «хирад» ифода ёфта, бархе аз забоншиносон бар онанд, ки истилоҳи хирад тарҷумаи лотинии «нус» мебошад ва баъзе аз забоншиносон сарчашмаи онро аз калимаи юнонии «энтелехия» меноманд:

«Аз таҳлили асарҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, бахусус асарҳои Сино бармеояд, ки ин мутафаккир калимаи хирад ё интеллектро дар маънои аслиаш «энтелехия» истифода бурдааст» [96, с. 8].

Назарҳо оид ба мазмуни калимаи фавқ мухталифанд, масалан: «Агар маънои классикии мафҳуми «интеллект»-ро дида бароем, чунин ба назар мерасад, ки ин вожа доиман ба маънои қобилияти фикрии инсон мавриди истифода қарор дода мешавад» [96, с. 218]. Аммо маънои асосӣ ин аст, ки «интеллект» муродифи вожаи «хирад» аст. Профессор М. Музаффарӣ дар мақолаи хеш «Маъно ва мазмуни мафҳуми «интеллект», «хирад» ва «менталитет» дар адабиёти фалсафӣ (таҳлили муқоисавӣ)» овардааст: «Тахмин меравад, ки мафҳуми «интеллект» ба маъно ва этимологияи худ муродиф ё мазмунан шакли дигаргуншудаи мафҳуми «энтелехия» дар асарҳои Арасту мазмун ва мақоми хосеро соҳиб аст. Ба монанди он ки аз Пифагор «ададиҳои бузург», аз Афлотун «эйдос», аз Кант «ашёи дар худ» ва аз Гегел «руҳи мутлақ» боқӣ мондаанд, «энтелехия» низ ҳамчун мақулаи асосӣ аз Арасту боқӣ мондааст» [27, с. 8].

Маълум аст, ки дар назарияи маърифат ва ҳастишиносӣ хирад мақоми хосро дорост. Ба андешаи файласуфон хирад ҷузъе аз «колбад»-ҳои инсонӣ мебошад: «Бояд қайд кард, ки «колбад»-ҳои инсонӣ ба се намуд гурӯҳбандӣ шудаанд: колбади ҷисмонӣ, колбади равонӣ ва колбади хирадӣ» [27, с. 9]. Аз ин ҷо бармеояд, ки хирад дар ҳаёти инсоният нақши асосӣ дошта, бе он ҳаёти одамон мазмуни аслӣ надорад ва он воситаи асосӣ дар мартабаи баланд касб кардани инсон аст. Хирад дар вуҷуди инсон мақоми асосӣ дорад, қабул кардан, рад ё инкор намудан, таҳлил кардану роҳи хеш дар зиндагӣ муайян намуданро хирад танзим мекунад.

Дар асоси андешаҳои олимони фалсафа: «Хирад аз дониш сарчашма мегирад ва дар ин сурат хирад муродифи фаҳмиш, дониш ва маърифат фаҳмида шудааст. Дар маънои антропологӣ хирад дорои ду ҷанбаи сифатӣ мебошад, хиради бо дониш омехта ва хиради субстансионалӣ ё «хиради ноб»» [97, с. 87]. Дар асоси ақидаҳои реалистон бошад, гӯё таркиби хирад аз

дониш беш нест ва материалистон хирадро маҳсули химиявӣ маънидод мекарданд.

Одатан «... дар зери мафҳуми хирад фаҳмиш ва ё амали аз дониш ҳосилшударо дар назар дорем» [97, с. 107] ва дар ин сурат алоқаи ҷудонопазири хирад ва донишро дониста мегирем. Дониш омили асосии ташаккули хирад ва хирад омили омӯзиш ва дарку дар амал татбиқ намудани дониш аст. Пас ҳеҷ кас наметавонад, ки мавҷудияти хирадро инкор кунад ва агар инкор кунем, пас далеле барои донисташаванда будани одаму олам ва зарурияти ҳаёти инсон дар рӯйи замин оварда наметавонем.

Хирад чизест, ки ҳама гуна дониш, пешравӣ, фарҳанг, маданият, саволу ҷавоб, баҳсу мунозира, қабулу инкор ва дар маҷмуъ, тамоми фаъолияти инсон аз ӯ вобаста аст. Ташаккули сирати миллӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ низ бе хирад имконнопазир аст. Ҳама гуна амалҳоро хирад танзим мекунад ва пеши роҳи амалҳои ғайри ахлоқиро хирад мегирад. Рӯдакӣ, Закариёи Розӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Сино ва дигар мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс бар он ақидаанд, ки агар хирад намебуд, инсон низ аз дигар мавҷудоти олам тафовут намедошт. Бе ҳастии хирад тағйирёбиву навгонӣ дар олам сурат намегирад. Агар дунё вуҷуд дошта бошад ҳам, он дар як ҳолат қарор дошта, бетағйир мемонад.

Ба қавли мутафаккирони асрҳои X-XI хирад абадӣ буда, ба нафс робита дорад. Хирад доимо дар ҳоли ташаккул аст ва инкишоф металабад ва хирадманд бояд инро бидонаду дар амал татбиқ намояд. Масалан, Носири Хусрав дар «Зод-ул-мусофирин» овардааст: «Хирадманд бояд бидонад, ки вай дар ин дунё бар мисоли мусофир аст, пайваста дар ҳоли ҳаракат ва раванда буда, ҳеч гоҳе ӯро маҷоли як чашм ба ҳам задану муҳлати ист ва сукуну диранге нест» [130, с. 99].

Ба ақидаи Носири Хусрав ва дигар мутафаккирони болозикр, хирад воситаи асосӣ барои дарки маънои ҳаводиси олам ва маърифат мебошад.

Мафҳуми «сират» ё «менталитет» ба мафҳумҳои «хирад» ва интеллект аз ҷиҳати мазмун алоқаманд буда, ҳамдигарро аз нигоҳи мазмун ва муҳтаво

пурра мегардонанд. Дар ташаккули сирати миллӣ низ нақши дониш ва хирад калидӣ мебошад ва маҳз аз ин сабаб мавзуи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Ин се мафҳум «хирад», «дониш» ва «сират (металитет)» дар ҳамбастагӣ ташаккул меёбанд. Аз ин ҷост, ки сирати миллӣ гуфта, хиради миллат дар назар дошта мешавад. Дар фарҳанги ҷомеа менталитети миллӣ ё сирати миллиро «хислати миллӣ» низ меноманд. Дар маҷмуъ, сирати миллӣ арзишҳои миллӣ, анъанаҳои миллӣ, ахлоқ, тарбия, таълим, фарҳанг, забон, зебопарастӣ, ватандӯстӣ, худшиносиву хештаншиносӣ, худогоҳӣ, хусусиятҳои равонӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад. Ин мафҳумҳо бе ташаккули хирад ва дониш инкишоф ёфтан наметавонанд. Асосан бораи муайян намудани сифатҳои шахсӣ, хусусиятҳои фарҳангии мардум одатан мафҳуми «сират» истифода бурда мешавад. Пас қайд бояд кард, ки сирати миллӣ ба ахлоқи миллат, дараҷаи забоншиносӣ ва меъёрҳои арзишгузории мардум алоқаи зич дошта, бе ҳамдигар ташаккул ёфтани ин се чиз номумкин аст. Сирати миллӣ тарзи дар ҳаёт истифода бурдани қобилияти ақлонии ин ё он мардум мебошад.

Сирати миллӣ яке аз мафҳумҳои пурмазмун мебошад, ки ҷанбаҳои зиёди ҳаёти одамонро дар бар мегирад ва то кунун он пурра таҳқиқ нашудааст ва ба таҳқиқоти куллӣ ниёз дорад.

Дар пайдоиш ва ташаккули хирад ва сирати миллӣ мақоми забон басо назаррас аст. Омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи мардумӣ, эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ, расму оин, ҷашну маросимҳо, ҳифз ва инкишоф додани арзишҳои миллӣ, ахлоқи нек, хислати миллат ва тарбияи комил таҳқурсӣ барои ташаккули хирад ва сирати миллӣ мебошанд, ки дар рисола таҳлилҳо оид ба ин масъала оварда шуда, асоснок карда шудаанд.

Бо мақсади таҳқиқ намудани ташаккули хирад ва сирати миллӣ дар раванди кори илмӣ имкон даст дод, ки дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ, адабӣ, ташкили силсиласуҳбатҳо, вохӯриву нишастҳо бо ашхоси

соҳибтаҷриба, гузаронидани таҷриба дар муассисаҳои таълимӣ ин мавзуъро ҳаллу фасл намоем.

Бояд тазаккур дод, ки мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс худ дараҷаи баланди илму донишро касб карда, хирадманду оқил буданд ва рушди хирад ва сирати миллиро ташвиқу тарғиб мекарданд. Дар ташвиқи хирад, ташаккули сирати миллӣ, арзишҳои миллӣ ва дар маҷмуъ, ахлоқи неки инсонӣ мутафаккирон ба дастовардҳои калон ноил мегардиданд. Аммо баъзан хирадманд будани мутафаккирон ва тарғиби ташаккули хирад ва сирати миллӣ, ҷиҳати вазъиятҳои ногувори замон, боиси бадбахтӣ ва афзудани хатар ба сари онҳо мегардид, вале чунин аҳвол низ мутафаккирони асрҳои мутазаккирро аз роҳи рост баргардондан наметавонист. Масалан, қайд кардан зарур аст, ки таъсиру фишори зулму истибдоди арабҳо ба он низ оварда расонид, ки хирадмандон хору залил буданд, арабҳо садди роҳи фаъолияти эҷодии онҳо гардида, китобҳои зиёдро сӯзонда, несту нобуд карданд. Зеро арабҳо бар он назар буданд, ки агар барои донишмандону хирадмандон муҳити созгори зисту зиндагӣ ва рушди фаъолияти эҷодӣ муҳайё гардад ва мардум аз хиради онҳо баҳра гирад, инқилоби фикрӣ ба вуҷуд меояд ва мубориза барои озодиву ҳақиқатпарастӣ сар мезанад. Ин буд, ки арабҳо барои пешрафти илму адаб ва равнақи адабиёти бойи тоҷик имкон намедоданд, шоирону олимон ва хирадмандонро таҳти фишор қарор медоданд. Дар ин бора шоири машҳури асри X Шаҳиди Балхӣ нигоштааст:

Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.
Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона [31, с. 49].

Ин ақида дар осори маликушшуаро Абуабдуллоҳ Ҷаъфари Рӯдакӣ низ назаррас аст ва ӯ низ аз хору залил будани хирадмандон шикоят кардааст:

Бо хирадуманд (хирадманд) бевафо бувад ин бахт,
Хештан хешро бикӯш ту як лахт [140, с. 51].

Аммо Рӯдакӣ - мутафаккири донишманду оқил аз чунин муносибат ба тарсу ҳарос наафтода, таъкид бар он мекунад, ки аз ин рафтори каҷравон набояд аз умед даст шуст, балки то ҷое, ки имкон аст, барои беҳбудии зиндагии хеш кӯшиш бояд кард:

Худ хӯру худ деҳ куҷо набуд пушаймон,
Ҳар ки бидоду бихӯрд аз он чи, ки билфахт [140, с. 51].

Ҳаёти пурмашаққати Маъсуди Саъди Салмон низ исботи фикрҳои Шаҳиди Балхӣ ва Рӯдакӣ мебошад. Шарҳи ҳол ва фаъолияти эҷодии шоир гувоҳ аст, ки азбаски оилаи онҳо дар Лоҳур бо хирадмандиву олимӣ ва ватандӯстиву озодандешӣ машҳур буд ва Маъсуди Саъд пайваста ба омӯзиши илму дониш, фаъолияти эҷодӣ машғул буда, ғояҳои хирадмандиву ватандӯстиро тараннум мекард, ин фаъолияти ӯ писанди ғазанавиён наомад ва чор бор бо муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуд, ки дар маҷмуъ 19 соли ҳаёташ дар зиндон паси сар гардид. Аз ин сабаб муҳимтарин шеърҳои ин шоир «Ҳабсият» мебошанд, ки қасидаву қитъа ва рубоии зиёдро дар бар мегиранд. Ба ғайр аз ин шеърҳо аз шоир девони ашъор боқӣ мондааст, ки 315 қасида, 400 рубоӣ ва миқдори зиёди таркиббанду тарҷеъбанд, қитъа ва ғазалиёти ӯро дар бар гирифтааст. Ашъори дигари ӯ «Шаҳрошуб», мебошад, ки он низ навъҳои гуногуни шеъриро дар бар гирифта, ба мавзуъҳои ҳаётан муҳим бахшида шудааст.

Дар шеърҳои «Ҳабсият» шоир азобҳои дар зиндон кашидаи худ ва хору залил будани донишмандону хирадмандонро тасвир намудааст. Ин аҳволи зори ӯ ҳаёти тоқатфарсои хирадмандони даврони ҳукмронии ғазнавиёнро нишон медиҳад. Шоир ба он ишора мекунад, ки сабаби зиндонӣ шуданаш маҳз дуну нодон набудани ӯ мебошад:

Аз бахт ҳамеша сарнагунам,
Зеро, ки чу дигарон на дунам [88, с. 160].

Ба андешаи мутафаккир, азбаски ӯ нодону бедониш набуд, ба азоби сахт гирифтор шуд, дар зиндон заҳмати зиёд дид, аммо кори эҷодии худро тарк накард. Эҷод намудани шеър дар зиндон далели ин фикр аст:

Пайваста зи баҳри тангзиндон,
Чун мор ҳамекунӣ фусунам.
Дар ҳабс бад-ин чунин зимистон,
Тарсам, ки фузун шавад ҷунунам.
Бигдохт зи гиря дидагонам,
Дар сар бошад фасурда хунам [88, с. 160].

Аз ин абёт низ равшан аст, ки хирад дар рушди сирати миллӣ нақши асосӣ дорад ва хирадмандон такмилдиҳандаи он мебошанд. Мутафаккирони тоҷик, бахусус мутафаккирони асрҳои X-XI дар кадом ҳолат ва вазъияте, ки зиндагӣ намекарданд аз фаъолияти эҷодиву илмӣ даст намекашиданд ва бо асарҳои худ ташаккули арзишҳои миллӣ, ахлоқи неки инсонӣ ва дар маҷмуъ ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллиро тарғиб менамуданд, ки аҳволи болозикри Маъсуди Саъди Салмон исботи ин ақида аст. Ғазнавиён аз рушди хирад ва инкишофи сирати миллӣ метарсиданд ва маҳз барои ҳамин ба хирадмандону донишмандон имкон намедоданд, ки дар рушди хирад ва сирати миллӣ саҳми хешро гузоранд ва дар таълими мардум мусоидат намоянд. Баста шудани аксарияти мактабҳо дар замони арабҳо, маҳдуд кардани омӯзиши забони ноби тоҷикӣ, тақвият бахшидани забони арабӣ ва фарҳангу маданияти хеш ва роҳ надодан ба рушду нумуи фарҳангу маданияти дигар халқҳо маҳз бо ин мақсад буд.

Аз таҳлили осори адибону мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва пеш аз онҳо собит гардид, ки хирад аз дониш маншаъ мегирад ва рушди ҷомеа ба инкишофи донишу хирад вобастагии куллӣ дорад. Ба гуфти Ш. Балхӣ ононе, ки дар замони ӯ сарвату бойгарӣ доштанд, мутаассифона, донишашон кам буд ва онҳое, ки дониши баланд доштанд, камсарват буданд. Ба қавли ин мутафаккир донишмандон бояд дастгирӣ ёбанд, зеро дониш сарвати безавол аст ва он барои ҳамагон муҳим ва зарур аст:

Донишу хостаст сарвату гул,
Ки ба як ҷой нашкуфанд ба ҳам.
Ҳар киро дониш аст, хоста нест,

В-он киро хостаст, дониш кам [88, с. 48].

Ақидаҳоеро, ки дар осори адибони асрҳои X-XI оид ба рушди хирад дучор меоем, дар назари аввал гӯё сода ва маърифати моддигарой мебошад, аммо агар ин ақидаҳои онҳоро дар партави педагогика баррасӣ намоем, он гоҳ маълум мешавад, ки дар осори мутафаккирон маҳорати баланди илмӣ инъикос ёфтааст. Масалан, намояндаи машҳури ин аҳд Унсурӣ бар он ақида аст, ки адиб ё мутафаккир бояд пайваста ба фаъолияти эҷодӣ машғул шавад ва аз пайи ҳавову ҳавас ва ё мансабу тахт набошад, зеро ин боиси коста шудани корҳои эҷодии ӯ мегардад. Агар хирадманд соҳиби мансаб гардад, албатта ӯ дар ин самт низ комёбиҳо ва дастовардҳои навинро соҳиб мегардад, аммо барои корҳои эҷодӣ вақти ӯ маҳдуд мегардад, бештар ба иҷрои нақшаҳои вазифавӣ мепардозад ва аз корҳои эҷодӣ қафо мемонад:

Чун мегузарад кор чи осону чи сахт,
В-ин якдами орият чи идбору чи бахт.
Чун ҷойи дигар ниҳод мебояд рахт,
Наздики хирадманд чи тобуту чи тахт [135, с. 45].

Хирад дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI бо роҳҳои мухталиф таҳлил карда мешуд. Ба қавли мутафаккирони ин асрҳо хирад дар ҳаёти одамон мақому манзалати махсусро дорост, ки ҳеҷ ягон кор ва шуғли зиндагӣ бе истифодаи хирад натиҷабахш нест. Мавриди истифода қарор додани хирадро дар ҳар як лаҳзаи зиндагӣ адибону мутафаккирони асрҳои X-XI пайваста тарғиб менамуданд. Дар ин ҷо метавон ба абёте аз достони «Вомиқу Узро»-и Унсурӣ назар андохт. Вомиқ барои расидан ба висоли Узро аз хирад ва фарҳанги баланди одамият истифода намуд:

Фулуқрот рафташ пазира ба дар,
Бипурсид гарму гирифташ ба бар.
Ба маҷлисгаҳ оварду бинвохташ,
Ба пурмоятар ҷой биншохташ.
Бад-ӯ гуфт коми ту коми ман аст,
Ба дидори ту чашми ман равшан аст.

Сӯйи хонаву шаҳри хеш омадӣ,
Хирадро ба фарҳанг пеш омадӣ.
Сари бонувон дасти Узро ба даст,
Гирифту биёмад, ба ҷое нишаст [151, с. 59].

Аз ин абёти Унсурӣ метавон дарёфт, ки ишқу муҳаббат, фарҳанги муҳаббатварзиву одамият бо хирад тавъаманд ва маҳз омили асосии расидан ба мақсуд хирад аст.

Одоби муошират, сухандониву сухангӯйӣ ва суханпардозӣ низ хирадро талаб дорад. Ба қавли шоири асри XI – Унсурӣ хирадаманд дар одоби муошират нуктасанҷу бомулоҳиза аст, вале онро, ки «мағзаш набошад», яъне хирадаш коставу рушднаёфтааст, суханаш низ бемавқеву бемаъност:

Сухан то надонад нагӯяд касе,
Ҷуз он кас, ки мағзаш набошад басе [140, с. 60].

Ба ин маънӣ шоири асри XI Фаррухӣ низ ишора кардааст. Ба қавли ин адиб инсоне, ки бохирад аст, хоксору фурӯтан буда, одоби муоширатро хуб ба ҷо меорад:

То кай аз роҳи мутрибон шунавам,
Ки туро меҳамедиҳад дашном?!
Гоҳ гӯяд, ки ранги ту на дуруст,
Гоҳ гӯяд, ки бӯйи ту на тамом [148, с. 98].

Ва ба қавли адиб он ки одоби муоширатро надорад, суханаш хому нопухтааст, аз нарасидан ба камоли пухтагии ӯ дарак медиҳад:

Хом гуфтӣ сухан, валекин ту
Нестӣ пухта, чун бигӯйӣ хом [154, с. 98].

Дар суханронӣ тааммул кардан хислати хирадмандон аст. Хирадманд қабл аз баёни сухан ва қисмат кардани ақидаи хеш мулоҳиза намуда, агар ҷавоби ноҷо шунавад ҳам, тааммул пеша мекунад ва дар вақти муносиб ҷавоби ба ҷо медиҳад. Ғазоири Розӣ дар ин маънӣ овардааст:

Дар он ки қисмат кардӣ, наку тааммул кун,
Агар ба гирди дилат ақлро раҳ асту маҷол [154, с. 196].

Шоҳномасарои бузург Абулқосим Фирдавсӣ низ нақши хирадро дар муошират, суҳбат ва гуфтугӯ муҳим ва аввалиндараҷа медонад. Хирадмандро илҳоми сухан аз хирад аст. Ба қавли Фирдавсӣ хирадманд то чизеро ба чашми хеш набинад ва ё мушоҳида накунад, исбот надошта бошад, ба сухан намепардозад:

Хирад гар сухан баргузинад ҳаме,
Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме [348, с. 25].

«Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме» [348, с. 25]-и Фирдавсӣ ва ба ин монанд, ақидаи «Шунида кай бувад монанди дида» [128, с. 29]-и Носири Хусрав онро тарғиб менамояд, ки дар сирати миллии мардуми тоҷик хислати ростгӯйиву росткорӣ, мулоҳизаву тафаккур кардан ҷойгоҳи асосӣ дорад. Хирадманд медонад, ки дар куҷо, кай ва чӣ гуна сухан бояд гуфт ва ҳар касро муҳим аст, ки аз ин хислатҳои неки мутафаккирон пайравӣ намояд.

Таҳлили ашъори Фаррухӣ ва бахусус қасидаҳои «Корвони ҳулла» ва «Доғгоҳ»-и ӯ собит менамояд, ки адиб ба мавзуи хирад таваҷҷуҳи асосӣ дошта, нақши хирадро дар ҳаёти инсон муҳим арзёбӣ мекунад:

Ба корвони ҳулла бирафтам ба Систон,
Ба ҳуллаи танида зи дил бофта зи ҷон.
Ин ҳулла нест бофта аз ҷинси ҳуллаҳо,
Инро ту аз қиёси дигар ҳуллаҳо надон.
Инро забон ниҳоду хирад рашту ақл бофт,
Наққош буд дасту замир андар он миён [88, с. 137].

Ибораҳои «забон ниҳод» [88, с. 137], «хирад рашт» [88, с. 137], «ақл бофт» [88, с. 137] овардаи Фаррухӣ аз он гувоҳ медиҳад, ки забони поку одоби муошират, дар доираи хирад офарида шудани сухан ва ё чизи дигар ва мустаҳкам гардидани он бо истифода аз ақл алоқаи ногусастании забон, хирад ва ақлро нишон медиҳад. Дар маҷмуъ, хирад падидаест барои рушди сирати миллӣ ва забони нобу хиради воло ва дониши расо пояҳои асосӣ барои рушди сирати миллӣ, арзишҳои миллӣ мебошанд.

Дар достони «Вомиқу Узро» Унсурӣ меорад, ки марди доно дар рафти саволу ҷавоб бо Вомиқ, роҷеъ ба дӯстӣ, ба нуқтаи назари ӯ такя накарда, балки мехост аз нигоҳи хирадманд ба саволи хеш ҷавоб ёбад:

Зи Вомиқ бипурсид доно сухун,
Ки бо ту бизоду ба дониш куҳун.
Тани дӯстиро хирадманд мард,
Зи гетӣ ба чӣ чиз монанд кард? [140, с. 60].

Вомиқ низ ба ӯ аз нигоҳи хирадмандон ҷавоб медиҳад:

... Бад-ӯ гуфт Вомиқ, ки ё роҳбин,
Писандидаи подшоҳӣ чунин.
Дили солхӯрда ҷаҳондидатар,
Ба фарҳангу дониш писандидатар...
... Ки мар дӯстиро хирадманд мард,
Ба яке ҷавонмард монанда кард [140, с. 60].

Аз абёти боло аён мегардад, ки Унсурӣ дар ҷавоби Вомиқ ба доно мафҳумҳои «дили солхӯрда» [140, с. 60], «ҷаҳондидатар» [140, с. 60], «ба фарҳангу дониш» [140, с. 60], «писандидатар» [140, с. 60]-ро ба кор мебарад, ки ҳар яки ин вожаву ибораҳо ба рушди хирад нигаронида шудаанд. Албатта, «дили солхӯрда» киноя аз шахси рӯзгордида, соҳибтаҷриба мебошад, чунин шахс нисбат ба дигарон «ҷаҳондидатар» мебошад. Шахси ҷаҳондида ҷаҳонбинии васеъ дошта, «бафарҳангу дониш»-и қавӣ мебошад, сухану гуфтор ва рафтораш на фақат писанди мардум, балки «писандидатар» мебошад. Ин шахс дар ҷавоби доно дӯстиро ба ҷавонмард монанд мекунад, ки пушту бозуи қавӣ дошта, доиман дар рушду нумуъ мебошад. Ин салоҳиятҳо омилҳои калидӣ дар рушди хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мебошанд. Дар маҷмуъ, чун инсон ин марҳилаҳоро тай карда бошад, хираду сирати миллиаш низ камол меёбад. Дар ин самт шоир табодули таҷриба, панд гирифтан аз доноёну шахсони ботаҷриба ва ҷаҳондидаро талқин мекунад, ки дар таълиму тарбияи насли наврас ва рушди сирати миллӣ мақоми махсусро доро мебошанд.

Намояндаи адабиёти асри XI Айюқӣ низ қайд мекунад, ки панд додан ба хирадмандон мушкил нест, зеро хирадмандро на ҳазорҳо панд, балки як панд бас аст. Аз ин ақида метавон дарёфт, ба касоне, ки хирадашон коста аст, панд додан мушкил аст, зеро хирад аст, ки ҳама чизро тез дарк ва қабул мекунад:

Макун ҷон фидо баҳри фарзандро,
Яке панд бас мар хирадмандро [140, с. 209].

Айюқӣ менигорад, ки барои панду насиҳат додан ба дигарон худ хирадманд будан лозим аст ва ҳар касро зарур аст, ки панди хирадмандро пеш аз анҷом додани коре, ки мушкил аст бигирад ва агар дер шавад мумкин аст, ки ба иштибоҳ роҳ диҳад. Масалан, дар достони «Варқа ва Гулшоҳ» дар қисмати «Рафтани Варқа ба Яман» Айюқӣ овардааст:

Вазири хирадманд гуфт: «эй писар,
Ба бевақт кардӣ нишоти сафар.
Малик орзуманди рӯйи ту буд,
Шабу рӯз дар гуфтугӯйи ту буд [140, с. 248].

Ва дар давоми ин достон мутафаккир қайд мекунад, ки нагирифтани панд аз хирадмандон ва ё дер кардан дар гирифтани панд ин хислат коҳилист ва метавонад монеи ҳар кор шавад, ба қавли Айюқӣ, қафо мондан аз гирифтани панди хирадманд боис шуд, ки Яман ба дасти душманон афтид.

Кунун омадӣ, к-ӯ гирифтор шуд,
Ба банд андарун ҷуфти темор шуд.
Чӣ суд аст акнун аз ин омадан,
Ки шурида гаштаст кори Яман» [140, с. 248].

Дар ҷойи дигар Айюқӣ гирифтани панду бад он амал карданро муҳим мешуморад. Ба ақидаи ин адиб хирадмандӣ аз вазифа, мансаб ва ё мақом муҳимтар аст, зеро хирад танзимкунандаи ҳама гуна фаъолият аст ва дар ҳама гуна шуғл ба кор меояд. Пас чун кас хирадманд бошад, набояд, ки аз мақоми ӯ пурсон шуд. Дар ин робита Айюқӣ дар қисмати «Рафтани Варқа ба Шом» ба азоби дуздон гирифтор шудани ӯро тасвир мекунад. Чун Варқа ба

азобу машаққати дуздон дучор мешавад, аз ҳуш меравад. Шоҳи Шом аз роҳ гузар мекунад ва шахсеро ба ҳоли зору ҳолати беҳушӣ меёбад. Ӯро ба қасри шоҳ оварда, ба ходим месупорад. Дар дарбори шоҳ канизи хирадманде буд, ки ҳоли ин шахсро дида гуфт:

Канизак буд ӯро яке кордон,
Хирадманду ҳушёру бисёрдон.
Бигуфто бирав: «марҳаме бар ба кор,
Дилаш дур кун аз ғами рӯзгор» [148, с. 260].

Хиради волои шоҳ ва панди хирадмандонаи канизак коргар шуд, то мусофирро (Варқа) аз вартаи марг наҷот бахшад.

Ба қавли Унсурӣ шахси хирадманду доно на фақат дар илму дониш ва суханварӣ машҳуру дастболост, балки дар набард, дар мубориза баҳри озодии халқу Ватан низ нотарс, далер ва чолок аст:

Бувад марди доно ба гоҳи набард,
Тануманду озодаву рух чу вард [140, с. 70].

Ба андешаи мутафаккирони асрҳои X-XI, хирад сарчашмаи ҳамаи хушбахтиҳост. Соҳибхирад ҳама вақт хушбахту кораш боровар аст. Аммо он ки аз хирад дур аст ва хирадашро рушд набахшидааст дар зиндагӣ ноком, сарсону парешон аст. Хирадманд ба камоли фурӯтанӣ расида, соҳибадаб мегардад, дар ҳамаи корҳо аз хирад истифода мебарад. Масалан, Ғазоири Розӣ беадабиву нокомиро аз истифода накардани ақл маънидод мекунад. Ба қавли ӯ дар суҳбат ва ё хизмат ба кас набояд беҳурматӣ намуд ва беадабӣ аз беақлӣ сар мезанад. Ба унвони мисол, Ғазоири Розӣ нигоҳ доштани адабро дар хизмати мулук чунин тасвир мекунад:

Нигаҳ дор ту дар хизмати мулук адаб,
Ба ҷид бикӯшу мадеҳ ақлро ба ҳахлу ҳузо [137, с. 196].

Дар осори адибони асрҳои X-XI мавзуи авфу бахшиш ва некиву некукорӣ, ки омили дигари ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мебошад, ҷойи махсус дорад ва ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шудааст. Ба қавли мутафаккирони ин аҳд оштӣ андохтан дар миёни

муноқишакунандагон хизмати воло барои халқу миллат аст ва оштӣ боиси шодиву хурсандӣ, таҳкими сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмии мардум ва ободии ҷомеа мегардад. Аммо барои андохтани оштӣ низ саҳмгузорӣ ва хизмати хирадмандон муҳим ва аввалиндараҷа аст. Барои тасдиқи ин фикр метавон ба як байти Абушакури Балхӣ ишора намуд:

Чу аз оштӣ, шодӣ ояд ба чанг,
Хирадманд ҳаргиз накушад ба ҷанг [272, с. 196].

Ва агар масъалаи некӣ ва некукориро мавриди таҳлил қарор диҳем, ба қавли Рӯдакӣ он низ аз хирадмандии инсон ва бо «чашми хирад» нигаристан ба олам вобаста аст:

Ҳамчу дарёст в-аз накукорӣ,
Киштие соз, то бад-он гузарӣ [273, с. 528].

Ба қавли Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ «Агар шеър тараннумкунандаи одамгарӣ бошад, пас шоирро вориси пайғамбар номидан равост» [37, с. 73]. Айюқӣ низ бар ин ақида аст, ки мехост саргузаштеро ба назм оварад ва ин илҳомро ҷамолаш аз хирад хостааст, то назм эҷод гардад. Ба қавли ин адиб, илҳом, фаъолияти эҷодӣ ҳам аз хирад тавлид меёбад:

Ҷамол аз хирад хост хоҳам ҳаме,
Ба назм оварам саргузаште аҷиб [140, с. 253].

Дар асоси ақидаҳои боло метавон қайд кард, ки дар арзишҳои миллии мардуми тоҷик, аз рӯзи ба олами ҳастӣ омаданашон, хислатҳои некиву некукорӣ, авфу бахшиш ва дур будан аз кину кибр ҷой дошта, бо мурури замон рушд меёфтанд. Маҳз дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ин хислатҳо мақоми сазоворро ишғол менамоянд. Хирад гавҳари бебаҳо ва неъмати нотакрор барои ҳар як инсон аст. Мақоми хирад дар ҳамаи лаҳзаҳои зиндагӣ боло ва аввалиндараҷа буда, дар давоми зиндагӣ хирадмандро хирад ёр аст.

Агар ба май ва майхорагӣ назар андозем, маълум аст, ки ҳукамову мутафаккирон нисбат ба он андешаҳои мухталиф доранд. Масалан, Носири Хусрав онро рад мекунад ва хоби худро мисол меорад, ки отифи ғайб ба ӯ

нидо дод, ки аз хӯрдани май дурӣ варзад, зеро он хирадро табоҳ мекунад. Намояндаи адабиёти асри XI Манучеҳрӣ бошад, бар он ақида аст, ки май назди хирадмандон бо лақабҳои: ««тарабро сабаб», «ороми ман», «муниси ман», «тарёки бузург», «шифои ҳама ғамҳо»» [140, с. 183] маълум аст. Аммо ба қавли адиб агар хирадманд майро бихӯрад ҳам, ато меварзад, наку мегӯяду наку мехоҳад, ин аз каримии хирадманд дарак медиҳад ва тараби хирадмандон низ аз хӯрдани май ин аст, на тараби берун аз адаб ва беодобӣ:

Май дар кафи ман неҳ, ки тарабро сабаб ин аст,
Ороми ману муниси ман рӯзу шаб ин аст.
Тарёки бузург асту шифои ҳама ғамҳо,
Наздики хирадмандон майро лақаб ин аст...
Май гиру ато варзу наку гӯю наку хоҳ,
Ин аст каримиву тариқи тараб ин аст [140, с. 183].

Рубоисаро, намояндаи машҳури адабиёти асри XI Умари Хайём, ки аксари рубоиёташ ба васфи май ва маъшуқа бахшида шудаанд, низ хӯрдани майро бо хирадмандон тавсия медиҳад, аммо ба майзадагӣ дода шуданро маҳкум мекунад ва ин худ нақши хирад аст:

Гар май бихӯрӣ ту бо хирадмандон хӯр,
Ё бо санами лоларухи хандон хӯр.
Бисёр махӯр, вирд макун, фош магӯ,
Кам-кам хӯру андак хӯру бисёр махӯр [88, с. 183].

Сино низ ба масъалаи хирадмандона ва ҳакимона истеъмол кардани май, хӯрдани он на бо мақсади айшу тараби беадабона, балки ба манфиат ва мақсад хӯрдани он ишора намудааст:

Чу Буалӣ майи ноб ар хӯрӣ ҳакимона,
Ба ҳаққи ҳақ, ки вуҷудат ба ҳақ шавад мулҳақ [144, с. 198].

Тазаккур додан зарур аст, ки мақсуд аз овардани май ташвиқу тарғиб намудани истифодаи он ва ё танқиду маҳкум кардани хӯрдани он нест, балки мақсуд ин аст, ки халқи ориётабори тоҷик ҳеҷ корро бидуни истифодаи хирад анҷом намедоданд ва дар сирати миллии ин мардум даст задан ба корҳои

ношоиста мақоме надорад. Вобаста ба ин мутафаккирон истифодаи дурусти хирадро дар тамоми лаҳзаҳои зиндагӣ муҳим ва зарур медонанд.

Дунё ба чашми инсонияти рӯйи олам (бо истисно аз нобиноён) равшан аст ва одатан одамон дар рӯзгори хеш ба чашми сар бисёр аҳаммият медиҳанд. Аммо мутафаккирони асрҳои X-XI ба «чашми дил», «чашми сир», «чашми ботин» диққати асосӣ медоданд, ки ҳамаи ибораҳои баёншуда «чашми хирад» мебошанд. Ба қавли мутафаккирони ин аҳд чашми сар, чашме, ки бо он ҳамарӯза олами атрофро тамошо мекунем, фиребанда аст: «Не б-ад он чашм к-андар ӯ нигарӣ» [122, с. 28], зеро он танҳо зоҳирро мебинад ва нистбати ботин кӯр аст, чун ботин нодиданист. Пас ба гуфтаи ин мутафаккирон барои дарёфти маънӣ чашми хирадро бояд ба кор бурд, ба унвони мисол: «Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад» [122, с. 28].

Олами ботин аз нигоҳи баъзе мутафаккирон олами руҳ аст. Дар осори мутафаккирони асрҳои зикршуда мавқеи руҳ ҷойгоҳи намоён дорад. Мутафаккирони асрҳои X-XI чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Сино, З. Розӣ, А. Балхӣ, К. Марвазӣ, Дақиқӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, У. Кайковус, А. Берунӣ ва дигарон чун мутафаккирони пешин ҳастии одамро дорои ҷисм ва руҳ маънидод мекунанд. Ҷисм, ба қавли мутафаккирони болозикр, фанопазир аст ва руҳ абадист, ки чун одам олами ҳастиро падруд мегӯяд ҷисми ӯро ба хок месупоранд, бархе аз миллатҳо тариқи анъанаи гузаштагони худ онро месӯзонанд, аммо руҳ на ба хок меравад ва на месӯзад, балки ҷовидонӣ аст ва он ҳам ба хиради воло ва рафтори намунавии одам вобаста аст. Ҳарчанд одам хирадманд бошад ва арзишҳои инсониро риоя намояд, он қадар тезтар руҳаш ба асли хеш восил мешавад. Масалан, Рӯдакӣ дар «Дар марсияи Абулҳасани Муродӣ» овардааст:

Қолаби хокӣ сӯйи хоке фиганд,
Ҷону хирад сӯйи самовот бурд [272, с. 53].

Аз таҳлилҳои дар зербоби болоомада собит гардид, ки истифодаи хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ бағоят калон аст. Хирад

омили асосии таълиму тарбия ва тараннумгари ахлоқи инсоният аст ва дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI мавқеи асосиро ишғол намудааст.

Ташаккул ва ривоҷ ёфтани баҳсҳои ақлӣ, инкишофи хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ аз ҳимоя ва дастгирии донишмандони ин аҳд ба риштаи илм кашида шуда, ба таҳқиқ ниёзи бештар пайдо намуд.

Ба пуррагӣ метавон гуфт, ки дар асрҳои X-XI илму фарҳанг ба мақоми баланди рушди худ расида, мавзуи хирад дар адабиёти ин аҳд мавқеи калидиро ишғол намуда, роҳҳои инкишофи сирати миллӣ, тақвияти арзишҳои миллӣ ва маънавӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Маҳз аз таҳлили осори ин мутафаккирон бармеояд, ки хирад дар рушди сирати миллӣ нақши асосӣ дорад ва хирадмандон, омӯзгорон, падару модар такмилдиҳандаи он мебошанд ва хирад аз дониш маншаъ мегирад, рушди ҷомеа ба инкишофи донишу хирад вобастагии куллӣ дорад. Аз ин лиҳоз, мавриди истифода қарор додани хирадро дар ҳар як лаҳзаи зиндагӣ адибону мутафаккирони асрҳои X-XI ташвиқ намуда, осори онҳо бояд қутбнамои зиндагии мо бошад.

1.2. Табдили ақидаҳои педагогии тоисломӣ сарчашмаи асосии рушди ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик дар асрҳои X-XI

Дар раванди таҳқиқот ва ҳатто пеш аз он низ диққати моро масъалаи актуалие ба худ кашида буд: Оё то ислом қавмҳои ориётабор ба масъалаи рушди хирад, ҳамчун падидаи сирати миллӣ диққат дода бошанд? Оё ин масъала дар таълимоти динҳои тоисломӣ низ мавқеъ дошт ё не? Оё ақидаҳои педагогии тоисломӣ ҳақиқатан сарчашмаи асосии рушди ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик дар асрҳои X-XI маҳсуб мешаванд?

Бо ин мақсад боби фавқи рисолаи докториро ба мавзуи зикргардида бахшида, мехоҳем баъзе андешаҳои хешро, бо такя ба асосҳои илмиву таърихӣ оид ба бозкушоии ин масъала иброз намоям. Оид ба мавзуи зикргардида дар сарчашмаҳои куҳан, навиштаҳои аҳли илму адаб, муҳаққиқон баъзе маълумотҳо ва фикрҳои ҷудогона дучор меоянд, аммо

таҳқиқотҳои мушаххас оид ба ин мавзуъ анҷом дода нашуда, ба қавле: «Асрори нокушода, розҳои ногуфта зиёд аст» [197, с. 4]. Аз ин лиҳоз, дорои аҳаммият аст, ки ақидаҳои педагогиро оид ба рушди хирад барои ташаккули сирати миллӣ дар асарҳои тоисломии халқҳои сокини минтақаҳои Форсу Мовароуннаҳр мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Хирад (интеллект) - омили асосӣ барои банақшагирии ҳаёт, таҳияи нақшаи стратегии зиндагӣ ва дурнамои расидан ба мақсад аст. Хирад инсонро аз мавҷудоти дигар боло бардошта, ӯро «ашраф-ул-махлуқот» гардонида, боиси рушди ҷомеа ва тамаддуни ҷаҳон гардид.

Одатан хирад чун салоҳият бо роҳҳои мухталиф инкишоф меёбад ва дар инкишофи он усулҳои фаъол нақши калидӣ доранд, аз қабили: «ҷустуҷӯ, таҳқиқот, дарккунӣ, тафаккури интиқодӣ, таҳлилу муқоисакунӣ, фикрронӣ, истифодаи назария дар амал, такмили маҳорати касбӣ, истифодаи усулҳои фаъол ва замонавии таълим, табодули таҷриба, мантиқ ва ҳоказо» [89, с. 120] Ҳар яки ин салоҳият наметавонанд дар танҳоӣ рушд ёбанд ва хирад танзимкунандаи ташаккули онҳост. Маҳз дар ин фасли рисола нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ аз нигоҳи динҳои тоисломӣ, намояндагони асрҳои гуногун мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуд.

Қайд кардан муҳим аст, ки мақсуди мо аз таҳқиқ ва баррасии табдили ақидаҳои педагогии тоисломӣ сарчашмаи асосии рушди ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик дар асрҳои X-XI таблиғи ягон дин ё дигар динҳои тоисломӣ ва ё баъди ислом нест, балки мақсади асосӣ аз нишон додани асосҳои илмии ақидаҳои пешқадами динҳои тоисломӣ ва баъди он оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ва нақши ин ақидаҳо дар тарбияи насли наврас дар замони кунунӣ дар ҳамбастагӣ бо афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс мебошад ва тарғиби тарафҳои эътиқодии мардум мавзуи баҳси кори таҳқиқотии мо нест.

Мафҳуми «Худо» ва «дин» ва баҳсу гуфтугӯ дар Худои ҷаҳон бастагие ба тамоюлоти зотиву фитрии башар доштааст» [27, с. 100]. Ин суханон аз он шаҳодат медиҳанд, ки башари аввалия бо таваҷҷуҳ ва рӯбарӯ шудан ба

падидаҳое ба мисли маргу беморӣ ва ё офатҳои табиӣ: зилзила, тӯфон, барфу борон, селу чарха ва пайдоиши мавҷудоти зиндаи рӯйи замин ва амсоли инҳо бар он ақида будаанд, ки мофавқи ин ҳодисаҳо ва ашё мавҷуде ба номи Худо аст. Чун онҳо аз хосияту таъсири ашё беиттилоъ буданд, ягонагии Худоро дарк намекарданд.

Ин ақидаҳо пажуҳишҳои муҳаққиқонро тақвият мебахшанд, ки одамони қадим дар аввали пайдоиш ба динҳои мухталиф гаравида, ба ҳар чиз эътиқод мебастанд. Муҳаққиқони олам бар он назаранд, ки тақрибан 40-35 ҳазор сол қабл аз ин навъи имрӯзаи авлоди башар ташаккул ёфт ва дар таърих ин авлод ба номи «Инсони мутафаккир» машҳур аст. Ин ақидаро М. Ҳазратқулов низ дар китоби худ «Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ» тасдиқ мекунад [291, с. 140]. Одамони қадим дар аҳди палеолит дар шакли қабила ҳаёт ба сар мебурданд ва минбаъд бо пешрафт ва тараққиёти зиндагӣ ҷамъиятро ташкил намудаанд. Онҳо ба меҳнат машғул гардида, аз ҳисоби заҳмати хеш рӯзиро ба даст меоварданд ва ҳамзамон дар онҳо тасаввурот оид ба дину оин арзи вуҷуд намуд: «Пайдоиши тасаввуроти динӣ ба ҳамон дараҷаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ рост меояд, ки дар он на фақат тафриба, балки қобилияти фикрии инсон пайдо шуда, ҷиҳатҳои антропологию физиологӣ ва системаи биологию психологии ӯ инкишоф ёфтааст» [36, с. 4].

Онҳо аз рӯйи тахайюлот ҳодисаҳои ҷамъиятиро дарк мекарданд, вале барои дарки воқеаву ҳодисаҳои ҷамъиятӣ дар онҳо ягон қоида вуҷуд надошт. Олимон исбот намудаанд, ки тақрибан дар ҳамин солҳо динҳои тотемистию анемистӣ пайдо шудаанд ва пайравони адёни мухталиф ба ҳар чиз эътиқод мебастанд. Аммо ақидаҳои пайравони динҳои тоисломӣ ва махсусан, ақидаҳои онҳо оид ба рушди хирад ва ташаккули сирати миллӣ гуногун будаанд. Агар ба Авасто, ки қадимтарин осори муштараки фарҳанги ориёнажоддон ва маҷмуаи ақлонии муқаддаси Зардуштиён мебошад, назар андозем, ақидаҳои зиёдро роҷеъ ба хирад ва ташаккули он дармеёбем. Ин китобро сарчашмаи асосии ташаккули хирад ном бурдан бамавқеъ аст, зеро асосан Авасто ситоишгари хирад буда, роҳҳои ташаккули онро низ нишон

медиҳад. Ба унвони мисол, дар қисмати Готҳо (Гоҳон) омадааст: «Хирадманд онҳоро андарз дод, ки ба Маниши нек, кор кунанд ва огоҳ бошанд, ки Спандармад сарчашмаи ростини Аша аст....» [123, с. 26]. Дар ин иқтибос мо ба калимаҳои «хирадманд», «нек» ва ибораҳои «огоҳ бошанд», «сарчашмаи ростин» [123, с. 26] рӯбарӯ мешавем, ки ҳар яки ин мафҳумҳо дар кушодани гиреҳи мавзуъ ва таҳқиқи ақидаҳои педагогӣ дар оини Зардуштӣ нақши назаррас доранд. Аз ин баён хуб равшан аст, ки мардуми ориёнажод аз қадим дар ҳамаи кор ба хирад такя мекарданд ва хирадмандонро гӯш мекарданд. Ин чиз хоси пайравони адёни мухталифи тоисломӣ, аз ҷумла зардуштиён низ буд. Хирадмандон онҳоро ба некукорӣ, ростиву дурусткорӣ даъват карда, дар тамоми ҳаёт аз пастиву баландӣ, хатару офот огоҳ буданро таблиғ мекарданд.

Дар ҳамаи давру замон афроди роҳгумкарда, ки аз роҳи рост дур мешуданд, зиёд буданд. Дар замони Зардушт низ, новобаста аз он ки пайравони хешро ба роҳи рост ҳидоят мекард, «омӯзгороне» низ пайдо мешуданд, ки шӯру фитнаро дар байни пайравони ростин андохта, онҳоро аз роҳи рост дур меандохтанд. Дар Готҳо омадааст: «Мабод, ки омӯзгори бад дигарбора зиндагии (шуморо)-ро табоҳ кунад (ва) дурванд ба забони худ бо дужбовариаш шуморо ба гумроҳӣ бикашонад» [288, с. 12]. Бархе аз пайравони роҳбарони ростин динро ба фоидаи хеш истифода бурда, аз дониши кам доштани баъзе аз пайравон истифода намуда, онҳоро аз роҳи рост дур месохтанд ва аз ин манфиат доштанд. Масалан, Фариди Ваҷдӣ меорад: «Таърих нишон медиҳад, ки пас аз даргузаштани паёмбарони ростин ва ё дар даврони ғайбати онҳо, гурӯҳе аз пайравони вай бар асари иғвои залолатгарон ба бутпарастӣ рӯй оварда, тавҳид ва ягонапарастиро, ки мақсади асосӣ барои фиристодаи паёмбарон аст, тарк мегуфтанд» [59, с. 84]. Бояд қайд кард, ки чунин афрод на динро дар ҳақиқат пайравӣ мекарданд ва на манфиати ҷомеа барои онҳо муҳим буд. Барои онҳо ба даст овардани фоида аз ҳама муҳим буд, вале ин манфиатҷӯйии онҳо бар зарари мардум буд. Агар ин «омӯзгори бад» [123, с. 12] дар ҳақиқат пайрави дини пешқадам мебуд ва ё ба манфиати мардум кор мекард, ҳаргиз ба иғвоангезиву

парокандасозии мардум даст намезад ва баръакс суботи ҷомеаро таъмин мекард.

Олимон, таърихнигорон, файласуфон роҷеъ ба мавҷуд будани динҳо пеш аз оини Зардуштӣ таҳқиқотҳо анҷом додаанд, вале ин масъала то ҳол хулосаи худро доро нест. Аз ҷумла, уламо дар осори таърихиву фалсафии солҳои охир арзи вуҷуд кардани се навъ аз он адёни қадимаи ориёӣ: Меҳрпарастӣ, Зарвония ва Зардуштияро баррасӣ менамоянд. Олим Варқа Охонниёзов менигорад: «Файласуфи тоҷик М. Ҳазратқулов Меҳрпарастиро «яке аз динҳои куҳани ориёӣ» [136, с. 130] ва Меҳрро «яке аз худоёни муштараки ҳиндуэронӣ [136, с. 130], Худои равшаноӣ ва ҳофизи назму низоми ҷаҳон, пуштибони ҳақиқат, танзимкунандаи муоҳида ва аҳду паймон ва нигаҳбони тамоми ҷаҳон» муаррифӣ мекунад» [291, с. 13].

Аз таҳлили афкор ва таҳқиқоти М. Ҳазратқулов, ки В. Охонниёзов онро иқтибос овардааст, муайян мегардад, ки Меҳр дар эътиқоди пайравони хеш на Хуршед, балки мурофиб, нурдиҳанда, бениёз, Худои равшаноӣ ва танзимгари назму низоми ҷаҳон мебошад.

Яке аз динҳои дигари қадима кеш ё дини Зарвония буд: «Кеши Зарвонияро низ уламо яке аз динҳои қадимаи ориёӣ меҳисобанд ва бар он ақидаанд, ки ин дин дар асрҳои шаш ва ё пеш аз он арзи вуҷуд намудааст ва дар аҳди Модҳо ва Ҳахоманишиён дубора эҳё шудааст» [42, с. 93]. Пайравони ин дин аз забони муғҳо назару афкори ин динро баён мекарданд ва онҳо низ ба мавҷуд будани Худои некӣ (қувваи некӣ) ва деви бадкор (қувваи бадӣ) эътиқод доштанд. Муҳаққиқи рус А.А. Семёнов менависад: «Муғҳо аз мавҷудоте суҳбат мекунанд, баъзе онро фазо ва баъзе онро замон меноманд ва ҳар вуҷуди қобили ламсе дар он мустаҳил аст. Аз батни ин мавҷуд Худои некӣ ва деви бадкор баромадаанд, ки иддае онро нуру торикӣ меноманд» [158, с. 259].

Файласуф Абусаид Шохуморов низ оид ба масъалаи дини ориёӣ дар мақолаи «Дини ориёӣ-гармонияи ду олам» афкори назар намуда, қайд

мекунад: «Кеши ориёӣ ин кеши оташпарастӣ буд ва то зуҳури Зардушт вуҷуд дошт» [158, с. 87].

Эътироф ва парастиши Худои асосии ориёиҳо – Аҳура Маздо рукни асосии дини оташпарастон буд. Пайравони кеши ориёӣ эътиқод бар он доштанд, ки Аҳура Маздо маъбуди оливу мутлақ буда, аз сурату шакл орӣ мебошад. Ӯ воҳиди донистанашаванда аст, инъикоси моддии ӯ дар нурҳои осмонӣ – Офтобу Моҳтоб мебошад.

Аз таҳлилҳои боло собит мегардад, ки аввал будани кадоме аз ин эътиқодот: меҳр ё оташ ҳанӯз ҳам мушаххас нест, аммо барои таҳқиқи ақидаҳои педагогии динҳои тоисломӣ то андозае мавод дастраси мо гардид.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки таълиму тарбия дар динҳои қадим, дини ориёӣ, ки пеш аз оини Зардуштӣ арзи вуҷуд кардааст, нақши назаррас доштааст. Тавассути эътиқоди хеш ба ориёни қадим гузидани роҳи ростро, бо такя ба пайравӣ аз Худоёни ростин тарғиб мекарданд ва низ таълим медоданд, ки қувваҳои зид низ ҳама вақт вуҷуд доранд: «Инсонро бохирад будан лозим, то аз ин қувваҳо худро дур гирад» [122, с. 36] ва огоҳ будан лозим, ки ин қувва метавонад пайравонро аз Худои ростин дур намуда, ҳамзамон, дар зиндагӣ сарсону саргардон намояд.

Истифодаи вожаҳои «нур» ва «торикӣ» дар таълимоти пайравони дини ориёӣ, ба ғайр аз эътиқод ва мафкураи динӣ доштанаш хусусияти тарбиявӣ дошт. Яъне истифода аз ақл, рафтору кирдори нек, ростиву дурусткорӣ, ба ҷо овардани эҳтиром, андӯхтани дониш, ташаккул бахшидани сирати миллӣ хислатҳои накуи инсонӣ буда, чун нур роҳи ҳаёти инсонро равшан мекунанд. Одатҳои бад мутазоди хислатҳои дар боло баёншуда, торикиро дар ҳаёти одам ҳукмфармо мекунанд ва ашхоси соҳиби чунин рафтор роҳгумзада мемонанд. Дар замони кунунии босуръат тағйирёбанда, ҷиҳати равнақ бахшидани таълиму тарбия ҷалби хонандагон ба омӯзиши ғояҳои таълимиву тарбиявии ин динҳо низ мақсаднок аст, зеро ақидаҳои пешқадам дар ин ғояҳо зиёданд ва дар доираи таҳлили муқоисавӣ метавон аз ин нуктаҳо баҳраи асосӣ бардошт.

Бо пешрафти ҳаёт, инкишофи илму маданият, беҳтар гардидани ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мардум тамаддуни онҳо низ инкишоф меёфт. Бо инкишоф ёфтани тамаддун таълиму тарбия рушд меёфт: «Инкишофи минбаъдаи тамаддун нишон медиҳад, ки динҳои сомӣ аз қабили яҳудия ва насрония аз динҳои тоисломии зинда мебошанд, ки аз ҷиҳати сарчашмаву ақидаи худ ба дини ислом низ умумият доранд. Яке аз умумияти ин динҳо тарғибу ташвиқи таълиму тарбия мебошад» [36, с. 4]. Бояд қайд кард, ки на танҳо тарғибу ташвиқи кори таълиму тарбия дар таълимгоҳҳо пеш аз нузули дини ислом ҷорӣ буд, балки ба он диққати таваҷҷуҳи асосӣ равона карда мешуд ва ислом дар такмили таълиму ахлоқ ва тамаддун нақши бориз гузошт: «Тарғибу ташвиқи кори таълиму тарбия дар таълимгоҳҳо пеш аз нузули дини ислом ҷорӣ буд ва ба он диққати ҷиддӣ дода мешуд [36, с. 4].

Муҳаққиқон А. Турсунов ва З. Сафо низ бар онанд, ки дар адабиёти илмии Ғарб таълиму тарбияи тоисломӣ дар Эрон мавқеи асосиро касб кардааст. Чун сухан аз нашъунамои илму фалсафаи халқҳои эронинажод меравад, аввал онро ҳамчун шуълаи ногаҳонии камолоти ақлии мусалмонон ба қалам медиҳанд. Ва баъдан омилҳои беруна (баста ёфтани фарҳанги Юнон ва ҳатто дини Ислом)-ро заминаи асосии падидаи зикршуда маънидод мекунанд. Мусташриқони аврупоию америкоӣ низ бар ин ақидаанд, ки заминаи маънавии мардуми эронинажод аз қадим мустаҳкам буд, ки маънавиёти минбаъдаи мардуми Форсу Моваруннаҳр аз он сарчашма гирифтааст. Дар асоси нигоштаҳои мутафаккирони болозикр миллати Эрон то таъсису равнақи давлати Сосониён аз тараққиёте дар илму маърифат бархурдор шуда буд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки табодул байни динҳои тоисломӣ ва дунё мақсаднок ба роҳ монда шуда, барои ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ва пешрафти кори таълиму тарбия замина мегузошт.

Дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ дини тоисломии зардуштӣ низ нақши намоён дошт: «Дини Зардуштӣ яке аз динҳои маъмул ва густурдаи динҳои тоисломӣ мебошад. Ин дин қадимтарин буда, пайравони зиёд доштааст ва то ҷое, ки иттилоъ дорем, ин дин пешқадам буд ва он дар асри X

ва баъд аз он низ арзи вуҷуд доштааст [26, с. 2]. В. Бартолд қайд мекунад, ки пайравони дини зикршуда дар кишварҳои Осиёи Миёна дар асри X низ зиндагонӣ мекарданд. Масалан, ӯ овардааст: «Дар қарни X ба ғайр аз яҳудиён, ки имрӯз ҳам ҳастанд, обшинаҳои зардуштӣ (муғон) насрониён ва ҷамъияти начандон калони монавиён дар Самарқанд зиндагӣ мекарданд» [120, с. 40].

Дар бораи қадим будани ин дин омадааст: «Се ҳазору ҳафтсаду сӣ солу анде пеш дар ҷаҳон покмарде бархост ва Худои яктову беҳамто, донову тавоно, офаридагору парвардигор, додгару додгустар, дӯсту дӯстдор, меҳрубону меҳрафзоро шиносанд» ва «Номаш Зартушт, фарзанди Дуғд ва Пурошасб аст...» [122, с. 3]. Зароштш дар давроне ба тарғибу дини яккахудоӣ шуруъ карда буд, ки сарзамини Осиёи Миёна ва Хуросон марҳилаи гузариш аз ҳаёти патриархалӣ-обшинагӣ ба ҷамъияти синфии ғуломдориро аз сар мегузаронд. Вазъияти иқтисодии ин давра боиси нигаронӣ буда, норозигиҳои аҳолиро ба бор оварда буд. Барои ба эътидол овардани чунин вазъият Зароштш ҳамдинону ҳамқабилаҳои худро барои ташкил намудани иттиҳоди пуриқтидори сиёсӣ даъват менамуд. Зароштш таълим медод, ки парешонӣ саддест дар роҳи ба даст овардани пирӯзӣ ва иттиҳоду иттифоқ баракатест, ки бо шарофати он пирӯзӣ ба даст меояд ва пайравонаш ба гуфтаҳои ӯ гӯш медоданду амал мекарданд: «Пайравони ин кеш ба паёмбари худ Зардушт эътиқоди қавӣ дошта, аз таълимоти ӯ пайравӣ менамуданд ва зардуштиён Зардуштро маҳз барои он ситоиш мекарданд, ки дар андеша, кирдор, гуфтор савол додану ҷавоб гардондан пирӯз буданд. Саволу ҷавоб худ баҳсу мунозира аст, ки бо ҷамъ намудани ақидаву фикри дигарон асос ёфта, сифати таълимро баланд мебардорад ва тафаккури инсонро инкишоф медиҳад. Асарҳои тоисломӣ низ ин усулҳои таълимро мепарастиданд» [112, с. 21]. Аз сарчашмаҳои илмӣ маълум аст, зардуштиён китоби муқаддас бо номи Авасто доштанд, ки қадимтарин осори муштараки фарҳанги ориёнажоддон ва маҷмуаи ақлонии муқаддаси Зардуштиён мебошад. Дастовардҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки Авасто бо забони паҳлавӣ навишта шуда, шаш бахши

он то замони мо омада расиданд: Гоҳон (Готҳо), Ясна, Яштҳо, Виспарад, Хурд-Авасто ва Вандидод. Дар ҳамаи бахшҳои ин китоб Зардушт паёмҳои худро ба пайравони хеш иброз менамояд, ки мавзуъҳои мухталифро дар бар мегиранд ва андешаи хирад аз ҷумлаи онҳост. Дар асоси нишондоди таҳқиқотҳои илмӣ Авасто нахустуни сарчашмаест, ки масъалаи хирад дар он ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст ва ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ низ ишораҳои зиёд карда шудаанд.

Вожаи хирад дар Авасто-храту муродифи вожаи «доноӣ», «фарзонагӣ» ва ё «ҳуш» буда, дар осори зардуштӣ вижагии хосро дорад. Дар суннати хаттии зардуштӣ хирад яке аз падидаҳои неки Офаридагор нисбат ба Офаринанда маънидод карда мешавад. Дар маҷмуъ, ин вожаҳо дар шакли «минуи хирад», «минуви хирад» ва ё «ҷони хирад» ба кор гирифта шудаанд.

Дар бахши Готҳо («Сурудҳои пок») Зардушт паёми худро дар шакли суруд ба пайравон таълим медод ва А. Ҷаъфарӣ дар ин бора овардааст: «Зартушт паёми худро дар 241 банд суруд» ва «Ин 241 банд дар ҳафдаҳ суруд омадаанд ва он ҳафдаҳ суруд дар панҷ сангу оҳанг ороста шудаанд» [123, с. 3]. Мо дар ин кори таҳқиқотӣ овардани номи ин сурудҳоро зарур намедонем, зеро дар сарчашмаҳои зиёд номи онҳо сабт ва шарҳу тафсир ёфтааст. Аммо омӯзиш ва таҳлили ин сурудҳо собит менамояд, ки саропо тарғибгари рушди хирадии афзоянда, ташаккули сирати миллӣ, таълиму тарбия, некиву некукорӣ, роҳнамоӣ, касбу кор, ислоҳоту навсозӣ, худшиносиву худошиносӣ, душвориҳо дар кору фаъолият, чорасозӣ ва ҳалли ин мушкилиҳо, ростиву росткорӣ ва пирӯзӣ бар дурӯғу каҷрафторӣ, розу ниёз бо Худо, расидан ба мақсаду орзу мебошанд. Ҳамаи ин баёнҳоро хирад танзим мекунаду хамоҳанг месозад ва хирад низ ташаккул меёбад.

Суруди 12-уми Готҳо бо номи «Хирадии афзоянда» пурра тарғибгари ташаккули хирад мебошад ва дар дигар сурудҳо низ ақидаҳо оид ба ташаккули хирад баён ёфтаанд. Готҳо сурудҳоеанд, ки ҳам тоату ибодат ба даргоҳи Худо буда ва ҳам барои мардум оини равиши зиндагиву раҳнамоӣ мебошанд. Тазаккур бояд дод, ки тарғиби тоату ибодат дар Авасто ва

ақидаҳои динҳои дигари тоисломӣ низ мақсади тарбиявӣ дорад ва ақидаҳои шахшударо маҳкум мекунад.

Мусаллам аст, ки дар ҳамаи давру замон қувваҳои ба ҳам зид, қувваи некӣ ва бадӣ арзи вуҷуд доштаанд ва ин падидаро барҳам додан имконнопазир аст. Аммо барои ғолиб гардидани некӣ бар бадӣ, ташаккул додани сирати миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ роҳҳои зиёд мавҷуданд. Дар аҳди Зардушт низ, новобаста аз он ки дар ҳидоят кардани пайравони хеш ба роҳи рост, ки роҳнамои он хирад аст, саъю талошҳои зиёд меварзид, «омӯзгорон»-и хилофи таълим низ кам набуданд, ки дар боло аз Готҳо мисол оварда шуд, Зардушт пайравони хешро пайваста таъкид мекард: «Мабодо омӯзгори бад ... шуморо ба гумроҳӣ бикашонад» [62, с. 12].

Мо аз ин баёнҳо мафҳуму ақидаҳои дигарро низ пайдо намудем. Ин ғояҳо на танҳо маънои пайравӣ кардан аз дину оинро доранд, балки онҳо хусусиятҳои таълимиву тарбиявӣ доранд, ки дар тарбияи ахлоқии насли навраси замони муосир мавқеи намоёнро ишғол карда метавонанд. Аслан дар ақидаҳои боло сухан аз таъсири муҳит меравад ва ин дар замони кунунӣ басо ҳассос аст. Имрӯз чунин «омӯзгорон» дар ҳамаи самтҳои ҳаёт зиёду фаъоланд, ки насли наврасу ҷавонро ба доми фиреб кашида, онҳоро ба қонуншиканиву корҳои мардумфиребӣ, авбошӣ, дур сохтан аз китобхониву илмомӯзӣ ҷалб мекунанд ва оқибати ҳаёти онҳо нангин мегардад. Истифодаи ин ғояҳои тарбиявию ахлоқӣ дар чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ дар тақвияти таълиму тарбия мусоидат менамояд. Омӯзгор метавонад ба усулҳои фаъоли таълим такя намуда, хонандагонро ба корҳои таҳқиқотӣ ҷалб намояд. Масалан, мавзуъҳои таҳқиқотӣ метавонанд чунин бошанд: «Таҳлили муқоисавии ғояҳои тарбиявии оини Зардуштӣ ва шуарои адабиёти классикии тоҷик», «Адешаҳои ахлоқӣ дар таълимоти Зардушт ва нақши онҳо дар ташаккули сирати миллӣ дар замони муосир» «Инъикоси усулҳои ташаккули хирад дар асарҳои тоисломӣ», «Ҳамбастагии ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва таълимоти Зардушт» ва амсоли инҳо. Хонандагон

таҳқиқотҳои мухтасарро анҷом медиҳанд, оид ба масъалаи таълиму тарбия дар динҳои пешазисломӣ маълумотҳо пайдо менамоянд ва роҳҳои амалӣ намудани ин ғояҳоро дар ҳаёти хеш баррасӣ ва пешниҳод менамоянд.

Зардушт дар аксарияти сурудҳояш аз таълиму тарбия ҳарф мезанад. Ӯ мақоми инсонро аз ҳама чиз волотару болотар дониста, ташаккули хирадро барои дарёфти роҳи рости зиндагӣ ва пешрафти ҷомеа тарғиб мекунад. Ҷ. Азимпур менигорад: «… муфассири Готҳо Ҳошими Разӣ муътақид аст, ки «шарофату асолати одамӣ дар ҳамаи қуруну аъсор инчунин мавриди эътинову эътимоди андешаманде набудааст, ки дар таълимоти Зартушт»» [372, с. 122]. Дар асоси таълимоти Зардушт касе, ки мувофиқи хиради афзоянда, аз рӯйи ростиву дурустӣ, андеша, рафтору кирдори худро ба беҳтарин роҳу шева анҷом медиҳад, ҳам азизи Худо ва ҳам мақбули мардум мегардад.

Зардушт дар таълимоти хеш дар анҷоми кор андеша кардану дарёфти роҳи беҳтарини расидан ба мақсадро баррасӣ мекунад, ки ин дар сирати миллии халқи ориётабор нақши асосӣ дорад. Дар ин замина ташаккули хирад муҳим аст, зеро андешидан ва дарёфти роҳро хирад таъмин мекунад. Дар суруди дувоздаҳуми Готҳо - Спента минуйи (Хирадӣ афзоянда) омадааст: «Он кас, ки беҳтарин баҳраро аз афзояндатарин хирад мебарад, ки аз забони худ суханоне мегӯяд, ки аз маниши нек бармеоянд ва ба дастҳои худ корҳое анҷом медиҳад, ки дар оромиш анҷом мегиранд, зеро ӯ дар андешаи худ танҳо Худои Доноро офаринанда ва парварандаи Ростӣ медонад» [372, с. 61]. Дар ин суруди Готҳо баёнҳои «гирифтани беҳтарин баҳра аз афзояндатарин хирад» [372, с. 210], «сухан гуфтан» [372, с. 210], «анҷоми корҳо ба дастони худ» [372, с. 210], «оромиш» [372, с. 210] баён ёфтаанд, ки афкори педагогӣ буда, инстифодаи хирад дар ҳамаи корҳо ва ташаккули онро тараннум мекунанд. Хирадро маҳз барои он Худо ато кардааст, ки одамон онро рушду афзоиш дода, аз он баҳраҳои беҳтаринро гиранд, дастовардҳои нақибро ба даст оранд, сухандониву сухангӯйиро ёд гиранд ва бо дастони хеш корҳои зиёдро анҷом дода, натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оранд. Дар педагогикаи муосир ин фаъолиятҳоро салоҳият меноманд ва анҷом додани чунин фаъо-

лиятҳо рушди салоҳиятҳо мебошад. Афроде, ки пайваста ба омӯзиш машғул мешаванд, салоҳияти сухандониву муошират хешро сайқал медиҳанд, фаъолиятҳои зиёдро иҷро мекунанд, хираду хешро рушд дода, дар масири муносибати босалоҳият ба таълим гомҳои устувор мегузоранд ва натиҷаҳои назаррасу дилхоҳро ба даст меоранд. Боиси пешрафти таълиму тарбия аст, агар омӯзгор ба рушди ин салоҳиятҳо диққати асосӣ равона намояд.

Чунин ақидаҳо дар достони «Минуи хирад» (ва ё қазовати руҳи ақл) низ зиёданд. Дар асоси дастовардҳои илмӣ маълум аст, ки ин достон яке аз навиштаҳои ҷолиби адабиёти паҳлавӣ буда, дар он афкори фалсафӣ ва диниву асотирӣ якҷо бо мавзуоти дигари мардум бо ҷаҳоншиносии зардуштӣ баррасӣ гардидаанд. Дар оғози достони «Минуи хирад» бузургӣ ва мартабаи хирад ва аҳаммияти он барои осоиши тану ҷон дар ҳар ду олам тавсиф гардидааст. Арзишҳои дигари хирад, чун арзишҳои хираду зотӣ ва хираду омӯзишӣ дар осори дигари паҳлавӣ, бахусус андарзномаҳо ҷо-ҷо тавсиф карда шудааст.

Нависандаи ин достон дар пешгуфтор аз забони шахси сеюм сухан гуфта, ҳамчун шахси тахайюлӣ ба номи «Доно» аз «Минуи хирад» пурсишҳо кардаву посухҳо хостааст. Дар ин пешгуфтор қайд гардидааст, ки «Доно» ба хостории хирад кишвар ба кишвар, минтақа ба минтақа рафта, бо мардумони донои кешҳову гаровишҳои мухталиф суҳбату нишастҳо доир намудааст. Пас аз ин пажуҳишҳо вай ба хулоса меояд, ки аз ҳама некиҳо дар поиши ҷисму руҳ хирад беҳтару бартар буда, ҷаҳонро бо истифодаи моҳиронаи он идора метавон кард. Масалан, дар саволи сеюм омадааст: «Пурсид доно аз Минуи хирад, ки хирад беҳтар аст ё ҳунар? Минуи хирад посух кард, ки хираде, ки ба он некӣ нест, онро хирад набояд донист. Ва ҳунаре, ки бо он хирад нест, онро ҳунар набояд донист» [212, с. 130]. Пас қайд кардан асоснок аст, ки пайравони Зардушт хираду ҳунар ва рафтори ростро аз ҳам ҷудо намекарданд. Афроде, ки худро хирадманд медонанд ва ин хирадро дар амал татбиқ намекунанд, бар асоси меъёрҳои хирад рафтор накардаанд, хирадманд маҳсуб намешаванд. Ва касе, ки ҳунарманд хонда мешавад, вале дар ҳунари ӯ

нишонаи хирад дида намешавад, ҳунарманд нест. Аз ин ҷо бармеояд: «Дар раванди тарбия омӯзгор набояд ба ғанӣ намудани шогирдон ба дониши назариявии зиёд оид ба рушди хирад ва дигар паҳлуҳои зиндагӣ кӯшиш намояд, балки онҳоро ба дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифта роҳнамоӣ кунад [112, с. 7].

Дар саволи 46-уми ин достон низ омадааст, ки доно аз Минуи хирад пурсид, ки чист он чизе, ки аз ҳар дороӣ бартар аст? Ҷавоб он буд, ки хирад аст. Пас ҳеҷ тавоноие ба хирад баробар шудан наметавонад, зеро ҳама чизро харидану ба даст овардан мумкин аст, вале хирадро дар ҳеҷ куҷо намефурӯшанд, барои он арзише ба ҷуз амал муқаррар нашудааст, чун хирад дар вуҷуди инсон буда, ташаккул мехоҳад. Пас омӯзгорро лозим будааст, ки ҷаҳони маънавии хонандагонро васеъ намояд, то ки дар зиндагии хеш дар ҳамаи самтҳо тавонгар бошанд. Дар ҷавоб ба саволи 34-уми достони мазкур низ омадааст, ки мардумеро, ки бо хирад комил аст, метавон тавонгар пиндошт.

Зардушт пайравони хешро таълим медод, ки ҳаёти моддӣ бе ҳаёти маънавӣ ё ҳаёти ҷисмонӣ бе ҳаёти руҳонӣ мавҷуд будан наметавонад. Ба омӯзиши олам ва ба даст овардани тавоноӣ бо василаи хирад машғул бояд шуд. Аммо набояд рушди олами руҳӣ ё маънавӣ ба фаромӯш супурда шавад. Ҷисм чӣ гуна метавонад, ки бе руҳ ва руҳ дар олами ҳастӣ бе ҷисм мавҷуд бошад? Дар саволи 29 омадааст: «Пурсид доно аз минуи хирад, ки кадом зиндагӣ бадтар ва аз нигоҳи хирад, ки нописандидатар аст? Минуи хирад посух кард, ки зиндагонии касе бадтар (аст), ки бо биму гуфтори дурӯғ бизист. Ва аз нигоҳи хирад касе нописандидатар (аст), ки ба Мину нагаравад ва гетиро биорояд» [212, с. 142].

Аз суханони боло аён мегардад, ки мардуми ориётабор ба таълиму тарбияи фарзанд, ташаккули хирад ва сирати миллӣ диққати асосӣ медод. Геродот нигоштааст, ки эроннинажодҳо аз фарзандони худ талаб мекарданд, ки дар таълим ва эътиқоди динӣ аз онҳо беҳтар ва ифтихори авлоду аҷдоди хеш бошанд. Аз Аҳурамаздо низ онро дархост менамуданд, ки ба онҳо

фарзанди оқилу доно ва накукирдор, барои пешрафти ҷомеа содиқ, ба вазифаи худ пурмасъул ва ҳоказо ато намояд. Чун соҳиби фарзанд мешуданд, аз хурдсолӣ ба таълиму тарбияи ӯ шуруъ мекарданд. Дар Авасто омадааст: «... эй мардум, бархезед ва ростиву дурустиро биситоед, деви танбалиро аз худ дур кунед, он деве, ки мехоҳад шуморо ба хоб бибарад» [294, с. 46]. Муаррихи юнонӣ Страбон низ ин ақидаҳоро тасдиқ карда мегӯяд, ки эрониёни қадим пеш аз тулуи офтоб кӯдакони худро бедор мекарданд. Таҳлилҳо собит намуданд, ки динеро, ки гузаштагони ориёӣ пайравӣ мекарданд, дини пешқадам буд, дурусттараш онро худ пешқадам мегардонданд, дини ақидаҳои фаъол, бо зиндагии дунявӣ тавъам, нишондиҳандаи роҳи рост, дине, ки дар баробари маърифат ва хирад истодааст: «Дине, ки дар тарбияи инсон дар руҳияи арзишҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад ва дар пешрафти ҳаёти маънавӣ, иқтисодиву иҷтимоии мардум нақши асосӣ дорад, дини онҳо буд» [38, с. 10]. Аз таҳқиқи ақидаҳои динҳои тоисломӣ ва ҳам ислом маълум мегардад, ки субҳ барвақт хестан аз хоб ва бедор кардани фарзандон дар аксарияти динҳо ба ҳукми анъана даромада буд. Ин оин чанд хусусиятро доро мебошад, ки ақидаҳои овардаи зер аз ҷумлаи онҳо мебошанд:

- Дар асоси эътиқоди динӣ субҳ барвақт малоикону фариштагони олами боло ба қисмат намудани ризқу рӯзӣ мепардозанд. Ононе, ки дар ин вақт бедор буда, ба зикру тоат машғуланд, аз ин неъмат бархурдор мегарданд;

- субҳ барвақт бедор намудани фарзандон аз хоб, расидан ба қадри вақт ва моҳирона истифода намудани вақт, умри азизи хеш буд, ки вақту умри инсон нотакрору барнагарданда аст ва он бояд мақсаднок истифода гардад;

- аз субҳхезон хосияти танбалӣ дур мегардад ва ба кору кирдори хона машғул мешаванд, шахсони фаъолу пешқадам мегарданд;

- ҷанбаи дигари педагогии ин оин он аст, ки субҳ барвақт одам чизи мехондагиашро тез ҳифз мекунад ва хотираи одам дар ин вақт қавитар аст, нисбат ба лаҳзаҳои дигари шабонарӯзӣ.

Пас метавон хулоса намуд, ки дини зардуштӣ дини пешқадам буда, табодули байни дину дунёро хуб роҳандозӣ намудааст, зеро иҷрои фароизу суннатҳои динӣ ба фоидаи ҳам олами маънавӣ ва ҳам ҷисмонӣ ва кори дунё низ ба манфиати дину дунё буд. Пайравони Зардушт ҳар як лаҳзаи вақти умрашонро самаранок истифода мебурданд. Имрӯз ҳам ин анъанаро давом додан аз аҳаммият холӣ нест. Дар замони кунунӣ баръакс пурхуфтан ба ҳукми анъана даромада, наврасону ҷавонон ба дарозхобӣ машғул мебошанд ва аз омӯзишу фаъолиятҳои рӯзгор қафо мемонанд. Ба китобхониву омӯзиши панду насиҳатҳои судманди динҳои тоисломӣ, исломиву ақидаҳои педагогии мутафаккирони адабиёти тоҷик ҷалб намудани онҳо аз аҳаммият холӣ нест, то ки ба ҷойи хоб кардан ба омӯзиш машғул гарданд.

Расму оини динҳои тоисломӣ саросар таблиғгари тарбия ва ахлоқи нек буд ва маҳз барои ҳамин то кунун афкори тарбиявию педагогӣ ва динии онҳо мавқеи худро аз даст надодааст. Андарзҳои бузургони ориётабор далели ин фикранд. Дар яке аз андарзҳои Хусрави Қаводон қайд гардидааст: «Аз ман росткорӣ хоҳанд ва вазифаи доноён омӯзиши хирад ва пиростани хӯ (аст)» [212, с. 179].

Аслан хирад чизе нест, «... ки худ вуҷуд дошта, ба чизе ниёз надошта бошад, он ташаккулёбандаву афзоянда аст» [26, с. 8]. Аз нн рӯ, мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс роҳҳои зиёди ташаккули хирадро нишон додаанд ва дар ин рисола роҳҳои асосии ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ таҳқиқ ва асоснок карда шудаанд.

1.3. Нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба хирад ва сирати миллӣ дар тарбияи фарзанд

Яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, ки боиси рушди босуботи ҷомеа ва баланд гардидани шаъну шараф ва манзалати падару модар мегардад, ин тарбияи миллӣ, ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мебошад. Тарбияи миллӣ дар замони кунунӣ боз ҳам ҳассостару муҳимтар гардидааст ва дар ин бора дар боби 4 Консепсияи миллии тарбия омадааст: «Тарбияи

миллӣ ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъаноти арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад» [18, с. 6].

Тарбияи хуб додан ба фарзанд дар асоси истифодаи хирад яке аз анъанаҳои хеле қадимаи мардуми ориётабор аст, ки ҳанӯз аз асрҳои III-VIII мақому манзалати махсусро касб карда буд. Ниёгони мардуми тоҷик ба масъалаи ахлоқи нек, ҳусни одоб таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намуда, дар вуҷуди фарзандон парвариш намудани хислатҳои хуби инсониро вазифаи аввалиндараҷаи хеш меҳисобиданд. Намояндагони адабиёти асрҳои X-XI низ анъанаи неки ниёгонро идома бахшида, дар осори худ ба тарзи одоб, ахлоқи намунавӣ, рушди сирати миллӣ диққати асосӣ равона намуда, нақши хирадро дар тарбия аввалиндараҷа медонистанд. Ба қавли мутафаккирони асрҳои X-XI ниёгон дар ташаккули сирати миллӣ, рафтору амал, ахлоқи намунавӣ як модели бузург ва мактаби зиндаи ҳаёт барои фарзандон буданд ва камол ёфтан дар чунин муҳити муносиб боиси ташаккули ахлоқи ҳамидаи фарзандони онҳо мегардид. Ҳамзамон, фарзандонро панд медоданд, насиҳат мекарданд ва тавонистанд, ки дар кори тарбия муваффақ гарданд. Барои далели фикр назари кутоҳ ба ҳаёти Рӯдакӣ меандозем: «Падари Рӯдакӣ аз табақаи боимтиёз ва шахсони соибэҳтироми водии худ буда, ба тарбияи фарзандаш аҳаммияти бузург додааст. Ӯ маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳи худ гирифта, аз худ истеъдоди баланде зоҳир намудааст. Рӯдакӣ чунон зираку доно будааст, ки дар синни ҳаштсолагӣ шеър менавишт ва илмҳои зиёди замонашро аз худ карда буд» [116, с. 177], назар меандозем ба афкори муҳаққиқ: «Дар синни хурдсолагӣ эҷод намудани шеър ва аз худ намудани илмҳои замон кори осон нест ва бе мададу дастгирии падару модар, роҳбар ва ё раҳнамо, бе устод ба ин мақсад расидан мушкил аст» [14, с.73]. Маҳз

раҳнамоиву тарбияи хуби падари Рӯдакӣ ва заҳмату талоши худи шоир ӯро то ба мартабаи Рӯдакӣ – маликушшуаро, асосгузори адабиёти классикии тоҷик, шахси шуҳратёру соҳибэҳтиром расонд ва рафтори намунавии падару модар модели ахлоқӣ барои ӯ гардида буд.

Модели ахлоқӣ будани рафтору кирдор ва гуфтори падару модар барои фарзанд ҳаётан муҳим аст. Рӯдакӣ дар баробари таълиму тарбияи насли наврас ахлоқи намунавӣ доштани падару модарро низ талқин мекунад. Мутафаккир афсус мехӯрад ва аз он изҳори нигаронӣ мекунад, ки агар фарзанди шахси хирадманд аз хирад дур ва аз адаб маҳрум бошад:

Эй дареғо, ки хирадмандро,
Бошад фарзанду хирадманд не.
В-ар чи адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не [272, с. 119].

Фикрҳои болоро Н. Манзаршоева низ дар мақолаи худ чунин баён кардааст: «Муҳаққиқ Қурбонов Хоҷа оид ба рафтори дурусти худи тарбияткунандагон овардааст: «Рӯдакӣ аз он афсус мехӯрад, ки аксар мардони донишвар, сухандону соҳибфазилат, илму фарҳанг, хираду хешро чун мерос ба тарбия ва таълими фарзандон набахшидаанд, ҳол он ки ҳар як фарди соҳибмаърифат бояд, қабл аз ҳама, баҳри хирадмандии фарзанди хеш пардозад, ки он ба дигарон намунаи ибрат гардад» [69, с. 82].

Вобаста ба мазмуни абёти болозикри Рӯдакӣ метавон мисол оварда, ки агар як барқчии бемаҳорат ва наомӯхта ба таъмири асбобҳои барқӣ машғул шавад, ҷони хеш ва атрофиёнро дар хатар мегузорад. Ё ронандаи бетаҷриба ва бемаҳорат ба мусофиркашӣ машғул гардад, кафолати саломат мондани мусофиронро ҳеҷ кас дода наметавонад. Агар омӯзгори ба касби худ омода набуда, ба таълиму тарбияи насли наврас машғул шавад аз ӯ натиҷаро чун натиҷаи омӯзгори соҳибтахассусу соҳибтаҷриба интизор шудан ғайриимкон аст. Бо ин мақсад Рӯдакӣ хирадманд будани ҳам падару модар ва ҳам фарзандонашонро талқин мекунад ва ақида дорад, ки танҳо бо ин роҳ ҷомеа солим хоҳад гардид ва дар акси ҳол арзишҳои миллӣ аз байн хоҳанд рафт.

Ин анъанаи неки ниёгони мо дар асрҳои X-XI пайваста рушду равнақ меёфт. Ба лаҳзае аз ҳаёти Сино назар меандозем: «Абуалӣ Ҳусайн машҳур ба Абуалӣ ибни Сино... ахтаршинос, кимиёдон, заминшинос, мантиқдон, деринашинос (палеонтолог), риёзидон, физикдон, шоир, равоншинос, файласуф, муаллим ва адиби бузурги тоҷику форс аст» [294, с. 93]. Ин гуна пешрафтҳои наҷиби ҳаёти Сино ҳатман савол ба миён меоранд, ки омилҳои асосии ба чунин мартаба расидани ибни Сино чиҳо бошанд? Ҷавобҳо зиёданд, як ҷавоби саҳеҳ ин аст, ки муҳити созгори оилавӣ, рафтори намунавӣ ва ибратбахши падару модар, диққати асосӣ равона намудан ба таълиму тарбияи фарзанд дар оила мебошад. Далели баёни зайлро бо овардани мисол аз зиндагиномаи Сино метавон тақвият бахшид: «Падари ӯ Абдуллоҳ олими баобрӯе аз Балх буда, дар дарбори подшоҳ кор мекард» [294, с. 93] ва дар давоми зиндагиномааш омадааст: «Соли 985 оилаи Ибни Сино, вақте ки ӯ ба синни панҷсолагӣ мерасад, аз Афшана ба Бухоро кӯчид. Абдуллоҳ, ки аз шахсони фозил ва маърифатдӯст буд, Ҳусайнро ба мактаб монд. Вай аз панҷсолагӣ то даҳсолагӣ дар мактаб хонда, хату савод бароварда, сарфу наҳви забони арабиро омӯхт, илмҳои адабро аз худ кард» [294, с. 93]. Нуктаи оварда аз шарҳи ҳоли Сино собит менамояд, ки падараш ба таълиму тарбияи фарзанд диққати асосӣ медод, вагарна кӯдаки хурдсолро аз падару модар дур мондан кори осон нест ва мусаллам аст, ки дар ин кор розигии тарафайни падару модар ва маслиҳати оқилонаи оилавӣ нақши бориз дорад. Як нуктаи баҳсталаб ин аст, ки меҳру шавқати модариву падарӣ метавонад садди роҳи дур будани фарзанд аз онҳо гардад, аммо барои падару модари Сино соҳиби дониш ва таҳсилот гардидани ӯ муҳимтар аз будан дар назди онҳост. Ба ин нукта худи Сино низ ишора намудааст: «Сипас аз он ҷо ба Бухоро кӯчидем, падарам моро ба омӯзгори Қуръон ва омӯзгори адабиёт супорид. Вақте ки ба даҳсолагӣ расидам, Қуръон ва адабиётро ёд гирифта будам» [89, с. 13].

Роҳи дурусти таълиму тарбияи фарзандонро пеш гирифтани падару модари Рӯдакӣ, Сино ва дигар намояндагони адабиёти ин аҳд ва дар маҷмуъ,

тамоми ниёгон аз хирадӣ волои онҳо ва нақши хирад дар рушди сирати миллӣ шаҳодат медиҳад.

Аз таҳлил ва омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти намояндагони асрҳои X-XI бармеояд ва муҳаққиқ У. Зубайдов низ дар ин бора овардааст: «Падару модар, мардуми соҳибмаданияту соҳибфарҳанги тоҷик ба таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус медоданд, зеро хуб медонистанд, ки фарзандони эшон на танҳо умеди ояндаи худи онҳо, балки ояндасози миллат, насли пешбарандаи оянда ва интиқолдиҳандаи дониш, фаросат, ахлоқи нек ба наслҳои баъдӣ мебошанд» [106, с. 117]. Ин аст, ки тарбия дар оилаи мардуми тоҷик мақому манзалати махсус дошт. Ба мартабаи баланди дониш, илму маърифат, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ расидани фарзандон, шахсони баҳрумand гардидани онҳо аввал аз заҳмати падару модар ва кулли аъзои оила вобаста аст. Бунёди муваффақиятҳо дар оила гузошта мешавад. Дар ин бора метавон далеле аз ҳаёти энсиклопедисти машҳури адабиёти асри X Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ овард: «Ӯ дар овони ҷавонӣ ба монанди ҳамаи кӯдакони модарзоди соҳибистеъдод қариб ба тамоми соҳаҳои дониш шуғли зиёд дошт. Ӯ менавохт, шеър мегуфт, суруд мехонд, илми адабро дӯст медошт...» [206, с. 144].

«Ӯ менавохт»- бале, менавохт - асбоби мусиқиро менавохт ва баробари навохтани он шеър мегуфт, суруд мехонд, илми адабро дӯст медошт. Аммо ин нукта таҳлил металабад. Закариёи Розӣ аз хурдӣ ба навохтан машғул буд ва барои навохтан асбоби мусиқӣ лозим аст. Шеър мегуф, суруд мехонд ва барои аз ёд кардани шеър ба кӯдаки хурдсол ёрии раҳнамо, раҳбар, дақиқтараш ёрии падару модар лозим аст. «Илму адаб»-ро дӯст медошт ва ин андеша аз тарафи олимон исбот шудааст: «Таҳқиқотҳову таҷрибаҳо ва хусусиятҳои синнусолии кӯдак нишон медиҳанд, ки дар синни хурдӣ шавқу рағбати кӯдак бештар ба бозӣ, хуш гузаронидани вақт равона аст» [108, с. 17]. Ба омӯхтани илму дониш низ кӯдак шавқ дорад, аммо муҳимтараш барои ӯ бозӣ, сайру гашт бо ҳамсолону дӯстон дар кӯча ва амсоли инҳо мебошад. Боз бар он бармегардем, ки барои соҳибилм шудани кӯдак саҳми падару

модар муҳим аст. Муҳайё намудани шароити мусоид барои фарзандон, аз қабили таъмин намудан бо китобҳои шавқовари кӯдакона, шароити хуби хондан, мизу курсӣ, утоқи алоҳида, дастрас будани маводҳои аёнӣ, таҳияи реҷаи рӯз барои фарзанд ва одат кунондани фарзанд барои риояи он аз вазифаҳои муҳимтарини падару модар мебошанд. Агар шавқу рағбати кӯдак ба сурудхонӣ зиёд бошад ҳам, мусоидати падару модар муҳимтар аст. Барои равнақи ин салоҳияти кӯдак чун З. Розӣ ӯро бо асбобҳои мусиқӣ таъмин намудан лозим аст. Аз зиндагиномаи Рӯдакӣ ва Закариёи Розӣ пурра бармеояд, ки шароити сурудсароиро барои онҳо падару модар муҳайё кардаанд, ки чунин мартабаро соҳиб шуданд, вагарна дар хурдсолӣ «Рӯдакӣ чанг бигрифту бинавохт, Бода андоз к-ӯ суруд андохт» [212, с. 187] шояд имконпазир намебуд.

Аз овони кӯдакӣ ба омӯзиши илму дониш пардохтани намояндагони асрҳои X-XI, соҳиби шуғлҳои зиёд гардидан, ба мартабаи баланд расидани онҳо аз муҳайё гардидани шароит дар хона, диққати зиёд равона кардан ба таълиму тарбия аз тарафи падару модар вобаста аст. Ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ниёгони тоҷик дар ин аҳд низ ба тарбия ва таълими фарзанд диққати асосӣ медоданд.

Мавзуи марказии ашъори намояндагони асрҳои X-XI тоҷику форс қарор доштани ахлоқи неки инсонӣ маҳз аз одоби баланди инсонӣ, камоли ақлу хирад бархурдор будани онҳо, мустаҳкам будани зербинои кохи адаб дар оила шаҳодат медиҳад. Ин аст, ки истифодаи хирад дар ҳаёти ҳаррӯза, рафтору гуфтори нек, ватандӯстиву ватанпарварӣ, сулҳу субот, ваҳдат, иттиҳоду дӯстӣ, эҳтироми падару модар, куҳансолон ва дигар мавзуъҳои ҳаётан муҳим дар осори адибони асрҳои фавқуззикр мавқеъ ва нақши асосӣ дорад. Масалан, «Мавзуи ишқу муҳаббати самимӣ, омӯхтани илму дониш, кумак ба ниёзмандону дармондагон ва дигар паҳлуҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар осори мутафаккирони тоҷик ҷойгоҳи асосӣ дорад» [254, с. 87], ки рушди ин хислатҳои нек ба хирад вобастагии асосӣ дорад. Масалан, Закариёи Розӣ дар фасли аввали «Тибби руҳонӣ», ки «Ситоиши фазилати ақл» ном

дорад, мефармояд: «... ақл чизест, ки агар он намебуд, аҳволи мо тибқи аҳволи ҳайвон мешуд ё мисли кӯдакону девонаҳо дар вартаи парешонӣ мемондем» [300, с. 46]. Нахуст мутафаккир таъкид мекунад: «... ақл аст, ки одамро шарафи махлуқот гардондааст ва тавассути ақл одам нафси саркашро тарбия намуда, мутеи худ мегардонад, то ки ақлсолор бошаду тобеи нафс нагардад» [26, с. 8]. Ва бардошти дигари мо аз ин баён он аст, ки ба гуфтаи ин донишманди машҳур кӯдакон низ чун девонагон дар вартаи парешонӣ қарор доранд, аммо нақши падару модар дар раҳонидани фарзанд аз ин парешонӣ асосӣ мебошад. Иқтибос аз осори Закариёи Розӣ баёнҳои болоовардаро тақвият мебахшад, агарчанде, ки кӯдак дар хурдӣ ба омӯхтан шавқу рағбат дошта бошад ҳам, дунёи ӯ дигар аст ва дар ин роҳ кумаки раҳнамо ва нақши хирад ҷойгоҳи махсус дорад.

Ёдовар бояд шуд, ки новобаста аз он, ки «Тибби руҳонӣ»-и З. Розӣ ба мавзуи тиб бахшида шудааст, аммо асар саршор аз масъалаҳои ахлоқӣ-тарбиявӣ мебошад ва тамоми хислатҳои хуби инсонӣ ба монанди: некиву некукорӣ, дурусткорӣ, ростқавливу парҳезгорӣ, иффат, шарму ҳаё, адолат, меҳрубониву шавқат, саховатмандӣ, покизагӣ, дӯстиву рафоқат ва ғайра мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тарбия дар эҷодиёти намояндагони ин аҳд чун З. Розӣ мавзуи марказӣ буд. Масалан, З. Розӣ мефармояд: «Аломати дигари иқболу давлат вобаста ба майл кардани шахс ба рафиқон, ҳамроҳон ва ёрони мувофиқ буда, онҳо ҳамеша толиби салоҳияти корҳои ҳамдигар ва дар ҳар гуна вазъият тақозои дӯстии ҳамдигарро дошта бошанд. Ғайр аз ин онҳо ба якдигар ихлосманд бошанд» [291. с. 121]. Иқтибоси овардашуда диққати махсус додан ба тарбияро инъикос намуда, вафодор будан ба рафиқон, ҳамроҳону дӯстон ва дар мусибат, ғаму андуҳ, шодиву хурсандӣ шарик будан ба онҳоро тараннум менамояд.

Агар ашъори маликушшуароро мавриди таҳқиқи дақиқ ва амиқ қарор диҳем, хуб дармеёбем, ки мавзуи тарбия дар осори ӯ низ мавқеи марказиро касб кардааст. Ба қавли Рӯдакӣ мазмуннокӣ ва ширинии зиндагии одам дар партави кутоҳ будани умр аст ва марг ҳар як инсонро дар пеш аст ва ҳатмист.

Пас чун ҳаёт абад нест ва ин ҷаҳон рафтанист, одамонро зарур аст, ки бо амали писандида ва корҳои шоиста машғул гарданд, то номи некашон абад боқӣ монад. Бақои умри одам дар номи неки ӯст. Барои расидан ба мартабаи накуномӣ инсон бояд аз таҷрибаи рӯзгор баҳра бардорад, рафтори намунавӣ дошта бошад, кумак ба дармондагону ниёзмандон, пирону куҳансолонро пешаи худ гардонад, ки ин хислатҳо хоси сирати миллӣ ва арзишҳои пурқимати миллии мардуми тоҷик мебошанд. Муносибати хуб доштан ва меҳр варзидан ба мардум, хизмат ба халқу миллат, илмомӯзӣ ва амал ба он хислатҳое мебошанд, ки одамро дар байни мардум соҳибэҳтиром мегардонанд.

Дар ҳаёти одам соҳиб шудан ба хислати хуби инсонӣ бағоят муҳим аст, хислати неки инсонӣ одамро дар байни мардум накуному сарфароз мегардонад. Дар баробари номи нек аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва руҳонӣ саломат будан муҳим аст. Вобаста ба ин мавзуъ, масъалаҳои фалсафӣ, аз қабили ақл, илм, адолат, инсондӯстӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI баланд садо медиҳанд. Масалан, Рӯдакӣ фармудааст:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихрад,
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад [140, с. 57].

Ва ба қавли шоир ин чаҳор чиз одамро дар олам шуҳратёру абадзинда мегардонанд, номи неки чунин шахсон абадан дар дилҳои мардум ва сафҳаҳои таърих зинда мемонад:

Ҳар он ки Эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад [140, с. 57].

Аз ин абёти Рӯдакӣ бармеояд, ки истифодаи дурусти хирад дар ҳифзи саломатии инсон ва хушахлоқу хушрафтор гардидани ӯ нақши бориз мегузорад. Ба ин мазмун ва мақсад дар осори Абуалӣ ибни Сино низ ишораҳои зиёдро дучор меоем. Ба ақидаи Сино рафтори инсон бояд дар ҳимояти ақлу хирад қарор гирад ва бо истифода аз хирад дар анҷом додани кори нек саъю кӯшиш ба харҷ диҳад. Вагарна ба андешаи Сино: «Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯ, ишва махар» [272, с. 107], зеро ин се чиз дӯстро аз дӯст ҷудо ва одамро

дар олам бадном мекунад. Вале ин ақидаи Сино бад он маъно нест, ки аз зиндагии дунявӣ худро дар канор гирифта, гӯшанишиниро ихтиёр созем, балки бад он маъност, ки ҳама чиз бояд аз тарафи ақли комил танзим шавад.

Рӯдакӣ дар расидан ба камоли одамият ва некном гардидани ӯ нақши хирадро аз ҳама чиз боло медонад. Ба қавли шоир, агар дунёро омӯхтан хоҳӣ чашми дил, дидаи ботин, чашми маъноро бояд кушод, вагарна назари ночизи чашми сар ба амиқ омӯхтани олам қодир нест. Пас, ба қавли Рӯдакӣ ошкор кардани сирри олам ба чашми ботин вобаста аст:

Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон.
Бад-ин ошкорат бубин ошкор,
Ниҳони-тро бар ниҳонӣ гумор [297, с. 121].

Дар ҳақиқат, чашми ботин, ки ӯро хирад раҳнамо аст, аз дидаи зоҳир ба куллӣ фарқ дорад. Зеро агар кас ба умқи маънии кор фурӯ наравад ва ҳар амалро сарсарӣ анҷом диҳад ё бо чашми зоҳир ба кору олам бинигарад метавонад ба хатоиҳои зиёд рӯбарӯ гардад. Абулқосим Фирдавсӣ низ «хирад чашми ҷон аст» [348, с. 27] мегӯяд, чун ҷон низ чашм дорад ва он чашми ботин аст ва ба қавли Фирдавсӣ чашми ҷон хирад аст, ки хурсандии одам аз он вобаста аст, на аз чашми зоҳир:

Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ,
Ту бе чашм шодон ҷаҳон наспарӣ [348, с. 27].

Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ нақши ақлу хирадро дар ҳаёти инсон муҳим шуморида, истифодаи ақлро дар ҳаёти ҳаррӯза тарғибу ташвиқ менамояд. Рӯдакӣ ақлро барангезандаи илму дониш ва донишро таҷаллии ақлу хирад медонад. Ақл аст, ки барои омӯхтани илму дониш замина мегузорад ва дониш аст, ки дар такомули хирад нақши бориз мегузорад. Ба қавли Рӯдакӣ дунё ҳамеша ба хирадмандон ниёз дорад, афзудани шумораи хирадмандон дар олам боиси саодати мардум аст ва аз даст додани шахсони хирадманд бадбахтӣ барои аҳли ҷомеа аст. Масалан, Рӯдакӣ аз фавти Шаҳиди Балхӣ сахт андуҳгин мегардад, агарчанде ки худ зиндагиро фанопазир ва маргро

ногузир мешуморад. Аммо ғаму андуҳи шоир аз кам шудани теъдоди хирадмандон аст:

Корвони Шаҳид рафт аз пеш,
В-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм як тан кам,
Ваз шумори хирад ҳазорон беш [245, с. 96].

Ақл омили асосии омӯхтани илму дониш ва дониш сабабгори равнақ додани хирад аст, ки яке дигареро тақвият мебахшад. Шахси донову оқил тавонгар мешавад ва тавонгарро низ хирад омили пешравист. Аз ин лиҳоз, машварату маслиҳат бо доноёну хирадмандон муҳим ва аввалиндараҷа аст. Маҳз имрӯз як омили асосие, ки монеаи пешрафти ахлоқи неки насли наврас, аз ҷумла, ташаккули сирати миллӣ мегардад: «... машварат накардан бо падару модар, калонсолон, олимону донишмандон, шахсони рӯзгордида» [131, с. 79] мебошад. Зеро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва ҳамзамон, таъсири муҳит, равнақи бесобиқаи техникаи муосир, таъсири шабакаҳои интернетӣ ба тафаккури насли наврас дар баробари аҳаммият доштан, таъсири манфӣ низ намуда, насли наврас роҳи пешгирифта ва сухану ақидаҳои хешро аз ҳама дуруст ҳисоб намуда, аз машварат бо дигарон худдорӣ менамояд. Аммо мутафаккирони асрҳои X-XI машварат бо хирадмандонро талқин намуда, худи хирадмандонро низ ба машварат гирифтан аз доноён тавсия медиҳанд. Масалан, Ибни Сино: «….хирадмандонро мушоварат бо доноён…» [182, с. 86] муҳим мешуморад. Ба ақидаи ин мутафаккирон машварат дар пешрафти кор нақши асосӣ дорад. Гӯш додан ба машварати хирадмандон, панд пазируфтан аз онҳо, дар асоси роҳнамоиҳои онҳо амал намуданро мутафаккирони ин арсҳо муҳим арзёбӣ мекунанд. Ва худи хирадмандро низ Сино ба машварат гирифтан ҳидоят мекунад. Пас дар таълиму тарбияи фарзанд машварат нақши асосиро бозӣ мекунад.

Ин мавзуъ аз мадди назари Дақиқӣ низ дур намондааст. Шоир дар тарбияи фарзанд, омӯхтану донистани олам ва пешрафти зиндагӣ машварат

кардану дар асоси ин машварат амал намудан, хирад баргузиданро масъалаи асосӣ мешуморад:

Нигар, то чӣ гӯяд, бар он кор кун,
Хирад баргузин, ин ҷаҳон хор кун [130, с. 250].

Назари Носири Хусрав низ ба ин масъала аз мутафаккирони зикргардида мутафовит набуда, балки тақвияти фикри онҳост. Ба қавли ин мутафаккир панду насиҳатро бояд аз шахси доно ва оқил гирифт, зеро маслиҳати доно дар асоси хирад аст:

Зи доно ҷӯй панд, эро, ки оби панд хуш ёбӣ,
Чу доно хӯшаи дилро ба дасти ақл бифшорад [150, с. 206].

Аксарияти ҳамасрони Рӯдакӣ, мутафаккирони асрҳои X-XI дар тасвири хирад ақидаҳои ба ҳам наздик ва ҳатто якхела доранд. Ин мутафаккирон мақоми хирадро аз ҳама боло гузошта, дар зиндагӣ панди хирадмандонро гирифтан муҳим медонанд. Рӯдакӣ, Сино, Дақиқӣ, Носири Хусрав ва дигарон бо мақсади муваффақ шудан дар тарбияи фарзанд ва дар умум дар пеш бурдани зиндагӣ машварат гирифтан аз хирадмандон ва доноёнро ташвиқ мекунанд ва Абушакури Балхӣ низ бар ин ақида аст. Ӯ қайд мекунад, ки тарбия додан, роҳи рост, некиву некукорӣ ва дурустиро хирадманд аз ҳама беҳтар медонад. Пас дар пешрафти кор бо хирадмандон бояд машварат кард. Аз ҷумла А. Балхӣ дар «Офариннома» овардааст:

Хирадманд донад, ки покиву шарм,
Дурустию родию гуфтори нарм [148, с. 250].

Дар партави фармудаҳои ин бузургон дар замони кунунӣ эҳё намудану тақвият бахшидани анъанаи неки ниёгон-машварат намудан бо хирадмандон, бузургону калонсолон муҳим аст, зеро олами ҳар дам тағйирёбандаи муосир усулҳои нави тарбияи насли наврасро тақозо дорад. Бо суръати баланд пеш рафтани илму техника, кушода шудани роҳҳо бо мамоликҳои дуру наздик ва дигар навгониҳо боз ҳам талаботи бештарро дар тарбияи насли наврас ба бор меоранд. Яке аз роҳҳое, ки боиси нигоҳ доштани ахлоқи намунавии насли наврас мегардад ва он дар тарбияи мардуми тоҷик таърихи куҳан дорад, ин

машварт бо хирадмандон аст. Истифодаи панду насиҳатҳои боло моро раҳнамун месозад, ки насли наврас ва ҷавонро ба он ташвиқ ва одат кунонем, ки панду насиҳати классикони моро хонда, дар асоси он амал намоянд. Дар корҳои муҳим ва мушкил ва умуман, дар пешрафти ҳаёт аз хирадмандон, бузургону куҳансолон машварат гиранд. Ҳатто дар бисёр лаҳзаҳо аз ҷавонони бохираду бофаросат, ки дониш ва маҳорати хуб доранд, машварат гирифтан мақсаднок аст. Зеро ҷавонони донишманду рӯзгордида ва масъулиятшиносу кордон дар ҳамаи давру замон кам нестанд ва онҳо низ хирадмандони замонанд ва машварат гирифтану маслиҳат пурсидан аз онҳо боиси пешрафти кор ва тақвияти зиндагӣ аст.

Пешрафти ҷаҳони мутамаддини муосир бо худ дастовардҳо, муваффақиятҳои зиёд меорад, аммо маълум аст, ки пешрафтҳо бе мушкилӣ низ нахоҳанд монд. Дар аксарият кишварҳои дунё дар охирҳои асри ХХ ва аввалҳои асри ХХІ нооромиву нобасомонӣ ҳукмфармо буда, ин мушкилиҳо ба тамоми мамолик таъсири бузург мерасонанд, бахусус масъалаи тарбия намудани насли наврасро боз ҳам мураккабу печида мегардонанд. Қуввахои манфиатхоҳ байни мардум низоъ барангехта, халқу миллатҳои мухталиф, адёну мазҳабҳоро бо ҳам ҷанг меандозанд. Ҳамаи ин ба тарбияи фарзанд, таъмини сулҳу субот ва иттиҳоду иттифоқ таъсири манфӣ мерасонад ва ба пешрафту тараққиёти кишварҳо монеъ мегардад. Аммо ҷавоби ҳамаи ин нооромиҳоро бо роҳи мусбат низ додан имконпазир аст. Таҳқиқотҳо собит намудаанд, ки мутафаккирони асрҳои Х-ХІ бо такя ба хирад роҳҳои оқилонаи ҳалли муноқишаҳоро пешниҳод менамоянд. Масалан, Ҳаким Носири Хусрав баҳри бартараф кардани нооромиҳо на истифодаи аслиҳа, балки истифодаи хирадӣ волои инсониро тарғиб мекунад:

Бо лашкари замонаву бо теғи тези даҳр,
Дину хирад бас аст, сипоҳу сипар маро. [363, с. 45]

Ва масали халқӣ низ ин маъноро инъикос мекунад «Илми ман сипари ман аст» [401]. Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки Носири Хусрав олим, донишманд, мутафаккир, сайёҳ ва шахси таҷрибаи рӯзгордида буд. Ба

дине, ки Носири Хусрав эътиқоду эътимод дошт ва онро тарғиб мекард дини хирадпарвар ва ақлсолор мебошад. Ин дин дини ислом мебошад, исломе, ки аз илму хирад сарчашма мегирад ва насли наврасро дар руҳияи хештаншиносиву худогоҳӣ ва ахлоқи неки инсонӣ тарбия мекунад, на ифротгароиву хурофотпарастӣ. Ва дар ростои ҳалли муноқишаҳо мутафаккир нақши хирад ва эҳёву тақвияти анъанаҳои миллиро аз ҳама чиз боло мегузорад. Дар сирати мардуми тоҷик дар ҳеҷ давру замон ақидаи манфиатхоҳиву низоъ ва ҷанг реша надошт ва ин аъанаи нек то кунун низ мақому манзалати хешро дар байни мардуми тоҷик аз даст надодааст. На фақат Носири Хусрав, балки тамоми намояндагони асрҳои X-XI, намояндагони адабиёти пеш ва баъд низ бар ин ақидаанд ва насли наврасро дар ин руҳия тарбия менамуданд.

Ба ақидаи мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик на фақат идора кардани нафсу кирдори хеш, балки дар маҷмуъ, идора кардани ҷомеа дар дасти инсон аст. Пас идоракунӣ бояд тавассути истифодаи ақлу хирад ба роҳ монда шавад. Ва ба қавли ин мутафаккирон инсон танҳо замоне аз уҳдаи идора кардани ҷомеа ба пуррагӣ баромада метавонад, ки нафси худро идора карда тавонад. Таҳқиқотҳо собит намудаанд, ки инсон фақат айби мардумро мебинад ва рафтору кирдори мардуми атрофро мавриди таҳлилу танқид ва таъриф қарор медиҳад, вале айби хешро нодида гирифта, дар ислоҳи он низ намекӯшад. Дар ин самт ба қавли Сино идора кардани нафс муҳим аст, зеро тамоми корҳои нек ва ё бади мардум ба шинохти нафси ӯ вобастагии комил дорад: «маърифату шинохти инсон дар бораи нафси худ мавриди итминон нест, зеро ки одамӣ дар боби маърифати айбҳои худ зираку тезҳуш нест, балки кундӣ ва ғабоват ба харҷ медиҳад» [275, с. 13].

Мутафаккирони бузурги асрҳои X-XI хушбахтии инсонро дар он мешуморанд, ки ӯ дорои неъмати бебаҳо - ақл аст ва дар дунё чизе нест, ки дар судрасонӣ аз ақл фузун бошад. Аммо ақли инсон азалӣ нест, ки бе тағйир бошад. Ба қавли мутафаккирони ин аҳд ақли инсон рушд металабад ва инсон бояд дар тамоми умр дар инкишофи ақлу хирад саъю талош варзад, худ

омӯзаду дигаронро омӯзонад, табодули таҷриба намояд ва бо истифода аз ақлу таҷрибаи рӯзгор тамоми пастиву баландии ҳаётро паси сар намояд. Ба қавли Рӯдакӣ:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,

Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд [85, с. 214].

Рӯдакӣ ташвиқ мекунад, ки таҷрибаи рӯзгор беҳтарин василаи рушди хирад ва пешрафти зиндагӣ мебошад ва гузашти рӯзгор, табодули таҷриба беҳтарин омӯзгор аст:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,

Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор [140, с. 15].

Аз таҳлили ақоиди муҳаққиқони осори Ибни Сино бармеояд, ки Сино низ такомули ақлу хирадро муҳим арзёбӣ намудааст: «… Арасту инсонро ҳайвони ҷамъиятӣ номидааст. Вале фарқи инсон аз ҳайвон ин аст, ки дар ҷараёни зиндагӣ обутоб ёфта, соҳиби ақлу хирад ва қувваи эҷодӣ мегардад. Инсон хайру шарро аз ҳам фарқ мекунад ва аз рӯйи нақшаи муайян зиндагӣ ва ҳаракат менамояд» [89, с. 88].

Зиндагӣ ҳар лаҳза дигаргун мегардад. Пастиву баландӣ, бурду бохти зиндагиро ҳар кас бо усули хоси худ паси сар мекунад. Истифодаи хирад низ аз тарафи ҳар кас мухталиф аст. Бо гузашти замон инсон таҷриба касб мекунад, аз таҷрибаи хеш баҳра мебардорад, чашмаш ба олам бо диди нав во мешавад. Бо андӯхтану омӯхтани таҷрибаи зиндагӣ ва дар ҳаёт амалӣ намудани он инсон соҳиби иззату шараф мегардад. Аз ин лиҳоз, таҷриба бояд омӯхта ва табодул карда шавад. Омӯхтану паҳн кардани таҷриба боиси афзудани муваффақият дар зиндагӣ мегардад. Монанди мутафаккирони болозикр дар осори Носири Хусрав низ масъалаи табодули таҷриба мавқеи асосӣ дорад:

Хотират занг нагирад, на сарат хира шавад,

Гар бигирад дили ҳушёри ту аз гетӣ панд [363, с. 206].

Мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс масъалаи ташаккули хирадро бо диди васеъ маънидод мекарданд ва пешрафти ҳаётро дар пешрафти хирад

медиданд. Ин мутафаккирон мафҳуми ақлро дар фалсафаи ахлоқии худ аслан ба ду маънӣ, яке мазмуни зоҳирӣ ва дигаре мазмуни ботинӣ ба кор мебурданд. Назари мутафаккирони асрҳри X-XI дар ин масъала ба ақидаи аксарияти мутафаккирони асрҳои пеш ҳамбастагии зич дорад. Тавре қайд кардем, Рӯдакӣ дар рубоии «Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад» [173, с. 528] соҳиби ду чашм: чашми хирад ё чашми ботин ва чашми сар ё чашми зоҳир будани одамро баён намуда, ташвиқ менамояд, ки ҷаҳонро бо чашми хирад бояд дид, пайваста ба некӣ бояд машғул шуд ва некӣ худ аз хиради воло ва камолёфта маншаъ мегирад.

Дар осори Носири Хусрав низ ин ақидаи Рӯдакӣ ҷонибдорӣ гардида, Ҳакими нуктасанҷ онро тақвият мебахшад. Мутафаккир Носири Хусрав хирадро ботин ва ҷисмро зоҳир (фанопазир) номида, ақлро дар вуҷуди инсон ба бози баландпарвоз ташбеҳ медиҳад. Ба қавли Ҳаким аз хирадварзӣ одам ба мартабаи фазлу адаб мерасад:

Ҷони ту дарахтест, хирад бору сухан бар,
В-ин тира ҷасад лифи дурушту хасу хор аст.
Бози хирадат аст, бад-ӯ фазлу адаб гир,
Мар бози хирадро адабу фазл шикор аст [266, с. 3].

Дар асоси пажуҳишҳои олимону муҳаққиқон мутафаккирони асрҳои X-XI нақши хирадро дар зиндагӣ дар мадди аввал гузошта, таълим медиҳанд, ки хирад такомулталаб аст ва он бо роҳи ба омӯхтан пардохтану дониш андӯхтан, таълим додану амал кардан тақвият ва камол меёбад. Агар ба умқи маънии шеъри машҳури асосгузори адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ «То ҷаҳон буд аз сари одам фароз» [86, с. 520] фурӯ равем, аз қадим соҳибхираду соҳибдониш будани мардуми тоҷик бори дигар исбот мегардад. Аз рӯзе, ки одам дар олам арзи ҳастӣ намудааст, аз андӯхтани дониш дар канор набуд. Ба қавли Рӯдакӣ новобаста аз мушкилиҳои зиндагии замони қадим мардумони соҳибхирад ба андӯхтани дониш ниёзи куллӣ дошта, бо роҳҳои мухталиф ва роҳҳои ба худ муносиб донишро ҷустуҷӯ мекарданд. Кутубаҳои рӯисангӣ, ки дар ин шеър бо мазмуни «... ба санг андар ҳаме

бингоштанд» [85, с. 120] ба онҳо ишора шудааст , исботи ин ақидаанд, зеро онҳо хуб медонистанд, ки дониш омили рушди хирад ва хирад омили омӯзиши дониш аст. Ин ду чиз бе якдигар камол нахоҳанд ёфт. Бо ин роҳ ҳамзамон, Рӯдакӣ дар шеъри зикргардида сулҳхоҳу ваҳдатсаро будану ба ҷангу бедодгарӣ даст назаданро тарғиб мекунад. Таҳлилҳо собит намуданд, новобаста аз кутоҳ будани шеър, он мазмуни васеи таълимиву тарбиявиро дар бар мегирад.

Ҳаким Носири Хусрав низ хирадро такмилталаб маънидод мекунад ва бар он ақида аст, ки ҳеҷ одам бе ақл ба дунё намеояд. Офаридагор ба ҳар кас ақл ато мекунад, вале он чизи азалӣ нест, ки бетағйир бошад. Ақл инкишоф металабад ва инкишоф додани ӯ аз худи инсони соҳибақл вобаста аст. Ба қавли ин мутафаккир Яздон бо фазлу карами худ чашми одамро ба олами ҳастӣ боз мекунад ва дар зиндагӣ одам обутоб меёбад, ба истифодаи оқилонаи ақл, гирифтани таълиму тарбия ниёз дорад. Чун ин се чизро дуруст ба роҳ монад дар олам накуном мешавад. Ҳаким нафси мардумро ба оби пок ва ақлро ба гавҳар ташбеҳ медиҳад. Тавре об аз таъсири ҳарорати гарми оташ ҷӯшида боло мехезад ва агар ҳарорат баландтар шавад ба ҳар сӯ пош мехӯрад, эҳтироми одам низ аз таъсири хирад ва таълим баланд гардида, шуҳрату овоза ва номи некаш дар тамоми ҷо паҳн мешавад.

Ҳар киро аз фазли Яздон чашми ӯ бино шавад,
Гарчи бошад зери дарё, бар сари ҷавзо шавад.
Нафси мардум оби поку ақл чун гавҳар баланд,
Об чун оташ бар ӯ бандӣ, сӯйи боло шавад [358, с. 438].

Аммо Ҳаким таъкид мекунад, ки самари одам дар зери дарахти ақли ӯ нуҳуфта аст ва таълим, омӯхтани илму дониш боиси такомули ақл ва ба даст овардани натиҷаву дастовардҳои амиқ мегардад:

Бори мард андар дарахти ақл нопайдо бувад,
Чун ба таълим об ёбад, он гаҳе пайдо шавад [363, с. 438].

Аз таҳлили ақидаҳои болозикри мутафаккирони тоҷик бармеояд, ки инсоният бояд дар рӯйи замин бо роҳи ташвиқу тарғиби хирад як тартиби

ахлоқӣ ва заминаҳои пешқадамро барои пешрафти ҳаёт барқарор созад, то ки мардум битавонад дар як ҷомеаи маданӣ зиндагӣ ба сар бибарад. Омӯзишу мавриди таҳқиқ қарор додани нуқтаи назари Рӯдакӣ, Сино ва Носири Хусрав моро ба он водор месозад, ки инсон бо вуҷуди рафтору кирдораш дар олам ҷуёи саодат мебошад, аз ин ҷиҳат бояд рӯзгори тозаву осудае дошта бошад, то ки барои бадахлоқӣ замина ва роҳ дода нашавад, онгаҳ мардум саодатёр мегардад.

Хулоса оид ба боби I

Боби якуми диссертатсия - «Асарҳои мутафаккирон ҳамчун сарчашмаи афкори педагогии рушди хирад» мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муайян ва исбот гардид, ки дар асарҳои ин мутафаккирон мавзуи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мавқеи асосӣ дорад.

Дар боби аввал ақидаҳои мутафаккирони тоҷик то асрҳои X-XI оид ба хирад, ақидаҳои педагогии тоисломӣ, ки сарчашмаи асосии рушди ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик дар асрҳои X-XI мебошанд, ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба хирад ва сирати миллӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуданд. Аз ҷумла, муайян гардид, ки хирад куллан ба ташаккул ниёз дорад ва рушди он дар дасти худи инсон аст ва чизи азалӣ нест, балки хирад ва дониш василаи асосии ташаккули сирати миллӣ мебошанд.

Таҳқиқоти дар ин боб анҷомдодушуда собит намуд, ки хирад бо роҳи омӯзиши илму дониш, табодули таҷриба, ахлоқи неки инсонӣ, пайваста машғул будан ба китобхонӣ, тарбия дар оила, муҳаббати самимӣ байни мардумон, зиндагӣ дар муҳити солим ва амсоли инҳо ташаккул меёбад. Инчунин дар ин боб ақидаҳои педагогии дар асарҳои динии тоисломӣ инъикосёфта мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, андешаҳо оид ба нақши хирад дар Авасто, ақидаҳои динҳои пеш аз Зардушт ва таълимоти Зардушт ва табдили ин ақидаҳо ҳамчун сарчашмаи асосии рушди ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик дар асрҳои X-XI муайян ва исбот карда шуданд. Аз ҷумла, муайян гардид, ки динҳои қадими тоисломӣ ва дини зардуштӣ адёни пешқадам буда,

ҳар як лаҳзаи вақти умрашро самаранок истифода мебурданд. Таълимоти Авасто, анъанаҳо, расму оини динҳои пеш аз Зардушт ва ҳам пайравони Зардушт саросар таблиғгари ташаккули хирад тарбия ва ахлоқи наку буд ва маҳз барои ҳамин то кунун афкори пешқадами тарбиявию педагогии онҳо мавқеи худро аз даст надодааст ва қобили таҳқиқу истифода аст.

Дар таҳқиқи ин боб яке аз масъалаҳои мубрами рӯз тарбияи фарзанд дар руҳияи ахлоқи нек ва намунавӣ таҳқиқ ва асоснок карда шуд. Исбот карда шуд, ки тарбияи хуб додан ба фарзанд дар асоси истифодаи хирад яке аз анъанаҳои хеле қадимаи мардуми ориётабор буда, ниёгони мардуми тоҷик ба масъалаи ахлоқи нек, ҳусни одоб таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намуданд ва дар вуҷуди фарзандон парвариш намудани хислатҳои хуби инсониро вазифаи аввалиндараҷаи хеш меҳисобиданд. Намояндагони адабиёти асрҳои X-XI низ анъанаи неки ниёгонро идома бахшида, дар осори худ ба тарзи одоб, ахлоқи намунавӣ, рушди сирати миллӣ диққати асосӣ равона намуда, нақши хирадро дар тарбия аввалиндараҷа медонистанд.

Дар маҷмуъ аз таҳлили мухтасари ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ дар тарбияи фарзанд бармеояд, ки андешаҳои мутафаккирони ин аҳд дар ин мавзуъ ҳамабастагии ногусастанӣ доранд. Ин мутафаккирон ақлро султони вуҷуди инсон, мақсади асоии ҳастии ӯ, омили рушду нумуи зиндагӣ дониста, такмилу инкишофи ҷомеаро бе он тасаввур намекунанд. Инсон дар рӯйи замин ба зиндагии хуб, некиву некукорӣ, омӯзишу табодули таҷриба, таълиму тарбия, омӯхтани илму дониш, пешрафти соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ, рӯзгори хуш, тани сиҳат, ахлоқи шоистаи инсонӣ ва амсоли инҳо ниёз дорад. Ба қавли мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ҳамаи ин пешравиҳо ва мақсадҳо ҳамон вақт ба даст омада метавонанд, ки одамони олам хирадгарову ақлсолор бошанд. Ба истифодаву равнақи ақлу хирад таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, фарзандони хеш ва насли наврасро дар руҳияи ташаккули хирад ва сирату арзишҳои миллӣ тарбия намоянд.

Мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс исбот намудаанд, ки дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, бодонишу соҳибмаърифат шудан, донишу хиради худро дар ҳаёти ҳаррӯза дар хизмат намудан ба халқу Ватан мавриди истифода қарор додан, сирати миллии худро нигоҳ доштану равнақ бахшидан ва амсоли инҳо ташаккули хирад муҳим аст. Дар ин замина мо омӯзиши амиқи осори илмиву адабии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форсро муҳим шуморида, тавсия медиҳем, ки насли наврасу ҷавон ва дар маҷмуъ, тамоми қишри ҷомеа бояд панду насиҳатҳои ин мутафаккиронро омӯхта, дар амал татбиқ намоянд ва дар зиндагии хеш дар рушду равнақ бахшидани раҳнамоиҳои мутафаккирони тоҷик саҳми арзанда гузоранд.

БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ТАШАККУЛИ ХИРАД ҲАМЧУН ПАДИДАИ СИРАТИ МИЛЛӢ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ АСРҲОИ X-XI ТОҶИКУ ФОРС

2.1. Ҳамбастагии мақоми ақл дар таълимоти Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав

Асарҳои илмӣ-адабии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форсро мавриди таҳқиқ қарор дода, дарёфтем, ки роҳҳои ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар осори ин мутафаккирон ҷойгоҳи махсус дорад. Муҳаққиқон, олимону донишмандон муайян намудаанд, ки осори мутафаккирони ин аҳд аз ҷиҳати илмӣ ва дарбаргирии мавзуъҳои ҳаётӣ ғанӣ мебошад ва сарчашмаи муҳимми илмиву адабӣ барои мутафаккирони асрҳои баъдӣ ва мутафаккирони муосир мебошад. Аз ҷумла ин донишмандон роҷеъ ба хирад, ташаккули он, нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ ақидаҳои ҷолиби педагогиро баён намудаанд ва дар ин боби рисола таҳлили ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуд.

Агарчи дар самти омӯзиши осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ва дигар мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар илми педагогика таҳқиқотҳои алоҳида анҷом дода шуда бошанд ҳам, аммо онҳо асосан ба мавзуъҳои дигар бахшида шуда, дар бораи дурустии ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ баҳс намекунанд. Ин донишмандон афкори педагогии пешиёни хеш ва дигар миллатҳоро хуб дониста, дар такмили педагогикаи миллӣ ба кор мебурданд. Масалан, Носири Хусрав мефармояд:

Гаҳ андар илму ашколи Маҷастӣ,
Ки чун ронам бар ӯ паргору мистар...
Ҳамон ишколи Уқлидус, ки бинҳод,
Ситотолис устоди Сикандар [359, с. 113],

Дар асоси ин мисраъҳо метавон хулоса намуд, ки мутафаккир ба китоби «Маҷастӣ»-и Птоломей ва инчунин ба эҷодиёти Уқлидус ошноӣ доштааст. Аммо ин бад он маъно нест, ки Носири Хусрав, Фирдавсӣ, Абушакури Балхӣ, Сино ақидаҳои Птоломей ва Уқлидус ва ё дигар донишмандонро нусхабардорӣ карда бошанд ва ё ақидаҳои онҳоро тарғиб кунанд. Мутафаккирони тоҷик чун Носири Хусрав, Фирдавсӣ, Абушакури Балхӣ, Сино ва дигарон афкори педагогии хеш доштанд, ки ақидаҳои педагогии ин бузургонро халқу миллатҳои ғайри тоҷик низ омӯхтаву мавриди истифода қарор додаанд, Дар тақвият ва ташаккул додани ақидаҳои хеш аз афкори донишмандони пеш аз худ мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс истифода бурда, андешаҳои онҳоро низ тақвият бахшиданд, ба қавли Фирдавсӣ: «Бисозам ман аз назм кохе баланд» [254, с. 70],

Ба ҳайси табиби олам эътироф шудани мутафаккири адабиёти классикии тоҷик Абуалӣ ибни Сино худ далели дониши баланд ва афкори педагогиву тиббӣ доштани ӯ ва ё Закриёи Розиро нишон медиҳад. Таълимоти Сино ва Носири Хусрав чун сарчашмаи асосӣ барои ташаккули назарияҳои олимони баъдӣ хизмат кардааст.

Ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва ҳам мутафаккирони баъдӣ ҳамеша инъикосгари зиндагии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардум будааст. Маҳз дар асарҳои мутафаккирони болозикр оид ба тарбия, таълим, фарҳанг, ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, ахлоқ, арзишҳову анъанаҳои миллӣ фикру ақидаҳои басо оливу арзишманд ифода ёфтаанд. Ин мутафаккирони бузург ва мутафаккирони даврaҳои мухталифи таърих дар асарҳои хеш муаммои тарбия ва таълими насли наврасро ба миён гузоштаанд. «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ, асарҳои илмиву адабии Ҳаким Носири Хусрав ва Ибни Сино ҳамосаи бузург ва ҳувияти миллии тоҷикӣ ба шумор мераванд: «Ин асарҳо тасвири таҷрибаи таърихӣ ва арзишҳои волои ахлоқиро дар бар мегиранд, заминаи афкори педагогии мардумони эронинажод, аз ҷумла халқи тоҷикро фароҳам овардаанд» [32, с. 89]

Барои исбот намудани дурустии ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, ки ба омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс алоқамандии ногусастанӣ дорад, омӯзиши ақидаҳои педагогии ин мутафаккирон муҳим аст. Таъкид месозем, ки қисматҳои асосии ташаккул бахшидани тарбия, рушди ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар ниҳоди насли наврас аз омӯзиш ва мавриди амал қарор додани афкори педагогии мутафаккирони болозикр вобастагии куллӣ дорад.

Яке аз муҳимтарин шартҳои самарабахши тарбия ва омодасозӣ ба ҳаёти оянда ва зиндагии мустақил ташкили оқилонаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати тарбия, алоқаи падару модар, аҳли ҷомеа ба муассисаҳои таълимӣ, ин омӯзиши афкори педагогии ин мутафаккирон аст.

Сарчашмаҳои илмиву адабӣ шаҳодат медиҳанд, ки ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ ба ҳамдигар ҳамбастагии куллӣ дошта, номувофиқатии ақидаҳо низ дар баъзе ҷанбаҳо назаррас аст. Аз ҷумла, шоҳномасарои нотакрор Ҳаким Фирдавсӣ, мутафаккири беҳамтои адабиёти тоҷик Носири Хусрав, табиб ва донишманди машҳури олам Абуалӣ ибни Сино, «Офариннома»-сарои асри X тоҷик Абушакури Балхӣ, олим, донишманд ва табиби шуҳратёр З. Розӣ ва А. Рӯдакӣ ва дигар мутафаккирони ин аҳд ба мавзуи рушди хирад таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намуда, ақидаҳои ҷолибро роҷеъ ба ин мавзуъ дар ашъору асарҳои хеш баён намудаанд, ки таҳқиқталаб мебошанд, зеро ин мавзуъ то кунун пурра омӯхта нашудааст.

Аз ин лиҳоз, «Ҳамбастагии мақоми ақл дар таълимоти Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав», «Ақидаҳои Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ», «Таҳлили муқоисавии рушди хирад-омили асосии ташаккули сирати миллӣ дар эҷодиёти А. Сино ва «Офариннома»-и А. Балхӣ» аз ҷумлаи мавзуъҳое мебошанд, ки то кунун омӯхтаву таҳқиқ нагардида, дар ин боб мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд. Ақидаҳои мутафаккирон: Носири Хусрав,

Фирдавсӣ, Сино ва А. Балхӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муқоиса ва таҳлил карда мешаванд. Умумият, фарқ ва ҳамбастагии ақидаҳои ин мутафаккирон оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ омӯхта ва асоснок карда мешавад. Мавзуи хирад ва нақши он дар рушди сирати миллӣ, педагогикаи муосир - таълиму тарбия яке аз масъалаҳои муҳим дар замони зудтағйирёбандаи асри XXI мебошад. Таҳқиқ ва таҳлили ин мазуъ андешаи муҳаққиқону педагогонро дар ҳар давру замон ба худ ҷалб намуда, корҳои назаррас дар ин самт анҷом дода шудаанд, аммо то кунун ин мавзуъ таҳқиқотталаб буда, пажуҳишҳои навинро тақозо дорад.

Дар таҳқиқ ва асоснок намудани мавзуи мақоми нақши хирад дар рушди сирати миллӣ ва таълиму тарбия дар зеҳни одам саволҳои пай дар пай садо медиҳанд: Хирад дар ташаккули сирати миллӣ чӣ нақш дорад? Кори таълиму тарбия аз хирад чӣ вобастагӣ дорад? Оё хирад инкишофёбанда аст ё не? Дар пешрафти ҳаёт хирад чӣ мавқеъ дорад? ва амсоли инҳо. Вобаста ба ёфтани ҷавобҳои аниқ ва асоснок ба ин саволҳо андешаи мутафаккирон оид ба хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ ва таълиму тарбия таҳқиқ гардида, аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шуд.

Мавзуи фавқ дар осори донишмандони асрҳои X-XI, бахусус «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва осори Носири Хусрав мавқеи махсусро дорост, ки дар ин фасли рисола ҳамбастагии ақидаҳои ин ду мутафаккири бузурги тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин мутафаккирон ташаккули сирати миллӣ, пешрафти ҷаҳон ва рушди ахлоқи неки инсониро бе истифодаи оқилонаи хирад ғайримумкин пиндошта, бар он ақидаанд, ки бе истифодаи оқилонаи хирад дар зиндагӣ мушкилиҳои зиёд пеш хоҳанд омад. Танҳо хирад аст, ки инсонро дар зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад. Онро, ки хирад дар зиндагӣ раҳнамои ӯст роҳаш рост, одобаш хуб, зиндагиаш пурмуваффақият аст.

Бояд қайд кард, ки таҳлили ҳар як байти осори Фирдавсӣ, бахусус «Шоҳнома» ва ё осори пурғановати Носири Хусрав кори осон нест, ба қавли Соиби Табрезӣ: «Чун нест Хоҷа Ҳофиз маъзур дор моро» [266, с. 128], зеро танҳо Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ақидаҳои хешро таҳлили амиқ мекунанд,

чун «Шоҳнома» маъсули заҳмати зиёда аз 30-солаи Фирдавсӣ ва мероси адабиву илмии Н. Хусрав маъсули сафари ҳафтсола ва меҳнати якумраи ӯст. Агар ин мавзуъ дар замони онҳо омӯхта мешуд, кори осон мебуд, зеро дар таҳлилу тафсири ашъори хеш ин донишмандон муҳаққиқонро роҳнамоӣ менамуданд.

Новобаста аз ҳамаи ин мушкилиҳо, мутафаккирону донишмандони зиёд оид ба осори Фирдавсӣ ва Носири Хусрав таҳқиқотҳои зиёд анҷом додаанд, аммо ин таҳқиқотҳо ҳанӯз ҳам комил нестанд. Бояд ёдовар шуд, ки дар тули асрҳои XIX-XX ва ибтидои асри XXI оид ба ҳаёт ва фаъолияти шоири ватандӯсту ваҳдатсаро Абулқосим Фирдавсӣ, «... мутафаккир, олим, шоир, сайёҳ, нуҷумшинос, файласуф Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар мамолики Шарқу Ғарб» [26, с. 3] як қатор таҳқиқотҳо анҷом дода шуда бошанд ҳам, ин корҳоро наметавон мукаммал шумурд, зеро ҳанӯз ҳам осори ин донишмандон омӯзиши амиқ металабад.

Қайд кардан муҳим аст, ки дар ҳар давру замон, махсусан дар замони муосир талаботҳо оид ба омӯхтану таҳқиқ кардани осори классикони тоҷик чун Фирдавсиву Носири Хусрав боз ҳам таҳқиқотҳои навро тақозо менамояд. Махсусан, дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба пешрафти босуръати ҷаҳон талаботу меъёрҳои таҳқиқот ва омӯзиши осору афкори гузаштагон боз ҳам зиёд гардида, таҳти назари бевоситаи Пешвои миллат қарор дорад. Баргузор гардидани 1000-солагии Ҳаким Носири Хусрав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 2003 гувоҳи гуфтаҳои болост. Дар симпозиуми ҳазораи Носири Хусрав дар соли 2003 дар шаҳри Душанбе ва шаҳри Хоруғи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳаққиқон зиёда аз 12 кишвар, беш аз 100 нафар муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ширкат варзида, роҷеъ ба паҳлуҳои мухталифи ҳаёт ва фаъолияти ин мутафаккир суханронӣ намуданд. Соли 2003 Нашриёти «Ношир»-и Хуҷанд маҷмуаи мақолаҳои симпозиумро таҳти унвони «Носири Хусрав. Дирӯз, имрӯз ва фардо» дар 682

саҳифа (мураттибон С. Ниёзов, Р. Назариев) аз чоп бароварда. Ногуфта намонад, ки чунин китобҳо ва маҷмуаи мақолаҳо дар Эрон ва дигар кишварҳои дунё низ бо забонҳои гуногун, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расиданд. Ин таҳқиқотҳо барои боз ҳам амиқтару дақиқтар омӯхтани осори пурғановати Носири Хусрав заминаҳои нав гузошта, аз қадрдониву қадршиносии роҳбарияти олии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо ба мутафаккир ва донишманди тоҷик Носири Хусрави Қубодиёнӣ дарак медиҳанд. Қобили зикр аст, ки дар мавзуъҳои симпозиум ба масъалаи мавқеи хирад дар осори Носири Хусрав ва нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ низ ишораҳо карда шудаанд ва дар ин фасл аз ин маводҳо истифода карда шуд.

Дар фасли фавқ назаре ба ҳамбастагии ақидаҳои Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020) ва Носири Хусрав (1004-1088) оид ба мақоми хирад дар зиндагии инсон ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ андохта мешавад ва он ҳам таҳқиқоти кӯчак мебошад. Мақсади асосии таҳлили ақидаҳои мутафаккирони болозикр ин аст:

1. Агар сарсарӣ ба таълимоти Фирдавсӣ ва Ҳаким Носири Хусрав назар андозем, чунин ба назар мерасад, ки гӯё Фирдавсӣ фақат як шоири шоҳномасарост ва Носири Хусрав танҳо файласуфи ақлгарост. Аммо таҳлили амиқи мавзуи ақл дар таълимоти ин донишмандон нишон медиҳад, ки доираи осори онҳо фароху густурда буда, ба мавзуъҳои мухталифи ҳаётан муҳим бахшида шудааст. Ин мутафаккирон дар таҳлили хирад ақидаҳои ҷолибро пешниҳод намуда, нақши онро дар рушди сирати миллӣ низ нишон додаанд.

2. Абулқосим Фирадавсӣ ва Носири Хусрав намояндагони барҷастаи давраи тиллоии адабиёти тоҷик, яъне асрҳои X-XI буда, дар пешрафти адабиёти пурғановати тоҷик бо осори гаронбаҳои хеш саҳми назаррас гузоштанд.

3. Зиндагии мутафаккирон Фирдавсӣ ва Носири Хусрав аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҳам ҳамбастагӣ дошта, рӯзгори пурмашаққат ва тираву тор ва пурхатарро аз сар гузаронидаанд. Бо амри бадхоҳони миллати тоҷик хоҳиши ба зери пои филон партофтани Фирдавсӣ ва ба пайдо кардану ба қатл

расонидани мутафаккир Носири Хусрав далели ин фикрҳост. Хушбахтона, ҳасудон ба мақсади хеш нарасиданд ва ин фишору таъқиб садди роҳи фаъолияти илмиву эҷодии Фирдавсӣ ва Носири Хусрав шудан натавонист.

4. Мутафаккирони мутазаккир таваҷҷуҳи махсус сӯйи дастовардҳо ва имконоти хираду тафаккури инсонӣ равона карда, назарияи комилро оид ба хирад ва нақши он дар зиндагии инсон танзим додаанд. Онҳо хирадро аз қолаби анъанавиаш фарохтар тасвир намуда, нақши онро дар рушди зиндагии одам ва ташаккули сирати миллӣ муҳим ва аввалиндараҷа медонанд.

5. Мавзуи нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ, ватандӯстӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ мавзуи марказии осори ин мутафаккирон аст.

6. Ҳар ду мутафаккир хирадро такомулталаб ва омӯхтани донишро дар такмили хирад муҳим мешуморанд.

7. Таълимоти ҳар ду мутафаккир Фирдавсӣ ва Носири Хусрав инсонро аз хатари бехирадӣ ва истифода накардан аз ақл огоҳ мекунад ва роҳҳои инкишофи хирадро нишон медиҳад.

8. Фирдавсӣ ва Носири Хусрав инсонро ба сӯйи маърифати ҳикмат бар он мутаваҷҷеҳ месозанд, ки дидаи хиради одамонро боз намоянд ва дар роҳи расидан ба камолот онҳоро раҳнамун созанд.

9. Осори маънавии Фирдавсӣ ва Н. Хусрав паҳлуҳои гуногун ва масъалаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки то кунун ниёз ба таҳқиқ дорад.

Ёдовар бояд шуд, дар замоне, ки Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ҳаёт ба сар мебурданд, замони ниҳоят ноорому нобасомон буда, барои донишмандону бузургон замони пурхатар буд. Ин замоне буд, ки давлати Сомониён мавҷудияти худро аз даст дода тобеи Ғазнавиён гардид ва Султон Маҳмуд бар сари қудрат омад. Аҳволи донишмандону бузургон тоқатфарсо гардида, донишмандони тоҷикзабону тоҷиктаборро хатарҳои ҷиддӣ таҳдид менамуданд. Зулми Султон Маҳмуд поён надошт ва рӯз аз рӯз мушкилтару мураккабтар мешуд: «Султон Маҳмуд аз Рой амволи фаровон гирд оварда ва назди халифа Ал-қодир биллоҳ (халифаи Аббосии Бағдод) фиристода дастур

дод, то бузургони Дайламро ба дор овехтанд» [295, с. 137]. Маҳз бузургиву нотарсии Фирдавсӣ ва Носири Хусрав дар он аст, ки ба ҳамаи ин азобу машаққат нигоҳ накарда, фаъолияти эҷодии худро идома бахшиданд, барои озодии халқу миллати худ мубориза мебурданд, бо осори худ дар инкишофи адабиёти тоҷик дар даврaҳои мушкили таърихӣ хизматҳои бузург намуданд. Дар мавзуъҳои мухталиф асарҳои худро эҷод мекарданд, ки мавзуи ташаккули хирад ва сирати миллӣ яке аз ин мавзуъҳост.

Аз ин ҷост, ки ба қавли баъзе аз фирдавсипажуҳон: «Фирдавсӣ беш аз 300 байт дар бораи ақлу хирад эҷод намудааст ва шоир нигоҳи хос ба хираду хирадварзӣ дорад. Осори Фирдавсӣ аз маҷмуи ақидаҳои педагогие таркиб ёфтааст, ки хоси дид ва бардошти ӯ аз олами хирад мебошад» [295, с. 137]. Таълимоти Фирдавсӣ ва Носири Хусрав оид ба ин мавзуъ боис шудааст, ки донишмандон минбаъд аз ақидаҳои онҳо пайравӣ намуда, аз мактаби онҳо баҳраҳо бардоранд.

Дар ақидаҳои педагогии Фирдавсӣ хираду хирадварзӣ, илму дониш мавқеи марказӣ дорад. Ба қавли ин мутафаккири ватандӯсту педагог хираду дониш сарчашма ва омили асосии ободонӣ ва саодати одамон мебошад. Дар асоси ғояҳои педагогии Фирдавсӣ хирад ва шахси хирадманд муҳофизи дунё буда, мардуми оламро аз офату бадиҳо нигоҳ медорад, адолат дар дунё бо истифодаи хиради волои инсон пойдор мегардад. Хирад инсониятро аз пастӣ нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, Фирдавсӣ одамони бехирадро маҳкум намуда, қайд менамояд, ки инсон аз бехирадӣ ба ранҷу машаққат, азобу уқубат ва ҷабру ситам гирифтор шуда, зиндагиро пурмашаққат мегардонад. Асари машҳури Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и безавол гувоҳи гуфтаҳои мост. Ин асар на танҳо достони қаҳрамонист, балки тараннумгари хирад, сирати миллӣ, ақидаҳои педагогӣ ва панду ахлоқӣ мебошад.

Дар осори Носири Хусрав низ ақл мавқеи асосӣ дорад. Мутафаккир ақлро ба ду навъ: Ақли кул ва ақли ҷузвӣ ҷудо мекунад: «Дар эҷодиёти Носири Хусрав ба зикри ду навъи ақл дучор шудан мумкин аст: Ақли кул, ки ҳам ба қувва тамом аст ва ҳам ба феъл ва аввалин мавҷудоти Худо ҳисоб

мешавад ва дуюм ақли ҷузвӣ, ки ба қувват тамом асту ба феъл нотамом» [199, с. 108]. Мутафаккир ин ду навъи ақлро таҳқиқ намуда, фарқи онҳоро аз ҳамдигар чунин шарҳ медиҳад: «Якумӣ фавқуззамон, яъне аз макону замон болотар аст. Дуюм таҳтуззамон, яъне ҳоҷатманди макону замон аст, то тавассути макону замон аз ҳадди қувва ба ҳадди феъл ояд» [199, с. 108]. Ба қавли мутафаккир ақли дувум ақли одамон аст ва он ба макону замон ниёз дошта, рушд металабад. Яъне ба қавли Носири Хусрав низ хирад ташаккулёбанда буда, он ба кӯшиши худи одамон вобаста аст. Носири Хусрав нақши хирадро дар тарбия асосӣ медонад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки нуқтаи назари ин ду донишманд оид ба мавзуи хирад аз ҳам тафовути ҷиддие надорад, зеро ҳар ду хирадро такомулталаб ва инкишофёбанда меноманд ва таълиму тарбияи насли наврасро ба он алоқаманд медонанд.

Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро ба ҳамду наъти Худои таоло оғоз намудааст.

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин беҳтар андеша бар нагзарад [348, с. 25].

Мутафаккир инчунин Офаридагорро омили ҳастии ҷон, хирад, ном, ҷою манзил, рӯзирасон ва роҳнамои зиндагӣ мешуморад:

Худованди ному Худованди ҷой,
Худованди рӯзидиҳу раҳнамой [348, с. 25].

Аммо бо ситоиши Худо оғоз намудани асари бузург бесабаб нест, зеро аз абёти болозикр андешаҳои зиёди панду ахлоқиро метавон дарёфт ва қайд бояд кард, ки байтҳои овардашуда дар баробари ситоиши Худо ақидаҳои педагогиро тараннум менамоянд. Ба қавли Фирдавсӣ Худо ба инсон ҷону хирад додааст, яъне чун инсонро офарид ӯ соҳибхирад буд ва дар баробари ато намудани хирад ба ӯ роҳнамо, паёмбарон, олимону донишмандон, мутафаккирону шоирон ато гардиданд, то ки инсон панди онҳоро гирифта, хирадро инкишоф диҳад, бо саъю талош, донишу заковат ва одоби қобили таҳсин худ низ ба мартабаи бузургӣ расад. Ҳамзамон, хиради воло барои дарёфти ризқу рӯзӣ роҳнамо аст. Онро, ки хирад раҳнамои ӯст, рӯзиаш низ фаровон аст.

Ситоиши Офаридагор худ низ ҷанбаи педагогӣ дорад. Дар замин офаридагори инсон падару модар мебошанд ва пеш аз он ки кас ба қадри Офаридагори олам расад, ӯро муҳим аст, ки офаридагорони ҷисми хеш падару модарро иззату эҳтиром кунад ва ба қадри онҳо бирасад. Ин ақида дар осори Носири Хусрав низ зиёд ба назар мерасад. Масалан, Ҳаким «Равшаноинома»-ро бо ситоиши Худо ҳусни оғоз мебахшад:

Ба номи он, ки дорои ҷаҳон аст,
Худованди тану ақлу равон аст [150, с. 527].

Неъматҳои дар байти болооварда зикршуда ба инсон ато гардиданд, то дар зиндагии хеш аз онҳо баҳра бараду ҳаётро барои худ босаодат созад. Дар байни вожаҳои ««ҷаҳон», «тан», «равон»« [150, с. 527]. Истилоҳи «ақл-хирад» меистад, ки нигаҳдорандаву тақвиятбахши ин неъматҳост.

Аз рӯйи ақидаи Носири Хусрав, агар хирад намебуд, инсон аз мавҷудоти дигар фарқ намедошт, зеро дигар мавҷудоти зинда низ дорои тан ва ҷон мебошанд, вале бузургии инсон дар соҳибхирад будани ӯст:

Хирад ҳадяи ӯст дар мо, ки моро,
Ба фармони ӯ шуд хирад ҷуфт ба ҷон.
Хирад гавҳар асту дилу ҷони мо кон,
Бале, мар хирадро дилу ҷон сазад кон [359, с. 338].

Мутафаккир омили сулҳу салоҳ ва хайру некиро, ки ҷанбаҳои асосии сират ва арзишҳои миллии халқи тоҷик мебошанд, хирад мешуморад:

Хирад кимиёи салоҳ асту неъмат,
Хирад маъдани хайр асту эҳсон [359, с. 338].

Аз байти болозикр бармеояд, ки мутафаккир Носири Хусрав низ гуфтаҳои Фирдавсиро дар боби вобаста будани ризқу рӯзӣ ба хирад тақвият бахшида, ҳамзамон илова менамояд, ки хирад инчунин омили сулҳу салоҳ, хайру эҳсон, некӣ ва некукорӣ мебошад. Пас чун рӯзӣ ба даст омад, аз хайру эҳсон намудан ба шахсони дармондаву ниёзманд низ набояд фаромӯш кард.

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар боби хирад ва офарида шудани он ақидаҳои мухталиф мавҷуданд. Муҳаққиқон бо андешаҳои

гуногун ба ин мавзуъ назар андохтаанд. Аммо ба қавли Фирдавсӣ ва Носири Хусрав нахуст чизе, ки офарида шуд хирад буд ва офариниши хирадро низ мақсад омӯхтану мавриди истифода қарор додани олами атроф аст. Ин ақида дар «Шоҳнома» дар боби «Гуфтор андар ситоиши хирад» чунин омадааст:

Нахуст офариниш хирадро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они сипос [359, с. 338].

Мутафаккир Носири Хусрав низ дар ин андеша бо Фирдавсӣ ҳамфикр аст: «Хирад дон аввалин мавҷуд, з-он пас нафс аз ҷисм...» [173, с. 117]. Ба қавли Носири Хусрав пеш аз хирад ягон мавҷудоти олам набуд ва хирад нахустин офариниш буда, пас «Наботу гунаи ҳайвон ва он гаҳ ҷонвари гӯё» [361, с. 117].

Дар бисёр асарҳои Носири Хусрав ба ин ақида дучор меоем. Масалан, дар китоби «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» омадааст: «ақл мабдаи аввал ва ҷавҳари бесутуни нуронӣ мебошад» [363, с. 49].

Ва дар «Девон»-и хеш вобаста ба ин ақида Носири Хусрав овардааст:

Хирад оғози ҷаҳон асту ту анҷоми ҷаҳон,
Боз гард, эй саранҷом, бад-он некоғоз [363, с. 250].

Дар ин мисраъҳо ҳакими донишманд панд медиҳад, он чизе, ки дар миёни ақли куллӣ ва ҷузвӣ аз рӯзи офарида шудан мавҷуд аст, танҳо барои такомул бахшидани ақли ҷузвӣ хизмат мекунад ва равнақ додани он ба дасти худи инсонҳост ва ба қавли мутафаккир мақсад аз офариниши одам ба кори нек машғул шудани ӯст. Одам дар олам абад нест ва чун бо мақсади нек ба олам омад ва дар офаринишу ақли ӯ асаре аз бадӣ набуд, бояд бо номи нек дунёро падруд гӯяд: «...андар ҷавҳари ақл чизе нест аз бадӣ, ки исбот шавад....» [359, с. 276].

Дар асоси таълимоти Фирдавсӣ хирад ба инсон маҳз барои он дода шуд, ки тамоми кору рафтор ва зиндагӣ таҳти раҳнамоии он сурат гирад. Одамро муҳим аст, ки дар асоси хирад рафтори хешро арзёбӣ намояд, норасоиҳои рафтори хешро муайян намояд ва боз ҳам дар такмили хирад ва рафтор талош варзад. Аммо Фирдавсӣ таъкид менамояд, набояд ғофил гашт, ки

хирадро Худованд низ ҳама вақт месанҷад, яъне рафтори одамон таҳти назорат аст:

Хирадрову ҷонро ҳаме санҷад ӯ,
Дар андешаи сохта кай гунҷад ӯ? [347, с. 27].

Дар робита бо ин қайд бояд, кард, ки андешаи мо низ ин аст, ки хираду рафтори одам дар ҷомеа низ ҳама вақт зери назорат аст. Муҳити зист, мардуми атрофи мо, хурду бузург баҳодиҳандаи хираду рафтори одамон аст. Аз нигоҳи рафтори одам шаъну шарафи ӯ дар байни мардум баланд мешавад ё баръакс. Иззату эҳтироми одамон баҳои баландтарини аҳли ҷомеа бо ӯст. Инчунин дар худи оила низ ҳар як аъзои он баҳодиҳандаи рафтори ҳамдигар аст. Чун одам соҳибэҳтиром мегардад, маълум аст, ки хиради комил ва рафтори намунавиро касб кардааст. Пас ин андешаи Фирдавсӣ дар ҳаёт ҷойгоҳи махсус дорад.

Фирдавсӣ нахуст Худоро ситоиш мекунад ва ба қавли ӯ андешае беҳтар аз ситоиши Худо мавҷуд нест, зеро ӯ худ худованди хираду ҷон аст ва оламро низ бо хиради волои хеш офаридаву барои истифодаи одам қарор додааст. Ба қавли Фирдавсӣ Офаридагор одамро шарифтарин махлуқ «ашраф-ул-махлуқот» [348, с. 117] офарида, бар тамоми махлуқоти дигар бартарӣ додааст ва ин бартариву шарофати ӯ дар хирад аст:

Хирад беҳтар аз ҳарчӣ Эзад-т дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод [346, с. 26].

Дар ин байт Фирдавсӣ ақлро ситоиш намуда, бар тамоми неъмати рӯйи олам бартарият доштану авлотар будани хирадро баён мекунад: «Таҳкурсии «Шоҳнома» - ин асари безавол бар консепсияи фалсафии хирад ва ё ғояи донишварзӣ асос гузошта шудааст. Фирдавсӣ хирадро нахустофариниш ва омили асосии рушди ахлоқ ва одоб дониста, ташаккули хирадро амри муҳим медонад. Ба қавли Фирдавсӣ: «Нахустофариниш хирадро шинос» - асли маърифат дар офариниши олам мебошад» [379, с. 32].

Ба андешаи Фирдавсӣ Офаридагор чун инсонро офарид ба ӯ неъматҳои бебаҳоро ато намуд. Чашму гӯшу бинӣ, дасту пову забон, қалбро барои инсон

ато кард, оламро бо тамоми дороиаш ба ӯ бахшид, аммо волотару болотарин неъматро ба инсон дод, ки он хирад аст ва тамоми неъматҳои рӯйи оламро фармонравост: «Хирад беҳтар аз ҳарчи Эзад-т дод» [348, с. 26].

Носири Хусрав низ бар ин ақида аст: «Ақл беҳтарин ҳадяи Парвардигор барои инсоният аст, маҳз ақли шарифи инсон аст, ки ӯ аз ҳайвонот ва дигар мавҷудоти рӯйи олам ба он фарқ мекунад» [258, с. 114]. Мутафаккир бар он назар аст, ки мақому манзалати инсон нисбат ба дигар махлуқи олам ҷиҳати соҳиби ақл буданаш баланд аст ва роҷеъ ба ин ақида Носири Хусрав дар китоби «Зод-ул-мусофирин» чунин мефармояд: «Ақл гавҳар аст ва иллати нафс аст, яъне шарафи нафс ба он аст, ки ақлпазир аст. Ва ақл бар ҳама чиз бартар аст, зеро ки иллати иллатҳост. Ва ҳар чизеро иллате бошад, онро ба ақл метавон шинохт. Ва он чи ба ақл шинохта нашавад, онро ҳеч иллате нест ва маърифат бар вай роҳ надорад» [362, с. 107].

Одам соҳиби чашми биноӣ аст ва чашм аст, ки ҷаҳонро барои мо равшан мегардонад. Бе ҳастии чашм олам торик аст ва зиндагӣ шавқу завқи худро гум мекунад. Неъмати дигари бебаҳо доноӣ мебошад, ки хоси одамон аст ва бо саъю кӯшиш ва талоши зиёд ба даст меояд. Аммо бо ҳамаи ин бузургии чашму доноӣ ба ақидаи Фирдавсӣ, хирад аз доноиву биноӣ низ болотар аст. Ин ақидаро чандин намояндаи адабиёти асрҳои X-XI баёну тарафдорӣ намудаанд. Масалан, Абушакури Балхӣ низ мақому манзалати хирадро аз доноиву биноӣ баландтар мегузорад:

Хирад беҳтар аз чашму биноӣ аст,
На биноӣ, афзун зи доноӣ аст [140, с. 27].

Вобаста ба ин А. Балхӣ қайд мекунад, ки хирад аз тамоми мавҷудоти олам болотар аст, сипоҳу солор ва ёри беҳтарини мардум хирад аст:

Хирад бод ҳамвора солори ту,
Мабод аз ҷаҳон ҷуз хирад ёри ту [140, с. 27].

Хирад на танҳо болотар аз биноиву доноӣ аст, вале хирад худ чашм аст, аммо чашми ҷону ботин аст. Ба андешаи Фирдавсӣ шодиву сурури ҳаёти одам аз хирад аст ва он ҷонро раҳнамост:

Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ,

Ту бе чашм шодон ҷаҳон наспарӣ [348, с. 27].

Ҳакими доно инсону инсониятро ситоиш мекунад, ки ӯ соҳиби хирад аст ва хиради инсонро аз ҳама чиз боло медонад, зеро шарафи инсон хиради ӯст. Олими эронӣ Азизулло Наҷиб дар мақолаи худ бо номи «Ақл аз дидгоҳи Носири Хусрав» роҷеъ ба ин масъала фармудааст: «Тавзеҳоти Носири Хусрав роҷеъ ба назарияи ақл фақат маҳдуд ба ин суннати расмӣ нест, ки фалсафаи офариниш номида мешавад. Аз вижагиҳои муҳимми фикри ӯ ин аст, ки ба назари ӯ ғараз аз офариниши олам инсон аст» [260, с. 85]. Дар асоси таҳлилҳои А. Наҷиб Носири Хусрав бар он ақида аст, ки ғараз аз офариниши олам одам ва ғараз аз офаридани одам омӯхтани илму дониш аст: «... шарафи инсон аз илм аст ва илм андар гавҳари ақл аст, ақле, ки маҳалли он вуҷуди инсон аст. Бинобар ин, қисми дигари ақлро Носири Хусрав ақли ҷузвӣ мегӯяд, ки ба сабаби он инсон ҳам мукаллаф аст ва ҳам соҳиби ихтиёр аст» [2260, с. 85].

Ин аст, ки дар баробари хирад мутафаккир илму донишро, ки ба қавли ӯ «илм андар гавҳари ақл аст» пайваста тавсиф мекунад. Ҳаким бар он ақида аст, ки такомул ва рушди хирад аз андӯхтану амалӣ намудани илму дониш ба амал меояд:

Зи болои хирад бингар яке дар кори ин олам,

Азеро аз хирад бартар наёбӣ ҳеҷ болое [368, с. 113].

Ба ақидаи Фирдавсӣ низ илму дониш омили асосии рушди хирад аст. Дар инкишофи хирад омӯхтани илм ва равнақ бахшидани дониш ва ба ин васила олиму доно гардидани инсон нақши асосӣ дорад, Ба қавли ин донишманд аз доноён панду андарз ва таълим гирифтану дигаронро аз ин таълим баҳравар кардан муҳим аст:

Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,

Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй! [346, с. 26].

Тавоноӣ ва доноӣ, ба қавли мутафаккир, ҳамдигарро пурра мекунанд, дар байни ин ду салоҳият табодули куллӣ мавҷуд аст, аммо асоси доноӣ ва

тавоноиро шоир дар омӯхтани илм, такмили хирад ва амал кардан ба дониш мебинад:

Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй!
Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад [346, с. 26].

Носири Хусрав ва Фирдавсӣ хирад ва илмро аз ҳам ҷудо намекунанд. Ба қавли Носири Хусрав илм таҷаллии хирад аст ва хиради инсон аз омӯхтани илму дониш камол меёбад ва инсон ба мартабаи баланд мерасад. Дар фасли 21-уми китоби «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», ки «Андар ақлу илм» ном дорад, Носири Хусрав мавқеи хираду илмро чунин тасвир мекунад:

Як суол, ки қоим шудаст чунд шатранҷ,
Зи бас, ки ҳар кас ҷуст ан дар ин сухан бозор.
Ки «ақл бартар ё илм, фазл аз ин ду кирост»,
Бадин ду рӯ бишунидем фузул сад хирвор [130, с. 37].

Носири Хусрав нахуст суол мекунад, ки аз ақлу илм кадомаш дар мартабаи баландтар қарор дорад, пас бо такя ба таҳқиқотҳову таҷрибаи бойи ҳаётӣ доштанаш ба саволи боло ҷавоби асоснок медиҳад:

Чӣ гуна донад илм он касе, ки н-омӯхтаст?
Дурудгар накунад кор ҷуз ба дастафзор.
Касе, ки зилл набардоштаст аз таълим,
Ба иззи илм набошад басеш дастугузор.
Чу ҳадди ақл надонанду ҳадди илм, ки чист?
Сухан газофа бигӯянд, шарм нею на ор [130, с. 37].

Мутафаккир абнои ҷинсро даъват менамояд, то инсонҳо аз ҳамдигар биомӯзанду панд гиранд, зеро ки рушду хирад ва маърифати мардум якнавохт будан наметавонад. Аз ин рӯ, Носири Хусрав сабақ гирифтан аз доноёну пайравӣ намудан аз амалҳои писандидаи доноёнро муҳим арзёбӣ мекунад:

Зи доно ҷӯй панд, эро, ки оби панд хуш ёбӣ,
Чу доно хӯшаи дилро ба дасти ақл бифшорад [359, с. 206].

Носири Хусрав мавҷудият ва рушди хирадро бе илм имконнопазир медонад, гарчанде ки илм аз асари хеш шарифтар бошад ҳам, илм феъли ӯст: «... илм феъли ақл аст ва асари ақл аст ва ақл аз асари хеш шарифтар аст» [362, с. 113].

Касе, ки ба мартабаи хирад мерасад, ӯ фурӯтану хоксор ва соҳибэҳтирому шуҳратёр мегардад ва ҳеҷ гоҳ ба кори бад даст намезанад. Чунин одамонро ақл раҳнамову раҳбар аст ва онҳо бо ақл, илм ва амал намунаи ибрати аҳли ҷомеа мебошанд.

Дар мақолаи «Ақл аз дидгоҳи Носири Хусрав» Азизулло Наҷиб овардааст: «Носири Хусрав тавзеҳ медиҳад, ки ҳеҷ хирадманде нест, ки кори бадеро муртакиб шавад ва надонад, ки ҳар чи кардааст бад кардааст. Зеро, ки ақл гувоҳ бар зоти хеш аст ва эҳтиёҷ ба шаҳодати хориҷӣ надорад. Масалан, агар касе дуруғ мегӯяд, ҳарчанд, ки ӯ дар назари мардумон худро содиқ собит кунад ва мардум ҳам онро пазирад. Вале вай ба назари ақли худ дурӯғгӯй аст. Зеро ки ақл дурӯғ намегӯяд ва на ӯ эҳтиёҷ ба гувоҳи хориҷӣ дорад. Бинабар ин он кас ҳам дар назари ақли худ ва ҳам назди Худо дурӯғгӯй аст» [260, с. 87].

Таърихнигорон исбот намудаанд, ки то замоне, ки давлати Сомониён ҳукм меронд, аҳволи кулли мардум, бахусус аҳли илму адаб, бузургону донишмандон дар дараҷаи баландтарин буд. Тамоми шоҳони оламро хиради воло ва адолати ҳукмронони Сомониён мафтун мекард. Яке аз анъанаҳои неки шоҳони давлати Сомониён ин илмдӯстӣ, бузургоннавозӣ, раиятпарварӣ ва адаби шоистаи онҳо буд ва ба дарбори хеш фузалову удабо, шуарову уламоро ҷамъ мекарданд. Аз донишу хиради онҳо истифода мебурданд ва онҳоро дар мансабу вазифаҳои мухталиф ҷо медоданд. Ин анъана боиси аз ҷиҳати маънавӣ пуриқтидор ва ҳаматарафа пешрафт кардани давлати Сомониён гардид. Мутаассифона, ин саодат дер давом накард ва аҷнабиён давлати пуриқтидори Сомониёнро саркӯб намуданд. Тавре дар боло қайд гардид, сиёсати бехирадонаи туркон боиси нест кардан, ҷилои ватан намудани бузургон гардид. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» борҳо ба ин мавзуъ

ишора намудааст. Ӯ дар «Шоҳнома» менигорад, ки низоми ҳар як кишвар, ҳукмрониву давлатдорӣ аз истифодаи оқилонаи хирад вобастагии куллӣ дорад. Бузургтарин лашкар хирад аст ва он дороӣ ва гавҳари бебаҳои мардуми шуҳратёру машҳури олам аст. Ба ин васила Фирдавсӣ шоҳони золими турк ва тамоми шоҳони оламро ба хирадварзиву адлу дод даъват мекунад:

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос [346, с. 27].

Дар асоси таълимоти Фирдавсӣ хирадманд, сухангӯю хушхӯй будан хислати неки инсонист. Ба қавли шоир накукору некусиришт будан бисёр муҳим аст, зеро тавре ки одам рафтор мекунад, чунин рафторро аз дигарон нисбати хеш мебинад ва ҷавоби сухан низ аз сухангӯии уст. Чун саросар достони «Сиёвуш»-ро мутолиа кунем, хислатҳои неки инсонӣ, ватандӯстиву накукорӣ ва содиқ будан ба халқу миллатро тараннум мекунад. Фирдавсӣ дар идомаи «Оғози достон»-и достони «Сиёвуш» овардааст:

Ту чандон, ки бошӣ сухангӯй бош,
Хирадманд бошу накухӯй бош.
Нигар, то чӣ корӣ ҳамон бидаравӣ,
Сухан ҳар чи ғӯӣ, ҳамон бишнавӣ [31, с. 142].

Ин баён боиси муқоисаи ҳукмронии шоҳони хунхори турк ва ҳукмронии шоҳону давлатдорони тоҷик дар симои Сиёвуш гардида, исбот месозад, ки мақому манзалати давлатдорони тоҷик аз туркони салҷуқӣ то чи андоза баланд будааст.

Пас Ба қавли Фирдавсӣ хирад дар ҳаёти инсон нақши асосӣ дошта, роҳнамо ва роҳбари инсон дар саросари ҳаёти ӯст. Хулқу атвори нек, муошират ва муомилаи оқилона ҳама аз истифодаи бамавқеи хирад сарчашма мегирад. Дар асоси таълимоти Фирдавсӣ аҳли илму адаб ва тамоми мардумро зарур аст, ки хирадварзу донишманд, накукору ростгӯ ва дурусткор бошад ва бар сари давлат низ чунин одамон бояд сарварӣ намоянд:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,

Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.

Набошад ҳаме неку бад пойдор,

Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

Ба гетӣ намонад ҷуз номи нек,

Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек [40, с. 27].

Ва дар ин замина Фирдавсӣ таълим медиҳад, ки хирадманд будан дар зиндагӣ бисёр муҳим аст ва хирадманд шахси беозор ва одоби муоширатро нигаҳдоранда аст:

Хирадманд бошу беозор бош,

Ҳамеша забонро нигаҳдор бош [348, с. 27].

Мутафаккирони асрҳои X-XI инкишофи хирадро аз ҳама муҳим ва аввалиндараҷа мепиндоштанд. Ба қавли ин мутафаккирон тирагии хирад, аниқтараш мавриди истифода қарор надодани хирад, боиси пареншонҳоливу мубталои ғам гардидани инсон мегардад, ҳатто агар марди равшанравон ҳам бошад:

Хирад тираву мард равшанравон

Набошад ҳаме шодмон як замон [347, с. 27].

2.2.Ақидаҳои Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ

Андешаҳои миллӣ, фалсафиву ахлоқӣ, ташаккули сирати миллӣ, дӯстиву иттиҳод, ҳамдигарфаҳмиву эҳтиром гузоштан ба плюрализм, гуногундиниву гуногунфарҳангии мардум дар сирати миллии миллати тоҷик ҷойгоҳи намоён дорад. Дар решаи ин миллати куҳан бадхоҳиву бадандешӣ, зулму ситам, ранҷу озори мардум, бадбиниву бадахлоқӣ ҷо надошт ва нахоҳад дошт. Мардуми тоҷик аз қадим ба мардуми атрофи олам муносибати нек дошта, ин анъанаи хуб то кунун мавқеву манзалати худро аз даст надодааст ва басо муҳим аст, ки ин арзишҳои неки ахлоқии миллати тоҷик ба наслҳои имрӯз ва фардо интиқол дода шаванд.

Бахусус дар замони кунунии ҳардам тағйирёбандаи асри XXI бисёр муҳим аст: «... хирад раҳнамои инсон бошад, зеро имрӯз ҳар кас ё қувва метавонад ба манфиҳати хеш ба тафаккури одамон, махсусан насли наврас таъсири манфии хешро расонида, онҳоро ба бероҳа барад» [26, с. 4] . Аз таълиму тарбия насли наврасу ҷавонро дур андохта, ба рафторҳои ғайри қобили қабул раҳнамун созад. Пас қайд кардан муҳим аст, ки рафтори инсонро бояд хирад, панду андарзҳои мутафаккирону донишмандон, насиҳати падару модар, калонсолони таҷрибаи рӯзгордида раҳнамо бошад, зеро бе раҳнамо роҳи хешро дар зиндагӣ ёфтан мушкил аст ва маҳз хирад раҳнамои инсон ва омили ташаккули сирати миллӣ аст. Дар ин самт низ Фирдавсӣ ва Носири Хусрав андешаҳои ҷолибро дар осори хеш баён намудаанд.

Афкори педагогии Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав аз лиҳози андешаҳои миллӣ, тарбиявию ахлоқӣ, рушди сирати миллӣ, мубориза бар зидди аҷнабиён, бахусус ошӯбандозиву ситамситезӣ на фақат дар асрҳои X-XI, балки дар тамоми давраи таърихи адабиёти тоҷик беназир аст. Ин донишмандон аз нигоҳи хизмати арзанда ва шоистаи хеш, ки ба миллати сарбаланду соҳибмаърифати тоҷик кардаанд, дар сафи аввалин шоирони ватандӯсту мутадайин қарор доранд ва дар ин бора муҳаққиқ овардааст: «Намояндагони барҷастаи адабиёти классикии тоҷик Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ба ҳайси мутафаккир, донишманд, носеҳ, мардони сиёсӣ ва иҷтимоиву ахлоқӣ нақши бориз дар бедории миллати тоҷик гузоштаанд» [26, с. 3]. Онҳо бо афкори тарбиявию ватандӯстии хеш муборизаи беамон ба туркону Аббосиён фитнаангезону ҷангҷӯён, аҳли хурофоту таассуб ва беадолати замони хеш мебурданд. Осори ин мутафаккирони бузург саросар андешаҳои миллӣ - ватандӯстиро тараннум мекунад: «Носири Хусрав бузургтарин шоири миллии халқи форсу тоҷик аст, асолати миллӣ дар ҳамаи навиштаҳои ӯ ба мушоҳида мерасад. Аз 166 мавзуи девони ашъори ӯ 77 мавзуи ӯро масъалаҳои миллӣ - ватандӯстӣ ташкил додааст» [49, с. 48].

Осори Абулқосим Фирдавсиро низ саросар андешаҳои миллӣ, ватандӯстиву панду ахлоқӣ, таълиму тарбияи насли наврас ташкил медиҳад.

Фирдавсӣ шоири тавонову донишманди замони хеш буд ва бо ғояҳои милливу ватандӯстии худ дар ҷаҳон абадзинда монд. Яке аз омилҳои асосии ба чунин мартаба расидани Фирдавсӣ тарбияи оилавии ӯ, хизмати падару модараш буд. Дар шарҳи ҳоли Фирдавсӣ омадааст, ки шоир дар оилааш дар руҳияи ватандӯстӣ ва анъанаҳои миллии қадима камол ёфтааст. Қиссаву ривоятҳои таърихиву қаҳрамонӣ ва мифу афсонаҳоро дар оила аз падар мешунид ва беҳтарин шахси ватандӯст, донандаи таърихи халқ шуда, ба воя расид. Сипас, дар мадрасаву дабистонҳо дониши хешро такомул бахшидааст: «Фирдавсӣ то оғоз намудани «Шоҳнома» аллакай шахси ҳаматарафа камолёфта, донишманд, донандаи забонҳои гуногун буд ва офаридани чунин як шоҳасари таърихӣ, илмиву тарбиявӣ барои ӯ мушкил набуд: [31, с. 217] «Фирдавсӣ бо мутолиаи достонҳои гуногун таърихи гузаштаи халқро амиқ аз худ намуд. Азбаски забони паҳлавиро медонист, порчаҳои маҳфузмондаи қадимиро дар аслаш мехонд. Тарҷумаи арабӣ ва тоҷикии ёдгориҳои атиқаро низ мутолиа мекард. Ин аст, ки Фирдавсӣ бо порчаҳои «Авасто», қиссаи «Калилаву Димна», китоби «Корномаи Ардашери Бобакон», достони «Ёдгори Зарирон», «Китоби Маздак» ва ғайра нағз шиносо буд» [32, с. 90].

Тавре дар фаслҳои боло қайд гардид, замоне, ки Фирдавсӣ ва Носири Хусрав дар он ҳаёт ба сар мебурданд, замони ноором, аз байн рафтани давлати бузурги тоҷикон - давлати Сомониён, тохтутозҳои пай дар пайи Аббосиёну туркон ҳукмфармо буд. Зулму ситами Ғазнавиён бар сари мардум, олимону донишмандон, бузургони миллати тоҷик беш аз пеш меафзуд ва бадхоҳон ҳар дам мехостанд, ки миллати тоҷикро ба коми нестӣ баранд. Аммо мардуми шарафманди тоҷик, бахусус олимону донишмандон, мутафаккирону шоирон чун Фирдавсиву Носири Хусрав ба хасмон сар фурӯ наафканда, муборизаи беамон мебурданд.

Носири Хусрав на танҳо худ муборизи роҳи ҳифзи андешаҳои миллӣ ва ватандӯстӣ буд, балки бо қалами тези хеш миллати тоҷикро ба мубориза бар зидди аҷнабиён даъват мекард. Ӯ бо қалам мардумро ба ҳимояи андешаҳои

миллӣ, тан надодан ба бадхоҳону ҳасудони миллат даъват намуда, мардумро руҳбаланд месозад, ки халқи тоҷик ба пеши пои касе сар фурӯ наафкандааст ва дар ҳама давру замон бар зулму беадолатӣ пирӯз шудааст:

Туркон ба пеши мардум, з-ин пеш дар Хуросон,
Буданд хору оҷиз ҳамчун занон сароӣ.
Имрӯз шарм н-ояд озодазодагонро,
Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутоӣ [363, с. 348].

Ҳакими озодандеш хору залил будани турконро дар аҳди Сомониён тасвир намуда, мардуми озодаро ба мубориза алайҳи онҳо, муҳофизати Ватан, андешаву арзишҳои миллӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, ки ҷанбаҳои асосии сирати миллӣ мебошанд, даъват менамояд. Ӯ беибо менигорад, ки гарчанде ки Султон Маҳмуд ба сурат башар аст, аммо ба сират ҳамчу гурги даранда аст ва сирати миллати ӯ чунин аст:

Гар ба сурат башарӣ, пеша макун сирати гург,
Номи Маҳмуд на хуб ояд бо феъли замим [363, с. 349].

Шоири хирадаманд, донишманди ҷаҳондида, ватандӯсту ватансаро Фирдавсӣ, ки саросар осораш рушди андешаҳо ва сирати миллиро дар бар мегирад, далериву нотарсии мардуми тоҷикро ситоиш намуда, бо ин васила мардумро ба тан надодан ба бадхоҳони миллат ва ҳимояи Ватан, даъват мекард. Ӯ низ чун Носири Хусрав аз он ёдовар мешавад, ки ҳеҷ гоҳ халқи тоҷик сустиродаву тарснок набудааст ва дар ҳамаи набардҳо барои ҳимояи ҳар як вақаби хоки замини хеш далерона мубориза мебурд. Фирдавсӣ дар қисмати «Оғози достон»-и достони «Комуси Кашонӣ» далериву нотарсӣ ва паҳлавониву ҷасурии Рустамро тасвир намуда, қайд мекунад, ки дар баробари паҳлавон буданаш Рустам шахси хирадманду бедордил, муҳофизи арзишҳои миллӣ, марди донишманду оқил буд, ки дар тамоми давру замон марудум аз хирадмандӣ, доноиву далерии ӯ ёд мекунаду дар шигифт мемонад. Оре, хирадмандиву донишпазирӣ дар сирати миллии мардуми тоҷик ҷойгоҳи асосӣ дорад. Ин хислатҳои наку ҳама вақт миллати некхоҳро бар бадон пирӯз мегардонданд:

Шигифтӣ ба гетӣ зи Рустам басест,
К-аз ӯ достон дар дили ҳар касест.
Ба хушкӣ чу пилу ба дарё наҳанг,
Хирадманду бедордил, марди ҷанг.
Сари мояи мардиву ҷанг аз ӯст,
Хирадмандиву донишу санг аз ӯст [346, с. 6].

Мардуми хирадманди тоҷик аз қадим барои дифоъ намудан аз арзишҳои миллӣ, марзу буми Ватан ҷонбозиҳо мекарданд. Ифтихори миллат аз он аст, ки на танҳо ҷавонон, мардон, балки занони тоҷик низ дар ҳифзи Ватан, андешаҳову арзишҳои миллӣ, сулҳу субот, дӯстиву иттиҳод саҳми назаррас дошта, далерона дар баробари мардон ба ҳифзи Ватан бармехестанд. Абулқосим Фирдавсӣ дар достони «Разми Суҳроб бо Гурдофарид» менигорад, ки ғурури миллӣ ва ватандӯстии Гурдофарид буд, ки аз кам шудани лашкари хеш сахт андуҳгин шуда, худ либоси ҷангӣ ба бар намуда, ба ҷанги Суҳроб баромад:

Чу огаҳ шуд духтари Гаждаҳам,
Ки солори он анҷуман гашт кам.
Ғамин гашту барзад хурӯше ба дард,
Баровард аз дил яке боди сард.
Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг-андарун номдор.
Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг-андарун кас надид [347, с. 233].

Муҳаббат ба миллат, мубориза барои озодии Ватан дар ниҳоди занону бонувони тоҷик то дараҷае баланд, буд, ки на танҳо ба ҳимояи Ватан бармехестанд, балки дар далериву шуҷоат ном бароварда, аз мардон камӣ надоштанд. Махсусан, дар замони Фирдавсӣ, ки занонро ҳамчун шахсони оҷизу нотавон ҳисоб карда, ҳама гуна баромадҳо ва андешаҳои фикриашонро инкор мекарданд, офарида шудани симои Гурдофарид аҳаммияти фавқулода муҳим дошт. Фирдавсӣ менигорад, ки ҳатто дар давоми набард кулоҳи

Гурдофарид афтида, маълум шуд, ки ӯ зан аст ва пирӯзӣ Суҳроброст, вале ӯ ноумед нашуда, бо тадбире худро аз чанги душман халос намуд. Андешаҳои миллӣ ва ватандӯстии Гурдофарид чунон баланд буд, ки барои ҳифзи занону духтарон, Ватан, халқи азизи хеш ҷонашро дареғ надошт.

Агар ба умқи маънии достонҳои «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ фурӯ равем, шоҳиди чандин корнамоиҳои занони тоҷик, посдорандаи арзишҳои миллӣ мегардем. Барои Таҳмина рухсат додан ба Суҳроби ҷавону бетаҷриба, ба ҷустӯҷӯйи падар, ҳифзи Ватан аз душман раҳсипор намудани ӯ кори осон набуд. Ӯ ҳамчун модар хуб медонист, ки ҷони фарзандаш дар зери хатар қарор дорад, аммо андешаҳои милливу ватандӯстии Таҳмина ғолиб баромада, ба Суҳроб иҷозати сафар дод. Суҳроб низ ризоияту дуои модарро гирифта ба роҳ даромад, ин аст нишонаи сирати миллии мардуми ориётабори тоҷик.

Аз ин нуктаҳо бар он ақида омадем, ки чун дар ниҳоди модар андешаву сирати миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ мақоми асосӣ дорад, ин бевосита ба фарзандони ӯ интиқол меёбад. Тифле, ки дар батни модараш арзи ҳастӣ намуда, тавлид меёбад, зери дастони пурбаракаташ ба камол мерасад, анъанаи неки миллатдӯстӣ дар ниҳоди ӯ абадан ҷо мегирад. Чунин фарзанд бо муҳаббати Ватан ва халқу миллат аз батни модар ошноӣ дошта, дар оила ин анъана дар ниҳодаш такомул меёбад, бо як нукта, бо андешаҳои миллӣ тавлиду камол ёфта, бо андешаҳои миллӣ оламро падрӯд мегӯяд. Ин нуктаи фавқулода муҳим дар замони кунунӣ мавқеи боз ҳам назаррас дошта, бо истифода аз мутолиа ва ҳифзи осори ниёгон онро дар ниҳоди насли наврас тақвият бахшидан муҳим аст.

Носири Хусрав ҳамеша ҳаёти осоиштаи аҳли илму адаб, донишмандону мутафаккирон ва дар маҷмуъ, хушҳолии кулли мардуми оламро мехост. Ӯ аз хориву зорӣ ва оворагии озодагон, донишмандону олимон, мутафаккирону шоироне, ки андешаҳои миллӣ барояшон муқаддас буд, ёдовар шуда, ҷиҳати аз байн рафтани давлати миллии Сомониён афсус мехӯрад. Ӯ ба мисли шоирони маддоҳи дарбори Султон Маҳмуд лаганбардору чоплус нест, ки ҳақиқатро рӯпӯш карда, суханони газофу фитнаангезро баён намояд, балки

инъикоскунандаи ҳақиқат ва афкору орои миллӣ ва барангезандаи ифтихору эҳтиром ба Ватан, халқу миллат ва тасвиркунандаи ҳақиқати ҳоли замон мебошад. Мутафаккир бад он ҳоли ногувор созиш кардан наметавонист, ки ҳоли мардум баъди аз байн рафтани давлати Сомониён табоҳ шуд ва бо ҳамин васила давом ёбад:

Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд,
Ҳама дигар шудаш аҳволу сомон [130, с. 310].

Ва боиси таассуфи бештар он аст, ки дар Хуросон дунону пастҳимматон соҳибмакону соҳибмансаб гашта, аҳли илму адаб парешонҳол шуд. Мутафаккирон Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ва дигар мутафаккирони тоҷик нисбати ин падидаи нопок бетараф набуданд, балки рӯирост ба танқид намудани чунин амали ғайриинсонӣ баромаданд. Масалан, Носири Хусрав менигорад:

Хуросон чи дунон гашт, ғунҷад
Ба як хона дарун озода бо дун?
Оқилонро дар ҷаҳон ҷое намонд,
Ҷуз ки бар кӯҳсорҳои шомиҳот [130, с. 253].

Ин ақида муҳаббати баланди Носири Хусравро ба андешаҳои миллӣ, Ватан ва ватандӯстӣ нишон медиҳад.

Агарчи Носири Хусрав марди озода ва соҳибватан аст, аммо овораву хору зор гаштааст. Ӯ аз кишвару миллате пуштибонӣ ва ҳимоя мекард, ки онро аз даст додааст ва зери пои номубораки аҷнабиёни мардумфиреб қарор дорад. Чашми ҳақбин ва ё гӯши ҳақшунавое набуд, ки аҳволи зори ӯ ва ҳазорҳо хирадманду донишҷӯро бинаду шунавад. Аммо Ҳакими бузург дар чунин муҳити ногувор низ хомӯш наменишинад, балки бо ҷуръати тамом ҷидду ҷаҳд менамояд, ки бар зидди беадолатӣ, зулму ситам, торочгариву ғоратгарӣ бо ақидаҳои илмиву фалсафӣ, педагогиву ватандӯстӣ мубориза мебарад. Ӯ рӯирост менигорад, ки аз ҳеҷ душман ва бадхоҳ тарсу ҳарос надорад ва миннати касеро ба гардан намегирад:

Ҳаргиз нашавам ба коми душман,
То бар тани хеш комгорам.

На миннати ҳеҷ носазое,
Молида кунад ба зери борам.
Бар аспи маониву маолӣ,
Дар дашти мунозира саворам.
Чун ҳамла кунам ба ҷумла хасмон,
Гумроҳ шаванд дар ғуборам [130, с. 333].

Мутафаккир аҷнабиёнро ҳушдор медиҳад, ки дар куҷое, ки набошад аз андешаҳои миллӣ даст намекашад, фаъолияти эҷодиву адабии хешро аз даст надода, балки равнақ мебахшад. Бо ашъори рангину фаъолияти адабӣ ва ҳикмати фаровонаш аз арзишҳои миллӣ, Ватан ва миллати азизи хеш дифоъ менамояд:

Шодон шудаӣ, ки ман ба Юмгон,
Дармондаву хору безаворам.
Гар канда шудаст хонумонам,
Ҳикмат рустаст дар канорам [130, с. 334].

Чунин аҳволи ногуворро Фирдавсӣ низ тасвир намуда, мутаассиф аст, ки дар замоне, ки ӯ ҳаёт ба сар мебарад, шахси хирадманд, сухандону суханшиносе нест, ки ба ӯ табодули андешаву афкор намояд, аз боби илму дониш сухан ронад, ақидаҳои фаъолу пешқадами хешро ба ӯ қисмат намояд ва баҳри беҳбуд бахшидани зиндагии мардум роҳҳоро пешниҳод кунад. Ба қавли Фирдавсӣ касе нест, хирадро, ки омили асосии рушди сирати миллӣ мебошад, ситоиш кунад. На танҳо каси ситоишгари хирад ёфт намешавад, балки агар мутафаккирони бузург чун Фирдавсӣ хирад ва мавқеи онро дар рушди зиндагии мардум тасвир намоянд, гӯши шунавое нест, ки ин пандро фаро гирад. Фирдавсӣ таълим медиҳад, ки ҳама чизро бояд дастур ва раҳнамо хирад бошад, то дар зиндагии хеш саодати рӯзгор насиб гардад:

Харадрову ҷонро ки ёрад сутуд,
В-агар ман ситоям, ки ёрад шунуд?
Ҳакимо, чу кас нест, гуфтан чӣ суд?!
Аз ин пас бигӯ к-офариниш чӣ буд?

Туӣ кардаи кирдигори ҷаҳон,
Шиносӣ ҳаме ошкору ниҳон.
Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор [346, с. 334].

Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав барои халқу миллати хеш ва тамоми абнои башар хизматҳои бузургу шоиста намудаанд. Бузургтарину фанонопазиртарин хизмати ин мутафаккирон ба халқу миллати мо аз адолатҷӯйиву ваҳдатпарастӣ, ҳақпарастӣ, интиқод аз туркону Аббосиён ва ба ин васила, тараннуми андешаҳои миллӣ, ақидаҳои илмӣ-адабӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ иборат аст. Зеро Фирдавсӣ ва Носири Хусрав баландтарин эҳтиромро барои инсон мегузоранд ва ба мардум аз дидгоҳи умумибашарӣ баҳо медиҳанд ва сирати миллии мардумро эътирофу эҳтиром мекунанд.

Донишмандони эронитабори Биратаниё Ғулом Ризо Миршоҳӣ ва Аҳмад Яҳёи Илоҳӣ дар мақолаи «Хирадварзӣ муқаддимаи плюрализми динӣ» (дар ҳаммуаллифӣ) дар рафти таҳқиқот муайян намудаанд, ки Носири Хусрав ба дину оин, фарҳангу маданият, зисту зиндагии мардумони миллатҳои мухталиф эҳтироми куллӣ дошта, ҳамзамонони хеш ва моро панд медиҳад, ки мардум бояд чандандешии ҷаҳони ислом ва тамоми мардумро эҳтиром гузоранд ва дар байни онҳо дӯстиву иттиҳод барқарор намоянд на фитнаву низоъ. Аз ҷумла, ин донишмандон нигоштаанд: «Пажуҳиш ва баррасии осори Носири Хусрав нишон медиҳад, ки плюрализм ва ҳамчунин плюрализми динӣ ҷойгоҳи мумтозе дар андешаҳои ӯ дорад. Дар андешаи плюралистии Ҳаким Носири Хусрав пазириши плюрализм ба маънои пазириши эътиқоди дигарон нест, лизо ҳар фарде боистӣ бо иститлол ва ҳуҷҷат эътиқодоти худро пазирад ва бо некукорӣ зиндагӣ намояд. Ҳаким Носири Хусрав бар ин бовар аст, ки мардум бо воситаи адам баҳрагирӣ аз неъмати «ақл» ҳамвора бо якдигар дар ҳоли низои мазҳабӣ ҳастанд. Аммо агар аз ақли худ дуруст истифода намоянд ба сулҳ ва иттиҳод даст хоҳанд ёфт. Таври куллӣ дар адабиёти ironӣ «нодонӣ» сарчашмаи ҳамаи душманиҳо ва ҷангҳо аст ва душманӣ аз нодонӣ бар мехезад» [260, с. 171].

Ин ақидаҳо дар осори илмиву фалсафӣ, адабӣ ва педагогии Носири Хусрав зиёд таҷассум ёфтаанд. Ҳаким шахсони ҷудоандозу ошуббарангезро, ки дар байни адёну мазҳаб, миллат, нажод низоъ меандозанд ва ё касеро бар касе бартарӣ мегузоранд, маҳкум мекунад. Дар асоси таълимоти Носири Хусрав новобаста аз он, ки шахс ба кадом дин гаравида бошад ва кадом китоби осмониро эътироф мекунад, ӯ одам аст ва дар миёни одамият фарқе мавҷуд нест, ба ҷуз хираду рафтор ва ахлоқи ӯ:

Бинакуҳӣ ҷуҳуду тарсоро,
Ту чӣ дорӣ бар ин ду тан тафзил?
Чун надонӣ, ки фазли Қуръон чист,
Пас, чи Фурқон турову чи Инҷил?!
Ту ба тарсо ба як нархӣ, сӯйи доно,
Агарчи ту камар бастию ӯ кустӣ [260, с. 171].

Фазлу бузургии одамиятро Ҳаким Носири Хусрав дар дониш, рафтор гуфтор ва амали ӯ медонад. Ба андешаи Носири Хусрав, агар мусалмонон Муҳаммадро интихоб карда бошанд, масеҳиён Исои Масеҳро. Аммо ин ҳар ду паямбарон фиристода шудаанд ва бародаронанд. Бо ин роҳ Ҳаким таълим медиҳад, ки дар байни халқу миллатҳои мухталиф ҳамеша бояд дӯстиву рафоқат, иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо бошад, на фитнаву кинаандозӣ. Дар ин бора муҳаққиқ В. Охонниёзов дар китоби хеш аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ овардааст:

Фазли ту чист, бингар бар тарсо?
Аз сар ҳавас бурун куну тарсоро.
Ту муъминӣ, гирифта Муҳаммадро,
У кофир аст, гирифта Масеҳоро.
Эшон паямбарону рафиқонанд,
Чун душманӣ ту беҳуда тарсоро?! [273, с. 65].

Ба роҳ мондани муносибати хуб байни мардуми олам боиси тақвияти дӯстиву иттиҳод гардида, решаи зулму истибдодро бартараф мекунад ва дӯстиву иттиҳод боиси пойдории сулҳу субот мегардад. Донишмандони

бузург Фирдавсӣ ва Носири Хусрав адолатхоҳӣ, сулҳу субот, дӯстии адёну миллатҳои мухталифи рӯйи оламро бисёр муҳим ва аввалиндараҷа мешуморанд. Ин мутафаккирон бар онанд, ки ин хислатҳои неки инсонӣ дар сирати миллии миллати куҳанбунёди тоҷик ҷойгоҳи асосӣ доранд. Мутафаккирон таълим медиҳанд, ки халқу миллатҳои мухталиф ҳама офаридаи Худоянд ва касеро бар касе бартарӣ нест. Новобаста аз ҷинс, дину оин, миллату нажод, сиёҳу сафед халқ яксон аст ва ба ҳар халқу миллат бояд эҳтиром гузошт ва ин нуктаро олимони муосир низ дастгирӣ намуда, тақвият мебахшанд. Масалан, академик Шарифзода Файзулло овардааст: «Дар замони имрӯза мардону занон мақоми якхелаи иҷтимоӣ доранд. Муносибатҳои хонаводагии занону мардони ҷавон бояд чунон сурат гирад, ки бо раванди ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ зид набошад ва ба таври табиӣ ба пешрафти рушди иҷтимоӣ мувофиқат намояд» [381, с. 417].

Ҳамин тавр, Носири Хусрав мутафаккири озодандешу адолатхоҳ, ростқавлу ҳақиқатгӯ, башардӯсту некандеш ҳама гуна ҷабру ситами ҳокимону сарватмандони замони хешро дар ҳаққи мардуми бечораву бенаво зери тозиёнаи танқид мегирад. Ӯ кулли мардуми оламро шоху барги як дарахти тануманд дониста, ҳама гуна зулму ситамро дар ҳаққи онҳо хилофи адаб ва берун аз хислати инсонӣ медонад:

Халқ ҳама яксара ниҳоли Худоянд,
Ҳеҷ на баркан ту з-ин ниҳолу на бишакан [260, с. 9].

Ин аст андешаи умумибашарӣ ва эҳтироми Носири Хусрав ба мардуми рӯйи олам ва ин аст анъанаи неки миллати тоҷик.

Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: «Зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиори диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, балки аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд» [2, с. 6].

Дар партави ҳидоятҳои Пешвои миллат насли наврас ва ҷавонро хеле муҳим аст, ки ба хондани осори гузаштагони хеш ҷиддӣ машғуд шаванд. Пас дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат хонандагон, ҷавонон, куҳансолон бояд дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон ватани азизи ман» ва дигар озмунҳо фаъолона ширкат варзида, ба осори классикон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд, анъанаи неки китобхонии миллати тоҷикро эҳё намуда, тақвият бахшанд, забони ноби тоҷикиро, ки забони модарӣ ва давлатии ин миллати куҳанбунёд аст, хуб аз худ намоянд ва бо ин васида сирати миллии онҳо рушд ёбад.

Мусаллам аст, ки забон яке аз нишонаҳои асосии ҳар як миллат буда, ба василаи он сарнавишти таърихӣ, сиёсӣ - иҷтимоӣ, андешаҳои миллӣ ва фарҳангии миллат тайи таърихи зиндагии миллӣ матраҳ мегарданд. Боиси ифтихори миллати тоҷик аст, ки забони ноби дарии тоҷикӣ дар таърихи фарҳанги эронитаборон ба сифати забони илму тамаддун шинохта шуда, дар бедории фикрии мардуми ориётабори тоҷик нақши бориз доштааст. Ин забони шевои қадима дар имтидоди асру қарнҳои мухталиф забони илму хирад, забони сиёсат буда, тавассути он куҳантарин китоби башарӣ Авесто китобат шудааст, ки беш ва пеш аз ҳама, ба самти ташаккули хирад, ҳамчун омили асосии рушди тафаккур ва сирати миллӣ, таълиму тарбияи фарзанд нигаронида шудааст.

Забоншиносон нақши забонро дар рушду такомули инсоният, сирати миллӣ, андешаҳои милливу ватандӯстӣ ва таълиму тарбия аз ҳама муҳим дониста, исбот намудаанд, ки дар тули таърихи инсонӣ на ҳамаи забонҳо тавони таъмини бедории иҷтимоӣ ва фикриро чун забони ноби тоҷикӣ доштаанд. Авесто ҳамчун хирадномаи миллӣ дар инкишофи сирати миллӣ ва тафаккуру хирад ва бедории фикрии на танҳо мардуми эронитабор, балки насли башарӣ мақоми махсус доштааст. Дар ин асар низ ба мақоми забон, ҳамчун арзиши миллӣ ва баёнгари андешаҳои миллӣ ишораҳои зиёд шудаанд, масалан, «Дар Ясна, ҳоти 31, бандҳои 17 ва 19 вазифаи марди доно ва гушодазабон дар бедорӣ ва огоҳӣ бахшидани ҷомеа муайян ва мушаххас

шудааст. Муаллифи «Готҳо» - Авесто Зардушт нақши забонро дар бедории андеша сахт саҳим донистааст (Ясна, ҳоти 34, банди 10)» [337, с. 4].

Таърих гувоҳ аст, ки дар замони давлатдории Сомониён давраи нави ташаккулу таҳаввули забони миллӣ рӯйи кор омада, мутафаккирони бузурги асрҳои X-XI бо ин забони шево назму насрро эҷод мекарданд ва дар ташаккули забони миллӣ нақши бориз гузоштанд. Дар ин бора муҳаққиқ овардааст: «Замони салтанати Сомониён забони миллӣ таҳкиму густариш ёфт... Ин ҷуръат ва ҷасорати арзанда дар бедории фикрии ҷомеаи асри X хеле муассир буда, раванди таҳаввули андеша ва забони миллиро таҳким бахшидааст. Шоирону адибони барҷастаи аср Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Кисоии Марвазӣ ва Фирдавсӣ бо андешаи барозандаи иҷтимоӣ ва фалсафӣ дар бедории иҷтимоӣ ва фикрии ҷомеа саҳми муносиб гирифтанд» [74, с. 9].

Намояндаи бузурги адабиёти асри XI, донишманди оқил, ҷасуру нотарс, ватандӯсту озодандеш Носири Хусрав бо вуҷуди таҳдиду таъқиби амалдорони замон барои дарёфти мақому мартаба, шаъну шараф ба пеши яке аз соҳибони зару сим сар фурӯ наафканда, шарафу номуси хеш ва халқу миллати худро нигоҳ медорад. Ӯ инчунин бадхоҳонро, ки мехостанд забони ноби тоҷикӣ, лафзи дариро ба коми нестӣ расонанд, сахт маҳкум менамуд. Тавре дар боло қайд гардид, таърих гувоҳ аст, ки Маҳмуд мақоми забони тоҷикиро, ки дар мақоми забони давлатии давлати Сомониён қарор дошт, барҳам дода, ба ҷойи он забони арабиро забони давлатӣ эълон намуд. Э. Ҳоҷибеков дар мақолаи хеш «Инъикоси маълумоти таърихӣ ва баъзе ақидаҳои гуманистӣ дар ашъори Ҳаким Носири Хусрав» роҷеъ ба ин масъала овардааст: «Маҳмуд ба забони порсӣ, дарии тоҷикӣ, ки дар замони пеш аз ӯ забони давлатӣ буд, муҳаббате надошт ва ба хотири пайравӣ аз Аббосиён, ба гуфти Бобоҷон Ғафуров, забони арабиро ҷойи забони порсӣ-дарӣ дар идоракунии давлатӣ ҷорӣ намуд» [259, с. 241]. Кор то ба ҷое расида буд, ки ба артиши Султон Маҳмуд форсҳо, даризабонон ва тоҷикон гирифта намешуданд, зеро ба онҳо боварӣ набуд. Ҳаким Носири Хусрав чунин

рафторҳои ғаразона ва ноадолатиҳои Маҳмудро нотарсона маҳкум намуда, аз лафзи дарии хеш дифоъ менамояд:

Ман онам, ки дар пои хӯкон нарезам,
Ман ин қимати дурри лафзи дариро [259, с. 210].

Ақидаҳои болозикри Носири Хусрав раҳнамо барои насли наврас дар ҷодаи забондониву муҳаббат ба забони модарӣ мебошанд ва ин ақидаҳо дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ ҷойгоҳи махсус доранд ва ин нуктаи фавқулода муҳим дар осори аксарияти мутафаккирони тоҷики асрҳои X-XI мақоми асосиро ишғол намудааст. Ба унвони мисол метавон овард, ки Фирдавсӣ низ ба забони форсии дарии хеш эътибору эҳтироми зиёд дошта, «Шоҳнома»-и безаволи хешро ба ин забони шево эҷод намудааст. Фирдавсӣ хирад ва забонро аз ҳам ҷудо накарда, балки онҳоро бо ҳам тавъам медонад ва бо ин васила мефармояд:

Туро гар хирад бошад андар забон,
Ба бедорӣ кӯшӣ на хоби гарон [88, с. 16].

Абудқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав дар баробари ҳимояи забон, ки қисмати ногусастании арзишҳо ва андешаҳои миллӣ мебошад, дар тули умри хеш барои ҳимояи дигар андешаҳову арзишҳои миллӣ, озодии миллат ва халқи худ ҷасурона бо истифода аз қалам мубориза мебурданд. Мутафаккирон дар бисёр ҷойҳои осори хеш ба он ишора мекунанд, ки туркон донишмандону олимонро нек намедиданд ва онҳоро ё ба қатл мерасонданд ва ё аз Ватан бадарға мекарданд. Аксарияти бузургон ночор ихтиёран Ватани азизи худро тарк мекарданд. Тавре Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи хеш баён менамояд, ки бо барҳам хӯрдани давлати Сомониён қимати асари безаволаш низ дигар шуд. Султон Маҳмуд ба мақсаду мароми «Шоҳнома», мазмуну муҳтавои он нарасида, бо ҳасадбарӣ ба қатл расонидани Фирдавсиро ба зердастонаш фармон медиҳад. Аммо Фирдавсӣ дар ҳимояи сирати миллӣ, андешаҳову ақоиди миллӣ, забони ноби тоҷикӣ, ки асари қиматарзишаш ба он эҷод гардидааст, дар тақвият бахшидани фаъолияти

эҷодӣ аз чизе ва касе тарсу ҳарос надошт. Ӯ баръакс рӯирост ақидаҳояшро ба Маҳмуд иброз медорад:

Аё шоҳ Маҳмуди кишваркушой,
Зи кас гар натарсӣ, битарс аз Худой...
Накардӣ дар ин номаи ман нигоҳ,
Зи гуфтори бадгӯй гаштӣ зи роҳ.
Ҳар он кас, ки шеъри маро кард паст,
Нагирад-ш гардуни гарданда даст [88, с. 103].

Дар самти бебокиву озодандешӣ, ростибаёниву ҳақиқатнигорӣ ақидаҳои Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ба ҳам ҳамбастагии куллӣ дошта, Носири Хусрав баёни андешаҳои миллии Фирдавсиро идома ва тақвият мебахшад. Носири Хусрав аз таъсиру фишори туркон ва бедодигариҳову беадолатиҳои онҳо ба Юмгон паноҳ бурд. Туркон мехостанд, ки руҳияи халқро аз ӯ гардонанд, бинобар ин таъкид мекарданд, ки касе набояд ба суханҳои ӯ гӯш биандозад, зеро гӯё ӯ писандидаи ягон шоҳу давлатдор нест:

Гӯяд-т фалон-к «зи чунин суханҳо»,
Мондаст ба зиндон-фалон-ба Юмгон.
Мангар ба суханҳои ӯ азеро,
Туркон-ш бирондand аз Хуросон.
На мири Хуросон писандад ӯро,
На шоҳи Сиҷистон, на мири Хуросон [363, с. 331.

Озодандешӣ, ватандӯстиву муҳаббат ба халқу миллат мутафаккирро ором намегузошт, ки ба чунин бадхоҳон, ҷоҳилони дунҳиммат тан диҳад. Ӯ миллати худро дӯст медошт ва ба пойи ҳар нокас сар фурӯ намеовард. Ба дунҳиммативу ҷаҳолат, фишору тақиби туркон нигоҳ накарда, аз омӯхтани илму дониш ва офаридани асарҳои хеш даст намекашид, баръакс фаъолияти эҷодиашро беш аз пеш равнақ мебахшид:

Қиммати дониш нашавад кам ба-д он-к,
Халқ чунин ҷоҳилу дунҳиммат аст [359, с. 117].

Аммо мутафаккир ба он ишора мекунад, ки мутаассифона дар замони ӯ нодонӣ мавқеи асосиро касб карда, ба қавли ӯ «ҳалол» шудааст, аммо донишу озодагӣ қимати хешро аз даст дода, «ҳаром» шудааст. Кори дунё баръакс шуда, доноёнро бандаи нодонон кардааст:

Ҷаҳлу бебокӣ шуда фошу ҳалол,
Донишу озодагӣ гашта ҳаром.
Бошгӯна карда олам пӯстин,
Родмардон бандагонро гашта ром [363, с. 346].

Мазаммати рӯирости рақибон, бадхоҳони миллати тоҷик дар осори Фирдавсӣ ва Носири Хусрав пайваста садо медод. Ин донишмандон дар ташаккули сирати миллӣ дар баробари хирад нақши донишро, ки омили асосии рушди тафаккур аст, калидӣ медонанд. Мутафаккирони номбурда туркони ҷаҳолатпарастро ба хирадварзиву донишандӯзӣ даъват мекарданд. Онҳо ҳама гуна беадолатӣ, зулму истибдоди ҳокимони туркро дар камсаводиву сарватталошии онҳо мебинанд. Дар ин бора Фирдавсӣ овардааст:

Касе, к-ӯ ҷаҳонро бувад хостгор,
Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор [335 с. 146].

Бо ин васила: «Фирдавсӣ илму донишро, ки сарчашмаи асосии ташаккули хирад ва сирати миллӣ мебошад, тарғиб намуда, тамоми мардумро, новобаста аз мақому мансаб ва сарвату ҷо, ба омӯхтани дониш ва дар амал татбиқ намудани он даъват мекунад [89, с. 200] . Аз ин ҷо бармеояд, ки Фирдавсӣ ва Носири Хусрав на танҳо шоҳону амалдорон, балки тамоми мардумро ба хирадварзӣ, андӯхтани илму дониш, равнақ бахшидани андешаҳои миллӣ даъват ва талқин мекунанд.

Дар ақидаҳои педагогӣ, андешаҳои миллии Фирдавсӣ хираду хирадмандӣ, илму дониш масъалаҳои асосӣ мебошанд. Ба қавли Фирдавсӣ хирад ва дониш сарчашмаҳои пешрафт ва ободии олам мебошанд. Равнақи олам аз хирад ва дониш вобастагии куллӣ дошта, дар дунё адолатро аз завол ва инсониятро аз бадбахтиву нестӣ нигоҳ медорад. Фирдавсӣ одамони

бехираду бесаводро маҳкум намуда, мегӯяд, ки омили асосии харобии кишвар, ранҷу кулфат, ҷабру ситам бехирадиву бедонишист. Аз ин лиҳоз, Фирдавсӣ панд медиҳад, ки дар ҳар лаҳзаи ҳаёт бояд ба омӯхтан машғул буд. Дар омӯхтани илму дониш набояд дудила буд, зеро он, ки дониш омӯхт ба камоли мақсуд расид. Ба қавли мутафаккир дар омӯхтани дониш ва анҷом додани дигар корҳо набояд коҳилӣ кард ва донишро бояд сари вақт ва доиман омӯхт. Ва таъкиди асосии Фирдавсӣ он аст, ки бар тахт бояд одами бодонишу бохирад бишинад, то ки мулк обод гардад:

Маёсой з-омӯхтан як замон,
Зи дониш маяфган дил андар гумон.
Ба манзил расид он ки гӯянда буд,
Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.
Ба фардо намон кори имрӯзро,
Бари тахт маншон бадомӯзро. [175, с. 146].

Байтҳои дар боло оварда аз осори Фирдавсӣ на фақат андӯхтани донишу дар амал татбиқ намудани онро талқин мекунанд, балки дар партави он ҷанбаҳои дигари ташаккули сирати миллиро, аз қабили наёсудан аз омӯхтани дониш, дилдаргумон набудан, сухани рост гуфтану одоби муоширатро риоя кардан, ҷӯяндаву ҷустуҷӯкор будан, кори имрӯзаро ба фардо нагузоштан, додани вазифа ба хирадмандону донишмандон тарғибу ташвиқ мекунад. Ҳамаи ин хислатҳоро хирад ва дониш танзим мекунанд ва васиали инкишофи онҳо низ хирад аст.

Мутафаккирони болозикр Носири Хусрав ва Фирдавсӣ илму донишро ситоиш намуда, амал намуданро аз омӯхтани дониш муҳимтар мешуморанд. Масалан, Фирдавсӣ менигорад, ки касе, ки ба дониш тавонгар аст, ӯ аз ҳама тавоност ва кирдору гуфтораш тавъам аст:

Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад [175, с. 147].

Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ низ ба ин ақидаи Фирдавсӣ ҳамфикру ҳамақида буда, ғояҳои ӯро дар ин самт тақвият мебахшад. Носири

Хусрав ҷоҳилро шахси зинда намепиндорад, ба қавли мутафаккир зиндаи абад он аст, ки доно бошад:

Марг ҷаҳл асту зиндагӣ дониш,
Мурда нодону зинда доноён.
Ҳаст монад ба илм доно мард,
Нест гардад ба ҷоҳилӣ нодон» [362, с. 87].

Мусаллам аст, ки барои омӯхтани илму дониш омӯзгорро лозим аст, то ки шогирд аз роҳнамоҳиҳои ӯ бархурдор бошад, вагарна шогирд роҳи дурусти худро дар зиндагӣ муайян карда наметавонад. Маҳз Абулқосим Фирдавсӣ донишро ситоиш намуда, дар ин замина мартабаи устод-омӯзгорро баланд мебардорад. Зиндагӣ гувоҳи ҳол аст, ки ҳеҷ кас бе омӯзгор кас нашудааст ва дар ҷаҳон шахсе нест, ки аз дасти омӯзгор баҳра нагирифта бошад. Маҳз омӯзгор аст, ки роҳи зиндагии пурсаодатро ба мардум нишон медиҳад:

Агар гум кунад роҳи омӯзгор,
Сазад, к-ӯ ҷафо бинад аз рӯзгор [347, с. 40].

Ба андешаи Фирдавсӣ панд гирифтан аз суханони омӯзгор ва пирони рӯзгордида ҳаётан муҳим аст, ки куҳансолони бузург низ омӯзгоранд ва насли наврасу ҷавонро муҳим аст, ки пайрави онҳо бошанд:

Зи гуфтори фарзонадил, марди пир,
Сухан бишнаву як ба як ёд гир [347, с. 40].

Таҷрибаҳои ҳаёт собит менамоянд, ки омӯзгор роҳи дурусти зиндагиро барои шогирд нишон медиҳад ва маҳз бо дастуру раҳнамоиҳои устод шогирд ба мақсад мерасад. Пас ба қадри устод-омӯзгор расидану тибқи таълимоти ӯ амал намудан дар зиндагӣ зарур ва муҳим будааст ва насли наврас бояд дар ин руҳия таълиму тарбия ёбад. Ин баёнро дар андешаҳои болозикри Фирдавсӣ шоҳид гардидем ва дар ақидаҳои фавқ Ҳаким Носири Хусрав низ бо Фирдавсӣ ва дигар мутафаккирон ҳамфикр аст, ӯ таълим гирифтан аз омӯзгорро муҳим арзёбӣ мекунад: «Ба қавли Носири Хусрав касе, ки

пайваста дар омӯзиш аст ва дар шогирдӣ ба устод камар бастааст, рӯзе худ ба мартабаи устодӣ хоҳад расид» [14, с. 78]:

Биёмӯз, он чӣ нодонӣ ту зинҳор,
Ки бар кас нест аз омӯхтан ор.
Ба шогирдӣ ҳар он-к ӯ шод гардад,
Бувад рӯзе, ки худ устод гардад [130, с. 558].

Зи гуфтори мардони пир сабақ гирифтан, ки Фирдавсӣ онро панд медиҳад, дар осори Носири Хусрав низ айнан ба чунин маънӣ баррасӣ шудааст. Аз таҷрибаи дигарон баҳра гирифтану аз омӯзандае чизеро ёд гирифтан, ба қавли мутафаккир, садақаи беҳтарин аст, ки ба дигарон дода мешавад:

Зи омӯзандае маънӣ фаро гир,
Зи некӣ, гар бадат ояд, маро гир [278, с. 554].

Боиси тазаккур аст, ки Носири Хусрав, пеш аз он ки мардумро ба донишомӯзӣ даъват кунад, худ тамоми умр ба андӯхтани илму дониш машғул буд ва то тавонист илмҳои зиёди замони хешро аз худ карда, тамоми мартабаву манзалатро, ки соҳиб гардида буд, аз донишмандиву хирадмандии ӯст:

Сар андар ҷустани дониш ниҳодам,
Накардам рӯзгори хеш бебар
Намонд аз ҳеч гун дониш, ки ман з-он
Накардам истифодат бешу камтар [130, с. 210].

Донишмандони машҳури тоҷик Фирдавсӣ ва Носири Хусрав мартабаи хирад, дониш, амалро аз ҳама баланд мебардоранд ва ба қавли ин мутафаккирон ин мафҳумҳо чун сутуни ҷомеа мебошанд, ки оламро аз ҳалокат наҷот мебахшанд. Инчунин хирадварзиву донишпазирӣ арзишҳо ва андешаҳои миллии мардуми тоҷик мебошанд, ки чун гӯшту нохун аз тани тоҷикон ҷудонопазиранд.

Яке аз арзишҳои дигари миллӣ, ки дар таърихи мардуми тоҷик ва сирати миллии ин мардум решаи устувор дорад, ватандориву ватандӯстӣ мебошад.

Мардуми тоҷик аз қадим соҳибватану ватандӯст буда, дар гирудору нобасомониҳои таърих низ ин арзишҳои неки миллиро аз даст надод. Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ба ин масаъла назари хос доранд. Бахусус «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асосан ватандӯстиро тараннум мекунад ва ин андешаи миллии шоир фанонопазир аст. Нақши ватандӯстӣ дар қалби Фирдавсӣ ҷойгоҳи махсус дошта, дар андешаҳои милливу ақидаҳои педагогии ӯ равшан баён гардидааст ва ин дар ташаккули сирати миллии насли наврас мақоми сазовор дорад.

Нахуст Фирдавсӣ дар тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ ба ҷавонони ватандӯсту далери миллати хеш мефахрад ва ҳар касро ба тамошои онҳо даъват мекунад, то аз ин тамошо лаззат баранд:

Нигаҳ кун б-ад ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор [347, с. 371].

Фирдавсӣ ҳушдор медиҳад, ки ҳар кас соҳиби Ватан, зану фарзанд, хоҳару бародар, падару модар ва хешу табор аст. Инҳо муқаддасоти ҳаёти ҳар як инсон ҳастанд ва агар онҳоро хатаре таҳдид кунад, аз ҳеҷ чиз бояд наҳаросид ва мардонавор ба ҳимояи Ватан, зану фарзанд ва хешу табор бархост. Аз ақидаҳои Фирдавсӣ бармеояд, ки миллати тоҷик миллати ҷангхоҳу беадолт ва золиму хунхор нест, аммо дар ҳимояи Ватан бебок аст. Дар ин бора Фирдавсӣ таъкид бар он мекунад, ки дар назди Ватан ва муқаддасоти ӯ ҷонро қимате нест, пас аз фидо кардани он дар роҳи ризои ҳимояи миллат набояд ҳаросид:

Зи баҳри бару буми фарзанди хеш,
Зану кӯдаку хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.
Чунин гуфт муъбад, ки «мурдан ба ном
Беҳ, аз он ки душман бар ӯ шодком» [313, с. 94].

Фирдавсӣ аз ғолибияти душман маргро авлотар медонад. Набояд дар ҷанг ақиб нишаст, ё пирӯзӣ ва ё марг. Андешаҳои милливу ватандӯстии

Фирдавсӣ ӯро ором намегузоранд, ки нисбати ин масъала лаб фурӯ бандад. Ӯ панд медиҳад, ки набояд аз барои марг ё молу сарват аз ҷон тарсид, зеро марг инсонро дар пеш аст, аммо Ватан муқаддасу ҷовидонист ва беҳтар аз ӯ сарвату моле нест:

Нигар то натарсӣ ту аз маргу чиз,
Ки кас бе замона намурдаст низ.
Ва гар кушт хоҳад ҳаме рӯзгор,
Чи некутар аз марг дар корзор
Бикушему мардӣ ба кор оварем,
Бар эшон ҷаҳон тангу тор оварем [314, с. 94].

Дар ҳимояи Ватан ва пирӯз шудан бар бадхоҳ Фирдавсӣ иттиҳоду иттифоқи халқи Ватанро муҳим мешуморад. Ба қавли ин мутафаккир мардум бояд ҳамеша ҳамдилу ҳаммаром ва якҷо бошад ва дар ин ҳол ҳеҷ гоҳ мағлуб намегардад, лашкари ҳазорҳонафараи парешону бенизом пирӯз наҳоҳад шуд:

Парокандалашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор [89, с. 94].

Ва дар абёти дигар низ Фирдавсӣ ба ин мазмун ишора намуда, амалро аз гуфтор болотар ва иттиҳоду якдилиро муҳимтар мешуморад:

Агар ду бародар ниҳад пушт, пушт,
Тани кӯҳро хок молад ба мушт.
Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ними кирдор нест [182, с. 101].

Дар достони «Бар тахт нишастани Кайковус ва оҳанги Мозандарон кардан» Фирдавсӣ менигорад, ки чун кас ба камоли инсоният расида бошад, ҳеҷ кас сари ӯро хам кардан наметавонад, танҳо бадхоҳ худ ба гирдоби пастӣ гирифтор мегардад. Ва ба қавли Фирдавсӣ хирад инкишофпазир аст. Ҳар кас метавонад дар ташаккули хирад саъю талош варзад ва аҷаб нест, ки аз решаи дарахти бад шохаи нек рӯяд ва баръакс. Падар аз такя бар хирад ба камоли подшоҳӣ мерасад ва мулкро хирадмандона идора намуда, ба фарзанд интиқол

медиҳад ва агар фарзанд гапи падарро нагирифта, даст ба бехирадӣ ва беадолатӣ занад, ӯ аз нутфаи падар маҳсуб намешавад:

Дарахти баруманд чун шуд баланд,
Гар эдун, ки ояд бар ӯ бар газанд.
Шавад барг пажмурдаву бех суст,
Сараш сӯйи пастӣ гарояд нахуст.
Агар шохи бад хезад аз бехи нек,
Ту бо бех тундӣ маёғоз рек.
Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
Кунад ошкоро бар ӯ бар ниҳон.
Гар ӯ бифканад фарру номи падар,
Ту бегона хонаш махонаш писар [347, с. 40].

Ҳаким Носири Хусрав низ тарафдори ин ақидаҳо буда, қайд менамояд, ки ба мартабаи баланд расидану шуҳратёр гаштанаш хирад нақши асосӣ дорад. Носири Хусрав шахси хирадманд, мутафаккир, олим, шоир, файласуф, ситорашинос, сайёҳ, муҳаққиқ, риёзидон, ҷуғрофияшинос буд ва худ мутафаккир қайд менамояд, ки ҳамаи ин пешравиҳову муваффақиятҳо зодаи хирад мебошанд ва дар такмили камоли ӯ хирад ҷойгоҳи асосӣ дорад. Ба ақидаи ӯ хирад буд, ки ӯ соҳиби фазлу хирад, дурри шоҳивор, дил пур аз нур, сар бехумор, соҳиб ҳикмат гардида, аз тамоми хавфу хатарҳо раҳо ёфт:

Ақл ҳаме гӯядат муваккал кард,
Бар тану бар ҷонат Кирдигор маро.
Сар зи каманди хирад чи гуна кашам,
Фазлу хирад дод бар ҳимор маро.
Санги сиёҳ будам аз қиёсу хирад,
Кард чунин дурри шоҳивор маро.
Дил зи хирад гашт пур зи нур маро,
Сар зи хирад гашт бехумор маро.
Пешварам ақл буд то ба ҷаҳон,
Кард ба ҳикмат чунин машор маро.

Бар сари ман тоҷи дин ниҳод хирад,
Дин ҳунаре карду бурду бор маро.
Аз хатар оташу азоби абад,
Дину хирад кард дар ҳисор маро [358, с. 89].

Хулоса, хирад такмилбахши одам ва олам, омили рушди сирати миллӣ ва дар маҷмуъ боиси ободии олам аст. Дар асоси таълимоти ин мутафаккирон насли наврасу ҷавонро тавре бояд тарбия намуд, ки хирадварзу хирадгаро бошанд ва чун мутафаккирони бузург Фирдавсиву Носири Хусрав олим, донишманд, ватандӯст, некниҳоду ростқавл ба камол расанд.

Таҳлили муқоисавии осори мутафаккирони асрҳои X-XI Абулқосим Фирдавсӣ ва Носири Хусрав оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ собит намуд, ки ҳақиқатан пешрафти ҳаёт, таълиму тарбияи насли наврас, ташаккули сирати миллӣ аз хирад вобастагии асосӣ дорад. Дар зери мафҳуми сирати миллӣ мо ба ақидаву арзишҳои миллии халқи тоҷик, аз ҷумла: «... андӯхтани илму дониш, табодули таҷриба намудану панд гириифтан аз омӯзгорону калонсолон, ростқавливу дурусткорӣ, таъмини муносибати хуб байни адён, халқҳои гуногунмазҳабу гуногуннажод» [31, 173], бебокӣ, таслим нашудан дар ҷанг барои ҳимояи Ватан ва дар умум, сар фурӯ наафкандан ба душманони халқу миллат, дареғ надоштани ҷону мол барои ҳифзи марзу буми Ватан ва риояи хирадварзӣ, ҳатто дар давраи ҷанг, баланд будани мақому мартабаи зан дар ҷомеа ва амсоли инҳо рӯбарӯ гардидем. Таҳлилҳо собит намуданд, ки пояи ҳамаи ин арзишҳо ва андешаҳои миллӣ хирад, дониш ва доноӣ аст ва дар умум, ташаккули сирати миллӣ куллан аз хирад ва дониш вобаста аст. Дар маҷмуъ, дар ҷамъбасти ин фасл метавон ба хулоса омад, ки такмили одамият аз хирад аст ва бехирад ҳама вақт оворавду парешон аст:

Чу гуфт он ҳунарманд, марди хирад,
Ки доно зи гуфтори ӯ бар хвард.
Касе к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.

Ҳушивор девона хонад варо,
Ҳамон хеш бегона хонад варо.
Аз ӯй ба ҳар ду сарой арҷманд,
Гусистахирад пой дорад ба банд [346, с. 27].

2.3. Таҳлили муқоисавии рушди хирад - омили асосии ташаккули сирати миллӣ дар эҷодиёти Абуалӣ ибни Сино ва «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ

Мутафаккир, табиб, олим, шоир, нуҷумшинос, файласуф, нависанда Абуалӣ ибни Сино намояндаи бузурги адабиёти асри XI тоҷику форс мебошад. Бузургии Сино маҳз дар он аст: «Синоро тамоми олам асосгузори илми тиб, донишманди соҳаҳои мухталифи илм, шеъру шоирӣ дониста, эътирофаш мекунанд» [42, с. 73]. Чунин фикрҳо оид ба Сино зиёданд, масалан М. Хушном овардааст: «Абуалӣ Сино барҷастатарин шахсияти шигифтиофарини фарҳанги Эронзамин аст. Овозаи ӯ аз марзҳои миллӣ фаротар рафтаву ранги ҷаҳонӣ гирифта аст. Ӯ низ чун бисёре аз фарҳангмардони эронӣ пас аз ислом дар тамоми асарҳои илмӣ соҳибназар буда, дар баъзе заминаҳо саромади акрони Худо будааст» [117, с. 11].

Дониши баланд ва зеҳни тозааш ӯро машҳури олам гардонида, асарҳояш бо бисёр забонҳои дунё, аз ҷумла, забонҳои ҷаҳонӣ русӣ ва англисӣ тарҷумаву дастраси аҳли илм, тиб ва фарҳанг ва оммаи халқ гардидаанд. Донишманди эронӣ Аҳдияи Бадеӣ менигорад: «Барои ман Абуалӣ Сино яке аз барҷастарин шахсиятҳо дар тоърихи илму дониши башарӣ аст. Дар дунёи кунунии мо донишмандону афроди нобиға бисёр ҳастанд, вале ҳар кадоме дар як ва ё ҳадди аксар ду риштаи тахассусӣ кор карда ва самароти донишу нубуғи худро дар ихтиёри ҳамнавъони худ мегузоранд. Вале Абуалӣ ба ҳамаи улуми замони худ дар ҳадди комил ошноӣ дошт ва осору рисолаҳои зиёде аз худ ба ёдгор гузошт, ки пояе барои улуми кунунии дунё шуд. Ва аксари ин осор ба забонҳои зиндаи дунё тарҷума шудааст» [31, с. 11].

Дар ҳақиқат. Сино асарҳои зиёдро аз худ боқӣ гузоштааст, ки имрӯз ба бештари ин асарҳо аҳли илм дастрасӣ доранд. Аз асарҳои ӯ «Донишномаи алоӣ», «Шариат ва танбеҳот», «Зиндагинома», Донишнома», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Мабдаъ ва маод», «Китоб-уш-шифо», «Рисолаи нафс», «Саломон ва Афзол», «Пирӯзнома», «Ал-қонун», «Шифо», «Тадбири манзил» ва ғайраро метавон ном бурд. Ногуфта намонад: «Сино 465 номгӯйи китобу рисолаҳо ба мерос мондааст» [67, с. 29]. Вобаста ба мероси бойи илмиву адабии Сино навиштани ҳазорҳо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ кам аст, зеро ин донишманд умри худро ба илм бахшида буд. буд. Тавре С. Улуғзода нигоштааст: «Ӯ дар илм фидоии азхудгузаштае буд; медонист, ки танҳо истеъдоди фитрӣ ҳар қадар хориқулода ҳам бошад, бе пуркорӣ намесабзад, маҳсул намедиҳад» [338, с. 184].

Фаъолияти адабиву илмии Сино таваҷҷуҳи донишмандон, адибон ва шарқшиносони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Махсусан, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, С. Улуғзода, М. Субҳӣ, А. Мирзоев, А. Алимардонов, Д. Обидов, А.А. Семёнов, А.В. Сагадеев, Д. Макдоналд ва дигарон ҳаёт ва асарҳои ҷудогонаи мутафаккиро мавриди омӯзиш қарор дода, таҳқиқотҳоро дар ин самт анҷом додаанд. Масалан, олими рус А. Семёнов ҳаёт ва осори ин донишмандро мавриди таҳқиқ қарор дода, паҳлуҳои зиёди асрҳои ӯро таҳқиқ намудааст. Ӯ бар ин назар аст, ки Сино шахси масъулиятшинос, пуркор, муҳаққиқ ва оянданигар будааст. Бо саъю талоши зиёд тавонистааст, ки истеъдоди худододаи хешро такмил бахшида, дар ҷаҳон ба номи олиму донишманд зиндаву ҷовид монад. Аз ҷумла, барои далели фикр А. Семёнов ақидаи донишманди Ғарб Д. Макдоналдро мисол меорад: «Ӯ дорои маълумоти ҳарҷонибае буд ва фаъолияташ низ дар соҳаҳои гуногуни дониш зоҳир шудааст... Фаъолияти илмиаш, хусусан дар соҳаи тиб, аз он чорчӯбае, ки Шарқи исломӣ ва Европаи асримиёнагӣ тибро маҳдуд карда буд, фаротар по ниҳод» [338, с. 9].

Сино бо вуҷуди кутоҳии умр, номусоидии замон, тақиби мухолифон, гурезагиву дарбадарӣ, маҳбусӣ, хизмати дарбор ва дигар мушкилиҳои рӯзгор

бо истеъдоди фавқулода ва саъю талоши ҳамешагии хеш комёбиҳои илмии то асри X бадастомадаро ба таври пурра ва дақиқ омӯхт ва роҷеъ ба соҳаҳои мухталифи илму дониш дар ҳудуди 465 адад асари калону хурди илмиро таълиф намуда, чун манбаи мукаммал ва муътабари илмӣ ба мерос гузошт.

Ин буд, ки донишмандон ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт будани Сино ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмиву адабии ӯ пардохта буданд. Ба унвони мисол китобҳои нодири донишмандони асри XI аз қабили «Сафарнома»-и Н. Хусрав, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Ватвот, «Асрор-ул-тавҳид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар ва дигар китобҳоро метавон оварда. Дар асрҳои баъдӣ низ ҳаёт ва фаъолияти ин марди хирад инъикос ёфтааст: «То кунун олимон оид ба рӯзгор ва фаъолияти Сино пажуҳишҳоро анҷом дода истодаанд» [67, 43].

Сино дар фаъолияти илмиву эҷодии хеш оид ба мавзуъҳои зиёди ҳаётан муҳим андешаи назар кардааст. Аз ҷумда, мутафаккир дар бораи хирад ва хирадварзӣ, эҳтиром ба ҳамдигар, омӯхтани илму дониш, худшиносиву худогоҳӣ, шинохти нафси хеш, шинохти Парвардигор ва амсоли инҳо изҳори назар намудааст: «Сино 465 асар навиштааст, ки 160-тои он то замони мо омада расидааст. Асарҳои навиштаи ӯ ба илмҳои тиб, илоҳиёт, мантиқ, нуҷум, риёзӣ, география, забони арабӣ, мусиқӣ, ахлоқ ва сиёсат бахшида шудааст. Ақидаҳои педагогии Сино дар асарҳояш «Донишнома», «Рисолаи нафс», «Саломон ва Афзол», «Пирӯзнома» ва «Тадбири манзил» баён гардидаанд» [397]. Муҳаққиқони зиёд осори илмиву адабӣ ва эҷодии Синоро омӯхтаву пажуҳишҳои зиёди асоснокро анҷом додаанд, аммо мутаассифона паҳлуҳои зиёди осори ин донишманд омӯхта нашуда, ба таҳқиқ ниёз доранд. Аз баёни ин таҳқиқотҳо даст кутоҳ медорем, зеро масъалаи баҳси мо дигар аст. Таҳлили муқоисавии рушди хирад-омили асосии ташаккули сирати миллӣ дар эҷодиёти А. Сино ва порча аз «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ мавзуи нав аст ва роҷеъ ба ин мавзуъ таҳқиқот анҷом дода нашудааст ва он ба пажуҳиш ниёз дорад. Тазаккур додан муҳим аст, ки таҳқиқотҳои болозикр дар кори таҳқиқотии мо маводди хуб мебошанд, зеро вобаста ба ақидаҳои Сино оид ба хирад ва сирати миллӣ дар ин асарҳо нуктаҳои алоҳида ҷой доранд.

Анҷом додани таҳлили муқоисавии ақидаҳои Сино оид ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ дар муқоиса бо «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ актуалӣ буда, дар тарбияни насли наврас нақши калидӣ гузошта метавонад.

Абушакури Балхӣ намояндаи бузурги адабиёти асри X буда, ӯ бо маснавии «Офариннома»-и худ ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт буданаш шаъну шараф ва эҳтироми баландро касб карда буд. Масанавии «Офариннома»-ро А. Балхӣ соли 336-и ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 947-и мелодӣ эҷод намудааст ва то замони мо фақат 300 байти он боқӣ мондааст. Инчунин шоир дар эҷоди қасида ва ғазал низ фаъол будааст. Мазмун ва муҳтавои байтҳои мондаи «Офариннома» аз он шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз он, ки шоир ин маснавиро дар ҷавонӣ эҷод карда бошад ҳам, дар эҷоди он дониши баланд ва маҳорати бузурги эҷодиро нишон додааст. Шояд яке аз сабабҳои мақоми баланд гирифтани ин асар он бошад, ки А. Балхӣ пеш аз таълиф намудани «Офариннома» асарҳои бузургони адибони тоҷикро аз замони Ҳанзалаи Бодғисӣ то Рӯдакӣ омӯхта, таҷрибаи бой ва дониши васеъро касб намуда буд. З. Сафо ин асарро сарчашма барои офариниши асарҳои мутафаккирони баъдӣ қаламдод карда менависад, ки аз омӯзиши порчаҳои маҳфузмондаи ин маснавӣ бармеояд, ки он сарчашмаи бузург дар таърихи адабиёти тоҷику форс барои эҷоди асарҳои дигар шоирон чун «Бӯстон»-и Саъдӣ Шерозӣ мебошад.

Аз таҳлили байтҳои мондаи маснавӣ метавон дарёфт, ки он масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ, таълиму тарбияро дар бар гирифта, дар бораи ахлоқи нек, нақши одам дар зиндагӣ, ба одатҳои бад даст назадан, омӯхтани илму дониш, гирифтани сабақ аз таҷрибаи дигарон, саховат ва некукорӣ, ояндагарӣ, машғул будан ба касбу кор ва амсоли инҳо баҳс мекунад. Аз ин ҷост, ки Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар боби 8-уми «Лубоб-ул-албоб» аз байни дигар асарҳои эҷодшудаи даврони Сомониён «Офариннома»-ро интихоб намуда, онро «меваи шаҳдбори эҷодиёти Абушакур» [291, с. 133] маънидод мекунад. Ризоқулихон Ҳидоят дар «Маҷмуъ-ул-фусаҳо» аз Абушакури Балхӣ ба унвони устоди сухан ном бурда, аз «Офариннома»-и ӯ мисолҳои зиёд меорад.

Таҳқиқот исбот намуд: «Бисёр адибону мутафаккирон аз ин асар дар корҳои илмӣ-адабии хеш иқтибосҳо овардаанд, ки аз мазмуни баланди тарбиявӣ - ахлоқӣ ва илмиву адабӣ доштани «Офариннома» дарак медиҳад [30, с. 78]. Дар тақвияти ин баён метавон «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ, «Ал-мӯҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидуддини Ватвот, «Туҳфат-ул-мулук»-и Розӣ ва ғайра мисол овард. Аз истифода шудани иқтибосҳо аз «Офариннома»-и А. Балхӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, иқтибосҳо оид ба тарбияи ахлоқӣ дар «Қобуснома»-и У. Кайковус аз ошно будани мутафаккирони мавсуф ба ин асар ва мазмуни баланди тарбиявию ахлоқӣ ва ватандӯстӣ, шуҳрати баланд доштани А. Балхӣ дар миёни адибони асрҳои X-XI далолат мекунад. Муҳаммад Ҷаъфар Маҳҷуб роҷеъ ба ин ақида чунин изҳори назар дорад: «.... «Офариннома» намуна барои эҷоди «Қобус-нома», «Сиёсатнома», насри «Хадиқа» ва маснавиҳои дигари Саноӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин ва «Бӯстон»-и Саъдӣ дар назми форсӣ мебошад» [356, с. 135].

Ин таҳқиқотҳои олимон аз он шаҳодат медиҳанд, ки бо вуҷуди ба шакли пурра нарасидани «Офариннома» то замони мо, он аҳаммияти илмиву тарбиявии хешро аз даст надода, абёти боқимонда мазмуни баландро тараннум намуда, қобили омӯзиш ва таҳқиқанд.

Аз таҳлили порчаҳо аз «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ муайян гардид, ки шоир ҳамчун омӯзгор ва машваратчӣ масъалаҳои мубрам ва актуалии тарбияро дар замони хеш мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст ва ақидаҳои ӯ барои тарбияи насли наврас дар замони кунунӣ низ мубрам хоҳанд монд. «Офариннома» мавзуъҳоро оид ба ақлу хирад, илму дониш, маҳкуми бесаводӣ ва нодонӣ, одоби муошират, некиву некукорӣ, дӯстӣ, иттиҳоду иттифоқ, эҳтироми калонсолон, ростиву дурусткорӣ, таълиму тарбияи фарзанд, сабру таҳаммул, омӯзиши олами атроф ва амсоли инҳо дар бар мегирад. Аммо қайд кардан муҳим аст, ки консепсияи асосии «Офариннома»-ро дар мадди аввал ақл, хирадмандӣ ва хислатҳои шоистаи инсонӣ дар бар мегирад ва аз ин рӯ, таҳқиқи он бо мақсади ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мақсаднок ва актуалист.

Бо ин мақсад дар ин зербоби диссертатсия мавзуи таҳлили муқоисавии рушди хирад - омили асосии ташаккули сирати миллӣ дар эҷодиёти А. Сино ва «Офариннома»-и А. Балхӣ ба роҳ монда шуд, зеро пажуҳишҳо собит намуданд, ки ҳар ду мутафаккир ба масъалаи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ақидаҳои онҳо дар ин самт ҳамбастагии зич дошта, таҳқиқталабанд.

Тавре дар боло қайд гардид, мутафаккирони бузурги тоҷик, минҷумла намояндаи бузурги адабиёти асри X Абушакури Балхӣ ва мутафаккири машҳури адабиёти асри XI Абуалӣ ибни Сино дар баробари дигар мавзуъҳо ба масъалаи хирад, хирадварзӣ ва ташаккули сирати миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, андешаҳои ҷолиб ва асоснокро баён намудаанд.

Дар фаслҳои боло оид ба ашрафи тамоми махлуқоти олам ҷиҳати соҳибхирад будани одам аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI андешаҳо баён карда шуданд. Роҷеъ ба ин масъала ақидаҳои мутафаккирони ин аҳд аз қабили Рӯдакӣ, Ш. Балхӣ, К. Марвазӣ, М. Тирмизӣ, М. Домғонӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва дигарон мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Муайян гардид, ки мутафаккирони асрҳои номбурда бар он ақидаанд, ки одам бар тамоми махлуқот бартарӣ дорад ва бартарияти ӯ маҳз соҳиби ақлу хирад буданаш аст ва Худованд ба ӯ ақл расо дода, аз инсон талаб низ намудааст, ки ақли хешро бо андӯхтани илму дониш, ахлоқи ҳамида, рафтори намунавӣ рушд бахшад.

Ин ақидаҳоро донишмандони бузург А. Балхӣ ва Сино низ тарафдор мебошанд. Аз ҷумла, Сино менигорад: «Худованди қодир мутаол хасоисе аз неъматҳои худро ба бани навъи инсон ихтисос дода ва сабаби онҳо мақоми одамиро дар миёни коинот аз бисёре аз махлуқоташ бартару болотар намудааст» [356, с. 13]. Инсонро дар олам вобаста ба ин ато мартабаи баланд насиб гардидааст ва ин мартаба маҳз дар рушд додани сирати миллӣ мусоидат мекунад.

Мутафаккирони асрҳои X-XI ва махсусан Абушакури Балхиву Сино чун дигар намояндагони ин аҳд хиради инсонро беаҳду ҳудуд мешуморанд. Хирад, ба қавли ин мутафаккирон бемарз аст ва он метавонад тамоми оламро

дарк намуда, соҳибхирад ин дастовардҳоро мавриди истифодаи хеш қарор диҳад. Ва ҳатто хирад метавонад, ки моҳияти Худоро дарк намояд. Ба ин маънӣ А. Балхӣ чунин ишора намудааст:

Хирад бе миёнҷиву бе раҳнамой,
Бидонад, ки аст ин ҷаҳонро Худой [126, с. 150].

Муҳаққиқи рус Б.Э. Бертелс, ки дар баробари дигар таҳқиқотҳо ба таҳқиқи осори Сино сару кор доштааст, низ ба ин мавзуъ ишора намудааст. Ба қавли ин муҳаққиқ Сино хиради инсонро аз ҳама чиз ва мавҷудот волотару болотар донистааст: «Барои Ибни Сино хиради инсон аҳде надорад. Аз тариқи тафаккури мантиқӣ, ҳама чизро, ҳатто моҳияти Худовандро метавон дарк кард» [148, с. 118].

Аммо хирад чизе нест, ки ба инсон дода шуда, худ ба худ инкишоф ёбад, он рушд металабад ва дар ин самт бояд инсон фаъол бошад. Ба қавли Сино он кас, ки доиман дар такмили хирад саъю талош меварзад, барои ташаккули хирад мудом чораандешӣ мекунад ва тадбирҳои ҷиддиву манфиатбахш меандешад, дар зиндагӣ муваффақ мешавад:

Корбишуле, ки хирадкеш шуд,
Аз сари тадбиру хирад беш шуд [180, с. 150].

Инсон ба олам чун кӯдаки хурдсол меояд ва аз рӯзи аввали ба олам чашм кушоданаш лаҳза ба лаҳза, рӯз аз рӯз муҳити атрофро дарк кардан мегирад ва обутоб меёбад. Чун соҳиби ақл мегардад ва ба қавли мутафаккирон Рӯдакӣ, Сино, Н. Хусрав, З. Розӣ ва дигарон бо гирифтани дониш, таҷриба ақлу хирадаш сайқал меёбад, олами атрофро дарк намуда мавриди истифодаи хеш қарор медиҳад. Ба қавли У. Султонов: «Чун Арасту инсонро ҳайвони ҷамъиятӣ номидааст, вале фарқи инсон аз ҳайвон ин аст, ки дар ҷараёни зиндагӣ обутоб ёфта, соҳиби ақлу хирад ва қувваи эҷодӣ мегардад. Инсон хайру шарро аз ҳам фарқ мекунад ва аз рӯйи нақшаи муайян зиндагӣ ва ҳаракат менамояд» [326, с. 88].

Ин назари мутафаккирон бар он ишора мекунад, ки хирад аст, ки инсон дар олам рушд меёбад, соҳибмаърифату соҳибэҳтиром мегардад. Одам дар

инкишофи хирад саъю талош варзида, хирад дар навбати худ ӯро соҳибмаърифату соҳибэҳтиром мегардонад. Ба қавли ин донишмандон хирад ба тафаккур ва ахлоқу рафтори одам подшоҳ мебошад ва ин подшоҳ ӯро ба роҳи рост раҳнамун месозад. Ба қавли Абушакури Балхӣ:

Хирадманд гӯяд хирад подшоҳст,
Ки бар хосу бар ом фармонравост. [140, с. 150].

Ин ақидаро Сино низ тарафдор аст ва дар ин ақида бо Абушакури Балхӣ ҳамфикр мебошад. Хирад, дониш ва таҷрибаи рӯзгор одамро соҳибмаърифат мегардонад: «Ибни Сино ба масъалаи маърифат низ таваҷҷуҳи зиёд намудааст. Вай муқаррар таъкид мекунад, ки манбаи дониши инсон олами беруна буда ва муҳити ишғолкарда мавзуи асосии моҳияти маърифатро ташкил медиҳад. Ин масъаларо аз ҳама бештар мутафаккир дар «Донишнома», «Наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Мабдаъ ва маъод» ва дар қисмати «Равоншиносӣ»-и «Китоб-уш-шифо» таҳлил намудааст» [256, с. 84].

Одам ба олам барои гирифтани таълиму тарбия омадааст. Олам худ мактаб ва инсон донишомӯзи ин мактаб аст. Таҷҳизоти олам ва ё маводди лозимӣ барои таълиму тарбия хирад, заковат, вичдон, дониш, таҷриба, маърифат мебошанд, ки ба даст овардану равнақ бахшидани ин таҷҳизот ба худи инсон вобаста аст. Инҳо маводҳои лозимии тайёранд ва фақат ташаккул металабанд, саъю талоши инсон барои рушди ин маводҳои ҳаётан муҳим лозим аст ва ҳами ин имкониятҳо бояб имрӯз истифода шаванд вагарна дер мешавад. Ин масъаларо дар осори Сино инъикос ёфтан муҳаққиқи англис Бергманн Д.С. низ тасдиқ намудааст: «Таълимоти ахлоқии Абуали ибни Сино ба ташаккули хирад, андӯхтани дониш, рушди ҳунар, дӯстӣ ва рафоқат, тараннуми адлу инсоф ва тарғиби некӣ нигаронида шудааст. Сино қайд менамояд, ки ҳар як кор вақти худро дорад ва ба фардо гузоштани он метавонад дер шавад» [391, с. 136].

Маърифат, ки асоси худшиносии одам аст, аз ӯ вобастагии ногусастанӣ дорад ва инсонро лозим аст, ки ба ахлоқи намунавӣ зиндагӣ намуда, барои насли наврас, ҳамзамонон ва ояндагон намунаи ибрат бошад. Пас одамро

лозим аст, ки хушхулқу хушхӯй бошад. Ба қавли А. Балхӣ тамоми аъзои бадани одам лашкари ӯянд ва дар мубориза бурдан бар зиди бадахлоқӣ бо ӯ шариканд. Агар хирад ва маърифати одам ин аъзоҳоро роҳбариву раҳнамоӣ намояд бар ҳавову ҳавас пирӯз мегардад ва бо рафтору кирдори поки худ шабеҳи малоикони олами боло мегардад:

Бувад хӯйи покону хӯйи малак,
Чи андар замину чи андар фалак.
Хирадро тани одамӣ лашкар аст,
Ҳама шаҳвату орзу чокар аст [326, с. 150].

Ақидаҳои фавқуззикри Абушакури Балхӣ дар ҳаёти ҳаррӯза исботи хешро ёфта, дарси ибрат барои мо мебошанд. Ҳар айбу рафтори бад ё рафтори некро худи одам анҷом медиҳад ва каси дигар дар рафтори бечо ё бачойи ӯ гунаҳкор нест. Одамро андеша лозим аст, то ки пеш аз анҷом додани ягон аъмол хуб фикр кунад, тарафҳои мусбат ва манфии рафтори хешро таҳлил намуда, пас амал намояд. Таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳои зиндагӣ собит намудаанд, ки одам нисбат ба айби дигарон донову бино аст, аммо айби хешро намебинаду намешунавад ва аз ин лиҳоз ба хатоиҳои зиндагӣ ва рафтори берун аз ахлоқ даст мезанад: «Маърифату шинохти инсон дар бораи нафси худ мавриди итминон нест, зеро ки одамӣ дар боби маърифати айбҳои худ зираку тезҳуш нест, балки кундӣ ва ғабоват ба харҷ медиҳад» [272, с. 17].

Нодидани айби хеш, худшинос набудан ва дигаронро зери тозиёнаи танқид гирифтанро Сино намепазирад ва мағруру ҳавобаланд будани касро айб мешуморад. Дар ин бора ӯ ду дидаи одамонро ба унвони мисол меорад, ки тамоми оламро мебинанд, вале худро не. Ба қавли Сино худро дидану донистан муҳим аст, то фурӯтану хоксор бошӣ. Дар ин бора Абулҳасан Алии Ҳаҷвирӣ аз китоби «Кашф-ул-маҳҷуб» мисол меорад:

Айб аст бузург баркашидан худро,
В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.
Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,
Дидан ҳама касрову надидан худро [272, с. 164].

Инсони мутафаккир, донишманду андешакунанда худшиносу худогоҳ мешавад. Чун ба худшиносиву худогоҳӣ даст ёфт сирату арзишҳои миллиаш ташаккул меёбанд. Пешрафти ҷомеа марому мақсади ҳамешагии ӯ мегардад. Чун инсон чунин мартабаро касб менамояд, ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ роҳгум намезанад ва баръакс худ дар роҳи рост собитқадам гардида, фарзандони хеш, насли наврас ва тамоми ҷомеаро дар ин самт тарбия менамояд. Дар «Рисолаи ахлоқ» Сино нигоштааст: «Инсон тавассути худшиносӣ метавонад фазоилашро рушд дода, разоилро аз худ дур дорад» [318, с. 171].

Абушакури Балхӣ низ бар ин ақида аст ва ӯ дар ин раванд низ мақому манзалати хирадро аз ҳама боло мегузорад. Ба қавли ин донишманд, хирадманд ҳар гуна рафторро бо амри ботини худ анҷом медиҳад, ӯ ҳамеша такя бар ақлу хирад намуда, нуқсонӣ ва ё хатоиҳои вуҷуди хешро ҷустуҷӯ менамояд на ҷӯёи айби дигарон аст. Ҳавову ҳаваси беҷоро зери по карда, ғолиб бар нафси хеш мегардад. Ба хиради воло такя намуда, аз бадӣ дур мегардад. Ин нишони маърифат, худшиносиву худогоҳии ӯст:

Хирадманд гӯяд, ки марди хирад,
Ба ҳангоми хеш андарун бингарад.
Кунад такя афзун, чу афзун шавад,
В-аз оҳуву бад пок берун шавад [311, с. 150].

Дар ҷойи дигар дар тақвияти ин фикрҳо Сино овардааст: «Нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон ба он оғоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худ аст. Яъне аввал бояд дар ислоҳи нафси худ бикӯшад, сиёсату тадбирашро дар он кору кӯшиш ба кор бурда, хештанро солеҳу неку нигаҳ дорад» [318, с. 203].

Адибон ва донишмандони бузург Сино ва Абушакури Балҳи низ чун дигар донишмандони асрҳои X-XI ташаккули хирад, маърифат, худшиносиву худогоҳӣ, рушди сирати миллӣ ва арзишҳои ахлоқӣ нақши илму донишро асосӣ ва калидӣ арзёбӣ мекунанд. Ба қавли ин донишмандон беҳтарин сарват ва дороии дунё дониш аст. Ҳеҷ гуна гавҳари бебаҳо ва симу зар мақоми ӯро гирифтан наметавонад. Шарафу иззат ва обрӯю эҳтироми ҳар як шахс маҳз аз

дониши васеъ ва рафтори қобили қабули ӯ вобаста аст. Меорем, ки Абушакури Балхӣ чи нигоштааст:

Хирадманд гӯяд, ки тайъиду фар,
Ба дониш ба мардум расад, на ба зар.
Чу доно шавад марди бахшандакаф,
Мар ӯро расад бар ҳақиқат шараф [139, с. 150].

Сино низ илму донишро на дар мартабаи баланд, балки баландтарин қарор медиҳад. Ба қавли Сино илм одамро дар ду олам, ҳам дар олами фонӣ ва ҳам олами боқӣ соҳибмақом мегардонад. Одами донишманд илми хешро ба кор мебарад, дар асоси фармудаҳои дониш амал мекунад ва мақоми сазоворро касб мекунад. Пас донишандӯзӣ падидаи ҳаётан муҳим будааст ва дар ин роҳ бояд қадамҳои устувор гузошт. Сино дар «Зафарнома» («Пирӯзнома») нигоштааст: «…Гуфтам: «Чӣ чиз аст, ки биҳиштро сазовор бошад?» Гуфт: «Илм омӯхтан ва дар ҷавонӣ ба кори ҳақ машғул будан»» [208, с. 84]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Сино андӯхтани донишро ҳам барои ҷавонон ва ҳам пирони солхӯрда муҳим арзёбӣ мекунад. Дониш аст, ки ҷавононро ба роҳи рост ҳидоят мекунад ва пиронро фурӯтану хоксор мегардонад: «…Гуфтам: Аз ҷавонон чӣ беҳтар ва аз пирон чӣ накутар?» Гуфт: «Аз ҷавонон шарму далерӣ ва аз пирон донишу оҳистагӣ» [191, с. 84].

Ба қавли Абушакури Балхӣ низ касе, ки соҳиби донишу илм аст ӯ соҳибхирад аст ва онро, ки хирадаш комилу рушдёфтааст донишманду оқил аст. А. Балхӣ бо такя бар таҷрибаи рӯзгор, дидаву шунида ва мушоҳидаҳояш ба хулоса омадааст, ки шахсони донишманду оқил шуҳратёранду соҳиби иззат ва шараф мебошанд:

Хирадманд гӯяд: ман аз ҳар гурӯҳ
Хирадмандро беш дидам шукӯҳ [130, с. 150].

Оламе, ки мо дар он ҳаёт ба сар бурда истодаем пур аз тазодду нобаробариҳост. Агар чунин намебуд зиндагӣ аҷоибу рангин немегузашт. Агар дар олам ҳама тавонову комгор мебуданд касе бар касе ё чизе ниёз намедошт, муносибати одамон ба ҳамдигар хуб намебуд. Зиндагӣ низом

намедошт, агар дар олам ҳама подшоҳ ва ё гадо мешуданд. Мамлакатро як ҳоким идора мекунад ва тамоми мардум ҳоким шудан наметавонад то раият ва фармонбардор ҳам буда бошад. Пас, ба қавли Сино хирад аст, ки мақому манзалати одамонро низ идора мекунад ва одам бо истифода аз хиради хеш тамоми оламро дарк мекунад. Хирадманд дар меёбад, ки ҳар кас бар рафтору кирдори худ подшоҳ аст ва ҷисми ӯ мулки ӯст, ки бар он подшоҳиву ҳукм меронад ва боқӣ чандандешиву чандфарҳангӣ ва мухталифавзо будани оламро қабул намояд. Дар ин бора Сино овардааст: «Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн мераванд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобею раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд» [171, с. 13].

Ин ақида дар «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ низ ба ин мазмун омадааст ва ақидаҳои ин шоир ва Сино ҳамбастагии куллӣ доранд. Хирад подшоҳест, ки рафтори одамро идора мекунад ва бе мавҷудияти хирад одам одам намешавад:

Хирад подшоҳе бувад меҳрубон,
Бувад орзу гурги ӯ чун шубон [139, с. 1 50].

Сино низ бар ин ақида аст: «Рафтору одоби худро ба рафтору одоби дигарон муқоиса намоед ва бидонед, ки ту ҳам монанди дигаронӣ» [295, с. 9].

Аз таҳлили муқоисавии рушди хирад - омили асосии ташаккули сирати миллӣ дар эҷодиёти Абуалӣ ибни Сино ва «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ собит гардид, ки афкори педагогии ҳар ду мутафаккир дар ин самт ҳамбастагии куллӣ дошта, тафовут хеле кам аст.

Мутафаккирони мавсуф ба ҳайси донишманд, шахсони соҳибтаҷриба, омӯзгор ва машваратчӣ масъалаҳои мубрам ва актуалии тарбияро дар замони хеш мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд, ки дар замони муосир ин ақидаҳои педагогӣ дар таълиму тарбияи насли наврас аҳаммияти бештар доранд. Осори Абуалӣ ибни Сино ва Абушакури Балхӣ чун дигар мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс мавзуъҳоро оид ба ақлу хирад ва ташаккули он, омӯхтани илму дониш ва дар амал татбиқ намудани

донишҳои гирифта, маҳкуми бесаводӣ ва нодонӣ, одоби муошират ва фарҳанги сухандониву сухангӯй, некиву некукорӣ, дӯстӣ, иттиҳоду иттифоқ, эҳтироми падару модар, калонсолон ва кулли мардум, ростиву дурусткорӣ, таълиму тарбияи фарзандро дар бар мегирад: «Сабру таҳаммул, омӯзиши олами атроф, ватандӯстиву сулҳу субот ва амсоли инҳо, ки омилҳои асосии ташаккули хирад ва сирати миллӣ мебошанд, дар «Шоҳнома» ҷойгоҳи асоси доранд [127, с. 346].

Дар маҷмуъ, таҳқиқи ақидаҳои ин мутафаккирон муайян сохт, ки барои ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, омӯзгорон, падару модар ва насли наврас бояд донанд ва дар амал татбиқ намоянд:

- одам бар тамоми махлуқот бартарӣ дорад ва бартарияти ӯ маҳз соҳиби ақлу хирад буданаш аст ва таълимдиҳандагону тарбияткунандагонро лозим аст, ки насли наврасро маҳз ба роҳи ташаккул бахшидани хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ раҳнамун созанд;

- бузургии инсон дар соҳиби ақл будани ӯ аст, пас ӯ бояд ақли худро бо андӯхтани илму дониш, ахлоқи ҳамида, рафтори намунавӣ, таълиму тарбия инкишоф диҳад;

- хиради одам бемарз аст ва он метавонад тамоми оламро дарк намуда, соҳибхирад ин дастовардҳоро мавриди истифодаи хеш қарор диҳад. Пас насли наврасро дар руҳияи истифодаи оқилонаи хирад дар зиндагӣ тарбия ва таълим бояд намуд;

- чун кӯдак ба дунё меояд, аз рӯзи аввали ба олам чашм кушоданаш лаҳза ба лаҳза, рӯз аз рӯз муҳити атрофро дарк кардан мегирад, инкишоф ёфта калон мешавад. Ба қавли ин мутафаккирон барои он, ки кӯдак соҳиби ақл, дониш, таҷриба гардаду хирадаш сайқал ёбад, олами атрофро дарк намуда, мавриди истифодаи хеш қарор диҳад, аз рӯзи дар батни модар арзи вуҷуд намуданаш ба тарбияи ӯ бояд пардохт, ки агар як рӯз гузашта бошад, аллакай дер мешавад;

- хирад, дониш ва таҷрибаи рӯзгор одамро соҳибмаърифат мегардонанд, аммо ба саъю талоши одам сахт ниёз доранд. Чизеро ё касеро дар ин масир

интизор набояд шуд ва вақтро набояд зоеъ намуд, ҳар як лаҳзаи ҳаёт ба ташаккул додани хирад, дониш ва таҷрибаи хеш ва фарзандону насли наврас машғул шудан дорои аҳаммияти калон аст;

- ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас, омӯхтани анъанаҳои ниёгон, омӯхтану дар амал татбиқ намудани панду андарзҳои мутафаккирон ишораи дигари мутафаккирон Сино ва А. Балхӣ ба насли наврасу ҷавон аст;

- дар чаҳорчӯбаи ахлоқи намунавӣ зиндагӣ кардан, дар одобу рафтор барои насли наврас, ҳамзамонон ва ояндагон намунаи ибрат буданро ҳар ду мутафаккир омили фаъоли ташаккули хирад ва сирати миллӣ медонанд;

- хирад бояд бар инсон, бар тамоми аъзои ӯ дасту по, забону тафаккур, ақлу идрок, қалбу ҷон подшоҳ бошад, на чокару фармонпазир;

- одамиро муҳим аст, ки дар боби маърифати айбҳои худ зираку тезҳуш бошад, айбҳои худро донад, ба хатоҳои худ иқрор бошад ва дар ислоҳ намудани хатоҳои хеш саъю талош намояд;

- насли наврасро лозим аст, ки худогоҳву худшинос бошад, бо ин васила хислатҳои бадро аз худ дур сохта, дар анҷом додани корҳои нек пешсаф бошад.

Хулоса оид ба боби II

Дар боби дуюми диссертатсия ақидаҳои мутафаккирон Носири Хусрав, Фирдавсӣ, Сино ва А. Балхӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муқоиса ва таҳлили акидаҳои ин мутафаккирон анҷом дода шуд ва умумият, фарқ, ҳамбастагии ақидаҳои мутафаккирони асрҳои болозикр оид ба нақши хирад дар ташаккули сирати миллӣ омӯхта ва асоснок карда шуд. Дар раванди гузаронидани таҳқиқот исбот гардид, ки мавзуи хирад ва нақши он дар рушди сирати миллӣ, педагогикаи муосири миллӣ, таълиму тарбияи насли наврас яке аз масъалаҳои муҳим дар замони зудтағйирёбандаи асри XXI мебошад. Мавзуи фавқуззикр дар осори донишмандони асрҳои X-XI, бахусус «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва осори Носири Хусрав мавқеи махсусро дорост, ки дар ин зербоби рисола ҳамбастагии ақидаҳои ин ду мутафаккири бузурги тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, асоснок карда шуд.

Гузаронидани таҳқиқот исбот сохт, ки ин мутафаккирон ташаккули сирати миллӣ, пешрафти ҷаҳон ва рушди ахлоқи неки инсониро бе истифодаи оқилонаи хирад ғайримумкин дониста, бар он ақидаанд, ки бе хирадварзӣ дар зиндагӣ мушкилиҳои зиёд пеш хоҳанд омад. Таҳқиқи амиқи мавзуи хирад дар таълимоти Фирдавсӣ ва Ҳаким Носири Хусрав нишон дод, ки доираи осори онҳо фароху густурда буда, ба мавзуъҳои мухталифи ҳаётан муҳим, минҷумла ташаккули хирад ва сирати миллӣ бахшида шудааст. Фирдавсӣ ва Н. Хусрав оид ба хирад ақидаҳои ҷолибро пешниҳод намуда, таваҷҷуҳи махсус сӯйи дастовардҳо ва имконоти хираду тафаккури инсонӣ равона кардаанд ва назарияи комилро оид ба хирад ва нақши он дар зиндагии инсон танзим додаанд. Онҳо ақлу хирадро аз қолаби анъанавиаш фарохтар тасвир намуда, нақши онро дар рушди зиндагии одам ва бахусус, ташаккули сирати миллӣ муҳим ва аввалиндараҷа медонанд.

Таълимоти Фирдавсӣ ва Носири Хусрав инсонро аз хатари бехирадӣ ва истифода накардан аз ақл огоҳ мекунад ва роҳҳои инкишофи хирадро нишон дода, ташаккули ахлоқи неки инсониро баррасӣ менамоянд.

Дар боби дувуми рисола инчунин таҳлили муқоисавии рушди хирад ҳамчун омили асосии ташаккули сирати миллӣ дар эҷодиёти Сино ва «Офариннома»-и А. Балхӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шуд. Дар раванди таҳқиқ муайян карда шуд, ки Сино ва А. Балхӣ ба масъалаи хирад ва хирадварзӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, хиради инсонро беаҳду ҳудуд мешуморанд. Хирад, ба қавли ин мутафаккирон бемарз аст ва он метавонад тамоми оламро дарк намуда, соҳибхирад ин дастовардҳоро мавриди истифодаи хеш қарор диҳад.

Барои мавриди амал қарор додани афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI, аз ҷумла Фирдавсӣ, Н. Хусрав, Сино ва А. Балхӣ дар боби дувуми кори таҳқиқотӣ роҳҳои амалигардонии ин афкор нишон дода шуданд.

БОБИ III. ҲАМБАСТАГИҲОИ ТАШАККУЛИ ХИРАД ВА СИРАТИ МИЛЛӢ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ АСРҲОИ X-XI ВА ЭТНОПЕДАГОГИКА

3.1. Арзишҳои миллӣ ва маънавии халқи тоҷик ва хусусиятҳои педагогии ин арзишҳо

Этнопедагогика ҷузъи ҷудонопазири соҳаи илми педагогика буда, маҷмуи донишҳоеро дар бар мегирад, ки аз таҷрибаи рӯзгор сарчашма гирифта, ташаккул ёфтаанд: «Дар асоси таҳқиқотҳои таърихнигорону педагогогон ин қисмати педагогика бо номҳои «педагогикаи халқӣ», «педагогикаи мардумӣ», «педагогикаи этникӣ ва халқӣ» (этнопедагогика) дар илми педагогика маълум аст» [89, с. 67].

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки истилоҳи этнопедагогикаро ба адабиёт педагоги машҳури рус К.Д. Ушинский ворид намуд ва моҳияти тарбиявии эҷодиёти лафзии халки русро низ ӯ шарҳ дод. Дастаи дигари муҳаққиқони олими рус Г.Н. Волковро асосгузори педагогикаи этникӣ ва халқӣ (этнопедагогика) меноманд. Дар асоси пажуҳиши ин олимон ва муҳаққиқони дигари илми педагогика муайян гардид, ки ин педагогика педагогикаи шифоҳии халқ – фолклор буда, бо воситаи суҳбатҳои лафзӣ аз даҳон ба даҳон мегузашт. Фолклор қисмати ҷудонопазири адабиёт ва илми педагогика буда, заминаи пайдоиши он маданияти қадимаи оммаи васеи халқ буд, ки офаринандаву ташаккулдиҳандаи он як зумра файласуфон, психологҳо, педагогҳо, гӯяндагон ва ровиёни номаълум мебошанд ва сарчашмаи асосии адабиёти хаттӣ фолклор аст. Дар ин бора муҳаққиқ Г. Ризвоншоева қайд мекунад: «Бешубҳа, метавон гуфт, ки андешаҳои панду ахлоқии адибони классику муосир ҳамагӣ аз эҷодиёти даҳонии халқ – педагогикаи этникӣ ва халқӣ сарчашма гирифтаст. Ба вижа дар шоҳбайтҳои классикони адабиёти тоҷику форс таъсири зарбулмасалу мақолҳоро баръало мушоҳида кардан мумкин аст» [293, с. 87]. Маҳз тасаввуроти нахустини одамон доир ба зиндагӣ, муҳит ва таҷрибаи рӯзгор дар фолклор мунъакис гардид ва ҳар як

халқ вобаста ба тараққиёти таърихию мавқеи ҷуғрофӣ тарзи зиндагӣ ва расму оини хоси худро дорад ва дар асоси он осори адабӣ ва ақидаҳои педагогиашро эҷоду такомул бахшидааст. Масалан, «сурудҳои тарбиявию навозишӣ аз қабили сурудҳои гуногуни алла кардани кӯдак «Алла», суруди «Лайлайик» (шаҳру ноҳияҳои ВМКБ) «Лалай модак» (бо лафзи рӯшонӣ) ва ғайра» [26, с. 8], ки масъули эҷодиёти даҳанакии халқ мебошанд, дар сари гаҳвораи тифл аз тарафи модар хонда мешаванд, масъули эҷоди фолклор буда, ғояҳои педагогӣ доранд. Аз як тараф, ин сурудҳо муҳаббати самимии модар ба фарзанд, навозиш карданро тараннум мекунанд, вале аз тарафи дигар онҳо ғояҳои педагогиро аз қабили тарбияи барвақтии кӯдак дар оила, рушди барвақтии кӯдак ва омода намудани ӯ ба мактабхонӣ ва ҳаёти мустақилона ва амсоли инҳоро дар бар мегиранд. Сурудҳои халқии зикргардида масъули эҷоди фолклори мардуми тоҷик буда, танҳо дар асоси бисёрлаҳҷавӣ ва бисёрзабонии кишвар бо лавзҳои мухталиф эҷод шудаанд, вале мазмуну мақсад якест ва аз педагогикаи бойи мардумии халқи тоҷик дарак медиҳанд.

Аз таҳқиқотҳои олимон бармеояд, ки аллаи модар яке аз қадимтарин ва пуразиштарин мероси фарҳангии мардуми ориётабори тоҷик аст. Он на танҳо як омил ё усул барои хобондани кӯдак аст, балки ҳамчун ришгаи васлкунандаи дунёи маънавию ботинии модар ва фарзанд буда, дар ташаккули хирад, сирати миллӣ, салоҳият ва эҷодкории кӯдак заминаи асосӣ мегузорад. Таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла: Л. Виготский, К. Ушинский, Э. Эриксон, Л. Давачӣ, Ш. Юсуфбеков, Н. Шакармамадов ва дигарон нишон медиҳанд, ки кӯдаконе, ки модарон дар вақти хоб кардан барояшон алла мехонанд, назар ба кӯдаконе, ки бе суруд ё алла хобонида мешаванд, оромтар хоб мераванд ва дар оянда қобилияти баланди муошират ва эҷодкориро пайдо мекунанд ва ин анъана арзишҳои миллӣ ва маънавии халқи тоҷик ва хусусиятҳои педагогии онро собит мекунад.

Дар этнопедагогика ба таълиму тарбияи фарзанд диққати асосӣ дода мешуд, аз ҷумла: «Анъанаи неки таълиму тарбия намудани насли наврас дар

этнопедагогика бо ба ҳаёти муқимӣ гузаштани одамон, арзи вуҷуд намудани давлат, пайдо шудани хат ташаккул ёфтааст» [112, с. 4], Суруду афсонаҳо, ривоятҳо ва дигар жанрҳои назму наср аз шакли шифоҳӣ ба шакли хаттӣ гузаштанд ва минбаъд ҷамъоварӣ гардида, дар адабиёт ҷо дода шуданд.

Албатта инсон аз рӯзи аввали арзи ҳастӣ намудан ба таълиму тарбия ниёз дорад ва бо роҳи гирифтани таълиму тарбия соҳиби ахлоқи нек мегардад: «Инсон маҳз туфайли таълиму тарбия ба хислатҳои инсонӣ соҳиб гашта, мартабаи баланди инсоният-шахси донишманду хушахлоқ мерасад. Тарбия дар ҳаёти инсон аҳаммияти махсусро доро мебошад, ки ташаккули соҳаи иқтисодиву иҷтимоиро бе он тасаввур кардан аз имкон берун аст» [319, с. 33]. Ин аст, ки гузаштагони тоҷик аз қадимулайём барои тарбияи фарзандон аз роҳҳои мухталиф истифода мебурданд, ин таҷриба аз авлод ба авлод, аз насл ба насл бо роҳи шифоҳӣ интиқол меёфт ва ба ҳайси педагогикаи халқӣ то ба замони мо расидааст. Муҳаққиқон Б. Раҳимов, А. Нуров овардаанд: «Дар зери мафҳуми педагогикаи этникӣ мо ҷамъи донишҳо, метод, роҳ, восита ва методикаи кори таълиму тарбияро, ки этноси муайян дар давраи таърихи мавҷудияти худ бо мақсади ташаккул додани дониш, малака, маҳорат ва сифатҳои шахсияте, ки барои ин ва ё он этнос хос аст, ба як система, қолиб ва ё шакл даровардааст, мефаҳмем» [288, с. 11].

Тазаккур додан муҳим аст, ки гузаштагони мо дар тули асрҳо ба инкишофи инсон таваҷҷуҳи ҷиддӣ доштанд, онҳо ба ташаккули ҳаматарафаи шахсият, яъне тарбияи шахси комил таваҷҷуҳи ҷиддӣ доштанд. Дар ин бора М. Орифӣ аз осори мутафаккири асри X А. Форобӣ чунин мисол овардааст: «Инсон ба камоли ҳақиқӣ намерасад, магар он гоҳ ки дар ӯ илму маърифат, ахлоқи ҳамида ва рафтори нек ҷамъ оянд, зеро камоли инсон дар такомули ақл ва покии нафс аст ва ин ҳар ду бо таълим ва тарбия ҳосил мешаванд ва ташаккули ҳаматарафаи шахсият аз онҳо вобастагии куллӣ дорад» [132, с. 123]. Ин масъала боиси он гардид, ки мардум педагогикаи халқиро кор карда, ташаккул бахшид.

Маврид ба тазаккур аст, ки педагогикаи этникӣ доираи васеъ дар таълиму тарбия дошт, зеро мақсади асосии он низ инкишофи дониш ва ахлоқ буд. Дар ин педагогика ба ташаккули арзишҳои миллӣ, русумоти милливу мардумӣ, насиҳат ба фарзанд диққати асосӣ дода мешуд ва он бо роҳи омӯхтани жанрҳои эҷодиёти даҳанакии халқ, аз қабили афсона, ҳикоя, чистон, мақолу зарбулмасалҳо, суруду таронаҳо, достону ривоятҳо, эпосҳои қаҳрамонӣ, латифа ва амсоли ба амал бароварда мешуд. Чунин роҳи тарбия ҳам барои хурдсолон ва ҳам ҷавонон ба роҳ монда мешуд: «Бояд гуфт, ки ҳамаи ин воситаву омилҳои тарбия на танҳо ҳангоми тарбияи кӯдакон, насли наврас истифода мешуданд, балки дар рафти тарбияи духтарону писарони ҷавон, келин, домод, дӯстии оилаҳои ҷавон низ ба кор бурда мешуданд» [156, с. 15]. Этнопедагогика имкон дод, ки дӯстиву иттиҳод дар байни ҳар як фарди ҷомеа, рафтори намунавӣ байни ҷавонон ва тамоми аҳли ҷомеа таъмин шавад.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки усулҳое, ки ниёгон дар педагогикаи этникӣ дар раванди таълиму тарбия истифода мебурданд, усулҳои таъсиррасон ва натиҷабахш буданд, ки дар педагогикаи расмӣ, бо вуҷуди он ки бартариҳои зиёдеро соҳиб аст, чунин таъсиррасонӣ ва натиҷаҳо камтар назаррас аст. Роҷеъ ба ин нукта муҳаққиқ Ф. Шарифзода овардааст: «Хонавода ба бачаҳо ончунон таъсир хоҳад расонд, ки ягон хонаи бачаҳо, омӯзгор, шароити махсус ва ё шароити ба таври сунъӣ ташкилшуда ҷойи онро гирифта наметавонад. Дар робита бо ин чунин воситаҳои педагогиро бояд ҷустуҷӯ кард, ки ҷойи хонаводаро нагирад ҳам, шароите фароҳам орад, ки бача сарфи назар аз набудани хонавода, аз лиҳози иҷтимоӣ инкишоф ёфта тавонад» [381, с. 249].

Бахусус, истифодаи зарбулмасал дар тарбияи хонаводагӣ мақоми махсус дошт. Зарбулмасалу мақолҳо, панду андарзҳои халқӣ, усулҳои нишонрас ҳастанд, ки дар ба роҳи рост раҳнамун сохтани инсон нақши асосӣ гузошта тавонистанд ва дар таълиму тарбия боз ҳам натиҷаи беҳтарро ба бор меоварданд. Бояд қайд намуд, ки ин жанрҳо низ дар баробари дигар мавзуъҳо

масъалаи истифодаи хирад, равнақ бахшидани арзишҳои миллӣ, ҳифз намудан ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ, шинохти ҳаққи модару падар ва дар маҷмуъ, рушди сирати миллиро тараннум мекарданд.

Дар умум зарбулмасал ва мақолҳо яке аз намудҳои қадимаи эҷодиёти шифоҳии халқ мебошанд. К. Ушинсикий овардааст: «Забони халқ беҳтарин мураббӣ ва манбаи тарбия мебошад, зеро дар он таҷрибаи зиндагӣ, ҳикмат ва ҷаҳонбинии наслҳо инъикос ёфтааст, махсусан дар зарбулмасалу мақолҳо ин таҷриба дар шакли кутоҳ, равшан ва пурмазмун ҷамъ омада, ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи ахлоқӣ ва маънавии инсон хизмат мекунад» [358, с. 67]. Дар ҳақиқат ин жанрҳо ба мавзуъҳои ҳаётан муҳим бахшида шуда, доираи васеи мавзуъҳои таълиму тарбияро дар бар мегирифтанд ва сарчашмаи асосӣ барои рушди адабиёт ва педагогикаи расмӣ, афкори панду ахлоқии адибони классик ва ҳам адибони муосир гардиданд. Мавзуи актуалӣ доштани ин зарбулмасалу мақолҳо боис гардид, ки дар осори адибони классики тоҷику форс таъсири зарбулмасалу мақолҳо ба тарбияи насли наврас ба таҳқиқ фаро гирифта шуда, дар педагогикаи миллӣ ҷо дода шавад. Дар ин жанрҳо афкори педагогии мардум баён мегардид, ки ин ақидаҳои педагогӣ сарчашмаи афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс, бахусус мутафаккирони асрҳои X-XI мебошанд.

Усули дигари этнопедагогика, ки дар тарбияи насли наврас ва ҷавон ҷойгоҳи махсус дошт, афсонагӯӣ мебошад, ки хусусияти педагогии он дар зербоби баъдӣ пурра шарҳу тавзеҳ дода шудааст, зеро афсона дар ҳама давру замон тарғибгари сифатҳои неки инсонӣ буд, иқтибоси зайл далели фикри мост: «Яке аз шаклҳои таъсирбахши педагогикаи этникӣ ва халқӣ афсона мебошад, ки он дар тарбияи насли наврас, хосатан хурдсолон саҳми беандоза дорад. Ин жанр дар ҳама давру замон тараннумгари сифатҳои неки инсонӣ, ба монанди зиракӣ, далерӣ, ростқавливу дурусткорӣ, дӯстию бародарӣ, накукориву хайрхоҳӣ, саховатмандиву боадолатӣ, ватндӯстиву инсондӯстӣ, боодобӣ, чолокӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ ва амсоли инҳо буда, дар баробари ин дар онҳо тамоми хислатҳои бад маҳкум гаштаанд» [293, с. 214]. Дар

ҳақиқат афсонаҳо мазмунҳои қаҳрамониву ватандӯстӣ, шинохти қадри падару модар ва калонсолон, ҳушёрию далерӣ, ростқавливу поквичдонӣ, сулҳу ваҳдат, дӯстию бародарӣ, иттиҳоду иттифоқ, накукориву хайрхоҳӣ, саховатмандиву боадолатӣ, касбомӯзиву меҳнатдӯстӣ, боодобӣ ва дар маҷмуъ, хислатҳои неки инсониро дар бар мегирифтанд.

Ҷузъҳои дигари таркибии педагогикаи этникӣ чистону тезгӯяк ва суруду таронаҳо буданд. Ин жанрҳо дар инкишофи нутқ ва тафаккури кӯдакону наврасон, муошират, ташаккули суханронӣ, ангезиши зеҳн, тарбияи фарҳангӣ, равнақи ҳунарҳои мардумӣ нақши назаррас гузошта тавонистанд. Усулҳои тарбиявии зикргардида, кӯдакон, насли наврасу ҷавон ва тамоми мардумро на танҳо аз анҷом додани корҳои ношоиста боз медошт, балки онҳоро барои тарбия ёфтан дар руҳияи ахлоқи неки инсонӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ раҳнамун месохт.

Педагогикаи халқӣ маъсули заҳмати эҷодии коллективонаи наслҳои мухталиф буда, дар асоси ниёзҳои мардум, бо истифода аз методҳои мухталиф самтҳои беҳтарини демократӣ ва гуманистии тарбияро пеш гузоштааст, ба қавли муҳаққиқи рус А.Н. Болдирев: «Бояд қайд кард, ки дар этнопедагогика методҳои гуногуни тарбиявӣ, ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд:

1. Фаҳмондадиҳӣ ва эътиқод, машқ, панду насиҳат, ёддиҳӣ, боварӣ, хоҳиш ва дархосту илтимос кардан, муташакир будану изҳори сипос кардан, дуову фотиҳа, ҳамду сано гуфтан ва ҳоказо.

2. Таҳдид намудан, танбеҳ додан, сарзанишу маломат кардан, маҳкум намудан, таъна кардан, оқ кардан…, ки ин ҳама шаклҳои гуногуни ҷазодиҳӣ маҳсуб мешуданд. Ин аст, дар маҷмуъ педагогикаи этникӣ ва халқӣ» [156, с. 240]. Иқтибоси оварда аз он шаҳодат медиҳад, ки этнопедагогика ба тарбияи халқ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намуда, мақсади он рушди дониш, малака ва маҳоратҳо мебошад. Ҷиҳати расидан ба ин мақсад гузаштагони тоҷик аз унсурҳои педагогикаи халқӣ аз ҷумла, омӯзиш ва табодули таҷриба, аз давраи хурдсолӣ ёд додани касбу кор ба фарзандон, ибрат, риояи мақсадноки

вақт, тартиби рӯз, таъриф, танбеҳ ва ғайра истифода мебурданд. Аз ин ҷост, ки педагогикаи этникӣ имкон фароҳам овард, гузаштагон дар ташаккул додани дониш, фарҳанг, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавӣ натиҷаҳои зиёдро ба даст оварданд.

Усулҳои халқии тарбияи эстетикӣ ва ҷисмонӣ (суруд, рақс, бозӣ ва ғайра) воситаи асоси ташаккули хирад ва сирати миллӣ буданд, новобаста аз он, ки: «Усулҳои халқии тарбия дар байни халқ вобаста ба мавқеи географӣ дорои тобишҳои мухталиф буданд. Аз ин рӯ, педагогикаи мардумӣ иборат аз сарчашмаҳои муҳимми назарӣ ва амалии педагогика мебошад» [32, с. 2]. Аз ин сабаб роҳҳои халқӣ дар таълиму тарбияи насли наврас нақши асосӣ доштанд.

Педагогикаи халқӣ аз қалби халқ баромада аст ва аз ин лиҳоз озодона ба қалби мардум менишаст ва дар тарбия ва таълим натиҷаҳои назаррасро ба бор меовард. Ин педагогика ҷузъи донишҳо ва таҷрибаҳои бойи мардумӣ буда, роҳҳои хоси таълим ва тарбияи фарзандро нишон медиҳад: «Сарчашмаи асосии педагогикаи халқиро эҷодиёти лафзии халқ, маводҳои этнографӣ, анъанаҳои халқ, бозӣ ва бозичаҳо, иду маросимҳо таҷрибаи тарбияи оила ва ғайра ташкил медиҳад» [161, с. 112].

Аз ин рӯ, бо назардошти ҳамаи ин натиҷаҳо олимони соҳаи педагогика, магистрон, докторантҳо ва тамоми муҳаққиқонро зарур аст, ки дар ин самт таҳқиқотҳои илмиро анҷом диҳанд ва педагогикаи халқиро ба пуррагӣ таҳқиқ намуда, ҳамбастагиҳои онро ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик муайян созанд. Дар робита бо ин омӯзгорон, падару модар ва аҳли маорифро низ муҳим аст, ки ба таълиму тарбияи шогирдон, фарзандони худ диққати асосӣ дода, дар ин самт аз афкори педагогии донишмандони тоҷику форс, бахусус ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI, ки дар баробари дигар мавзуъҳо ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ нигаронида шудааст, дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи этникӣ ва халқӣ ба таври васеъ истифода намоянд. Тазаккур додан муҳим аст, дар замони муосир, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бемайлон пеш рафта истодааст ва ба тарбияи ахлоқии насли наврас ва

ҷавон ва ташаккули сирати миллӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ мерасонад, масъалаи тарбия боз ҳам ҳассостару муҳимтар мегардад.

Бесабаб нест, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Сарвари давлат рушди соҳаи маорифро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлат эълон намуда, ба тарбияи насли наврас диққати асосиро равона намудааст. Вобаста ба ин дар боби 5 «Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст: «Мақсади асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф тарбияи шахсияти муосир, донишманд, навҷӯ ва эҷодкор мебошад, ки мувофиқи талаби замон дар пешрафти ҷомеаи миллӣ ва умумибашарӣ саҳм мегузорад» [18, с. 7]. Аз ин лиҳоз низ истифода намудани педагогикаи этникӣ ва халқӣ дар ҳамбастагӣ ба педагогикаи расмӣ дар кори таълиму тарбия бо мақсади баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ иқдоми нек ва натиҷабахш мебошад, ки дар ин боб мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Аммо ногуфта намонад, ки этнопедагогика вобаста ба мавқеи географӣ, урфу одат ва анъанаҳои милливу мардумӣ умумиятҳои зиёд дошта, тафовутҳо низ ҷой доранд. Педагогикаи мардумии халқи тоҷик педагогикаи бой буда, анъанаи неки ниёгон асосан аз тарбия намудан дар руҳияи ахлоқи инсонӣ ва дониши баланд иборат буд. Мардуми тоҷик новобаста аз дар кадом минтақаи Тоҷикистон ва ё берун аз он ҳаёт ба сар бурдан, дар офаридану ташаккули педагогикаи халқӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар маҷмуъ, хуб мешуд, ки агар этнопедагогикаи халқи тоҷик, сокинони ҳар як гӯшаву канори кишвар ва берун аз он таҳқиқ карда шуда, мавриди истифода қарор дода шавад.

Қайд кардан муҳим аст, ки дар самти омӯзиши педагогикаи мардумӣ баъзе таҳқиқотҳо анҷом дода шудаанд, вале мақсади мо дар ин боби рисола аз таҳқиқ ва асоснок намудани ҳамбастагиҳои ташаккули хирад ҳамчун хорицаи сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва этнопедагогика, дар мисоли педагогикаи мардумии халқи тоҷик иборат

мебошад. Мусаллам аст, ки педагогикаи халқӣ низ ҷанбаҳои мусбат ва манфиро дар бар дорад, вале дар ин қисмати рисола тарафҳои мусбати педагогикаи мардумии халқи тоҷик дар ҳамбастагӣ бо афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шуд.

Рӯёрӯӣ ба таҷрибаҳои ҷаҳонӣ имрӯза, рӯбарӯ шудан ба фарозу нишеби зиндагӣ, шоҳиди ҳоли неку бади ҳаррӯзаи замон гардидан тарбияи насли наврасро дар руҳияи арзишҳои миллӣ боз ҳам ногузир месозад. Пешравиҳои босуръати олам нишон медиҳанд, ки асри XXI аз аввали солшумории хеш бо дастовардҳо ва чолишҳои бесобиқа башариятро дар ҳайрат гузошта, аҳли илм, бахусус, олимони соҳаи педагогикаро водор месозад, ки барои ҳифз ва ташаккули хирад ва сирати миллӣ роҳҳои навро ҷустуҷӯ ва амалӣ намоянд.

Аз ин лиҳоз, талаботҳо ба арҷ гузоштан ба арзишҳо ва андешаҳои миллӣ ва равнақ бахшидани онҳо беш аз пеш фузун мегардад. Маҳз ҳадафи муроҷиат ба этнопедагогика ва ё аниқтараш педагогикаи мардумии халқи тоҷик, ки арзишҳову андешаҳои миллӣ ва маънавӣ ҷузъи он мебошанд, аз тақвияти ҳаматарафаи хештаншиносии миллӣ ва ба кор гирифтани беҳтарин таҷрибаҳои ниёгон, сабақҳо ва намунаҳо барои сохтани ояндаи босаодат ва намунаи ибрат иборат мебошад. Этнопедагогика, ки асоситарин рукни мунтақиддиҳандаи арзишҳои миллӣ дар масири таърих маҳсуб мешавад, ба таҳқиқ, таҳлилу баррасии аҳли илму пажуҳиш ниёзи бештар дорад. Аз ин рӯ, педагогика ҳамчун рукне аз аркони калидии сирати миллӣ таваҷҷуҳи амиқро аз муҳаққиқон, пажуҳишгарон, олимони соҳаи педагогика талаб менамояд. Дар ин ҷо нуктае аз назари педагоги машҳури тоҷик, академик М. Лутфуллоев овардан бамавқеъ аст: «Мо афкори фалсафию педагогӣ, умуман педагогикаи ниёгонамонро таҳқиқ ва эҳё менамоем, то ки аз як ҷониб хазинаи илмӣ-педагогикаамонро ғанӣ гардонем, аз ҷониби дигар дар ҳаёти рӯзмарраамон дар низоми таълиму тарбияи мардумамон, бахусус тарбияи насли ҷавонамон истифода барем» [231, с. 146].

Мавриди ба тазаккур аст, ки дар ҷодаи эҳё ва тақвият бахшидани педагогикаи умумии мардумӣ корҳои илмӣ, мақолаҳои илмиву методӣ, дастурҳои таълимӣ дар асоси даврахо, ҳавзаҳо ва мазмуну мундариҷа мавриди таҳлилу интишор қарор гирифтаанд, аммо ҳамаи ин қадамҳо аз нахустинҳо буда, тарбия намудани насли кунунӣ ва ояндаи миллат дар рӯҳияи арзишҳову андешаҳои миллӣ кори заҳматталаб буда, саъю талоши якумраро тақозо дорад.

Соҳибистиқлолии Тоҷикистон, тақвияти ваҳдати миллӣ, иттиҳоду дӯстии мардуми тоҷик зарурати бознигарии педагогикаи мардумиро пеш овард. Аниқтараш, замони муосир дар пеши олимони соҳаи педагогика вазифаи ташаккули хирад, дарёфти арзишҳову андешаҳои миллӣ, маънавию ахлоқӣ ва дар хизмати ҳамватанон қарор додани онҳоро гузошт. Педагогикаи миллӣ, ки яке аз муҳофизони ин арзишҳо ва мояи асосии тарбияи насли наврас дар ҳар давру замон будааст, ба таҳлилу тафсир боз ҳам бештар эҳтиёҷ пайдо намуд. Ин нуктаи фавқулода муҳимро олим, муҳаққиқ В. Охонниёзов чунин тавзеҳ медиҳад: «Баргаштан ба пажуҳиши арзишҳои маънавию бадеӣ зарурати маҳз ба ҳисоб рафта, дастраси кулли маскунони кишвар қарор додани ин ғизои маънавӣ вазифаи аввалиндараҷаи пажуҳандагони соҳаи адабиёт мебошад» [275, с. 7].

Аз ин лиҳоз, тавре дар боло қайд гардид, фасли фавқи ин рисолаи докторӣ ба таҳқиқ намудани ташаккули хирад ва сирати миллии насли наврас ва ҷавон бо истифода аз афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи мардумӣ бахшида шуд ва қобили тазаккур аст, ки арзишҳову андешаҳои миллии халқи тоҷик дар тарбияи насли наврас мақоми махсус дорад ва гузаронидани таҳқиқот дар ин самт хизмати назаррас барои халқу миллат дар ҷодаи тарбияи насли наврас ва ҷавон мебошад.

Таҳлили андешаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, ки бо далелҳо дар фаслҳои боло зикр гардид, исбот намуд, ки дар рушди сифатҳои ахлоқии насли наврасу ҷавон, бахусус ташаккули хирад ва увияту сирати

миллӣ омилҳои зиёд таъсир мерасонанд, ки муҳити атроф, вазъи зиндагии мардум, оин, урфу одат, анъанаҳои миллӣ, суннатҳои мардумӣ, омӯзиш ва табодули таҷрибаи гузаштагону замони хеш аз ҷумлаи ин омилҳо мебошанд. Ин гуфтаҳоро бо иқтибос аз муҳаққиқ И. Ҳакимов, ки К. Парпишоев дар мақолаи худ овардааст метавонем асоснок намоем: «Муҳити иҷтимоӣ, оилавӣ ва анъанаҳои халқӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши асосӣ мебозанд, зеро кӯдак дар раванди зиндагӣ аз рафтор, гуфтор ва арзишҳои муҳити худ таъсир мегирад, маҳз ҳамин муҳит ба рушди ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва одатҳои ӯ асос мегузорад. Ӯ дар зиндагии хеш аз амалҳои дар оила бо чашми худ дидаву шоҳиди ҳол гардида, хуллас рафтори калонсолон пайравӣ мекунад. Пас муҳити кӯдак бояд солиму пок бошад» [78, с. 7]. Маликушшуаро Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ истифодаи педагогикаи мардумиро дар таълиму тарбия бо андешаи «Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир» баён менамояд ва омӯхтан аз муҳитро талқин мекунад ва муҳаққиқ Д. Расулов дар ин бора нигоштааст: «Дар ҷараёни тарбияи ахлоқии насли наврас ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки баробари меъёрҳои умумии ахлоқӣ ба ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахс, шароити маҳал, анъанаҳо ва урфу одатҳои маҳал таъсир мерасонад» [162, с. 82].

Андӯхтани панду андарзҳои гузаштагон, бохабар будан аз арзишҳову андешаҳои миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон саҳми назаррас мегузорад. Педагогикаи этникӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи илми педагогика мебошад, дар ташаккули сирати миллӣ мақоми асосӣ дорад. У. Кайковус дар боби ҳаштуми «Қобуснома» «Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони одил» овардааст: «Охир гуфт: «Ҳарчанд касе доно бувад, ки бо дониш вайро хирад нест, он дониш бар вай вубол бувад»» [197, с. 48]. Ва Кайковус панд медиҳад, ки дар таълиму тарбия ба андӯхтани таҷриба ва оини мардум ҷалб кардани таълимгиранда муҳим аст ва бидуни ин ӯ дар таълиму тарбия муваффақ нахоҳад шуд ва мутафаккир дар давоми боби зикршуда овардааст: «Охир гуфт: «Ҳар ки рӯзгор ӯро доно накунад, дар омӯзиши ӯ ҳеҷ касро ранҷ набояд бурд, ки ранҷи ӯ зоеъ бошад»» [197, с. 48].

Аз ин далелҳо исбот мегардад, ки нақши таҷриба ва табодули он дар ташаккули сирати миллӣ калон аст: «Омӯзиши таҷрибаи бойи ниёгон, дар мисоли педагогикаи мардумӣ нақши асосӣ дар ташаккули сирати миллӣ дорад» [33, с. 157]. Тоҷикистон кишвари афсонавист, ки табиати сеҳрангезу шигифтангези он бо мардуми сарбаландаш асрҳо боз таваҷҷуҳи муҳаққиқону таърихнигорон, олимону шоиронро ба худ ҷалб намудааст. Гарчанде ки баъзе аз мардумшиносон вижагиҳои мардуми ин сарзаминро асрҳои аср мавриди пажуҳиш қарор дода бошанд ҳам, ҳанӯз гиреҳҳои нокушода роҷеъ ба вижагиҳои педагогикаи мардумии сокинони ин сарзамин зиёданд.

Агарчи роҷеъ ба хусусиятҳои хоси этнопедагогика халқи тоҷик дар тарбияи фарзанд аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ баъзе корҳо анҷом дода шуда бошанд ҳам, паҳлуҳои таҳқиқношуда дар ин самт ҳанӯз ҳам зиёданд. Шояд мушкилиҳои ҷуғрофии (дурдаст будан) минтақа низ омили наомӯхта шудани педагогикаи мардумии он бошад.

Аз ин лиҳоз, фасли фавқ ба мавзуи арзишҳои миллӣ ва маънавии халқи тоҷик ва хусусиятҳои педагогии он дар ҳамбастагӣ бо ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс бахшида шуда, таҳқиқ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд.

Мардуми тоҷик маданаият ва фарҳанги бой дошта вижагиҳои таърихиву мардумии худро дорост. Мавҷудияти забон, эътиқод, расму русум, оинҳои мардумӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, махсусиятҳои антропологӣ аз ҷумлаи ин вижагиҳоянд.

Аз таҳқиқотҳо муайян гардид, ки тафаккури тарбиявии мардуми тоҷик тавассути навъҳо, шаклҳо ва жанрҳои мухталифи адабиву фарҳангӣ баён ва ҳифз мешуд. Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки аз қадимулайём мавқеи тарбия бо такя ба хиради волои инсонӣ дар оилаҳои мардуми тоҷик бо истифода аз жанрҳои мухталифи адабӣ, роҳҳо ва усулҳои хоси ин мардум ва ин минтақа мавқеи асосӣ дошт.

Дар этнопедагогикаи халқи тоҷик асосан жанри афсона, зарбулмасалу мақол, тезгӯят, байтбарак, ривоят ва амсоли инҳо, ки мазмуни тарбиявӣ -

ахлоқӣ доштанд, васеъ истифода мешуданд. Ин жанрҳо дар тарбияи насли наврас нақши асосӣ доранд. Муҳаққиқ Волков нигоштааст: «Дар ҳикмати халқии педагогӣ тафовути шаклҳои тарбия хеле возеҳ мушоҳида мешавад: зарбулмасалҳо - асосан барои тарбияи эстетикӣ, чистонҳо – барои тарбияи зеҳнӣ, афсонаҳо – барои тарбияи ахлоқӣ истифода мешаванд» [162, с. 98].

Яке аз жанрҳои маъмул, ки мақоми марказӣ дар этнопедагогикаи халқи тоҷик дошт, афсонагӯӣ мебошад: «Нақл кардани афсонаҳои халқӣ дар ташаккули арзишҳову андешаҳо ва сирати миллӣ нақши асосӣ дошт. Афсонаро одатан куҳансолон: бобокалон, модаркалон, амаку ама ва ё падару модар ба кӯдакон нақл мекарданд ва вобаста ба мавзуъ ин жанр дар тарбияи фарзанд нақши худро мегузоштанд [351, с. 99]. Тарбияи меҳанпарастию хештаншиносӣ, ки ҷузъе аз арзишҳои миллӣ мебошад, дар афсонаҳо равшан инъикос меёфт ва бо ин васила падару модар, бобову момо ва дигар калонсолони оилаи тоҷик фарзандони хешро дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия мекарданд. Мусаллам аст, ки тарбия аз оила оғоз меебад ва дар муассисаи таълимӣ дар ҳамкорӣ бо оила такмил дода мешавад. Дар ин кори таърбиявӣ ва таълимӣ аввал падару модар, омӯзгорон ва дар маҷмуъ, аҳли ҷомеа бояд ҳиссагузор бошанд.

Масалан, куҳансолони ботаҷриба, ки мо дар раванди гузаронидани озмоишҳо ба онҳо ҳамсуҳбат гардидем, нақл мекунанд, ки ҳанӯз дар охири асри XIX ва то солҳои 70-уми асри XX дар минтақаи дурдасти кӯҳистон рафтуомад ба минтақаҳои дигари кишвар ва берун аз он хеле кам буд ва ё қариб тамоман вуҷуд надошт ва агар гӯем, ки ин минтақа дурдасти кишвар дар бумбасти коммуникатсионӣ қарор дошт, хато намешавад. Хушбахтона, Истиқлоли давлатии Тоҷикистон роҳҳоро кушода, омаду рафти сокинони ВМКБ ба қисматҳои дигари кишвар ва берун аз он ва омаду рафти мардуми дӯсту миллатҳои дигар аз мамлакатҳои хориҷ ба Тоҷикистон ва рафтуомади ин мардум ба дигар кишварҳои дунё сурат гирифт. Муассисаҳои таълимии замонавӣ, корхонаҳои агросаноатӣ сохта шуда, таъмини пурра бо барқ ва амсоли инҳо дар ташаккули тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, рушди иқтисодии

минтақа саҳми назаррас гузоштанд. Пешравиҳое, ки бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар минтақаи кӯҳистони он Бадахшон ба амал омаданд, дар ҳеҷ давру замон чунин пешравиҳо дида нашуданд. Тараққиёти босуръати кишвар имкон дод, ки сифати таълиму тарбия дараҷаи баландро касб намояд.

Дар замонҳои пеш ягона воситаи асосии тарбия дар оила, этнопедагогика буд ва педагоги машҳури Шуравӣ А.С. Макаренко овардааст: «Тарбияи хонаводагӣ, тарбияи ахлоқӣ барои касби ояндаи инсон аҳаммияти муҳимтарин дорад» [231, с. 98]. Ин масъала дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI А. Сино, А. Форобӣ, А. Беҳрунӣ ва дигарон мавқеи хос дошт. Масалан Форобӣ таъкид намудааст: «Тарбияи оилавӣ ба ахлоқи фарзанд таъсири асосӣ дорад. Аммо инсон танҳо дар муҳити солим ва тарбияи дуруст ба камол мерасад, нақши оила ва ҷомеа дар шаклгирии шахсият хеле муҳим мебошад» [75, с. 78]. Ин падидаи нек дар таърихи оиладории халқи тоҷик мавқеи асосӣ дорад. Дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ оилаи халқи тоҷик аз қадим макони таълиму тарбия ва як мактаби бузурги зиндагӣ буд. Масалан, академик Б. Ғафуров овардааст: «Оила мактаби аввалини тарбия аст, ки дар он кӯдак бо одобу ахлоқи миллӣ шинос мешавад. Тарбияи оилавӣ як ҷузъи ҷудонопазири фарҳанг ва таърихи миллати тоҷик ба ҳисоб меравад. Анъанаҳо, урфу одат ва арзишҳои ахлоқии мардум омилҳое мебошанд, ки дар тарбияи наслҳо нақши муҳим доранд» [183, с. 176].

Маҳз дар оин ва анъанаи мардуми тоҷик тарбияи хонаводагӣ мавқеи асосӣ дошт. Ба унвони мисол овардан бамавқеъ аст, ки таълиму тарбияи сари дасторхони хӯрокхӯрӣ, сари дегдон дар педагогикаи мардумии халқи тоҷик мавқеи асосӣ лошт. Аз раванди таҳқиқот муайян намудем, ки тарбияи хонаводагӣ бо истифода аз этнопедагогика дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон дар давраҳои қадим ба ҳукми анъана даромада буд. Масалан, то давраи соҳибистиқлолии кишвар мардуми кӯҳистони шаҳру навоҳии ВМКБ одатан дар хонаи урфии бадахшонӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Барои гарм

намудани хона, пухтани ғизо ва амсоли инҳо дар даруни хона дегдон месохтанд ва дудбарои онро низ аз санг месохтанд. Хӯроки шомро дар болои дегдон мепухтанд. Дар дегдон алов андохта, аввал хӯрок тайёр мекарданд ва пас нон мепухтанд. Баъд аз ба итмом расондани пухтани таому нон болои дегдонро кушода мемонданд. Аҳли хонадон, махсусан пирону кӯдакон поҳоро дар дегдон кашол карда гарм мекарданд ва куҳансолон ба онҳо афсона нақл мекарданд. Теъдоди кӯдакон дар оила зиёд буд, зеро тибқи анъана дар як хона 2-3 бародар бо оилаҳои худ зиндагӣ мекарданд, ки ин чанд сабаб дошт:

1. Аввалан ин расм аз масъалаи иқтисодӣ вобастагӣ дошт. Таъминоти рӯзгор дар замони қадим мушкил буд. Танҳо як кас наметавонист, ки аҳли оиларо аз хӯроку пӯшок таъмин намояд. Зеро барои ташкил намудани зиндагии хуб мардум маҷбур буданд, ки ба корҳои чӯпонӣ, деҳқонӣ ва дигар шуғлҳои зарурӣ бипардозанд ва барои ин қувваи корӣ лозим буд. Корро дар байни худ бародарон тақсим мекарданд, агар яке чӯпон мешуд, дувумаш деҳқон, сеюмӣ ба дигар корҳои муҳимми хоҷагӣ машғул мешуд.

2. Ҳамзамон ҷиҳати мушкилиҳои иқтисодӣ ҳар кас наметавонист, ки хонаи хусусии худро бино кунад ва зиндагиро ҷудо аз падару модар ва бародарон ба роҳ монад.

3. Супоридани андоз низ мушкил буд, зеро тибқи таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ дар замононҳои қадим ва давраи шӯроҳо аз ҷумла, дар вақти сохти колхозиву совхозӣ пардохти андоз гарон ва мушкил буд.

4. Масъалаи ҷудо зиндагӣ кардани бародар аз бародари хеш ба хонаи дигар кӯчиданро на худи онҳо, балки падару модар ҳал мекарданд ва танҳо бо дастуру ризоияти онҳо фарзандонашон метавонистанд бо оилаи худ ба дигар хона кӯчанд.

5. Аҳли хона бисёр тифоқ ва дӯст буданд ва метавонистанд якҷоя зиндагӣ ба сар бибаранд.

6. Дар замонҳои қадим кашмакашиҳои дохиливу берунӣ низ бародаронро водор мекарданд, ки барои ҳифзи зану фарзанд ва диёру Ватани хеш якҷо бошанд.

Зиндагии якҷояи 2-3 оила (бародарон бо зану фарзанди худ дар як хона ҳаёт ба сар мебурданд) дар анъанаи ин мардум ҷойгоҳи махсус дошт. Муҳаққиқ З. Юсуфбекова вобаста ба масъалаи фавқ таҳқиқотҳои асоснок анҷом дода, қайд намудааст, ки ин оилаҳоро муҳаққиқон «(Бромлей 1972: 162-163; 1961: 202-209, Косвен, 1963: 83-89; Ольдерроге, 1975: 1-15)» «биратская семья» («оилаи бародарона») мегуфтанд» [200, с. 56]. Иқтибос аз андешаи муҳаққиқ З. Юсуфбекова фикри моро исботу тақвият мебахшад: «Таҳлили маводҳои мардумӣ, аз бойгонӣ ва адабиёт дастрасшуда шаҳодат медиҳанд, ки дар охирҳои асри XIX ва ибтидои арси XX дар Шуғнон шакли бартаридоштаи оила ҷудонашаванда будани он буд» [387, с. 56].

Ин омилҳо ба он оварда мерасонданд, ки теъдоди ашғоли хона афзун гардад ва сарони оиларо муҳим буд, ки бо истифода аз хиради баланди хеш, роҳҳои мухталиф ва андешаҳои милливу мардумии халқи тоҷик ба таълиму тарбияи фарзандон машғул шаванд. Аз ин рӯ, дар вақти шом ҳамаи кӯдакони хона дар гирди дегдон дар атрофи бобову модаркалон ҷамъ шуда, афсонаҳоро гӯш мекарданд. Афсонаҳоеро, ки куҳансолон нақл мекарданд, мазмуни мухталиф доштанд: «Афсонаҳои халқӣ мавзуи ватандӯстиву ватанпарварӣ, тараннуми дӯстиву рафоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми падару модар ва ҳурмат намудани куҳансолон, тарғиби ишқи поку самимӣ, донишомӯзиву муҳаббат ба китоб, тозагиву зебопарастӣ ва дигар масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқиро дар бар мегирифтанд» [277, с. 107].

Анъанаи фавқ ҷанбаҳои зиёдӣ таълимиву тарбиявӣ дошт. Аввалан ин оин як воситаи асосии табобат ба шумор мерафт, зеро дар асоси тавсияҳои духтурону табибон гармии танӯр сармозадагиро аз бадани кӯдакон дур мекунад, барои табобати бемориҳои дасту по, миён, устухон ва амсоли инҳо манфиатбахш аст, яъне тараннумкунандаи тарбияи ҷисмонӣ ва ҳаёти солим мебошад. Дувум ин анъана муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмиро дар байни

кӯдакону наврасон тақвият мебахшид. Сеюм анъанаи афсонагӯӣ мактаби зиндаи ҳаёт буд ва ғояҳои таълимиву тарбиявӣ дошт ва вобаста ба мазмуни афсона фарзандон дар руҳияи ахлоқӣ тарбия мешуданд. Масалан, агар афсона мазмуни қаҳрамонӣ ва ватандӯстӣ медошт, кӯдаконро дар руҳияи ватандӯстӣ, мазмуни ирфонӣ дар руҳияи ишқу муҳаббати пок ва самимӣ, мазмуни дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар руҳияи иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ ва монанди инҳо тарбия мекард. Он дар рушди хирад, тафаккур ва дар маҷмуъ рушди салоҳиятҳои кӯдакону наврасон ва тарбия онҳо нақши бориз дошт. Кӯдакону наврасон афсонаро дар зеҳни худ ҳифз менамуданд, бо тақлид ба ин рафтори неки куҳансолон дар вақтҳои холӣ кӯшиш мекарданд, ки мазмуни афсонаи шунидагиро ба ҳамдигар ё кӯдакони дигар, ҳамсолону ҳамсинфон нақл кунанд, барои фаромӯш накардан онро менавиштанд, аз ҳамдигар рӯбардор мекарданд ва амсоли инҳо. Таҳлилҳои илмӣ нишон доданд, ки афсонагӯӣ дар таълиму тарбияи кӯдакон, насли наврасу ҷавон, бахусус, ташаккули хирад, тафаккур ва сирати миллӣ ҷойгоҳи асосӣ дорад.

Нуктаҳои болозикр гиреҳи дигари нокушодаи этнопедагогика, омода шудан ба оиладориро боз намуданд. Дар боло қайд гардид, афсонаҳое, ки мазмуни ирфонӣ доштанд, дар ташаккули ишқу муҳаббати самимӣ дар ниҳоди фарзандон нақши асосӣ доштанд. Афсонаҳои маъмули тараннумкунандаи ишқу муҳаббат, аз қабили ишқи поки Лайливу Маҷнун, Юсуф ва Зулайхо, Тошбек ва Гулқурбон ва амсоли инҳо афсонаҳои фолклорӣ буданд, танҳо дар баъзе афсонаҳо номи қаҳрамонон дигар буд, вале мазмуну муҳтавои афсонаҳо ба як мақсад, тараннуми муҳаббати поку самимӣ ва ташкили оилаҳои солиму намунавӣ иборат буд. Назари олими адабитётшинос В. Охонниёзовро оид ба ин масъала менигорем: «Яке аз афсонаҳои машҳур дар миёни мардуми навоҳии мухталифи Бадахшон, ки таърихи тулонӣ дорад, «Тошбек ва Гулқурбон» мебошад» [276, с. 115].

Ин афсонаҳо аз забон ба забон гузашта мазмун ва муҳтавои дигар мегирифтанд, аммо тавре қайд гардид, мақсади ин афсонаҳо яке, тараннуми муҳаббати поку самимӣ, тайёр шудани фарзандон ба оиладорӣ, ташкили

оилаҳои солим буд. Аслан аз қадимулайём ва ҳатто дар замони шуроҳо то охирҳои асри ХХ низ тибқи анъана ва оини мардуми тоҷик хонадоршавии ҷавонписарону ҷавондухтарон на ба ихтиёри худи онҳо, балки ба ихтиёр ва интихоби падару модар ва ё бобову момо сурат мегирифт. Бархе аз духтаронро «гаҳворабахш» мегуфтанд, онҳоро аз рӯзи аввали ба дунё омаданашон ба писари яке аз хешон ё касе аз ёру дӯстон бо маслиҳати тарафайн номзад мекарданд ва ба ин аҳди хеш вафо менамуданд. Усули дигари хонадоркунии фарзандон маслиҳати хешу табор, сардорони оилаи духтару писар буд, ки хусусиятҳои педагогии худро дошт. Падару модари домодшаванда бо аҳли хонадони арус ба мувофиқа расида, ҳатто бе маслиҳати духтару писар ва ризоияташон онҳоро хонадор мекарданд. Ҳодисаҳое низ мавҷуд будаанд, ки духтару писар ҳатто ҳамдигарро намешинохтанд ва танҳо дар рӯзи тӯй ҳамдигарро медиданд. Дасти хеле кам ва ангуштшумори ҷавонон бо хоҳиш ва ихтиёри худ оиладор мешуданду халос. Албатта ин оин тарафҳои мусбат ва манфии худро дорост. Аммо мо ба таҳлили муқоисавии тарафҳои мусбат ва ё манфии ин оин намепардозем, зеро он марбут ба мавзуи мо нест, фақат ба қисмати педагогии он ишора хоҳем кард. Танҳо чизеро, ки бояд қайд намуд, ин аст, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистон боис гардид, то духтарону писарон тавассути интихобу ихтиёри худ оиларо барпо намоянд, маҷбуран оиладор кардани духтарон бо калонсолон, оиладор кардани фарзандони ноболиғ, махсусан духтарон, никоҳи хешутаборӣ ва амсоли инҳо аз байн бардошта шуда, ҷавонон дар доираи қонунҳои амалкунандаи Тоҷикистон оиларо барпо мекунанд ва ё ҷудо шудани оилаҳо низ ҳукми қонунӣ дорад.

Дар асоси таҳлили бозёфтҳо, маводҳои фолклорӣ, сарчашмаҳои илмӣ ва суҳбатҳои шифоҳӣ собит гардид, ки дар таърихи мардуми тоҷик то охирҳои асри ХХ пошхӯрӣ ва ҷудо шудани оилаҳо қариб, ки вуҷуд надошт. Оилаҳои ҷавон таҳти сарпарастӣ ва ҳидояти куҳансолон, падару модар зиндагӣ мекарданд ва муҳаббати самимӣ бо ҳам доштанд. Ҳамдигарфаҳмиву иттиҳод дар оилаи мардуми тоҷик мақоми махсус дошт. Падару модар

метавонистанд, ки муносибат, рафтор ва кори оилаҳои ҷавонро танзим намоянд ва дар ниҳоди онҳо сабру тоқатро ташаккул диҳанд, тавре муҳаққиқ Г.Н. Волков менигорад: «Дар замонҳои пеш оилаҳо чун кӯҳ устувор буданд, ҷудошавӣ хеле кам рӯй медод, зеро сабр, эҳтиром ва таҳаммул пояи зиндагӣ буд. Ин хислатҳо таъсири бевоситаи оила ба фарзанд буданд, ки рафтори куҳансолон дар оила худ дарси ибрат буд» [288, с. 87]. Инчунин сарчашмаи асосии бомуҳаббат будани оилаҳо ва ҷудо нашудан аз ҳамдигар сабабҳои дигар низ дошт, ки дар боло мухтасаран ба он ишора карда шуд. Аз синни хеле хурди кӯдакӣ ва давраи наврасӣ афсонаҳои мазмуни ишқу муҳаббати самимидошта, афсонаҳову ривоятҳо оид ба оилаи хубу солим, ҳамдигарфаҳмиву иттиҳод дар оила аз тарафи падару модар ва дигар куҳансолон ба фарзандон нақл карда мешуданд. Онҳо бо ин васила пеш аз оиладор шуданаш ғоибона ба ҳамсафари якумрааш дил мебастанд. Агар номзад доштанд ҳамаи ин хислатҳои хуби духтарон ва ё писарони дар афсона баррасишударо дар симои ӯ медиданд ва агар номзад надошта бошанд ҳам ғоибона дил медоданд. Чун хонадор мешуданд тавонистанд, ки оилаи солимро барпо намуда, фарзандони ботаълиму тарбияро аз худ ба мерос гузоранд. Ин нақши падару модар ҷанбаҳои бой доштани педагогикаи мардумии халқи тоҷикро нишон медиҳад. Гузаштагон бо истифода аз хиради волои хеш, таҷрибаи рӯзгор ва дониши васеи худ оид ба осори мутафаккирони бузурги тоҷик, тавонистанд, ки бо нақл кардани афсонаҳои пурмазмун фарзандонро ба оиладорӣ тайёр намоянд, хислатҳои хуби инсонӣ, аз қабили: хушмуомилагӣ, сабру таҳаммул, хоксориву фурӯтанӣ, ботамкинӣ ва амсоли инҳоро дар замири онҳо ҷой дода, тақвият бахшанд ва роҷеъ ба ин масъала дар як мақола оварда будем: «Панду андарзҳои бузургонро восита кардану фарзанди худро тарбия намудан натиҷаи дилхоҳро ба бор меовард. Фарзандон тавре дар оилаи гузаштагон тарбия мегирифтанд, ки сухани падару модар барои онҳо ҳам фармон буду ҳам қонун» [14, с. 264].

Нақши этнопедагогика то ба андозае дар равнақи оиладории ҷавонон мустаҳкам буд, ки фурӯпошии оилаҳо ва ҷудошавӣ тамоманд арзи вуҷуд

надошт ва агар дида мешуд ҳам, хеле кам ва оилаҳои ҷавон бо муҳаббати самимӣ ба пирӣ мерасиданд. Ин падида дар арзишҳои миллии халқи тоҷик решаи густурда дошт.

Тазаккур бояд дод, ки ниёгон дар тарбияи намудани фарзандон дар руҳияи оиладорӣ таҷрибаи бой ва натиҷабахш доштанд, вале агар ихтиёри интихоби озодонаи оиларо ба дасти духтар ва писар медоданд, боз ҳам беҳтар мешуд, зеро он садди роҳи тарбияи онҳо намегардид, балки тақвият дар тарбияи оиладорӣ мешуд. Дар чунин маврид падару модар чун раҳнамо амал намуда, дар байни оилаҳои фарзандони онҳо дар таъмини хушмуомилагиву хоксорӣ, ҳамдигарфаҳмиву муносибати хуб мусоидат мекарданд. Фарзандони ниёгон дар умум тарбияи хуб дошта, шахсони ҳаматарафа инкишофёфта буданд. Барои тақвияти фикр ақидаи муҳаққиқ М. Орифиро мисол овардан бамавқеъ аст: «Дар педагогикаи халқ ба тарбияи малакаҳои рафтори маданӣ, монанди хушмуомилагӣ, хоксорӣ, ботамкинӣ аҳаммияти махсус дода мешавад» [269, с. 398].

Ҷанбаи дигаре, ки дар афкори тарбиявии халқи тоҷик ҷойгоҳи асосӣ дошт ва боиси барпо гардидани оилаҳои солим, дӯсту тифоқ будани онҳо мегардид, ин ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстиву иттиҳод, ба қадри ҳамдигар расидани падару модар, хешу табор ва ёру дӯстон буд. Чун ба хонаи духтар касе барои хостгорӣ меомад, падару модари духтар хешу табори ду тараф, ҳам хешони модар ва ҳам падарро ба хона таклиф мекарданд. Меҳмонон хостгоронро новобаста аз қонеъ гардидан ва ё нагардидани ниёзашон, иззату икром мекарданд, меҳмоннавозӣ намуда, дар вақти гусел ба онҳо мегуфтанд, ки масъаларо бо аҳли оила, падару модар, хешу табор мавриди таҳлил қарор дода, аз натиҷаи он онҳоро хабардор мекунанд. Дар ин кор саросема намешуданд. Бо хешон машварат намуда, оид ба домодшаванда, олу аёл ва хешу табори онҳо маълумотҳои дақиқро ба даст оварда, пас аз ба хулоса омадан хостгоронро аз натиҷаи маслиҳат огоҳ мекарданд. Ин анъана дар сирати миллии тоҷикон решаи таърихӣ дорад. Ҳеҷ корро бе маслиҳат ва ризоияти куҳансолон, падару модар, хешу табор анҷом намедоданд ва дар

урфият дуруст фармудаанд, ки «ҷомаи бомаслиҳат кутоҳ намеояд». Натиҷаи машварату маслиҳат ва қадрдонӣ намудан аз хешу табор, куҳансолону шахсони баруманду рӯзгордида буд, ки корҳои онҳо бобарор меомаданд ва тавонистанд, ки оилаҳои солимро ташкил намуда, тарбия намоянд ва ин анъана ба афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик ҳамбастагии ногусастанӣ дошт.

Масъалаи интихоби дурусти домоду арус, хато накардан дар оиладор намудани фарзандон дар асрҳои X-XI низ мавзуи марказии ашъору осори мутафаккирон буд. Масалан, У. Кайковус дар боби бисту ҳафтуми «Қобуснома», «Андар фарзанд парвардан ва оини он» овардааст: «Ва аммо домоди некурӯй гузин ва духтар ба марди зиштрӯй мадеҳ, ки духтар дил бар шӯйи зиштрӯй надиҳад, турову шавҳарро бадномӣ ояд. Бояд, ки домод хубрӯй ва покдин ва босалоҳ ва бо кадхудойӣ бувад. Нафақоти духтари хеш донӣ, ки аз куҷо ва аз чӣ ҳосил кунад… Чун чунин аст, андаке гуфтам, аз вай бештар чизе талаб макун, духтарфурӯш мабош, ки домод худ муруввати хеш бинагзорад ва мардумӣ ба ҷое наравад….. Ва дӯстро ҳамин панд деҳ, то бар ин ҷумла ӯ низ биравад» [197, с. 109]. Ва роҷеъ ба дуруст интихоб намудани ҳамсар дар боби бисту шашуми «Қобуснома», ки «Андар зан хостан» унвон дорад, омадааст: «Ва бояд, ки зан тамому расида ва оқила бошад ва кадбонуи модару падари худ дида бошад. Агар чунин зане ёбӣ, дар хостани вай тақсир макун ва ҷаҳд кун то вайро бихоҳӣ ва бикӯш, то вайро ғайрат (рашк) нанамоӣ!» [197, с. 102].

Масъалаи асосие, ки ташаккули хирад ва рушди сирати миллӣ ба он вобастагии куллӣ дорад, ватандӯстӣ ва дар партави он хештаншиносиву худогоҳии миллӣ мебошад. Ин мавзуъ дар афкори педагогии мутафаккирони асрҳои IX-XI тоҷику форс ва этнопедагогика мақоми марказиро ишғол намудааст. Масалан, Рӯдакӣ дар Ватан буданро аз ҳами чиз авлотар дониста, ҷудоӣ аз Ватанро дарди сахту ҷонгудоз медонад. Дар шеъри «Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд» шоир боди Ватанро василаи шифои дили соҳибватан медонад ва аз он руҳу илҳоми тоза ва қувват мегирад:

Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯйи хушу мушки насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод,
Гӯйи магар он бод ҳаме аз Хутан ояд [273, с. 87].

Дар тараннуми ватандӯстӣ, муҳаббату садоқат ба Ватан шеъри машҳури «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Рӯдакиро қайд намудан мақсаднок аст. Ин шеър буд, ки амир Наср ибни Аҳмадро аз Ҳирот ба Бухоро овард. Шунидани васфи табиати зебову бузургии Ватан шоҳро ба Ватан баргардонд. Аз як тараф, тасвири зебои Рӯдакӣ, аз тарафи дигар, фироқи Ватан боис гардид, ки амир ба Ватан баргардад.

Дардноку ҷонсӯз будани фироқ ва дурӣ аз ватанро мутафаккири бузурги асрҳои X-XI Носири Хусрав низ моҳирона ба қалам дода, аз ҷудоии Ватан шиква ва изҳори нороҳативу норозигӣ менамояд:

Бигзар, эй боди дилафрӯзи хуросонӣ,
Бар яке монда ба Юмгондара зиндонӣ.
Андар ин тангии бероҳат биншаста,
Холӣ аз неъмату аз зайъату деҳқонӣ.
Гашт чун барги хазоне зи ғами ғурбат,
Он рухи равшани чун лолаи бӯстонӣ [358, с. 115].

Ба ақидаи мутафаккирони ин аҳд чун Ватан азизу муқаддас аст, пас онро бояд гиромӣ дошт ва муҳофизат намуд. Дар муҳофизати Ватан аз ҷон, дороӣ ва ҳастии хеш бояд гузашт ва далерона ба ҳимояи он бояд бархост. Ба унвони мисол метавон овард, ки Абушакурӣ Балхӣ хавфи ҳуҷумҳои аҷнабиёнро ба хоки Ватани худ дида панд медиҳад:

Ба душман - барат устуворӣ мабод,
Ки душман дарахтест талх аз ниҳод.
Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.
Ҳамон меваи талх орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид! [398, с. 123].

Абулмуайяди Балхӣ (асри X) Ватанро чунон азизу муқаддас мешуморад ва шахси дар ҳимояи он тарсончаку аз корзор гурезонро бо таҳқир зан мехонад:

Далере, ки тарсад зи пайкори шер,
Зани зоч хонаш, махонаш далер! [306, с. 117].

Ин ақида дар осори Ҳанзалаи Бодғисӣ низ мақоми марказиро дорост. Ин намояндаи бузурги асри X низ дар муҳофизати Ватан рӯёрӯйӣ ба маргро муҳим ва ҳатто қарзи фарзандӣ дар назди Ватан мешуморад:

Меҳтаре, гар ба коми шер дар аст,
Шав хатар кун, зи коми шер биҷӯй.
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй [140, с. 237].

Ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар ватандӯстӣ ва ҳифзи марзу буми он аз душман ба ҳам алоқаи ногусатанӣ доранд ва ин мутафаккирон ҷонбозиҳову ҷоннисориҳоро дар ҳифзи Ватан хислати далериву мардонагӣ мешуморанд. Назар меандозем ба афкори Фирдавсӣ:

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш,
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.
Чунин гуфт муъбад, ки «мурдан ба ном
Беҳ, ки душман бар ӯ шодком».
Нигар то натарсӣ ту аз маргу чиз,
Ки кас бе замона намурдаст низ.
Ва гар кушт хоҳад ҳаме рӯзгор,
Чи некутар аз марг дар корзор.
Бикӯшему мардӣ ба кор оварем,
Бар эшон ҷаҳон тангу тор оварем [348, с. 210].

Ин мавзуъ дар этнопедагогика, махсусан педагогикаи мардумии халқи тоҷик низ мақоми калидӣ дошт, ки ҳамбастагии афкори педагогии

мутафаккирони бузурги асрҳои X-XI ва этнопедагогикаро бори дигар собит менамояд. Дар асоси таълимоти этнопедагогика Ватан чун модар муқаддас ва беҳамтост. Ниёгон муҳим мешумориданд, ки фарзардонро дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намоянд ва аз хурдӣ дар ниҳоди онҳо тухми муҳаббат ба Ватан ва марзу буми он корида тавонанд ва бо хираду волои хеш ба ин мақсад низ расида тавонистанд: «Яке аз масъалаҳои асосие, ки мавзуи марказии афсонаҳои халқӣ буд, ин муҳаббат ба Ватан ва муҳофизати он [293, с. 22] буд. Дар афсонаҳои халқӣ асосан симои бадӣ ва душмани Ватан деву аждарҳо ва амсоли инҳо буданд ва мардони шуҷоъ ба ҳайси қаҳрамон ин девҳоро куштаву бадарға намуда, мардуми деҳ ё шаҳрро аз ӯ озод менамуданд. Шояд ин афсонаҳо бофтаву хаёлӣ бошанд, вале масдари ҳақиқат дошта, нақши бориз дар тарбия, муҳофизати Ватан ва арзишҳои миллӣ мегузоштанд. Афсонаҳо мазмуни баланди ватандӯстӣ, муҳофизати Ватан, дӯст доштани диёр ва кишвари хеш, тоза нигоҳ доштани он ва дигар мавзуъҳои ба он вобастаро тараннум мекарданд.

Мардуми ориётабор ба машқи бадани фарзандон, ба варзиш ҷалб намудани онҳо, дар ниҳоди онҳо ташаккул бахшидани далериву ҷасорат ва нотарсӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуданд. Ин аст, ки мавзуи фавқ дар педагогикаи мардумӣ мақоми асосиро ишғол намуда, он дар ташаккули шуур, тафаккур ва хираду инсонӣ тақвият бахшидани ҳунармандӣ, ривоҷу равнақ додани ҳунарҳои мардумӣ мақоми калидӣ дорад. Ин мавзуъ дар адабиёти асрҳои X-XI ҷойгоҳи махсуси худро дорост ва дар ташаккули хирад, андешаву арзишҳои миллӣ мақоми асосиро ишғол менамояд. Мутафаккирони асрҳои X-XI худ ҳунарманд буданд ва ба рушди ҳунар таваҷҷуҳ доштанд. Ҳунармандии Рӯдакӣ «Рӯдакӣ чанг бигрифту бинавохт», мусиқидон ва мусиқачии моҳир будани Закариёи Розӣ, хушнавис ва хаттоти моҳир будани Шаҳиди Балхӣ, маҳорати баланди табибӣ ва масъулиятшиносӣ доштани Сино, овози хуш, ҳунари сарояндагӣ, забондонии Дақиқӣ ва амсоли инҳо далели ин баён аст. Тавре қайд гардид, мутафаккирони мавсуф дар баробари он ки ҳунарманд буданд, ҳунармандиро месутуданд, касбомӯзиву

ҳунармандӣ ва ҳунаромӯзиро тараннум мекарданд. Масалан, Носири Хусрав дар боби «Дар ҳаққи кишоварзон»-и «Саодатнома» шуғли деҳқониро ситоиш мекунад, ҳунари деҳқониро аз ҳамаи ҳунарҳо болотар меҳисобад:

Беҳ аз саннои олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст [361, с. 640].

Ба қавли мутафаккир, беҳтарин касб ва ҳунаре, ки саодати ҷаҳон аз ӯ вобастагии куллӣ дорад ва боиси ҷовидон мондани номи нек мегардад, ин деҳқонӣ аст:

Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст.
Аз ин беҳ бо бани одам чи кор аст,
К-аз одам дар ҷаҳон ин ёдгор аст [361, с. 640].

Мутафаккир бар он аст, ки Худованд ба одам ду даст ва даҳ ангуштро ато намудааст, то ба ҳунармандӣ машғул шуда, рӯзии хешро пайдо намояд ва на танҳо ин ҳунарҳоро ба манфиати хеш истифода барад, балки барои хизмат расонидан ба дигарон низ камари ҳиммат барбандад.

Калиди ризқу қисмат сахт дар мушт,
Чароғи дилфурӯзӣ дар даҳ ангушт....
Зи касби даст набвад ҳеч оре,
Беҳ аз мақсаб набошад ҳеч коре [361, с. 640].

Дар замоне, ки ин мутафаккирон ҳаёт ба сар мебурданд, бахусус дар давраи салтани Сомониён ободии Ватан дар мадди аввал меистод, ҳунармандӣ марҳила ба марҳила равнақ меёфт. Шаҳрҳо тавассути ҳунари волои мардум ба макони зебову дилоро табдил дода мешуданд. Масалан, шоири давраи салтанати Сомониён Тоҳири Чағонӣ ҳунари баланди ин мардум, шаҳрсозиву шаҳроroии онҳоро чунин ба қалам додааст:

Як шаҳр ҳаме фусуну ранг овезанд,
То бар ману бар ту растахез ангезанд.
Бо мо ба ҳадиси ишқи мо чи-стезанд,
Ҳар мурғеро ба пойи худ овезанд [112, с. 96].

Дар этнопедагогика, бахусус педагогикаи мардумии халқи тоҷик низ дар баробари афсонагӯи санъати наққошиву рассомӣ ва кашидадӯзӣ, чун ҷанбаи ҳунарҳои мардумӣ ва омили тарбияи ахлоқӣ, меҳнатдӯстӣ нақши асосӣ дошт ва дар рафти як мубоҳиса ҳамсуҳбати мо Мамутхонова Саидхоним низ ба ин масъала ишора карда буд: «Дар байни халқи тоҷик суннати наққошӣ ва кашидадӯзӣ аз насл ба насл мегузашт. Духтарон аз хурдсолӣ назди модарону бибиҳояшон ҳунари гулдӯзӣ, зардӯзӣ ва кашидадӯзиро меомӯхтанд. Деворҳои макони зисти худро бо гулҳои рангоранг зинат мебахшиданд, рӯймолу куртаҳо бо нақшҳои миллӣ оро дода мешуданд. Ин ҳунарҳо на танҳо зебоии зиндагиро меафзуданд, балки ифодагари руҳи созанда ва ҳувияти миллии мардум буданд» [402]. Дар ҳақиқат деворҳои хонаҳои мардуми тоҷик то охирҳои асри XX бо масъули ҳунари дастии занону бонувон ва мардони рассом вобаста ба мавзуъҳои мухталиф оро дода мешуданд. Агар имрӯз ин анъана дида намешавад, вале дар хонаҳои аксарияти сокинони ин минтақа ва бойгонии онҳо маъсули ҳунарҳои дастӣ ҷо доранд. Муҳаққиқ В. Охонниёзов бо такя ба таҳқиқотҳои муҳаққиқон У. Муҳаммадшерзодшоев ва А. Абибов ба санъати наққошӣ ва ҷанбаҳои эътиқодӣ доштани он сару кор дошта, инчунин мазмуни сирф ҳаётӣ доштани онро низ баён намудааст: «Ба унвони мисол дар долони хонаводаи Мирзо Ғуломнабии Ямгӣ, ки тахмин дар нимаи дуюми асри XIX ва даҳсолаҳои аввали асри XX дар Ишкошими Бадахшон ба сар бурдааст, нақш гардидани қариб 50 байти шеърӣ, 2 акси устои хонасоз, панҷ адад сурати асп, 4 адад сурати моҳӣ, як адад акси сипоҳии қадим бо табарзини дароз, 4 расми одамони номаълум, 3 расми бародарони хона, тасвири офтоб, тасвири шоҳмот, сурати мурғобӣ, расми гов ва расми гулҳо нишонаи бо шаклу мазмуни дигар зоҳир гардидани ҳунари мутазаккир мебошад. Агар дар ҳавзаи ҳунарии Поршинев ин санъат асосан мазмуни эътиқодӣ дошта бошад, дар ҳавзаи ҳунарии Вахон он мазмуни сирф ҳаёти воқеиро гирифтааст» [274, с. 86].

Дар хонаи шоир-маорифчӣ ва нахустомӯзгори Бадахшон дар ноҳияи Роштқалъа устод Шоҳфутури Муҳаббатшоҳзода, хонаи Саидисриб

Саидтайибов, деҳаи Оқмамади водии Ғунди ноҳияи Шуғнон, дар хонаи Сардоров Соҳибназар сокини деҳаи Хуҷанди водии Бартанги ноҳияи Рӯшон ва ҷойҳои дигар ин дастовезҳоро дастрас намудем, ки то кунун маҳфузанд. Инчунин қайд кардан бамаврид аст, дар рафти сафарҳои хизматӣ дар ноҳияҳои тобеи марказ, ноҳияҳои Шамсиддини Шоҳин, Ховалинг, Муъминободи вилояти Хатлон ва дар рӯзҳои фарҳангии Бадахшон дар вилояти Суғд, бахусус Конибодом ва Истаравшан шиносоӣ ба ин оинро ҳадафи дувуми сафар қарор дода будам. Аён гардид, ки масъули ҳунари дастии занону бонувон ва мардони рассом вобаста ба мавзуъҳои мухталиф дар ин минтақаҳои Тоҷикистон низ маҳфуз аст.

Санъати наққошӣ ва кашидадӯзӣ дар баробари дигар паҳлуҳои тарбия дар тарбияи меҳнатдӯстӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, масъалаи тақвияти муҳаббату садоқат дар миёни оилаҳои ҷавон нақши хос дошт. Дар девори хонаҳо нақши арус ва домод, ки даст ба дасти ҳамдигар гирифтаанд ва ё даст дар гардани ҳамдигар доштанд, кашида шуд. Ин расм инчунин дар чодари болин ва таксарии арус, ки ба хонаи шавҳар меовард, кашида шуда, кашидадӯзӣ мешуданд. Шояд аз як тараф санъат барои зебогии хона, болину таксарии навхонадорон ба кор бурда мешуд, вале аз тарафи дигар он воситаи асосии тарбия буд. Зану шавҳар ва тамоми аъзоёни хонаводаро ба муҳаббату садоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстиву иттиҳод даъват мекард, дар рушди ҳунарҳои мардумӣ мусоидат мекард, меҳнатдӯстиву тарбияи зебопарастиро дар ниҳоди насли наврас ва ҷавон равнақ мебахшид.

Эҳё ва равнақ бахшидан ҳунарҳои мардумӣ нишонаи абадзинда нигоҳ доштан ва равнақ бахшидани тамаддуни халқи тоҷик, пойдор нигаҳдорандаи забон, фарҳангу таърих, расму ойин, садоқат ба халқу миллат, ватандӯстиву меҳанпарастии халқи тоҷик буда, мақому манзалаташ дар байни мардуми олам фузунтар аз пеш мегардад ва ин анъана хусусиятҳои педагогӣ дошта, дар ташаккули сират ва арзишҳои миллӣ нақши асосӣ дорад. Абуалӣ ибни Сино дар ин бора овардааст: «Ҳунарҳои гуногун дар натиҷаи тараққиёти

тадриҷии ҷамъият пайдо шудаанд. Вале ҷамъият дар якҷо ором наистода, пеш рафта, инкишоф меёбад» [272, с. 89].

Воқеан ҳунарҳои мардумӣ, ки зодаи хирад, сират, тафаккуру андеша ва ҷаҳонбинии васеи ниёгони мо мебошанд, дар ботини худ ҷавҳари некиву накукорӣ, меҳрубониву дилсӯзӣ, латофату нафосат, тамйизии ботину зоҳир ва бунёдкориро доранд. Ҷанбаи ҳаётеро дарёфтан мушкил аст, ки ҳунарҳои мардумӣ ба он равнақ набахшидаанд ва ё инъикоскунандаи он набошанд. Ин падидаҳо дар таркиби хеш бисёр расму оин, анъанаи неки ниёгон ва чорабиниҳои зиёдро ба ҳам овардааст.

Барои таҳқиқи рушди ҳунарҳои мардумии мардуми тоҷик ва равнақ бахшидани ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон соҳибистиқлолӣ шароитҳои мусоидро фароҳам овард ва ин таваҷҷуҳи баланди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расму оин ва анъанаҳои миллии гузаштагони мардуми тоҷик нишон медиҳад. Бахусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, барои рушди соҳаҳои гуногун дар паёмҳои ҳамасолаи худ дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад. Масалан: «Иқдоми муҳимми Президенти кишвар, ки дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 22-юми декабри соли 2017 баён гардид, фаромӯшношуданист ва ин иқдом «Соли сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани соли 2018 мебошад [2, с. 17]. Аз ҷумла, дар Паёми болозикр омадааст: «Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 дар кишвари мо «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад» [2, с. 14]. Минбаъд низ бо ташаббусҳои навбатии Сарвари мамлакат солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шуданд.

Аз ҳидоятҳои Сарвари мамлакат, таҳлили бозёфтҳои бостоншиносону таърихнигорон собит гардид, ки аз қадимулайём мардуми тоҷик дар равнақ

бахшидани ҳунарҳои мардумӣ, ихтироъкорӣ, пешрафти илму техника саҳми назаррас гузошта, ин оин дар педагогикаи мардумии халқи тоҷик решаи таърихӣ дорад. Масалан, У. Назир дар боби пайдоиш ва нақши ҳунарҳои мардумӣ овардааст: «Қадршиносони таърих хабар додаанд, ки Ҷамшед ба инсонҳо нарм кардани оҳан, аз он абзори ҷангӣ сохтан, аз пашму катону абрешим риштан, бофтан (рағза, намад, гилем), дӯхтан (ҷомаву пероҳан, чакан ва ғайра), ҷомашӯй, аз хоку гил хонасозӣ, гармоба сохтану шустушӯй, аз санги хоро зар, рӯй, арзиз, сурб баровардану обгина баровардан, аз дарё гавҳар бурун кашидан, рангҳои гунонун пайдо кардану мусаввирӣ, наққошиву суратгарӣ ... ёд дод» [249, с. 70].

Дар маркази диққати аҳли илм қарор доштани рушди ҳунарҳои мардумӣ бо истифода аз хирад дар асрҳои X-XI ва бо ин васила ташаккул додани хирад ва сирати миллӣ яке аз масъалаҳои марказии адабиёти ин аҳд мебошад. Сино фармудааст: «Дар анъаноти иҷроии ҳунарҳои намоишии асрҳои X-XI ва ибтидои асри XII ҳунармандон баробари иҷрои асарҳои суннатӣ инчунин ба эҷоди шакл, жанру анвои нави намоишӣ кӯшиш ба харҷ медоданд. Аз танаввуоти гуногунрангии вожаҳои касбии ҳунарӣ пайдост, ки аҳли намоиш аксарашон дар иҷрои асару барномаҳои гуногунжанру мухталифмавзуъ маҳорати нотакрор доштаанд» [191, с. 233].

Дар асоси нишондодҳои таҳқиқотҳои анҷомдодаи муаррихону муҳаққиқон маълум гардидааст, ки халқи тоҷик аз қадимулайём орзуву омоли худро ба таври шифоҳӣ (баъдан хаттӣ), бо хондани суруду таронаҳо ва рубоиҳо, нақли ривояту афсонаҳо баён мекарданд. Аммо ин ягона роҳ набуда, балки тавассути иҷрои амалҳои суннатӣ, ҳунарҳои мардумӣ (кашидадӯзӣ, дӯзандагӣ, таркдӯзӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ, муҳрабофӣ, бофандагӣ, кандакорӣ дар чӯбу тахта, сангҳо, рассомӣ ва ғ.), анъана, расму оинҳо, инчунин, тасвир намудани расми ҷонварон дар деворҳо, сангҳои пуштаву хиёбонҳо ва амсоли инҳо дар шакли рамз ё сумбулаҳо ниёгони тоҷик муҳаббату садоқат ба Ватан, халқу миллат ва иттиҳоду иттифоқ, орзуву омоли хешро нишон медоданд.

Ҳамаи ин чизҳо рамзӣ мебошанд, ки рамз худ ҷанбаи баёни иҷтимоист, дар шаклҳои шифоҳӣ, хаттӣ, тасвирӣ, иҷроӣ ва моддӣ, унсурҳои илмӣ-адабӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, асотирию мазҳабӣ ифода ёфта, аз насл ба насл интиқол меёфт.

Ҳар як рамз мазмуну муҳтавои худро дошта, мазмуни он ба ҷашну маросим, анъанаҳои милливу мардумӣ ва дигар муносибат мувофиқ карда мешуданд. Масалан, равнақи ҳунарҳои мардумӣ, ки анъанаи бузург ва ҷашни қадимаи ниёгони мо мебошад, мазмуни хоси худро дошта, то кунун идома дорад. Маврид ба тазаккур аст, ки оид ба инъикоси масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ дар анъанаҳои Наврӯзӣ андешаҳо дар боби 3-юми рисола пурра оварда мешаванд ва дар ин фасл танҳо чанд андеша оид ба акс ёфтани рамзҳои марбут ба ҷашни Наврӯзи мардуми тоҷик дар контексти дастовардҳои ҳунарҳои мардумӣ баррасӣ мегардад.

Ҳанӯз аз аҳди қадим пеш аз фаро расидани ҳама гуна идҳои миллӣ мардуми тоҷик ба ҷашнгирии он омодагии ҳаматарафа дида, дар баробари шодиву сурур кардану гузаронидани ид ҳунарҳои мардумиро равнақ мебахшиданд, кашидадӯзӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, муҳрабофӣ, таркдӯзӣ ва ғйра ва дастранҷҳои хешро дар рӯзҳои ид ба тамошо мегузоштанд, ки намоишҳои Наврӯзи имрӯз низ эҳё ва тақвияти анъанаҳои бузурги ниёгон мебошанд. Аммо ҳар як дастранҷ мазмуну мақсади хеш дошт. Ниёгон тавассути маводҳои тайёркарда, дӯхтану бофтан, кашидан ва ғайра иттиҳоду иттифоқ, ваҳдату сулҳу субот, ободиву озодии кишварро ташвиқ мекарданд.

Рамзҳои асосии дастовардҳои ҳунарӣ истифодаи рангҳои сурх, сафед ва кабуд дар анҷом додани ҳунарҳои мардумӣ мебошанд. Ҳунармандон истифодаи ин рангҳоро ҳамчун анъанаи неки ниёгон маънидон намуда, мақсади истифода намудани онҳоро чунин шарҳ медиҳанд: «Ранги сурх рамзи сурхрӯйии коргарон ва ваҳдату иттиҳоди ҷудонопазири онҳо, ранги сафед рамзи донишмандиву илмпарастӣ, андешарониву ояндабинӣ, сафедии ҳамешагии роҳ, барории корҳо ва ранги сабз рамзи ҳамешасабзии кишвар, баҳори бехазони Ватан, равнақи кори кишоварзонро таҷассум мекунад» [402]. Ин

рангҳоро ниёгон дар тасвирҳои рӯйи деворҳо, кашидадӯзиву дӯзандагӣ, бофандагиву дигар ҳунарҳои мардумӣ васеъ истифода мебурданд ва шояд он ба қисматҳои эътиқодӣ ва боварии ин мардум вобастагӣ дошта бошад.

Истифодаи ранги сурх дар тайёр намудани дастовардҳои ҳунарӣ, аз ҷумла ҳунарҳои мардумӣ низ ранги асосӣ, шодиву фараҳ ва сурхрӯйиву боварӣ ба ояндаи нек ифода меёфт. Орзуи ширину бофароғат гузаштани умр, саломатию шодкомӣ, кушоиши кор, афзудани иттиҳоду иттифоқ ва амалӣ гардидани дигар ниятҳои нек дар ҳунарҳои дастии мардум инъикос меёфтанд. Дар айёми қадим занону бонувон дар матои сафед (дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ дар сачоқҳои сафед) бо рангҳои мухталиф, аз ҷумла сурх, кабуду сабз таркдӯзӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ ва кашидадӯзӣ мекарданд. Як навъи ҳунарҳои мардумӣ бахшида ба иди миллӣ, тую хурсандӣ ва амсоли инҳо дар минтақаҳои Тоҷикистон ин буд, ки бонувон дар матои сафед кӯзаи пури оби софро моҳирона гулдӯзӣ мекарданд, ки ин кӯзаро аз як тараф духтари ҷавон ва аз тарафи дигар писар гирифта бардоштаанд. Он хеле зебо ва дилрабо менамуд ва алъон низ ин дастовардҳо дар дасти мардум боқӣ мондаанд. Муаррихон бар онанд, ки аз тарафи духтару писар бардошта шудани кӯза муҳаббати ногусастании оилаҳои ҷавон ва оби кӯза нишонгари оби бақо, садоқати бепоён, покизагии рӯзгор, муҳаббати софу беолоиш мебошад.

Халқи тоҷик қабл аз фарорасии иди Наврӯз, дар лаҳзаҳои омодагӣ ба он расму оинҳо, ҳунарҳои мардумиеро пешкаш мекарданд, ки ба сурхрӯиву боварӣ ба ояндаи нек, хушвақтиву харсандии онҳо, амният дар тули сол мутааллиқ буданд.

То миёнаҳои асри гузашта мардумони гӯшаву канори Тоҷикистон, пеш аз Наврӯз асбобҳои рӯзгорро, ки куҳна шуда буданд аз хона бар канор мекарданд, ҷомаву дастор, либос ва болиштҳоро аз нав медӯхтанд, ки ин анъанаи ориёӣ буд, тавре муҳаққиқ меорад: «Муҳтавои асосии ин анъана он буд, ки ҳамаи чизҳои куҳнаву шикаста бо соли куҳна бебозгашт бираванд ва мардум соли навро бо тандурустиву зиндагии бешикаст сар мекарданд. Занони тоҷик асосан тибқи анъана болиштҳоро таркдӯзӣ мекарданд.

Матоъҳои гуногунрангро гирифта, аз онҳо гулҳои мухталифро медӯхтанд, ки онҳоро таркдӯзӣ мегуфтанд ва ин гулҳоро бар болишт медӯхтанд, ки хеле зебо буд» [87, с. 9].

Асосан таркдӯзиҳо мазмунҳоро вобаста ба вазъияти зиндагии мардум, шодиву хурсандӣ дар ҷашну маросимҳо ва ғайра таҷассум мекарданд, масалан, «Туй муборак» «Ид муборак» ва ғайра. Қайд бояд намуд, ки ин анъана имрӯз низ идома дорад. Дар рӯзҳои ид, ҷашну маросимҳои милливу давлатӣ шаҳру деҳотро бо шиору овезаҳо оро медиҳанд, ки ин як навъи тарбияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ дар ҳар давру замон аст.

Аз маълумотҳо, таҳқиқотҳои мардумшиносону муаррихон ва пажуҳишгарони фолклор бармеояд, ки дар ҳунарҳои мардумӣ ранги сафед низ аҳаммияти бештар доштааст. Тибқи таълимоти Авасто ин ранг вижаи хирадгароӣ буда, он таҷассумгари бахту иқболи сафед, роҳи сафед ва нияти неки мардум мебошад. 14-уми марти соли 2021 дар рафти гузаронидани таҳқиқотҳо оид ба расму оинҳо ва равнақи ҳунарҳои мардумӣ вохӯрии мо бо куҳансоли деҳаи Ҷавшангози ноҳияи Роштқалъа, ВМКБ Мамутхонова Саидхоним (85-сола, соли таваллудаш 1936) иттифоқ афтод. Зимни мулоқот мавсуф оид ба бисёр анъанаҳои милливу мардумии халқи тоҷик, ки бо чашми хеш дидаву худ низ ин анъанаҳоро иҷрон намудааст, андешаҳои ҷолиб баён намуд. Яке аз ин анъанаҳо иҷрои бозии «килоғузғуз» мебошад. Истифодаи ин бозӣ дар шеърҳои ба иди Наврӯз бахшидашудаи шоирони муосири тоҷик зиёд ба назар мерасад. Масалан, шоир Ато Мирхоҷа дар шеъри «Боз борон мерасад» овардааст: «Мо «килоғузғуз» ҳамерафтем аз боме ба бом» [236, с.78] ва шарҳ додааст, ки бозии «килоғузғуз» бо хондани суруд аз равзаи бом анҷом дода мешавад.

Вобаста ба бозии болозикр ҳамсуҳбати мо низ қайд намуд: «Дар байни сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар иди Нарӯз анҷом додани бозии «килоғузғуз» машҳур буд ва то кунун ин бозӣ аз тарафи наврасону ҷавонон анҷом дода мешавад. Мо низ ин бозиро дар хурдӣ анҷом медодем ва дар замони муосир низ ин бозӣ мавқеи худро аз даст надода, боқӣ

мондааст. Ба ин бозӣ пешакӣ мардум тайёрии ҳаматарафа медиданд, аз ҷумла, занон барои анҷом додани бозии фавқ 2-3 ҳафта пеш аз ид аз риштаҳое, ки аз пашми моли майда мересиданд ва онҳоро бо рангҳои сурх, сабз ва сафед ранг мекарданд, расан мебофтанд, ки он ба «Печак» (мӯйбоф) - и занона монанд буд. Чунин ресмонҳоро дар Иди Қурбон низ мебофтанд ва банда низ дар бофтани он таҷрибаи зиёд дорам. Бофтани ин расан чанд хусусияти хос дошт. Аввалан, он барои равнақ додани ҳунарҳои мардумӣ хизмат мекард. Баъдан бофтани расан алоқаи ногусастании хешу табор, олу аёл ва ҳамсояҳоро тараннум мекард. Ин расан низ бо маҳоратҳои мухталиф бофта мешуд, бархе дар байни он гулҳои рангорангро мебофтанд ва бархи дигар онро ҳалқа-ҳалқа бофта ба ҳамдигар пайваст мекарданд ва амсоли инҳо. Ҳар як зан кӯшиш мекар, ки бофтагии ӯ аз дигарон фарқи куллӣ дошта бошад ва зеботару дилкаштар бошад. Барӯмандони диёр дар ҳангоми бозӣ ба ин бофтагӣ диққати махсус дода, рӯзи дигари ид расанҳои бофтагии зеборо қайд мекарданд ва ба беҳтаринҳо мукофот низ медоданд. Аз ҷумла, ман дар иҷро кардани ин ҳунари мардумӣ борҳо ғолиб омада, соҳиби мукофоти пулӣ ва хотиравӣ гардидам» [401].

Дастрас намудади арғамчинҳои ғавс ва сахт низ барои анҷом додани бозии «Арғамчинкашӣ» дар асрҳои пеш осон набуд, зеро он монанди имрӯз дар дӯконҳову мағозаҳо мавҷуд набуд ва фурӯхта намешуд. Ин корро низ аксаран занон ва баъзан мардони бофандаи тоҷик анҷом медоданд. Бо истифода аз дастгоҳҳои худсохт монанди чарххои аз чӯбу тахта ихтироъкардашуда аз пашм банд мересиданд ва аз ин бандҳо арғамчинро мебофтанд ва дар бозии фавқ онро истифода мебурданд. Занони ҳунарманд чунон таҷрибаи хубро касб карда буданд, ки дастовардҳои онҳо сифати баланд доштанд. Масалан, арғамчинҳои бофтаи онҳо дар бозии «Арғамчинкашӣ» аз зарби ҷавонони арғамчинкаш ва паҳлавонон канда намешуданд, балки бисёр тобовар буданд. Ин арғамчинҳо минбаъд дар корҳои рӯзгор низ васеъ ба кор бурда мешуданд. Аз ин баён равшан мегардад, ки онҳо нафақат ҳунарманд буданд, балки масъулияти баланди

касбӣ доштанд, ҳунарҳои дасташон баландсифат буда, солҳо дар рӯзгори онҳо мавриди истифода қарор дода мешуданд ва ин афкори педагогии ниёгон мебошад, ки ҳатто бо истифода аз бозӣ ва ҳунарҳои мардумӣ меҳнатдӯстӣ, ҳамдилӣ, иттиҳоду иттифоқ, меҳнати дастҷамъона, ҷалби мардум ба кори ободониву созандагӣ, таълим ва интиқол додани ҳунарҳои ниёгон ва анъанаҳои миллӣ ба насли баъдӣ ва амсоли инҳоро тараннум мекарданд.

Бо истилоҳи имрӯз ин анъана худ як озмуни ҳунарҳои мардумӣ буд ва барӯмандон ба ҳайси ҳакамон ба он баҳогузорӣ мекарданду ҳунарманди беҳтаринро бо мукофотҳо ва бо роҳи таърифу тавсиф руҳбаланду ҳавасманд мекарданд ва ин анъанаҳо сарчашмаи пайдоиш ва рушду ташаккули ҳунарҳои мардумӣ ва ташкили озмунҳо мебошанд.

Рафтори хуби онҳо, масъулиятшинос будан ва баландсифат будани молҳои онҳо бояд бо истифода аз эҳёву равнақ бахшидани анъанаҳои милливу мардумӣ ва ташаккули ҳунарҳои мардумӣ ба наслҳои имрӯзу оянда интиқол дода шавад. Ҳунарҳое, ки онҳо дар асрҳои гузашта дар шароити начандон мусоиду камчинии асбобҳои рӯзгор, набудани васоити техникие, ки имрӯз дар дастраси мост, нишон медоданду дар пешравии ҳаёт ба кор мебурданд, дар замони мо ва оянда ин ҳунарҳо бояд дучанд равнақ дода шаванд. Шароитҳои зиндагии мо, пешрафти техникаи муосир худ дар рушди ҳунарҳои мардумӣ басанда аст.

Моҳи июли соли 2017 бо шоир, собиқ омӯзгор, нафақахӯр Исмоилшо Саидиброимов суҳбати гарму самимӣ дар атрофи мавзуи зикргардида доир карда шуд, ки мавсуф дар ин масъала маълумотҳои зиёд доранд. Ҳамсуҳбати мо қайд намуд: «Дар замонҳои пеш, бахусус то охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта парвариш кардани асп бисёр маъмул ва машҳур буд, зеро асп он замон (бахусус дар деҳот) ба ҷойи воситаи нақлиёт истифода бурда мешуд. Аз ин рӯ, оро додани асп, махсусан дар рӯзҳои ид, ҷашну маросимҳо анъана буд. Лаҷому полони асп низ аз рангҳои сурху сафед ва сабз бофта мешуд ва он ғояҳои педагогии худро дошт. Хурҷинҳое, ки бар зини аспҳо гузошта мешуданд аз рангҳои сурху сафед ва кабуду сабз бофта мешуданд» [401].

Таҳлили илмӣ ва бардошти мо аз иқтибоси боло ин аст, ки худи бофтану ба ҳам тоб додани таноб ё расанҳо иттиҳоду иттифоқро тараннум мекунад. Тавре ки расанҳои бофта бо ҳам печидаву аз ҳам ҷудонашавандаанд, инсонҳо бояд низ чунин бошанд ва ба шодиву ғами ҳамдигар шарик бошанд, ба қавли Шайх Саъдии Шерозӣ:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор [214, с. 112].

Инчунин аз мутолиаи корҳои таҳқиқотии пажуҳишгарон вобаста ба ин мавзуъ, шоҳиди он мешавем, ки то ба имрӯз равнақи ҳунарҳои мардумӣ яке аз муҳимтарин рамзҳои ҷашну маросимҳо ҳисоб мешаванд» [402].

Аз иқтибосҳои дар боло оварда бори дигар татбиқ мешавад, ки дар асоси осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва этнопедагогика ҳунарҳои мардумӣ, санъати амалии халқӣ ва навъҳои гуногуни он дар зиндагии мардум ҷойгоҳи асосӣ дошта, як падидаи муҳимми фарҳанги миллии халқи тоҷик ба шумор мераванд ва онҳо дар баробари ташаккули ҳунарҳои мардумӣ ҷанбаҳои педагогии худро доранд, вале, мутаассифона, ин санъатҳо дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон қариб аз байн рафтаанд. Бинобар ин, ҳоло зарурати эҳё ва равнақ бахшидани санъату ҳунарҳои мардумӣ ба миён омадааст.

Қисмати дигари бофандагӣ ва гулдӯзӣ зардӯзӣ мебошад, ки дар миёни мардуми тоҷик бисёр маъмул буд. Зардӯзӣ дар қадим аслан ҳунари мардон буд, зеро дар рӯйи матоъҳои дурушту ғафс, ба монанди бахмал, сӯзан задан лозим меомад ва ин мавзуъ дар ёддоштҳои Восифӣ низ баён ёфтааст. Дар асоси ёддоштҳои Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар он давра садҳо нафар зардӯзи моҳир ба дӯхтани либосҳои қиматбаҳои дарбориён машғул буданд, ки Ҳасани Зардӯз аз ҷумлаи онҳо буд. Зардӯзӣ – ҳунарест, ки дар асоси гулдӯзӣ пайдо шудааст. Зардӯзон дар рӯйи матоъ ё либос бо риштаи махсус, ки аз нахи зар (сафед - «нуқрагӣ» ё зард - «тиллоӣ») тайёр карда шудааст, нақш меофариданд, ҷомаҳои мардона, камзӯлҳо, шалворҳо, пойафзол, тасма,

каллапӯшҳо, ҷиҳози аспҳоро омода менамуданд. Либосҳои домодӣ, арӯсӣ, ҷома барои туи хатнасури писарон, баъзе либосҳои кӯдаконаву занона, кулохҳо, деворахо, чойнипӯшҳо ва дигар ашёи рӯзгор зардӯзӣ карда мешавад.

Намунаи дигари зардӯзӣ зардеворӣ буд. Ин як навъи ҳунари мардумӣ буд, ки рӯпӯши деворие, ки дар гирди шифти хона бо ҳаҷми 1м 30 см матоъ (бахмал, фаранг, суф, вилюр ва ғайра) гулдӯзӣ ва нақшдӯзӣ карда мешавад. Дар даврахои қадим барои анҷом додани ин ҳунар одатан, аввал ба матоъ нақш мекашиданд ва баъд онро бо риштаҳои ранга гулдӯзи ва ё зардӯзӣ мекарданд ва тибқи одат барои ороиши хонаи арус зардеворӣ истифода бурда мешуд. Ин анъана дар ташаккул додани салоҳиятҳои меҳнатдӯстӣ, касбомӯзӣ, эҷодкорӣ, мақсаднок гузаронидани вақт ва амсоли инҳо нақши асосӣ дорад. Рушди салоҳятҳо бевосита дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ нақши асосӣ дорад. Бо ташаккул ёфтани сирати миллӣ арзишҳои миллӣ ва худшиносиву худогоҳии насли наврас ва ҷавон боз ҳам бештар тақвият меёбанд.

Дӯхтани либосҳои миллӣ, ороиши хонаву идгоҳ дар миёни мардуми ориётабори тоҷик решаи таърихӣ дошт. Аммо ба қавли ниёгон набояд аз матои сиёҳ либос тайёр шавад, ки нишонаи нохушӣ аст, аз ин лиҳоз ба интихоби ранг диққати асосӣ медоданд, ба қавли муҳаққиқ «Маъмулан бонувон аз матои сафед ва сабз либос медӯхтанд, ки рамзи покиву покизагӣ ва хурсандии баҳор аст. Аз сангҳои қиматбаҳо муҳра тайёр мекарданд, ки дар рӯзҳои хурсандӣ бонувон онҳоро дар гардан мемонданд ва ин муҳраҳои тайёршударо бештар арус дар туй истифода мекард» [87, с. 9].

Аз таҳқиқот ва аз наздик шиносои шудан бо ин ҳунари мардумӣ муайян намудем, ки аз ин муҳраҳо гули садбарг, ишқи печон ва ғайра бофта шудааст, ки бисёр ҷолиб ва диққатҷалбкунанда мебошад. Бонувон дар рӯзи ид ин куртаҳои зебои миллиро ба бар карда, муҳраҳоро дар гардан мекарданд ва бо ин васила анъанаҳову либоси миллиро зинда нигоҳ медоштанд.

Дарёфт намудани асбобҳои рӯзгор дар замонҳои қадим мушкилии асосӣ буд ва мардум бо истифода аз ҳунар ва маҳорати хеш асбобҳои зарурии рӯзгорро тайёр карда, мавриди истифода қарор медоданд. Масалан, бонувон аз матои сафеде, ки рамзи покӣ аст, дастархон медӯхтанд ва ё онро моҳирона мебофтанд. Рамзҳои ранггузинӣ дар дӯхтану бофтан ва оростани дастархон ва хона қатъиян риоя мешуданд, зеро ин рамзҳоро фоли нек дар зиндагӣ медонистанд. Бахусус, меҳнатҳои дастиро омили файзу баракати хонадон медонистанд ва мардумро ба он ташвиқ мекарданд, ки ҳунарҳои мардумиро равнақ бахшанд ва ин анъана то нимаи аввали асри XX мавқеи худро ба пуррагӣ нигоҳ доштааст. Оид ба равнақи ҳунари дӯзандагӣ Н. Дадобоев овардааст, ки асрҳои XIX ва XX дар Хуҷанди бостонӣ дӯзандагӣ яке аз қисматҳои асосии касбу ҳунар ба шумор мерафт. Дар асоси дастовардҳои таҳқиқотҳои таърихӣ соли 1895 дар бозори Панҷшанбеи Хуҷанд ва атрофи он 23 дӯкони дӯзандагӣ мавҷуд буд. Дар ин дӯконҳо асосан мардон дӯзанда буданд, занони чевар дар хона кор мекарданд. Аммо дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ин ҳунар ба дасти занон гузашта, то кунун занҳо ба ҳунари дӯзандагӣ машғул мебошанд.

Овардани чанд андеша роҷеъ ба равнақи ҳунарҳои мардумӣ собит намуд, ки ҳунарҳои мардумӣ дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомада решаи таърихӣ, ҷанбаҳои педагогӣ ва хусусиятҳои хоси тарбиявӣ, аз ҷумла покизагиву поктинатӣ, иттиҳоду иттифоқ, ваҳдату ягонагӣ, дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ доранд. Ҳунарҳои мардумӣ дар тарбияи меҳнатдӯстии насли наврас, касбу кор мақоми асосӣ доранд. Хушбахтона дар рафти гузаронидани таҳқиқот шоҳиди ҳол гаштем, ки дар бисёр деҳаҳои ноҳияҳои Шамсиддини Шоҳин, Муъминобод, Ховалинги вилояти Хатлон, Истаравшан ва Конибодом, Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд, ноҳияҳои Шуғнон, Рошткалъа, Ишкошим, Рӯшон, Мурғоби ВМКБ бозмондаҳои ин анъана мавҷуданд ва модарон онҳоро ба духтарони худ ва падарон ба писарони хеш ёд медиҳанд.

Вижагии дигаре, ки дар педагогикаи мардумии халқи тоҷик дар замонҳои гузашта мақоми асосӣ дошт, ин иҷро намудани бозии байтбарак буд, ки бо ин роҳ фарзандони худро аз таърих ва тамаддуни қадимаи ориёӣ огоҳ мекарданд. Муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла А. Насриддин, Р. Ҳодизода, С. Айнӣ, А. Сатторзода ва дигарон дар китобу мақолаҳои худ оид ба адабиёти шифоҳӣ ва жанрҳои фолклорӣ, аз ҷумла байтбарак таҳқиқот анҷом дода, асоснок намудаанд, ки бозии фавқ дар байни мардуми тоҷик решаи таърихӣ дорад. Масалан: «Асосгузори адабиёти муосири тоҷик устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» осори шифоҳии халқ, аз ҷумла байтбаракро ҳамчун ҷузъи арзишманди фарҳанги суханварии тоҷикон баррасӣ намуда, онро воситаи зеҳнӣ ва ҳунарии мардум мешуморад» [214, с. 128]. Ин аст, ки аз қадим дар оилаи мардуми тоҷик бозии «Байтбарак» маъмул буд ва он ҳам дар миёни кӯдакону наврасон ва ҳам ҷавонону куҳансолон анҷом дода мешуд. Аслан бозиро дар миёни фарзандон яке аз волидон ва ё бобову момо, бародар ё хоҳари калонӣ ташкил карда, як нафар ба ҳайси ҳакамон бозиро пеш бурда, назорат мекард. Бозии байтбарак дар мавзуъҳои мухталифи тарбиявӣ-ахлоқӣ аз ҷумла:

- мавзуи ватандӯстӣ;
- некиву некукорӣ;
- дӯстиву иттиҳод:
- ростиву росткорӣ;
- ишқи пок ва муҳаббати самимӣ;
- донишомӯзӣ ва амсоли инҳо ташкил карда мешуд.

Инчунин байтбарак дар мавзуи умумӣ (омехта) низ ташкил карда мешуд. Мавзуи байтбаракро сардори бозӣ ва ё ҳакамон интихоб мекард ва то охир онро назорат мебурд. Ғолибони бозӣ бо китоб, дафтар ва дигар маводҳои хониш ва дар сурати набудани ин маводҳо бо чизи хӯрданӣ (кулча, ширинӣ ва ғ.) мукофотонида мешуданд.

Ин оини мардумӣ худ як озмун аз фанни адабиёти тоҷик буд, ки бо тарзи ғайрирасмӣ анҷом дода мешуд ва қариб ҳар бегоҳ дар хонаҳо ташкил

карда мешуд ва он дар ташаккули хирад, тафаккур ва сирати миллӣ мақоми сазоворро ишғол мекард. Бозии «Байтбарак» аҳаммияти махсуси таълимиву тарбиявӣ дошт:

1. Хотира, тафаккури кӯдакону наврасон рушд меёфт.
2. Аз синни хурдсолӣ кӯдакон бо осори мутафаккирони тоҷику форс ошноӣ пайдо мекарданд.
3. Инкишофи хирад.
4. Инкишофи нутқ ва одоби муошират.
5. Такрор намудани мавзуъҳои омӯхташуда.
6. Ташаккули салоҳияти муошират ва суханронӣ.
7. Ҳавасманд гардидан ба хондан ва аз ёд кардани шеър.
8. Тарғиби доиман машғул будан ба аз ёд кардани шеър.
9. Ташаккул ёфтани ғояҳои ватандӯстӣ, илмомӯзӣ, некиву некукорӣ, ростиву дурусткорӣ, муносибати хуб бо ҳамдигар ва дигар хислатҳои нек дар ниҳоди бозингарон.
10. Омода шудан ба иштирок дар мусобиқаҳову озмунҳо.
11. Кӯшиш намудан дар ба даст овардани пирӯзӣ дар мусобиқаҳо, бозиҳо ва озмунҳо.

Аз таҳлили маводҳо оид ба иҷрои ин бозиҳо ва таҷрибаи рӯзгор дарёфтем, ки куҳансолони тоҷик ба хондани китоб шавқу рағбати беандоза дошта, шеъру ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ ва дигар жанрҳои назмро бисёр аз ёд медонистанд. Ҳатто дар идҳову ҷашнҳо низ дар байни наврасону ҷавонон ва табақаҳои дигари ҷомеа ин бозӣ ташкил карда шуда, ғолибон мукофотонида мешуданд. Мутаассифона, бозии фавқ имрӯз мақоми хешро аз даст додааст ва таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки насли имрӯз ба он таваҷҷуҳи кам зоҳир мекунанд. Аз таҳқиқот муайян намудем, ки сабаби асосии аз байн рафтани китобхониву аз ёд кардани шеър бетаваҷҷуҳии оилаҳо ба он, бемавқеъ истифода бурдани техникаи муосир, аз ҷумла телефонҳои мобилӣ, зиёд ҷалб будани наврасону ҷавонон ба бозиҳои компютерӣ ва амсоли инҳо аст ва муҳим аст, ки падару модар дар муҳити оилавӣ шеърдӯстиро эҳё

намуда, равнақ диҳанд, то ки шавқу рағбати фарзандон ба он, ба китобхониву аз ёд кардани панду андарзҳои ниёгон равнақ ёфта, дар иштирок намудан дар озмунҳо муҳити оилавӣ саҳмгузор бошад.

Дар замонҳои қадим ва ҳатто, то омадани давлати шуравӣ манзили истиқоматии мардуми тоҷик на танҳо ҳамчун хонаи истиқоматӣ, балки он мактаб, хонаи фарҳангу маданият, варзиш, меҳмонхона ва амсоли инҳо буд. Аз ҷумла, ба омӯзиши илму дониш ниёгони тоҷик диққати асосӣ медоданд. Алоқамандии оила ва мактаб ба дараҷаи баланд роҳандозӣ шуда буд. Падару модар барои иҷрои корҳо вақти фарзандонро хеле моҳирона тарҳрезӣ карда, назорат мекарданд. Гарчанде ки ҷадвали рӯз шакли хаттиву расмӣ надошта бошад ҳам, вале ба таври шифоҳӣ дар мафкураи куҳансолони хона он амал мекард. Роҷеъ ба ин гуфтаҳо собиқадори меҳнат Ғуломиддин Шодавлатов чунин изҳори назар дорад: «Куҳансолон моро субҳ барвақт аз хоб бедор мекарданд, вазифаи хонагии моро, ки омӯзгорони фанҳои таълимӣ дар мактаб дода буданд, мепурсиданд, ба мо кумак мекарданд, то шеъру қоидаҳоро аз ёд намоем. Тибқи одат то хӯрдани хӯроки саҳарӣ мо дарси худро такрор намуда, пас аз он ба мактаб мерафтем. Ҳар ҳафта дар хона рӯзномаи моро санҷида, имзо мегузоштанд, баҳоҳои моро таҳлил мекарданд ва барои беҳбудии кор тавсияҳо медоданд. Ногуфта намонад, ки тавсияҳои куҳансолон, падару модар на танҳо дар кӯдакӣ ба мо кумак мекард, балки дар тамоми зиндагӣ барои иҷрои вазифаи кориам дар мансабҳои гуногун ин тавсияҳо раҳнамои ман буданд» [404].

Таърих гувоҳ аст, ки дар асрҳои қадим мардуми тоҷик на ҳама ҷо соҳиби мактаб буд, вале падару модар фарзандонро ба таълиму тарбияи донишмандони маҳал дода, онҳо хату савод меомӯхтанд. Баъд аз баргаштан аз мактаб ва ё аз пеши устод фарзандонро сер карда, ба иҷрои корҳои хона ҷалб мекарданд. Духтарон дар корҳои хоҷагӣ ба модар ва писарон ба падар ёрӣ мерасонданд. Духтарон ба рӯбучин кардани хона ва гирду атрофи он, тайёр кардани хӯроки шом, шустани либос, дегу табақ ва амсоли инҳо ҷалб мешуданд. Писарон бошанд дар анҷом додани корҳои хоҷагӣ ба падар ёрӣ

медоданд. Масалан, дар фасли баҳор писарбачаҳо ба тоза кардану кишт кардани заминҳо, обёрӣ намудан, подабонӣ ва ғайра, дар тирамоҳ ба ҳосилғундорӣ, тайёрӣ ба зимистонгузаронӣ, зимистон ба рӯфтани барф, тоза кардани гирду атроф аз он, аловмонӣ ва амсоли инҳо ҷалб мешуданд. Аммо ҳамаи ин корҳо вақти муқарраршуда доштанд. Тамоми рӯз фарзандон ба анҷом додани кори хона ҷалб нашуда, балки зида аз 5-6 соат онҳоро ба донишомӯзӣ, тайёр кардани вазифаи хонагӣ, хондани китобҳои бадеӣ ҷалб мекарданд, пеш аз хоб вақт ба афсонагӯӣ, байтбарак, чистонгӯӣ ва ғайра ҷудо карда мешуд. Маврид ба тазаккур аст, ки диққати асосӣ на ба анҷом додани корҳои хоҷагӣ аз тарафи фарзандон, балки ба донишомӯзии онҳо дода мешуд. Мақоми дониш аз ҳама гуна кори хоҷагӣ болотар дониста шуда, ба он авлавият дода мешуд. Ҳамаи ин заҳмату талош ва низоми кори падару модар дар донишомӯзӣ, боилму босавод шудан ва ба меҳнат тайр гардидани фарзандон нақши бориз гузошта тавонист. Аз таҳлили андешаҳои пажуҳандагон маълум аст, ки халқи тоҷик аз қадим мардуми босаводу бодониш буда, бесаводӣ қатъиян маҳкум карда мешуд. Фарзандони ҳар як хонадон аз хондану навиштан баҳравар буда, саводу дониши кофӣ доштанд.

Масалан, дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ дар нимаи аввали асри XX аввалин мактаби Шуравӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (он вақт Вилояти Автономи Бадахшони Кӯҳӣ) кушода шуд ва Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода аввалин омӯзгори ин мактаб буд. Савол ба миён меояд, ки агар ин аввалин мактаб бошад ва Шоҳфутур аввалин омӯзгори ин мактаб бошад, пас худи Шоҳфутур дар ин минтақаи кӯҳистони кишвар хату савод ва донишро бе мактаб аз куҷо ёд гирифтаву муаллим шуда бошад? Ҳамаи ин заҳмати шаборӯзии падару модар буд. Ҳаёти устоди аввалини ин мактаб Шоҳфутур мисоли зинда буда, онро хотиррасон мекунад, ки ҷиҳати набудани мактаб фарзандони худро барои таълим ба назди донишмандону хаттотон медоданд. Онҳо дар пеши устод хату савод меомӯхтанд, ҳам ба осори мутафаккирони бузурги тоҷик ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, З. Розӣ, Ибни Сино, Н. Хусрав, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷ. Балхӣ ва дигар бузургони тоҷику форс

шинос мегардиданд ва ин усул дар ташаккули хирад, сирати миллӣ, худшиносиву худогоҳии миллии онҳо саҳми арзанда мегузошт. Тазаккур бояд дод, ки донишмандони маҳал шахсони пешқадаму рӯзгордида буда, дониши кофӣ доштанд ва бесаводӣ, ифротгароиву хурофпарастиро маҳкум мекарданд. Шогирдони онҳо шахсоне буданд, ки дар дунё муътабару машҳур мебошанд. Ш. Муҳаббатшоҳзода зиндагии хешро дар се даврaи таърих: даврони ҳукмронии амалдорони Бухоро, замони давлатдории намояндагони Русияи подшоҳӣ ва даврaи ҳокимиятдории Шуравӣ паси сар карда, дар тамоми умри хеш ба касби омӯзгорӣ муштағил буд. Масалан, адабиётшинос В. Охонниёзов чунин менигорад: «Дар асоси таҳқиқотҳои таърихнигорон шахсони баруманд аз қабили: Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур, Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар ва амсоли инҳо шогирди мактаби адабиву илмии нахустомӯзгор, шоир - маорифчӣ Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода буданд. Дар Энсиклопедияи Бадахшон (Шурои илмиву таҳрирӣ: раис М. Илолов, муовин П. Ҷамшедов, Душанбе: «Андалеб Р», 2016, 469 с.) дар саҳифаи 456 омадааст: «Нахустин ходимони давлативу ҷамъиятии Бадахшон дар садаи ХХ амсоли Шириншоҳ Шоҳтемур, Тилло Пӯлодӣ, Худоёр Юсуфбеков, Нодир Шанбезода хешро бо ифтихор ё дастпарварони бевосита ва ё пазирандагони маърифати мактаби ин Охон (Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода) меҳисобиданд. Ҳатто Охон Сулаймон, ки ҳам рукни хешутаборӣ ва ҳам фаъолияти наздики ҳамкорӣ ба ӯ дошт, Шоҳфутурро охунди худ меҳисобид» [274, с. 217].

Метавон хулоса намуд, ки арзишҳои миллӣ ва маънавии халқи тоҷик ва хусусиятҳои педагогии он мавзуест, ки ба таҳқиқоти амиқ ниёз дорад. Арзишҳои мардумӣ ва маънавии халқи тоҷик мавзуъҳои ташаккули илму дониш, ватандӯстӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, усулҳои мухталифи таълиму тарбия, ташаккули тарбияи ахлоқӣ, ҷисмонӣ, зебопарастӣ, омӯзиш, эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳову арзишҳои миллӣ ва амсоли инҳо, ки дар маҷмуъ рушди хирад ва сирати миллиро тараннум мекунанд, дар бар мегиранд.

3.2. Мақоми ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва анъанаҳои милливу мардумӣ дар ташаккули сирати миллӣ дар мисоли анъанаҳои наврӯзӣ

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд: «27-июни соли 1997 ба сафҳаи таърихи навини тоҷик ҳамчун рӯзи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, пирӯзии ақли солим ва хиради сулҳҳоҳонаи миллати тоҷик дохил гардид» [44, с. 109]. Халқи соҳибтамаддун ва бофарҳанги тоҷик ифтихори беандоза дорад, ки соҳиби давлати мустақили худ гардида, ин таърихи тақдирсоз мустақилияти онро боз ҳам мустаҳкамтар сохт. Давлатдории халқи тоҷикро имрӯз, хушбахтона, дар саросари дунё мешиносанду эътироф мекунанд. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон боис гардид, ки шуҳрату эътибор ва шаъну шарафи халқи тоҷик беш аз пеш фузун гардида, муваффақиятҳову дастовардҳои зиёд ба даст оянд. Дар баробари дигар дастовардҳову муваффақиятҳо анъанаҳои миллии халқи тоҷик эҳё гардида, заминаи бузург гузошта шуд, то ки ин анъанаҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас саҳми арзандаи худро гузоранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» овардаанд: «Афроде, ки аз сарнавишти миллат таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонанд» [5, с. 25]. Ин суханон моро водор ва вазифадор месозанд, ки насли наврас бояд таъриху фарҳанг ва анъанаҳои неки гузаштагони худро дониста, аз онҳо ибрат гирад ва дар интиқол додани таъриху фарҳанги худ ба наслҳои оянда саҳми арзандаи хешро гузошта тавонад.

Вобаста ба ин, дар боло қайд гардид ва боз ҳам қайд мекунем, ки омӯзиши осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва бахусус, мавзуи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар осори ин мутафаккирон

дар тарбияи насли наврас ва ҷавон мақоми асосиро ишғол менамояд. Онҳо барои ташаккул додани ҳувият, ифтихор ва сирати миллӣ ба кор бурдани ҳама гуна роҳҳои муносиб ва мақсаднокро пешкаш намудаанд, то ки насли наврасу ҷавон дар ҳамаи давру замон арзишҳои миллии худро аз даст надиҳад ва бо ин роҳ сирати миллиро ташаккул дода, ҳувияти баланди миллӣ дошта бошад. Ногуфта намонад, ки ақидаҳои педагогии ин мутафаккирон на танҳо дастур ё раҳнамо барои насли наврас ва ҷавони тоҷик мебошад, балки ин ақидаҳо дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавонони халқу миллатҳои дигар низ мақоми хос доранд. Дар асоси ақидаҳои педагогии ин мутафаккирон роҳҳову усулҳои зиёд барои ташаккули хирад ва сирати миллӣ мавҷуданд, ки дар бобҳои гузаштаи ин рисола ин ақидаҳо баррасӣ ва асоснок карда шуданд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки яке аз роҳи дигари натиҷабахши ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, ки дар ақидаҳои педагогии мутафаккирони ин аҳд ҷой дорад, эҳё намудану зинда нигоҳ доштан ва тақвият бахшидани анъанаҳо, ҷашну маросимҳо, расму оини мардумӣ мебошад, ки намунаи он таҷлили иди Наврӯз мебошад. Фасли фавқ маҳз ба таҳқиқ намудани нақши ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик дар ҳамбастагиву ҳамоҳангӣ бо анъанаҳои миллӣ, ҷашну маросимҳо ва расму оини мардуми тоҷик дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ бахшида шудааст.

Яке аз ин анъанаҳои маъмул ва қадимаи тоҷикон ҷашни Наврӯзи Аҷам мебошад, ки дар ташаккули сирати миллӣ, ғояҳои ватандӯстӣ ва сулҳу ваҳдат дар ниҳоди насли наврас нақши асосӣ дорад. Иҷрои расму оинҳои наврӯзӣ насли наврасу ҷавонро водор месозад, ки худогоҳ, худшинос ва ватандӯст бошанд. Ба қадри андешаҳову арзишҳои миллӣ чун ваҳдату сулҳу субот бирасанд ва абадан дар хотир нигоҳ доранд: «Натиҷаи сулҳу субот ва ваҳдату иттиҳод буд, ки бо талошҳои ҳамаҷонибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз 30-юми сентябри соли 2009 Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба

фехристи ёдгории ғайримоддии фарҳанги башарият дохил карда шуд ва 19 феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64-ум аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон карда шуда, ҳамасола дар саросари ҷаҳон бо як шаҳомати бузург таҷлил мегардад» [98, с. 117].

Боиси тазаккур аст, ки назар андохтан ба анъанаи миллӣ – Наврӯзи Аҷам дар ин рисола асосан аз он иборат аст, нахуст қадимтарин сарчашмае, ки дар он ҷашни Наврӯз зикр шудааст, китоби «Авесто» мебошад. Дар асоси таҳқиқотҳои муҳаққиқон сол дар «Авесто» ба ду фасл – гармо ва сармо, яъне ҳафт моҳ тобистон ва панҷ моҳ зимистон тақсим мегашт ва дар ҳар як аз ин ду фасл ҷашне барпо мешуд ва ҳарду оғози соли нав ба шумор мерафтанд ва дувум дар асоси нигоштаҳои сарчашмаҳои таърихӣ ин ҷашн дар асрҳои X-XI низ таҷлил мегардид ва осори зиёди мутафаккирони ин аҳд ба васфу тасвири Наврӯз бахшида шудааст, афкори зиёди педагогӣ дар он нуҳуфтааст. Агар аз як тараф ҷашнгирии иди Наврӯз барои мардум омили хурсандӣ ва шодиву сурур бошад, аз тарафи дигар таҷлили он дар таълиму тарбия нақши бориз дорад ва дар таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқон ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шудааст. Масалан, муҳаққиқ П.М. Неъматова дар мақолаи худ «Анъанаҳои наврӯзи байналмилалӣ дар Тоҷикистон ва роҳи бузурги абрешим» овардааст: «Ба ақидаи файласуф ва мутафаккири тоҷик Кароматулло Олимов «Наврӯз барои мардуми эронитабор, аз ҷумла тоҷикон, на танҳо ҷашн аст, балки он инъикосгари руҳи бузурги ниёгони мо, муборизаи онҳо барои сулҳ, некӣ ва созандагист. Ҳатто дар фоҷиабортарин лаҳзаҳои ҳаёти тоҷикон ва ҳамзабононашон, онҳо ин ҷашнро ҳамчун умеде барои ҳаёти орому сулҳомез ва саодатманд таҷлил менамоянд»» [194, с. 9].

Таърих гувоҳ аст, ки асрҳои IX-XIII давраи равнақи адабиёт, фарҳангу маданияти халқи тоҷик мебошад, ки дар ин давра анъанаҳои миллӣ, бахусус Наврӯз низ бо шукуҳу шаҳомати хос таҷлил мегардид ва хусусияти таълимиву тарбиявӣ дошт. Вобаста ба хусусияти педагогӣ, таълимиву тарбиявӣ доштани Наврӯз ва ҳамбастагии он ба афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷики форс имрӯз муҳим аст, ки дар ин мавзуъ

корҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои номзадиву докторӣ кор карда шаванд, то ки ҷанбаҳои ноомӯхтаи ин масъала ба таҳқиқ фаро гирифта шуда, муҳаққиқон дар тарбияи насли наврасу ҷавон, ҳамчун тақдирсози ояндаи миллат боз ҳам саҳми бештар гузоранд. Дар замири онҳо тухми ифтихори миллӣ, ваҳдату ягонагӣ, худогоҳии миллӣ, меҳанпарастиро бо истифода аз афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик, анъанаҳо, ҷашну маросимҳои миллӣ, дар ҳамбастагӣ бо ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои мутазаккир парвариш намоем, то ки дар оянда ҷавонони худшиносу худогоҳ, ватандӯсту миллатпараст ва созандаю бунёдкорро ба камол расонем.

Эҳёи анъанаҳои миллӣ аз таълим дар оила ва муассисаҳои таълимӣ аз таърихи пуразриши тамаддуни тоҷикон сарчашма гирифта, ҳиссиёти ватандӯстию ободкориро дар замири хонандагон тарбия ва онҳоро ба корнамоию ободкориҳо ҳидоят менамояд ва дар ташаккули сирати миллии онҳо нақши бориз мегузорад. Академик Б. Ғафуров навиштааст: «Ҳар як давраи таърихӣ дар зиндагии мардум анъана ва урфу одатҳои хосаро ба вуҷуд овардааст, ки барои мубодилаи дастовардҳо, дониш, ҳамкориҳои мардум барои пешрафти иҷтимоӣ ва пайванду ҳамгироии фарҳангӣ саҳм гузоштаанд. Анъанаҳо ва расму оинҳои мазкур омили пуриқтидори тарбия ва ташаккули шахсият буданд» [183, с. 216]. Ба ақидаи академик Бобоҷон Ғафуров расму оин, ҷашну маросимҳои милливу мардумӣ омили пуриқтидор дар тарбия ва ташаккули насли наврас мебошанд.

Мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик, аз ҷумла, А. Фароловӣ, Ш. Балхӣ, К. Марвазӣ, А. Балхӣ, Дақиқӣ, М. Тирмизӣ, У. Балхӣ, А.Ҷунайдӣ, Б. Урён, Р. Қаздорӣ, Ҳ. Бодғисӣ, М. Варроқ, Р. Балхӣ, А. Балхӣ, А.Ҷӯйборӣ, А. Рабанҷанӣ, Рӯдакӣ, Н. Хусрав, А. Сино, У. Хайём, А. Берунӣ, Ф. Гургонӣ, А. Байҳақӣ, С. Самарқандӣ, У. Кайковус, А. Ансорӣ, А. Тӯсӣ, А. Анварӣ, М.С. Салмон, Муиззӣ, С. Тирмизӣ ва дигарон дар асарҳои хеш ба анъанаҳои милливу мардумӣ, расму оин, ҷашну маросимҳо ишораҳо намудаанд ва дар асоси ақидаҳои ин мутафаккирон ҳар як намуди расму оин ва ҷашну

маросимҳои мардумӣ дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ҷойгоҳи худро дорад.

Дар асоси исботи сарчашмаҳои таърихиву илмӣ аз даврaҳои қадим боз мардуми тоҷик ба таҷлили ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон ва амсоли инҳо таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир мекарданд. Тавре аз таҳқиқотҳо дарёфтем таҷлили иди Наврӯз дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон умумият дошт, аммо баъзе тафовутҳои низ мавҷуданд. Вобаста ба шароити ҳар маҳал, мавқеи ҷуғрофӣ ва монанди инҳо баъзе фарқҳо дар таҷлили ин ид дар шаҳру навоҳии Тоҷикистон ҷой доранд, аммо мазмун ва муҳтавои он якхела аст. Масалан, иди Наврӯзро дар баъзе шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, бахусус дар нохияҳои Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа ва як қисмати ноҳияи Ишкошим «Хидир айём» ё «Хир айём» мегуфтанд ва ин мафҳумҳо ба забони Авесто бисёр наздикӣ ва қаробат доранд, мумкина аст аз забони авестоӣ боқӣ монда бошанд. Мафҳум ё вожаи «Хидир айём» бузургии ин идро нишон медиҳад: «Ибораи «Хидир айём» маънои «Иди калон», «Иди аз ҳамаи идҳо бузург», «Сари идҳо» – ро ифода мекунад. Маънои таҳтуллафзии ибораи «Хир айём» «Иди Офтоб» ё «Иди Хуршед» мебошад [351, с. 17], ки расидани Офтобро дар бурҷи Ҳамал ифода мекунад.

Дар маҷмуъ, ҷашни Наврӯз ҷашни қадимтарини мардуми ориёӣ, ҷашни бостонии мардуми тоҷик буда, дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон нақши бориз доранд. Маҳз бо мақсади ғояҳои баланди тарбиявӣ-ахлоқӣ доштан дар ин фасли кори илмӣ андешаҳои педагогӣ ё хусусиятҳои таълимиву тарбиявӣ доштани иди Наврӯз мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Тавре дар боло қайд гардид ин ҷашн дар асрҳои X-XI низ дар тараннуми ғояҳои ахлоқӣ мақоми хосро касб карда буд.

Маҳз таҳқиқи ҷашни Наврӯз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он ифодагари ормонҳои муқаддасу неки миллӣ чун фарҳанг, тарбияи баланди маънавии мардуми тоҷик, эҳсоси волои муҳаббат ба марзу буми аҷдодӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва ватандориву ватанпарастии мардуми соҳибтамаддуну соҳибмаърифат ва соҳибфарҳангу соҳибкасби тоҷик мебошад. Инчунин

Наврӯз ҳамчун баёнгари андешаҳои миллӣ, перӯзии нур бар зулмот, некӣ бар бадӣ, хирад бар ҷаҳолат ва ифодагари покиву садоқат, тозагиву озодагии инсонҳо эътироф гардидааст.

Ин ҷашн дар асрҳои X-XI низ бо ақидаҳои тарбиявию ахлоқии худ барои миллати тоҷик муқаддасу азиз буд ва дар таҳқиқоти мо асосан ба ҷанбаҳои педагогӣ, ғояҳои тарбиявию ахлоқӣ ва нақши ин ҷашн дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

Беҳтарин фасл ва накутарин рӯзи ҳаёт, ки мардуми тоҷик дар ҳар давру замон омадани онро бесаброна интизор мебошанд, фасли баҳору базми Наврӯзист, ки дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик ҷойгоҳи махсуси худро дорост. Ба унвони мисол метавон овард, ки Фирдавсӣ омадани Наврӯзро пирӯзии рӯзгор ва ба муроду мақсуди нек расидани тамоми халоиқ медонад:

Ки Хусрав ба ҳар кор пирӯз бод,
Ҳама рӯзгораш чу Наврӯз бод.
Ҳамасола бахти ту пирӯз бод,
Шабони сиёҳ бар ту Наврӯз бод [350, с. 216].

Аввалан, тибқи анъанаи неки ниёгон Фирдавсӣ ба мардум бо воситаи назм таманнои он мекунад, ки Наврӯз дар ҳаёти мардум хушиву хушбахтиҳои нав ораду ҳар рӯзи онҳо мисли Наврӯз бошад. Ва дар мисраи чорум шоир ба субҳ умед мубаддал гардидани шоми торикро орзу мекунад. Мусаллам аст, ки шоир дар ин абёт на танҳо ба равшании зоҳир, балки равшан сохтани ботин аз торикиву ҷаҳолат, хурофоту нодонӣ ишора мекунад.

Ба ақидаи Фирдавсӣ ва дигар мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс на танҳо табриккунии ҳамдигар дар иди Наврӯз мақоми асосӣ дошт, инчунин тасаллияти одамоне, ки мусибатзада буданд дар ин он мақоми асосиро ишғол мекард. Одатан 2 ё 3 рӯз пеш аз таҷлили ид куҳансолон, шахсони баруманди маҳал ба хонаи мусибатзадагон мерафтанд, барои оромиш ва омурзиши арвоҳи даргузашта ва сабри ҷамил ва таҳаммули соҳибони мусибат дуо

мехонданд, мусибатзадагонро дилбардорӣ карда, панду насиҳат медоданд, то ки ҷомаи ғамро ба дар карда, Наврӯзро дар ҳалқаи аҳли ҷомеа ҷашн гиранд. Аз як тараф, ин оин боиси тасаллии хотири ғамзадагон мегардад ва, аз тарафи дигар, он яке аз арзишҳои бузурги миллии халқи тоҷик мебошад, ки дар ташаккули сирати миллӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Аз иқтибосҳои оварда ба он андеша расидем, ки байтҳои болозикри Фирдавсӣ оид ба ҷашни Наврӯз далели ҷанбаи ахлоқӣ, шарики шодиву мусибати ҳамдигар будан, тараннуми худшиносиву худогоҳии миллӣ аст, ки он дар андешаву сирати миллии мардуми тоҷик нақши бориз дорад.

Умари Хайём низ Наврӯзро на танҳо чун иди шодиву хурсандӣ, муаррифӣ мекунад, балки онро тараннумгари адолат, ободии мулк, донишомӯзӣ, ба қадри доноён расидан ва дигар хислатҳои неки инсонӣ медонад. Дар ин рӯз тамоми шоҳу гадо ба кори нек машғул буданд. Хайём дар «Наврӯзнома» овардааст: «.... оини мулуки Аҷам андар дод додан ва иморат кардан ва дониш омӯхтан ва ҳикмат варзидан ва доноёнро гиромӣ доштан ҳаме азим будааст» [173, с. 181].

Аз қадим мардуми тоҷик бар он ақида буданд, ки Наврӯз бо омаданаш кинаву кудуратро аз дилҳо дур афканда, ҷойи онро бо меҳру муҳаббату шавқат ва хайру саховат медиҳад ва ба оламу одам хуррамиву ҷавонӣ мебахшад, ки ин ҷанбаи асосии баланд бардоштани тарбияи насли наврас мебошад. Баланд бардоштани руҳияи миллӣ ва маънавии инсон мақсаду мароми асоси ниёгони мо буда, ҳамасрони мо ин аъанаро бояд давом дода, ба наслҳои оянда интиқол намоянд. Мардуми шуҳратёри тоҷик аз қадим то кунун ба масъалаи сулҳу ваҳдат, ватандӯстиву зебопарастӣ, покизагиву парҳезкорӣ, дӯстӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон, падару модар ва тараннуми дигар хислатҳои неки инсонӣ, ки заминаҳои асосӣ барои ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мебошанд, аҳаммияти асосӣ дода, насли наврасро дар ҳамин руҳия тарбия менамуданд. Аз ин рӯ, имрӯз вазифаи аввалиндараҷаи оила, омӯзгор ва тамоми аҳли ҷомеа ин аст, ки фарзандони оқилу доно, боахлоқу бохирад, фаъолу эҷодкор, муҳаққиқ,

бонангу номус, кордону ба Ватан дилсӯзро бо такя ба анъанаҳои милливу мардумии хеш ба камол расонем. Дар ин бора академик Ш. Файзулло менигорад: «Анъана, расму оин, ки дар давоми асрҳо суфта шудаанд, барои тарбияи насли оянда пойдеворӣ қавӣ мебошанд» [379, с. 207]. Ин нуктаҳо низ эҳё ва тақвият бахшидани анъанаҳои миллиро тақозо менамоянд. Махсусан, дар замони ҳозир, вобаста ба таъсири муҳити носолими ҷаҳон таълиму тарбия пурра қонеъкунанда нест. Донишомӯзӣ ва тарбия дар байни насли наврас ва ҷавон дар тамоми мамлакатҳо коста гардида истодааст. Метавон гуфт, ки тараққиёт ва пешрафти ҷаҳони муосир, ки ба раванди ҷаҳонишавии илму техника ва фазои иттилоот алоқаи зич пайдо кардааст, ба ташаккули сирати миллии хонандагон, донишҷуён ва дигар ҷавонон таъсир мерасонад ва мумкин аст, ки он яке аз сабабҳои асосии мушкилиҳои роҳи таълиму тарбия бошад. Аз ин рӯ, омӯхтану амалӣ намудани ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI ва инчунин мутафаккирони дигари тоҷик, эҳё намудани анъанаҳои миллӣ ва дар тарбияи насли наврас истифода бурдани ин анъанаҳо чун Наврӯзи ҷаҳонӣ муҳим аст, зеро ин анъанаҳои нек ба тарбияи ахлоқӣ ва миллии насли наврас таъсири натиҷабахш мерасонанд. Ақидаҳои Сухомилинский дар ин маврид қобили қайданд: «Вақте сухан аз симои маънавии одам меравад мисли шаъну шараф қадру эътибораш азиз мемонаду ба ҳеҷ ваҷҳ аз баҳраш гузашта наметавонад. Одаме, ки мо тарбияяш мекунем, бояд ҳақиқатан муқаддас, номҳои муқаддас, принсипҳои муқаддас ва қоидаҳои муқаддасу баҳснопазир ва пойдори хулқу атвор дошта бошад» [329, с. 129].

Дар таърихи фарҳанги мардуми ориётабор ҳеҷ як анъана ва расму оине чун ҷашни Наврӯз нест, зеро он ҷашни қадимаи мардуми ориётабори тоҷик буда, пайвандгари насли имрӯз бо арзишҳову анъанаҳои миллӣ, расму ойини ниёгон мебошад ва ҳар як оини он махсусиятҳои педагогии худро дорад ва ин андешаҳои педагогӣ ба афкори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик ҳамбастагии зиёд доранд.. Наврӯз ҷашнест, ки таърихи қадима дорад, вале мо ба овардани далелҳо оид ба таърихи пайдоиш, рушд ва такмомули ин ҷашни

қадима намепардозем, зеро дар ин самт муҳаққиқон, олимону донишмандон корҳои зиёди илмӣ-назариявиро анҷом дода, пажуҳишҳои судманд намудаанд ва бешубҳа аз боби ин ҷашни ниёгон боз андешаҳои навтарин ва асоснок ба сафҳаи таърих ворид хоҳанд шуд. Тавре дар боло қайд гардид, чизе ки дар ин фасли рисола ба он ишора карда мешавад, ин мақоми анъанаи милливу мардумии ҷашни Наврӯз дар ташаккули сирати миллӣ ва фарҳанги маънавии мардуми тоҷик мебошад.

Ду вижагии ҷомеъ ё универсалии Наврӯз боиси фаротар рафтани он аз марзҳои динӣ ва фарҳангӣ гардида, исбот менамояд, ки ин ҷашн ба ҷашнҳои динӣ тамоман дахл надорад ва он анъанаи миллии мардуми тоҷик мебошад. Аввалан иртибот доштани Наврӯз бо табиат қисмати тарбиявии ин ҷашн мебошад. Ба ҳамин далел аст, ки Наврӯз сарфи назар аз тааллуқ доштанаш ба мардуми порсинажод аз ҷониби шумори зиёде аз мусулмонон ва ҳамчунин дигар ҷомеаҳои ҷаҳон ба унвони як ҷашн пазируфта шудааст. Дувумин чизе, ки Наврӯзро ба як ҷашни махсус табдил додааст, таҷаллии арзиши волои тарбиявӣ, ҷой доштани афкори педагогӣ дар он мебошад. Аз ҷиҳати рамзӣ, даъват ба ҳамаи онҳое мебошад, ки чун ин анъанаи неки ниёгонро анҷом медиҳанд, он бояд таҳкимбахши ахлоқи ҳамидаи инсонӣ гардад, масалан, дар ҳаққи ҳамдигар некӣ кардан, аз ҳоли ҳамдигар хабар гирифтанд ва ба ниёзмандон бо ҳар роҳ кумак намудан.

Таърих гувоҳ аст, ки дар аҳди қадим, дар айёми Наврӯз ва дигар рӯзҳои хурсандӣ ва ҳам дар рӯзҳои мотам, ғаму андуҳ дар байни мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон чунин расм вуҷуд доштааст, ки рӯзи идро дар якҷоягӣ ҷашн мегирифтанд. Шарики шодӣ ва хурсандии ҳамдигар мегардиданд. Ё дар рӯзҳои мусибат мусибатзадагонро танҳо наменомонданд, ба аёдат ва дилбардории онҳо мерафтанд, шарики ғаму андуҳи онҳо мегардиданд ва хусусиятҳои хоси тарбиявии ин ҷашн дар даврaҳои сахту сангини таърих маншаи умед буд ва имрӯз ҳам ин анъана мақоми хешро нигоҳ доштааст.

Ҷиҳати муқаддас будан ва хусусияти баланди тарбиявӣ доштан анъанаҳои мардумӣ, чун Наврӯз дар тули даврaҳо ба вартаи чандин даргириҳо гирифтор шуда, ҳасудон саъю талош меварзиданд, то ки ин анъанаро аз байн бибаранд, аммо мардум барои муҳофизати анъанаҳои неки ниёгони худ чӣ қадар муборизаи шаддид ва тулонӣ бурдаанд ва анъанаҳои гузаштагонро ҳифз мекард. Дар ҳар як вазъият расму оинҳои азалии мардум дар эҷодиёти шифоҳӣ ё дар китобҳо зинда монда, қисмашон то рӯзҳои мо расиданд. Масалан, муҳаққиқ Н. Шакармамадов қайд кардааст: «Дар давраи аввали асри XX бисёре аз расму оинҳои марбут ба Наврӯз дар кишварҳои Осиёи Марказӣ зери маҳдудият қарор гирифтанд. Махсусан, дар давраи ҳукмронии шуравӣ таҷлили Наврӯз дар бисёр минтақаҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун расми «қадима ва динӣ» дониста шуда, маҳдуд карда шуд ва ҳатто дар баъзе ҷойҳо таҷлили он манъ гардид, ки ин боиси коҳиши густариши он дар байни мардум шуд, аммо анъанаҳои наврӯзӣ аз ҷониби ҷомеа дар шаклҳои ғайрирасмӣ нигоҳ дошта шуданд ва баъдтар эҳё гардида, равнақ ёфтанд» [365, 14].

Аз омӯзиши корҳои илмиву амалии таърихнигорон, муҳаққиқони соҳаи педагогика ва фарҳанг бармеояд ва куҳансолон, пирони рӯзгордида низ шаҳодат медиҳанд, ки рӯзи Наврӯз бо анъанаҳои хоси мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ҷашн гирифта мешуд. Ин анъанаҳо аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҳамдигар ҳамбастагӣ дошта, тафовутҳо низ мавҷуданд, аммо иҷрои анъанаҳои наврӯзӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон саросар қисматҳои тарбиявӣ ва ахлоқиро тараннум мекунад. Барои тақвият ва асоснок намудани ин фикрҳо лаҳзаҳо аз анъанаҳои наврӯзии мардуми тоҷик дар рисола оварда шуда, андешаҳои педагогии дар ин анъанаҳо ҷойдошта ва ҳамбастагии онҳо ба афкор мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шуданд.

Дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ ва мақолаҳои оммавӣ роҷеъ ба анҷом додани анъанаҳои наврӯзӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон бисёр маълумотҳо оварда шудаанд, ки дар таҳқиқоти илмии мо мавриди истифода қарор дода

шуданд, инчунин ҷиҳати эҳё намудани анъанаҳои аз байн рафта ва ё шаклан тағйирёфта онҳо ба куҳансолони минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон суҳбатҳову нишастҳо доир карда шуданд. Аз ҷумла, барои омӯзиш ва таҳқиқ намудани нақши анъанаҳои Наврӯзӣ дар ташаккул додани сирати миллӣ ба ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Мурғоб, Роштқалъа ва Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафар анҷом дода шуда, бо шахсони куҳансолу таҷрибаи рӯзгордида мусоҳибаҳо ташкил карда шуданд ва аз наздик бо расму оин ва анъанаи мардумӣ шиносоӣ доир гардид.

Тазаккур додан муҳим аст, ки мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик ба мавзуи некӣ ва некукорӣ диққати асосӣ медоданд. Ин мавзуъ мавзуи марказии осори шуарои ин аҳд буд ва омили муҳим барои ташаккули хирад, ҳамчун падидаи сирати миллӣ мебошад. Масалан, Ҳаким Носири Хусрав дар боби «Фи баёни сахо»-и «Саодатнома» саховатманд будану дасти мадад дароз кардан ба дармондагону ниёзмандонро тарғиб мекунад ва хотиррасон менамояд, ки аҳволи одам ҳама вақт яксон нест ва ҳар кас мумкин аст дар зиндагӣ ниёзманд гардад. Пас аз ин рӯз бояд андеша намуд:

Баровар ҳоҷати дарвеши дилреш,
Битарс аз рӯзи ҳоҷатмандии хеш.
Ҷавонмардӣ саодатро далел аст,
Ҳар он кас, к-ӯ шаке дорад бахил аст [361, с. 557].

Абулқосим Фирдавсӣ низ саховатманд будану некӣ карданро хислати беҳтарини инсонҳо меномад ва панд медиҳад, ки набояд ҷаҳон ба дасти бадону бадхоҳон дода шавад, балки ҳар касро лозим аст, кӯшиш намояд, то ки пайваста ба некӣ кардану кори нек машғул бошад ва аз худ дар ҷаҳон номи некро боқӣ гузорад:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳаме дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.
Ба гетӣ мамонад ҷуз номи нек,

Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек [347, с. 90].

Маҳз яке аз вижагиҳои анъанаҳои наврӯзӣ дар миёни мардуми тоҷик ин тараннуми некӣ ва некукорӣ мебошад ва ин анъана чун даврaҳои пеш имрӯз низ таваҷҷуҳи меҳмонону сайёҳони бурунмарзиро ба худ ҷалб намудааст, зеро чунин саховатмандӣ, некиву некукорӣ имрӯз дар кишварҳои дигари олам, бахусус мамлакатҳои Fарб кам назаррас мегардад ва ё тамоман аз байн рафтааст, ба қавли Носири Хусрав «Шунида кай бувад монанди дида» [369, с 310]. Маълумоти дақиқ дастрас нест, ки тараннуми некӣ ва некукорӣ дар анъанаҳои наврӯзӣ аз таъсири ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс сарчашма гирифта бошад ё баръакс, вале муҳим ин аст, ки ин ақидаҳо ҳамдигарро тақвият мебахшанд ва пурра мекунанд.

Таҳқиқотҳо собит намуданд, ки сокинони вилояти Суғд анъанаҳои қадимии наврӯзиро то кунун зинда нигоҳ дошта, дар рӯзи ид ин анъанаҳоро риоя мекунанд. Масалан, аз омадани иди Наврӯз кӯдакон ё наврасон гурӯҳ – гурӯҳ шуда хабар медиҳанд. Онҳо хона ба хона гашта ба мардум гули бойчечакро нишон дада, омадани баҳор ва иди Наврӯзро тасдиқ мекарданд. Соҳибони хона низ ба онҳо муждагонӣ медоданд, ба халтаҳои онҳо кишмиш, чормағз, кулча ва амсоли инҳо гузошта, онҳоро аз хона гусел мекарданд. Ин анъана то кунун дар ин минтақаи Тоҷикистон иҷро карда мешавад ва аз некиву некукорӣ, ба қадри хурду бузург расидани мардуми тоҷик шаҳодат медиҳад.

Инчунин анъанаҳои наврӯзӣ дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ иҷро карда мешаванд. Масалан, барои боз ҳам асоснок намудани ин фикрҳо дар рафти тадқиқот муайян намудем, ки дар водии Fунди ноҳияи Шуғнони ВМКБ аз қадим мардумони шуҳратёру бомаърифат зиндагӣ ба сар бурда, анъанаву расму оини миллиро хуб иҷро карда, ба наслҳои оянда интиқол намудаанд. Аз ҷумла, дар ин мавзеъ Наврӯзи оламафрӯз бо тантана ва эҳёи суннати гузаштагон ҷашн гирифта мешавад ва ҳар як лаҳзаи он хусусияти таълимиву тарбиявӣ дорад. Аз ин рӯ, моҳи марти соли 2019 дар арафаи ҷашни Наврӯз ба ҷамоати Навободи ноҳияи Шуғнони ВМКБ сафар анҷом

дода шуд. Дар ин сафар бо Шорустамов Қиноатшо - собиқ маорифчӣ (собиқаи корӣ дар маорифи кишвар зиёда аз 45 сол), аълочии маориф ва илми Тоҷикистон, нафақахўр, ки синну солаш қариб ба 80 расидааст, вохўрӣ ва суҳбат доир карда шуд. Ҳамсуҳбати мо оид ба тараннуми ғояҳои миллӣ ва тарбиявӣ-ахлоқӣ дар анъанаҳои наврӯзии мардуми тоҷик дар мисоли ҷашни Наврӯз дар ноҳияи Шуғнон андешаҳои ҷолиб иброз дош. Аз ҷумла, мавсуф қайд намуд: «Аҷдодони мо мардуми тоҷик мардуми соҳибэҳтирому иззатманд буданд. Мо инро дар мисоли гузаштагони худ дидем, ки фарзандону наберагони худ ва тамоми сокинони деҳаро доим насиҳат мекарданд ва панд медоданд. Мардуми деҳа ва дар маҷмуъ, сокинони вилоят онҳоро ҳурмат менамуданду аз панду насиҳаташон баҳра мегирифтанд. Осори мутафаккирони асрҳои X-XI, ҷашну маросимҳо, анъанаҳои наврӯзиро хуб медонистанду ба онҳо эҳтиром мегузоштанд ва тавонистанд. ки ин анъанаҳоро ба мо интиқол намоянд. Ҷавон будам. Боре дар рӯзи Наврӯз дар маросими «Идгардак» дар як хона ҷамъ шудем, бобоям моро насиҳат намуданд, ки фарзандонам, ин ид хусусияти тарбиявӣ дорад, бо худ некӣ ва накукориро меорад. Омадани Наврӯз худ кори нек аст. Бо омад-омади ин рӯз ба некӣ кардан ба бечорагону дармондагон, ятимону бепарасторон ва дигар ашхоси ниёзманд машғул шавед ва то охири сол ин корро мувофиқи имкон давом диҳед. Ҷадди бузургворам - давом дод ҳамсуҳбати мо Қиноатшо, зимни насиҳат аз панду суханони бузургон мисолҳо меовард ва бобоям бо ин роҳ мардумро ба некӣ кардан даъват мекард. Ин насиҳатҳо буданд, ки ҳамаи аъзоёни ин авлод мардуми маорифчӣ, табибу шоир ва олимони шуҳратёри тоҷик мебошанд ва мо бо ин ифтихор дорем. Аз ин рӯ, ман низ панд медиҳам, ки таҳқиқотатонро тавре гузаронед, ки рисолаи доктории шумо барои тарбияи ахлоқии насли наврас раҳнамои зиндагӣ бошад, зеро тарбияи намудани насли наврасу ҷавон имрӯз таваҷҷуҳи бештарро тақозо дорад. Ҷашни Наврӯз хусусиятҳои хоси худро дорад ва саросар панду ахлоқ аст. Бахусус, тараннуми андешаҳои миллии некиву некукорӣ дар анъанаҳои наврӯзӣ нақши асосӣ дорад ва он бояд ба наслҳои оянда интиқол дода шавад»

[405]. Ин андешаҳо ба суханони педагоги машҳур К.Д. Ушинский бисёр наздиканд: «Тарбияе, ки худи мардум эҷод кардааст ва мабдаи халқӣ дорад, он гуна иқтидори тарбиявиеро дорад, ки дар беҳтарин низомҳои дар заминаи ғояҳои абстрактӣ бунёдшуда мавҷуд нест» [341, с. 123].

Аз абёти болозикри мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик Н. Хусраву Фирдавсӣ, андешаҳои Шорустамов Қиноатшо ва ақидаҳои Ушинский бармеояд, ки некиву некукорӣ хислати асосии мардуми тоҷик буд ва онро бояд зинда нигоҳ дошт. Дар ин самт нақши оила бузург аст ва кӯдакон дар оила шоҳиди некиву некукории падару модар гардида, аз онҳо пайравӣ менамоянд. Муҳити оилавӣ дар тарбияи фарзанд нақши асосӣ дорад. Тарбияи оилаи Шорустамовҳо ҳам боиси дар ҷомеа пешсафу соҳибэҳтиром шудани онҳо гардид ва ҳам ба некиву некукорӣ, эҳё намудани оинҳои милливу мардумии онҳо чун ҷашнгирии Наврӯз мусоидат менамуд. Ба қавли Қ. Шорустамов: «Ҷашнгирии Наврӯз дар Тоҷикистон асосан мақсади тарбия-вӣ-ахлоқӣ дошта, насли наврасро ба тақвият бахшидани андешаҳои миллӣ. анҷом додани кори нек ва амали шоистаи таҳсин раҳнамоӣ мекунад.» [405].

Саховатмандиву некӣ намудан ва дасти мадад дароз кардан ба дармондагон на танҳо дар иди Наврӯз ва ё дигар рӯзҳои хурсандӣ, балки дар ҳамаи идҳо ва ё мушкилиҳо низ дар байни мардуми тоҷик мақоми калидӣ дошт. Дар рӯзи мусибат ва азодорӣ ё дигар рӯзҳои мушкил, дар мисоли сар задани офатҳои табиӣ низ аз қадим халқи тоҷик ба хешу табор, ёру дӯст, ҳамсояҳо ва дигарон аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ кумак мекарданд.

Ҳамзамон, барои табобати беморон низ аз тарафи хешу табор, ёру дӯст, ҳамсояҳову дигар мардумони шинос ва ҳатто ношинос низ кумаки моддӣ расонида мешуд. Махсусан, барои кӯдакони мариз, беморони вазнин ҳеҷ кас кумакро дареғ намедорад ва дар замони кунунӣ ин оин аз байн нарафта баръакс тақвият ёфтааст, ба қавли Рӯдакӣ:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,

Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ [273, с. 187].

Аз ин андешаҳо бардошти дигари илмӣ ин аст, ки аввалан тарбия дар оилаи мардуми тоҷик мавқеи махсус дошт ва бо ҳар восита, аз ҷумла, гузаронидану ҷашнгирии ҷашну маросимҳо фарзандони худро тарбия менамуданд. Яке аз ин воситаҳо таҷлили ҷашну маросимҳо ва бо ин васила дар руҳияи арзишҳои неки миллӣ, некӣ ва некукорӣ тарбия намудани насли наврас мебошад. Тавассути иҷрои анъанаҳо гузаштагон мардумро ба авфу бахшиш, гузаштан аз гуноҳу хатоҳои ҳамдигар, дурӣ ҷустан аз амали зишт даъват менамуданд. Зеро тибқи эътиқоди халқи тоҷик, агар мардум дар рӯзҳои аввали сол, яъне Наврӯз, ба корҳои нек машғул шавад то охири сол дар ин роҳ собитқадам хоҳад буд ва агар аъмоли зишт анҷом дода шавад, то охири сол чунин хоҳад буд. Ин анъанаҳо ҳам ба тариқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ дар байни мардум маълуму машҳуранд ва дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI мақоми асосӣ доранд. Масалан, дар осори адибони тоҷик, бахусус мутафаккирони асрҳои болозикр мавзуи шарики шодиву ғами ҳамдигар, хешу табор, олу аёл, ёру дӯст будан мақоми асосӣ дошт, ки ин хислат низ дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ ҷойгоҳи худро дорад. Байти Рӯдакиро метавон барои далели фикр оварад:

Бод бар ту мубораку хуншон,
Ҷашни Наврӯзу гӯспандкушон [273, с. 448].

Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ ва баъди ӯ низ аз ашъори маликушшуаро пайравӣ менамуданд ва дар пайравии ин адиб шеърҳои худро эҷод мекарданд. Масалан, Манучеҳрӣ ба муносибати рӯзи хурсандӣ дӯстонро табрик намуда, ба онҳо дуои нек мекунад. Манучеҳрӣ дар шеъри худ мисраеро аз Рӯдакӣ оварда бо ин восита дӯсти хешро табрик намудааст:

Ҷуз ин дуоят нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфтаст,
«Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ» [85, с. 110].

Мутафаккирони ин аҳд ва тамоми мардум дар ин рӯз бо ниятҳои нек ҳамдигарро табрик менамуданд ва таманниётҳои некро барои ҳамдигар, дӯстон, пайвандон, шоҳону амирон ва хуллас, мардумони табақаҳои

мухталиф иброз медоштанд. Масалан, Фаррухӣ дар иди Наврӯз малики замони хешро бо назм чунин табрик намудааст:

Бад-ин шоистагӣ ҷашне, бад-ин боистагӣ рӯзе,
Маликро дар ҷаҳон ҳаррӯз ҷашне боду наврӯзе [85, с. 110].

Ин анъанаи неки мутафаккирони форсу тоҷик низ дар байни халқи тоҷик мақоми хешро дорост. Маъмулан, дар рӯзҳои хурсандиву шодӣ, иду маросимҳо, туйи арусӣ ва амсоли инҳо табрик намудани ҳамдигар ба ҳукми анъана даромада буд ва имрӯз ҳам ин оин мақоми хешро нигоҳ доштааст ва ин анъана дорои хусусияти тарбиявӣ мебошад, мардумро ба дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ, иттиҳоду иттифоқ, муҳаббат доштан ба ҳамдигар оварда мерасонад.

Ҳамбастагии ин анъанаи мақоми баланди тарбиявидоштаи мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷикро ба анъанаҳои наврӯзӣ дида мебароем. Мавзуи зебоипарастӣ - эстетика, тозагиву солимии инсон, тозагии муҳити зист дар андешаҳои миллии халқи тоҷик нақши асосӣ дорад. Ин мардум аз қадим ба зебопарастӣ ва тозагиву солимӣ диққати асосӣ равона намуда, бо гузашти замон онро камолу тақвият мебахшиданд. Масалан, тозаву озода кардани хона дар рӯзи иди Наврӯз яке аз анъанаҳои дигари наврӯзӣ мебошад, ки дар тамоми гӯшаву кунори Тоҷикистон ин оин анҷом дода мешавад. Дар тақвияти ин фикр овардани мисол аз шеъри «Тараддуди наврӯзӣ»-и Бозор Собир бамавқеъ аст:

Хонаҳоямро такидам,
Аз ғубори солиёнӣ [68, с. 11].

Дар давоми ин шеър шоир ба тоза кардани дудаҳо аз дару девор, аз хона дур кардани асбобҳои рӯзгор, ки шикаставу куҳна шудаанд ишора мекунад. Ё шоир Камол Насрулло низ дар шеъри «Наврӯз меояд» ин фикрҳоро баён намудааст: «Покиза кун дилатро, покиза манзилатро» [68, с. 10]. Ин нуктаҳо афкори зебопарастии мардуми тоҷикро ифода мекунанд, ки ҷашни Наврӯз дар баробари овардани шодиву сурур барои халқи тоҷик иди тозаву озода кардани хонаҳо, сару либос, кӯчаву маҳалҳо ва амсоли инҳо мебошад.

Инчунин аз нақлу ривояти куҳансолони ноҳияҳои Ишкошим, Рӯшон ва Шуғнони ВМКБ, ки ба вохӯриву суҳбатҳо ҷалб гардиданд, маълум гардид, ки аз замонҳои қадим халқи тоҷик ба тозагиву зебопарастӣ диққати асосӣ медод. Ин мардум доимо саъю кӯшиш мекардад, ки хонаву манзил, гирду атроф, тану бадан ва сару либоси онҳо тозаву озода бошад. Аз ин лиҳоз, дар арафаи ҷашнгирии ягон ид, махсусан, Наврӯз аз шифти хона то сақф хонаро тоза шуста, покизаву озода мекарданд. Дар вақти аз хона баровардани ифлосӣ ва сиёҳиву ахлот аввал ба берун нигоҳ мекарданд, ки касе дар роҳи гузари онҳо набошад, то ифлосиро набинад ва ин худ тарбия аст. Ахлотро кадбону ба ҷойи дур мепартофт ва бо баргаштан сару танро тоза шуста, либоси нав ба бар мекунад. Пас аз ба бар кардани либоси тоза соҳибони хонаро барои ба хона даромадан таклиф мекунад.

Тавре дар боло қайд гардид, дар иди Наврӯз занону духтарон тамоми зарфҳои рӯзгорро тоза мешустанд. Агар зарф ё ҷогае занг бардошта бошад, онро бо қум тоза мекарданд, ки зангро мебардошт. Агар ҷиҳози хона куҳна шуда бошад, онро тамоман аз хона ба дур мепартофтанд ва зарфҳои навро харидорӣ намуда, дар хона ҷой медоданд. Куҳансолон мегӯянд, ки барои харидорӣ намудани молҳои рӯзгор аввалан маблағ кофӣ набуд ва худи мавод низ камёфт буд. Аз сабаби камёфт буданаш нархи молҳои рӯзгор низ қимат буд. Аз ин лиҳоз, гузаштагон аз меҳнати дасти худ барои худ роҳат мекарданд. Аз сафол зарфу ҷога месохтанд, аз чӯб табақ метарошиданд ва чанд рӯз пеш аз истифода ин зарфҳоро чанд бор бо оби гарм мешустанд.

Мардҳо бо ҳамроҳии писарони худ пурра гирду атрофи хонаро тоза мекарданд. Аммо ба ин кор низ пешакӣ омодагӣ медиданд. Чанд рӯз пеш ҷоруби калонро мебастанд, ки онро маъмулан дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ «Хох ҷоруб» (Шох ҷоруб) ё ба гуфти бархе аз пажуҳишгарону куҳансолон «Шоҳ ҷоруб» меномиданд. Дар ин бора зимни суҳбате Доробов М. Иброз дошт: «Ин ҷоруб барои тоза кардану рӯфтан бисёр мувофиқ буд ва корро сабук мекард. Тоза кардани муҳитро аз тарафи рости хона сар мекарданд. Ғаждиҳоро рӯфта дар тарафи чапи хона ҷамъ мекарданд. Дар доираи

имконият ахлотро ба хар ё асп бор карда, ба ҷойи дур бурда мепартофтанд ва агар чунин имкон намебуд, заминро канда ахлотро зери хок гӯр мекарданд ва дар солҳои охир онро одатан месӯзонданд, ки балоҳои соли куҳна рафъ гарданд» [400].

Дар анъанаи наврӯзии мардуми тоҷик эҳтиром ба об ва истифодаи оқилонаи он, ҳамчун сарвати табиӣ, мавқеи махсус дорад. Масалан, нақши об дар таҷлили Наврӯз дар вилояти Хатлон ҳамчун рамзи ҳаёт, покӣ баракат ва эҳёи табиат хеле бузург аст. Обро ҳамчун унсури муқаддас барои шустушӯи хона, обёрӣ ва расму оинҳои хос, аз ҷумла «обпошӣ« барои таъмини ҳосили фаровон истифода мебаранд, ки ин анъанаҳо дар вилояти Хатлон махсусан муҳимманд:

- рамзи покӣ ва эҳё: Пеш аз фаро расидани иди Наврӯз мардуми Хатлон хонаҳо, ҳавлиҳо, ҷӯйборҳо, гирду атрофи хонаҳоро аз лахчаю лой тоза мекунанд, ки ин оин рамзи поксозӣ аз палидиҳои соли куҳнаро инъикос мекунад, то ки соли нав бо покиву тозагӣ оғоз ва анҷом ёбад;

- о**бёрӣ ва киштукор:** кишоварзӣ соҳаи асосӣ дар вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ анҷом додани обёрии кишту кор дар Наврӯз баракати хонадон ва оғози мавсими киштукорро ифода мекунад;

- **маросими «обпошӣ»:** дар иди Наврӯз маросимҳои махсус дар назди чашмаҳо ва дарёҳо анҷом дода мешаванд, аз ҷумла обпошӣ ба якдигар дар ин минтақа хеъле маъмул аст, ки то ҳоло мақоми худро нигоҳ доштааст. Оини «обпошӣ»-ро мардуми Хатлон ҳамчун рамзи орзуи соли пурбориш ва серҳосил маънидод мекунанд. Ин анъанаҳо, ки аз гузаштагон мерос мондаанд, дар таҷлили Наврӯз дар Хатлон мавқеи марказӣ доранд.

Ин оини наврӯзӣ дар вилояти Суғд низ ҷой дошта, то кунун зинда нигоҳ дошта шудааст. Ба унвони мисол: «Дар Наврӯзи мардуми Кӯҳистони Мастчоҳ низ об рамзи асосии эҳё, покӣ ва ҳосилхезии табиат ба шумор меравад. Он ҳамчун унсури муқаддас барои тоза кардани хонаву ҷой, омодагии кишт ва махсусан дар маросимҳои обпошӣ, ки аз омадани баҳор ва файзу баракат дарак медиҳанд, нақши калидӣ мебозад» [40, с. 8]. Дар натиҷаи

таҳқиқот муайян намудем, ки дар ин минтақа низ мардум пеш аз фаро расидани иди Наврӯз манзилҳо, ҷӯйборҳо ва чашмаҳоро тоза мекунанд ва ба қавли сокинон оини фавқуззикр рамзи пок кардани гуноҳҳо ва оғози соли нав бо қалби соф буда, об пошидан ба хонаву ҷой орзуи файзу баракат мебошад.

Мо дар рафти анҷом додани таҳқиқот муайян намудем, ки дар Кӯҳистони Бадахшон низ ин оин то кунун мавқеи худро аз даст надодааст. Тибқи навиштаҳои фолклоршиноси маъруфи тоҷик Н. Шакармамадов сардори оила субҳ пеш аз баромадани офтоб ба даст кӯза, ё ягон зарфро гирифта, ба лаби чашма ё рӯди об мерафт. Баъди шустушӯй зарфро пури об карда, сипас аз болои об се маротиба ҷаҳида: «ҳар чи дарду бало дорам, об бибар» - мегуфт. Оби тозаро оварда ба остонаи дарвозаву дари хонаи худ мерехтанд ва баъзе амалҳои рамзомезро иҷро мекарданд.

Дар ноҳияҳои Роштқалъа ва Рӯшон пеш аз тоза кардани хона ва пухтани хӯрокҳои идона соҳибхоназан ё мард саҳарии барвақт ба чашма барои об меравад. Ҳамон касе, ки барои овардани об мебарояд, бояд аз хона то сари чашма ва аз он ҷо то хона ба касе сухан нагӯяд. Ӯ ҳангоми обгирӣ ба даруни сатил чандто сангча меандозад ва тибқи эътиқоди ин мардум ин сангчаҳо рамзи бақои зиндагиро ифода мекунанд. Тарзи истифода бурдаи ин обро куҳансол Х. Хушолбеков чунин баён менамояд: «Обро ба хона оварда як қисмашро ба хамир меандозанд ва як қисми дигарашро барои пухтани боҷ - навъи хӯроке, ки аз каллаву почаи гӯсфанд ва рудаҳои он бо гандум нимкӯфта ва боқило пухта мешавад, истифода мебаранд ва аз бозмондааш ҳамаи аҳли хонавода кам-кам менӯшанд, ки онро хосияти нек медонистанд».

Ин анъана низ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон анҷом дода мешавад, дар тарзи иҷро кардани он тафовутҳо низ дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон дида мешаванд, аммо фалсафаву мазмуни он як аст. Тавре олими фолклоршинос Н. Шакармамадов қайд мекунад, дар деҳаҳои болооби Шоҳдара (ноҳияи Роштқалъа) ва Кӯҳи Лаъли водии Ғорони ноҳияи Ишкошим соҳибхоназан субҳи содиқи рӯзи аввали Наврӯз бо зарфҳо сӯйи сарчашма рафта, аз чашма сангрезаҳо ва аз паҳлуи он сабзаҳои навдамида

чида ва оби чашма гирифта, ба хона бармегардад. Аввал болои бом баромада сангрезаҳо ва майсаҳоро аз равзан ба даруни хона (пойгаҳ) мепартояд ва пас аз бом фаромада, бо об вориди хона шуда, онро дар пухтани таомҳои наврӯзӣ истифода мебарад. Сангрезаҳо ва майсҳоро баъди се рӯз аз пойгаҳи хона тоза чида, онҳоро дар таги дарахти калону сершох, ки ба он ҷо бояд ғаждие нарасад, мепартояд. Ин расми қадим нияту орзуи ширини мардумро дар ҷашни Наврӯз инъикос мекунад ва аз ояндаи неку фархунда ва бо файзу баракат барҷаста дарак медиҳад. Олим Нисормамад Шакармамадов ин оинро чунин тафсир менамояд: «Он чаҳор ҷузви табиате, ки ба онҳо ишора рафт, чун ашёи рамз дар замири мардум мақом пайдо кардаанд. Онҳоро ба таври зайл тафсир ва ташреҳ додан мумкин аст: сарчашма рамзи манбаи зиндагӣ, асоси рӯзгор буда, сабза нумуи зиндагӣ, санг бақои рӯзгор аст. Дарахт бошад ифодаи пойдорӣ ва устувории зиндагӣ – рӯзгори инсон мебошад... Об аз ҷумлаи аносири ҳастӣ буда, аз бузургтарин неъмати моддӣ ва омилҳои асосии бақои тамоми мавҷудоти зинда мебошад... Имрӯз ҳам мардум бо ҳайси покӣ ва рӯшаноии об аз худ ба он ворид кардани ғаждиро гуноҳи азим медонанд» [350, с. 33].

Русуми мазкур ба он далолат мекунанд, ки эҳтиром ба обу тозагӣ дар контексти ҷашни Наврӯзи мардуми тоҷик, аз даврони бостон ба ғайр аз корбурди маишӣ, инчунин мазмунҳои асотириву рамзӣ доштааст. Обро мардум дар қатори оташу бод ва хок ҳамчун як унсури муқаддаси табиат, дорои неруи поккунандаи айбу гуноҳҳо, нопокиҳо ва зиштиҳо медонистанд. Об рамзи ҳаёти поку беолоиш ва оромиву сулҳу субот низ мебошад. Онро барои анҷом додани тозагӣ дар баробари маводди ғизоӣ буданаш истифода мебурданд. Аммо қайд кардан муҳим аст, ки на танҳо онро барои тозагӣ истифода мебурданд, балки обро аз ғаждиҳо нигоҳ медоштанд. Ба оби ҷӯю дарё ва наҳрҳо партофтани ифлосиро қатъиян манъ мекарданд, чун он рамзи муқаддас буда, ҳамзамон мардум онро тановул мекунанд, бо он таом мепазанд, менӯшанд ва амсоли инҳо, ки ин мазмунҳо дар баробари этнопедагогиа дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс низ

инъикос ёфтаанд. Ин анъанаҳои гузаштагон моро ба тозагӣ, зебопарастӣ ва гигиена, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ даъват мекунанд.

Оини мазкур ҷанбаҳои зиёди таҷрибавӣ дорад. Аммо дар ин ҷода назари мухтасар ин аст, ки баъди пурра анҷом додани рӯбучин ва тоза кардани дарун ва гирду атрофи хона, аҳли хона аз ҳафт навъи дарахти мевадиҳанда (агар дарахти мевадор набошад аз дарахтони бемева гулғунчаро мегиранд) ҳафт шохчаҳоро бурида ба хона медароянд ва бо каломи «Наврӯз муборак», «Ид муборак» ва сокинони ВМКБ маъмулан «Шогун баҳор муборак» якдигарро муборакбод мекунанд. Модар дар ҷавоби онҳо «Ба рӯйи шумо муборак» мегӯяд ва кӯдакон шохчаҳоро ба болои дастархон мениҳанд. Мардум ба хонаҳои дӯстон, хешу табор рафта, ҳамдигарро табрик мекунанд. Рақсу суруд барпо мекунанд. Шодиву хурсандӣ менамоянд, меҳмононро гиромӣ дошта иззату эҳтирром мегузоранд.

Шодиву хурсандии мардум дар ҳамаи минтақаҳои аҳолинишини Тоҷикистон анъана буд ва ин оин то кунун идома дорад. Масалан, дар ноҳияи Мурғоб (ки соли 2019 бо мақсади идома бахшидани кори озмоишӣ - таҳқиқоӣ дар ҷашшгирии Наврӯз ба ин минтақа сафар намудам) низ мардум Наврӯзро бо шодиву хурсандӣ пешвоз мегиранд, рақсу шодӣ мекунанд ва барномаҳои фарҳангии идонаро ташкил менамоянд.

Дар баробари куҳансолон кӯдакону наврасон дар ҷашнгирии ин иди аҷдодӣ саҳми назаррас мегузоранд. Иштирок намудани кӯдакону наврасон дар ҷашнгирии Нарӯз хеле муҳим аст. Онҳо на танҳо рақсу бозӣ мекунанд, балки шеърҳоеро месароянд, ки мазмуни тарбиявӣ – ахлоқӣ, ватандӯстӣ, сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва амсоли инро тараннум мекунанд, наврасону ҷавонон аз калонсолон панду насиҳат мегиранд. Ин анъанаро аз гузаштагон ба мерос гирифтаанд. Мо дар ин бора бо куҳансол ва шахси шуҳратёри ин ноҳия Р. Fуломалиев суҳбат оростем ва мавсуф иброз дошт: «Пеш аз саршавии ид ходими ид ҳамаи кӯдакон, наврасону ҷавононро ҷамъ намуда, онҳоро насиҳат мекунад. Асосан қайд менамояд, ки ҳамеша монанди имрӯз тифоқ ва ҷамъ будан муҳим аст. Бо ҳамдигар ҷангу ҷидол набояд кард.

Бозиро тавре анҷом диҳед, ки ҳама бо табъи болида ба хона баргарданд, на бо табъи ранҷида. Аз худ хурдсолонро низ дастгирӣ намудан оини миллии мо тоҷикон аст, ба онҳо кумак кардан лозим аст, то ки дар иҷрои бозӣ қафо намонанд ва амсоли инҳо» [399].

Бардошт ин аст, ки бузургони тоҷик на танҳо наврасонро бо додани пандҳо тарбия мекарданд, балки рафтори намунавии куҳансолон худ барои насли наврасу ҷавон дарси ибрат буд. Кӯдакону наврасон бо чашми хеш медиданд, ки аҳли деҳ ва ноҳия то чи андоза бо ҳам дӯст ва тифоқ мебошанд. Якдилона дар баланд бардоштани шаъну шарафи диёри хеш саъю талош меварзанд. Шарики шодиву хурсандии ҳамдигар мебошанд. Ва мусаллам аст, ки муҳити солим аз панду насиҳат дида дар тарбияи насли наврас саҳми бештар дорад.

Баъд аз тамошо намудани ин маросим бо бисёр шахсони соҳибиззату шараф ва рӯзгордидаи ноҳияи Мурғоб суҳбатҳо доир карда шуданд ва аз рафти суҳбат маълум гардид, ки андешаҳои онҳо нисбат ба иди Наврӯз ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ якнавохтанд. Масалан, як тан аз ҳамсуҳбат Ғуломалиев Раҳмон (67 сола) дар бораи нақши тарбияи насли наврас дар анҷом додани анъанаҳои наврӯзӣ дар ноҳияи Мурғоб қайд намуд: «Тарбияи кӯдакону ҷавонон аз қадим дар мадди назари ниёгони тоҷик буд ва хоҳад монд. Аз қадим дар ноҳияи мо, чун минтақаҳои дигари кишвар, анъана ин аст, ки чанд рӯз пеш аз ҷашни Наврӯз аҳли деҳа, омӯзгорону донишмандон, аҳли фарҳанг дар гирди ҳамдигар ҷамъ шуда, нақшаи гузаронидани ин идро тартиб медоданд. Бо кӯдакону ҷавонон ҳар рӯз суҳбатҳову вохӯриҳо мегузаронданд ва ҷавононро низ ба ид ҷалб менамуданд. Ин мероси ниёгони мо мардуми тоҷик аст ва бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар он аз нав эҳё гардида, тақвият ёфта истодааст, имрӯз низ ҷавонон дар гузаронидани ин гуна маросимҳо худро дар канор намегиранд ва баръакс нисбат ба дигарон фаъолтар мебошанд ва ин анъанаи неки наврӯзии гузаштагони мо то кунун ҳам мардумро дӯсту иттифоқ ва якдилу якмаром нигоҳ медорад» [399].

Дар маҷмуъ аз таҳқиқи оинҳои наврӯзии мардуми тоҷик аён гардид, ки анъанаи неки тозагӣ, муқаддас длштани об, меҳмоннавозӣ, тарғибу ташвиқ ва тақвият бахшидани иттиҳоду иттифоқ, ҳамдигарфаҳмӣ, зиёд гардидани муҳаббат ва садоқат байни хешону пайвандон ва умуман, мардуми атроф аз иҷрои русуми дар боло зикргардида боз ҳам дар байни насли наврасу ҷавон инкишоф ёфта, ин расми нек аз насл ба насл интиқол ёфта истодааст. Таълимоти ахлоқӣ дар арзишҳову андешаҳои миллии халқи тоҷик мақоми махсус дошта, равнақ ёфта истодаанд. Ширкати ҷавонону наврасон дар иҷрои ин оини мардумӣ боиси тақвияти некиву некукорӣ ва меҳмоннавозӣ дар байни онҳо буда, онро бояд рушд дод.

Базму тараб барпо намудан ва шодиву хурсандӣ кардан дар ҷашни Наврӯзро муҳаққиқони осори Абуалӣ ибни Сино низ тасдиқ менамоянд: «Бино ба навиштаҳои муаррихони замони Абуалии Сино дар ҷашну маросимҳои Наврӯзу Сада, Меҳргон аҳли ҳунар, шоирон бо барномаҳои хосаи ҷашнӣ ҳунаророӣ менамуданд [87, с 232]. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар асрҳои X-XI низ яке аз роҳҳои ташаккули сирати миллӣ ин эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ чун Наврӯз будааст ва дар асри мо ин анъана идомаи худро ёфта, рушд намуда истодааст.

Масъала ва ё вижагии дигаре, ки дар таълиму тарбияи насли наврас, бахусус ташаккули хирад ва сирати миллӣ нақши асосӣ дорад, инъикоси рангҳо дар осори мутафаккирони тоҷик ва ҷашну маросимҳои мардумӣ мебошад. Аксарияти олимоне, ки ба таҳқиқ ва ташхиси рангҳо ва нақши онҳо дар тарбияи насли наврас ва эътиқоди башарият сару кор доштаанд, бар он ақидаанд, ки се ранги асосӣ: сафед, сурх ва сиёҳ дар ҳаёти инсонҳои ибтидоӣ мавқеи асосӣ доштаанд. Ба қавли олими англис В.У. Тэрнер боварӣ ба се ранги мутазаккир дар ибтидо қариб дар тамоми халқҳо дида мешуд [394].

Дар ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик, анъана ва ҷашну маросимҳои мардуми тоҷик низ тасвири рангҳои сафед, сиёҳ ва сурх мавқеи назаррас доранд. Аз ҷумла, ранги сафед, ки тараннумгари роҳи рост, дили поку беолоиш, бахти сафед, роҳи сафед ва дар маҷмуъ, зиндагии

босаодат мебошад, бисёр ба назар мерасад: «Рангҳои асосии сафед, сиёҳ, сурх ва сабз дар ашъори шуарои асри X, пеш аз ҳама, бевосита барои тасвири олам ва ашёҳои воқеъӣ истифода мешуданд» [275, с. 105]. Тазаккур додан бамаврид аст, ки рангҳо тимсоли мухталифро ифода мекарданд. Муҳаққиқон муайян намудаанд, ки ранги сафед дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тимсоли саодат ва хушбахтӣ, бахту иқболи нек, роҳи сафед ва бахти сафед мебошад.

Ин аъана дар осори мутафаккирони ин аҳд зиёд ба назар мерасад ва ҳатто адибон дар осори хеш хосияти мӯи сиёҳ ва сафедро таҳлил намуда, манзалати мӯйи сафедро аз мӯйи сиёҳ баландтар медонанд. Масалан, Кисоии Марвазӣ бар он ақида аст, ки одам бояд ҳамеша хирадманд бошад ва дар асоси фармудаи хирад амал намояд. Чун одам ба синни калонсоливу пирӣ қадам мениҳад, мӯйи сараш сафед мешавад, хирадаш бояд бештар ташаккулёфта бошад ва дар кору рафтор намунаи ибрати дигарон бошад:

Аз хизоби ману аз мӯй сияҳ кардани ман,
Гар ҳаме ранҷ хӯрӣ, беш хӯру ранҷ мабар.
Ғаразам з-ин на ҷавонист, битарсам, ки зи ман,
Хиради пирон ҷӯянду наёбанд асар [275, с. 105].

Аввалан, мазмуни ин байт таҳқиқоти муҳаққиқи рӯзгор ва осори Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ – Абдулғанӣ Мирзоевро ёдрас менамояд, ки дар асри X баъд аз расидани давраи пирӣ ранг кардани мӯйю риш як навъ одат шуда буд. Ва баъдан абъёти болои К. Марвазӣ ба он ишора мекунад, ки мӯи сафед тараннумгари тарк кардани одатҳои бад мебошад ва ин давраи тавба, давраи ислоҳ намудани хатоҳову гуноҳҳо мебошад. Зеро ба ақидаи шоир дар ниҳоди одами куҳансол мардум хиради волои пиронро дидан мехоҳанд ва ҳар кас бояд ба ин сазовор бошад.

Ва дар ҷойи дигар К. Марвазӣ мақоми ранги сафедро аз ранги сиёҳ болотар дониста, ранги сафедро ба рӯз ва ранги сиёҳро ба шаб ташбеҳ медиҳад:

Чун сари сапед дид бастам,

Гуфт ташбеҳи шайбу сахт аҷаб.

Гуфт рӯйи сафеду мӯи сияҳ,

Ҳамчу рӯз аст дар миёни шаб [276, с. 182].

Шуарои асрҳои болозикр дар осори хеш дамидани сафедиро дар мӯйи сар ва риш агар аз як тараф ба ҳайси аломати пириву заифӣ қабул мекарданд аз тарафи дигар даст кашидан аз орзуву ҳавасҳои ҷавонӣ ва тақвият бахшидани парҳезкориву дурусткориро тараннум менамуданд. Масалан, яке аз шоирони ҳамасри Рӯдакӣ Мантиқии Розӣ овардааст:

Сапедӣ омаду андар рух уфтодам чин,

Кунун сазост, ки ман дур гардам аз бути Чин [275, с. 96].

Аз байтҳои болооварда мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик пурра собит гардид, ки онҳо ранги сафедро тимсоли саодат дониста дар осори хеш ба он ишораҳои зиёд намудаанд.

Дар баробари ранги сафед ин мутафаккирон ба ранги сиёҳ низ ишораҳо намудаанд. Аммо мутафаккирони мутазаккир ранги сиёҳро асосан мутазоди ранги сафед баррасӣ мекарданд. Аз як тараф, агар ранги сиёҳ дар осори мутафаккирони ин аҳд мазмуни ҷавониро ифода кунад, аз тарафи дигар онро нишонаи сӯгу мотам ва ҳамрадифи гуноҳ меҳисобанд. Масалан, Шаҳиди Балхӣ овардааст:

Мӯйи сапеду рӯйи сиёҳу рухи бачин,

Бар зиннати садаф шудаву гашта коина [1275, с 118].

Рангҳои сиёҳу сафед дар маҷмуъ, инъикоси ҳолати шахсӣ мебошанд. Муҳаққиқ В. Охонниёзов дар ин бора овардааст: «... мафҳуми сиёҳу сафед барои инъикоси ҳолати шахсиву ҳаёти хусусии шуарои асри X ба тариқи инкори яке дигареро ва инчунин, аз ҷиҳати ифшои мазмунҳои мусбату манфӣ якдигарро иваз кардан баромад мекунад» [275, с. 97].

Аммо ногуфта намонад, ки на ҳама вақт ранги сиёҳ ба маънои манфӣ дар осори мутафаккирони ин аҳд мунъакис гардидааст ва он вобаста ба мазмуни байтҳо баъзан тимсоли мусбат низ дониста мешавад. Масалан, дар

тасвир намудани ишқу муҳаббат ва зебогии маъшуқа ранги сиёҳро истифода мебурданд. Рӯдакӣ чунин байт дорад:

Шод зӣ бо сиёҳчашмон шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод [140, с 36].

Ё Дақиқӣ нигоштааст:

Шаби сияҳ бад-он зулфакони ту монад,
Сапедрӯз ба покии он рухони ту монад [249, с. 17].

Аммо қайд бояд намуд, ки дар эҷодиёти мутафаккирони ин аҳд рангҳои сафед ва сиёҳ зидмаъно буда, ранги сафед рамзи саодат ва сиёҳӣ киноя бадбахтӣ мебошад.

Маълумотҳои гирдовардаи мардумшиносону муаррихон ва пажуҳишгарони фолклор шаҳодат медиҳанд, ки дар анъанаҳо ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик чун ҷашни Наврӯз, оинҳову суннатҳои он ранги сафед аҳаммияти бештар доштааст. Ин аъана дар ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои миллӣ низ мақоми хешро дорост.

Масалан, соли 2021 ҳангоми сафари хизматӣ дар ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон, ки ба иди Наврӯз рост омад ва дар тақвияти кори таҳқиқотӣ – озмоишии мо саҳми назаррас гузошт, шоҳиди ҳол гаштем, ки ранги сафед дар ин ҷашн мақоми худро то кунун нигоҳ доштааст ва ин ранг барои тоҷикон ранги аслии ҷашни Наврӯз маҳсуб меёбад. Мо шоҳиди ҳол гардидем, ки сокинони минтақаҳои болозикр то кунун тибқи анъана ранги сафедро рамзи покӣ, тозагӣ, сулҳ ва осмони соф меҳисобанд. Анвои ғизо, ашё, пӯшок ва ороиши хонаҳои сокинони ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон низ ҷилои ранги сафедро дошт. Либоси ба баркардаи духтарон аз матои ранги сафеддор дӯхта шуда, ғизои рӯйи хони наврӯзӣ гузошта низ ранги сафед доштанд. Масалан, шакар, панир, мост, ғизоҳои аз шир ва биринҷ тайёр шуда, аз маҳсулоти гӯштӣ бештар гӯшти мурғ ва моҳӣ, аз меваҷот: себ, сир ва санҷид, ки мағзи сафед доштанд ва ғайра.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки дар рафти гузаронидани таҳқиқот моҳи августи соли 2014 бо сокини деҳаи Нимоси ҷамоати Сежд ноҳияи

Роштқалъа Доробов Муборакқадам (84 сола, соли таваллудаш тахмин, 1930) оид ба тақлили иди Наврӯз суҳбат доир гардид. Доробов М. қайд намуд, ки дар маҳали мо рӯзи Наврӯз субҳ барвақт аз анҷом додани маросими «Пичирон» (даргиронидани алов) сар мешавад, ки ин оин аз гузаштагони мо мерос мондааст ва падари марҳумам низ ин анъанаро анҷом медоданд. Бо дамидани сапедадам (тахминан соати 4-5-и субҳ) сардори хона (шахси куҳансол, бобо, падар ё амак) пеш аз ҳама аз хоб хеста, чӯби хушк ё каме поруро аз берун ба хона дароварда, бо садои баланд «Шогун баҳор» муборак мегӯяд. Яке аз аъзои хонавода, аслан кадбонуи хона дар ҷавоби ӯ «Ба рӯйи шумо муборак» гуфта, бар китфи ӯ каме орд мепошад, ки сафедӣ ишора ба фоли нек аст. Соҳибхона чӯбро дар танӯр ё оташдон партофта, онро дар мегиронад. Рамзи сафедиро дар ин ид бисёр риоя ва эҳтиром мекарданд: «Аҳли хонавода химчаи наврустаи сабзро гирифта ба хона медароянд. Бо ворид шудан ба хона аҳли хонадонро бо каломи «Шогун баҳор муборак» табрик мекунанд. Кадбонуе бо сухани «Ба рӯйи Шумо муборак» ҷавоби табрикотии эшонро дода, каме ордро ба китфи онҳо мепошад. Китфи мардум низ дар ин рӯз сафед аст. Ба сақфи хона, сутунҳои хонаи урфии Бадахшонӣ дар иди Наврӯз орд мепошиданд, холчӯбро дар орд монданд, то ордро ба худ кашад ва бо ин тариқ дар сақфу сутунҳои хона гулҳои гуногунро нақш мекарданд.» [400]. Ҳамаи ин аз эҳтиром ба ранги сафед дарак медод.

Дилбастагӣ ва эҳтиром ба ранги сафед то ба андозае дар байни мардуми тоҷик зиёд буд, ки дар пухтани хӯроки идона низ ин русум ҷой дорад. Аз ин лиҳоз, хӯроки наврӯзиро низ тибқи анъана бо шир мепухтанд.

Мардуми тоҷик дар гузашта ранги сафедро ҳамчун рамзи покиву беолоишӣ, сулҳу осоиштагӣ, осмони соф ва кушоиши кор шуморида, дар интихоби ғизову ашё ва либосу ороиши хона ба он афзалият медоданд. Ниёгони тоҷик кӯшиш менамуданд, ки ҳар чи бештар ин ранг дар айёми Наврӯз мавриди истифода қарор гирад. Масалан, ҳангоми таҳвили сол либосҳои сафед ба бар намуда, дар руйи суфраи Наврӯзӣ шакар, шир ва хӯрокҳои аз ширу биринҷ тайёркардашуда ҷо медоданд. Дар ин суфраи идона

инчунин себу сир ва санҷид ҳам ҷой дода мешуданд, ки дарунашон сафед мебошад.

Аз бозёфтҳои таърихӣ, илмиву педагоӣ дарёфтем, ки расми сафедгузинӣ ва рамзофарӣ дар замонҳои хеле қадим низ маъмул будааст. Дар асоси нигоштаҳои Ал-Кисравӣ, шоҳони Сосонӣ пагоҳии рӯзи Наврӯз бози сафедеро парвоз медоданд ва субҳи Наврӯзро бо ошомидани шири навдӯшида ва ё хурданӣ порае панири тоза ҳусни оғоз мебахшиданд. Дар рӯзи Наврӯз ба шоҳ дар обгинаи нуқрагин об мебурданд.

Дар бисёр тасвирҳои мардумшиносӣ ва фолклории пажуҳишгароне, ки дар бораи Наврӯз ва расму одатҳои марбути он китобу мақолаҳо таълиф кардаанд, омадааст, ки то ба имрӯз ранги сафедро яке аз муҳимтарин рангҳои рамзноки ин ҷашн ҳисоб мешавад.

Мардуми тоҷик дар айёми Наврӯз аслан ғизоҳои ширӣ, ба мисли ширбиринҷ, ширҷӯш, ширравған, ширбат омода мекарданд. Мардум ин хӯрокҳоро дар хона тайёр карда, сипас ба табақу зарфҳо бардошта ба идгоҳ мебурданд ва бо ҳам тановул мекарданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар байни мардуми тоҷи ин оин то кунун мақомашро аз даст надодааст.

Инъикос ёфтани ин ранг дар суннатҳои Наврӯзии аҷдодони тоҷик рамзи покию бегуноҳӣ, рамзи зиндагонӣ, рамзи ваҳдату дӯстиро ифода мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки агар ранги сиёҳ рамзи торикӣ, маризӣ, даҳшат, марг, гуноҳ ва дигар хислатҳои манфиро дошта бошад ҳам, вале вай дар ҳамоҳангӣ ва ҳамбастагиву мувофиқат бо ранги сафед тавозуни дунёро нигоҳ медорад. Мардумони дигар миллатҳо ва мазоҳиб ранги сиёҳро рамзи балогардон ва хушбахтӣ низ мешуморанд, ки аз афкори мутафаккирони асрҳои болозикр ва анъанаҳо, ҷашну маросимҳои миллӣ мутафовит аст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин халқи тоҷик, ки нигаҳдорандаи қадимтарин афкору эътиқоди ориёӣ маҳсуб мешаванд ва муҳаққиқони зиёд инро исбот намудаанд, ба рангҳои сафед, сурх ва сиёҳ эътиқоди қавӣ доштаанд. Ранги сурх ба зиндагии рӯзмарра ва хоса муҳимтарин ҷашну маросимҳо ва

анъанаҳои миллии тоҷикон бисёр таъсиргузор аст, ба қавли муҳаққиқи соҳаи педагогика К. Парпишоев: «Дар рӯзҳои хурсандӣ, хоса ҷашни Наврӯз мардуми тоҷик пеш аз тулуи офтоб матои сурх ё болишт, таксарӣ ва ё дигар ҷиҳози матои сурхдоштаро аз хона бурун оварда овезон мекунанд ва ё болои девори ҳавлии хона мегузоранд, ки ин рамзи хурсандӣ ва нишонаи хушбахтии солро ифода мекунад. Ҳангоми ба дунё омадани тифли навзод низ аз берун дар равзан ва дари хона порчае аз матои сурхро овезон мекунанд, ки он рамзи балогардон будан, аз чашми захм эмин доштани кӯдак ва хурсандии хонадонро инъикос мекунад» [182, с. 100]. Ба арус дар тӯяш куртаи сурх мепӯшанд, хешовандон, ёрӯ дӯстон, аксаран занону бонувон либоси сурхро ба бар мекунанд. Бистару болини арусро, ки бо худ ба хонаи шавҳар мебарад бо матои сурх мебанданд, тӯшаи роҳи арусро дар хурҷини сурх мемонанд, дар кисаи шаҳмард низ пораи матои сурх ё рӯмолчаи сурх меандозанд ва амсоли инҳо, ки мақсуд хурсандиву шодӣ, бахту иқболи нек ва хушбахтӣ мебошад.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки ин анъана фалсафа, ақидаҳои педагогӣ, тарбиявию ахлоқии худро дорад ва дар тарбияи ахлоқии кӯдакону наврасон, ҷавонон ва кули мардум саҳми босазо дорад. Тавассути истифодаи ин рангҳо дар анъанаҳои наврӯзӣ ва ҷашну маросимҳо гузаштагон дар гирди ҳам ҷамъ омадани мардумро дар рӯзҳои хурсандиву мусибат ташвиқ мекарданд. Дар асоси байтҳои дар боло овардаи мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва нақши ин рангҳо дар анъана, ҷашну маросимҳои мардумӣ тарғиб карда мешуд, ки мардум бояд дӯсту тифоқ бошанд, чун ранги сафед дили ҳар кас поку тамиз бошад, набояд дилҳои мардум нисбат ба ҳамдигар сиёҳ бошад ва набояд, кину кибр дар дил вуҷуд дошта бошад, чун ранги сурх хотири ҳамдигарро шод гардонанд, ба қавли Шайх Саъдӣ «бани одам аъзояи якдигаранд» [88, с. 47]. Тавассути ин ақидаҳои педагогӣ насли наврас ташвиқ мегардад, ки дар тамоми вазъиятҳои ҳаёт бо ҳам бошанд, шарики шодӣ ва андуҳӣ ҳамдигар бошанд ва ин анъанаи неки ниёгонро ҳифз намуда, тақвият бахшанд.

Эҳё ва тақвият бахшидани ин оин кӯдакон, наврасону ҷавонон ва кули мардумро ба ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтирому ҳурмати ҳамдигар даъват мекунад. Роҳи пешгирифтаи мардум бояд сафед, ҷавобгӯи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бошад. Ҳар кас бояд дар анҷом додани аъмоли нек саъю талош варзида, пешсаф бошад, софдилона бо ҳамдигар муносибат намуда, бо иттиҳоду иттифоқ зиндагӣ ба сар баранд.

Ва муҳтавои дигарро низ аз ин оин дарёфтам, рамзи сафедӣ ишора ба қалби сафед-пок, андешаи сафед-нек, нияти сафед-беолоиш ва рамзи сурхӣ муҳаббати самимӣ, садоқату вафодорӣ ва амсоли инҳоро тараннум мекунад. Зеро ниёгони мардуми тоҷик табиатан мардуми некдилу некниҳод буда, тафаккури солим ва нияту андешаи пок доштанд ва бо касе хасму хусумат надоштанд. Эҳё ва тақвият бахшидани ин оин дар ниҳоди кӯдакон, насли наврасу ҷавон хислатҳои болозикрро тарбия намуда, аз хурдӣ дар дили онҳо нақш мебандад ва дар тарбияи онҳо саҳми босазо мегузорад, тавре дар урфият мегӯянд: «Омӯзиш дар хӯрдӣ-нақш бар девор» [403]. Ва мутафаккирони асрҳои болозикр низ таълиму тарбияро дар хурдӣ, аз овони кӯдакӣ тавсия медиҳанд ва дар ин самт ақидаҳои педагогии ин мутафаккирон, ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои миллӣ ҳамбастагии зич доранд. Масалан Абушакури Балхӣ овардааст:

Ба ҳангоми барноиву кӯдакӣ,
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.
Дарахте, ки хурдак бувад боғбон,
Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон.
Чу гардад калон боз натвонадаш,
Ки аз кажживу ҳам бигардонадаш [89, с. 50].

Ва дар ҷойи дигар шоир овардааст:

Биёмӯз, ҳарчанд битвониё,
Магар хештан шод гардониё [89, с. 50].

Мисолҳои дар боло овардашуда фикрҳои моро асоснок мекунанд. Истифода бурдани ранги сафед дар ҷашну маросимҳо насли ҷавон ва умуман,

тамоми инсониятро ба покдилӣ, ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, роҳи сафед, бахти сафед даъват мекунад. Касе, ки бо дили соф, нияти нек Наврӯзро ҷашн мегирад, то охири сол хушбахт хоҳад буд. Аз ин ҷо бармеояд, ки зинда нигоҳ доштану тақвият бахшидани ин анъана дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавони муосир нақши бориз дорад. Онҳо талқин мешаванд, ки дар анҷом додани аъмоли нек собитқадам бошанд, софдиливу некниҳодиро пеша намоянд ва бо ваҳдату иттиҳод зиндагӣ намоянд.

Таҳқиқотҳо собит намуданд, ки ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ҷанбаҳои мухталифи таълиму тарбияро дар бар мегиранд. Ин педагогика аз ҷиҳати дарбаргирии ғояҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ бой буда, масъалаҳои мубрами соҳаи таълиму тарбияро фаро гирифта, таҳқиқоти амиқро тақозо дорад. Яке аз масъалаҳое, ки дар байни насли наврасу ҷавон ва ҳатто миёнсолону куҳансолон имрӯз боиси нигаронӣ гардидааст, ин маҳдуд гардидани аёдати хешу табор, омаду рафт ба хонаҳои ҳамдигар, хабар гирифтан аз ҳолу аҳволи наздикону пайвандон, ёру дӯст, ҳамсояву дигар мардумон мебошад. Ин падида боиси коста гардидани арзишҳову сирати миллӣ, муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстиву иттиҳод ва дигар хислатҳои неки инсонӣ мегардад. Ҳол он ки ба аёдати ҳамдигар рафтан, меҳмони ҳамдигар шудан, ба ҳамдигар мадад расондан, шарики ғаму шодии ҳамдигар будан дар сирати миллӣ, арзишҳои миллии халқи тоҷик ва этнопедагогика мақоми махсус дошт ва он набояд аз байн биравад. Ин мавзуъ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс мақоми махсус дошта, онҳо парешониву фардгароиро маҳкум намуданд ва иттиҳоду иттифоқ буданро месутуданд. Масалан, мутафаккир Носири Хусрав ба ҳамдигар некӣ кардану мадад расондан, некхоҳи мардумон будану аз фазилати он дар амон будан, бомурувват будан, ба мардум мадад расонданро хислати волои инсонӣ медонад ва дар осори хеш ин хислатҳоро тарғиб менамояд ва ин хислатҳо дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ нақши калидӣ доранд. Аз ҷумла, мутафаккир дар боби «Дар баёни ризо»-и «Саодатнома» овардааст:

Ҳамеша некхоҳӣ мардумон бош,

Ба некӣ кӯш он гаҳ дар амон бош.
Дилатро бо мурувват муттафиқ кун,
Агар хайре кунӣ бо мустаҳиқ кун.
Мадад кун, то ки халқ ёри ту бошад,
Ҳама олам мададгори ту бошад [367, с. 154].

Ба қавли мутафаккир ашхоси мададрасону некхоҳ ҳам мақбули Худо ва ҳам азизу мукаррам дар миёни мардум мебошанд.

Абушакури Балхӣ бошад, эҳё намудану тақвият бахшидани анъанаҳои миллӣ, бахусус хислатҳои болозикр ва дар ин самт сабақ гирифтан аз таҷрибаи бойи гузаштагон, минҷумла ба имдоди ҳамдигар расидану аз ҳоли ҳамдигар хабар гирифтан ва дар рӯзгори хеш амалӣ намудани ин таҷрибаро пешниҳод менамояд:

Магар пеш биншонадат рӯзгор,
Ки беҳ з-ӯ наёбӣ ту омӯзгор [89, с. 50].

Таҳқиқи рӯзгор ва осори Абуалӣ ибни Сино низ собит намуд, ки мутафаккир тарафдори муносибати дӯстона ва бегазанд байни одамон ва тамоми мардумон буд. Ӯ дар симои некиву некукории мардум қувваи бузург, пешравии ҷомеа, таҳкурсии вақти одамонро медид ва тарафдори дӯстии ҳамешагии мардумон буд. Сино бар он ақида аст, ки некиву некукорӣ, аёдати ҳамдигар, муҳаббати хешу табор одамро сарбаланд мекунад, руҳияшро баланд мебардорад. Аёдати ҳамдигар, муҳаббат ва иттиҳод барои одамон чун боду ҳаво зарур аст, тавре муҳаққиқ овардааст: «Дар асоси ақидаҳои Сино сифатҳои шахсӣ барои ҳар як шахс хосанд, чунки одам табиатан нек аст ва кӯшиш менамояд, ки бо эҳтиёҷмандон ёрӣ расонад. Саховат бояд беғаразона бошад ва ба мақсади нек нигаронида шуда бошад. Ва дар ин замина А. Сино рашк, худписандӣ, буридан аз хешон, бахил будан, дурӣ ҷустан аз дӯстон, хешу табор ва дигар хислатҳои разиларо танқид намудааст» [112, с. 100].

Фирдавсӣ низ тавоноии мардумро дар иттиҳоду дӯстӣ ва некиву некукорӣ ва муҳаббат ба ҳамдигар мебинад. Фирдавсӣ гуфтори зиёду бефоидаро танқид намуда, кирдори шоистаи таҳсинро муҳим мешуморад.

Ҳаким иттиҳоду дӯстии бародаронро боиси пирӯзиву хушрӯзгории онҳо медонад ва бо ин васила тамоми мардумро ба иттиҳоду иттифоқ будан даъват менамояд:

Агар ду бародар ниҳад пушт, пушт,
Тани кӯҳро хок молад ба мушт.
Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ними кирдор нест.
Чу некӣ кунад кас, ту подош кун,
В-агар бад кунад, низ пархош кун [347, с. 114].

Ин ақидаҳо дар осори султони шоирон низ бисёр ба назар мерасанд. Бузургтарин шодиву хурсандиро Рӯдакӣ дар дидани дидори дӯстон мебинад ва талхтарин лаҳзаи ҳаёти мардумро дар фироқу ҷудоӣ аз дӯстон маънидод мекунад:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар [86, с. 52].

Ақидаҳои болозикр оид ба ҷашнгирии иди Наврӯз ва таҷрибаҳои бойи гузаронидани ин ид гуфтаҳои моро далели асосӣ мебошанд.

Афкори тарбиявии дигари оини наврӯзӣ ба аёдати ҳамдигар рафтан мебошад. Ногуфта намонад, ки ба аёдат ва хабаргирии ҳамдигар рафтан дар анъанаҳои миллии мардуми тоҷик нақши асосӣ дорад ва он новобаста аз иди Наврӯз дар дигар идҳо низ анҷом дода мешавад, аммо дар иди Наврӯз ин оин боз ҳам бештар дида шуда, решаи таърихӣ дорад. Тибқи анъана мардуми тоҷик одатан дар рӯзи дуюм ё сеюми иди Нарврӯз гурӯҳ - гурӯҳ шуда шодиву хурсандӣ мекунанд, ба аёдати беморон, ниёзмандону маъюбон ва дигар хешу таборон мераванд. Барои онҳо тибқи ниёзашон ҳадяву хӯрданиҳо мебаранд. Арус туҳфаи наврӯзиро гирифта ба аёдати падарарус, духтар ба хабаргирии хонаи падар, ҷавонон ба саломи пирон, шогирдон ба саломи устодон, рафиқону дӯстон ба саломи ҳамдигар мераванд. Онҳоро низ аз хонаи худ бо

туҳфаҳову ҳадя гусел мекунанд. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ба меҳмонии ҳамдигар мераванд. Ин анъанаи нек то кунун низ дар бештари минтақаҳои Тоҷикистон арзи вуҷуд дорад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки анъанаи фавқ дар асоси андешаҳои миллӣ, пайравӣ намудан аз анъанаҳои неки гузаштагон анҷом дода мешавад. Чун мардум ба саломи ҳамдигар мераванд муҳаббат зиёд мегардад, гуноҳҳову хатоҳои ҳамдигарро мебахшанд, кинаву адоват аз дилҳо зудуда мегардад. Аз аёдати ҳамдигар муносибатҳои хешутаборӣ равнақ меёбанд, дӯстӣ дар байни хешу табор, дӯстон, ҳамсояҳо ва кулли ҷомеа меафзояд. Афзудани дӯстӣ иттиҳоду иттифоқ дар миёни олу авлод, қабила, деҳа ва амсоли инҳо боиси таҳкими сулҳу субот дар кишвар мегардад. Сулҳ аз байни ду аъзои хонавода ба авлод ва аз авлод ба ҷомеа, кишвару олам интиқол меёбад. Оила, хешу табор ва авлодон сарчашмаи асосии пайдоиш ва тақвиятбахши сулҳу субот ва дӯстиу иттиҳод мебошанд. Аз ин лиҳоз, эҳё ва равнақ бахшидани чунин анъанаҳо муҳим ва ҳаётан зарур мебошад.

Инчунин оини болозикр некиву некукорӣ, дӯстӣ ва рафоқат, ҳамдигарфаҳмиву иттиҳод дар ҷомеаро тараннум мекунад ва ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI, ки намунаи ин ақидаҳо аз осори Рӯдакӣ, А. Балхӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино, Носири Хусрав, Дақиқӣ, Кисоии Марвазӣ, Абушакури Балхӣ ва Шаҳиди Балхӣ дар боло оварда шуданд, ҳамбастагии зич доранд. Асосан дар ин кор занону модарон, бонувон нақши бориз доранд. Таҷрибаҳо собит менамоянд, ки агар дар ҷомеа занон дӯсту тифоқ бошанд, мардону фарзандон низ бо иттиҳод зиндагӣ мекунанд: «Оини мардумии тоҷик дар мисоли ба аёдати ҳамдигар рафтан дар тараннуми дӯстиву рафоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ намудан, равнақи ҳунарҳои мардумӣ, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам, кумак ба ниёзмандону ятимон ва дигар хислатҳои ахлоқӣ саҳми назаррас дорад» [112, с. 63]. Пас имрӯз вазифаи ҳар як хурду бузург аст, ки насли наврасро дар ин руҳия тарбия намоем. Ин гуфтаҳо тақвияти ин ақидаанд, ки халқи тоҷик аз қадим боз бо ҳам равобити ногусастанӣ дошта, чун узви як тан бо ҳам

дӯстона дар як макон зиндагӣ мекарданд.

Мақсуд аз овардани ҳамбастагиҳои ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик ва этнопедагогика оид ба муносибати хуби хешу табор, ба аёдати ҳамдигар рафтану аз аҳволи ҳамдигар хабар гирифтан, пойдории иттиҳоду иттифоқ дар байни хешу табор, олу аёл ва дӯстон эҳё намудану равнақ бахшидани ин анъанаи неки ниёгон аст. Тавре дар боло қайд гардид, ин анъана бо мурури замон коста гардида, дар баъзе минтақаҳо қариб аз байн меравад. Шояд ҷаҳонишавии ҷомеа, муоҷират, зиёд шудани корҳои рӯзгор, нарасидани вақт, бемавқеъ истифода кардани техникаи муосир, аз қабили телефон, Интернет ва амсоли инҳо омилҳои халалрасони ин анъана бошанд. Аз ин лиҳоз, олимони соҳаи педагогика, адабиёт ва таърихро муҳим аст, ки ин мавзуъро мавриди пажуҳиш қарор дода, сабабҳои пайдо шудани мушкилиҳо дар ин самт ва роҳҳои бартараф намудани ин мушкилиҳоро ба таҳқиқ фаро гиранд.

Дар ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва анъанаву андешаҳо ва ҷашну маросимҳои мардуми ориётабори тоҷик рӯшандиливу равшанфикрӣ нақши асосӣ дорад. Миллати қадими тоҷик аз рӯзи арзи вуҷуд намуданаш дар олам равшанзамиру равшанфикр ва равшанандешу равшанниҳод буд, ҳаст ва хоҳад монд. Аз ин рӯ, рӯшноӣ ҳамчун рамзи пирӯзии некӣ бар бадӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла, дар контекси Наврӯз мақом гирифтааст.

Дар ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI ва арзишҳои миллии мардуми тоҷик муҳаббат ва садоқат ба зану фарзанд, аҳли оила, хешу табор, миллату Ватан, забон, анъана, расму оин ва амсоли инҳо ҷойгоҳи асосӣ дорад. Маҳз мақсад аз овардани маълумотҳо оид ба нур ё «Оташ» ҳамчун рамзи нур дар осори мутафаккирони ин аҳд ё анъанаҳо, ҷашну маросимҳо дар ниҳоди насли наврас тақвият бахшидани хислатҳои болозикр мебошад. Рамзи афрӯхтани оташ ва парастиши он нишони муҳаббату садоқат ба оила, хешу табор, халқу миллат, тамаддун, забон, расму оин, фарҳангу таърих ва ватандориву ватандӯстии миллати куҳан ва шарифи тоҷик буда,

ақидаҳои педагогии амиқро дорост. Ин анъана дар асрҳои X-XI ва осори мутафаккирони ин асрҳои низ ҷой доштааст. Масалан, Фирдавсӣ ба ин анъана чунин ишора кардааст:

Нигоҳ дорад ойини ҷашни Сада,
Ҳамон фарди Наврӯз оташкада.
Ҳамон Ҳурмузу Маҳу рӯзи Меҳр
Бишӯяд ба оби хирад чанд меҳр [347, с. 9].

Ин мисраъҳо исботи ин ақидаанд, ки Фирдавсӣ чун дигар мардумони ҳамасри хеш оташкадаро ҳимоятгари оину анъана ва расму русум дониста, дар ҳар як машғулият истифодаи хирадро аз ҳама боло медонад. Аз ин ҷо бармеояд, ки бо истифода аз хирад арҷ гузоштан ба анъанаҳои волои ниёгон ва ташаккул додану ба қадами замон мутобиқ кардани онҳо вазифаи ҳар фард аст.

Вобаста ба мақоми оташ дар анъанаҳои наврӯзӣ муҳаққиқ Ғ. Ғарибшоев чунин овардааст: «Дар оташ сӯзондани ашёи нолозиму палидиҳо ба хотири пок намудани Замини муқаддас-макони сукунату рӯишҳо фаҳмида мешавад» [87, с. 46].

Сарчашмаҳои таърихӣ аз вуҷуд доштани ҷашне бо номи Оташ шаҳодат медиҳанд, ки ин ҷашн аз бозмондаҳои хеле куҳани ориёист: «Оташ чун манбаи равшаниву гармист. Инсонҳо аз қадим бо гулханафрӯзӣ Офтоб, гарміву нури парафкани онро ба меҳр сӯйи худ мехонданд ва акнун аз ҳарорати он барои худ меҳрхонаҳо (гармидеҳҳо) месозанд» [87, с. 114]. Ин суханон ба он андеша гувоҳанд, ки оташ рамзи нур, барҳамзанандаи торикӣ ва мубаддалкунандаи он ба рӯшноӣ мебошад. Гармии оташ муҳаббат дар миёни аҳли хонадон, ёру дӯст, хешу табор, хуллас, муҳаббат ба халқу миллат ва Ватан аст.

Аз қадим бозмондааст, ки Наврӯз таҷассумгари нияти неку ормон ва орзуҳои ширини одамон будааст ва хоҳад монд. Бо мақсади он ки рӯшноӣ, ҳарорат дар рӯзгор ҳамеша пойдор бошад, мардум дар ҷойҳои махсус оташкадаҳо, аловхонаҳо созмон дода, ҳангоми ҷашни идҳо, маросимҳои

мавсимӣ, хоса дар ҷашни Наврӯз он ҷойҳо гулхан меафрӯхтанд. Шоир Мӯъмин Қаноат дар ин бора чунин изҳори ақида намудааст: «Пас аз фурӯ рафтани ҷаҳонтоб шаб давоми рӯз буд дар тақвими мо, зеро нури Яздониро оташи оташкада ва хонавода нигоҳ медошт. Ин ойини оташпарастӣ нест, балки оташ дар замин таҷаллии фурӯғи Аҳурамаздо аст, ки аз тариқи офтоб интиқол мешавад. Парастиши алов парастиши нури Яздонӣ аст» [69, с. 14]. Ин гуфтаи Мӯъмин Қаноат, дар як шеъри донишманди араб Абунавас, ки рӯзгораш ба асрҳои ҳазораи аввали мелодӣ тааллуқ дорад, ба ин маънӣ омадааст: «Наврӯз торикии шабро бо гулҳое, ки чун ситорагони тобон бар шохаҳо дурахшанд, бароямон бомдод кард» [144, с. 4].

Дар аксарияти нуқоти аҳолинишини Тоҷикистон дар вақти пухтани таомҳои миллии Наврӯзӣ суманак (сумалак, саманӯ), ки аз гандуми нимкӯфта тайёр мешавад) аз шом то субҳ дар оташдон афрӯхтани алов аз ҳезуми арча ва зардолуи хушк шояд аз ҳамин сабаб бошад.

Оташ назди мардум аз замонҳои қадим соҳиби мақому манзалати хос буд ва аз унсурҳои муқаддас қарор гирифт, ки он бидуни ҷанбаи рушноиву ҳарорат доштанаш беҳтарин василаи хабаррасонӣ низ пазируфта шуда буд. Афрӯхтани оташ ба мари бурҷҳо ҷанбаи паёмдиҳанда дошт: «Дар Эрони қадим ҳафт оташкадаи машҳур будааст, ки ҳар яки онҳо ба яке аз ҳафт сайёра нисбат дода шуда, номи махсус доштаанд [144, с. 19]. Ин оташкадаҳо бо номҳои Озармеҳр, Озарнӯш, Озарбавром, Озароин, Озархурдод, Озарбарзин ва Озарзардуҳишт машҳур буданд.

Ҳаёт гувост, ки инсон нисбат ба ҳар вақти дигари зиндагӣ дар рӯзҳои дармонагиву ночорӣ ва мушкилӣ ба кумак ва имдоди ҳамдигар ниёзи бештар дорад. Масалан, муҳаққиқ овардааст: «Рамзи нур ё оташ дар анъанаи мардуми ориётабори тоҷик, дар мисоли бозии «Аловпарак», гирди гулхан ҷамъ омадану суҳбат кардан дар фасли сармо ва амсоли инҳо иттиҳоду иттифоқ ва дӯстиву вафодориро ба ҳамдигар нишон медиҳад [26, с. 6]. Ин оин ташвиқ мекунад, ки хешу табор ва ёру дӯст ҳамчу гармии оташ бояд муҳаббати гарму самимӣ дошта бошанд, садоқат ва вафодориро тақвият

бахшанд, дар раҳнамоӣ ба ҳамдигар мисли нур ё оташ бошанд то роҳи ҳамдигарро равшан созанд. Рамзи дигари ин оин дар оташ сухтану хокистар намудани ҷумлаи бадиҳо ва равнақ бахшидани некиву некукорӣ мебошад.

Дар сирати миллии мардуми тоҷик дар баробари масъалаҳои марбут ба тарбияи ахлоқӣ, самтҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, равнақи меҳнат ва ҳунарҳои мардумӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Анъанаҳои наврӯзӣ дар Тоҷикистон ба самтҳои гуногуни зиндагӣ бахшида шудаанд, ки дар рушду нумуи қисмати иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум мусоидат мекунанд. Масалан, одатан бо омадани иди Наврӯз дар аксарияти минтақаҳои Тоҷикистон сокинон шурӯъ ба корҳои кишоварзӣ ва зироаткорӣ мекунанд, ки ин расм низ анъанаи ниёгон аст. Дар ин минтақаҳо дар айёми Наврӯз маросими ҷуфтбаророн баргузор мегардад. Дар рӯзи ҷуфтбаророн деҳқонон аввал дар хонае ҷамъ омада, зиёфат ороста, рақсу суруд ва шодиву хурсандӣ мекунанд. Масалан, дар маросими ҷуфтбаророн дар ноҳияҳои ВМКБ занони деҳа анъанаи «Дуул» (доиразании хоси мардуми Бадахшон)-ро иҷро мекунанд. Марди куҳансол ва боэҳтироми деҳа пораи нони гармро гирифта ба ҷуфти барзаговон мехӯронад. Ба шохҳои барзаговҳо равғани зағир мемоланд ва ба сару бадани говҳо орд мепошанд, ки ин анъана рамзи баракату фаровонии ҳосили кишту корро ифода мекунад. Пас аз анҷоми ин русум барзагову олоти ҷуфтрониро ба саҳро, ба мавзеи киштукор мебаранд.

Ин оин низ дар тарбияи насли наврас, бахусус тарбияи меҳнатдӯстӣ, ташаккули сирати миллӣ нақши асосӣ дорад ва ҳифз намудану тақвият бахшидани чунин анъана ба манфиати халқ аст. Оини мазкур насли наврас ва ҷавонро ба арзишҳои миллӣ аз қабили: меҳнатдӯстӣ, ҳаматарафа тайёр будан ба зиндагӣ, меҳмоннавозиву ҳамкорӣ даъват мекунад, тавре Шорустамов Қ. қайд мекунад: «Гузаштагон доиман талош меварзиданд, ки мардум дӯст, якдил, якмаром ва иттифоқ бошад, пай барад, ки як кас танҳо дар ҳамаи кор пирӯз шудан наметавонад. Аз ин лиҳоз, дар гирди ҳам ҷамъ шуда барзагов мебароранд, ҷуфт меронанд, даст ба дасти ҳамдигар дода якҷоя меҳнат мекунанд ва аз иттиҳоду иттифоқ файзу баракат зиёд мешавад. Бонувони

деҳаҳо аз гиёҳҳои дастраси атроф хӯрокҳои гуногуни болаззатро тайёр мекарданд, ки ин дар равнақи ҳунарҳои мардумӣ ва таъмини ғизои солим мусоидат мекунад.» [405].

Гарчанде имрӯз давраи техникаи муосир аст ва ҷойи барзаговро техникаи муосир гирифтааст, аммо набояд, ки васоти техникӣ, ҷаҳонишавӣ арзишҳои волои иттиҳоду иттифоқ, ҳамкориву ҳамдилӣ, меҳмондориву меҳмоннавозӣ, меҳнатдӯстиву ҳунармандӣ ва дигар хислатҳои шоистаи таҳсинро аз байн бибарад, балки он бояд дар ҳамаи давру замон дар ниҳоди насли наврас ташаккул дода шавад. Албатта шароитҳои зиндагӣ беш аз пеш беҳтар мегарданд, асри XXI ва асрҳои баъдӣ боз ҳам босуръат пеш рафтани технологияи муосирро мумкин месозад, вале дар ин даврaҳои басо ҳассос анъанаҳои неки ниёгон, чун ҷашнгирии иди Наврӯз ва тавассути он тарбия намудани насли наврасро эҳё ва рушд дода, арзишҳои бузурги мардуми тоҷикро равнақ бояд бахшид. Ин ақидаҳоро метавон бо иқтибоси зайл тақвият бахшид: «Ба гуфтаи М. Шакурӣ «.... яке аз ҳадафҳои миллӣ дар замони мо бозофариниши ахлоқи миллист, соҳиб шудан ба чунин хулқу одоб аст, ки решаҳои таърихӣ дошта дар айни ҳол дархости дунёи имрӯзаро посухгӯ бошад. Меъёрҳои миллии ахлоқ аз тарзи хоси зиндагии миллат ҳосил гардида, фаҳмишу биниши ӯро ифода мекунад ва барои ин ки зисту маишат осонтар сурат гирифта бештар мазмуни инсонӣ дошта бошад, кумак менамояд»» [199, с. 47].

Оини дигаре, ки дар этнопедагогика, бахусус педагогикаи мардумии халқи тоҷик анъана шуда омадааст ва ҳамзамон, ғояи педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик аст, авфу бахшиш мебошад. Оштӣ андохтан байни тарафҳои муноқишакунанда қисмати ногусастании осори мутафаккирони мутазаккир ва анъанаҳову ҷашну маросимҳои миллӣ мебошад. Масалан, Фирдавсӣ ҳанӯз дар асри X ин ақидаро талқин кардааст ва он дар арзишҳои миллии тоҷикон нақши калидӣ дорад:

Агар пил бо пашша кин оварад,
Ҳама рахна дар доду дин оварад.

Нахоҳам ба гетӣ ҷуз аз ростӣ,

Ки хашми Худо оварад костӣ [347, с. 36].

Анҷом додани анъанаи авфу бахшиш дар ақидаҳои педагогии мутафаккирони ин аҳд нақши асосӣ дорад. Ин оин омили асосии бартараф кардани кину кибр ва хашму хусумат мегардад. Агар нофаҳмиву норозигӣ байни ашхоси алоҳида, гурӯҳ ё як деҳот идома ёбад, оқибати он ноором кардани ҷомеа аст ва замина барои халалдор кардани суботи ҷомеа мегардад. Ба қавли Фирдавсӣ:

Бикуш оташи хурд пеш аз газанд,

Ки гетӣ бусӯзад чу гардад баланд [347, с. 181].

Мақоми ин нуктаро дар анъанаҳои наврӯзӣ мухтасаран дида мебароем. Аз қадим боз дар байни мардум оштӣ андохтан ба ҳукми анъана даромада буд. Маъмулан одамони куҳансол, шахсони муътабару маъруфи тоҷик дар шаҳру деҳот бо такя ба анъанаи куҳани ниёгон, тақрибан 10-15 рӯз пеш аз даромадани Наврӯз ба дӯстӣ андохтан байни афроде, ки аз ҳам ранҷидаанд ё дӯстиву иттиҳодашон халалдор гаштааст, хешоне, ки бо ҳам хотирмалол гардидаанд ва амсоли инҳо мепардохтанд. Агар масъала ҷанбаи мушкилтар дошт, 4-5 нафар куҳансолони баруманд ва агар масъалаи баҳс сабуктару теъдоди баҳскунандагон камтар буд, 2-3 нафар шахсони соҳибэҳтиром ин масъаларо ҳал мекраданд. Гурӯҳи куҳансолони оштиандоз ин афродро ба хонаи худ даъват мекарданд ва ё тамоман дар ҷойи холис, масалан, хонаи ҳамсояи бетараф ва беғараз онҳоро ҷамъ карда, байни онҳо оштӣ меандохтанд.

Ин анъана нисбат ба шаҳрҳо бештар дар деҳот назаррас аст. То фаро расидани иди Наврӯз шахсони соҳибэҳтиром ва шуҳратёри дар деҳаҳо хона ба хона гашта, байни аҳлу оила, хешу табор, ҳамсояву дӯстоне, ки дар байнашон нофаҳмӣ ва ё кину кибр вуҷуд дошт, оштӣ меандохтанд ва наемонданд, ки ин кину кибр ба соли дигар гузарад ва ин оин то замони мо низ омада расидааст. Вобаста ба ин анъанаи неки ниёгон метавон инсондӯстиву раиятпарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мисол овард. 20-уми августи соли 2011 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун «Дар бораи авф» ба имзо расид, ки он нисбат ба 15000 гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда татбиқ гардид. Соли 2019 ба муносибати ҷашни 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Пешвои миллат 20000 нафар авф карда шуд. Ин далелҳо бори дигар собит менамоянд, ки халқи тоҷик аз қадим тарафдори сулҳу субот, дӯстиву иттиҳод буда, авфу бахшиш дар миёни ин мардум ва педагогикаи мардумӣ ҷойгоҳи асосӣ дошт.

Овардани оини болозикр аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши куҳансолон дар ҳаёти ҷавонону наврасон ва дар маҷмуъ, дар рӯзгори мардуми атрофи онҳо бағоят калон будааст. Шахсони муътабар Наврӯзро як воситаи дигари барқарор намудани дӯстӣ ва иттиҳод дар байни мардум медонистанд ва дар ин кор саъю талош меварзиданд ва муваффақ низ мегардиданд ва ин худ педагогика – таълиму тарбия аст. Дар замони кунунии босуръат тағйирёбанда ин анъанаро эъҳё ва тақвият бахшидан дорои аҳаммияти хос аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бо таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ, муҳити носолими кишварҳои олам ва дигар падидаҳои аср ин анъанаи неки ниёгон қариб аст, ки мақоми хешро аз даст диҳад. Аз ин лиҳоз, дар тарбия намудани насли наврас дар руҳияи андешаҳои миллӣ ба кор будардани таҷрибаҳои гузаштагон ба мақсад мувофиқ, дорои аҳаммияти калон буда, натиҷаи дилхоҳро ба бор меорад. Бесабаб нест, ки мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс низ дар замони хеш аз таҷрибаи рӯзгору ҳамдигар баҳра гирифтанро тарғиб мекарданд. Масалан, Рӯдакӣ фармудааст:

Замона панде озодвор дода маро,
Замона чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст [273, с. 49].

Аз таҳлили чанд андеша оид ба ҳамбастагии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва анъанаҳо, ҷашну маросимҳои мардумӣ дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ метавон хулоса намуд, ки анъанаҳои ниёгон саросар дарси ибратанд ва дар замони имрӯз, ки

ҳар рӯз дар ҳоли тағйир аст, эҳё ва тақвият бахшидани расму русуми миллӣ ва анъанавӣ басо муҳим ва ҳассос аст. Таҳлилҳо роҷеъ ба ҷашни Наврӯз исбот намуданд, ки ин ҷашн на танҳо мояи хурсандӣ, балки падидаи нек дар ташаккули сирати миллӣ мебошад. Анҷом додани анъанаҳои наврӯзӣ насли наврасро ба он талқин менамоянд, ки худогоҳ, худшинос ва ватандӯст бошанд. Ба қадри дастовардҳои ниёгон ва қадри ваҳдату сулҳу суботи миллӣ бирасанд.

Дар замони муосир хеле муҳим аст, ки падару модар, омӯзгорону роҳбарони синфҳо ва дар маҷмуъ аҳли ҷомеа тавассути омӯхтану интиқол додани ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик ва анъанаҳо, ҷашну маросимҳои мардумӣ ба насли наврас, ба тарбияи онҳо ҳамчун насли тақдирсози ояндаи миллат диққати махсус диҳанд. Дар замири онҳо тухми ифтихори миллӣ, эҳтиром ба гузаштагону анъанаҳои волои онҳо, ваҳдату ягонагӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, меҳанпарастиро бо истифода аз иҷрои суннатҳои ҷашни Наврӯз ва дигар идҳои милливу мардумӣ парвариш намоянд, то ки барои оянда ҷавонони ватандӯсту миллатпараст ва созандаю бунёдкор ба камол расанд. Меҳанпарастию хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ қисми таркибии ташаккули сирати миллӣ буда, муҳаббати онҳоро ба халқу кишвар ва зодгоҳ қавитар месозад. Ифтихори миллӣ аз таърихи пуразиши тамаддуни тоҷикон сарчашма гирифта, ҳиссиёти ватандӯстию ободкориро дар замири насли наврас тарбия ва онҳоро ба корнамоию ободкориҳо ҳидоят менамояд. Фараҳмандию ифтихор аз анъанаҳои наврӯзӣ дар қалби наврасону ҷавонон ҳисси меҳру муҳаббатро ба наздикону пайвандон ва ҳамдиёру ҳамватанон бештар гардонида, онҳоро барои муҳофизат намудани ҳар як порчаи хоки меҳан даъват менамояд.

Аз ин лиҳоз, ин фаслро бо далелҳои дар боло овардашуда ҷамъбаст намуда, барои аз байн нарафтани ҷашну маросимҳои миллӣ, анъанаҳои неки миллӣ ва мардумии халқи тоҷик, эҳё ва равнақ бахшидани ин анъанаҳо ва бо ин васила насли наврасро таълиму тарбияи намудану сирати миллии онҳоро ташаккул додан тавсияҳои зерро пешниҳод менамоям:

1. Халқи тоҷик бо истифода аз ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои миллӣ, дар тамоми умри хеш ба пешрафти таълиму тарбия диққати асосӣ додааст ва насли замони кунуниро лозим аст, ки ин анъанаҳои муқаддаси ниёгонро тақвият бахшад.

2. Ҷорӣ намудани навгониҳо дар таҷлили ҷашну маросимҳо, ки ба ташаккули арзишҳову андешаҳои миллӣ дар асри XXI ва асрҳои оянда мусоидат мекунанд, мақсаднок аст.

3. Таҳқиқотҳо собит намуданд, ки дар рушди илми педагогикаи муосир истифода намудани ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика, бо мақсади ташаккул додани хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мақсаднок аст.

4. Ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI, педагогикаи мардумӣ омӯхтану сайқал додани илму донишро доиман, ҳар лаҳза, ҳар дақиқа дар тамоми умр муҳим ва аввалиндараҷа мешуморанд ва дар ниҳоди насли наврас тақвият бахшидани илмомӯзӣ бештар ба роҳ монда шавад.

5. Диққати бештар равона намудан ба истифодаи ақидаҳои педагогоии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо ғояҳои тарбиявии оинҳои ҷашну маросимҳои мардумӣ ва алоқаманд намудани он ба педагогикаи муосир дар тарбияи насли наврас, махсусан дар даврai ҷаҳонишавӣ бисёр муҳим аст.

6. Омӯзгорон, падару модар ва дар маҷмуъ аҳли ҷомеаро лозим аст, ки ҷиҳати мақсаднок пеш бурдани кори таълиму тарбия, бахусус, ташаккули сирати миллӣ педагогикаи мардумиро омӯхта, мутобиқ ба тақозои замон онро мавриди истифода қарор диҳанд.

3.3. Нақши афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва этнопедагогика дар равнақ бахшидани шинохти ҳаққи падару модар

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манзалати падару модарро дар сиёсати хирадмандонаи хеш баланд бардошта, шинохти қадри падару модарро барои фарзандон муҳим ва аввалиндараҷа мешуморад. Дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-уми декабри соли 2018 Пешвои миллат оид ба расидан ба қадри зан - модар фармуданд: «Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии занон ҳамчун неруи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем. Баробари ин медонем, ки зан модар аст, яъне ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва ба ӯ ҳаёт мебахшад. Ба ин хотир мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем» [2, с. 10]. Дар партави ин ҳидоятҳо муҳим аст, ки дар кори таълиму тарбия, дар гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ, аз қабили соати тарбиявӣ, соати синфӣ, семинару конфронс, хонишҳои бадеӣ, маҳфилҳои адабӣ, дарсҳои иловагӣ ба ин масъала диққати зиёдтарро равона намуда, роҳҳои фаъоли таълими ин мавзуъро истифода барем, то ки натиҷаи дилхоҳ ба даст ояд.

1. Падару модар офарандаи беҳамтои табиат, асоси саодат, умеди имрӯзу фардои зиндагӣ, пешбарандаи фаъоли ҷомеа мебошанд. Сарфарозиву саодати мардумро бе ҳастӣ ва ҳидояти неки падару модар тасаввур кардан аз имкон дур аст. Зиндагии ҳар фарди ҷомеа аз меҳру муҳаббати самимӣ, сидқу вафодории падару модар маншаъ мегирад. Дар тақвияти фикр овардан ба мақсад аст: «Мақоми падару модар дар этнопедагогика бағоят баланд буду аст ва падару модарро чун офаридагори хеш меноманд. Гузаштагон панду насиҳат медоданд, ки агар хоҳед, ки Худоро бишиносед муҳим аст, ки ба қадри падару модар бирасед, зеро онҳо офаридагори ҷисмонии шумо мебошанд, шуморо ба дунё оварда бо заҳматҳои зиёд ба камол расонданд, тарбият карда соҳиби хонаву оила карданд ва новобаста аз болиғ шуданатон

ҳамеша аз шумо муроқибат мекунанд» [89, с. 268]. Пас эҳтиром ба падару модар ҷузъи ҷудонопазири мактаби ҳаёти инсоният буда, он аз анъанаи неки ниёгони мо сарчашма мегирад ва дар осори адибону донишмандони тоҷик ин мавзуъ мақоми махсусро дорост. Мавзуи фавқуззикр дар фолклор, адабиёти қадими халқи тоҷик ҷойгоҳи махсус дошта, дар осори намояндагони адабиёти асрҳои X-XI тоҷику форс низ аз мадди назар дур намондааст ва ин масъала қобили таҳқиқот аст. Зеро дар замоне, ки мо ҳаёт ба сар бурда истодаем, аз замонҳои қаблӣ куллан мутафовит аст ва усулҳои тарбияи анъанавии насли наврас қонеъкунанда набуда, насли наврасро бо роҳҳои нави фаъол ва замонавӣ дар руҳияи шинохти ҳаққи падару модар тарбият бояд кард. Яке аз роҳҳои фаъоли тарбияи насли наврас дар ин руҳия омӯзиши амиқ ва амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик мебошад.

Тавре дар бобҳои боло қайд гардид, тарбия дар оилаи мардуми тоҷик аз рӯзҳои аввали пайдоиши одам дар рӯйи олам арзи вуҷуд дошта, асрҳои аср мақоми хешро аз даст надода, баръакс то кунун дар ҳоли рушд аст. Омӯзиш ва ба фарзандон ёд додани осори илмиву адабии мутафаккирони тоҷик роҳи беҳтарини таълим буд, масалан: «Халқи тоҷик аз қадим ба таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус равона мекард. Ин мардум ба осори мутафаккирони тоҷику форс, бахусус асрҳои X-XI такя карда, насли наврасро таълим медоданд. Дар асосии ақидаи халқи тоҷик истифодаи хирад дар кори таълиму тарбия ва рушди сирати миллӣ нақши асосӣ дорад, аз ин лиҳоз аз панду андарзҳои бузургон, донишмандону мутафаккирон васеъ истифода менамуданд» [158, с. 114], Аз инҷост, ки насли наврас дар Тоҷикистон истифода бурдани панду андарзҳои ниёгон дар тарбияи фарзандро аз бузургони оилаи худ ҳам шунидаву ҳам дар тарбияи хеш мушоҳида намуда, аз назарияи онҳо тарбия мегирифтанду аз амалашон таҷриба. Аз ин рӯ, мавриди қайд кардан аст, ки намунае аз ин таҷриба дар ин зербоб мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Таҳқиқот, таҳлилу мушоҳидаҳо собит намуданд, ки дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва этнопедагогика, ба тарбияи фарзанд дар руҳияи шинохти қадри падару модар диққати асосӣ медоданд.

Барои асоснок намудани таҳқиқот дар ин зербоб нақши ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика оид ба равнақ бахшидани шинохти ҳаққи падару модар мавриди таҳқиқ, таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуд. Барои аз наздик шинос шудан бо таҷрибаи мардуми тоҷик ба шаҳру ноҳияҳои ВМКБ суҳбат бо шахсони соҳибтаҷрибаву рӯзгордида доир карда шуд. Масалан, моҳи майи соли 2017 бо шахсони баруманди ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ Хушолбеков Хусравбек ва шоир - омӯзгор Саидиброимов Исмоилшо суҳбати озод, саволу ҷавоб доир намудам. Дар рафти суҳбат ва баҳсу мунозираҳо оид ба мавзуи зайл дарёфтам, ки онҳо дар тарбияи фарзанд чун дигар оилаҳои минтақаҳои Тоҷикистон саҳми назаррас гузошта, пайваста ба насиҳат машғул буданд ва муҳимтараш худ мактаби тарбия барои фарзандон буданд, рафторашон гуфтори онҳоро инъикос менамуд. Номбурдаҳо дар рафти суҳбат иброз доштанд, ки падару модар ва бобову момои онҳо дар ободонии диёр саҳми арзанда гузошта, тамоми мардуми деҳ якдилона ба обод кардани диёри хеш машғул буданд. Дар корҳои ҳаррӯза ба ҳамдигар ёрӣ мерасонданд, мушкилиҳои ҷойдоштаи мардуми деҳаро якҷо ҳал мекарданд ва фарзандонро низ дар ин руҳия тарбия мекарданд.

Суҳбат бо И. Саидиброимов боз дар асоснок намудани кори таҳқиқотӣ нақши бештар гузошт, зеро фаъолияти педагогии ин ҳамсуҳбати мо аз вилояти Суғд оғоз гардида, пас дар мактабҳои ноҳияи Муъминободи Вилояти Хатлон, ноҳияҳои Шуғнону Роштқалъаи ВМКБ ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда, бо расму оин ва анъанаи сокинони ин минтақа аз наздик шинос гардидааст. Инчунин мазкур, шоир, донишманд ва шахси пуртаҷриба буд. Зимни суҳбат мавсуф иброз дошт, ки мардуми тоҷик дар кадом минтақае, ки зиндагӣ накунад, дар дӯстиву иттиҳод ва меҳнати коллективона аз тамоми мардум пеш аст. Масалан, дар ин замина аз Саидиброимов И. савол кардам:

«Мақсад аз меҳнати дастаҷамъона (колективона) ва якҷояи мардум чӣ буд?» Ҷавобам чунин буд: «Хайру баракат дар иттиҳоду иттифоқ аст, як кас танҳо дар ҳалли мушкилот ё иҷрои кор муваффақ шудан наметавонад, мо мардуми тоҷик инро аз гузаштагон мерос гирифтаем ва шиори халқи тоҷик «Пароканда лашкар наояд ба кор» аст ва уҳдадории мо ин аст, ки фарзандони худро низ дар ин руҳия тарбия намоем» [401]. Аз андешаҳои И. Саидиброимов бармеояд, ки халқи тоҷик дар таълиму тарбияи фарзанд аз осори мутафаккирони тоҷику форс васеъ истифода мебурданд, ки бузурги асрҳои X-XI аз ҷумлаи ин мутафаккирон мебошанд. Ба қавли ҳамсуҳбати болозикр шиори мардуми тоҷик аз қадим дар тарбияи фарзанд «Пароканда лашкар наояд ба кор» будааст, ки ин мисраъ аз осори шоири машҳури асри X Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Ҳамкорӣ намудан дар тарбияи фарзандро ҳамсуҳбати мо чунин шарҳ доданд, ки дар танҳоӣ падар, модар, бобову момо ва дигар аъзои хонавода дар тарбия намудани фарзанд муваффақият ба даст овардан наметавонанд, ин ниҳод танҳо замоне натиҷаи дилхоҳ ба даст овардан метавонанд, агар даст ба дасти ҳамдигар дода, муташаккилона ба тарбияи фарзанд машғул шаванд. Ба қавли ин ҳамсуҳбат, ниёгон иттиҳоду ҳамдилиро ҳам дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи шинохти ҳаққи падару модар ва ҳам ватандӯстиву муҳофизати Ватан, хуллас дар тамоми умури зиндагӣ тарғиб намуда, амалӣ менамуданд.

Ободии диёр, шукуфоии Ватан, ки сарчашмаи асосии равнақи арзишҳои миллӣ, ташаккули хирад ва сирати миллӣ мебошад, мақсаду мароми гузаштагон буд ва ба ин мақсади хеш расидагӣ доштанд. Ин мавзуъ дар афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI нақши асосӣ дошт ва мутафаккирони ин аҳд дӯст доштану муҳофизат кардани Ватан, таҳкими сулҳу суботро асосӣ зиндагӣ мешумориданд. Ба қавли Рӯдакӣ:

Ҳама ниюшаи хоҷа ба некуию ба сулҳ аст,
Ҳама ниюшаи нодон ҷангу фитнаву ғавғост [140, с. 519].

«Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд»-и Рӯдакӣ [148, с. 127], «Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем»-и Фирдавсӣ [349, с. 170], Бигзар эй боди

дилафрӯзи Хуросонӣ»-и Н. Хусрав [358, с. 200] ва ҳазорон ақидаҳои дигари мутафаккирони ин асрҳо ақидаи болоовардаро асоснок менамоянд.

Дар рафти мусоҳиба бо Х. Хушолбеков ва И. Саидиброимов низ оид ба масъалаи нақши тараннуми ватандӯстӣ, ободии ватан дар этнопедагогика таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир карда шуд. И. Саидиброимов роҷеъ ба ин масъала чунин изҳори назар намуд: «Яке аз мақсадҳои офарида шудани одам дар олам дӯст доштани Ватан, ободӣ ва муҳофизати муҳити зист аст. Мо падару модар вазифадорем, ки дар ободонии кишвар нақши бориз гузошта, фарзандонро тарбия намоем, ки анъанаи неки падару модар, ки мо онро аз гузаштагони худ ба мерос гирифтем, идома бахшанд. Хушбахтона, мардуми тоҷик дар ин самт пешсафанд ва дар тарбияи насли наврас саҳми назаррас дошта, муваффақиятҳои бемислро соҳиб гардидаанд» [401]. Ин ҳамбастагиро дар «Қобуснома» низ пайдо намудем: «Бидон, эй писар, ки Офаридгор чун хост, ки ҷаҳон обод монад, асбоби насл падид кард.... падару модарро сабаби кавни (ҳастии) фарзанд кард» [197, с. 25]. Пас ба қавли У. Кайковус яке аз мақсадҳои асосии падид омадани фарзанд дар рӯйи олам обод нигоҳ доштани олам, яъне муҳофизати муҳити зист, Ватан ва марзу буми он аст. Ин баёнҳо аз ҳамбастагии ногусастании афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик ва педагогикаи мардумӣ дар боби ватандӯстӣ, таҳкиму сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ва дигар ҷанбаҳои тарбия шаҳодат медиҳанд.

Нақши падару модар дар этнопедагогика мақоми асосӣ ишғол намудааст ва ниёгон падарро «шоҳсутини хона» «Қиблагоҳ» ва модарро «Каъба» мегуфтанд. Дар баробари истифодаи осори мутафаккирони тоҷик ва таҷрибаи зиндагӣ, мардуми тоҷик дар таълиму тарбияи фарзанд инчунин аз қисматҳои меъмории хонаи суннатии низ истифода менамуданд. Масалан: «Хонаи суннатии сокинони Бадахшон аз 5 сутун иборат буда, сутуни марказии онро «шоҳсутун» мегӯянд, ки бе будани он хона ноустувор аст. Дар партави он падарро «шоҳсутун»-и хона меномиданд ва эҳтиром мекарданду панди падарро сармашқи ҳаёти хеш қарор медоданд. Падару модарро сутуни

зиндаи оила меномиданд. Дар миёни мардуми Бадахшон масали «Фалонӣ хонадор шуд», «Фалонӣ бехона шуд» [403] бисёр маъмул буд ва то кунун низ баъзан истифода бурда мешавад. Дар маҷмуъ масали болозикр дар байни мардуми тоҷик дар тамоми минтақаҳои кишвар васеъ истифода мешавад. Муҳтавои асосии ин масал даргузаштани яке аз сарони оила мард ё занро инъикос менамояд. Агар мард дунёро падруд мегуфт, мегуфтанд, ки «Фалон зан бехона шуд» ва баръакс. Ин аз мақоми баланд доштани падару модар дар байни худи марду зан ва фарзандон шаҳодат медиҳад ва насли наврасро ба он тарбия менамояд, ки падару модар сутуни хонадон ва шоҳсутуни зиндаи фарзандон мебошанд, пас набояд нисбати онҳо назари бад дошт ва ё нисбати онҳо беэҳтиромӣ зоҳир намуд. Онҳо роҳнамои инсон ва шахсони қобили эҳтирому муроқибат мебошанд. Ин омили тарбияро ниёгони тоҷик аз хурдӣ дар ниҳоди кӯдакони худ тарбия намуданд ва ин таҷрибаи бойи онҳо дар тарбияи фарзанд дар руҳияи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мақоми сазоворро ишғол кардан тавонист. Чунин намунаи тарбияро кӯдакон аз хурдӣ дар хона мегирифтанд, бо оҳиста-оҳиста камол ёфтан дарк менамуданд, ки сутунҳои фавқ дар мустаҳкам нигоҳ доштани хона аз ҳар гуна офату ҳодисаҳо нақши асосӣ доранд ва падари онҳо низ чун «шоҳсутун» дар ҳаёти онҳо мақоми аслиро ишғол мекунад.

Ақидаи тарбия намудан аз овони кӯдакиро дар афкори педагогии мутафаккири ҳамасри Сино, Абуалӣ Масквиё Розӣ, ки дар риштаи фалсафа, таърих ва тиб асарҳои зиёдро эҷод намуда, «Таҷориб-ул-олам», «Таҳорат-ул-Ироқ фи таҳзиб ул-ахлоқ» аз ҷумлаи ин асарҳо буда, ба мо омада расидаанд, зиёд дучор мегардем. Мутафаккир ба тарбияи ахлоқии фарзанд аз кӯдакии ӯ машғул буданро тарғиб мекунад: «Китоби «Таҳорат-ул-Ироқ фи таҳзиб ул-ахлоқ» дар бораи тарбияи ахлоқии инсон аст. Ин китоб соли 1320 аз тарафи Саид Абутолиби Занҷонӣ бо забони форсӣ тарҷума карда шуда бо номи «Кимиёи саодат» дар Теҳрон ба чоп расидааст. Китоби мазкур аз ҳафт гуфтор (боб) иборат буда, гуфтори дуюми он ба тарбияи ахлоқии кӯдак бахшида шудааст. Тарбияи ахлоқии бачаро, ба қавли ӯ, бояд аз тифлӣ сар кард» [19, с.

48]. Ин ақидаҳо дар осори дигар мутафаккирони асрҳои X-XI низ мақоми асосӣ дошта, дар таҷрибаи педагогии бойи тоҷикон решаи таърихӣ доранд.

«Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор» [140, с. 77]-и Рӯдакӣ, «Магар пеш биншонадат рӯзгор» [140, с. 69] - и А. Балхӣ ва амсоли инҳоро месазад, ки бори дигар хотиррасон кард. Ин шоирони машҳур таҷрибаро аз таълиму омӯзиш, омӯзгор пеш медонистанд ва талқин мекарданд, ки аз гузашти рӯзгор панд бояд гирифт ва ин пандҳоро дар эҳтиром намудани падару модар ба кор гирифтан муҳим мешумориданд ва дигар мутафаккирони ҳамасри ин шоирон низ бар ин ақидаанд. Масалан, дар насиҳати У. Кайковус ба фарзанд мавқеи чунин тарбияро баръало мушоҳида метавон кард: «... аз муҷиби хирад бар фарзанд аст худро ҳурмат доштан ва тааҳҳуд (нигоҳуббин) кардан ва низ воҷиб аст асли худро тааҳҳуд кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст» [197, с. 25].

Ҳаким Носири Хусрав низ бар ин назар аст. Мутафаккир писарро ба эҳтиром намудани падар ва гирифтани панду таҷрибаи падар даъват мекунад:

Панди падар бишнав, эй писар, ки чунин
Рӯзи ман аз роҳи панд маймун шуд [362, с. 175].

Фирдавсӣ ба қадри падару модар расидани фарзандонро муҳим ва ҳатмӣ дониста, ҳатто фарзандеро, ки шаъну шараф ва иззату эҳтироми падару модар ва омӯзгорро паст мезанад, писар намехонад ва кашидани ҷафои рӯзгорро бар ӯ раво мебинад:

Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
Кунад ошкоро бар ӯ – бар ниҳон.
Гар ӯ бифканад фарру номи падар,
Ту бегона хонаш махонаш писар.
Агар гум кунад роҳи омӯзгор,
Сазад к-ӯ ҷафо бинад аз рӯзгор [31, с. 119].

Ин ақидаҳо дар этнопедагогика низ мавқеи асосӣ доштанд. Нақши тарбия дар руҳияи шинохти ҳаққи падару модар дар педагогикаи мардумии халқи тоҷик то аҳде мустаҳкам буд, ки фарзанд на танҳо худаш падару

модарро эҳтиром мекард, балки дар вақти хонадор шуданаш, аз ҳамсар аз ҳама пеш хоҳиш мекард, панд медод, ки падару модари маро эҳтиром кун, онҳоро чун падар ва модари худ дӯст бидор. Ба ин тариқ духтарони хешро низ насиҳат менамуданд, ки хусуру хушдоманатро ба падариву модарӣ қабул намо, аз гапҳои онҳо сар мапеч, дили онҳоро ба даст ор. Ин пандро писару духтар бечуну чаро ба ҷо меоварданд, зеро дар оилаи хеш чунин рафтори неки куҳансолонро мушоҳида мекарданд ва аз таҷрибаи рӯзгори онҳо баҳра мегирифтанд.

Вобаста ба ин тазаккур додан бамаврид аст, кӯдакону наврасон бо чашми хеш низ медиданд, ки падару модари онҳо нисбат ба волидон, хушдоману хусур, келину домод ва фарзандони худ дар хона муносибати самимиву содиқона дошта, куҳансолонро эҳтиром мекарданд, панду насиҳати онҳоро гӯш мекарданд ва тибқи раҳнамоиҳову насиҳати онҳо амал мекарданд. Ин рафтори намунавӣ муносибати нек, эҳтиром гузоштан ба падару модар, хиради волои гузаштагонро дар ниҳоди фарзандон тараннум мекунад ва аз муҳити муносиби тарбиявиро муҳайё намудани ниёгон шаҳодат медиҳад.

Яке аз омилҳои асосии муваффақ гардидани гузаштагон дар тарбияи фарзанд ва ба даст омадани натиҷаи дилхоҳ ин истифода аз хирад ва хирадварзӣ буд. Дар асоси талаботҳои педагогикаи мардумии Бадахшон падару модар на танҳо ба тарбия, балки ба таълими фарзандон низ диққати ҳаматарафа медоданд ва барои донишманд шудани фарзандон саъю талош менамуданд. Мусаллам аст, ки хирад бо омӯзиши дониш ташаккул меёбад ва гузаштагон дар равнақ бахшидани дониш ва хирад саҳми назаррас мегузоштанд. Одами хирадварзу хирадгаро соҳибтааммул, хоксор, фурӯтан, бомуҳаббат, ростгӯ ва дурусткор аст ва гузаштагон тавонистанд чунин фарзандонро тарбияяву ба камол расонанд. Маҳз мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик низ бархе аз осори хешро ба истифодаи чунин усул дар тарбияи фарзанд бахшидаанд. Масалан, ба ин маънӣ У. Кайковус нигоштааст: «Ва он

фарзандро, ки мудом хирад раҳнамои ӯ бувад, аз ҳаққу меҳри падару модар холӣ набошад» [197, с. 26].

Ин ақида дар афкори педагогии дигар мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик низ ҷойгоҳи махсус дорад. Мутафаккирони ин аҳд насли наврасро ба шинохти ҳаққи падару модар даъват мекарданд ва дар ин роҳ нақши хирад ва донишро асосӣ медонанд. Ҷоҳилиро мутафаккирон маҳкум намуда, омӯхтани илму дониш ва истифодаи хирадро муҳим ва амри зарурӣ меҳисобиданд. Носири Хусрав фарзанди хешро панд медиҳад:

Халандатар зи ҷоҳил бар нарӯяд,
Ҳигарз, эй пур, аз обу хок хоре.
Ҳазар дор аз дарахти ҷоҳил, эро-к
Наёрад бар ту з-ӯ ҷуз хор [358, с. 680].

Тибқи ақидаи Ибни Сино, инсоне, ки соҳиби илму дониш аст, ӯ дар шинохти ҳаққи падару модар низ пешқадам аст. Ба қавли ин мутафаккир одам бояд дар тамоми умр ба омӯхтани илм камар барбандад, моҳияти онро дарк намояд, дар амалигардонии илм дар ҳаёти хеш саъю талош варзад, зеро ба андешаи ӯ илм сабаби пешравӣ, чароғи ҷон аст, ки онро Сино ба шиша монанд мекунад ва ҳамаи ин аз ҳикмати инсонӣ рушноӣ мепазирад:

Тарк бинмо ҷумларо, ҷон бар ҳама маъво бувад,
Пешрафту беҳтари ҷонро ҳама бо илмҳост!
Ҷон мисоли шиша асту илм монанди чароғ,
Ҳикмати инсониро равған шуморидан равост.
Дар ҳақиқат, зинда ҳастӣ дар дами рахшиданаш,
Гар шавад торик, он лаҳза ҳаётат дар фаност! [319, с. 177].

Сино инчунин илмро омили асосии зиндагии дунявӣ ва расидан ба мақоми биҳишт маънидод мекунад, яъне ба қавли мутафаккир саодати ҳар ду ҷаҳон ба омӯзиши илм вобастагии ҷудонопазир дорад: «Гуфтам: -Чи чиз аст, ки биҳиштро сазовор бошад? Гуфт: -Илм омӯхтану ба ҷавонӣ ба кори ҳақ машғул будан» [272, с. 84] ва ба қавли Паёмбари ислом «Биҳишт зери қадами модарон аст». Пас дар дар асоси ин андешаҳо биҳиштро низ он кас

сазовор аст, ки донишманду оқил буда, ҳаққи падару модарро ба ҷо оварда бошад.

Мутафаккир Шокири Бухоройӣ ҳатто бар забон овардани номи касоне, ки аз илму дониш баҳравар нестанд раво намедонад ва ҳатто касоне, ки чунин ашхосро меситоянд, рафтори онҳоро «мояи аблаҳӣ» медонад:

Ба он кас, ки ҷонаш зи дониш тиҳист,
Ситеҳиданат мояи аблаҳист [140, с. 76].

Ҳамин тариқ, мақоми падару модар дар этнопедагогика бағоят баланд буду аст ва расидан ба қадри падару модар мавзуи асосии педагогикаи мардуми тоҷик буд ва то кунун мақоми худро аз даст надодааст. Масалан, сокинони шаҳру навоҳии вилояти Суғд ба ин масъала чунин назар доранд: «Дуои падару модар – чароғи роҳ», «Падару модар – тоҷи сар», «Модар розӣ – Худо розӣ», «Дуои падару модар – роҳкушои фарзанд», «Касе, ки падару модарро эҳтиром кунад, умраш баракат меёбад»» [288, с. 48] ва амсоли инҳо. Ин анъана дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон мақоми густурда дорад.

Бо мақсади асоснок намудани ин ақидаҳо ва бо чашми хеш дидану бо гӯши хеш шунидан аз куҳансолон, соли 2018 ба ҷамоати дурдасти Сежди ноҳияи Роштқалъа сафар анҷом дода шуд. Бо истифода аз фурсати муносиб бо марди соҳибэҳтироми солхурдаи ин мавзеъ Доробов Муборакқадам суҳбат доир карда шуд. Суҳбати гарму самимии мо дар атрофи мақоми падару модар дар оила буд. Доробов аз таҷрибаи рӯзгори пасисаршудааш мисолҳои зиёд оварда, дар анъанаи мардуми тоҷик мақоми баланд доштани падару модар дар назди фарзандро тасдиқ намуд во бо истифода аз ин суҳбат панду насиҳатҳои хешро ба насли наврас баён намуд. Аз ҷумла, ин марди рӯзгордида қайд намуд: «Аз фармони падару модар набояд сар печид, зеро коре, ки бе ризои падару модар анҷом дода мешавад бенатиҷа аст. Моро падару модар панд медоданд ва ман низ ба шумо панд медиҳам, наслу наврас ва ҷавонро тавре тарбия намоед, ки ҳаққи падару модарро бишиносанд, онҳо офаридагори фарзанд дар рӯйи заминанд ва насли фардо тавонанд ин анъанаи некро ба наслҳои оянда интиқол диҳанд» [400]. Ба қавли М. Доробов

гузаштагони тоҷик на танҳо насли наврасу ҷавонро панд медоданд, балки онҳо дар насиҳат намудану тарбия кардани фарзанд муваффақ буданд. Фарзандонашон дар роҳи ризои падару модар кор мекарданд, ба қадри падару модар мерасиданд ва дар ин кор намунаи ибрати дигарон буданд.

Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки тараннуму ташвиқӣ шинохти ҳаққи падару модар дар этнопедагогика ба афкори педагогии мутафаккирони асрҳои болозикр ҳамбастагии куллӣ доранд. Ба унвони мисол метавон оварда, ки Носири Хусрав низ писарро панд медиҳад, ки ба қадри падару модар бирасад, муносибатеро, ки имрӯз писар ба падари хеш мекунад, фардо ҷавобашро ҳамчунон мебинад. Аз ин рӯ, мутафаккир фарзандро ба гузидани ёру дӯсти муносиб даъват мекунад. Дӯсте, ки ӯро ба роҳи рост раҳнамун месозад ва як умр аз ӯ дурӣ ихтиёр намекунад ва ӯро ба роҳи бад намебарад:

Мардвор, эй писар, аз омма ба як сӯ шав,
Чӣ барӣ рӯз ба хобу хӯрӣ харворӣ?!
Даҳри гарданда бад-ин песарасан, пуро,
Хапа хоҳад-т ҳамекард, хабар дорӣ?...
Мар туро н-ояд ёрӣ зи касе фардо,
Чу наёмад зи ту имрӯз маро ёрӣ [361, с. 127].

Истифода бурдани ақидаи болозикр ва дар маҷмуъ, афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс дар тарбия ҳаётан муҳим аст, зеро таъсиреро, ки муҳити солим дар солим шудан ва ё муҳити носолим дар носолим шудани насли наврас мерасонад, ҳеҷ омӯзгор ва ё падару модар қодир нест, ки ба тарбияи фарзанд чунин таъсир расонад. Ин ақидаро таҷрибаҳои рӯз собит намудаанд ва дар ҷомеа ҳар рӯз шоҳиди таъсири манфӣ ва ё мусбати муҳит ба тарбияи насли наврас мегардем.

Абушакури Балхӣ низ ба ақидаи Носири Хусрав дар боби дӯсту рафиқ ва ҳамроҳи мувофиқ гузидан ҳамфикр аст ва мутафаккир панд медиҳад:

Макун хештан саҳмган чоплус,
Ки баста бувад чоплӯс аз фусус.
Бародар бародар бувад, дӯст – беҳ,

Чу душман бувад, берагу пӯст беҳ [360, с. 226].

Ҳаким Носири Хусрав аз ёрони номувофиқу номуносиб гурехтан, дурӣ ҷустан аз онҳову бо чунин дӯстон ҳамсухану ҳамқадам нашудандро аз шиштан бо онҳо авлотар медонад ва таъкид менамояд:

Зи нопоку зи ноҷинсу зи нокас,
Ба шаб бигрез, мангар ҳеҷ дар пас [360, с. 210].

Аз ин рӯ, дар асоси ақидаҳои болозикри аз этнопедагогика иқтибос овардашуда ва ақидаҳои мутафаккирони мавсуф бармеояд, ки насли наврас дар тамоми умр ба раҳнамо ниёз дорад. Раҳнамои насли наврас падару модар, омӯзгор, аҳли хонаводаву ҷомеа ва муҳити зист мебошад. Аммо муҳит бояд солим, ба дониш ва хирад такякунанда, ба манфиати ҷомеа равонашуда ва муҳити ғамхору манфиатбахш бошад. Аз ин лиҳоз, нақши падару модар, нақши роҳбар дар зиндагӣ муҳим аст, ба қавли А. Балхӣ:

Туро гарчи дониш ба гардун расад,
Зи донои дигар шунидан сазад.
Чӣ гуфтанд дар достони дароз,
Набошад кас аз раҳнамун бениёз [212, с. 227].

Нуктаи дигаре, ки дар тарбияи насли наврас фавқулода муҳим аст, азиз доштан ва наранҷонидани падару модар аст. Дар ин руҳия тарбия намудани насли наврас ва ҷавон вазифаи асосии падару модар аст. Чунин тарбия меҳру муҳаббати падару модарро дар қалби фарзандон равнақ мебахшид. Тавре яке ҳамсуҳбати мо Бахтовархонова З. қайд намуд, ки ҳанӯз аз даврони кӯдакӣ ва наврасӣ шоҳиди ҳол гардидем, ки куҳансолони мо падару модарро азизу гиромӣ медоштанд ва ҳеҷ гоҳ ба иззати нафси онҳо намерасиданд ва онҳоро намеранҷонданд. Ба гӯши хеш шунидаву бо чашми худ дидем, ки мақому манзалати бобову момо дар назди падару модари мо чи гуна аст ва ин рафтори нек худ як мактаби ахлоқӣ барои мо буд. Ин суханҳо дар «Қобуснома» равшан ба назар мерасанд: «Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ, ки Офаридгор ба ранҷи дили модару падар бисёр уқубат кунад» [197, с. 26].

Нависандаи машҳури рус А.М. Горкий низ падару модарро офаридагори инсон мешуморад ва қайд мекунад, ки бе ҳастии модар ҳастии олам аз имкон дур аст, модар воситаи ҳастии ҳамаи махлуқоти рӯйи олам аст: «Бе офтоб гулҳо намешукуфанд, бе муҳаббат хушбахтӣ нест, бе зан ишқ нест, бе модар шоир нест, қаҳрамон ҳам нест. Яъне ба қавли Горкий қаҳрамонон ҳам бе зан-модар ба рӯйи олам наомаданд ва василаи ба мартабаи қаҳрамонӣ расидан низ падару модар мебошанд» [89, с. 22].

Бисёр ҷанбаҳои осори пурғановати мутафаккир Носири Хусрав низ ба ин нукта бахшида шудаанд. Мутафаккир хизмат намудан ба падару модарро вазифаи асосии фарзандон маънидод мекунад ва панд медиҳад, ки набояд дар ҷавонӣ ба ҳусни зебову ғурурӣ ҷавонӣ ғарра шуд ва аз хизмати падару модар даст кашид. Падару модарро иззат намудану эҳтиром карданро мутафаккир талқин менамояд ва бахусус, таъкид мекунад, ки дар овони пирӣ ба падару модар аз пеш бояд беш хизмат намуд, зеро даврони пирӣ ҳар касро дар пеш аст ва чизеро, ки медаравӣ ҳосил ҳамон мегирӣ. Дар ин бора мутафаккир дар боби «Фи баёни сахо»-и «Саодатнома» овардааст:

Ба пирӣ хидмати модар, падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар ба дар кун.
Мазан таъна бар эшон аз дили сер,
Ки гар ёбӣ замон, гардӣ ту ҳам пир
Ки парвардаст модар дар канорат,
Падар буд солҳо тимордорат.
Биҷӯ дилшон ба хулқу хубрӯӣ,
Ки ин аст, эй бародар, некхӯӣ [361, с. 558].

Вижагии дигари тарбияи фарзанд, ки дар этнопедагогика мақоми махсус дошт, ба фарзанд ёд додани некиву некукорӣ буд. Ниёгони тоҷик саховатманду некукор буданд ва фарзандони хешро низ дар ин равия тарбия менамуданд ва нахуст фарзандони болиғ ба падару модар некӣ мекарданду кӯшиш бар он мекарданд, ки қадре ҳам бошад, ҷавоби хизматҳои онҳоро гардонда бошанд. Падару модар талош меварзиданд, то ки фарзандонашон

некиродаву саховатпеша бошанд. Ба падару модар, ниёзмандон, шахсони барҷомондаву пир ва дигарон дасти мадад ва саховат дароз намоянд ва ба мақсади хеш расидан тавонистанд.

Дар рафти таҳқиқот (соли 2018) бо иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Хушолбеков Хусравбек (тав. 1925, н. Роштқалъа, дорандаи ордени «Ҷанги Бузурги Ватанӣ» дараҷаи 1.) мулоқот доир намудем ва яке аз саволҳо чунин буд: «Саховатмандиву накукории мардуми тоҷикро чӣ тавр маънидод мекунед ва он дар тарбияи насли наврас чӣ нақш дорад?». Ин марди таҷрибаи рӯзгордида ба савол чунин посух дод: «Мардуми сарбаланди тоҷик дар саховат ва некӣ ҳамто надоранд. Ман даврaҳои зиёди зиндагӣ: даврaи пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, даврaи ҷанг, баъд аз ҶБВ, даврaи шукуфоии Шуравӣ, пошхурии он, солҳои 90-уми асри гузашта сар задани бесарусомониҳо дар кишвар ва даврони истиқлоли давлатиро аз сар гузаронидам. Дар ҳеҷ давру замон халқи тоҷик аз некӣ кардан даст кутоҳ накарданд. Дар замони дороиву бенавоӣ яксон некӣ мекарданд. Бурдаи нонро бе ҳамдигар намехӯрданд ва ин оини некро ба фарзандони худ интиқол дода тавонистанд, фарзандонро дар ин руҳия тарбия намуданд. Дар даврaи ҷанг боз ҳам мардуми тоҷик дӯсту тифоқ шуда, ба ҳамдигар беш аз пеш некӣ мекарданд. Рӯз меҳнат мекарданд ва бегоҳӣ дар як хона ҷамъ шуда ними нонро бе ҳам тановул намекарданд. Дар ҳамкорӣ ба давлати худ ба фронт мувофиқи имкони худ маводди хӯрока, либосу пойафзол ва амсоли инҳо ёрдам мекарданд.

Анъанаи неки мардуми тоҷик ин буд, ки ҳеҷ гадову ниёзманд аз хонаи онҳо ноумед намебаромад. Фарзандони болиғ маводди хӯрокаи бадастомадаро ба падару модар дода, ба мардуми диёр низ дасти сахо дароз мекарданд. Ин анъана дар даврaи зиндагии мо низ аз байн нарафт ва умед дорам, ки шумо низ ин суннатро зинда нигоҳ медоред, тақвият бахшида ба наслҳои оянда интиқол менамоед. Бояд қайд намоям, ки ҳамаи ин аз шинохти қадри падару модар ва тарбияи неки онҳо сарчашма мегирад» [403]. Ин суханонро Шодавлатов Ғуломиддин - собиқадори меҳнат, собиқ сокини Бохтари вилояти Хатлон, ки дар мақомотҳои давлатии вилояти Хатлон, Суғд

ва Бадахшон фаъолият намудааст (тав.1916, дорандаи Ордени Ленин), Сафаров Некқадам (тав. 25.03.1920 омӯзгор, собиқ директори мактаби миёнаи №82, н. Роштқалъа), Тиллоев Булбулхон (тав.1930, омӯзгор, собиқ директори мактаби миёнаи №74, н. Роштқалъа), Доробов Муборакқадам (тав.1922), Лаълбекова Назарбахт (тав.1921, ҳамсари иштирокчии ҶБВ Хушолбеков Хисравбек), Бахтовархонова Зиёдабегим (нафақахӯр, соли тав. 1936, сокини н. Шоҳмансури ш. Душанбе) ва дигарон низ дар рафти мулоқот тасдиқ намуданд. Шахсони муътабари номбурда дар рафти суҳбат қайд намуданд, ки аввалан некӣ кардан ба падару модар ва дар умум некӣ кардан ба кулли мардум анъанаи неки мардуми тоҷик аст. Мамутхонова С. роҷеъ ба ин масъала қайд намуд: «Дар хурдӣ падару модар моро панд доданд, ки ризқу рӯзиатонро ба 3 қисмат тақсим кунед: қисми аввал ҳаққи модару падар, қисми 2-юмро ба ниёзмандон дода, қисмати 3-юмро барои худ ва фарзандони худ сарф кунед. Моро чунин тарбия намуданд ва дар партави ин насиҳатҳо амал намудем» [403].

Ин ақидаҳо дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомада сарчашмаи пайдоиши худро дошта, дар ҳаёти мардуми тоҷик ҷойгоҳи махсус доранд ва ин афкор дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI низ мақоми асосӣ дорад. Масалан О.Ҳ. Қосимова, Н.Б. Зуҳуров дар мақолаи худ овардаанд: «Ҷолиб аст, ки Фирдавсӣ дар айёми ҷашн ҳаққи бештари армуғону табрикоти наврӯзӣ доштани хешовандону пайвандонро бавижа таъкид месозад, ки ин ҳикмату одат имрӯз ба шакли аёдати падару модару аҳли байту ҳамсоягон, хусусан онҳое, ки бемору бистарӣ ҳастанд, байни мардум барпо мебошад:

Дигар ҳар чи будаш, ба дарвеш дод,
Бад-он к-ӯ варо хеш буд, беш дод» [63, с. 118].

Эҳтироми падару модар, некӣ кардан ба онҳо, дасти мадад дароз намудан ба бечорагону дармондагон хоси тамоми табақаҳои ҷомеаи тоҷикон буд ва то кунун нақши худро аз даст надодааст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» лаҳзаҳои зиёдро аз некӣ ва некукорӣ намудани табақаҳои гуногуни ҷомеа новобаста аз сатҳи зиндагӣ, мансаб ва ғайра ба падару модар ва кулли

мардум баён доштааст. Масалан, Фирдавсӣ саховатмандиву раҳиятпарварии шоҳони замони хеш, ҳукмронони давлати Сомониён ба кулли мардум, парастандагони хеш – падару модар ва амсоли инро тасвир намуда, ба анъанаи қадима будани он низ ишора мекунад:

Баровард ганҷе – дирам сад ҳазор,
Зи ганҷе, ки буд аз падар ёдгор.
Сеяк он дирамро ба дарвеш дод,
Парастандагонро дирам беш дод.
Ва дигар сеяк пеши оташкада,
Ҳамон меҳри Наврӯзу ҷашни Сада [348, с. 170].

Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки фарзандро назди падару модар вазифа аст, то аз онҳо муроқибат намояд, ба онҳо некӣ кунад, дар шодиву ғами зиндагӣ ба онҳо шарик бошад.

Мутафаккири асри XI У. Кайковус дар китоби машҳури хеш «Қобуснома» ба фарзанди худ чунин насиҳат кардааст: «... ҳаққи модару падар агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хираду мардумӣ бингар, ки падару модар манбати некиву асли парвариши нафси туанд. Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир (гунаҳкор) бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои ҳеҷ некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам қадр надонад [197, с. 26].

Аз суҳбат бо куҳансолон, мутолиаи осори мутафаккирони асрҳои XI-XI ва дигар сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва таърихӣ равшан гардид, ки ниёгони тоҷик дар тарбия ва таълими фарзанд, бахусус шинохти ҳаққи падару модар нақши хирадро асосӣ дониста, барои ташаккули хиради хеш саъю талош варзида, фарзандонро низ ба рушди хирад даъват менамуданд. Ба такмили дониш ва маҳорати фарзандон диққати асосӣ медоданд. Барои кӯдакон афсона, ҳикояву ривоятҳои тарбиявиро нақл мекарданд ва афсонагӯӣ дар оилаҳои мардуми тоҷик то охирҳои асри XX давом дошт. Ба наврасону ҷавонон бошад панду ҳикмат ва андарзҳоро нақл мекарданд, онҳоро ба хондани китобҳои бадеӣ, нақли мазмуни ин китобҳо ҷалб мекарданд.

Саидиброимова Асмопарӣ, сокини деҳаи Сумҷеви ноҳияи Роштқалъа (соли таваллудаш 1936) зимни гузаронидани суҳбати таҳқиқотӣ иброз дошт: «Дар оилае, ки мо зиндагӣ мекардем оилаи тавоно буд ва ба чизе ниёз надошт. Аҳли оилаи мо ҳама зиёӣ, донишманду оқил буданд, дар молу мулкашон низ камӣ набуд. Сардори оила мо шоир, маорифчӣ, омӯзгори аввалини ВМКБ Охон Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода моро панд медоданд, ки фарзандонатонро соҳиби хатту савод ва илму дониш кунед. Онҳоро дар руҳияи шинохти қадри падару модар тарбият кунед. Ба тавоноии хеш мағрур набошед, зеро тавоноӣ бебақо аст, вале дониш безавол. Ин суханони Охон дар қалби мо нақши абадӣ баста, мо дар рӯзгори хеш дар амалӣ намудани ин панду насиҳатҳо саъю талош варзида, шоҳиди ҳол гаштем, ки фарзандони мо аз тариқи истифодаи дурусти хирад, донишу тавоноӣ ба давлат расиданд, на аз мероси молии мо» [401]. Ин ақидаҳои тарбиявӣ - ахлоқӣ имрӯз низ дар оилаҳои мардуми тоҷик дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи шинохти ҳаққи падару модар ва ҷанбаҳои дигари ахлоқӣ ҷойгоҳи махсус доранд ва хушбахтона ин анъана аз тарафи оилаҳои муосир низ идома дорад. Назари Унсурулмаолии Кайковус оид ба ин ақида чунин аст: «Ва агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун, то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар бошад ва ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард» [197, с. 26].

Дар боло қайд гардид, ки мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс одамро ашрафи махлуқоти рӯйи олам медонанд, зеро ӯ соҳиби хирад ва ақлу дониш аст, ки ӯро соҳиби чунин мартаба гардондааст. Ин шарофатро набояд аз даст дод. Ва Носири Хусрав низ ба қавли У. Кайковус ҳамақида аст, ки тавоноӣ ба илму маърифат аст, на ба молу зар. Пас ба хирад тавонгар будан муҳимтар будааст. Барои тақвият бахшидани ин мартаба омӯхтани илму дониш ва истифодаи ақл муҳим аст. Носири Хусрав фарзанди хешро насиҳат мекунад:

Гар сутурӣ куниву илм наомӯзӣ,
Бар ту товон бувад ин умр, бале, товон!

Гар туро ҳиммат бар хобу хӯр афтодаст,

Гар-ш гӯям, ки сутурӣ, набувад бӯҳтон [363, с. 608].

Омӯхтани дониш ва тавассути он ба мартабаи доноиву тавоноӣ расиданро ҳамаи мутафаккирони асрҳои X-XI тарафдоранд, зеро донишмандӣ, тавоноӣ, доноӣ василаҳои асосӣ барои ташаккули хирад ва сирати миллӣ мебошанд. Дар ин замина байти Фирдавсиро барои асоснок кардани ин ақида овардан бамаврид аст:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,

Зи дониш дили пир барно бувад [346, с. 207].

Фирдавсӣ инчунин барои расидан ба мартабаи одамият, омӯхтани илму дониш ва дур будан аз ҷаҳолатро талқин мекунад. Ба қавли ин мутафаккир панд гирифтан аз донишмандону бузургон, ба дигарон расонидани он ва мавриди амал қарор додани панду насиҳатҳо муҳим аст:

Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,

Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй.

Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,

Аз омӯхтан як замон нағнавӣ» [346, с. 22].

Абушакури Балхӣ донишро мояи асосии ҷаҳондониву ҷаҳондарккунӣ ва ободии ҷаҳон медонад. Ба қавли ин мутафаккир насли наврасро дар ин руҳия тарбия намудан шарт ва зарур аст, ба дониш одам ба риштану бофтани дунё қодир аст, яъне инсон метавонад ҷаҳонро бо доноӣ оқилона мавриди истифодаи хеш қарор диҳаду онро ба манфиати мардум ба кор барад:

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,

Ба дониш тавон риштану бофтан [212, с. 227].

Ва дар ҷойи дигар мегӯяд:

Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,

Чу доно шавӣ зуд воло шавӣ [212, с. 227].

Дар асоси ақидаҳои ин мутафаккирон донишомӯзӣ, дононӣ, тавоноӣ дар тарбияи фарзанд ва ҳамзамон, шинохти ҳаққи падару модар ва ташаккул додани хирад ҳачун падидаи сирати миллӣ дорои аҳаммияти хос аст.

Таҷрибаи ҳаёт беҳтарин дарси ибрат аст. Дар зиндагӣ инсоният некиву бадиро бо чашми худ мебинад, мешунавад ва аз он дарси ибрат мегирад. Ба қавли бузургон «Ҳар киштеро ҳосиле аст ва ҳар амалро подош» [400]. Ва агар ин масалро вобаста ба муносибат нисбат ба падару модар таҳлил кунем, ба он ақида ҳамфикр мешавем, ки аз фарзандони худ дар пирӣ онро интизор бояд шуд, ки нисбат ба падару модари худ раво доштӣ ва амал мекардӣ.

Таҳқиқи ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва таҷрибаҳои этнопедагогика собит намуд, ки рафтори хуби падару модар ба фарзанд ва фарзанд нисбат ба падару модар боиси он мегардид, ки тарафайн ҳамдигарро эҳтирому дастгирӣ намуда, дар хурдӣ падару модар аз фарзанд ва дар куҳансоливу даврони пирӣ фарзандон аз падару модар муроқибат мекарданд. Ҳеҷ кас аз фарзанди худ озор ё гила намекард ва ин анъанаи нек то замони мо мақоми худро аз даст надодааст, ба қавли У. Кайковус: «.... бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд. Зеро он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падар дорӣ» [197, с. 28].

Панду андарзҳои бузургонро восита кардану фарзанди худро тарбия намудан натиҷаи дилхоҳро ба бор меовард. Фарзандон тавре дар оилаи гузаштагон тарбия мегирифтанд, ки сухани падару модар барои онҳо ҳам фармон буду ҳам қонун. Тавре Ауалӣ ибни Сино мефармояд: «…Гуфтам: «Аз фармонҳо кадом фармонро хор набояд дошт?» Гуфт: «Се: аввал фармони Худои азза ва ҷалла; дувум - фармони оқилон; сеюм-фармони падару модар» [182, с. 85].

Ситоиши падару модар, ба қадри онҳо расидан, пайравӣ намудан аз рафтори неки онҳо ва тайёр будан ба гирифтани эстафетаи падариву модарӣ на танҳо дар осори шоирони асрҳои X-XI, балки дар фаъолияти эҷодии шоирону донишмандони асрҳои баъдӣ ва муосирон равшан ба назар мерасад. Масалан, шоири машҳури асри XIV Абдураҳмони Ҷомӣ «тоҷи шараф»-ро «гарде аз роҳи модарон» [123, с.119] унвон мекунад, василаи ба мартабаи

қаҳрамонӣ расидани фарзандро низ масъули тарбия ва ранҷу заҳмати падару модар медонад.

Шинохти қадри падару модар, расидан ба қадри онҳо, пайравӣ аз рафтору суханони модар моро ба масири ватандӯстиву ватандорӣ ва таъмини суботи ҷомеа раҳнамун месозад. Донишманди машҳур Жан Жак Русо гуфтааст: «Агар тамоми неъмати дунё аз байн биравад, ба шарте, ки зан дар саҳнаи ҳаёт вуҷуд дошта бошад, зиндагӣ боз ҳам қобили таҳаммул аст» [296, с. 104]. Модар нафарест, ки зиндагӣ мебахшад ва дар набарди ҷовидонии ҳаёту марг зиндагиро зинда нигоҳ медорад, файзу баракати зиндагӣ аз ӯ вобастагии куллӣ дорад. Баракати зан-модар аст, ки мақоми зан дар оила ва ҷомеаи тоҷикон ҳамеша баланд буд ва баланд хоҳад монд, зеро иффату зебоӣ, фурӯтаниву маърифатнокӣ хоси зан буда ба зиндагии мард ва фарзандон илҳому умед ба ояндаи нек мебахшад. Боиси ифтихор аст, ки бо шарофати Пешвои миллат ва истиқлоли давлатии Тоҷикистон мақоми зан дар Тоҷикистон боз ҳам баландтар гардида, зан-модар дар оилаи тоҷик эҳтиромро беш аз пеш касб кард. Насли наврасро зарур аст, ки аз иқдоми Сарвари мамлакат ибрат гирифта, дар эҳтироми падару модар камар барбандад ва ин анъанаи неки ниёгонро ҳифз намоянд.

Вижагии дигари шинохти ҳаққи падару модар ин аст, ки онҳо низ дар назди фарзанд, тарбияи ӯ дар масири рост, хушахлоқу донишманд ба камол расонидани ӯ ва дар маҷмуъ, дар хушахлоқ гардидану омода намудани фарзанд ба ҳаёти мустақил вазифадоранд. Зеро ба шинохти ҳаққи падару модар расидани фарзанд аз тарбияи ӯ дар оила сахт вобастагӣ дошта, ин равобит ногусастанист. Аз як тараф рафтори бечойи фарзанд набояд боиси ранҷидани падару модар аз ӯ гардад, балки бояд аз худ ранҷид, ки чунин фарзандро тарбия намудааст. Аз тарафи дигар кори неку номи неки фарзанд боиси сарфарозии падару модар аст, зеро падару модар ба ифтихор метавонанд қайд намоянд, ки ин самараи тарбияи онҳост. Пас нақши падару модар дар тарбияи фарзанд асосист.

Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2-юми августи соли 2011, №762 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20.06.2024 №2049 такони чиддӣ дар таълиму тарбияи фарзанд мебошад ва ин қонунҳо вазифаҳои падару модарро дар назди фарзанд мушаххасан баён менамоянд. Қабул шудани чунин қонунҳо ғамхории давлатро нисбат ба халқу миллат нишон медиҳад ва он танзимкунандаи таълиму тарбияи насли наврас аз тарафи падару модар, омӯзгор ва ҳар як аъзои ҷомеа мебошад.

Маълум аст, ки калимаҳои «масъулият», «масъулиятшинос», «бомасъул» калимаҳои зидмаъноро низ доранд, ки аз вожаҳои «бемасъул», «масъулиятношинос» иборат аст. Таҷрибаҳои ҳаррӯзаи ҳаёт нишон медиҳанд, ки дар таълиму тарбияи фарзанд ҳам падару модари бомасъулро дучор меоем ва ҳам баръакс. Маҳз қонуни мазкур вазифаи падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд танзим мекунад ва вазифаҳои онҳоро ба таври конкретӣ баён мекунад ва иҷрои онро низ талаб дорад, то ки танҳо масъулиятшиносӣ таъмин гардад ва ин ғамхории давлатро нисбат ба халқу миллат нишон медиҳад. Бояд қайд кард, ки дар партави чунин ғамхориҳо падару модар низ вазифадоранд, ки фарзандони хешро дар чаҳорчӯбаи ахлоқи инсонӣ тарбия кунанд ва худ намунаи ибрат барои фарзандони хеш ва аҳли ҷомеа бошанд.

Тавре дар боло қайд гардид, ин мавзуъ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва этнопедагогика низ нақши муҳим дорад. Дар тақвият бахшидани ақидаҳои фавқ низ афкори мутафаккирони асрҳои X-XI фикрҳои моро асоснок менамояд. Масалан, Фирдавсӣ менигорад, ки ҳурмату эҳтиром намудани падару модар муҳим аст, аммо набояд ин чиз яктарафа бошад, падару модар низ дар навбати худ вазифадоранд, ки нисбат ба фарзандони хеш меҳрубон бошанд ва дар оилаи мардуми тоҷик ин рафтор пурра назаррас буд:

Чу фармонпазиранда бошад писар,

Навозанда бояд, ки бошад падар [347, с. 68].

Кисоии Марвазӣ низ дар ин масъала ба ақидаи Фирдавсӣ «Навозанда бояд, ки бошад падар» [347, с. 68]. ҳамфикр аст, яъне меҳру шавқат, эҳтироми тарафайн замоне таъмин мегардад, ки падару модар ва фарзандон ҳамфикру ҳаммаром буда, фарзандон дар муносибати нек ба падару модар ва падару модар дар анҷом додани муносибати шоиста ба фарзандон собитқадам бошанд ва ин дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ саҳми арзанда мегузорад.

Мутафаккири асри XI Абуалӣ Масквиё Розӣ китоби «Таҳорат-ул-Ироқ фи таҳзиб-ул-ахлоқ»-ро пурра ба тарбияи ахлоқӣ бахшида, ба вазифаи падар дар назди фарзанд низ ишораҳо кардааст. Ин нуктаро Х. Афзалов ва Б. Раҳимов низ дар китоби «Таърихи педагогикаи халқи тоҷик» тасдиқ менамоянд. Дар асоси таҳқиқоти ин муҳаққиқон Абуалӣ Масквиё Розӣ оид ба вазифаи падар дар назди фарзанд ақидаҳои ҷолибро баён намудааст, ки намунаи он чунин аст: «Падар бояд ба писар пайваста ахлоқу одоби нек ва накукорӣ омӯзонад. Ӯро аз пурхӯрӣ, лаззатҳои бемаънии зиндагӣ, ранг ба ранг либоспӯшӣ нигоҳ дорад ва аз шахсони беадабу фосиқ дурияш ҷӯяд, ба ӯ фурӯтанӣ, ахлоқи нек, рафтору гуфтори нек, қаноатмандӣ, инсондӯстӣ ва дигар сифатҳои неки инсонӣ ва сипас адабиётро биомӯзад» 137, с. 47].

Асари тарбиявӣ-ахлоқии Унсурулмаолии Кайковус «Қобуснома» низ саросар ба мавзуи насиҳати фарзанд бахшида шудааст ва исботи ин ақидаҳои мост. Бахусус, дар боби бисту ҳафтуми ин китоб «Адар фарзанд парвардан ва оини он» мутафаккир овардааст: «Ва ҳаққи фарзанд омӯхтан дон аз фарҳангу дониш. Ва агар фарзанде бад бувад, ту бар-он манигар, ҳаққи падарӣ ба ҷой овар, андар омӯхтани адаби вай тақсир макун. Ҳарчанд ки агар ҳеҷ мояи хирад надорад, агар ту адаб омӯзӣ ва агар наёмӯзӣ, рӯзгораш биёмӯзад» [197, с. 105]. Мафҳуми «рӯзгораш биомӯзад»- ро У. Кайковус ба якчанд маънӣ кор фармудааст. Аввал шояд мақсади шоир он низ бошад, ки агар падар ба писар адаб наомӯзад, дар тарбияи ахлоқии ӯ кӯшиш накунад ӯ аз таҷрибаи рӯзгор худ адаб мегирад, шояд «адаб аз беадабон омӯзад». Аммо ташвишовар ин

аст, ки муҳити иҳотакардаи ӯ чигуна аст, аз рафтори чигуна шахс ё «омӯзгор» пайравӣ мекунад. Аз эҳтимол дур нест, ки муҳити атрофаш носолим бошаду зиндагӣ ӯро ба вартаи нобасомониҳо гирифтор мекунад ва дигар аз он худро дар канор гирифтан наметавонад. Пас роҳи асосие, ки боиси тарбияи хуби ахлоқии фарзанд мегардад, ин саъю талоши падару модар аст.

Таҳқиқотҳои анҷомдодашуда собит намуданд, ки Носири Хусрав бо вуҷуди донишманд, мутафаккир буданаш дар одобу ахлоқ намунаи ибрати фарзандон ва тамоми мардумони замони хеш буд. Ӯ ба қавли У. Кайковус ҳаққи падариро ба ҷо оварда, фарзандонро дар руҳияи ахлоқи нек тарбия намудааст. Ақидаҳои дар мақолаи «Панди падар – хирмани зар»-и муҳаққиқон Назриев Ҷ., Девонақулов А. исботи фикри болои мо мебошанд: «Мутафаккир (Носири Хусрав – С.Ш.О.) бар чӣ гуна шакл гирифтани ҳаёти писар ба ҷиддияти том назар меафканад. Вай намехоҳад, ки авлодаш тӯшаи ҳаждаҳои ҳастӣ бишавад. Ӯ фарзандро хирадманд, зирак, нек, кешдор дидан мехоҳад. Бинобар ин писарро водор мекунад, ки баҳри пай задани пайроҳаи пурпечутоби зиндагӣ тачрибаи падарро пеши назар оварда, бо ақлу фаросати ирсиаш оламро саропо бемамониат сайругашт бинамояд» [260, с. 209].

Рӯзгор чизи қиматтарин барои инсон аст, ки он ба ҳар кас як бор дода мешавад ва бебозгашт аст. Пас умре, ки ба инсон дода мешавад, он бояд мақсаднок ба сар бурда шавад. Тавре бояд ҳаётро ба сар бурд, ки фарзандони солеҳву хушахлоқ ба воя расанд ва падару модар аз он ифтихор дошта бошанд, ки барои ҷомеа фарзандони хушахлоқро тайёр намудан тавонистанд. Падару модарро лозим ва муҳим аст, ки вазифаи хешро низ дар тарбияи фарзанд адо кунанд ва дар ин самт онҳоро лозим аст, ки ба масъалаҳои зиёд дидаққати ҷиддӣ равона намоянд.

Олимон, равоншиносон исбот намудаанд, ки аз рӯзҳои аввали дар раҳми модар омадан, кӯдак аллакай ба тарбия, меҳру шавқат ва навозиши падару модар ниёз дорд ва падару модарро лозим аст, ки ин меҳру шавқат ва дилбастагиро ба ӯ нишон дода тавонанд. Бо ба олами ҳастӣ по ниҳодани

кӯдак тарбияи намудани ӯ масъулияти баланд ва маҳорати навинро тақозо дорад. Аммо муаммои асосие, ки имрӯз боиси косташавии тарбияи наврас мегардад, камбудии вақти падару модар аст. Падару модар барои тамоми корҳо вақт ҷудо намуда, зиёда аз 90%-и вақти онҳо барои анҷом додани корҳои рӯзгор, тиҷорат, кишоварзӣ, чорводорӣ, муҳофизат, мардикорӣ ва амсоли инҳо сарф мешавад ва барои тарбияи фарзанд вақт ҷудо намекунанд.

Мавқеи оила дар тарбияи фарзанд аз ҳама асосӣ аст. Институти оила дар таълиму тарбияи фарзанд нақши асоӣ дорад ва он бояд комилу пурра бошад, аммо ба қавли Г.Н. Волков, «Оилаҳои нопурра, заиф шудани институти табии модар ба меъёрҳои иҷтимоӣ мубаддал гардидааст. Агар оилаҳо нопурра бошанд, падар ва модар ҷудо бошанд ин на фақат бар зарари онҳо ва фарзандони онҳост, балки он хавфи мудҳиштарин барои ҷомеа, халқу миллат аст» [162, с. 143]. Аз ҷумла, ба таври ғайрирасмӣ ба воя расидани кӯдакон, афзудани теъдоди фарзандони партофташуда, ба воя расидани кӯдакон берун аз оила, кӯдакони кӯча ва ғайра омилҳое мебошанд, ки ба арзишҳои миллӣ, ташаккули сирати миллӣ ва дар маҷмуъ ба пешрафти ҷомеаи солим таъсирӣ манфӣ мерасонанд.

Тағйирот дар вазифаҳои иҷтимоии оила, бисёрникоҳии мардон ва коста шудани муҳаббат байни зану шавҳар, пайдо шудани сарварии шарикӣ, натавонистани таъмини муносибати нек байни занони хеш дар оила, дар ин замина афзудани кину кибр ва пайдо шудани мушкилиҳои ҷиддии иқтисодӣ ва маънавӣ дар оила боиси коста гардидани ахлоқи фарзандон мегардад, ки дар урфият чунин ҳолро «зиндагӣ сӯхт» мегӯянд.

Ҳатто дар оилаҳои комил, ки падару модар бо фарзандонашон ҳаёт ба сар мебаранд, низ дар таълиму тарбияи фарзанд мушкилиҳои зиёд назаррасанд. Масалан, аксарияти падарон нисбати тарбияи фарзанд бепарво буда, инро вазифаи асосии модар мешуморанд. Бархе, ҷудоандозӣ мекунанд, ки тарбияи духтар ба уҳдаи модар ва писар ба зиммаи падар аст. Қисме аз падарон дар тарбияи фарзанди дорои маҳдудият ҳиссагузорӣ намекунанд ва модари кӯдакро барои таваллуд кардани чунин фарзанд айбдор мекунанд.

Ҳамаи ин мушкилиҳо садди роҳи тарбияи фарзанд дар руҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва арзишҳои миллӣ мегарданд.

Мушкилтар боз он аст, ки бекориву беҳудагардии ҷавонон, ки дар навбати хеш падар мебошанд, машғул будани онҳо ба айшу тараб ба тарбияи фарзанд таъсири калон мерасонад ва оқибати он нанговару аламовар мегардад. Масалан, К. Марвазӣ овардааст:

Биёмадам ба ҷаҳон то чӣ гӯяму чӣ кунам,
Суруд гӯяму шодӣ кунам ба неъмату мол.
Сутурвор бад-ин сон гузоштам ҳама умр,
Ки барда гаштаи фарзандаму асири аёл [275, с. 68].

Ба андешаи К. Марвазӣ ба ҷойи он ки падару модар фарзандро тарбия намоянд, аз ҳад зиёд ба ӯ дилбастагӣ намуда, ба худ мақоми барда ва ба фарзанд мақоми хоҷа (эркагии аз ҳад зиёд) медиҳанд ва фарзанд аз ин мақом суистифода намуда, аз назорат берун мегардад ва ин ҳам роҳи дурусти тарбия нест ва ба он оварда мерасонад, ки фарзанд арзишҳои миллиро нодида гирифта, ба роҳи ба худаш мувофиқ гом мегузорад. Вобаста ба ин падару модарро зарур аст, ки дар тарбияи фарзанд ҷиддӣ бошанд. Дилбастагии бемақсад ба фарзанд ва эрка калон кардани ӯ боис мегардад:

- фарзанди эрка, ба қавли Кисоии Марвазӣ, хоҷаву падару модар ғуломи ӯ мегарданд, мақоми падар ва тарбияи ӯ дар оила аз байн меравад ва инони амру супориш ба дасти фарзанди ноболиғ ё ҷавон дода мешавад;

- гапнодароии фарзанд, иҷро накардани супоришҳои падару модар, азхудрафтагӣ ва дигар хислатҳои ғайриахлоқӣ масъули чунин тарбияи тарбияткунандагон мебошанд;

- қафомонӣ аз дарс, пешрафти ғайриқаноатбахш доштан, омӯзгоронро гӯш накардани фарзанд ҳамарӯза назаррас мегардад;

- масраф кардани молу пул, ба бозиҳои мухталиф ҷалб гардидани фарзанд, ба гурӯҳҳои тундраву хатарнок гаравидани чунин фарзандон аз эҳтимол дур нест;

- ҷони хешро дар вартаи ҳалокат қарор додани чунин фарзандон аз амри воқеист;

- тарбияи нодурусти фарзанд барои ҷомеа хатарзо буда, боиси носолимии ҷомеа, халалдор гардидани зиндагии мардум, сулҳу субот ва иттиҳоду ҳамдилӣ мегардад.

Дар замони кунунӣ бисёр ҷавонон ба айшу тараби зиндагӣ дил баста, бо истифода аз маводди мухаддир тамоми рӯзу моҳ ва сол дар ҳолати мадҳушиву сархушӣ қарор доранд. Ин рафтори номатлуб имкон намедиҳад, ки онҳо ба таълиму тарбияи фарзанд машғул шаванд ва баръакс онҳо худ низ ба тарбия ниёз доранд ва гумони ғолиб он аст, ки шояд аз тарбияткунандагони хеш инро ба мерос гирифта бошанд. Ба қавли Кисоии Марвазӣ оқибати ин ҳама пушаймонист, вале аз пушаймонӣ суде нест, зеро ҳаёт ба қафо бозгашт надорад:

Дареғи фарри ҷавонӣ, дареғи умри латиф,
Дареғи сурати неку, дареғи ҳусну ҷамол.
Куҷо шуд он ҳама хубӣ, куҷо шуд он ҳама ишқ?
Куҷо шуд он ҳама неру, куҷо шуд он ҳама ҳол? [275, с. 68].

Аксаран роҳгум задани ҷавонон боиси пош хӯрдани оилаҳои ҷавони онҳо гардида, фарзандони бегуноҳ аз хатоии падару модар дучори ҷудоӣ ва ҳичрон гардида, яктарафа тарбия меёбанд ва роҳи дурусти худро дар зиндагӣ муайян кардан наметавонанд. Ва аз эътимол дур нест, ки дар чунин вазъият фарзандон на танҳо тарбияи яктарафа мегиранд, балки аз он низ маҳрум мегарданд. Масалан: «Падар дар ҳолати айшу тараб аз оила ҷудо мешавад, модари фарзандон аз ӯ ҷудо шуда, бо каси дигар хонадор мешавад ва ин ҳолати вазъияти фарзандонро боз ҳам ногувортар месозад. Фарзандон дар пеши хешу табори наздик ё дур, ё пайвандону дӯстон ба воя мерасанд, комилан аз тарбияи падару модар берун мемонанд ва худи оилаҳои ҷавони ҷудошуда низ ба мушкилӣ рӯбарӯ мешаванд» [112, с. 21]. Одатан рафтори ҷавонони аз оила ҷудошуда рӯ ба беҳбудӣ наниҳода, балки бадтар мешавад.

Онҳо ба оворагардиву шабгардӣ даст зада, ба анҷом додани ҳар гуна амалҳои бечо қодиранд, ба қавли донишманди тоҷики асрҳои X-XI Маъруфии Балхӣ:

Ҳар чи бигӯям, зи ман нигар, ки нигарӣ,
Ақл ҷудо шуд зи ман, ки ёр ҷудо шуд [140, с. 198].

Аз як тараф ин байт ба маънои ишқу муҳаббат кор фармуда шуда, аз ҷудогии маъшуқа аз даст рафтани ақли ошиқро нишон медиҳад, вале аз тарафи дигар мазмуни ҷудо шудани оилаҳо ва бо ин сабаб гум кардани роҳро дар зиндагӣ инъикос мекунад. Пош хӯрдани оилаҳоро дар этнопедагогика «хонавайронӣ», «хонавайрон», «хонавайроншуда», «бехона» меномиданд, ки сухани ҳақ аст. Ин мафҳумҳо дар педагогикаи расмӣ низ ба чунин маънӣ истифода мешаванд. Зеро оила пойдевори асосии хонадон ва ҷомеа мебошад ва вайроншавии оилаҳо вайрон шудани хонаву ҷомеа ва кишвар аст.

Дар робита бо ин мушкилӣ падару модар масъуланд, ки ба чунин хато роҳ надиҳанд ва агар аллакай дучори чунин аҳвол гардида бошанд, дар ислоҳи мусолиҳатомези ӯ кӯшиш намуда, роҳи дурусти баромадан аз чунин вазъиятро ёфта, бояд ҷудошавиро пешгирӣ намоянд. Ҷудо шудани оилаҳо ва партофтани фарзандон барои сирати миллӣ ва андешаҳои миллии мардуми тоҷик падидаи бегона буда, онро набояд дар маданият ва фарҳанги мо ҷо дод, зеро он омили даҳшатовари косташавии ахлоқи насли наврас ва хароб шудани ҷомеа мегардад.

Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз оғози ҳаёт дар рӯйи замин то ба имрӯз ба маърифатнокшавии зан-модар аҳаммияти хоса дошта, кӯшидааст, ки занон дар ҷомеа пешоҳанг бошанд, зеро онҳо модарони ояндаву тарбиятгари насли наврас мебошанд ва ин омили дигари тарбия ва ташаккули сирати миллӣ мебошад. Занону модарони тоҷик на танҳо имрӯз, балки дар замонҳои пеш низ пешқадаму фаъол буданд ва ин анъана бояд нигоҳ ва тақвият дода шавад. Масалан, Р. Муқимов, А. Раҷабов овардаанд: «Дар ташаккули жанр, навҳои ҳунарҳои намоишии асрҳои X-XI нақши занон муассир буда, маҳорати эҷодию иҷроии бонувони раққоса, сароянда, рақсу

сюитаҳои таркибаи мураккаби саҳнавиро ба маҳорати хоса ба субот мерасониданд» [241, с. 235[.

Аз ин ҷо бармеояд, ки падару модарро муҳим ва лозим аст, ки ба тарбияи духтарон таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намоянд, аз хурдсолӣ онҳоро ба омӯзиши илму дониш ҷалб намоянд, роҳҳои дурусти зиндагиро ба онҳо нишон диҳанд, дар ташаккули ҷаҳонбини онҳо саҳм гузоранд ва натиҷаҳои дилхоҳро дар ин самт ба даст оранд. Чун духтар соҳиби чунин тарбия мегардад, ӯ дар миёни мардум соҳибэҳтирому соҳибтамиз мегардад. Чунин духтар бо хонадор шудану ба мартаби модарӣ расидан қодир аст, ки фарзанди солеҳро ба дунё оварда, вақти пурқимати хешро барои тарбияи ӯ сарф кунад. Дар ин бора мутаваҷҷеҳ мешавем ба нуктае аз боби бисту шашуми «Қобуснома»,»Андар зан хостан», ки У. Кайковус фарзанди хешро насиҳат кардааст: «Зан аз хонадони салоҳ бояд хост ва бояд ки бидонӣ, ки духтари кӣ бувад, ки зан аз баҳри кадбонуии хона хоҳанд, на аз баҳри таматтуъ…

Ва бояд ки зан тамому расида ва оқила бошад ва кадбонуии модару падари худ дида бошад. Агар чунин зане ёбӣ, дар хостани вай тақсир макун ва ҷаҳд кун то вайро бихоҳӣ ва бикӯш, то вайро ғайрат (рашк) нанамоӣ» [197, с. 102].

Ин нуктаҳо дар осори Сино низ мақом доранд ва мутафаккир ба тарбияти баланд доштани зан – модар ишораҳои зиёд кардааст. Аз ҷумла: «Зани шоиставу неку шарики мард аст дар мулкаш ва қойими ӯст дар молаш ва ҷонишини вай аст дар хонааш ва амини вай аст дар парваришу тарбияти фарзандонаш» [311, с. 44]. Мутафаккир дар рисолаи «Тадбири манзил» ба зан-модар ҳабдаҳ сифатро нисбат медиҳад. Ба қавли Сино, барои он ки зан-модар мартабаҳои болозикри модариро соҳиб гардад, муҳим аст, ки ҳабдаҳ сифатро дошта бошад, ки хирадманд, диндор, бошарм, зираку бофатонат, дӯстдору бомуҳаббат, забондароз, итоаткор, покдилу беғаш, аз гайбат дур, бовиқор, тадбирандеш, сарфакор, шукргузор будан аз ҷумлаи ин сифатҳост.

Чунин зан қодир аст, ки бо чунин хислатҳо некмардро хушбахту саодатманд гардонад ва фарзандони солеҳву итоаткорро тарбия ва ба камол расонад.

Ибни Сино дар баробари тавсифи ин хислатҳои нек дар рисолаи «Саломон ва Абсол» занони бевафо, сустирода, бадахлоқро сахт мазаммат намуда, қайд менамояд, ки чунин занон ба оила ба ҷойи хушбахтӣ бадбахтӣ меоранд ва дар тарбияи фарзанд муваффақ нахоҳанд шуд. Аз ин лиҳоз, мутафаккир занонро ба ахлоқи неку, мулоҳизакорӣ ва дурандешӣ даъват мекунад, то худ намунаи ибрати фарзандону аҳли ҷомеа бошанд ва фарзандони хушахлоқу қавиродаро тарбият намоянд.

Дар этнопедагогика ба тарбияи духтар таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир карда мешуд, Масалан, «Ба тарбияи духтар, ки ӯ дар оянда модару тарбияткунандаи насли замони хеш мегардад, дар этнопедагогика диққати асосӣ равона карда мешуд ва имрӯз ин анъана тақвият ёфта истодааст [37, с. 87] . Аз замонҳои хеле барвақт мардуми тоҷик кӯшиш мекарданд, ки духтарони онҳо соҳиби хату савод гарданд, дониш ва рафтори намунавӣ дошта бошанд, омодаи ҳаёти мустақил гардида, оилаҳои солимро барпо карда тавонанд. Сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва педагогӣ шаҳодат медиҳанд, ки халқи тоҷик ба ин мақсад расида тавонистанд. Дар ягон сарчашмаи таърихӣ таблиғ гардидани паси парда буданд ва ё фаранҷиву ҳиҷоб пӯшидани духтарону занон, аз таълиму омӯзиш дар канор будани онҳо аз тарафи мардони тоҷик инъикос наёфтааст ва ин хоси арзишҳои миллии мардуми тоҷик нест. Озодии занони тоҷик дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон, соҳиби таҳсилоти олӣ намудани онҳо анъанаи неки ниёгон аст ва ин анъанаро набояд аз даст дод ва баръакс онро тақвият бояд бахшид.

Дар зиндагӣ пешоҳанг будани модару падар ва маърифатнок будани онҳо имкон медиҳад, ки сатҳи маънавии оила баланд шуда, фарзандон дар руҳияи ахлоқи намунавӣ тарбия ёбанд. Фарзандони чунин падару модар соҳиби дониши баланд гардида, аз нозукиҳои оиладорӣ, одоби муошират, муносибат, хуллас аз маҷмуи талаботи моддиву маънавӣ огоҳӣ дошта, омодаи мустақилона пеш бурдани зиндагӣ мебошанд.

Омили дигари тарбияи мақсадноки фарзанд ва ба шинохти ҳаққи падару модар, ташаккули сирати миллӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ омода намудани ӯ, ин фароҳамсозӣ ва нигаҳдории шароити мусоид ва муносибати равонӣ (психиологӣ) барои ҳар як аъзои оила мебошад. Шароити мусоиди иҷтимоиву иқтисодӣ ва равонӣ имкон мебахшад, ки фарзандон дар шароити муътадили иҷтимоӣ ба воя расанд. Дар ин ҷо метавон ёдовар шуд, ки оилаҳои ниёгони тоҷик ба омӯзиши осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва мутафаккирони дигар, таҷрибаи педагогикаи мардумӣ ошноӣ ва дилбастагии комил дошта, дар тарбияи фарзанд аз он истифода мебурданд. Аксарияти оилаҳо китобхонаи шахсӣ дошта, осори мутафаккирони зикргардида, мутафаккирони асрҳои баъдӣ, китобҳои бадеӣ, нақлу ривоятҳо, афсонаҳои халқӣ ва дигар маводҳои илмиву адабиро ҷамъоварӣ намуда, ба мутолиаи китоб шавқу рағбати беандоза доштанд. Барои далели ин фикр метавон овард, таърих гувоҳ аст, ки то нимаи дуюми аввали асри XX дастрас намудани осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва дигар мутафаккирон, китобҳои бадеиву илмӣ дар Кӯҳистони Бадахшон бисёр мушкил буд. Шояд мавқеи ҷуғрофӣ низ ин гуфтаро омил бошад. Аммо ин мушкилӣ садди роҳи маърифатнокшавии мардум тоҷик намегардид. Китобат намудани осори мутафаккирони адабиёти классикии форсу тоҷик аз тарафи хаттотону донишмандони ВМКБ ба ҳукми анъана даромада буд. Дасхатҳои мутафаккир ва хаттот Шоҳзодамуҳаммад ибни Саидфаррухшоҳ, Қурбонмуҳаммадзода (Охон Сулаймон), шоир-олим, маорифчӣ, омӯзгори аввалини Бадахшон Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода, Мубораки Вахонӣ, Мирзо Мамадамони Рӯшонӣ (дар бархе аз дасхатҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ Мирзо Муҳаммадамони Рӯшонӣ навишта шудааст) ва дигарон, ки намунаи онҳо дар бойгонии муаллиф ва хешону наздикони ин мутафаккирон маҳфузанд, тақвияти фикри боло мебошанд. Мутафаккирон, донишмандон, хаттотони моҳири тоҷик, на танҳо асарҳои мутафаккирони форсу тоҷикро китобат менамуданд, балки худ низ ба корҳои таҳқиқотӣ, навиштани асарҳо, эҷоди шеър муштағил буданд. Асарҳои пуразиши Шоҳзодамуҳаммад ибни

Саидфаррухшоҳ ба монанди «Рисолаи Нуҷум», «Ҳаза нуҷуми Шоҳзодамуҳаммад ибни Саидфаррухшоҳ», «Ҷадвалҳои нуҷумӣ», «Таърихи Бадахшон»-и Қурбонмуҳаммадзода, Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода (дар ҳаммуаллифӣ), «Баёз»-и шеъру қасоиди Ш. Муҳаббатшоҳзода, «Толиб-ул-матлуб», «Девони куллиёт», «Девони ашъор»-и Мубораки Вахонӣ мулаққаб ба Суфӣ Муборакқадам, дастхатҳои Мулло Лочин, Саидҷаъфар, нуҷумшиносони моҳир Шоҳ Ҳусайн, Қозӣ Назокатшоҳ ва дигарон далели ин фикрҳоянд. Масалан, дар сарсухани китоби «Таърихи Бадахшон»-и Қурбонмуҳаммадзода (Охон Сулаймон) ва Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода (таҳияи матн, пешгуфтор ва тавзеҳот бо кӯшиши Давлат Ниёзбеков ва Ҳаким Дорғабеков, Душанбе - Хоруғ 2021), муҳаррир доктори илмҳои педагогӣ Қаландариён Ҳ.С. омадааст: «Дастхати «Таърихи Бадахшон»-и Қурбон Муҳаммадзода ва Муҳаббат Шоҳзода (Саид Шоҳфутур) яке аз сарчашмаҳои нодир дар омӯзиши таърихи сиёсӣ-иҷтимоии минтақаи Помири Ғарбӣ ба шумор меравад». Ё муҳаққиқони осори мутафаккир Шоҳзодамуҳаммад ибни Саидфаррухшоҳ У. Мамадшерзодшоев ва Ш. Шерзодшоев дар сарсухани китоби «Осори нуҷумӣ»-и Ш. Саидфаррухшоҳ (ҷилди 2, Душанбе, Паёми ошно, 2017) овардаанд: «Рисолаҳои Шоҳзодамуҳаммад ибни Саидфаррухшоҳ «Рисолаи Нуҷум», «Ҳаза нуҷуми Шоҳзодамуҳаммад ибни Саидфаррухшоҳ» ва «Ҷадвалҳои нуҷумӣ» фаъолияти ӯро дар соҳаи нуҷумшиносӣ дар бар гирифта, онҳо собит мекунанд, ки ӯ дар ин ҷодаи илм осори зиёде аз худ боқӣ гузоштааст».

Дар асоси ақидаҳо ва иқтибосҳои дар боло оварда метавон қайд намуд, ки халқи тоҷик дар гузашта низ мардуми китобдӯст, донишманд, хаттоти моҳир, нуҷумшинос ва шоир буданд. Донишмандон на танҳо худро аз китоб таъмин мекарданд, балки дигаронро низ ба таълим фаро гирифта, барои онҳо китобҳоро китобат мекарданд. Инчунин ин аз китобдӯстиву ба хондан машқи зиёд доштани куҳансолон, садри оилаҳо дарак медиҳад. Чунин ашхос на танҳо худ донишманд буданд, балки ба таълиму тарбияи фарзанд диққати

асосӣ дода, ӯро донишманд мекарданд ва ин рисолати падариро сарбаландона иҷро менамуданд.

Машғул будани падару модар ва кулли мардум ба китобхонӣ ва ҳамзамон ба шуғли ҳаррӯзаи фарзандон мубаддал намудани ин анъана худи ҷавононро аз роҳгумиву коҳилӣ боз медошт ва ин ақидаро дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI зиёд метавон во хӯрд. Масалан, Абулмуайяди Балхӣ овардааст:

Дар пажуҳидани асрори улум,
Шавӣ аз коҳилӣ охир маҳрум [140, с. 98].

Дар робита бо омӯзиши илму дониш ва тавассути он расидан ба амалҳои нек ақидаҳои Абулмуайяди Балхӣ ва Абушакури Балхӣ ҳаммаъноянд:

Дурустии амал гар хоҳӣ, эй ёр,
Зи алфанҷидани илм аст ночор [140, с. 135].

Унсурулмаолии Кайковус низ бар ин ақида аст, аммо ӯ иловатан таъкид менамояд, ки ҳар касро лозим аст, ки дониш омӯзад ва ҳамоҳангии донишу хирадро таъмин намояд, то ба мақсуд расад. Дар ин бора дар боби 8-уми «Қобуснома», ки «Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони Одил» ном дорад У. Кайковус овардааст: «Охир гуфт: «Ҳарчанд касе доно бувад, ки бо дониш вайро хирад нест, он дониш бар вай вубол бувад» [197, с. 48].

Инчунин муносибати хуб дар оила таъмин буд, падару модар ботамкин, суботкору боандеша буданд ва нобаробариву ҳамдигарнофаҳмӣ дар байни падару модар ва тамоми аъзоёни оила ҷой надошт ва он ба ҳолати равонӣ - психологии кӯдакон таъсири мусбат мегузошт ва дар чунин авзоъ тарбия ёфтани кӯдак ба тарбияи хуб, ташаккули хирад ва сирати миллӣ заминаи мувофиқ мегузошт. Имрӯз бояд ин аъана аз нав эҳё гардида, тақвият бахшида шавад.

Тарбияи фарзанд мақом ё манзили муайян надорад ва набояд вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ онро аз даст дод. Ба унвони мисол метавон овард, ки падару модароне, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, вақти бештарро ба меҳнат сарф намуда, барои тарбияи фарзанд вақт ҷудо намекунанд. Чизи асосие, ки

боиси нигаронӣ аст, ин ба фарзандон иҷозат додани гаравидан ба унсурҳои фарҳангҳои бегона мебошад. Дар мамлакатҳои хориҷ барои шаҳрвандони тоҷик боз ҳам ҳассостар аст, ки фарзандони хешро дар руҳияи ҳуввият, худогоҳӣ ва хештаншиносии миллӣ тарбия намоянд, арзишҳои миллиро ба онҳо ёд диҳанд. Агар кӯдакон забони хешро надонанд, бо арзишҳои миллӣ ошно нагарданд, осори мутафаккирони тоҷикро мутолиа накунанд, анъанаҳои неки ниёгонро наомӯзанд, ин ба нест шудани миллат оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд бемарзу беҳудуд аст ва ин масъулиятро ҳамеша нигоҳ бояд дошт.

Яке аз вазифаҳои муҳимми падару модар ин тарбияи фарзанд дар руҳияи ватандӯстии мебошад. Яке аз роҳҳои муфиди тарбия намудани фарзанд дар руҳияи ватандӯстӣ ин омӯзиши осори мутафаккирони тоҷику форс дар мисоли мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ мебошад.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки аксарияти насли наврас ба осори ниёгон, таърихи миллат, арзишҳои миллӣ, таҷрибаи гузаштагон кам диққат медиҳанд. Аз ин лиҳоз муҳим аст, ки падару модар дар тарбия фарзанд нақши асосӣ гузоранд, то фарзандони онҳо худшиносу худогоҳ бошанд. Дар ин бора бар боби 7 Консепсияи миллии тарбия омадааст: «Дар соҳаи педагогика кадрҳои илмӣ рӯйи кор меоянд, мавзуъ ва масъалаҳои муҳимми тарбия таҳқиқ мегарданд. Дар муассисаҳои тарбиявии фориғ аз дарсу мактаб ва инчунин кӯдакистонҳо кадрҳои касбӣ ворид мегарданд. Ҳар як шахс мефаҳмад, ки ниёгони мо дар хазинаи тамаддуни башар ҳиссаи муайян гузоштаанд ва дарк мекунад, ки рисолати таърихӣ аз он иборат аст, ки ҳамин ҳиссагузорӣ дар замони муосир ҳам бояд идома дода шавад» [18, с. 15].

Гузашта дарси ибрат барои насли имрӯзу фардо аст ва барои ҳифзи анъанаи неки шинохти ҳаққи падару модар - истифодаи хирад дар зиндагӣ ва ташаккул бахшидани он, эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ ва этнопедагогика ва тарбия намудани фарзандон дар ин руҳия пешниҳод менамоям:

- Дар замони ҳар дам тағйирёбанда муҳим аст, ки ин анъанаи неки ниёгонро аз даст надиҳем ва ин анъанаҳоро равнақ бахшида, дар тарбияи насли наврас мавриди амал қарор диҳем.

- Ба омӯзиши осори гузаштагон, таърихи дирӯз ва имрӯзи кишвар ва ояндагарӣ барои фардои дурахшони Ватан ҷалб намудани падару модар ва фарзандон.

- Ташкили омӯзишҳо, семинарҳои сайёр барои падару модар бо мақсади омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони асрҳо X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика ва дигар минтақаҳои кишвар ва, бо ин васила ташаккул додани тасаввурот ва ҷаҳонбинии падару модар ва фарзандон.

- Ба нақша гирифтани омӯзиши фанни «Одоби оиладорӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии кишвар.

- Ташкили табодули таҷриба байни оилаҳои намунавӣ аз сатҳи деҳот то сатҳи шаҳрҳо аз тарафи ҷомеашиносон, масъулини кор бо ҷомеаи мақомотҳои маҳалӣ.

- Ташкили омӯзиши осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар байни ҷавонон ва ташкили маҳфилҳои адабӣ, тарбиявӣ ва ахлоқӣ барои ҷавонон, оилаҳои ҷавон.

- Ташвиқу тарғиби ин анъанаи нек дар миёни аҳолӣ, бахусус, наврасону ҷавонон.

- Дар муассисаҳои таълимӣ дар гузаронидани соатҳои тарбиявию синфӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳои илмиву адабӣ баррасӣ намудани ин мавзуъ.

- Сабти видиоӣ ва ё таҳияи филм вобаста ба ин мавзуъ.

- Танзим намудани одоби оиладоршавӣ, даст кашидани ҷавонон аз бисёрникоҳии ғайрирасмӣ, риояи одоби оиладорӣ ва тарбияи фарзанд дар руҳияи арзишҳои миллӣ.

- Анҷом додани корҳои таҳқиқотӣ, кор аз болои рисолаҳои хурду калони илмӣ дар мавзуи болозикр аз тарафи донишҷӯён, олимони ҷавон,

аъзоёни Академияи хурд, хатмкунандагони донишгоҳҳои олӣ (манзур навиштани рисолаҳои хамт), магистрантҳо ва дигар соҳибқаламон

Хулосаҳо оид ба боби III

Боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқи масъалаи нақши этнопедагогика, анъанаҳои милливу мардумии наврӯзӣ дар ҳамбастагӣ бо ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ташаккули сирати миллӣ ва фарҳанги маънавии мардуми тоҷик бахшида шуда, муайян гардид, аз ҷониби чи олимони ватанӣ ва чи хориҷӣ баъзе корҳо дар ин самт анҷом дода шуда бошанд ҳам, масъалаи омӯзиши ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар ҳамбастагӣ бо таҷрибаи бойи этнопедагогика, анъанаҳои миллӣ дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ таҳқиқоти нав аст. Маҳз ҳадафи муроҷиат ба этнопедагогика, ки анъанаҳои миллӣ ва мардумӣ ҷузъи ҷудонопазири он мебошанд, аз тақвияти ҳаматарафаи хештаншиносии миллӣ ва ба кор гирифтани беҳтарин таҷрибаҳои ниёгон, сабақҳо ва намунаҳо барои сохтани ояндаи босаодат ва намунаи иборат мебошад. Ин таҳқиқот имкон фароҳам овард, ки афкори фалсафию педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷикро дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика, анъанаҳои миллӣ асоснок намуда, хазинаи илмӣ - педагогикаамонро ғанӣ гардонем, аз ҷониби дигар дар ҳаёти рӯзмарраамон дар низоми таълиму тарбияи мардумамон, бахусус тарбияи насли ҷавон мавриди истифода қарор диҳем.

Дар раванди таҳқиқот муайян ва исбот намудем, ки анъанаҳои мардумиву миллӣ, оин, урфу одат, шароити зиндагии маҳал, муҳити зист, андӯхтани таҷрибаи гузаштагону замони хеш ва амсоли инҳо, ки дар маҷмуъ, андешаҳои мардумӣ ва педагогикаи мардумиро ташкил менамоянд, дар рушди сифатҳои ахлоқии насли наврас, бахусус рушди сирати миллӣ нақши бориз доранд.

Инчунин дар ин боб мақоми ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI дар ҳамбастагӣ бо анъанаҳои милливу мардумии халқи тоҷик ва нақши ин ақидаҳо дар ташаккули сирати миллӣ бо такя ба анъанаҳои наврӯзии мардуми тоҷик таҳқиқ ва асоснок карда шуд. Аз ҷумла, исбот гардид, ки

соҳибистиқлолии Тоҷикистон, тақвияти ваҳдати миллӣ, иттиҳоду дӯстии мардуми тоҷик зарурати бознигарии педагогикаи мардумиро пеш оварда, дар пеши олимони соҳаи педагогика вазифаи ташаккули хирад, дарёфти арзишҳову андешаҳои миллӣ, маънавию ахлоқӣ ва дар хизмати ҳамватанон қарор додани онҳоро гузошт. Маҳз педагогикаи миллӣ, яке аз муҳофизони ин арзишҳо ва мояи асосии тарбияи насли наврас дар ҳар давру замон буд, дар ин боб таҳқиқ ва асоснок карда шуд

Қисми ҷудонопазири илми педагогика ва бахусус, педагогикаи мардуми тоҷик мавзуи шинохти ҳаққи падару модар мебошад, ки дар ҳамбастагӣ бо ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар ин зербоб тахқиқ карда шуд.

БОБИ IV. ИСТИФОДАИ ҒОЯҲОИ РУШДИ ХИРАД БАРОИ ТАШАККУЛИ СИРАТИ МИЛЛӢ ДАР РАВАНДИ МУОСИРИ ТАҲСИЛОТ

4.1. Таҳқиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва татбиқи он дар педагогикаи муосири миллӣ

Дар замони муосир таҳсилоти шахс на ба дониш нигаронида шудааст, балки аз нигоҳи ташаккули саводнокии умумӣ ва функсионалӣ, яъне салоҳиятнокии ӯ арзёбӣ карда мешавад. Муҳтавои таҳсилот дар замони ҳар дам тағйирпазиру арзи вуҷуд намудани навгониҳо ва пешрафтҳои бесобиқа бояд ба қонеъ сохтани ниёзҳои хонандагон ба худшиносии шахсӣ ва ташаккули донишҳои амалӣ нигаронида шавад. Ин таваҷҷуҳи бештарро ба масъалаҳои марбут ба алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт, яъне истифодаи назария дар ҳалли масъалаҳои амалӣ, ки ҳаёти оянда аз насли наврас талаб дорад, тақозо мекунад. Мутаассифона, аксаран хонандагон мавзуъро ба таври қориёна аз ёд мекунанд, вале моҳият ва ҳадафи амалии онро намедонанд ва ин гуна дониш зуд ба фаромӯш супурда мешавад. Вобаста ба ин, дар таълиму тарбия зарурати татбиқи яке аз принсипҳои муҳимтарини педагогика, ки ҳам этнопедагогика ва ҳам педагогикаи расмӣ онро талаб мекунад – алоқаманд намудани назария дар амал ё алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт хеле муҳим аст.

Афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форсу ба ҳамаи принсипҳои таълимӣ такя намуда, барои принсипи алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёти ҳаррӯза ҷойгоҳи махсусро додааст. К. Миршоев дар мақолаи худ «Зарурияти принсипи алоқамандии назария бо амалия дар педагогикаи имрӯза ва моҳияти он» принсипи алоқамандии ҷараёни таълим бо ҳаётро шарҳ дода, асоси ин принсипро осори мутафаккирони адабиёти классикии тоҷику форс меномад: «Дар системаҳои гуногуни педагогӣ ин принсип бо номҳои гуногун шарҳ дода мешавад, масалан: робитаи омӯзиш бо ҳаёт, ягонагии назария ва амалия, амал меъёри

ҳақиқат, санҷиши назария бо амалия ва ғайра. Асоси ин принсипро мавқеи марказии фалсафаи классикӣ ташкил медиҳад, ки мувофиқи он дониш бо амалия санҷида мешавад, амалия меъёри ҳақиқат аст, мавқеи ҳаёти воқеии амалия нуқтаи ибтидоии дониш мебошад» [89, с. 12].

Олимони илми педагогика исбот намудаанд, ки алоқаманд намудани назария ба амалия асоси дониш мебошад. Он мушкилоте, ки илмҳои мухталиф ҳаллу фасл мекунанд, ҳамеша дар амалия дақиқ ба вуҷуд меоянд ва натиҷаҳои ҳалли масъалаҳои илмӣ ҳамеша бо амалия санҷида мешавад ва дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳаётӣ будани он татбиқ карда мешавад.

Ногуфта намонад, ки ин масъала хос ва ё падидаи баҳси имрӯз нест, балки тибқи таълимоти Конфутсий дар тамаддуни педагогии Шарқ маҷмуи ғояҳо ва татбиқи амалии онҳо ҳатмӣ буд. Дар таърихи инсоният ҳанӯз хеле барвақт ба татбиқи робитаи назария ва амалия дар таълим диққати махсус дода мешуд. Олимони машҳури фалсафа ва педагогикаи Юнони қадим Сукрот, Афлотун ва Арасту на танҳо ба дониш, балки ба машқҳои амалии ба тарбияи шахси солим нигаронидашуда таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намуда буданд.

Инчунин муҳиммияти татбиқи принсипи алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт дар асарҳои классикони педагогика: Я.Л. Коменский, И.Г. Песталосий, И. Гербарта, Ф. Дистервег, К.Д. Ушинский, Л.Н. Толстой ва дигарон хеле хуб инъикос ёфтааст. Натиҷабахш будани алоқаманд намудани таълиму тарбия бо ҳаёт аз ҷониби Ю.К. Бабанский, Г.В. Воробев, П.И. Карташов, Н.В. Кухарев, М.И. Махмутов, З.Э. Михайлова, О.А. Ниелсон, В.М. Полонский, А.М. Сирулников ва дигарон ба таҳқиқ фаро гирифта шуда, асоснок карда шудааст. Масъалаи таҳқиқи усулҳои алоқаманд намудани таълиму тарбия бо ҳаёт ва системанок кардани он дар таҳқиқоти К.Н. Волкова, В.И. Журавлева, В.В. Краевский, Я.С. Турбовский кор карда шудааст.

Мусаллам аст, ки дар алоқаманд намудани таълиму тарбия бо ҳаёт маорифи ҳар як кишвар нақши асосӣ дорад. Масалан, бо назардошти рушди саноат ва бозори меҳнат буржуазия самти нави соҳаи маорифро коркард

намуд. Ин маориф талаб мекард, одамоне, ки таълим дода мешаванд, бояд роҳҳои татбиқи назария дар хидмати амалияро дониста, донишро ба ҳаёти воқеӣ алоқаманд намоянд. Ҳанӯз дар замони Эҳё дар назди аҳли маориф вазифаҳои зиёд ҷиҳати алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт гузошта шуда буд, ки муҳимтаринашон аз: таъмин кардани омӯзиши илмҳои дақиқ; омода сохтани одам ба дигаргунсозии табиат; рушди мустақилияти шахс иборат буд.

Ёдовар шудан ба мақсад аст, ки зери таъсири фалсафаи ҳассосияти Бэкон дар асри XIII таҳқиқоти илмӣ барои омӯзиши амиқи табиат гузаронида шуд. Дар асои ин таҳқиқот тарафдорони ақидаи Бэкон кӯшиш мекарданд, ки ҳама донишҳоро бо таҷриба оғоз намуда, бо таҷриба бисанҷанд.

Сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки сотсиалистҳои утопӣ дар ин самт пешсаф буданд. Ба унвони мисол метавон овард, ки Т. Мор бештар исроркорона талаб мекард, ки таҳқиқоти назариявӣ бо низоми меҳнатӣ ва истифодаи васеи дониш дар амал алоқаманд карда шавад. Маҳз бо меҳнати истеҳсолӣ якҷоя кардани таҳсилотро аввалин маротиба ин олим дар Утопия талаб карда буд.

Муҳаққиқи шуравӣ Я.А. Коменский бар он ақида аст: «Кӯдакон бояд бо табиат, ҳаёти иҷтимоӣ, мушкилот ва манфиатҳои амалии донишҳои илмӣ ошно карда шаванд» [235, с. 78]. Ин олим ба таълиму тарбияи кӯдакон диққати асосӣ дода, дар китоби «Дидактикаи бузург» навишта буд: «Ба ҷавонон, пеш аз ҳама, он чизе ки барои ҳаёт зарур аст, аз он чизе, ки бо мақсади оқилона истифода бурдан мумкин аст, таълим диҳед» [237, с. 148]. Тибқи таълимоти Я.А. Коменский барои амал намудан дар зиндагӣ, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардан дониш лозим аст, аммо ба ҳар як мавод бояд намунаҳои зиёди ҳаётӣ ҳамроҳ карда шавад, то татбиқи гуногуни он равшан бошад. Дониш бояд тавассути такрор кардан, машқ намудан пайваста тақвият дода шавад. Агар ҳангоми таълим додани ҳар як мавзуъ манфиати он ба ҳаёти ҳаррӯза нишон дода шавад, кори таълимгирандагон осон мегардад ва дар акси ҳол хонандагон дар ҳаёти хеш муваффақ нахоҳанд шуд. М.

Кабутаршоев дар таҳқиқи алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия ба ҳаёт ақидаҳои Я.А. Коменскийро мавриди истифода қарор дода, овардааст: «Асоси таълимоти педагогӣ ва дидактикии Я.А. Коменский се принсипи муҳимтаринро гузошт, ки бешубҳа, бо ҳам алоқаманданд:

- тарбияи табиати таълим;
- робитаи омӯзиш бо ҳаёт ва воқеият;
- иртиботи омӯзиш бо синну соли донишҷӯён.

Ин се принсип асоси дарси имрӯзаро ташкил медиҳанд» [32, с. 16].

Ҷ.Д. Руссо бошад сарчашмаҳои асосии тарбияи воқеиро дар мушоҳида, таҷриба (эксперимент), амалияи рӯзмарра маънидод мекунад. Мавсуф боварӣ дошт, ки танҳо бархӯрди мустақим бо табиат, иртиботи муназзам бо он тавассути мушоҳида, кор дар семинарҳо ба ҷавонон имкон медиҳад, ки ҷаҳонро дуруст омӯзанд ва кор карданро ёд гиранд. Дар робита бо ин ақида Руссо қайд намудааст: «Саволҳоро ба фаҳмиши донишҷӯй дастрас карда, ба ӯ пешниҳод кунед, ки онҳоро ҳал кунад. Ӯ на он чизро, ки Шумо ба ӯ гуфтед, балки он чизро, ки худаш фаҳмидааст, ҳал кунад, бигзор вай илмро наомӯзад, балки онро ихтироъ кунад» [32, с. 16].

Муҳиммияти татбиқи назария дар амал минбаъд аз ҷониби равоншиносон дар асоси назарияи фалсафаи «Конструктивизм»-и Ҷ. Дюи асоснок карда шудааст. Ҳамаи он ба усулҳои фаъоли таълими назарияи Конструктивизм»-и Ҷ. Дюи, «Минтақаи наздиктарини рушд»-и Л.С. Виготский, «Рушди зеҳнии кӯдак»-и Ж. Пиаже, «Гуногунии зеҳн»-и Г. Гарднер ва «Таксономияи категорияҳои асосии мақсадҳои таълимӣ дар соҳаи маърифат»-и Б. Блум такя мекунад ва он асоси алоқманд намудани ҷараёни таълиму тарбияро бо ҳаёт ташкил медиҳад.

Принсипи алоқамандии таълим бо ҳаёт дар ташкили раванди таълими мактаби даврони Шуравӣ нақши муҳим дошт. Аз ҷумла, муҳаққиқ К. Миршоев овардааст: «Соли 1958 дар Иттиҳоди Шуравӣ қонун «Дар бораи робита байни омӯзиш ва ҳаёт» қабул карда шуд, ки мақсади асосии ин қонун аз алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт - ҳамчун принсипи

пешбари мактаби Шуравӣ иборат буд ва дар доираи талаботи он пайвастагии таълими назариявии мактабӣ бо соҳаҳои гуногуни истеҳсолот дар мактаб таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир карда шуд ва ин низом то соли 1963 идома ёфта, бо сабабҳои мухталиф аз байн рафт. Аз соли 1977 бошад, комбинатҳои байниминтақавӣ таъсис ёфтанд, ки дар миёнаи солҳои 90-ум онҳо низ аҳаммияти худро гум карданд» [32, с. 14].

Аммо принсипи алоқамандии назария ва амалия яке аз муҳимтарин принсипи таълимӣ боқӣ монд, хусусиятҳои мундариҷаи фанҳои таълимӣ, мушаххасоти онҳо шаклҳои гуногуни алоқаи байни назария ва амалияро таъмин менамуданд. Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон олимону донишмандонро имкон даст дод, ки дар баробари дигар илмҳо педагогикаи миллиро таҳқиқ намоянд. Олимону донишмандони муосири тоҷик дар соҳаи педагогикаи миллӣ пажуҳишҳои асоснокро анҷом дода, дар баробари дигар масъалаҳои илми педагогика ба масъалаи алоқманд намудани ҷараёни таълиму тарбия ба ҳаёт диққати асосӣ равона намуданд.

Мо дар қисмати муқаддимаи кори таҳқиқотӣ қайд кардем, ки дар охирҳои асри XX ва нимаи аввали асри XXI осори мутафаккирони тоҷик аз тарафи бисёр олимони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Дар ин самт асарҳои Э. Раҳмон, М. Лутфуллоев, И.Х. Каримова, Х. Афзалов, С. Қодирова, Ш. Шарипов, Х. Ҷонназаров, Б. Раҳимова, Ф. Шарифзода, Т. Атаханов, А.Нуров ва дигаронро қайд кардан муҳим аст, ки дар соҳаи педагогика пажуҳишҳои бузургро анҷом додаанд.

Яке аз усулҳои беҳтарини рушди педагогикаи миллӣ, ки олимони муосири илми педагогикаи миллӣ онро ба ҳукми талабот ва анъана даровардаанд, ба корҳои таҳқиқотӣ ҷалб намудани ҷавонон ва дигар донишмандон аст. Инчунин дар корҳои таҳқиқотӣ бобҳои охири кор ба амалигардонии назария дар амал бахшида мешаванд ва назарияи таҳқиқшуда дар истеҳсолот мавриди таҷрибагузаронӣ қарор дода мешавад.

Маҳз боби 5-уми кори доктории мо низ дар асоси талаботҳои корҳои таҳқиқотӣ ба масъалаи амалӣ намудани истифодаи ғояҳои рушди хирад

барои ташаккули сирати миллӣ дар раванди муосири таҳсилот, аниқтараш татбиқи амалии афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, ки дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон нақши асосӣ дорад, дар педагогикаи муосири миллӣ бахшида шуд. Дар ин боб амалигардонии ин назария дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳамкорӣ бо филиали «Донишкадаи ҷумҳурявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ баррасӣ карда шуд.

Қисми назариявии рисола, аниқтараш бобҳои 1 ва 2 пурра ба ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, боби 3 ба ҳамбастагиҳои ин афкор ба этнопедагогика бахшида шуда, ақидаҳо бо овардани мисолҳо, иқтибосҳо аз осори ин бузургон асоснок ва исбот карда шуданд. Ақидаҳои баъзе аз мутафаккирони асри X, аз ҷумла: Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Фароловӣ, Шаҳиди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Дақиқӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Унсурии Балхӣ, Алии Фаррухӣ, Абуабдуллоҳи Ҷунайдӣ, Боботоҳири Урён, Робеаи Қаздорӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Маҳмуди Варроқ, Муҳаммад бинни Васиф, Басоми Курд, Робияи Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Абуисҳоқи Ҷӯйборӣ, Абулқосим Ҳасани Балхӣ, Маъруфии Балхӣ, Фирдавсӣ ва мутафаккирони асри XI чун: Носири Хусрав, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Абурайҳони Берунӣ, Фахриддини Гургонӣ, Абусаиди Гардезӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Амъақи Бухороӣ, Рашидии Самарқандӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Абдуллоҳи Ансорӣ, Асадии Тӯсӣ, Масъуди Саъди Салмон, Муиззӣ, Собири Тирмизӣ ва амсоли инҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуд.

Боби панҷуми рисола ба қисмати амалӣ бахшида шуда, амалигардонии ин ақидаҳо дар ташаккули сирати миллии насли наврас дар замони имрӯз, роҳҳои татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар педагогикаи муосири миллӣ, алоқамандии назария ва амалия мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Эътироф шудани осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс аз тарафи олимону донишмандони ҷаҳон ҳамчун давраи Эҳёи Шарқ аз он шаҳодат медиҳад, ки мероси адабии донишмандони ин аҳд ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт буданашон таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кард: «Мутафаккирони асрҳои X-XI асарҳои худро дар соҳаи фалсафа, нуҷум, риёзӣ, физика, педагогика, психология, тарбият, таърих, адабиёт ва амсоли инҳо таълиф карда буданд, инчунин андешаҳои мутафаккирони тоҷик оид ба маърифат ва тафаккур, сухан, нутқ, эҳсос, хирад, идрок ва ғайра моҳияти калонӣ илмиро дар бар гирифта, таваҷҷуҳи олимони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб намуд» [31, с. 99].

Таъсири бевоситаи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X – XI тоҷику форс ба педагокикаи олам ба он оварда расонд, ки таҳқиқ ва тарҷумаи осори онҳо аз нимаи дуюми асри гузашта ба забонҳои аврупоӣ оғоз ёфт. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ташаккули илму фарҳанг нақши асосӣ доштанд: «... номи онҳо дар радифи олимони барҷаста Птолемей, Леонардо да Винчи, Коперник, Гёте, Шекспир, Ламаносов ва дигарон меистад» [33].

Таърих гувоҳ аст, ки ибтидои асри X ва нимаи дуюми асри XI давраи пурталотуми таърихӣ, воқеаи пуршиддати сиёсӣ, бархӯрдҳои иҷтимоӣ ва ҷангҳои дохилӣ мебошад, вале он садди роҳи муваффақиятҳои илму фарҳанг, фаъолияти эҷодӣ, адабӣ ва педагогии мутафаккирони ин аҳд шудан наметавонист, илму фарҳанг бо суръати баланд пеш рафт ва ба давраи тиллоии рушди илму фарҳанги умумибашарӣ табдил ёфт. Вобаста ба бузургии мутафаккирони асрҳои номбурда, афкори педагогии бою ғанӣ доштанашон, таҳқиқ ва татбиқи афкори педагогии онҳо дар педагогикаи миллӣ кори муҳим ва натиҷабахш аст.

Дар рафти гузаронидани таҳқиқот муайян гардид, ки таҳқиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва амалан татбиқи он дар педагогикаи муосири миллӣ, алоқманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт дар замони кунунӣ боз ҳам мақоми асосиро касб кардааст, зеро ин

мутафаккирон ба робитаи назария ва амалия дар таълим, амалигардонии донишҳои гирифташуда дар ҳаёти ҳаррӯза диққати махсус додаанд ва ин омили асосии татбиқи ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар педагогикаи муосири миллӣ мебошад.

Педагогикаи миллӣ педагогикаи пешқадами олам буда, соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба рушди он шароитҳои мусоидро фароҳам оварда ва маорифро Роҳбарияти олии кишвар соҳаи афзалиятнок эълон намуданд. Заминаи педагогикаи миллӣ афкори педагогии мутафаккирони гузашта мебошад ва мақсади ин педагогика алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар педагогикаи Шуравӣ низ баъзан ба алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт диққат дода мешуд. Роҳҳои анъанавии пайвасткунии назария бо амалия дар вақти таълим экскурсияҳои гуногун, корҳои лабораторӣ ва амалӣ, ташкили намудҳои мушоҳидаҳои объектҳои гуногуни зуҳуроти мушаххас ва ғайраҳо назаррас мегардид. Аммо таҳқиқотҳо исбот менамоянд, ки одатан ҳангоми ташкили раванди таълим омӯзгорон таҷрибаи шахсии шогирдонро сарфи назар намуда, ба додани донишҳои назариявӣ такя мекарданд.

Инчунин педагогони муосир таҳқиқ намудаанд, ки педагогикаи Шуравӣ ҷанбаи миллии таърихи таълиму тарбияро сарфи назар мекард ва ба он аҳаммият намедод, зеро педагогикаи Шуравӣ педагогикаи синфи пролетариат буд. Ин педагогика ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони гузашта ва ниёгони мо аз нуқтаи назари педагогикаи синфӣ баҳо медод. Ин боиси он мегардид, ки таърихи афкори педагогии мардум яктарафа тафсир ва таҳқиқ гардида, баъзе ҷанбаҳои педагогикаи номбурда садди роҳи пешрафти педагогикаи миллӣ мегардиданд. Аз ҷумла:

- педагогикаи миллӣ педагогикаи миллати рус дониста мешуд, зеро республикаҳои дигар дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ қарор доштанд ва мустақилият надоштанд;

- таҳқиқотҳо ва асосҳои назариявӣ оид ба ташаккули педагогикаи миллӣ исбот менамоянд, ки дар таҳқиқиқотҳои педагогии даврони Шуравӣ ба педагогикаи мардуми рус диққати асосӣ зоҳир карда шуда, ба педагогикаи 15 республикаи бародарии дар ҳайати ин давлат қарордошта диққати кам дода мешуд;

- гарчанде ки педагогикаи мардуми тоҷик аз тарафи муҳаққиқони даврони шуроҳо ба тариқи назариявӣ омӯхта шуда бошад ҳам, ба амалигардонии он таваҷҷуҳи кам зоҳир мегардид;

- забони давлатии Иттиҳоди Шуравӣ забони русӣ буд ва ба ташаккул додани забонҳои дигар таваҷҷуҳи камтар зоҳир мешуд, дар мактабҳо афзалият ба омӯзиши забон ва адабиёти рус дода мешуд;

- эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои милливу мардумӣ маъдуд карда шуд. Масалан, гузаронидани Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон ва дигар ҷашнҳои миллӣ маъдуд карда шуда, ҳатто баъзан гузаронидани ин идҳо иҷозат дода намешуд;

- инкишофи маданият ва фарҳанги миллӣ, маданияти халқи рус дар мадди аввал гузошта шуда, инкишофи маданият ва фарҳанги дигар миллатҳои ҳайати Шуравӣ дар мадди дуюм меистод.

Ҳамаи мушкилиҳои болозикр қисмате аз илми педагогика мебошанд ва набояд афкори педагогии ин ё он мардум ва миллатро нодида гирифт. Вобаста ба ин имрӯз зарур аст, ки афкори педагогии мутафаккирони тоҷик ба таври муфассал омӯхта шуда, дар педагогикаи миллӣ татбиқ карда шавад. Ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик, бахусус, мутафаккирони асрҳои X-XI ва дигар даврaҳои мухталифи таърих амиқу ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, мавриди баррасии илмӣ қарор гирад.

Соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки олимони ватанӣ ба таҳқиқи афкори педагогии ниёгон рӯ оваранд ва дар натиҷа таҳқиқотҳои бузурги илмӣ анҷом дода шуданд. Ин таҳқиқотҳо масъалаҳои асосии инкишофи афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форсро дар бар мегиранд. Бояд ёдовар шуд, ки асарҳои М. Лутфуллоев, Х.

Афзалов, С. Қодирова, Ш. Шарипов, Х. Ҷонназаров, Б. Раҳимова, Ф. Шарифзода, Т. Атаханов, И.Х. Каримова, Ҷ. Булбулов, Ш. Хоников, Қ. Қадамов, К. Парпишоев ва дигарон, ки номи асарҳояшон дар қисмати муқаддимавӣ оварда шуд, муҳимтарин лаҳзаҳои инкишофи педагогикаи тоҷик, инчунин муаммоҳои муҳимми таълиму тарбияро дар бар мегиранд.

Фаъолияти педагогии ниёгони мо ба тарбияи инсони комил ва бомаърифат нигаронида шуда, ҷанбаҳои зиёди таълиму тарбияро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқ ва дар педагогикаи муосири миллӣ татбиқ намуданди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик, бахусус мутафаккирони асрҳои X-XI, давраи муҳимми рушди улуми инсонӣ, давраи тиллоии ташаккул ва равнақи адабиёти тоҷику форс амри зарурӣ ва муҳим мебошад.

Адабиёти тоҷик ҳамеша таҷассумкунандаи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардум будааст ва ин анъана решаи худро дар адабиёти муосири тоҷик низ давондааст. Асарҳои бадеӣ мавзуъҳои тарбият, таълим, фарҳанг ва ахлоқро тараннум намуда, ақидаҳои басо олӣ ва арзишмандро дар бар мегиранд: «Афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тасвири таҷрибаи таърихӣ ва арзишҳои волои ахлоқиро дар бар гирифта, дар таълиму тарбияи насли наврас мақоми калидӣ доранд ва татбиқи амалии афкори педагогии ин мутафаккирон дар педагогикаи муосири миллӣ муҳим ва натиҷабахш аст» [112 , с. 48].

Дар шароити ҷаҳони иттилоотӣ, инкишофи босуръати техникаи муосир, авҷ гирифтани бесарусомониҳо дар саросари олам, дар хонавода коста гардидани фарҳанги миллӣ, бӯҳрони фарҳангу ҳунар, тарғиби бадахлоқӣ, коста шудани фарҳанги китобхониву китобдӯстӣ, таъсири фарҳангҳои бегона ба арзишҳои миллӣ, зарур аст, ки муассисаҳои таълимиву омӯзгорон, падару модар, оила ва аҳли ҷомеа маркази ташаккули маънавиёти насли наврас ва сирати миллии ӯ бошанд. Бахусус, ин вазифаи таърихии муассисаи таҳсилоти умумӣ дар замони иттилоотӣ мебошад.

Яке аз роҳҳои асосии тақвият бахшидани таълиму тарбия дар замони муосир, бахусус дар давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягонаи тоҷикон

демократисозии таҳсилот ва раванди таълим мебошад, зеро демократисозии таълиму тарбия ба ҳар фард имкон медиҳад, ки дониш омӯзад ва онро такомул бахшад ва он омили асосии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар педагогикаи миллӣ мегардад. Педагоги муосир, академик Ф. Шарифзода таҳқиқ намудааст: «Демократисозии мактаб даст кашидан аз консепсия куҳна ба хотири консепсияи нав – консепсияи инсон ҳамчун олитарин арзиши ҷомеаи кунунӣ, гардиш ба манфиату талаботи ҷомеа ва шахсият, озодӣ ва истиқлоли муносибатҳои педагогӣ, тағйир додани моҳияти онҳо, раҳоӣ ёфтан аз низоми итоату муқобилият ва ворид шудан ба низоми ҳамкорӣ, боэътимодтарин усули тарбия ва яке аз омилҳои қавии демократисозии ҷомеа ба шумор меравад» [381, с.120].

Маҳз қадами бачо дар демократисозии таҳсилот, таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ аз байн бурдани ҷудоӣ мебошад. Дар ин самт таъмин намудани алоқаи доимии муассисаҳои таълимӣ, оила, падару модар ва аҳли ҷомеа муҳим мебошад. Парокандагӣ байни ин ниҳодҳои калидии ҷомеа ба таълиму тарбияи насли наврас таъсири манфӣ мерасонад, чунин муносибат ба бесарусомонӣ оварда мерасонад: аз байн рафатани шинохти ҳаққи модару падар, сарпечӣ намудани фарзандон аз панду насиҳати онҳо, халалдор гаштани иттиҳоду иттифоқ байни хешону ақрабо, ҳамсоя бо ҳамсоя, мамлакатҳо бо мамлакатҳо, зиддияти байни миллатҳо, маҳалчигӣ, гаравидан ба сафи гурӯҳҳои бадхоҳу тундрав, бесавод гардидани насли наврас ва дигар падидаҳои номатлуб аз ҷумлаи бесарусомониҳоянд. Аз ин лиҳоз, демократикунонии муассиса бояд ба ин падидаҳо хотима бахшад ва тамоми аъзои ҷомеа ба муассиса ҳамкору ҳаммаром бошад.

Гузаштан аз усулҳои анъанавӣ ба усулҳои фаъол ва инноватсионии таълиму тарбия роҳи дигари демократисозии таълиму тарбия, татбиқи афкори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар педагогикаи муосири миллӣ мебошад. Омӯзгоронро дар мадди аввал зарур аст, ки ба насли нави миллат барои аз худ намудани фарҳанги миллат ёрӣ расонанд, ки бидуни ин

ташаккули хирад ва сирати миллӣ имконнопазир аст. Истифодаи усулҳои анъанавии таълиму тарбия аз қабили маҷбуркунӣ ба омӯзиш, фармонфармоӣ, ҷанҷолу харҳаша, ба гурӯҳҳои сустхон, миёна ва фаъол ҷудо намудани шогирдон, диққати асосӣ додан ба қисаматҳои назариявӣ, сарфи назар кардани қобилияту истеъдоди хонандагон ва амсоли инҳо муносибати омӯзгорону шогирдонро вайрон мекунад. Омӯзгорон набояд нодида гиранд, ки муносибати онҳо дар дарс, фориғ аз дарс омили асосии ташаккули шахсияти хонанда мебошад. Пас ба роҳ мондани муносибати самарабахш байни омӯзгору хонанда бисёр муҳим аст ва онро бо истифода аз усулҳои фаъоли замонавӣ таъмин бояд намуд.

Аммо қайд кардан муҳим аст, ки дар демократисозӣ ва ё алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт омӯзгор танҳо муваффақ шудан наметавонад. Барои расидан ба ин мақсал муҳим аст:

- Маъмурияти муассисаҳои таълимӣ бо усулҳои инноватсионии таълиму тарбия шинос бошанд ва дар амалигардонии ин усулҳо ба омӯзгорон ҳамкорӣ намоянд.

- Аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бо мақсади ҷорӣ намуданд ва тақвият бахшидани усулҳои фаъоли таълим.

- Таҳияи нақшаи дурнамои алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт тавассути истифодаи усулҳои фаъоли самарабахши таълим дар муассисаҳои таълимӣ.

- Назорати доимии амалишавии нақшаи дурнамо дар муассисаҳои таълимӣ аз тарафи маъмурияти муассиса, бахусус ҷонишинони директор оид ба корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ.

- Муайян намудани вазифаҳои тарбиявӣ ва ташкилӣ – педагогӣ байни маъмурият, омӯзгорон, хонандагон, падару модар ва аҳли ҷомеа, дақиқ сохтани мақсад, усулҳо ва натиҷаи фаъолият.

- Ба роҳ мондани ҳамкории зичи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо муассисаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, марказҳои методӣ ҷиҳати равнақ

бахшидани машваратдиҳиву машваратгирӣ, тавсияҳои методӣ оид ба кори таълиму тарбия.

- Тақвият бахшидани фаъолиятҳои ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ, муассисаҳои такягоҳӣ бо мақсади равнақ бахшидани корҳои методӣ, машварату тавсиядиҳӣ ва амалигардонии усулҳои самарабахш ва фаъоли таълим.

- Ба нақша гирифтани ҷашнгирии рӯйдодҳо, санаҳои ба рӯзгор ва фаъолияти мутафаккирони асрҳои X-XI, дигар мутафаккирони тоҷик ва фаъолияти одамони маъруф алоқаманд.

- Аз принсипи танқидкунӣ ба тавсиядиҳӣ гузаштани маъмурияти муассисаҳо ва роҳбарони иттиҳодияи методӣ, роҳбарони синфҳо ва омӯзгорон, мушовирон ва нозирони муассисаҳои соҳаи маориф.

- Бо усулҳои фаъол гузаронидани маҷлисҳо ва вохӯриҳо бо падару модар, аз қабили мубоҳиса, мусоҳиба, ақидаҷамъкунӣ, ангезиши зеҳн, қабули пешниҳодҳо ва тавсияву машваратҳо, дар якҷоягӣ ҷустуҷӯ ва муайян намудани роҳи ҳалли муаммоҳои мавҷуда, роҳҳои ҳалли ин мушкилот ва амсоли инҳо.

- Шароити муосоид фароҳам овардан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои пешрафти кори таълиму тарбия ва бо ин мақсад ҷалб намудани падару модар, аҳли ҷомеа, сарпарастон, хайрхоҳон, хатмкунандагони собиқи муассисаи таълимӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бо мақсади расонидани кумакҳои молӣ ва маблағӣ.

- Арзёбӣ ва натиҷагирии амалишавии фаъолиятҳои банақшагирифташуда бо мақсади тақвият бахшидани амалигардонии усулҳои фаъоли таълиму тарбия.

Агар андешаҳои болозикр дар кори муассисаи таълимӣ ба роҳ монда шаванд, омӯзгор танҳо наемонад ва тамоми ниҳоди ҷомеа бо ӯ ҳамкору ҳаммаром хоҳанд гашт ва тавассути чунин ҳамкорӣ сифати таълиму тарбия баланд мегардад.

Гуманизатсияи таълиму тарбия усули дигари татбиқ намудани афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар педагогикаи муосири миллӣ мебошад. Дар ин бора муҳаққиқ овардааст: «Зери мафҳуми гуманизми таҳсилот чунин тарзи ташкили раванди таълимро мефаҳмем, ки ба рушди шахсият равона гардидааст ва дар ӯ усулҳои худтарбия ва худомӯзиро ташаккул медиҳад ва барои амалӣ гардидани иқтидори эҷодии ӯ мадад мерасонад» [230, с. 161]. Ин усули таълиму тарбия, ки ба рушди шахсият равона гардидааст, шароити мусоид фароҳам меорад, то ки хонандагон худ худро тарбия намоянд, худомӯз бошанду худомӯзӣ кунанд. Ҳамзамон, ин роҳи таълиму тарбия барои амалӣ гардидани иқтидори эҷодии хонандагон, аниқтараш рушди салоҳиятҳои онҳо, мадад мерасонад. Дар чунин усули омӯзиш, таълиму тарбия, вазифаи омӯзгор асосан аз алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт, таълим додани роҳҳои дурусти зиндагӣ кардан ба хонандагон иборат мебошад.

Педагогикаи муосири миллӣ хилофи сарфи назар намудани салоҳиятҳои хонандагон мебошад. Хонандагон манбаъ ё субъекти асосӣ мебошанд, раванди таълиму тарбия ба онҳо нигаронида шудааст ва таълиму тарбия маҳз барои онҳост. Дар ин раванд хонанда ҳамчун шахсият шинохта мешавад, ки дорои салоҳиятҳои мухталиф аст ва ӯ кобилият дорад, ки салоҳиятҳои хешро такомул бахшад. Вобаста ба ин: «Муҳим аст, ки омӯзгор ба такмили малака ва маҳоратҳои шогирдон диққат диҳад, дар мустақиломӯзиву худтакмилдиҳии онҳо мусоидат намояд, роҳҳои рушд додани салоҳиятҳоро ба шогирдон омӯзонад, ба қадри шахсияти хеш расиданро дар хонандагон ташаккул бахшад» [67, с. 87]. Дар ин замина омӯзиши афкори тарбиявӣ - ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ муҳим ва мақсаднок аст.

Аз ин рӯ, дар замони муосир, дар асри пурталотум таълиму тарбия бояд бо усули инноватсионӣ ба роҳ монда шавад. Танҳо мутолиаи беш аз пеши осори мутафаккирони асрҳои пеш, асрҳои X-XI ва мутафаккирони асрҳои

баъдӣ, такя ба анъанаҳову арзишҳои миллӣ имкон фароҳам меорад, ки шахсияти бомаърифату баркамолро парваришу ба воя расонем.

Эҳё намудани анъанаҳои миллӣ, ошно намудани насли наврас ба таҷрибаҳои бойи ниёгон, аз ҷумла меъёрҳои ахлоқи ҳамида, маънавиёт, озодӣ, ҷавонмардӣ, ки сирати миллии мардуми тоҷикро муайян мекунанд, дар замони муосир боз ҳам ҳассостар аст. Ин андешаро муҳаққиқ чунин баён кардааст: «Эҳёи анъанаҳои миллӣ яке аз роҳҳои пурсамари таълим ва бахусус тарбияи насли наврас дар руҳияи арҷ гузоштан ба анъанаҳову арзишҳои миллӣ, ташаккули хирад, сирати миллӣ, салоҳият ва истеъдодҳои насли наврас мебошад» [37, с. 158]. Дар шароити кунунӣ барои татбиқи ғояҳои педагогии ниёгон дар педагогикаи миллӣ ҳамбастагии он ба анъанаҳои миллӣ мақсаднок аст. Мақсади асосии эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ аз он иборат аст, ки дар хонандагони муассисаҳои таълимӣ салоҳияти худомӯзӣ ва худинкишофдиҳӣ, ки имрӯз қариб мадди назари насли наврас гардидааст, пайдо шуда, равнақ меёбад. Ба ин масъала ниёгони мо дар асри X диққати асосӣ дода буданд. Е.Э. Бертелс ба ин ақида чунин ишора намудааст: «Дар муқобили Тоҳириён, Сомониён медонистанд, ки бидуни эҳёи анъанаҳои фарҳангӣ истиқлоли воқеии давлати онҳоро таъмин кардан мумкин намебошад» [148, с. 342].

Омӯзиши афкори педагогӣ - тарбиявию ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва дар педагогикаи миллӣ татбиқ намудани он дар шароити ҷаҳонишавӣ, фаъол гардидани иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар ҳамбастагӣ бо анъанаҳо ва арзишҳои миллӣ бағоят муҳим аст, зеро мероси илмиву адабии мутафаккирони ин аҳд чун низомнома ва ё нақшаи дурнамои ҳазорсолаҳо барои прогресси маънавӣ хизмат менамояд. Рӯ овардан ба омӯзиш ва таҳқиқи мероси маънавӣ ва таърихи инкишофи ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки дар афкори педагогии онҳо таҷрибаҳои бузург оид ба таълиму тарбияи насли наврас ҷамъ омадааст. Ин таҷриба на танҳо ба замони онҳо хос аст, балки бо тарзу усулҳои мухталиф ба ҷаҳони муосир ворид шуда, ба амалигардонии

назария ва амалияи педагогӣ таъсир мерасонад ва омӯхтану истифода бурдани чунин таҷрибаи бой дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мақсаднок аст. Ба унвони мисол метавон ақидаҳои болоро такрор кард, ки яке аз заминаҳои асосии эҷод гардидани «Офариннома»-и А. Балхӣ омӯхтани мероси адабӣ ва таҷрибаи бойи мутафаккирони пеш ва ҳамасрони хеш буд. Ба мартабаи баланд расидани шоирони ҳамасри Рӯдакӣ аз таҷрибаву дониши ӯ ва аз ҳамдигар баҳра гирифтани онҳо буд. Барои офарида шудани асари машҳури олам «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шоҳномаҳои пеш, аз ҷумла, «Шоҳнома»-и Абумансурӣ, абёти парокандаи Дақиқӣ ва амсоли инҳо заминаи бузург буданд ва имрӯз хурду бузурги тоҷикро муҳим ва зарур аст, ки таҷрибаи бойи онҳоро дар ҳаёти хеш мавриди истифода қарор диҳанд. Баъзе аз хусусиятҳо ва таҷрибаи бойи мутафаккирони ин аҳдро, ки қобили омӯзиш ва татбиқ намудан дар ҳаёти ҳаррӯза ва педагогикаи миллӣ мебошанд, метавон ба унвони мисол ва намуна оварда:

- Муҳаббати бепоён доштани мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ба Ватан, халқу миллат, тайёр будан ба ҳифзи Ватан ва марзу буми он ва бо ин мақсад ба мавзуи ватандӯстиву ватандорӣ бахшидани асарҳои хеш, аз қабили осори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ва ғайра.

- Аз тарафи донишмандону муҳаққиқон, нависандагон офарида шудани асарҳои тарбиявӣ - ахлоқӣ дар пайравӣ ба «Қобуснома»-и У. Кайковус, «Саодатнома», «Равшаноинома», «Сафарнома», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав, «Офариннома»-и А. Балхӣ, «Шоҳнома»–и Фирдавсӣ, афкори тарбиявии Рӯдакӣ, Сино, У. Хайём, М.З. Розӣ ва амсоли инҳо.

- Ботамкин, ботаҳаммул ва босабру тоқат будани гузаштагон. Ҳама гуна мушкилиҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоиро паси сар намуда, ин мушкилиҳо садди роҳи пешрафти ҳаёту фаъолияти онҳо намегардиданд.

- Аз омӯхтан даст накашидани гузаштагон. Ёдовар мешавем аз таъқибу шиканҷаи зиёди ба сари мутафаккирон, донишмандони ин аҳд омада. Ҳукми

ба зери пои филон партофтани Фирдавсӣ, таъқибҳои ҳамешагии Носири Хусрав, Сино, З. Розӣ ва дигарон.

- Эътиром ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла забони ноби тоҷикӣ. Ҳифз намудани ин забон, аз фишори арабҳову салчуқиён ва дигар бадхоҳон, ки мехостанд забони тоҷикиро ба нестӣ баранд, наҷот додани он ва саҳми назаррас гузоштан дар рушуду нумуи забони ноби тоҷикӣ.

- Усули муошират. Дар асарҳои мутафаккирони ин аҳд масъалаи муошират, одоби сухан гуфтанро риоя кардан, бамавқеъ ва дар ҷойи мувофиқ сухан гуфтан, бо фаҳми ҳар кас бо ӯ муроҷиат намудану ҳамкорӣ ва ё дӯстӣ кардан, риояи одоби сухан дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ва амсоли инҳо мақоми асосӣ дошт.

- Саҳми назаррас гузоштан бо интиқоли анъанаҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ ба наслҳои оянда тавассути осори илмиву адабӣ.

- Назарҳои дурандешона ва пешқадами мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс буд, ки дар баробари кӯшишҳои маънавӣ ба кӯшишҳои ҷисмонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуданд. Онҳо бар ин ақидаанд, ки саломатии инсон аз қуввaҳои беруна вобастагӣ надошта, балки ба иродаи ӯ мансуб аст. Руҳи солим дар ҷисми солим инкишоф меёбад. Вобаста ба ин мутафаккирони ин асрҳо ба тарбияи ҷисмонӣ диққати асосӣ доданд.

- Ба меҳнат машғул будан, ба ҳунари худ созандагӣ кардану онро ташаккул додан, ба ҳамаи мавҷудоти зинда оқилона муносибат кардан, муҳити атрофро муқаддас шуморидан. Ҳамаи ин меҳнати руҳӣ, ҷисмонӣ ва ақлиро талаб мекунад. Агар меҳнатдӯст намебуданд, чунин шоҳасарҳоро ба мо ба мерос намегузоштанд.

- Онҳо ба омӯхтани як масъала, як фан маҳдуд нагардида, балки илмҳои зиёди замони хешро аз қабили нуҷум, Қуръон, ҳандаса, фиқҳ, мантиқ, адабиёт, ҳисоб, физика, тиб, равоншиносӣ, кимё ва дигарро аз худ намуда, дар ҳамаи самтҳо дониши мукаммалро касб намуданд.

- Бисёрҷанба будани мазмун ва мундариҷаи осори ин мутафаккирон. Аз ҷумла, мавзуъҳои тарбиявию ахлоқӣ, ватандӯстӣ, сулҳу субот, дӯстиву

иттиҳод, касбомӯзӣ, ҳунармандӣ, тарбияи ҷисмонӣ, таълиму тарбия ва дигар мавзуъҳои мубрам дар осори онҳо ҷойи намоён доштанд.

Маҳз барои замина гузоштан ба татбиқи ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар педагогикаи миллӣ, омӯзиши афкори педагогӣ ва таҷрибаи бойи онҳо муҳим аст. Дар ин замина алоқаманд намудани донишҳои назариявӣ бо ҳаёти воқеӣ, ки педагогикаи муосир ба он таваҷҷуҳи асосӣ равона намудааст, муҳим аст. Афкори пешқадами мутафаккирони асрҳои X-XI дар ҳамаи давру замон мақомӣ асосӣ дошта, дар педагогикаи муосир низ татбиқ ёфтааст ва алоқаманд намудани донишҳои назариявӣ бо ҳаёти воқеӣ мавзуи ҷудонопазири андешаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI буда, дар татбиқ намудани ақидаҳои педагогии онҳо дар педагогикаи муосири миллӣ нақши асосӣ доранд.

Дар асоси ақидаҳои ин мутафаккирон бо истифода аз хирад одамон бояд дониши гирифта, таҷрибаи бойи омӯхтаи ниёгонро бо ҳаёт алоқаманд намоянд ва ба манфиати кори нек дар зиндагӣ донишро истифода баранд. Дар ҳама шуғлу касб серғайрат бошанд ва масъулияти баландро нишон диҳанд. Назар меандозем ба боби чиҳилу сеюми «Қобуснома» «Андар оину расми деҳқонӣ ва ҳар пеша, ки донӣ: «Ва чун вақти кишту дурудан набошад, пайваста аз шикофтани замин ғофил мабош ва тадбири кишти соли оянда имсол ҳамекун. Ва кишт бештар бар замине кун, ки хештанпӯш бувад, ки ҳар замине, ки хештан натавонад пӯшидан туро ҳам натавонад пӯшидан. Ва чунин кун, ки доим ба иморат кардан машғул бошӣ, то аз деҳқонӣ бархурдор бошӣ. Пас агар пешавар бошӣ, аз пешаварони бозор, аз ҳар пешае, ки бошӣ, зудкору сутудакор бош, то ҳарифонат бисёр бошанд. Ва ҳар коре, ки кунӣ, беҳ аз он кун, ки ҳампешагон кунанд» [197, с. 199]. Дар боло аз он ёдовар шудем, ки мавзуи осори мутафаккирони асрҳои X-XI бисёрҷабҳаву гуногунпаҳлу аст. Аз ин ақидаи У. Кайковус бармеояд, ки инсон бояд серкору серғайрат бошад, даме ба бекорӣ роҳ надиҳад, масъулиятшиносу поктинат бошад. Агар чанде ин масал барои деҳқон аст, вале он ғояҳои педагогии хешро дорост. Кайковус панд медиҳад, ки барои ба даст овардани

ҳосили фаровон деҳқонро лозим аст, ки заминро нарм кунад, тадбири кори соли ояндаро дар соли равон кунад ва ба таъхирандозӣ набояд роҳ дод. Бар замине бояд кишт кард, ки хештанпӯш бувад, ки ҳар замине, ки хештанро пӯшидан натавонад ҳеҷ касро пӯшидан наметавонад. Доим ба иморат кардан машғул бояд шуд, дар ҳар пеша зудкору сутудакор будан лозим аст ва ҳар корро бояд беҳтар аз дигарон анҷом дод. Мо аз ин ақидаҳо онро дарёфтем, ки дар татбиқи афкори педагогии ниёгон дар педагогикаи миллӣ бояд дар таълиму тарбия, омӯзиши илму дониш ва тамоми касбу кор серкориву серғайратиро пеша намоем, ҳар як лаҳзаи вақтро ғанимат шумарем, барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ дар татбиқи назарияи ниёгон дар амал шароитҳои мусоидро фароҳам орем, фаъолиятҳои солҳои ояндаро дар худи ҳамин сол ба нақша гирем. Панду насиҳати бузургонро ба ҷо орем, ҳар касе, ки осори бузургони миллати хешро надонад, осори дигар миллатро омӯхтан наметавонад ва кӯшиш ба харҷ бояд дод, ки дар омӯзиш ва татбиқи осори мутафаккирони гузашта аз дигарон пеш бошем ва ин хислатҳои некро дар ниҳоди насли наврасу ҷавон тарбия карда тавонем. Агар ин принсипҳоро ба ҷо орем дар татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар педагогикаи миллӣ саҳми хешро гузошта метавонем.

Дар амал татбиқ намудани донишу таҷрибаҳои гирифташуда бо роҳи хирад дар ақидаи дигар намояндагони адабиёти асрҳои X-XI низ назаррас аст. Онҳо боварӣ доштанд, ки танҳо бархӯрди мустақим бо табиат, иртиботи муназзам бо он тавассути истифодаи бамавқеи хирад, мушоҳида, табодули таҷриба, ҳамкорӣ бо мардуми атроф, эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ, ташкили муҳити мусоиди зиндагӣ ва таълиму тарбия ва амсоли инҳо имкон медиҳад, ки насли наврас ҷаҳонро дуруст омӯзанд ва кор карданро ёд гиранд. Мутафаккирони ин давра сарчашмаҳои асосии таълиму тарбияи воқеиро баррасӣ карда, мушоҳида ва таҷрибаро яке аз омилҳои асосии баровардани назария ба амалия медонанд. Барои расидан ба ин мақсад мутафаккирони асрҳои номбурда, ҷустуҷӯ кардани дониш, пайваста машғул будан ба хондан, навиштану эҷод кардан, машварат гирифтан аз дигарон,

донистану дар амал татбиқ кардани донишҳову таҷрибаҳои гирифтаро талқин мекунанд. Масалан, Носири Хусрав фармудааст:

Биҷӯю бинвис, он гаҳ бихону бипурс,
Пасаш биёмӯз, он гаҳ бидону ба дил кор [156, с. 38].

Пас ақидаҳоеро, ки Ҳаким Носири Хусрав дар амалӣ намудани назария дар ҳаёти ҳаррӯза баён намудааст, меъёрҳо барои татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик дар педагогикаи миллӣ мебошанд, яъне барои насли наврас муҳим аст, ки дар омӯзиши афкори педагогии ин мутафаккирон мафҳумҳои зайлро ба кор баранд: ««биҷӯй», «бинвис», «бихон», «бипурс», «биёмӯз», «бидон», «ба дил кор»» [156, с. 38] ва дар татбиқ намудани афкори педагогии мутафаккирони ин аҳд дар педагогикаи миллӣ саҳми хешро гузошта тавонанд.

Андӯхтани дониш ва дар амал татбиқ кардани он талаби педагогикаи муосири милӣ аст ва ин ақида дар педагогикаи мардумӣ низ мақоми назаррас дошт. Дар асоси ақидаҳои мутафаккирони асрҳои болозикр чун илм амалӣ гардад, соҳибаш роҳи беҳтарини пешрафти зиндагиро муайян менамояд ва бо ин васила баландмақому баландмартаба мегардад. Дар баробари дигар мутафаккирон ин ақидаро дар осори илмиву адабии Сино зиёд во мехӯрем: «Илм, гуфта буд Ибни Сино, инсонро аз рафтору кирдори бад нигоҳ дошта, ба хулқу атвори нек ҳидоят мекунад. Фақат илму дониш инсонро ба мартабаи баланд мерасонад. Ӯ ба заковати инсон, ба қувваи ақлӣ ва қобилияти ӯ боварии комил дошт. Бо ақидаи Ибни Сино муроди инсон аз омӯхтани илм фақат ғизои рӯҳӣ набуда, балки дар ҳаёт аз он истифода бурдан аст. Барои ҳамин ҳам ӯ илмро бе амал тасаввур карда наметавонист» [48, с. 48]. Иқтибоси овардаи Х. Афзалов ва Б. Раҳимов аз китоби «Таърихи педагогикаи тоҷик» фикрҳои моро оид ба донишманд будану ба дониш диққати асосӣ равона намудани мутафаккирони асрҳои X-XI асоснок менамоянд.

Дар амал корбаст гардидани дониш боиси пешрафти ҷомеа, сарватманд гардидани ниёзмандон ва муҳимтараш, боиси шуҳратёртар гардидани шахси донишманд мегардад.

Ақидаҳои Сино, Носири Хусрав, У. Кайковус дар амал татбиқ намудани дониши назариявиро тараннум мекунанд. Мутафаккирони адабиёти асрҳои X-XI омӯзишро танҳо аз рӯйи таҷрибаи шахсии хонанда ташкил намуда, дониши мунтазами бо роҳи хондани лексия дар илм ҷамъшударо рад мекарданд. Инчунин онҳо бо усулҳои фаъолу манфиатбахш таълим додану тарбия намудани насли наврасро тарғиб менамуданд, ки педагогикаи муосир низ инро талаб дорад. Масалан, Маскавийё Розӣ (асри XI) ҳамчун маърифатпарвар ва тарғибкунандаи ақидаҳои педагогӣ зидди ҷазои ҷисмонӣ додани шогирдон аз тарафи омӯзгор ё падару модар буд. Ӯ ин усулро боиси кам шудан ва ё тамоман аз байн рафтани шавқи хонанда ба таълим медонад. Ин ақидаро дигар мутафаккирони асрҳои X-XI низ тарафторанд. Ба унвони мисол метавон оварда, ки Умари Хайём ранҷонидани касро маҳкум мекунад. Ӯ муносибати хуб доштанро талқин мекунад:

То битвонӣ ранҷа магардон касро,
Бар оташи хасми худ маншон касро.
Гар роҳати ҷовидон тамаъ медорӣ,
Меранҷ ҳамешаву маранҷон касро [136, с. 68].

Тазаккур додан бамавқеъ аст, ки барои омӯзгор дар навбати аввал «роҳати ҷовидон» ба мартабаи баланди илму маърифат ва ахлоқи намунавӣ расидани шогирдаш аст. Пас ӯро ба таълим шавқманд бояд намуд ва набояд аз омӯхтани илм дилзада кард. Ба ин нукта мутафаккирони асрҳои X-XI, аз ҷумла, К. Марвазӣ, А. Балхӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва дигарон ишораҳои зиёд намуданд. Ин усул яке аз омилҳои фаъоли амалӣ намудани дониш дар ҳаёти ҳаррӯза ва татбиқи ақидаҳои педагогии мутафаккирони болозикр дар педагогикаи муосири миллӣ мебошад.

Усули татбиқи дониши назариявӣ дар амал ё алоқамандии таълим бо ҳаёт дар ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ нақши муҳимро мебозад. Муҳаққиқ У. Зубайдов дар ин бора чунин андеша рондааст: «Имрӯз дар раванди таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба баланд бардоштани қобилияти фикрронӣ ва рушди салоҳиятҳои хонандагон диққати

асосӣ дода мешавад [70, с. 60]. Аз таҷрибаҳои ҳаррӯза низ аён аст, ки алоқамандии назария ва амалия яке аз муҳимтарин принсипи таълимӣ дар замони муосир буда, хусусиятҳои мундариҷаи фанҳои таълимӣ, мушаххасоти онҳо, усулҳои фаъоли дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ, алоқаи байни назария ва амалияро таъмин менамояд.

Аз таҳқиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI- тоҷику форс дар ҳамбастағӣ бо этнопедагогика, анъанаҳои миллӣ ва гузаронидани таҷрибаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба хулоса омадем, ки барои татбиқи ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои болозикр дар педагогикаи муосири миллӣ муҳим аст:

- омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ роҳҳои пешрафти ҳаёти насли наврас ва аҳли ҷомеаро муайян мекунад. Аз ин рӯ, лозим аст, ки барномаи амалу фаъолият аз муассисаҳои таълимӣ берун баромада, доираи фарохро касб намояд, то ки фазои фарҳангиву таълимӣ беҳтар карда шавад;

- эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ, тарбияи маънавии насли наврас ва дар руҳияи масъулиятшиносӣ, донишандӯзӣ, хушахлоқӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ тарбия намудани насли наврас ва дар ин замина, ҳамоҳанг намудани арзишҳо ва хусусиятҳои миллӣ ба арзишҳои умумиинсонӣ;

- эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ, фарҳанги ҳазорсолаи ниёгон дар намунаҳои эҳтиром ва гиромидошти забони ноби тоҷикӣ, урфу одат, лафзи шифоҳии насли наврасу ҷавон ва аҳли ҷомеа, ғанӣ гардонидани фонди луғавии хонандагон, роҳ надодан ба бесаводӣ, беодобӣ дар муошират ва суханронӣ;

- ҷалби наврасону ҷавонон ба мутолиаи китобҳои бедеӣ, дастгирии китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ, китобхонаҳои сатҳи ҷамоатӣ, ноҳия, шаҳр, вилоят ва тамоми кишвар. Мусоидат намудани падару модар, аҳли ҷомеа, шахсони хайрихоҳ, соҳибкорон дар бой гардонидани китобхонаҳо;

- ҳамзамон, дар доираи имкониятҳои мавҷуда падару модарро муҳим аст, ки анъанаи неки ниёгон – таҳсис додни китобхонаҳои хурди хусусиро дар хонаҳо эҳё ва равнақ бахшанд;

- имрӯз ҳар як фарди ҷомеа дорои телефонҳои мабилии гаронбаҳо, бисёрфунсиягӣ буда, аксарияти хонаҳо аз интернет тавассути барномаи Wi – Fi таъмин мебошанд. Вобаста бо чунин шароит пайваст шудан ба китобхонаҳои бонуфузи ватанӣ ва кишварҳои дигар мақсаднок аст. Дар ин замина насли наврас, ҷавонон ва кулли табақаҳои ҷомеа метавонанд осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷикро бо осори мутафаккирони олам муқоиса намоянд, таҳлили муқоисавии афкори ин бузургонро ба дигар донишмандон ба роҳ монанд ва аз рӯйи панду насиҳати ин мутафаккирон амал намоянд;

- аз тарафи олимони муосир таҳия шудани дастурҳои илмӣ, методӣ, раҳнамоҳо ба ёрии падару модар, омӯзгорони ҷавону навкор бо такя ба афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик ва дигар мутафаккирон;

- таҳқиқи масъалаҳои роҳҳои равнақ бахшидани таълиму тарбия аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар намунаҳои тарбияи насли наврас ва ҷавон, мардуми деҳа ва шаҳр, тарбияи эҳтиром ба фарҳангҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтироми гуногунфарҳангӣ, гуногунандешӣ ва амсоли инҳо ва дар педагогикаи миллӣ татбиқ намудани ақидаҳои педагогии ин мутафаккирон;

- таҳқиқи ҷанбаҳои мусбати педагогикаи Шуравӣ, таҳсил бидуни шартнома дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, диққати асосӣ равона намудан ба тайёр кардани кадрҳои ба замони муосир, рушди зеҳни сунъӣ ва иқтисоди рақамӣ ҷавобгӯ, татбиқи ин таҷрибаҳо дар педагогикаи муосири миллӣ;

- баланд бардоштани омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забонҳои хориҷӣ, таърих, одоби оиладорӣ, зиёд намудани соатҳои таълими адабиёти тоҷик дар нақшаҳои таълимӣ;

- омӯхтан ва муайян намудани иқтидори табиии хонандагон, мусоидат намудан дар рушд бахшидани иқтидори онҳо, ҳавасмандгардонии

омӯзгорони ҷавону навкор, ҷалби бештари ҷавононӣ соҳибихтисос ба фаъолияти педагогӣ;

- мусоидат намудан дар инкишофи малакаҳои коммуникативӣ, тақвияти омӯзиши забони тоҷикӣ, забонҳои хориҷӣ бо мақсади ташаккул бахшидани педагогикаи миллӣ ва ошноӣ бо фарҳангҳои ҷаҳонӣ;

- дар баробари омӯзиши дониш рушд додани салоҳиятҳои хонандагон, ташаккули касбомӯзӣ, мустақиломӯзӣ ва амсоли инҳо;

- ташаккули эҳтиром ба захираҳои моддӣ ва маънавии кишвар, эҳтиром ба қонун ва риояи пурраи қонунҳои давлат, эҳтиром ба қонунҳои дигар мамлакатҳо, зеро имрӯз бумбасти коммуникатсионӣ аз байн рафтааст ва омаду рафти шаҳрвандон ба мамолики мухталифи олам бо маром идома дорад, дар ин замина донистан, эҳтиром ва иҷро кардани қонунҳо дигар давлатҳо ба фоидаи кор аст;

- коркарди мазмуни нави таҳсилот, коркарди ҷиддии илмӣ ва омӯзиши амалии онҳо, ҷустуҷӯйи технологияи нав ва шаклҳои нави раванди таълим бо истифода аз афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, ақидаҳои пешқадами этнопедагогика, технологияи муосир, аз ҷумла технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот;

- таъмини шароитҳои мусоид барои ташкили муассисаҳои таълимии хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо барои хонандагони болаёқат ва дар ин замина мусоидат намудан дар ташкили таҳсилоти фарогир (ба таҳсил фаро гирифтани ҳамаи хонандагон, дорои маҳдудият, камбизоат, хонандагон аз оилаҳои осебпазир ва амсоли инҳо);

- таъмин намудани шароитҳои мусоид барои таҳсилоти умумии калонсолон, тақвияти омӯзиши фосилавӣ, равнақ бахшидани фаъолияти муассисаҳои шабона, ғоибона ва амсоли инҳо;

- имрӯз дар кишвари мо марказҳои забономӯзӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ фаъолият доранд. Дар заминаи чунин марказҳо ташкил кардани марказҳои омӯзиши адабиёти тоҷик ва ҷаҳон бо мақсади тақвият додани

омӯзиши осори ниёгон, аз ҷумла осори пурраи мутафаккирони асрҳои X-XI ва дар ин замина диққати асосӣ додан ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ;

- таъмин намудани шароити мусоид барои мутахассисони касбҳои мухталиф, аз ҷумла омӯзгорон, бо мақсади пешгирӣ намудани падидаи нохуши тарк кардани кишвар аз тарафи оӯзгорони ҷавон, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо, кӯчидан ба мамолики хориҷӣ ба таври расмиву ғайрирасмӣ;

- таъмин намудани имтиёзҳо барои омӯзгорон, аз қабили озод будан аз пардохти маблағҳои комуналӣ, пардохти ҳаққи роҳкиро дар нақлиёти давлатӣ, кам кардани андоз ва ё тамоман озод будани омӯзгорон аз супоридани андозҳо, тақвият бахшидани теъдоди роҳхатҳо барои истироҳати омӯзгорон дар истироҳатгоҳҳо ва амсоли инҳо;

- дастгирии муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон аз тарафи соҳибкорон, сарватмандон ва дигар шахсони тавонои ҷомеа, аз қабили паст кардани ҳаққи роҳкиро дар нақлиётҳои хусусӣ, пастар кардани нархи маҳсулот, дар истироатгоҳҳои хусусӣ ташкили истироҳати ройгон барои омӯзгорони ҷавону навкор ва амсоли инҳо;

- мубориза алайҳи фасодкориву ришвахӯрӣ, амалҳои шубҳаовар дар соҳаи таълиму тарбия, дохилшавӣ ва таҳсил дар донишгоҳҳои олӣ, анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амсоли инҳо;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои алоқаманд намудани назария дар амал, бо мақсади татбиқи осори мутафаккирони асрҳои X-XI дар ҳаёти ҳаррӯза;

- натиҷабахшии алоқамандии таълиму тарбия бо ҳаёт, аз мундариҷа, ташкили ҷараёни таълим, шаклҳо ва усулҳои фаъоли истифодашудаи таълим, инчунин хусусиятҳои синну соли хонандагон вобаста аст;

- ҳар қадаре, ки фаъолияти самаранок ва роҳнамоии касбии хонандагон беҳтар гардонида шавад, онҳо ба шароити истеҳсолоти муосир бомуваффақият мутобиқ карда мешаванд;

- алоқамандии назария бо амалия бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим барои тақвият бахшидани пешрафти ҳаёт истифода мешавад, шуурнокии омӯзиш ва ҳавасмандӣ ба он боло меравад.

Олимон таҳқиқ намудаанд, ки бо роҳи «амал» 80-85%-и иттилоотро хонандагон аз худ менамоянд ва бо «гӯш кардан» - на бештар аз 15-20%. Аз ин лиҳоз, дар раванди таълим бояд ҳамаи фаъолиятҳои зеҳнӣ бо амалия пайваст бошанд. Аз ин рӯ, дар баробари андешаҳои боло инчунин омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар татбиқ намудани афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар педагогикаи миллӣ нақши асосӣ доранд. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани пешниҳодҳо ва тавсияҳои зер боиси натиҷабахш гардидани кори таълиму тарбия мегардад:

- Нақшаҳои дарсии омӯзгорон мақсаднок ва ба талаботи замон мувофиқ таҳия карда шаванд.

- Шогирдонро омӯзгор бояд тавре таълим диҳад, ки зарурияти омӯхтани осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва дар умум, андӯхтани дониш ва дар амал татбиқ кардани онро дониста гиранд.

- Алоқамандии ҷараёни таълим бо ҳаёт ва ё амалӣ намудани назария дар ҳаёти ҳаррӯза, бахусус, осори мутафаккирони асрҳои X-XI ҳамеша вуҷуд дошта бошад.

- Дарс бояд ҳама вақт мутобиқ ба замони муосир бошад, то хонандагон технологияҳои нави муосир, усулҳои фаъоли алоқамандии осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс бо ҳаёт, роҳҳои пешқадами меҳнат ва дар маҷмуъ роҳҳои тайёр будан ба ҳаёти пурмуваффақиятро аз худ карда тавонанд.

- Омӯзгор бояд шогирдонро бовар кунонда тавонад, ки ҳар як шахс дар ҳаёти худ ҷойи худро пайдо мекунад, кори хуб пайдо мекунад, агар ӯ ҳамаи донишҳоро, ки барои амалӣ намудани нақшаҳои зиндагии ӯ зарур мебошанд, ёд гирад.

- Хонандагонро одат кунонад, то ки донишҳои худро арзёбӣ намоянд ва дар амал татбиқ кунанд.

- Омӯзгорро муҳим аст, ки муҳити атрофро ҳамчун манбаи дониш ва майдони татбиқи амалии донишҳои андӯхташуда мавриди истифода қарор диҳад.

- Дарсҳои ҳаррӯзаи омӯзгор бояд бо дурнамои рушди иқтисодиёти деҳа, шаҳр, минтақа, ҷумҳурӣ, кишвар мутобиқ карда шаванд.

- Зарурияти андӯхтани таҷрибаи рӯзгор, этнопедагогика, анъанаҳои миллиро фаҳмонда дода, роҳҳои гирифтани таҷриба аз рӯзгорро пешниҳод намояд.

- Хонандагонро ба гирифтани мустақилонаи дониш раҳнамун созад, ҳавасманд намояд ва пайвастагии омӯзиш бо ҳаётро ҳамчун омили тарбия ва омӯзиши мустақилона истифода барад.

- Корҳои беруназсинфӣ оид ба осори мутафаккирони асрҳои X-XI барои хонандагон ҷолибтар мегарданд, агар омӯзгор онҳоро ба иҷрои нақшҳо, саҳнача, бозӣ, эҷодкорӣ, фикрронӣ, мустақиломӯзӣ ҷалб намояд.

Мавриди амал қарор додани тавсияҳои дар боло қайдгардида заҳматҳои кашидаи омӯзгорро натиҷабахш менамоянд ва омӯзгор дар давоми фаъолияти меҳнатии хеш ҳамарӯза ба комёбиҳои назаррас ноил мегардад. Муҳимтарин кашфи нимаи дуюми асри XX дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ мебошад. Моҳият дар он аст, ки омӯзгор бо хонанда кор карда, кӯшиш мекунад, ки ӯро то ҳадди имкон хубтар фаҳмад, хусусиятҳояшро донад, ба хизмат, арзишҳо, орзуҳо, ниёзҳои ӯ такя карда, ҷабҳаҳои хурди муваффақиятро инкишоф диҳад. Ин муҳаббат ва садоқати омӯзгорро ба кори худ, маҳорати баланди касбӣ, қобилияти дарккунии вазъиятҳои шогирдон ва мулоҳиза, қобилияти эҷоди муҳите фароҳам меорад, ки дар он ҳар як хонанда муваффақиятҳои хешро ҳис карда метавонад.

4.2. Вижагиҳои рушди сирати миллии хонандагони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таълимоти мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс

Яке аз вижагиҳои асосии ташаккули сирати миллӣ ҷиддан машғул гардидан ба тарбияи насли наврас мебошад, зеро ахлоқи ҳамидаи инсонӣ сарчашмаи асосии арзишҳо ва сирати миллии мардуми ориётабори тоҷик аст ва бояд равнақ дода шавад. Тарбияи насли наврас худ вижагии асосии таълимоти ниёгон, мавзуи марказии осори адибони асрҳои X-XI тоҷику форс ва баъдӣ буда, дар замони кунунӣ он мақоми боз ҳам ҳассостарро касб кардааст. Натиҷаҳои пажуҳишҳои илмии муҳаққиқону мутафаккирон гувоҳанд, ки тарбия ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти ниёгони тоҷик буда, он вижагии асосии анъанаҳои милливу мардумии ин халқ аст. Тарбия амалкарди ҳар инсон буда, амал, рушд ва такмилро талаб дорад. Академик Ф. Шарифзода онро чунин тавзеъ медиҳад: «Тарбия калимаи арабӣ буда, аз решаи арабии *раббо*-ба воя расондан, сабзондан, парвариш кардан ҳосил шудааст» [381, с. 32]. Иқтибоси овардашуда асоснок менамояд, ки дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ тарбия нақши асосӣ дорад.

Дар замони муосир ва ҳардам тағйирёбанда ташаккули сирати миллӣ боз ҳам таваҷҷуҳи ҷиддиро талаб менамояд. Педагоги муосири тоҷик, академик Шарифзода Файзулло қайд мекунад: «Имрӯз ба ҳама маълум аст, ки тарбия муаммои иҷтимоӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ буда бо одам, меҳнат ва дараҷаи саводнокии ӯ вобаста аст» [328, с. 32]. Ин назари академик Шарифзодаро мушоҳидаҳои ҳаррӯза собит менамоянд. Замони кунунӣ ҳар рӯз шоҳиди мушкилиҳову муаммоҳои нав мегардад, ки бевосита ба таълиму тарбияи насли наврас таъсир мерасонанд ва ин масъала диққати муҳаққиқонро боз ҳам бештар ба худ ҷалб кардааст: «Олимони дунё пайдо шудани муаммоҳо, сабабҳо ва шаклгирии ин муаммоҳоро таҳти таҳқиқ қарор дода, пажуҳишҳои судмандро анҷом додаанд» [328, с. 7]. Ин аст, ки аз ҷониби пажуҳишгарони ватаниву хориҷӣ вобаста ба ин масъала ақидаҳои ҷолиб пешниҳод гардида, гардида истодаанд. Аз ҷумла, раванди пешгирии

косташавии ахлоқи ноболиғон дар пажуҳишҳои олимони рус Е.В. Змановская масъалаҳои ташкил намудани корҳои тарбиявӣ-профилактикӣ ва коррексионӣ бо кӯдакон дар пажуҳишҳои С.А. Беличева баррасӣ гардида, ба сифати таҳқиқоти бунёдӣ имрӯз дар таҳқиқи муаммоҳои косташавии ахлоқи наврасон, ки ба рушди сирати миллии онҳо таъсири манфӣ мерасонанд, мавриди истифода қарор доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таълиму тарбияи ахлоқии насли наврас: М. Яҳёев, Д.И. Фелдштейн А.Х. Кучкаров, С. Қодиров, И. Давлатшоев оид ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии наврасон ва муҳаққиқони эронӣ Ирфониён Тақвои Яздинажод, Садро Мирзоҷонӣ роҷеъ ба масъалаҳои иҷтимоигардонии наврасону ҷавонони фирорӣ таҳқиқот анҷом додаанд. Ин масъала дар пажуҳишҳои олимони Шуравӣ низ мавқеи асосӣ дошт.

Масалан, равоншиноси собиқ Иттиҳоди Шуравӣ Л.С. Виготский зинаи синнусолии наврасонро таҳти таҳқиқ қарор дода, ба хулоса омадааст, ки дар инкишофи шахсияти наврасон омили иҷтимоӣ, алоқаи наврасон бо олами иҳотакарда аҳаммияти калон дорад. Махсусан, ӯ қайд карда буд: «Тағйиротҳои муҳимми биологӣ, ҷинсӣ ва психологие, ки ба давраи гузариш хос аст, ба муҳити атроф алоқаи зич доранд. Ин ақида имрӯз низ мавқеи худро аз даст надодааст ва мо дар ҳаёти ҳаррӯза шоҳиди ҳол мегардем, ки муҳити атроф ба тарбияи насли наврасу ҷавон ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам таъсири манфӣ расонида истодааст» [67, с. 53]. Маҳз як ҷанбаи ташаккули сирати миллӣ дар муҳити солим зиндагӣ кардани насли наврас аст. Омӯзгорон, падару модар ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки дар солим нигоҳ доштани муҳити зист саҳми назарраси хешро гузоранд.

Яке аз вижагиҳои муҳим, ки дар тарбияи насли наврас мусоидат мекунад, ин андӯхтани дониш ва дар амал татбиқ кардани он аст. Боиси ифтихор аст, ки аксарияти ҷавонони тоҷик имрӯз низ дар андӯхтани илму дониш кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода, ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ пардохта, дар донишгоҳҳои бонуфузи кишвар ва байналмилалӣ таҳсил доранд. Онҳо ҳам дар Тоҷикистон

ва ҳам берун аз он рисолаҳои илмиро дифоъ намуда, соҳиби унвони илмӣ мегарданд. Бархе ба ватан баргашта дар соҳаҳои мухталиф адои вазифа мекунанд ва қисми дигар дар кишварҳои хориҷ ба шуғлҳои хуб мепардозанд ва умеди имрӯзу ояндаи кишвар мебошанд. Баъзе аз ҷавонон ба соҳибкорӣ машғул гардида, ба халқу миллат содиқона хизмат мекунанд. Чунин падидаи нек ва муваффақиятҳо дигар ҷавононро водор ва раҳнамун месозанд то аз таҷрибаи ин ҷавонон баҳра бардоранд ва аз амалҳои неки онҳо пайравӣ кунанд. Масалан: «Соли таҳсили 2019-2020, дар маҷмуъ, 2691 нафар хонанда муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро хатм намуданд. Новобаста аз хуруҷи бемории COVID-19 аз байни хатмкунандагон 2275 нафар аз тариқи Маркази миллии тестӣ ба муассисаҳои олии кишвар дохил гардида, 173 нафар ба мактабҳои хориҷи дуру наздик ҳуҷҷат супорида, муваффақ гардиданд. Инчунин аз тарафи давлат 150 квота барои хатмкунандагон ҷудо гардиданд, ки 140 квотаро хатмкунандагон соҳиб гардида, ба мактабҳои олӣ дохил шуданд» [29, с. 7]. Ин далелҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки вижагии донишомӯзӣ дар миёни насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақому манзалати худро нигоҳ доштааст ва завқу рағбати наврасон нисбат ба китобхониву касбинтихобкунӣ рӯз аз рӯз равнақ ёфта, маърифатнокии онҳо такомул меёбад.

Ҷиҳати тақвият бахшидани фикри боло метавон баргузорӣ ва ҷамъбасти озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»-ро мисол оварда: «… 7-15-уми декабри соли 2020 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон даври ҷамъбастии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид, ки дар он 269 нафар довталаб аз ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе иштирок карда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд» [29, с. 11]. Ин падида ифтихори миллат аст ва тазаккур бояд дод, ки ташкили озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» сиёсати хирадмандона, таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба соҳаи маориф ва илм бори дигар собит мекунад.

Дар паратави ин ҳидоятҳову раҳнамоиҳо муҳим аст, ки ба вижагии китобхониву китобдӯстӣ, донишомӯзиву аз худ намудани мероси адабии шуарои классик, махсусан осори мутафаккирони давраи тиллоии адабиёти тоҷик асрҳои X-XI диққати асосӣ равона карда шавад. Мавзуи осори шуарои ин аҳд васеъ буда, асрҳои аср мақому манзалати хешро аз даст нахоҳад дод. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон, падару модар ва тамоми қишри ҷомеа ба мутолиаи асарҳои мутафаккирони асрҳои зикргардида бештар ҷалб карда шаванд. Махсусан, кӯшиш кардани ниҳодҳои номбурда дар дастрас намудани мероси адабии як зумра шоирони асрҳои X-XI, ки номашон дар фаслҳои болои рисола қайд гардида, осорашон пурра омӯхта нашудааст, бағоят муҳим ва саривақтист. Хонандагон бояд ташвиқ шаванд, ки дар ҷустуҷӯ ва омӯхтани осори ин мутафаккирон саҳмгузорӣ намоянд ва ҷавонон ба таҳқиқи осори ин бузургон машғул шаванд, зеро анъанаи китобхонӣ дар байни мардуми тоҷик решаи таърихӣ дошта, он набояд аз байн биравад, балки онро равнақ бахшидан вазифаи ҳар як шаҳрванд, новобаста аз шуғл, касбу кор ва синну сол мебошад.

Дар сирати миллии мардуми ориётабори тоҷик таълими босифат мақоми марказиро дорост, ки дар замони муосир низ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он диққати асосӣ равона шудааст. Аз ин лиҳоз, дарси омӯзгор бояд ба талаботи рӯз ҷавобгӯ бошад. А.А. Вербитский яке аз сабабҳои коста гардидани тарбияро дар истифодаи усулҳои анъанавӣ дар дарси омӯзгор маънидод мекунад: «Дарсе, ки дар он омӯзгор навоварӣ надошта, аз усулҳои фаъоли таълими замонавӣ истифода намебарад, ба рушди салоҳиятҳои хонандагон диққат намедиҳад, боиси дилгиршавии таълимгирандагон мегардад» [79, с. 121]. Агар дарсҳои ҳаррӯза бо чунин тарз гузаранд, шавқу завқи хонандагон ба дарс гум мешавад ва онҳо ба рафторҳои дигар даст мезананд. Гум шудани шавқу рағбати наврасону ҷавонон ба таълим на фақат барои худи онҳо, балки барои кулли ҷомеа хатарзо аст, зеро паст шудани саводнокӣ ҳар як халқу миллатро метавонад ба нестӣ расонад. С.А. Таибов дар мақолаи хеш овардааст: «Гӯянд дар дарвозаи Донишгоҳи

Стелленбоши Африқои Ҷанубӣ навиштаҳои зерин овехта шудааст: «Нест кардани ҳар миллате ба истифодаи бомбаҳои ҳастаӣ ё истифодаи мушакҳои дӯрпарвоз ниёз надорад. Он танҳо мунҷар ба коҳҳонидани сатҳи таълим аст ва таввасути донишҷӯён додани иҷозати фиребу тақаллуб дар имтиҳонот таҳқиқ мепазирад… Сукути низоми омӯзиш-сукути миллат аст» [30, с. 10]. Пас ҳар як омӯзгор, падару модар ва аҳли ҷомеаро лозим аст, ки ба таълиму тарбияи насли наврас ҷиддӣ назар андозанд.

Ҷиҳати равнақ бахшидани таълим муҳим аст, ки омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дарсҳоро бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим гузаронанд. Омӯзгорон дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ба усулҳои замонавии таълим шиносанд ва хуб мешуд, ки ин усулҳоро дар дарсҳои ҳаррӯзаи хеш истифода баранд. Барои боз ҳам беҳтар шинос шудан ба усулҳои фаъоли таълим ва педагогикаи муосир мақсаднок аст, ки омӯзгорон ва ҳатто падару модар асарҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ, аз ҷумла: М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И. Каримова, Л.Н. Қаҳор, У. Зубайдов, С.Э. Негматов, Х.С. Авзалов, С.Ш. Бозорова, Б. Қодиров, Ф. Гулмадов, Қ. Қодиров, Б. Маҷидова, А. Нуров, И.О. Обидов, С. Сулаймонӣ, Ҷ.Х. Файзализода, С. Шербоев, А. Насриддинов, А. Абдуллоев, А. Мирзоев, А. Тоҳирҷонов, А. Ҷаъфар, С. Амирзода, Н. Арабзода, Х. Асозода, А. Афсаҳзод, К. Бекзода, В. Охонниёзов, Ҳ. Қаландариён, А. Абдулназаров, Н. Офаридаев, Б. Ғафуров, М. Диноршоев, З. Юсуфбекова, Ш.Х. Карамхудоев, Ҷ. Булбулов, М. Ровандӣ, Т. Мустафоқулов, А. Содиқов ва амсоли ннҳо, ки дар соҳаи педагогика ва адабиёт пажуҳишҳо анҷом додаанд, омӯхта дар таълиму тарбияи насли наврас мавриди истифода қарор диҳанд.

Таълим ва тарбия ду чизи аз ҳам ҷудонашаванда мебошанд ва имрӯз муҳим аст, ки ба тарбияи насли наврас беш аз пеш машғуд гардем, зеро мушоҳидаҳои ҳаррӯза, таҳқиқотҳои олимон нишон медиҳанд, ки дар баробари дастовардҳову натиҷаҳои хурсандибахш дар байни наврасону ҷавонон мушкилиҳо - муаммоҳо низ мавҷуданд. Муҳити ҷомеаи муосир на

ҳама вақт ва ҳама ҷо солим аст. Имрӯз даст задани бархе аз афрод ба нашъамандиву нашъаҷалобӣ, майзадагиву мастӣ, дуздиву ғоратгарӣ, гаравидан ба гурӯҳҳои террористӣ ва дигар амалҳои номатлуб муҳитро носолиму хатарзо сохта, ба тарбияи ин насл халал ворид месозад. Ин падидаи номатлуб қариб саросари мамлакатҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Аммо вижагиҳои неки тарбияро, ки ниёгони мо ба мо мерос гузоштаанд, на бояд аз даст дод.

Проблемаи косташавии тарбия - ахлоқи наврасону ҷавононро Е.В. Змановская мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода, чунин тасниф мекунад:

«- антисотсиалӣ – ин рафторе мебошад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мухолиф мебошад, ки ба он: авбошӣ, дуздӣ, роҳзанӣ, зӯроварии ҷисмонӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд;

- асотсиалӣ – ин афрод канорагирӣ аз риояи меъёрҳои ахлоқии дар ҷомеа қабулшударо вирди зиндагии хеш менамоянд, ки ба ин қисмат: фирор намудан аз хона, машғул шудан ба оворагардӣ, дурӯғгӯӣ, рафтори агрессивӣ, пайравӣ аз маданияти нав, граффитӣ ва ғ. мутааллиқанд;

- аутодеструктивӣ - тамоюли рафтор аз меъёрҳои тиббӣ ва психологӣ, амсоли: нашъамандӣ, вобастагии компютерӣ, худкушӣ ва ғ.» [32, с. 41].

Исботи илмӣ ин аст, ки муаммои косташавии тарбия, ки ба арзишҳои миллии мардуми тоҷик бегона аст, дар заминаи хушку холӣ ба амал намеояд ва он сабабҳои пайдоиши худро дорад. Ин сабабҳо хеле зиёд ва гуногунанд ва онҳоро бояд таҳқиқ намуда, роҳҳои мувофиқи ҳалли онҳоро ҷустуҷӯ ва амалӣ намуд. Олим Роджер Пиранджело роҳи асосии пешгирӣ ва ё ҳалли муаммои мавҷудаи тарбияро дар ёфтани сабаби асосии он маънидод мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки то даме, ки сабаби сар задани муаммо муайян ва бартараф карда нашавад, ҳалли муаммо номумкин аст. Муҳаққиқ Н. Мамадюсуфов оид ба ин масъала аз ақидаи олим Р. Пиранджело ёдовар шуда, дар мақолаи хеш овардааст: «Таълимдиҳандагон, ҳам падару модар ва ҳам омӯзгоронро муҳим аст, ки бидонанд: «Рафторе, ки онҳо мушоҳида менамоянд шояд аломати мушкилоти ноҳаётаре бошад. Аз ин рӯ,

омӯзгоронро муҳим аст, ки тафовути байни аломатҳо ва мушкилотҳоро донанд. Агар дар ин кор ба нофаҳмӣ роҳ дода шавад, ҳар ду тарафи муноқиша – ҳам муаллим ва ҳам талабаро ноумедӣ интизор аст, зеро иллат барҳам дода нашуд» [69, с. 13].

Олимон Фабер ва Майзлих бошанд, исбот мекунанд, ки дар бисёр мавридҳо сабаби муносибати ғайри муқаррарӣ муноқишаҳои талабкунандагон мебошанд. Ба омӯзгор, падару модар муҳим аст, ки вижагии сабру тааммул, муносибати хубро аз даст надода, ба шогирдон фаъол буданро тарғиб намоянд. Агар муносибати ғайри муқаррарӣ сабаби пайдоиши вазъияти муноқишавӣ бошад, пас ба вижагии ҳалли дутарафаи бомуваффаққияти он, ки яке аз арзишҳои миллии тоҷикон аст, омадан зарур аст, зеро ҳамкорӣ усули олиҷаноби ба ҷо овардани талаботи яке аз тарафҳост ва он дар ташаккули сирати миллии насли наврас мақоми асосӣ дорад. Олимони болозикр истифодаи ин усулро на фақат дар синф, муассисаҳои таълимӣ, балки бо волидон дар хона бо зану кӯдакон низ тавсия мекунанд. Вақте ки ҳамкорӣ барқарор шуд ва ба тарбияи наврас ё ҷавон таъсири мақсаднок расонида шуд, ӯ худаш ба худ савол медиҳад: «Чӣ муҳимтар аст, хоҳиши ман, занам, шогирдам, падару модар ва ғайра? Бо ин роҳ ӯ метавонад рафтори ғайри муқаррарии худро таҳлили мустақилона намуда, хулосаи лозимӣ барорад.

Таҷрибаҳои рӯзгор нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ имрӯз ба насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низ таъсири худро расонида, сар задани муноқишаҳо байни хонандагони як синф ё синфҳои гуногун тез - тез назаррас мегардад ва оқибатҳои нохуш ба бор меоянд. Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2019 фармуданд: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву

диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.

Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияи иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз наслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад» [3, с. 14]. Дар партави ин ҳидоятҳо ва супоришҳо тазаккур додан бамаврид аст, ки ҳалли мушкилиҳо, муаммоҳо, муноқишаву норозигиҳо бо роҳи ҳамдигарфаҳмӣ, авфу гузашат ва бахшандагӣ вижагиву анъанаи неки ниёгони мо буд ва он то кунун мақоми худро аз даст надодааст, аммо ташаккулталаб аст. Аз ин лиҳоз, эҳё намудану тақвият бахшидани ин оин дар байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ бисёр муҳим аст. Дар қисмати назариявии рисола ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба авфу бахшиш ва бо роҳи маслиҳат ҳал намудани нофаҳмиҳо оварда шуданд. Мақсаднок аст, ки омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ақидаҳои таҳқиқшударо худ омӯхта, ба шогирдони хеш интиқол диҳанд.

Олимони тоҷик А.Х. Кучкаров С. Қодиров, И. Давлатшоев низ масъалаи арзи вуҷуд намудани муаммоҳоро дар тарбияи насли наврас мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулоса омадаанд, ки коста шудани сифати тарбия дар байни ҷавонону наврасон аз шинос набудани онҳо ба анъанаҳои неки ниёгон, кам донистани таърихи гузаштагон ва кам шудани шавқу рағбат ба китобхонӣ вобаста аст. Маҳз барои тақвият бахшидани тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, дур будан аз унсурҳои бегона, пайдо намудани ошноӣ ба фарҳанги миллӣ, пурра омӯхтану эҳё намудани анъанаҳои миллӣ ва дар ниҳоди онҳо парваридани арҷгузорӣ ба одатҳои неки гузаштагон боиси аз байн бурдани косташавии тарбия ва ахлоқ мегардад. Барои ҳифз ва равнақ бахшидани ин вижагиҳо эҳё намудани анъанаҳои миллӣ ба монанди иди Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон ва дигар идҳову анъанаҳои миллӣ мақсаднок аст. Аммо қайд намудан бамаврид аст, ки агар худи хонандагон дар бораи эҳё намудани ин анъанаҳо таҳқиқотҳои хурд ва калонро анҷом диҳанд,

мақсаднок аст. Дар рафти гузаронидани корҳои эҷодӣ ва таҳқиқотҳо дар шакли реферат, корҳои хурди илмӣ, эҷоди шеъру мақолаҳо ва амсоли инҳо дар хонандагон маълумотҳои нав нисбат ба ин анъанаҳо пайдо гардида, меҳру муҳаббати онҳо ба анъанаҳои ниёгон меафзояд. Ошноӣ ба анъанаи ниёгон ва пурра фаҳмидани он дар рушди сирати миллии хонандагон нақши бориз дорад.

Роҳ ва вижагии дигари бомуваффақияти равнақ бахшидани тарбияи насли наврас мувофиқгардонии ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт мебошад ва он дар таълими ниёгону педагогони тоҷик мақоми махсус дорад. Яке аз вижагиҳои равнақи тарбия табодули таҷриба аст. А.А. Вербитский қайд намудааст: «Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба оянда нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд» [79, с. 160]. Агар дар тарбия ҳамбастагӣ ба роҳ монда нашавад, таълим бо такя ба таҷриба, ақида, рафтори ниёгон ва омода гардидан ба оянда роҳандозӣ нагардад, натиҷаи дилхоҳ ба даст намеояд. Дар чунин ҳолат таълимгирандагон мавқеи худро дар ҷомеа муайян карда наметавонад, шавқу рағбати онҳо ба хондан кам мегардад. Аз ин лиҳоз алоқаманд намудани таълиму тарбия бо ҳаёт муҳим аст: «Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахайюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии масъалаҳоро фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд [29, с. 310]. Ин роҳи таълим боиси сар задани муаммо мегардад.

Вижагии дигари ташаккули сирати миллӣ ва роҳи дурусти тарбия талқин мебошад. Маҳз бо роҳи талқин насли наврас хатоҳои худро дарк намуда, дар ислоҳ намудани онҳо мекӯшад. Дар ин ҷода низ нақши омӯзгор, падару модар, аҳли ҷомеа калидӣ мебошад: «Ба ҳеҷ кас махфӣ нест,- гуфта буд А.С. Макаренко,- аввалин таҳкурсии тамоми хулқу атвор, рафтору кирдор, ҳиссиёт, фикр ва шуури бача дар оила гузошта мешавад ва он ҷо ташаккул меёбад. Агар падару модар танбалӣ карда нисбат ба тарбияи бачаи худ бепарво шаванд, он гоҳ барои аз нав тарбия кардани бачагон заҳмати

бисёр кашидан, ҳулқу атвор, хусусияту хислат ва дигар сифатҳои онҳоро аз сари нав ислоҳ кардан лозим меояд [231, с. 123]. Кори аз нав тарбиякунӣ бисёр мушкил ва аз ҳад зиёд дилгиркунанда мебошад. Беҳтар он аст, ки ба он роҳ дода нашавад ва дар тарбия намудани насли наврас набояд ба хато роҳ дод. Пайваста дар маҷлисҳои падару модар танҳо танқид намудани падару модар, шикоят намудан аз алоқаи сусти онҳо бо муассисаҳои таълимӣ аз тарафи роҳбарони синфҳо, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ роҳи ҳал нест. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки чун зербинои тарбия дар оила гузошта мешавад, мустаҳкам намудани алоқаи падару модар ба муассисаҳои таълимӣ муҳим мебошад. Ин алоқа метавонад бо роҳҳои зайл тақвият бахшида шавад:

- талқин, ташвиқ ва мавриди амал қарор додани иштироки доимии падару модар дар дарсҳои фарзандон;
- ба чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмуассисавӣ ҷалб намудани падару модар;
- муваззаф намудани падару модар дар гузаронидани чорабиниҳо. Барои падару модар ҷадвал таҳия шуда, бо навбат ҳар як падару модар масъули гузаронидани чорабиниҳо интихоб гардад:
- таҳияи реҷаи иштироки доимии падару модар ба дарсҳои фарзандон ва чорабиниҳо;
- ташкили табодули таҷриба байни падару модарони хонандагони як ё якчанд муассисаҳои таълимии ҳамшафат ва ҳамрадиф;
- ташкили озмунҳо байни падару модар аз қабили: «Оилаҳои боэътимоди мо», «Мо бо муассисаи таълимием», «Алоқаи мустаҳками падару модар бо муассисаи таълимӣ», «Мо бо шумоем» ва амсоли инҳо;
- ба навор гирифтани чорабиниҳо, табодули таҷриба ва тақсим намудани дискҳо ба падару модарон ва аҳли ҷомеа ва амсоли инҳо.

Олимони равоншинос исбот намудаанд, ки косташавии ахлоқи насли наврас бештар ба хусусиятҳои синнусолӣ вобаста аст, аз ҷумла: «Давраи наврасӣ табиатан давраи душвор ва хатарзо аст, зеро наврасон дар ин давра бо тағйироти куллии равонию ҷисмонӣ рӯбарӯ мегарданд [143, с. 14]. Ин

тағйиротҳо ба таълиму тарбияи наврасон бетаъсир наmemонанд ва ба душвортарбия шудани наврасон сабаб мешаванд.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар чунин шароит таҳия намудани реҷаи рӯз барои наврасон ва риояи он бисёр муҳим аст. Аз ин лиҳоз, муҳим аст, ки усули дурусти тартиб додани реҷаи рӯзро, ки ба синну соли наврас мувофиқ буда, боиси шавқманд гардидани ӯ мегардад, риоя намуд. Реҷаи рӯз тавре таҳия шавад, ки боиси нороҳат ва дилгир шудани наврасону ҷавонон нагардад.

Аммо ногуфта номонад, ки мушкилии наврасон дар хусусиятҳои синнусолӣ аст ва ин ба он маъно нест, ки мо онҳоро ҳама вақт танқид ва сарзаниш намоем ва ин усули беҳтарин умедвор кардану ҳавасманд намудани онҳо бошад. Мо бояд нисбати рафтори ношоистаи насли наврас роҳеро истифода барем, ки дар таълими онҳо мусоидат кунад. Агар наврас ё ҷавон аз китобхонӣ дур мондааст, роҳҳои беҳтарини шавқманд намудани ӯро ба китоб истифода бурдан лозим аст ва агар ба дарс иштирок накунад сабабҳоро муайян карда, дар бартараф кардани ин сабабҳо талош варзидан муҳим аст.

Вобаста ба ин мо пешниҳод мекунем, ки сабабҳои косташавии ахлоқ, ки ба ташаккули сирати миллӣ монеъ мегарданд бояд муайян карда шаванд, аммо аз наврасу ҷавон ин таҳқиқот махфӣ анҷом дода шавад, масалан, онҳо надонанд, ки таҳқиқоти мазкур маҳз барои онҳо анҷом дода шудааст ва наврасонро ба оянда ноумед накунад. Яке аз усулҳои беҳтарини кор бо ин хонандагон махфӣ ва оқилона муайян намудани сабабҳо ва роҳҳои бартараф намудани ин сабабҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар эҷодиёти аксари мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, ки дар қисматҳои назариявии фаслҳои боло ақидаҳои онҳо баррасӣ гардиданд, беҳудагардиву фориғболӣ маҳкум карда шуда, одоби сухан ва муошират, баҳра гирифтан аз таҷрибаи рӯзгор, истифодаи хирад, машварат бо доноён ва дигар хислатҳои неки инсонӣ тараннум карда шуданд, ба монанди: «Нахуст офариниш хирадро шинос» [347, с. 47], «Хирад

раҳнамою хирад дилкушой» [347, с. 43], «Хирад беҳтар аз чашму биноӣ аст» [349, с. 53], «Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй» [349, с. 43], «Тавоно бувад ҳар ки доно бувад» [347, с. 27], «Ту чандон, ки бошӣ сухангӯй бош» [346, с. 110], «Маёсой з-омӯхтан як замон» [53, с. 78] -и Фирдавсӣ; «Зи доно ҷӯй панд, эро, ки оби панд хуш ёбӣ» [363, с. 178], «Ҷони ту дарахтест, хирад бору сухан бар» [363, с. 187], «Гар ба сурат башарӣ, пеша макун сирати гург» [368, с. 44], «Ҳаргиз нашавам ба коми душман» [361, с. 78], «Марг ҷаҳл асту зиндагӣ дониш» [361, с. 40]-и Носири Хусрав; «Айб аст бузург баркашидан худро» [272, с. 144], «Аз мардумаки дида бибояд омӯхт» [272, с. 95], «Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт» [272, с. 117]-и Сино ва ғайра. Ба омӯхтани ин пандҳо ҷалб намудани ин гурӯҳи наврасону ҷавонон на бо зӯрӣ, балки бо шавқу ҳавас усули хуб аст. Ба онҳо вобаста ба маҳорату қобилияташон вазифаҳо супорида, иҷрои нақшҳоро пешкаш кардан даркор аст. Ин усул наврасонро ба омӯзиши панди ниёгон шавқманд мекунад.

Инсон аз рӯзи аввали ба дунё омаданаш фаъолу серғайрат буд. Ӯ барои дарёфти ризқу рӯзӣ, ободонии кишвар, пешрафти зиндагӣ ва таъмини оила кӯшиш мекунад. Аз ин рӯ, бо ҳар як инсон бояд шароити мусоид фароҳам бошад, то кор кунаду дар пешрафти ҷомеа саҳми худро гузорад ва тачрибаҳои рӯзгор худ исботи ин гуфтаҳоянд. Пӯшида нест ва наметавон пӯшид, ки дар ҷомеаи кунунӣ ҳамарӯза аз ҷониби наврасону ҷавонони даст задан ба ахлоқи разила, вайрон кардани қонуну қаводи давлатҳои хеш содир мегардад ва оқибатҳои нохуб рӯйи кор меоянд. Яке аз сабабҳои асосии ин падидаҳо бекориву оворагардӣ ва ба мутолиа китоб машғул набудани наврасон мебошад. Зеро муссалам аст, ки дар бештари маврид нафаре, ки ҷойи кори доимӣ дорад, ё худ омӯзгор, муҳандис, духтур, меъмор, рассом, ҳуқуқшинос ва ғайра аст, дар содир кардани хато масъул нест. Ба унвони мисол, муносиб донистем, ки назари кутоҳе ба зиндагии асосгузори адабиёти муосири тоҷик, фарзанди фарзонаи миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ афканем. Зиндагиномаи Садриддини Айнӣ гувоҳ аст, ки ӯ дар овони наврасӣ - 13-солагӣ аз падару модари худ маҳрум гашта, ятими кул

ба воя расид. Магар дар чунин ҳолати ногувору бесарпаноҳӣ, бе мурофибу мададгор, таълимдиҳандаву тарбияткунанда тарбияи хуб гирифтан осон аст? Ҷавоб яке ва кӯҳтост. Албатта не.

Пас Айнӣ чӣ гуна тарбия ёфту шуҳратёр гардид? Танҳо муштағил будан ба фаъолияти меҳнатии хеле вазнин ба хотири дарёфти қутти лоямут бо мақсади ба ҷо овардани насиҳати падар ва дидани ояндаи дурахшони худ дар пайваста машғул будан ба омӯхтани дониш, устод Айнӣ тавонист, ки дар давраи наврасӣ худро аз бекорӣ раҳо созад ва ба туфайли ин аз содир намудани корҳои ношоиста дар амон бошад.

Вобаста ба ин, бо такя ба таҷрибаи рӯзгори хеш С. Айнӣ насли наврасро панд медиҳад:

Биёед, эй рафиқон дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад [133, с.14].

Аз ин лиҳоз, боиси ташаккули сирати миллӣ ва пешгирӣ кардани бадахлоқӣ мегардад, ки агар наврасону ҷавонон ва махсусан онҳое, ки ҷойи кори доимӣ надоранд ба варзишу машғудиятҳои иловагӣ, ҳамкорӣ намудан дар гузаронидани чорабиниҳои сиёсӣ, ҷашнҳои миллӣ, анъанавӣ ва ғ., машғул шудан ба корҳои ифтихориву ризокорӣ ҷалб карда шаванд. Дар ҷомеа чорабиниҳо ва фаъолиятҳо зиёданд, ки дар гузаронидани онҳо ниёз ба ҷавонони ризокорон аст. Пас дар руҳияи ватандӯстиву хизмат ба халқу Ватан тарбия намудани наврасону ҷавонон чун ризокор муҳим аст ва он пояи асосии ташаккули сирати миллӣ мебошад.

Вижагии дигари ташаккули сирати миллӣ дар руҳияи иттиҳоду иттифоқ ва дӯстӣ тарбия намудани насли наврас мебошад. Тавре дар бобҳои 1-3-и рисола таҳлил гардид, мавзуи иттиҳод ва иттифоқ дар осори адибони асрҳои X-XI тоҷику форс нақши асосӣ дошт ва дар тарбияи насли наврас ин панду насиҳатҳоро имрӯз низ истифода бояд кард. Шуарои ин аҳд бо такя ба дониши васеъ ва таҷрибаи рӯзгор дарк карданд, ки дар бартараф намудани

мушкилиҳои ҳаёт, сар задани муаммоҳо як кас ғолиб омадан наметавонад ва иттиҳоду ҳамкориро бояд пеша намуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тарбияи насли наврас дар руҳияи дӯстӣ, иттиҳоду иттифоқ ва ҳамкорӣ мавзуи марказии шоирони асрҳои зикргардида буда, минбаъд бояд ба наслҳои оянда ин панду насиҳатҳо интиқол дода шаванд.

Инчунин ба инкишофи ҷисмонии насли наврасу ҷавон ниёгон ва мутафаккирони тоҷик диққати асосӣ медоданд. Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ш. Файзулло оид ба тарбияи ҷавонон дар дунёи қадим, аз нигоҳи мутафаккирони тоҷик чунин ибрози назар намудааст: «Вазифаи асосии тарбия аз инкишофи ҷисмонии насли наврас ва бо малакаҳои меҳнатӣ мусаллаҳ намудани ҷавонон иборат буд. Дар он давра ҳанӯз муассисаҳои махсуси тарбиявӣ барои кӯдакон ва наврасон вуҷуд надошт, зеро тарбия он вақт ҳанӯз характери махсусгардонидашударо надошт» [378, с. 158].

Омӯзиш, таҳқиқ, таҳлили ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои чандинсолаи ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ, падару модар ва аҳли ҷомеа собит намуд, ки тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, оила ва ҷомеа яксон нест ва он аз омӯзгор, падару модар ва ҳар як аъзои оила маҳорати баланд ва омодагии доимиро тақозо менамояд. Дар рафти таҳқиқот ва кор аз болои рисолаи илмӣ хулоса намудем, ки аксарияти наврасону ҷавонон дар оилаҳое тарбия ёфтаанд, ки падару модар дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд ва шахсоне, ки онҳоро иваз кардаанд дар ин самт ба мушкилиҳо рӯбарӯ мебошанд. Аз як тараф дилсӯзии бемавқеъ, ки онҳо аз падару модар дуранд ва набояд дуриву андуҳро эҳсос кунанд ва аз тарафи дигар эркагиву бепарвоии худи тарбиятгирандагон онҳоро ба косташавии ахлоқ оварда мерасонад. Аз тарафи дигар бархе аз оилаҳои ҷавон ҷиҳати камтаҷрибагӣ ба тарбияи кӯдакон таваҷҷуҳи кофӣ равона накарда, бемасъулиятӣ зоҳир мекунанд, бо фарзандон ҳамсуҳбат намешаванд, мушкилиҳои мавҷудаи онҳоро дониста намегиранд, дар ҳаёти кӯдак чӣ мегузарадро муайян карда наметавонанд ва аз ин рӯ, дар тарбияи фарзандашон муваффақ намегарданд,

зеро онҳо доиман ба хунукназарӣ роҳ медиҳанд. Омӯзиш, таҷриба, таҳқиқ ва мушоҳидаҳо собит намуданд, ки бархе аз падару модарон бо сабабҳои гуногун ба рафтори фарзандони худ диққат надодаанд, ҳамсуҳбат нашудаанд, муносибати дӯстона накардаанд ва дар байни онҳо ҳамдигарфаҳмӣ гум шудааст. Ин рафтор ба чӣ оварда мерасонад. Албатта, дар натиҷа наврасон ҳамсолони бадахлоқ пайдо намуда, бо онҳо дӯстӣ мепайванданд, аз онҳо рафторҳои номатлубро ёд гирифта, ба ҳар гуна ҳодисаҳои ногувор дучор мегарданд. Дар баробари ин, падару модар, ҳангоми ба душвориҳо рӯбарӯ шудани фарзандашон муносибат ва тарбияи дурустро ба роҳ намонда, сабаби аз куҷо сарчашма гирифтани ин ҳодисаҳоро муайян накардаанд ва фақат бо ҷазо додани фарзандон маҳдуд шуда, ин роҳро роҳи асосии тарбия донистаанд. Вале ҷазодиҳӣ мушкилиро ҳал накарда, баръакс, ин рафтори волидон наврасро асабонӣ намуда, рафтораш боз ҳам бадтар мегардад. Ҳангоми рафтори ношоям содир намудани фарзанд, волидайн ҷазоро сахттар кардаанд, вале ин вазъиятро боз ҳам душвортар намудааст.

Дар баробари вуҷуд доштани норасоиҳо аз тарафи падару модар инчунин дарёфтем, ки дар бештар ҳолатҳо, таъсири норасоиҳои муассисаҳои таълимӣ ба шахсияти наврасону ҷавонон, аз ҷумла, таъсири таълиму тарбияи анъанавӣ, истифода накардани усулҳои фаъол дар таълиму тарбияи насли наврас, маҷбуркунӣ ва дараҷаи пасти техникаи муошират педагогӣ ба норасоиҳои болозикр зам шудааст. Раванди таҳлили сарчашмаҳо, адабиёти истифодашуда, гузаронидани таҳқиқот, суҳбатҳо бо сокинони шаҳру ноҳияҳои кишвар собит намуд, ки зиёда аз 80%-и наврасону ҷавонон, новобаста аз намуди мушкилоти косташавии ахлоқ, чунин сабабҳои умумии психологиву педагогие, ки ба рафтори онҳо таъсири худро расондаанд, баён намуданд:

- истифодаи бемавқеъ ва бемақсади техникаи муосир: Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, телефонҳои мобилӣ, ВАО ва ғ;
- нокомиҳои доимӣ дар омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳо;

- таассурот нисбати ҳамсинфон, шароити пасттар доштан аз ҳамсинфон ва амсоли инҳо;

- қобилияти пасти омӯзиш;

- умедвориҳои ғайримуқаррарии волидон (умедвор кардан ба таҳсил бо роҳи маблағ, харидани нақлиёти гаронарзиш, дохид кардан ба муассисаҳои олии кишвар ё берун аз он дар асоси шартномаҳои калонмаблағ ва ғ.);

- муносибати байниҳамдигарии волидон (таъмин набудани муносибати хуб дар оила, ҷудоӣ, ҳичрон, муҳоҷират);

- муносибат бо хоҳару бародарон (коста гардидани муҳаббат ва эҳтиром дар байни фарзандон);

- номувофиқии усули роҳбарии роҳбари синф, муаллим ба шогирд дар муассисаҳои таълимӣ;

- марги хешу табор ё падару модар;

- ҷо доштани мушкилиҳо вобаста ба саломатӣ;

- вазъи доимии номусоиди оилавӣ (бекор мондан, кӯчидан, майхорагӣ, муноқиша дар оила, ҳамдигарнофаҳмӣ);

- тағйироти муҳит ва таъсири он ба наврасон;

- дур мондан аз таҳсил ё надоштани давомоти хуб;

- ба олами калонсолон барвақт ворид гардидани наврасон;

- нуқсониҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ;

- нороҳатии амиқи равонӣ;

- мавҷуд набудани шароити мусоиди ҳаётӣ ва рушд;

- беназоратӣ, таъсири манфии муҳити иҳотакарда ва номутобиқатии иҷтимоӣ ва амсоли инҳо.

Бо мақсади тақвият бахшидани тарбияи насли наврас ва бартараф намудани мушкилиҳои болозикр дар асоси ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, таълимоти этнопедагогика, таҷрибаҳои чандинсола дар соҳаи маориф ва кор бо ҷомеа, анҷом додани таҳқиқотҳо дар бораи

ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ тавсия ва пешниҳод менамоям:

- ташвиқи доимӣ кардани наврасон ҷиҳати бамавқеъ ва мақсаднок истифода бурдани техникаи муосир: Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, телефонҳои мобилӣ, ВАО ва ғ. Наврасону ҷавонон ташвиқу тарғиб карда шаванд, ки васоити техникиро барои таълиму тарбия истифода бурда, аз гирифтани маълумотҳои ғайриахлоқӣ ва иттилооти нодаркор худдорӣ намоянд;

- дар шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳои фаъоли наврасону ҷавонон ташкил карда шуда, китобхонӣ, омӯзиши осори адибони тоҷик, омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, эҳёи анъанаҳои миллӣ ва мардумӣ, таҳлили ашъори гузаштагон ба ҳукми анъана дароварда шавад;

- роҳҳои тақвият бахшидани оиладорӣ, таъмини солимии оила омӯхта шуда, таҳқиқ ва амалӣ карда шавад;

- афзалият додан ба таҳсили духтарон, фароҳам овардани шароити таҳсил ва кор барои духтарон;

- аз тарафи падару модар пайдо нашудани монеаҳо ба таҳсили фарзанд, ҷалб накардани наврасон ба кори тиҷорат дар бозорҳо, пайдо намудани пул, таъмин намудани хонавода;

- кумак намудан ба шогирдон дар омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳо, ҷиҳати бартараф намудани нокомиҳои доимӣ дар таълим;

- тақвияти ҳамкорӣ байни падару модар, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳо ва ташкил намудани дарсҳои иловагӣ, маҳфилҳои фаннӣ, эҷодӣ ва фарҳангӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ ва амсоли инҳо;

- риоя намудани қоидаҳо ва талаботҳои либоспӯшӣ, наомадан ба дарс бо нақлиёт, телефонҳои мобилӣ, маблағи зиёд, ҷиҳати пешгирӣ намудани таассурот нисбат ба ҳамсинфон;

- роҳ надодани падару модар ба ғайримуқаррарӣ умедвор намудани фарзандон (умедвор накардан ба таҳсил бо роҳи пардохти маблағҳои

иловагӣ, харидани нақлиёти гаронарзиш, умедвор накардан барои дохил намудан ба муассисаҳои олии кишвар ё берун аз он бо роҳҳи коррупсионӣ ва ғ.);

- таъмин намудани муносибати хуб дар оила аз тарафи падару модар, пешгирӣ намудани ҷудоӣ, ҳичрон, муҳоҷират;
- таъмини муносибати хуб бо хоҳару бародарон ва дигар аъзоёни оила;
- бо усулҳои фаъолу замонавӣ фаъолият намудани роҳбари синф, омӯзгор ба хонандогон дар муассисаҳои таълимӣ;
- омӯзиши мушкилиҳои мавҷудаи саломатии фарзандон ва ба табобати саривақтӣ ҷалб намудани онҳо;
- омӯхтан, пешгирӣ ва бартараф намудани нуқсониҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз тарафи падару модар;
- огоҳ будан аз нороҳатии амиқи равонии наврасон ва чораҷӯӣ намудан ҷиҳати бартараф намудани ин нороҳатиҳо;
- дар доираи имкониятҳои мавҷуда таъмин намудани шароити мусоиди ҳаётӣ ва рушд;
- бартараф намудани нуқсониҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва бо ин роҳ пешгирӣ намудани шомилшавӣ ба корҳои бад:
- аз ҷиҳати равонӣ расонидани кумак ба камфаъолон, наврасони эҳсосотзада, ки дар муҳити носолими психологӣ камол ёфта, ба нокомиҳои пайиҳам дар таълим, вайроншавии муносибатҳо бо ҳамсолон, муносибати нодуруст (ноодилона, дағал, бераҳмона) аз ҷониби волидон, муаллимон, ҳамсинфон ва амсоли инҳо гирифторанд;
- омӯхтану бартараф намудани тамоюлҳо дар ҳолати саломатӣ - инкишофи ҷисмониву равонӣ, буҳронҳои синнусолӣ, ифротии характер ва дигар сабабҳои хусусияти физиологӣ ва психоневрологидошта;
- нақши асосӣ гузоштани таълимдиҳандагон, падару модар, фаъолону пешқадамон дар солимгардонии муҳити атроф ва таъмини шароитҳои мусоид барои тарбияи насли наврас.

Хулоса оид ба боби IV

Аз пажуҳишҳои дар боби чоруми диссертатсия анҷомдодашуда исбот гардид, ки таҳқиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI ва татбиқи он дар педагогикаи муосири миллӣ ва рушди сирати миллии хонандагони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таълимоти мутафаккирони асрҳои X-XI масъалаи актуалӣ мебошад ва дар ин боб, андешаҳо роҷеъ ба ин масъалаҳо оварда шуда, асоснок карда шуданд

Дар ин бора исбот карда шуд, ки тарбияи насли наврас вижагии асосии таълимоти ниёгон, мавзуи марказии осори адибони асрҳои X-XI ва баъдӣ буда, дар замони кунунӣ он мақоми боз ҳам ҳассостарро касб кардааст. Зеро тарбия амалкарди ҳар инсон буда, амал, рушд ва такмилро талаб дорад ва дар ташаккули сирати миллӣ, ба ахлоқи ҳамида раҳнамун намудани насли наврас мақоми аслӣ дорад.

Вобаста ба ин таҳқиқ ва исбот карда шуд, ки дар замони муосир масъалаи пайдо шудани муаммоҳои мухталиф дар байни наврасону ҷавонон, ки ба инкишофи ахлоқ, ташаккули сирати миллӣ ва касб кардани дониши онҳо таъсири ҷиддӣ мегузоранд, боиси нигаронӣ мебошад. Барои бартараф намудании муаммоҳо дар ин боб афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI таҳқиқ гардида, роҳҳои татбиқи он дар педагогикаи муосири миллӣ баррасӣ карда шуданд.

Ҳамзамон асоснок карда шуд, ки яке аз вижагиҳои муҳим, ки дар тарбияи насли наврас мусоидат мекунад, ин андӯхтани дониш ва дар амал татбиқ кардани он аст. Аз ин лиҳоз, ба вижагии китобхониву китобдӯстӣ, донишомӯзиву аз худ намудани мероси адабии шуарои классик, махсусан осори мутафаккирони давраи тиллоии рушди адабиёти тоҷик - асрҳои X-XI диққати асосӣ равона карда шуд. Ба насли наврас ва ҷавон роҳҳои ҷустуҷӯ ва омӯхтани осори ин мутафаккирон нишон дода шуд.

БОБИ 5. РАВАНДИ АМАЛИШАВИИ АРЗИШҲОИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ АСРҲОИ X-XI ТОҶИКУ ФОРС ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ИНТИХОБИИ ВМКБ)

5.1. Таҳлил ва баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ оид ба роҳҳои амалигардонии ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Дар замони хеш маликушшуаро Абуабдуллоҳ Ҷаъфари Рӯдакӣ таъкид карда буд: «Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир»- [86, с. 214] ва «Гар бигирад дили ҳушёри ту аз гетӣ панд»- и мутафаккири машҳури асри XI Носири Хусрав низ ба ин маънӣ аст [363, с. 206]. Тибқи ақидаи ин бузургон ва дигар мутафаккирони асрҳои X-XI, мутафаккирону муҳаққиқони пешину асрҳои баъдӣ ва донишмандони муосир бузургтарин мактаб ва таълимгоҳ таҷрибаи рӯзгор, мавриди амал қарор додани назария ва дидаву шунидаҳои ҳаёт аст. Ҳаёт чизе нест, ки чун биное аз сангу чӯб дар маконе сохта шуда, орому барҷо бошад, балки он бо суръат дар ҳоли тағйир аст. Рушди ҷомеа бо гузашти замон дигаргунтар, дақиқтар, амиқтар, моҳияти донишҳоро пурратар инъикоскунанда, торафт васеътар шуда меистад.

Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълиму тарбия, истифода намудани усулҳои фаъоли таълим дар раванди тадрис ва тарбия яке аз нуктаҳои асосии мувофиқгардонии ҷараёни тарбия ва таълим бо ҳаёт мебошад. Натиҷаи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ низ аз истифодаи усулҳои замонавии ба стандартҳои давлативу байналмилалӣ баробарбуда вобастагии комил дорад.

Бо мақсади он, ки дар таълиму тарбияи насли наврас ба муваффақиятҳои назаррас ва дилхоҳ соҳиб гардем, усули мавриди истифода қарордодаи мо бояд фаъол ва ба тақозои замон ҷавобгӯ бошад. Сиёсатмадор ва муҳаққиқи муосир Эмомалӣ Раҳмон овардаанд: «Дар шароити муосир баланд

бардоштани сатҳу сифати таълим дар заминаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи маориф мебошад. Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем» [8, с. 248].

Маҳз дар баробари омӯзиши дигар фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омӯзиши фанни адабиёти тоҷик дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ нақши асосӣ дорад. Истифода намудани усулҳои фаъоли таълим дар тадриси ин фан аз қабили: баҳсу мунозира, саволу ҷавоб, тафаккури интиқодӣ, дарахти андешаҳо, рӯзномаи дубахша, инсерт, синквейн, рӯзномаи себахша, кластер, саёҳат, даъвати мутахассис ба дарс, таҳқиқот, ҳамгироҳии фанҳо, лексия, викторина ва амсоли инҳо боиси натиҷабахш гардидани таълими ин фан мегардад.

Дар ин боби диссертатсия ташаккул бахшидани хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим дар дарси адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ карда шуд.

Барои гузаронидани озмоиш муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, аз ҷумла муассисаҳои таълимии интихобшудаи филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ (ФДҶТИБКСМ) ва муассисаҳои ҳамрадиф интихоб гардида, дар давоми солҳои 2019 - 2023 таҳқиқот дар ин муассисаҳо анҷом дода шуд.

Барои гузаронидани озмоиш оид ба мавзуи таҳқиқотӣ мо вазифаҳои зерро дар наздамон гузоштем:

1. Вохӯрӣ бо мудир ва мушовирони шуъбаҳои маориф, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва шинос намудани онҳо ба мақсадҳои кори таҳқикотӣ, гузаронидани озмоиш ва таҷриба.

2. Мушоҳида ва банаворгирии дарсҳо, чорабиниҳои беруназсинфӣ.

3. Гузаронидани семинар дар мавзуи: «Дастовардҳо ва мушкилоти амалигардонии истифодаи осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс бо мақсади ташаккул додани хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, худшиносиву худогоҳии миллии хонандагони муассисаҳои таълимӣ.

4. Расонидани ёрии методӣ ба роҳбарони иттиҳодияи методӣ, роҳбарони кабинети (гӯшаи) методӣ оид ба баррасӣ намудани ин мавзуъ дар ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ, кумак расонидан ба аъзоёни иттиҳодияи методӣ дар амалӣ намудани ин мақсадҳо.

5. Ба ёрии омӯзгорон таҳия намудани нақшаҳои намунавии дарсҳо барои раҳнамун сохтан дар истифодаи осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс бо мақсади ташаккул додани хирад, сирати миллӣ, худшиносиву худогоҳии миллии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ. Истифодаи дурусти нақшаҳои дарсии яксоата, ки аз тарафи муҳаққиқ бо ёрии омӯзгорон таҳия шуданд.

6. Навоварӣ дар дарс ва фаъолгардонии хонандагон.

7. Инъикоскунии дарсҳои гузашта, банақшагирии дарсҳои рӯзи оянда ба ёрии омӯзгорон. Таҳлили дарсҳои мушоҳидашудаи омӯзгорони адабиёти тоҷик, додани тавсияҳо барои беҳтар намудани сифати дарсҳо ва бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта.

8. Гузаронидани семинари дастурдиҳӣ оид ба «Роҳҳои фаъолгардонии хонандагон дар дарс бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим дар ҳамбастагӣ бо афкори педагогии муьтафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс», «Роҳҳои алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия ба ҳаёт».

9. Ширкат варзидан дар ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ ва чорабиниҳои беруназсинфӣ, дар асоси нақшаи муассисаи таълимӣ.

Мақсади асосӣ аз интихоб намудани филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ дар баробари муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳайси объекти озмоиш ва таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар заминаи ин Филиал Барномаи «Робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ: сохторҳои молиявӣ барои рушди

соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар 96-адад муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон, бахусус МТМУ-и ВМКБ ва ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон, ки муассисаҳои такягоҳӣ ё интихобӣ номгузорӣ гардиданд, байни солҳои 2014 - 2019 амалӣ карда шуд. Муҳаққиқ К. Миршоев роҷеъ ба ин нукта овардааст: «Дар Филиали Донишкада дар доираи барномаи «Алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт – омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» амал мекард, ки дар табодули таҷриба байни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, рушди салоҳиятҳои хонандагон нақши асосӣ дошт. Дар асоси талаботи ин барнома салоҳиятҳо ба 3 гурӯҳ ҷудо карда шуда, ҳангоми амалӣ намудани он ба инобат гирифта шуданд:

- академикӣ - маърифатӣ (дониш);
- техникӣ (инкишофи маҳоратҳо);
- эҳсосотӣ (тарбиявӣ-алоқӣ).» [32, с. 22].

Мақсади асосии ин барнома баланд бардоштани сифати таълим, тарбия ва дараҷаи донишандӯзии хонандагон, рушди салоҳиятҳои онҳо ба воситаи баргузории раванди такмили ихтисоси омӯзгорон бо истифода аз технологияҳои муосири таълим, усулҳои фаъол ва ҳамфаъол, аз ҷумла, дурнамои алоқамандгардонии ҷараёни таълим бо ҳаёт, бо номи «Алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт - омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» ва дигар унсурҳои инноватсионӣ иборат буд, ки ба мавзуъ ва мақсади кори илмӣ - таҳқиқотии мо мувофиқ буд.

Аз ин лиҳоз, дар шаҳри Хоруғ: муассисаҳои таҳсилоти умумии №2,5,7,9,13 ва Мактаби Президентӣ; ноҳияи Дарвоз: муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1,6,10; ноҳияи Ванҷ: №1,2,4,12,21; ноҳияи Рӯшон: №8,12,14,17,20,24,31; ноҳияи Шуғнон: №1,6,7,11,19,20,38; ноҳияи Ишкошим: №4,8,26; ноҳияи Роштқалъа: №8, 12, 18, 31, 35; ноҳияи Мурғоб: №6 ва 14 ба озмоиш ва таҷриба ҷалб карда шуданд ва дар ин муассисаҳо дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва

омӯзгорон шароитҳои мусоид барои гузаронидани озмоиш муҳайё карда шуданд.

Дар баробари муассисаҳои такягоҳӣ муассисаҳои ҳамрадиф ба озмоиш фаро гирифта шуданд. Дар маҷмуъ, ду навъи муассиса: муассисаҳои такягоҳӣ ва муассисаҳои ҳамрадифи онҳо мавриди озмоиш ва таҷрибагузаронӣ қарор дода шуданд.

Барои муайян намудани мушкилиҳои мавҷуда дар ибтидои озмоиш ва таҷрибагузаронӣ пурсишҳо дар муассисаҳои такягоҳӣ ва ҳамрадиф гузаронида шуданд. Дар аввали ҳар соли хониш мушоҳидаҳо дар муассисаҳои номбурда гузаронида шуд. Барои муайян намудани дониши хонандагон аз фанни адабиёти тоҷик оид ба осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ва нақши ин дарсҳо дар тарбияи насли наврас, аз ҷумла ташаккули сирати миллӣ, санҷишҳо дар аввали соли хониш бо роҳи пур кардани пурсишномаҳо (анкетҳо), санҷиши тестӣ ва корҳои хаттӣ гузаронида шуданд. Қайд кардан муҳим аст, ки ин санҷишҳо дар синфҳои 8 ва 9-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гузаронида шуданд, зеро осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар ин синфҳо омӯхта мешавад.

Бояд қайд кард, ки санҷиши дониши хонандагон бо истифода аз тест ба роҳ монда шуд. Дар вақти тартиб додани тестҳо асосан меъёрҳои зерин ба эътибор гирифта шуданд:

1. **Саҳеҳият,** яъне мазмуни тестҳо ба натиҷаи таълим, ки дар барномаи таълимӣ пешбинӣ шудааст, мувофиқ буданд. Ин қистмати тест дараҷаи дониш, малака ва маҳорати хонандагонро инъикос намуда, ба воситаи он сифати азхудкунии барномаи таълимӣ арзёбӣ карда шуд.
2. **Аниқӣ.** Дар таҳияи тестҳо ба эътибор гирифта шуд, ки хонанда бояд ба мазмуни он сарфаҳм равад, то ки натиҷаи бадастомада ба мақсади гузошташуда мувофиқат кунад.
3. **Якхела.** Талаботи якхела дар ҷараёни тестгирӣ ва ҷамъбасти натиҷаи он.

4. **Боэътимодият.** Дар раванди тестгирӣ қоидаҳои гирифтани тест пурра риоя карда шуданд. Таъсири шахсони бегона ё луқмапартоӣ (пинҳонӣ ҷавоб гуфтан) ба тестсупоранда ҳангоми кор кардани тест роҳ дода нашуд.

Инчунин тестҳо аз 30 савол: 14 саволи якҷавоба, 10 саволи бисёрҷавоба ва 6 саволи мувофиқоварӣ иборат буданд. Ҳамзамон саволҳои додашуда аз 3 намуд иборат буданд:

1. Саволҳои донишӣ. Саволҳое, ки 1 ҷавоби аниқ доштанд. Масалан, Ибни Сино дар кадом аср ҳаёт ба сар бурдааст? «Саодатнома» асари кадом шоир аст? ва ғ.

2. Саволҳои истифодабарӣ. Саволҳое, ки ба истифода бурдани дониши назариявӣ дар амал мусоидат мекунанд. Мисол: Аз байни байтҳои дар зер овардашуда, байтҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ишора кунед?

3. Саволҳои фикрронӣ. Саволҳое, ки ба ташаккули фикрронии хонандагон нигаронида шудаанд. Мисол: Кадоме аз байтҳои дар зер овардашуда ба мавзуи ташаккули хирад бахшида шудааст? Рушди сирати миллӣ дар кадом иқтибоси аз «Қобуснома» овардашуда инъикос ёфтааст?

Пурсишномаҳо, саволҳои тестӣ, корҳои хаттӣ ва вақти гузаронидани онҳо дар муассисаҳои такягоҳӣ ва ҳамрадиф яксон буд. Натиҷаи корҳои хаттӣ дар асоси баҳои 4-бала: 5 - аъло, 4 - хуб, 3 – қаноатбахш ва 2 – ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ шуданд.

Барои баҳо додан ба иҷрои тестҳо барои саволҳои якҷавоба 3 хол, барои саволҳои бисёрҷавоба 4 хол ва барои саволҳои мувофиқоварӣ 5 хол муқарра карда шуд. Дигар фаъолиятҳои хонандагон низ бо баҳои 4-бала баҳогузорӣ карда шуд.

Дар раванди санҷиш мо натиҷаҳои дар ҷадвалҳои №1 ва №2 омадаро ба даст овардем.

Ҷадвали №1

Натиҷаи арзёбии дониши хонандагон дар муассисаҳои такягоҳӣ (т) ва ҳамрадиф (ҳ) дар синфҳои 8

Синфҳо	Соли таҳсили 2018 - 2020			
	аъло. бо %	хуб. бо %	қ\б. бо %	ғайри қ\б .бо %
8[а] (т)	-	23,3	35,8	40,9
8[а] (ҳ)	-	23,5	35,6	40,9
8[б] (т)	-	23,6	34,9	41,5
8[б] (ҳ)	-	23,6	36,3	40,1
Шумораи хонандагон 42 нафар				

Ҷадвали №2

Натиҷаи арзёбии дониши хонандагон дар муассисаҳои такягоҳӣ ва ҳамрадиф дар синфҳои 9

Синфҳо	Соли таҳсили 2018 - 2020			
	аъло. бо %	хуб. бо %	қ\б. бо %	Ғайри қ\б. бо %
9[а] (т)	-	24,4	35,1	40,5
9[а] (ҳ)	-	23,4	35,8	40,8
9[б] (т)	-	22,6	35,8	41,6
9[б] (ҳ)	-	23,8	36,1	40,1
Шумораи хонандагон 42 нафар				

Дар асоси таҳлили ин ҷадвалҳо шоҳиди ҳол гардидем, ки ягон хонандаи синфҳои 8 ва 9 дар вақти санҷиш баҳои 5 (аъло) - ро соҳиб нагардид. Нишондоди баҳои 4 (хуб) аз 3 (қанотбахш) пасттар ва нишондоди баҳои 3 (ғайриқаноатбахш) аз 3 (қанотбахш) ва 4 (хуб) баландтар аст. Ин таҳқиқот собит намуд, ки дар озмоиши ибтидоӣ дар байни муассисаҳои такягоҳӣ ва ҳамрадиф фарқ дида нашуд.

Барои муайян намудани роҳҳои амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мо мақсадҳои зайлро дар наздамон гузоштем:

1. Таҳлили системаи кори омӯзгорони адабиёти тоҷики синфҳои 8-9-и муассисаҳои интихобшуда ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, рушди салоҳиятҳои хонандагон равонашуда, истифодаи усулҳои

фаъоли таълим дар дарс бо истифода аз осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, такмили ахлоқи ҳамидаи онҳо, мусоидат намудан ба хонандагон дар муайян намудани мақоми хеш дар ҷомеа баъд аз хатми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ.

2. Расонидани ёрии методӣ (менторинг) ба омӯзгорон, аз такмили ихтисос гузаронидани онҳо. Тақвият бахшидани шавқу рағбати шогирдон ба хондан бо истифода аз усулҳои муосир ва замонавии таълим. Самаранок ба роҳ мондани таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, ки дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ нақши калидӣ дорад.

3. Бо роҳҳои омӯзиши ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс шинос намудани омӯзгорон ба алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт ва амалӣ намудани назария дар ҳаёти ҳаррӯза.

Бо мақсади натиҷаи дилхоҳ додани таҷрибагузаронӣ дар солҳои таҳсили 2019-2020 дар муассисаҳои таълимии интихобии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ ҳамасола ба омӯзгорону роҳбарони иттиҳодияи методии фанни адабиёти тоҷик зиёда аз 4 бор ёрии амалии методӣ расонида шуд.

Дар раванди расонидани ёрии методӣ дар ҳар маротиба ба директорони муассисаҳои таълимӣ вохӯрӣ доир гардида, оид ба мақсади иштирок дар дарсҳои омӯзгорон, вохурӣ ва ташкили нишаст бо онҳо, натиҷаҳои сафарҳои пеш пурра маълумот дода шуд, сипас суҳбат бо коллективи педагогӣ доир гардида, иштирок дар дарсҳои омӯзгорон ба роҳ монда шуд. Дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳбарони иттиҳодияи методии фанни адабиёти тоҷик, роҳбарони гӯшаи методӣ ва омӯзгорон роҷеъ ба амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ва тақвият бахшидани ахлоқи ҳамидаи хонандагон ёрии амалии методӣ расонида шуд.

Дар асоси ёддошт ба дарсҳои омӯзгорон ширкат варзидем. Барои боз ҳам асоснок намудани кори таҳқиқотӣ лаҳзаҳо аз дарсҳои аксарияти омӯзгорон, ки ба мавзуи таҳқиқотии мо алоқаманд буданд, ба навор гирифта

шуда, дар дасти мо қарор доранд. Баъд аз мушоҳидаи дарсҳо ба омӯзгорон дарси онҳо таҳлил гардида, барои равнақ бахшидани фаъолият тавсияҳо дода шуданд. Ба роҳбарони иттиҳодияи методӣ дар самтҳои лозимӣ ёрии методӣ расонида шуда, ба онҳо тавсия дода шуд, ки мавзуи таҳқиқотиро дар ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ низ баррасӣ намоянд. Ин натиҷаҳои чандинсола таҳлил карда шуда, дар рисола ҷой дода шуданд.

Таҷрибаҳо собит намуданд, ки барои беҳтар ба роҳ мондани тадрис ва рушди адабиёти тоҷик истифодаи усулҳои фаъоли таълим бо мақсади рушди салоҳиятҳои хонандагон, минҷумла ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ муҳим аст. Гузаронидани озмоиш дар муассисаҳои таълимӣ собит намуд, ки яке аз усулҳои беҳтарини ҳамкории омӯзгору хонанда, ҳамкорӣ байни хонандагон, шогирд-муаллим усули «Алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт-омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» мебошад, ки аз тарафи ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар солҳои 2014 - 2019 роҳандозӣ шуд ва соли 2020 натиҷаи ин барнома мавриди арзёбӣ ва натиҷагирии умумии сарпарастони барнома ва масъулини филиал қарор дода шуд. Натиҷаҳои умумии мониторинг низ дар ин зербоби диссертатсия мавриди истифода қарор дода шуданд. Ин барнома ё модул аз 5 усули асосӣ: «Саёҳат», «Даъвати мутахассис ба дарс», «Таҳқиқот», «Ҳамгироҳии фанҳо» (ташкили алоқамандӣ дар таълими фанҳо) ва «Чорабиниҳои беруназсинфӣ» иборат мебошад ва дар ин зербоб оид ба роҳҳои амалигардонии ин усулҳо дар таълимдиҳии фанни адабиёти тоҷик бо мақсади тақвият бахшидани омӯзиши осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар муассисаҳои таълимии ВМКБ таҳлилҳо оварда шуданд.

Баъд аз ҷорӣ намудани усули номбурда дар муассисаҳои таълимии такягоҳӣ курсу семинарҳои махсус дар мавзуъҳои мухталиф роҷеъ ба амалигардонии ин усул ба маъмурияти муассисаҳо, омӯзгорон, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ гузаронида шуда, дар асоси нақша ба онҳо соле 2 - 3 маротиба ёрии методӣ дар маҳалҳо расонида шуд ва банда низ ба ин барнома шомил буд. Дар рафти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони адабиёти

тоҷик дарсҳои зиёди онҳо мушоҳида гардида, барои боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани амалигардонии мақсадҳо тавсияҳо дода шуданд. Аз рафти мушоҳидаи дарсҳо аён гардид, ки зиёда аз 89% омӯзгорони фанҳои номбурда аз ин усул истифода бурда, бо ин роҳ шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯзиши адабиёти тоҷик, бахусус, осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс тақвият бахшида, натиҷаҳои назаррасро ба даст овардаанд. Ба қабили омӯзгороне, ки дар амалигардонии ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт дар давоми гузаронидани таҳқиқот, озмоиш ва фаъолияти барнома ва то кунун пешравиҳои хуб нишон доданд ва дода истодаанд, метавон ин омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоятро ном бурд: **шаҳри Хоруғ**: Амоншоева Насима №7, Гулдарбоғова Чилла, Замирова Мавлуда №5, Шоинбекова Гулноро, Давлатназарова Ҳабиба, Зайдуллоева Гулсара - Мактаби Президентӣ, Хушназарова Анҷир –№9,– Дустмамадова Гулнисо, Мирзошоева Аслинисо №2; **ноҳияи Дарвоз:** Наҷмиддинов Назриддин, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1, Даврони Баҳриддин №10, Зиёфатова Саида №6, Розиқова Малоҳат №1; **ноҳияи Ванҷ:** Бошиева Ҳаво, Қамарова Шаъмигул, Шамъигули Пирмамад №4, Раҷаббов Шамшод №12, Бобониёзова Гулафзо №2, Ҳусейнов Файзиддин №21, Шошаева Лола №1; **ноҳияи Рӯшон**: Мабатшоева Аслия №14, Алиназарова Аъло №20, Ҳукуматшоев Зиннатшо №31, Чоршанбиева Лайло, Ашурова Дилрабо - мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ, Раҳимов Раҳим №12, Наврузова Хосият №24, Ғарибмамадова Меҳрафрӯз №8, Алиназарова Зарангез №17, Худододова Хабиба №8; **ноҳияи Шуғнон:** Ошурмамадова Азалбегим, Шомусаламова Нозукмо №20, Саидбекова Надима, Парвонаев Зарифбек №1, Муминшоева Давлатгул №6, Чоршанбиева Хубсултон №7, Мухторов Марватшо №38, Шодмонова Сабоҳат, Давлатназарова Соро №1, Шодмонбекова Тахмина №11, Мирзоева Мавлуда №19; **ноҳияи Ишкошим:** Мирзоева Фируза, Хоникова Зумрад №8, Некбахтшоев Абдуллоҷон, Саидзафарова Гулнора №4, Бодурбекова Гулбарг №26; **ноҳияи Роштқалъа:** Манзаршоева Насиба, Саиданбиёев Голибҷон №18, Ғиёсова Саида, Назаралиева Давлатмо №12,

Ҳайдарова Зуҳро, Ғуломиддинова Манзура №8, Саидиброимов Далер, Олифтаева Нуқра №31, Давлатов Мамадсаид, Мавлододов Фозил №35: ва **ноҳияи Мурғоб:** Эгемқулов Туратбек, Зуҳуршоҳзода Хурсанд, Бошаева Сабзина №6, Аноятшоева Майсара, Асматбекова Ҳаётбегим №14.

Бояд тазаккур дод, ки дар як кори таҳқиқотӣ наметавон ному насаб ва фаъолияти кулли омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таълимиро қайд намуд, вале такяи асосӣ ба он омӯзгороне карда шуд, ки дар як сол зиёда аз 8-10 - тогӣ дарси онҳо аз тарафи муҳаққиқ мушоҳида карда шуд. Барои овардани мисолҳо аз таҷрибаи ҳар як омӯзгор якчанд кори дигари илмӣ - таҳқиқотиро анҷом додан пеш меояд, аммо барои тақвият бахшидани фикру ақидаҳои хеш танҳо фаъолияти 2-3 нафар омӯзгорро аз ҳар як ноҳияи вилоят ва шаҳри Хоруғ мисол меорам.

Амалигардонии усули *саёҳат* дар дарси омӯзгорони муассисаҳои таълимии вилоят дар ҳамбастагӣ бо афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс мақсаднок роҳандозӣ карда шудааст. Моҳи марти соли 2018 дар асоси нақша ба муассисаҳои такягоҳии ноҳияи Роштқалъа, бо мақсади расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорон, сафар ба вуқӯъ пайваст. Дар ин сафар мушоҳида гардид, ки амалигардонии стратегияҳои «Амалигардонии ҷараёни таълим бо ҳаёт - омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» дар муассисаҳои такягоҳии рақами 8, 12, 18, 31 ва 35-и ноҳияи зикргардида ба тариқи фаъол роҳандозӣ карда шудааст. Масалан, дар рӯзи сафари хизматӣ дар муассисаи таълимии рақами 8 шоҳиди ҳол гардидем, ки дар дарси адабиёти тоҷик - омӯзгор Ҳайдарова Зуҳро хонандагони синфи 8-ро ба саёҳат ба деҳаи Хидорҷев ба осорхонаи Шоири халқии Тоҷикистон Ширин Бунёд, ки дар наздикии муассисаи таълимӣ ҷойгир аст, бароварда. Мавзуи дарс «Андешаҳои тарбиявӣ - ахлоқии Носири Хусрав» буд. Ин дарс-саёҳат бо усули замонавӣ гузаронида шуда, ба пуррагӣ ба рушди салоҳиятҳои хонандагон, ташаккули сирати миллӣ нигаронида шуда буд. Маълум аст, ки аксаран хонандагон ва ҳатто кулли сокинон ба омӯзиш ва таҳқиқи муҳити зодгоҳи худ кам диққат медиҳанд, зеро ҳар рӯз дар ҳамон як муҳит зиндагӣ,

кору фаъолият, омаду рафт доранд ва тамошои он гӯё, ки дигар аҷоиб нест ва ҳатто дилгиркунанда ҳам шуда бошад. Аммо омӯзгор Ҳайдарова З. дар макони саёҳат хонандагонро ба анҷом додани фаъолиятҳои шавқовар ҷалб намуд, ки чунин буданд:

- Тасаввур кунед, ки шумо сайёҳонед ва ба ин осорхона бори аввал омадаед ва аз ин нигоҳ ба осорхонаи устод Ширин Бунёд назар андозед.

- Сафарҳои Носири Хусравро аз дарсҳои пеш ба ёд ored ва кӯшиш кунед, ки монанди ин мутафаккир ва сайёҳ ба мушоҳида пардозед.

- Китоби дилхоҳи шоир Ширин Бунёдро, ки дар китобхонаи ин осорхона маҳфузанд, варақгардон намуда, шеър ё ғазали дилхоҳро интихоб намоед ва ақидаҳои навтаринро оид ба андешаҳои ахлоқии шоир баён намоед.

- Ақидаҳои ахлоқии Носири Хусравро дар ҳамбастагӣ бо ақидаҳои тарбиявӣ – ахлоқии Ширин Бунёд дар тақвият бахшидани ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ баррасӣ намоед.

Хонандагон бо шавқи тамом ба саёҳат машғул гардида, аввал супоришҳоро фардӣ, пас дукаса ва баъд гурӯҳӣ иҷро намуданд. Омӯзгор ёрдамчии фаъоли онҳо гардида, ба хонандагон ҳамкорӣ намуд. Хонандагон боркбинона дар бораи осорхона маълумотҳои навтаринро ба даст оварданд.

Дар вақти инъикоси ин дарс хонандагон баён намуданд, ки мо ҳақиқатан дар бораи чунин мавзуи мубрам боре фикр накарда будем ва анҷом додани таҳқиқотро дар мадди назар надоштем. Имрӯз алоқамандии дарсро бо ҳаёт мушоҳида намудем ва андешаҳои ахлоқии ду шахси донишманд ва олимро муқоиса ва таҳлил намудем ва ба хулоса омадем, ки дар ин мавзуъ таҳқиқтро идома дода, корҳои хурди илмиро анҷом диҳем.

Дар ҷамъбасти дарс, бо такя ба пешниҳоди худи хонандагон, омӯзгор ба онҳо вазифа супорид, ки оид ба ақидаҳои Ширин Бунёд дар бораи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар ҳамбастагӣ бо ақидаҳои педагогии Носири Хусрав таҳқиқоти хурди илмиро дар шакли реферат, буклет,

презинтатсия ва амсоли инҳо анҷом диҳанд. Барои анҷом додани ин таҳқиқот барои хонандагон 15-рӯз муҳлат муқаррар карда шуд. Аз мушоҳидаи дарс аён гардид, ки дар ин дарс ду усули фаъоли таълим, усули *саёҳат* ва *таҳқиқот* амалӣ карда шуда, алоқаманд намудани таълиму тарбия бо ҳаёт пурра мушоҳида гардид. Дар рафти муқоисаи ақидаҳои ахлоқии мутафаккир Носири Хусрав бо ақидаҳои тарбиявии Ширин Бунёд хонандагон дар чамъабаст ва хулосаи мавзуъ чунин ақидаҳоро баён намуданд, ки дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ нақши асосӣ доранд:

- ҳар ду шахси донишманд Носири Хусрав ва Ширин Бунёд тарбияи ахлоқиро дар мадди аввал гузошта, бо такя ба таҷрибаи рӯзгор дар руҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ тарбия намудани насли наврасро вазифаи аввалиндараҷаи муассисаи таълимӣ, падару модар ва аҳли ҷомеа медонанд;
- инсон ҳақиқатан аз рафтори хуб ва ахлоқи намунавӣ, ки дар сирати миллии халқи тоҷик ҷойгоҳи асосӣ дорад, мартабаи баландро касб мекунад ва дар ин бора ҳаёт ва рӯзгори Носири Хусрав ва Ширин Бунёд мисоли хуб аст;
- пайваста ба китобхонӣ машғул шудан ва дониши баланд касб кардани Носири Хусрав, саёҳат ба мамлакатҳои мухталифи дунё, шинос гардидан ба зисту зиндагии мардум, омӯхтани таҷрибаи рӯзгор муҳаббати ӯро ба донишомӯзӣ ва халқу мидлат, худшиносиву худогоҳии миллӣ дучанд зиёд намуд ва ӯ ба ин мартаба расида тавонист. Пас мо насли наврасро низ муҳим аст, ки аз осору рафтори ин бузургон пайравӣ намоем.

Дар худи ҳамин сафар дар муассисаи таълимии рақами 18-и ноҳияи Роштқалъа низ озмоиш мавриди амал қарор дода шуд. Чанд соат дарси омӯзгор Манзаршоева Насиба (ғолиби озмуни вилоятии «Омӯзгори соли 2018») мушоҳида карда шуд. Омӯзгор хонандагони синфи 9-ро дар дарси адабиёти тоҷик ба саҳаёт бароварда. Мавзуи дарс иншои тасвирӣ дар мавзуи «Дирӯз, имрӯз ва фардои деҳаи мо» буд. Омӯзгор хонандагонро ба табобатхонаи навсохтаи деҳаи Даштак бурд. Ин дарс барои хонандагон ниҳоят хотирмон буд. Аввалаш новобаста аз он, ки ин табобатхона дар деҳаи

ҳамсояи онҳо сохта шудааст, хонандагон боре ҳам аз наздик ӯро тамошо накарда, ба дохили он низ ворид нашудаанд. Баъдан хонандагон ба кори табибону ҳамшираҳои шавқат аз наздик шиносоӣ надоштанд. Ва муҳимаш боз ин аст, ки дар ин табобатхона беморони гирифтори касалиҳои руҳӣ табобат мегирифтанд ва бисёр ҷанбаҳои ташаккули арзишҳои миллӣ дар фаъолияти кории духтурон, ҳамшираҳои шавқат ва дигар кормандони беморхона боиси омӯхтан мебошанд. Тавре дар боло исбот карда шуд, ки муносибати хуб намудан ба беморон, нишон додани масъулият ва маданияти баланди касбӣ, шинохти қадри инсон, диққати асосӣ додан ба тозагиву саломатии маризон ва амсоли инҳо аз ҷумлаи қистматҳои арзишҳои миллӣ мебошанд, ки дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс мавқеи асосӣ доранд. Аз ин рӯ, анҷом додани саёҳат ба табобатхонаи номбурда дар асоси мувофиқаи маъмурияти муассисаи таълимӣ бо раҳбарияти табобатхона сурат гирифт. Хонандагон шоҳиди ҳол гардиданд, ки табобатхона то чи андоза дилкаш, замонавӣ сохта шуда, тамоми шароитҳо муҳайё мебошанд. Инчунин онҳо аз наздик ба кори табибону ҳамшираҳои шавқат шиносоӣ пайдо намуда, муносибати хуби табибону кормандон бо беморон - расми хуби тоҷикон, аёдати беморон ва амсоли инҳоро бо чашми худ диданд, ба кормандону духтурони табобатхона саволу ҷавоб ташкил намуданд ва дорои таҷрибаи нав, ҷой доштани анъанаҳои пуразиши миллӣ дар байни мардуми тоҷик, аз ҷумла, бо меҳру шавқат муроқибат намудан аз беморон, масъулиятшинос будан дар кор, дасти мадад дароз намудан ба дармондагон, диққат додан ба гигиена ва зебопарастӣ гардиданд. Бо маризоне, ки вазъи саломатиашон нисбатан беҳтар буд, аз тарафи хонандагон суҳбатҳо доир карда шуданд. Дар рафти суҳбат бори дигар исбот гардид, ки анъанаи неки шинохти қадри инсон дар байни мардуми тоҷик ҷойгоҳи махсус дошта, ин анъана бояд идома ва тақвият бахшида шавад.

Дар баробари ин фаъолият хонандагон табиати зебои гирду атрофи табобатхонаро бо шавқ тамошо намуда, нақшаи навиштани иншои тасвириро тартиб доданд. Хонандагон дар охири дарс вазифа гирифтанд, ки дар хона

иншои тасвирии реалӣ, нақл ё ҳикояро дар асоси таассуроти худ аз ин саёҳат вобаста ба манзараи зебои ин макон, анъанаҳову арзишҳои миллӣ ва ғояҳои ватандӯстӣ нависанд.

Рӯзи дигар такроран дар дарси адабиёти тоҷик дар синфи 9, омӯзгор Манзаршоева Насиба ширкат варзидам ва хонандагон иншоҳои худро бо ҳамсинфони худ қисмат намуданд. Пеш аз ин ҳам хонандагон назариявӣ дар мавзуи «Деҳаи мо» иншо навиштаанд. Акнун дар ин дарс онҳо иншоҳои пешро бо иншоҳои нав муқоиса намуда, худ ба хулоса омаданд, ки кори амалӣ дар рушди салоҳиятҳои онҳо нақши асосӣ дорад. Таассуроти хонандагон аз ин дарс бисёр баланд буд ва онҳо тасмим гирифтанд, ки дар ин мавзуъ таҳқиқотҳои хурди илмиро анҷом диҳанд. Омӯзгор дар ҳамкорӣ бо хонандагон иншоҳои онҳоро баҳогузорӣ намуд. Натиҷабахш ва мақсаднок ин аст, ки тасвири табиат, арзишҳои миллии дар рафти саёҳат мушоҳидана-мударо хонандагон дар ҳамбастагӣ бо осори мутафаккирони асрҳои X-XI дар иншоҳои хеш ва корҳои таҳқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Истифодаи чунин усул салоҳиятҳои мушоҳидакунӣ, таҳлилкунӣ, гузаронидани таҳқиқот, гӯшкунӣ, хондан, навиштан ва муошрати хонандагонро ташаккул мебахшад. Ҳамзамон хонандагон дар руҳияи дӯст доштани муҳити зист, деҳа ва дар маҷмуъ дӯст доштани Ватан ва муҳофизат намудани он, ки яке аз вижагиҳои арзишҳои миллӣ, хирадмандӣ ва сирати миллӣ мебошад, тарбия меёбанд.

Дарс-саёҳат дар ташаккули фикрронии хонандагон, фаъолгардонии фаъолияти онҳо, ташаккули хирад ва арзишҳои миллӣ вобаста ба мавзуи дарс нақши асосӣ дорад. Вобаста ба ин лаҳзаҳои хотирмону фаромӯшнашаванда аз дарсҳои омӯзгорон вобаста ба истифодаи усули саёҳат зиёданд. 11-уми майи соли 2018 бо мақсади анҷом додани таҳқиқот ва бо ин мақсад расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорон ба МТМУ-и №31, деҳаи Занудҷи ноҳияи Роштқалъа раҳсипор шудем. Ба саҳни ин муассиса расида будем, ки хонандагони синфи 9 саф ороста, китобу дафтар ва асбобҳои аёнӣ дар даст доштанд. Мо ба пеши онҳо наздик шудем, ки омӯзгори забон ва адабиёти

тоҷик Саидиброимов Далер ҳамроҳи онҳо буд ва хонандагонро ба тамошои Чашмаи Мирасан, ки дар масофаи на он қадар дур аз бинои муассиса воқеъ буд, ба саёҳат бароварда. Дар мувофиқа бо директори муассиса ва омӯзгори дарсдиҳанда бо омӯзгор ва хонандагон ба тамошои чашма рафтем ва ҳамзамон ин дарсро мавриди мушоҳида қарор додем. Омӯзгор ба хонандагон супориш дод, ки озодона ба тамошои чашма машғул гарданд, аз оби мусаффои он нӯш кунанд, аз тамошои муҳити дилчасп ҳаловат баранд, гиёҳҳои шифобахши гирду атрофи онро низ бо диққат тамошо карда, ҷойҳои асосиро ба худ қайд намоянд. Чунин назар ба муқаддасоти маҳал илҳоми ҳар касро меорад ва ба эҷоди шеъру мақола раҳнамун месозад. Омӯзгор ба шогирдон фаҳмонда дод, ки агар саволҳо пайдо шаванд метавонанд озодона аз омӯзгор ё ҳамсинфони худ суол кунанд. Пас муаллим хонандагонро ба баҳсу мунозира ҷалб намуд. Дарс бисёр шавқовар гузашт. Хонандагон дар саҳро низ ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, баҳсу мунозира намуданд, расмҳои манзараро кашида, оид ба чашмаи Мирасан саволу ҷавоб ташкил карданд, нақли мухтасар навиштанд. Дар навиштани корҳои хаттӣ бо супориши омӯзгор хонандагон аз ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI ва анъанаҳои миллӣ мисолҳоро оварда, таҳлил намуданд. Пас омӯзгор дарсро дар саҳни чашма ҷамъбаст ва баҳогузорӣ намуд ва ба хонандагон чунин супоришҳои хонагӣ дод:

1. Дар хона вобаста ба чизҳои мушоҳидакардаи худ, бо истифода аз таассуроти саёҳат ҷадвали ММД (медонам, мехоҳам донам, донистам)-ро пур кунанд:

Медонам	**Мехоҳам донам**	**Донистам**
Чиро пешакӣ оид ба ин чашма медонистед?	Кадом савол ва нофаҳмӣ пайдо шуд, ки шумо онро донистан мехоҳед?	Чӣ чизи навро дар ин дарс аз худ кардед?

2. Дар бораи чашмаи Мирасан, зебогии табиат, таассуроти саёҳат шеър ё ҳикоя эҷод кунед, ривоят, эссе, нақли мухтасар нависед. Интихоби иҷрои фаъолият ихтёрист. Мо ин супоришҳоро пайгирӣ намуда, рӯзи дигар

корҳои иҷрокардаи хонандагонро аз назар гузаронидем. Ҷадвали ММД - ро ҳама пур карда, корҳои гуногуни эҷодиро анҷом додаанд.

Дар ин дарс амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI –и тоҷику форс оид ба ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, ба монанди огоҳ будан аз манбаъҳои захиравии табиати атроф, ҳифзи муқаддасоти Ватан, эҳтиром гузоштан ба манбаъҳои табиӣ ва амсоли инҳо пурра назаррас гардид. Дарси ин омӯзгор ба он нигаронида шуд, ки об манбаи бебаҳои табиат аст ва бе он ҳаёт дар рӯйи замин вуҷуд доштан наметавонад ва ин дар ҳақиқат ҷараёни тарбия ва таълимро ба ҳаёти воқеӣ алоқаманд намуд. Мушоҳидаи дарси омӯзгори болозикр нишон дод, ки усули дарсдиҳии ӯ дар ташаккули тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ нақши асосӣ дошта, дар амалигардонии дастуру супоршҳои Пешвои миллат низ қадами устувор аст. Ёдовар мешавем, ки 21-уми декабри соли 2021 дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт: «Дар давоми чанд даҳсолаи охир дар кишвари мо қариб сеяки ҳаҷми умумии пиряхҳо аз байн рафт, ки зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Миёна аз он ташкил карда мешавад. Бо дарназардошти ин кишвари мо дар якҷоягӣ бо шарикони байналмилалии худ барои эълони соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, таҷлил намудани рӯзи умумиҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо саъй дорад» [4, с. 11].

Таҳлили ин дарс алоқамандии ҷараёни таълиму тарбияро ба ҳаёт пурра инъикос намуд. Аз таҳлилҳои боло собит мегардад, ки дарси омӯзгор алоқамандии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс ба суханрониҳои Пешвои миллат дар бораи ҳифзи бойигариҳои табиат, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тасвири реалии маҳал, тақвияти ватандӯстӣ ва монанди инҳоро таъмин намуд.

Мушоҳида ва таҳлили дарс, суҳбатҳои фардиву гурӯҳӣ бо хонандагону омӯзгор аён сохт, ки ин дарс дар ташаккули фикрронии онҳо, ки бевосита ба

ташаккули хирад алоқаманд аст, нақши асосӣ дорад. Дар навиштани иншо, нақлу ҳикоя, эҷоди шеър хонандагон мисолҳоро аз осори мутафаккирони болозикр оварда, ба анъанаҳои мардумӣ: арҷ гузоштан ба ёдгориҳои таърихӣ, тоза нигоҳ доштани маҳал, анҷом додани суҳбатҳо бо куҳансолони деҳа оид ба ин чашма алоқаманд намуданд. Аз шиносоӣ бо корҳои хонандагон дарёфтем, ки мазмун ва муҳтавои корҳои хаттии хонандагон ба ташаккули сирати миллӣ нигаронида шудааст.

Тавре дар боло қайд гардид, яке аз усулҳои барномаи болозикр истифодаи *тадқиқот* дар фаъолияти педагогии омӯзгорон мебошад, ки инро корманди ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ Б. Бурҳон низ дар мақолаи худ тасдиқ кардааст: «Яке аз роҳҳои ба талаботи замон ва ҳаёти хонандагон мувофиқ сохтани омӯзиш, ин истифодаи усули «тадқиқот» дар таълим мебошад. Зеро ин шакли таълим аз хонандагон тақозо мекунад, ки маводди омӯзиширо мустақилона, бо дарки маъно мутолиа намуда, ба таври эҷодкорона дар амал татбиқ намоянд. Ин аст, ки хонандагон бояд, мафҳумҳоро шарҳ дода тавонанд, маъноро бо ҷумлаҳои худ баён созанд, назарияро дар таҷриба санҷанд, таҳлил кунанд, бо шароит ва муҳити зисти худ муқоиса намоянд, барои пайдо кардани далел, аз мутахассисон, шахсони рӯзгордида, адабиёти илмию бадеӣ, интернет истифода баранд» [32, с. 60]. Ҳақиқатан даст доштан ба пешбурди корҳои таҳқиқотӣ, махсусан анҷом додани корҳои таҳқиқотии хурд аз тарафи худи хонандагон дар ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ нақши асосӣ дорад. Дар муассисаҳои озмоишӣ, бахусус муассисаҳои такягоҳии ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ шоҳиди ҳол гардидем, ки омӯзгорону хонандагон дар анҷом додани корҳои хурди таҳқиқотӣ бо истифода аз осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, этнопедагогика, анъанаҳои миллӣ фаъол мебошанд. Дар ин ҷо метавон аз таҷрибаи педагогии Ашурова Дилрабо, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи давлатии мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшон мисол овард. Гузаронидани таҳқиқот дар дарсҳои номбурда ва чорабиниҳои беруназсинфӣ пешаи ин омӯзгори ҷавон буда, ӯ дар ин самт таҷрибаҳои лозимиро ғун кардааст. Моҳи

ноябри соли 2019 дар асоси нақшаи солонаи ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ноҳияи Рӯшон курси 12-рӯза доир карда шуд. Ба ҳайси мутахассис гузаронидани ин курс ба зимаи ман вогузор карда шуда буд. Ҳамарӯза аз соати 8^{00} машғулиятҳои курс оғоз гардида, дар асоси ҷадвал то соати 15^{00} давом мекарданд. Баъд аз гузаронидани машғулиятҳои курс ҳамарӯза шиносоӣ ба кору фаъолияти Ашурова Д. ва мушоҳидаи дарсҳои ин омӯзгор, ки дар басти 2-юм мегузаштанд, ба роҳ монда шуд. Шогирдони омӯзгор дар ҳамкорӣ ва кумаки ӯ дар мавзуъҳои зиёди барномаи таълимӣ таҳқиқотҳои хурди илмиро анҷом додаанд. Аз ҷумла, дар синфҳои 8 ва 9 хонандагон дар раванди омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти мутафаккирони асрҳои X-XI дар мавзуъҳои «Фирдавсӣ ва ғояҳои ватандӯстӣ», «Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт», «Зи омӯзандае маънӣ фаро гир», «Мо пайравони шоирони классик», «То ҷаҳон буд аз сари одам фароз», «Тараннуми арзишҳои миллӣ дар оинҳои Наврӯзӣ», «Наврӯз сарчашмаи иттиҳоду иттифоқ» ва амсоли инҳо таҳқиқотҳои хурди илмиро анҷом додаанд. Ин таҳқиқотҳои хурди илмӣ ба шакли реферат, буклет, слайдҳо, расмҳо ва дискҳо ҷамъоварӣ гардида, дар файлҳо ҷой дода шудаанд. Масалан, шогирдони ин омӯзгор дар синфи 9 аз фанни адабиёти тоҷик дар мавзуи «Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт» дар ҳамкорӣ ва кумаки омӯзгор таҳқиқотҳои асосиро анҷом додаанд. Онҳо ин мавзуъро, ки аз рубоии Абуалӣ ибни Сино гирифта шудааст, ба зербобҳо ҷудо намуда, мавриди таҳқиқ қарор додаанд, аз адабиёти илмиву бадеӣ, шабакаҳои интернетӣ, филмҳо маводҳои зиёдро ҷамъоварӣ намуда, бо куҳансолони ноҳия низ суҳбатҳо доир намудаанд. Хонандагон аввал фардӣ, пас дукаса ва баъдан гурӯҳӣ оид ба мавзуъчаҳои «Нашъамандӣ – заҳре, ки бо шакар омехта шудааст», «Беодобӣ балои ҷон аст», «Аз одамони каҷрафтор набояд пайравӣ намуд», «Дӯстамро аз бероҳагӣ халос намудам», «Мутафаккирони асрҳои X-XI оид ба худшиносӣ», «Мо пайравони ниёгон», «Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва эҳёи анъанаҳои миллӣ» таҳқиқотҳоро анҷом додаанд. Маводҳои ҷамъкардаи хонандагон асосиро буда, ба шакли китобчаҳои хурд

ва буклетҳо таҳия шудаанд. Ин дастовардҳо боиси он гардиданд: «Соли 2019 дар озмуни вилоятии «Таҷрибаи беҳтарин дар самти истифодаи усулҳои фаъоли таълим» (таҳқиқотҳои анҷомдодашуда), ки дар филиали Донишкада дар ВМКБ гузаронида шуд, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи такягоҳии №12-и ноҳияи Роштқалъа Назаралиева Давлатмо сазовори ҷойи 1 ва Ашурова Дилрабо - омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшон соҳиби ҷойи 2-юм гардид.» [398, с. 7]. Ҳар ду омӯзгор аз муассисаҳои озмоишӣ - такягоҳии филилаи ДҶТИБКСМ дар ВМКБ буда, дар пешрафти кори онҳо истифодаи усулҳои фаъоли таълим, ки дар курсҳои такмили ихтисос дар филиали номбурда омӯхтаанд, нақши асосӣ дорад. Тазаккур додан бамаврид аст, ки Назаралиева Д. дар мавзуи «Усулҳои фаъоли тадриси ғояҳои ахлоқӣ ва ватандӯстии Фирдавсӣ дар синфи 9 бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим» ва Ашурова Д. дар мавзуи «Сино ва рушди арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ» баромад намуда, аз таҷриба оид ба ташаккули сирати миллии хонандагони синфҳои 8 ва 9-и муассисаҳои таълимии вилоят мисолҳои асоснок оварданд.

Чунин натиҷаҳо дар фаъолияти кории сарвар ва омӯзгори ин муассиса Чоршанбиева Лайло низ баръало назаррас аст. Чоршанбиева Л. хонандагонро ба корҳои таҳқиқотӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар мавзуъҳои мухталиф ҷалб намуда, натиҷаҳои таҳқиқот дар муассиса маҳфуз гардидаанд. Дастури методии номбурдаро дар мавзуи «Шаклҳои кор бо мутахассисони ҷавон дар ташаккули тарбияи ахлоқӣ ва маънавии хонандагон» метавон ба унвони мисол овард. Мақсаднокии корро дар он маънидод метавон намуд, ки мавзуъ пурра ба маъмурияти муассиса ва омӯзгорони соҳибтаҷриба мутааллиқ аст ва роҳҳои фаъоли ташаккули хирад ва сирати миллиро дар ин дасттур нишон додааст. Чоршанбиева Л. ба ин таҳқиқот шакли навро бахшидааст. Ӯ хонандагони синфи 8 ва 9-ро ба таҳқиқот ҷалб намуда, ба онҳо супориш додааст, ки барои пешрафти сифати таълиму тарбия, аз ҷумла ташаккули сирати миллӣ бо кадом роҳҳо ба омӯзгорони навкор, ҳамчун хонандаи фаъол ҳамкорӣ ва ёрӣ менамоянд. Инчунин худи хонандагонро низ

ба ду гурӯҳ: ба ҳайси омӯзгорони навкор ва омӯзгорони собиқадор ҷудо намудааст. Онҳо дар ин самт маводҳоро ҷамъ намуда, дар дарсҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ нақшҳои омӯзгоронро иҷро мекунанд. Омӯзгор инчунин ба омӯзгорони навкор суҳбатҳову нишастҳоро доир намуда, аз наздик ба мушкилиҳои ҷойдоштаи онҳо шинос гардидааст. Дарсҳои онҳоро мушоҳида намуда, баҳри бартараф намудани норасоиҳои мавҷуда онҳоро ба омӯзгорони соҳибтаҷриба вобаст намудааст. Муаллиф таҳқиқотҳои гузаронидаи хонандагон, фикру ақидаҳои омӯзгорони ҷавон ва соҳибтаҷрибаро ҷамъ намуда, бо истифода аз адабиёти илмиву методӣ дастури методиро таҳти унвони «Шаклҳои кор бо мутахассисони ҷавон дар ташаккули тарбияи ахлоқӣ ва маънавии хонандагон» таҳия, чоп ва дастраси омӯзгорон гардонидааст.

Бо роҳи алоқамандии 2 - 3 фан гузаронидани лаҳзаи дарс, ки дар барномаи болозикр «Ҳамгироҳии фанҳо» ном гирифтааст, дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон нақши муҳим дорад. Бояд тазаккур дод, ки ин усул аз усули «ҳамгиро» дар синфҳои ибтидоӣ, ки забон ва хониш бо ҳам ҳамгиро шудаанд, мутафовит аст ва дар овардани мисолҳо аз фаъолияти педагогии омӯзгорони муассисаҳои озмоишӣ ин нукта равшан мегардад. Ин усул низ чун дигар усулҳои дар боло зикргардида дар дарсҳои омӯзгорони адабиёти тоҷик мақсаднок роҳандозӣ карда шуда, шавқу завқи хонандагонро ба омӯзиши фан равнақ мебахшад. Академик Шарифзода Ф. усули ҳамкории омӯзгор ва хонандаро қайд намуда, ҳамгироиро асоси ба вуҷуд овардани шавқи хонандагон дар таълиму тарбия қаламдод мекунад.

Академик М.Лутфуллоев дар асари хеш «Дидактикаи муосир» ба он ишора намудааст: «Нақши баланди омӯзгор дар таълим аввалин аст, омӯзгор ромишгари асосӣ дар фаъолияти таълиму тарбия мебошад ва асоси шавқовар гардонидани ҷараёни таълиму тарбияро ба ӯ вобаст аст» [237, с. 213].

Ин суханони педагогони муосир бо истифода аз стратегияҳои «Алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт – омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» пурра дар дарсҳои омӯзгорони фанҳои номбурда

мавриди амал қарор дошта, омӯзиши ин фанҳоро барои хонандагон шавқовар мегардонад, ки ин аз мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорон маҳз бо мақсади амалӣ шудани ҳамгироии фанҳо равшан назаррас гардид. Аз рӯйи мушоҳидаҳои Мамадюсуфов Навбуҳор - мушовири филиали номбурда, ҳамоҳангсози ин барнома дар ноҳияи Дарвоз, ки дар рафти таҳқиқот ба ӯ ҳамсуҳбат шуда, мубоҳиса ташкил намудем, маълум гардид, ки дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Дарвоз аз ҳамгироии фанҳо васеъ истифода мебаранд. Масалан, дар дарси омӯзгори адабиёти тоҷики МТМУ-и №1-и ноҳияи номбурда Наҷмиддинов Назриддин, Мамадюсуфов Н. борҳо шоҳиди истифодаи ин усул гардидааст. Дар рӯзи мушоҳида Наҷмиддинов Н. дарси худро дар синфи 8 ба фанни забони англисӣ алоқаманд намудааст. Дар дарси омӯзгор Наҷмиддинов Н. омӯзгори забони англисӣ низ иштирок дошт ва мушоҳидачӣ лаҳзаи дарсро чунин шарҳ дод: «Омӯзгори адабиёти тоҷик навиштани ҳикоя ё нақл дар мавзуи «Пайравони роҳи рост» - ро бо истифода аз андешаҳои ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI, этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ ба хонандагон фаҳмонда дода, ба онҳо супориш дод, ки ҳикоя ё нақли кутоҳро нависанд. Баъд аз иҷрои фаъолият аз тарафи хонандагон супориши навбатӣ ин буд, ки 3 - 4 ҷумларо аз нақли навиштаи худ ба забони англисӣ тарҷума намоянд. Ин супориш аз тарафи омӯзгори забони англисӣ дода шуда, иҷрои он арзёбӣ карда шуд» [398, с. 21]. Мамадюсуфов Н. дар идома иброз дошт, ки омӯзгор Наҷмиддинов Н. хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, ба гурӯҳи аввал супориш дод, ки умумияти сифатҳо ва гурӯҳи дувум фарқи сифатҳои забони тоҷикӣ ва забони англисиро навишта, дар навиштани нақл аз рӯйи расм ин сифатҳоро истифода кунанд. Ин сифатҳоро аз осори Рӯдакӣ, Сино, Н. Хусрав, У. Кайковус ва дигар шоирони адабиёти тоҷики асрҳои X-XI, ки ба мавзуи хирад, андешаҳову арзишҳои миллӣ, рафтору кирдори нек бахшида шудаанд, интихоб намуда, дар навиштани нақлу ҳикоя мавриди истифода қарор диҳанд. Мушоҳида нишон дод, ки хонандагон супоришҳоро фаъолона иҷро намуданд ва ин гувоҳи он аст, ки омӯзгорон аз усулҳои фаъоли таълим ва андешаҳои ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI ҳамарӯза

истифода мебаранд ва дар ин самт муваффақиятҳои назаррасро низ ба даст овардаанд.

Аз гузаронидани озмоишҳо, мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорон, суҳбатҳои фардӣ, дукаса, гурӯҳӣ бо омӯзгорон ва ташкили суҳбатҳо бо хонандагон маълум гардид, ки истифодаи усулҳои фаъол ҳам дар баланд бардоштани сифати дониш ва ҳам тарбияи насли наврас аҳаммияти калон дорад. Масалан, истифодаи усули дигари барномаи «Алоқаманд намудани таълим бо ҳаёт – омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» дар дарс, ки «Даъвати мутахассис» ном дорад, дар рушди салоҳиятҳои хонандагон, ташаккули фикрронӣ, инкишофи хирад ва ташаккули арзишҳои миллӣ нақши асосӣ дорад. Мамадназарбеков Комил, ки бевосита ба ин барнома кор кардааст, дар мақолаи худ чунин меорад: «Даъвати мутахассис (эксперт) ба дарс» яке аз усулҳои фаъоли таълим мебошад. Мақсади асосии истифодаи ин усул аз бедор намудани шавқи хонандагон ба касб, алоқамандсозии мавзуи таълимӣ бо ҳаёти воқеии хонанда, тарбия намудани шаҳрвандони болаёқату кордон ва дар замирашон тарбия намудани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ташаккули арзишҳои миллӣ иборат аст. Чунин усули таълим дарсро шавқовар намуда дар хонандагон мустақилият, қобилияту маҳоратҳои худидоракунӣ, комуникатсияи мусбӣ, таҳлилкунӣ ва баҳодиҳӣ ва арзишҳои миллиро ташаккул медиҳад.» [32, с. 51].

Мо ҳам бар он назарем, ки бо истифода аз усули болозикр хонандагон мутахассисро рӯбарӯйи худ мебинанд, бо ӯ саволу ҷавоб, баҳсу мунозира ташкил мекунанд, нозукиҳои мавзуъро аз мутахассис дониста мегиранд ва дар хотири онҳо ин дарс нақши абадӣ мегузорад. Дар рӯзҳои гузаронидани таҳқиқот ба дарси забони давлатӣ даъват гардидани мутахассиси шуъбаи маориф, аз тарафи омӯзгори МТМУ-и №6-и ноҳияи Мурғоб Эгемқулов Туратбек гувоҳи истифодаи ин усул аст. Моҳи апрели соли 2021 гурӯҳи кории филиали Донишкада, ки ман низ шомили ин гурӯҳ будам, бо мақсади расонидани ёрии методӣ ба ноҳияи Мурғоб сафарбар гардид. Аввал ин гурӯҳи корӣ дар мувофиқа бо шуъбаи маорифи ноҳия дар МТМУ-и №6-и

деҳаи Аличули таваққуф намуд. Дар муассиса дарс мерафт. Вақте ки вориди муассиса гардидем, омӯзгорон аз соати 3-юми дарс баромада буданд. Аммо онҳо омадани гурӯҳи кориро интизор набуданд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дарсҳо бе ягон намоишкорӣ ба маҷрои ҳаррӯзааш гузаронида шуданд. Занг зада шуд ва дар мувофиқа бо маъмурияти муассиса аъзоёни гурӯҳи корӣ ба дарсҳои омӯзгорон даромаданд. Дар ин вақт омӯзгор Эгамқулов Т. аз ман хоҳиш намуд, ки дар дарси ӯ дар синфи 8 аз фанни забони тоҷикӣ ширкат варзем ва роҳҳои амалигардонии даъвати мутахассис ба дарсро мушоҳида намоям. Мавзуи дарс «Садонокҳо ва истифода онҳо» буд. Дар назди тахтаи синфӣ 3 ҷадвал (маводди аёнӣ) овезон шуда буданд. Ҷадвали 1 «Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад» номгузорӣ шуда, дар он пандҳои Рӯдакӣ оид ба ахлоқ навишта шудаанд. Дар ҷадвали 2, ки «Панди падар – хирмани зар» ном дошт, пандҳои Унсурулмаолии Кайковус ва дар ҷавдвали 3 «Пайравони Ҳакими доно» панду андарзхои Сино дарҷ гардидаанд. Дар ҳамаи ҷадвалҳо панду андарзҳо бо хати зебову хона, бо истифода аз маркерҳои ранга навишта шудаанд. Омӯзгор Эгамқулов Т. дар аввали дарс мутахассисро муаррифӣ намуда, барои иштироки ӯ изҳори сипос намуд. Дар қисмати ташкилии дарс бозиҳои шавқовар иҷро карда шуда, диққати хонандагон ба дарс ҷалб гардид. Вазифаи хонагиро низ хонандагон пурра тайёр буданд. Дар омӯзиши мавзуи нав омӯзгор хонандагонро ба 3 гурӯҳ ҷудо намуда, гурӯҳҳоро чунин номгузорӣ намуд; Гурӯҳи 1: Гурӯҳи Рӯдакӣ, гурӯҳи 2: гурӯҳи Кайковус ва гурӯҳи 3: гурӯҳи Сино. Ба гурӯҳи аввал ҷадвали 1, ба гурӯҳи 2-юм ҷадвали 2 ва ба гурӯҳи 3-юм ҷадвали 3 дода шуда, хонандагон супориш гирифтанд, ки панду андарзҳои дар ҷадвал додашударо хонда дар гурӯҳҳо маънидод намоянд. 4 - 5 калима ё ибораро аз таркиби байт ҷудо намуда, садонокҳоро ишора намоянд. Пас омӯзгор бо истифода аз усули кластер ақидаҳои хонандагонро оид ба таҳлили ин панду андарзҳо ҷамъоварӣ намуда, дониши пешакии хонандагонро оид ба ин мавзуъ муайян намуд. Баъд аз ақидаҷамъкунӣ омӯзгор Туратбек Эгамқулов суханро ба мутахассис, мушовири забони давлатии шуъбаи маориф дод ва мушовир мавзуъро дар

ҳамкорӣ бо хонандагон хеле шавқовар ҳаллу фасл намуд. Мутахассис аз асбобҳои аёнии худсохт ва воситаҳои техникӣ моҳирона истифода намуда, хонандагонро низ ба истифодаи ин маводҳо ҷалб намуд. Дар ҷамъбасти дарс омӯзгори дарсдиҳанда, бори дигар мавзуи «Садонокҳо ва истифода онҳо»-ро бо истифода аз пандҳои мутафаккирони номбурда ба хонандагон шарҳ дода, ба саволҳои онҳо ҷавобҳои аниқ дод. Дар охир хонандагон вазифа гирифтанд, ки дар вақти иҷрои машқҳо аз осори мутафаккирони асрҳои X-XI – и тоҷику форс мисолҳоро оварда, шарҳ диҳанд. Ҳамзамон, ақидаҳои ахлоқии ин шоиронро аз байтҳо навишта, маънидод намоянд. Супориши муҳимтар он буд, ки якчанд роҳи амалигардонии ақидаҳои тарбиявӣ – ахлоқии ин мутафаккиронро дар ҳаёти хеш пешниҳод намоянд.

Дар рӯзҳои баъдӣ сафар ба маркази ноҳияи Мурғоб ба вуқӯъ пайваст ва мушоҳидаи дарси омӯзгорони муассисаҳои таълимии омӯзишӣ воқеъ дар марказ ба роҳ монда шуд. Дар ҳамаи дарсҳои мушоҳидакардашуда аз осори мутафаккирони асрҳои X-XI дар алоқамандӣ бо педагогикаи мардумии халқи тоҷик ва анъанаҳои мардумӣ бо истифода аз барномаи «Алоқмандии таълим бо ҳаёт – омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» васеъ истифода мебаранд. Масалан, дар рафти мушоҳидаи дарси омӯзгори забони тоҷикии МТМУ-и №14 Аноятшоева Майсара назаррас гардид, ки дарс бо усули даъвати мутахассис ба дарс гузаронида шуд. Ба дарс мутахассиси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба робита бо ҷомеа даъват гардид. Мутахассис ба хонандагон дар мавзуи «Мушкилиҳои омӯзиши забони тоҷикӣ дар шароити бисёрзабона ва роҳҳои бартараф намудани ин мушкилиҳо» баҳсу мунозира доир намуд. Яке аз роҳҳои бартараф намудани мушкилиҳои омӯзиши забони тоҷикӣ дар шароити бисёрзабонаро мутахассис дар омӯхтани осори мутафаккирони асрҳои X-XI дар алоқамандӣ бо этнопедагогика ва анъанаҳои мардумӣ маънидод кард. Мутахассис ба хонандагон байтҳоро аз осори ин мутафаккирон мисол оварда, аз онҳо хоҳиш намуд, ки байтҳоро маънидод намоянд. Хонандагон дар маънидод намудани байтҳо ба мушкилӣ рӯбарӯ шуданд, зеро худи онҳо қайд намуданд, ки чиҳати

кам будани фонди луғавӣ дар таҳлил ба мушкилиҳо дучор мешаванд. Омӯзгори дарсдиҳанда ва мутахассис ба хонандагон номҳои китобҳои бадеии дастраси ин мутафаккиронро номнавис намуда, ба онҳо супориш дод, ки китобҳоро дастрас намуда, мутолиа намоянд ва дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз пандҳои ин мутафаккирон мисолҳо оранд. Ин дарсро хонандагон бо шавқ гӯш карда, супоришҳоро хуб иҷро намуданд. Омӯзгори дарсдиҳанда Аноятшоева М. баъд аз баромади мутахассис мавзуъро ҷамъбаст намуд. Аз саволу ҷавоб ба онҳо ва пур кардани варақчаҳои инъикосӣ маълум гардид, ки дарс барои хонандагон шавқовар ва хотирмон буд. Ба андешаи худи хонандагон онҳо ҳам мавзуи навро аз фанни забони тоҷикӣ ва ҳам панду андарзҳои мутафаккирони асрҳои X-XI - ро аз худ намуданд.

Дар асоси «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» (Қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2011 №334) дар замони кунунӣ диққати асосӣ бояд ба рушди салоҳиятҳои хонандагон равона карда шавад, на ба дониши назариявӣ. Маҳз ҳадафи асосии барномаи номбурда ҳамин аст. Бо усули замонавӣ гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ, ки яке аз стратегияҳои фаъоли таълим мебошад, ташаккули хирад ва сирати миллии хонандагонро таъмин мекунад.

Бояд қайд намуд, ки чорабиниҳои беруназсинфӣ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва дар даврони истиқлол, то қабули «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» низ гузаронида мешуданд ва онҳо бо усули анъанавӣ доир мегардиданд. Дар чорабиниҳои беруназсинфӣ диққати асосӣ ба қисматҳои назариявӣ аз қабили: маърӯза кардан, қироати шеър, қисмати фарҳангӣ ва амсоли инҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд. Аммо усули номбурда асосан мусоидат менамояд, ки шогирдон худашон мустақилона чорабиниҳои беруназсинфиро рангоранд гузаронида, фаъолиятҳои амалиро анҷом диҳанд.

Маҳз дар раванди гузаронидани таҳқиқот дар муассисаҳои озмоишӣ дар баробари мушоҳидаи дарсҳо ба чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмуассисавӣ диққати асосӣ равона карда шуд. Дар ин росто метавон аз

фаъолияти омӯзгори ботаҷриба ва шинохтаи муассисаи таълимии рақами 4-и ноҳияи Ишкошим Некбахтшоев Абдуллоҷон ёдовар шуд. Аз 10-ум то 24-уми феврали соли 2021 дар асоси нақшаи кории филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ барои расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ба ноҳияи зикргардида сафар намудам. Дар ин сафар ба усули гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ диққати асосӣ дода шуд. Дар рӯзи сафар дар МТМУ-и рақами 4 устод Некбахтшоев А. ду чорабинии беруназсинфиро таҳти унвони «Мо пайравони Фирдавсӣ» ва «Ровиёни сухан» ба нақша гирифта буд ва сафари мо ба рӯзи чорабинӣ мувофиқ омад. Чорабинии «Мо пайравони Фирдавсӣ» дар саҳни муассиса ба иштироки ҳамаи омӯзгорон ва хонандагони синфҳои 8 - 9-и ин муассисаи таълимӣ гузаронида шуд. Барои гузаронидани чорабинӣ ҳайати ҳакамон низ интихоб карда шуда, дар байни хонандагони синфҳои 8 - 9 мусобиқаи қироати шеъру ғазал аз осори мутафаккирони асрҳои X-XI, шеърхонӣ, шеърнависӣ, нақли мазмуни шеър, аз назм ба наср ва баръакс баргардондани ҳикояҳову шеърҳо ва амсоли инҳо ташкил карда шуд. Шавқовар ва ба рушди салоҳиятҳои хонандагон нигаронида шудани ин чорабинӣ асосан дар он мӯйян гардид, ки шеърҳову ҳикояҳои баррасишуда масъули корҳои эҷодии худи ин хонандагон буда, ба ташаккули хирад ва рушди сирати миллӣ нигаронида шуданд. Хонандагон дар мавзуъҳои сулҳу озодӣ, ватандориву ватандӯстӣ, муҳаббат ба китоб, падару модар, интихоби касб ва амсоли инҳо шеърҳои эҷоднамудаи худро баррасӣ намуданд, ки ин барои дар оянда шоиру донишманд шудани онҳо замина мегузорад, ба қавли Ҳаким Носири Хусрав:

Ба шогирдӣ ҳар он-к ӯ шод гардад,
Бувад рӯзе, ки худ устод гардад [358, с. 87].

Аз суҳбат бо омӯзгор Некбахтшоев Абдуллоҷон ва шиносоӣ бо фаъолияти эҷодиаш маълум ва муайян гардид, ки мавсуф табъи баланди шоирӣ дошта, шеърҳои зиёд эҷод намудааст Дар баробари дигар мавзуъҳо дар ашъори ин шоир – омӯзгор мавзуи тарбияи ахлоқӣ ва хештаншиносиву худогоҳии миллӣ дар пайравӣ ба осори мутафаккирони асрҳои X-XI, такя ба

педагогикаи мардумии халқи тоҷик ва анъанаҳои мардумӣ мақоми асосӣ дорад. Омӯзгор ҳам худ табъи баланди шоирӣ дошт ва ҳам шогирдонашро ба эҷод намудани назму наср шавқманд намудааст, ки ин маҳорати баланди педагогии ин устодро нишон медиҳад. Аз рафти шиносоӣ ба фаъолияти эҷодии омӯзгор – шоир Некбахтшоев А. муайян гардид, ки шеъру ғазалҳояш пайваста дар матбуоти даврӣ чоп мегарданд ва маҷмуаи шеърҳояш низ омодаи чоп аст. Шогирдонаш бо ифтихор кори устоди худро давом дода истодаанд. Мо бо устод ҳам ба таври шӯхиву ҳам ҷиддӣ гуфтем, ки чорабиниро метавонистед «Пайравони Фирдавсии ватандӯст ва омӯзгор Абдуллоҷон» ном мегузоштед. Чорабинӣ бисёр шавқовару хотирмон гузаронида шуда, ҳайати ҳакамон низ ба ин чорабинӣ баҳои баланд доданд. Ғолибони чорабинӣ аз тарафи маъмурияти муассиса қадр карда шуданд. Баҳои мо низ ба чорабинии мазкур баланд буд, зеро ба мавзуи мавриди таҳқиқ ва озмоиши мо «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI» таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир карда шуд. Хонандагон аз осори мутафаккирони асрҳои X-XI шеърҳо ва байтҳоро қироат намуда, мазмуни ин байтҳоро шарҳу тавзеъ доданд. Байтҳои қироатнамудаи хонандагон асосан мавзуи ташаккули хирад ва сирати миллӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, хирадварзӣ, илмомӯзӣ ва дигар ҷанбаҳои тарбиявӣ - ахлоқиро дар бар мегирифтанд. Аз суҳбат бо омӯзгори дарсдиҳанда ва дигар омӯзгорон дарёфтем, ки натиҷаҳо аз ба муассисаи озмоишӣ фаро гирифтани ин муассиса ба даст омада, дар пешрафти кори таълиму тарбия такони ҷиддӣ бахшидааст. Мисолҳоро оид ба хирад, ташаккули тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ қироат намуда, озодона маънидод кардани хонандагон далели фикрҳои болост. Дар ҷамъбасти чорабинӣ дар байни хонандагон саволу ҷавоб оид ба роҳҳои ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ ташкил карда шуд.

Гузаронидани чунин чорабиниҳо дар таҷрибаи омӯзгор Некбахтшоев А. зиёданд. Мавсуф дар мавзуъҳои мухталиф дар алоқамандӣ бо мавзуи

таҳқиқотӣ чорабиниҳоро доир намуда, хонандагонро ба иҷрои чорабиниҳо шавқманд намудааст.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки иҷрои бозиҳои дидактикӣ, маърифативу варзишӣ дар анъанаи мардуми ориётабори тоҷик дар идҳо ва ҷашнҳо ҳукми анъана дошта, ғояҳои тарбиявӣ – ахлоқиро тараннум мекард ва ин бозиҳо дар ташаккули сирати миллӣ мавқеи асосӣ доранд. Таҷрибаҳои рӯз собит намудаанд, ки машғул гардидани наврасон ба бозӣ онҳоро аз ҳар гуна рафторҳои ношоиста боз медорад. Ин усул аз тарафи олимони ватаниву хориҷӣ таҳқиқ ва асоснок шудааст. Масалан, муҳаққиқ Ш. Файзулло иброз доштааст: «Бозиҳои дидактикӣ – воситаи муҳимми педагогии фаъолсозии ҷараёни таълим ба ҳисоб мераванд. Дар раванди бозиҳои дидактикӣ хонанда бояд амалиётро анҷом намояд, ки шабеҳи он дар фаъолияти касбии мавсуф ҷой дорад. Дар натиҷаи такрори ин бозиҳо дониш ва маҳорату малакаҳо андӯхта мешаванд. Ҳамзамон инкишофи шахсият сурат гирифта, таҷрибаи шеваҳои нави кор пайдо мешавад» [381, с. 355].

Дар қисматҳои назариявии диссертатсия қайд гардид, ки дар баробари дигар бозиҳо иҷрои бозии суннатии «Килоғузғуз» дар иди Наврӯз дар Бадахшон то кунун машҳур аст. Сафари хизматии ба ноҳияи Ишкошим дар моҳи марти соли 2021 анҷомдодашуда таҳқиқоти моро боз ҳам комил намуд. Бо чашми хеш дидану ба навор гирифтани бозии «Килоғузғуз» дар деҳаи Зонги ноҳияи Ишкошим далели фикрҳои болост. Омӯзгори МТМУ-и №4 Қозиев Файзулло дар чорабинии байнимуассисавӣ хонандагони синфи 8 – ро ба ин бозӣ ҷалб намуд. Ин чорабинӣ пешакӣ ба маъмурияти муассиса, падару модар мувофиқа карда шудааст ва сокинон низ омадани хонандагонро ба хонаҳои хеш интизор буданд. Дар пешорӯйи ҷашни Наврӯз баъд аз тамом шудани дарсҳо ин чорабинӣ гузаронида шуд. Хонандагони синфи 8 ба се гурӯҳ ҷудо шуда, ба хонаҳои сокинони деҳа барои иҷрои бозӣ рафтанд. Омӯзгор Қозиев Ф., роҳбари синф ва раиси Созмони хонандагони муассиса гурӯҳҳоро назорат бурданд. Хонандагон ин бозиро тибқи анъана иҷро намуда, рӯмолҳоро бо ҳам гиреҳ намуда, бар нӯги рӯмол халта бастанд ва бо

навбат ба болои боми сокинон баромада, аз тариқи равзан рӯймолҳоро ба хона овезон намуданд ва шеъри «Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад» – ро бо овози баланд қироат намуданд. Халтаҳои бачаҳо аз сумғотӣ пур буданд. Соҳибони хона сумғотиҳои наврӯзии бачаҳоро гирифта, тибқи анъана халтаҳои онҳоро холӣ намонданд. Аммо қайд кардан муҳим аст, ки соҳибони хона шакли бозиро каме тағйир доданд. Онҳо дар баробари ширинву кулча, фатир, нон ва ғайра дар халтаҳои бачаҳо китобҳои бадеӣ монданд. Ин мукофотҳо ба хонандагон бисёр писанд омаданд. Ба чунин шакл иҷро намудани ин бозӣ дар амалигардонии мавзуи таҳқиқотии мо нақши асосӣ дорад.

Пас аз чорабинӣ ба корҳои эҷодии хонандагон, шогирдони шоир Некбахтшоев А. аз наздик шинос гардидем, ки онҳо шеъру ҳикояҳои зиёдро дар пайравии осори мутафаккирони асрҳои X-XI эҷод намуда, ба навиштани мақолаҳо низ даст задаанд. Хонандагон дар эҷоди шеър ба мавзуъҳои ташаккули сирати миллӣ, ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, васфи табиат, модар, падар, тасвири диёр, муҳаббат ба китоб ва амсоли инҳо диққати асосӣ равона кардаанд.

Чунин чорабинӣ дар муассисаҳои таълимии рақами 1-и ноҳияи Шуғнон, омӯзгор Саидбекова Надима, рақами 20, омӯзгор Ошурмамадова Азалбегим ва рақами 19 Мирзоева Мавлуда, ки омӯзгорони фаъол мебошанд, пайваста гузаронида мешаванд. Аз иштирок ба чорабиниҳои ин омӯзгорон хуб аён аст, ки шогирдонашон дар ҳамкорӣ бо омӯзгори худ бо усули замонавӣ, мустақилона ва шавқовар чорабиниҳоро мегузаронанд. Дар гузаронидани чорабиниҳо ба осори мутафаккирони асрҳои X-XI диққати асосӣ равона карда шуда, ҳамаи чорабиниҳо ба ин мавзуъ алоқаманд карда шудаанд. Дар МТМУ-и рақами 20 чорабинии «Китобхони беҳтарин» - омӯзгор, Ошурмамадова А., дар муассисаи рақами 1 чорабинии «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» - омӯзгор Саидбекова Надима ва дар МТМУ - ии рақами 19 чорбинии «Ноқилони осор» - омӯзгор Мирзоева Мавлуда мавриди мушоҳида қарор дода шуданд. Ба ин чорабиниҳо шоирону нависандагони шуҳратёри ин маҳалҳо низ даъват карда шуда, хонандагон дар ҳузури онҳо китобҳои

хондагии худро муаррифӣ намуданд ва шоҳиди ҳол гаштем, ки хонандагон китобҳои зиёди бадеӣ, аз ҷумла, осори мутафаккирони асрҳои X-XI-ро мутолиа намуда, намуда истодаанд. Натиҷаи беҳтарин он аст, ки хонандагон дар мавзуъҳои гуногун худ низ китобчаҳои хурдро ҳам бо назм ва ҳам бо наср навишта пешкаши меҳмонон намуданд. Мавзуи тараннуми ахлоқи ҳамидаи инсонӣ аз ҷумлаи мавзуъҳои корҳои эҷодии хонандагон мебошад.

Чорбинии «Ноқилони осор», ки бо ташаббуси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Мирзоева Мавлуда дар МТМУ - ии рақами 19-и ноҳияи Шуғнон гузаронида шуд, дар алоқамандӣ бо мавзуи таҳқиқотии мо сурат гирифт. Хонандагони синфҳои 8 ва 9 як моҳ пеш супориш гирифтаанд, ки достонҳои дилхоҳро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хонда, дар мавзуъҳои «Фирдавсӣ ва худшиносии миллӣ», «Шоири ватандӯст», «Фирдавсӣ тараннумгари иттиҳоду иттифоқ» корҳои хурди таҳқиқотиро анҷом диҳанд. Аз рафти чорабинӣ муайян гардид, ки хонандагон ин супоришҳоро бо маҳорати баланд иҷро намуда, рефератҳо, буклет, мақолаҳо ва дигар корҳои хурди илмиро тайёр намудаанд. Инчунин хонандагон ақидаҳои хешро оид ба мавзуъҳои номбурда ба тариқи слайд тайёр намуда, барои ҳозирин баррасӣ (презентатсия) намуданд. Корҳои хурди таҳқиқотӣ пурра ба мавзуъҳои тарбиявӣ ахлоқӣ бахшида шуда, андешаҳои ватандӯстӣ, муҳаббат ба халқу миллат, дӯстиву рафоқат, иттиҳоду иттифоқро дар бар гирифтанд, ки дар маҷмуъ арзишҳои миллиро тараннум мекунанд.

Барои исботи фикр метавон қайд намуд, ки дар раванди гузаронидани озмоиш дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1 чорабинии «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» таҳти роҳбарии омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Саидбекова Надима баргузор гардид. Чорабинӣ бо садо додани Суруди миллӣ ҳусни ифтитоҳ ёфта, баромадҳо аз рӯйи сенария амалӣ карда шуданд. Ин чорабинӣ ба қисматҳои қироати шеър, чистонгӯӣ, саволу ҷавоб, муаррифии китобҳои хондашуда, барномаи фарҳангӣ ва лаҳзаҳои ҷамъбастӣ ҷудо шуда буд. Дар қисмати муаррифии китобҳои хондашуда хонандагони синфи 9 ба 3 гурӯҳ ҷудо шуданд. Онҳо дар омодагӣ ва тайёрӣ ба

гузаронидани чорабинӣ ба гурӯҳҳои «Шоҳбайтиҳои «Шоҳнома»«, «Қобуснома», «Саодатнома» ҷудо шуда, ҳар як гурӯҳ дар давоми 1 моҳ ин китобҳоро мутолиа намуда, дар бораи ақидаҳои ахлоқӣ – тарбиявӣ, нақши ин асарҳо дар ташаккули сирати миллӣ презентатсияро омода намудаанд. Дар чорабинӣ хонандагон бо истифода аз васоити техникӣ корҳои худро муаррифӣ намуда, ҳамзамон нақши қаҳрамонони асари хондашударо низ дар вақти нишон додани саҳначаҳо иҷро намуданд. Масалан, гурӯҳӣ «Қобуснома» нақши падару модар ва фарзандонро иҷро намуда, бо истифода аз асари тарбиявии У. Кайковус фарзандони худро панду насиҳат намуданд. Муҳтавои ин саҳнача, ки «Панди падар – амёни зар» ном дошт, барои хонандагон ва кулли тамошобинон муфид буда, дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ нақши марказӣ гузошт, зеро мазмуни саҳнача ба алоқаманд намудани ақидаҳои тарбиявӣ – ахлоқӣ У. Кайковус ба ҳаёти имрӯза бахшида шуда, муаммоҳои наврасону ҷавонон, аз ҷумла даст доштан ба нашъамандиву нашъаҷалобӣ, гаравидан ба гурӯҳҳои тундрав, паст задани шаъну шараф ва эътибори падару модар, дур будан аз китобхонӣ, истифодаи бемавқеи телефонҳои мобилӣ ва дигар рафтори номатлуб дар ин саҳнача маҳкум карда шуданд. Мазмуни саҳнача ва маҳорати баланди нақшиҷрокунии хонандагон диққати иштирокдоронро ба худ ҷалб намуда, ҳозирин ба ин қисмати чорабинӣ баҳои баланд доданд.

Омӯзгорони муассисаи таълимии рақами 8-и ноҳияи Роштқалъа Ғуломиддинова Манзура, Ҳайдарова Зуҳро чорабиниҳои беруназсинфиро дар мавзуи «Адибони наврас» ба дараҷаи баланд гузарониданд. Ин омӯзгорон маҳоратҳои хоси хешро доранд ва чорабиниҳои беруназсинфиро дар сатҳи баланд мегузаронанд. Ташкил намудани вохӯрии омӯзгорону наврасони муссисаро бо шоирони муосири Бадахшон Лаълҷубаи Мирзоҳасан, Алидоди Чароғабдол, Шоҳзодаи Саидиброим, Хушомади Алидод ва дигарон метавон ба унвони мисол овард. Дар маҳфилҳои адабӣ мавзуъҳои «Нақши мутафаккирони асрҳои Х-ХІ дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ», «Пайравони шоирони асрҳои Х-ХІ» , «Мо пайравони Синову Фирдавсӣ»

нақши калидӣ доштанд. Ин чорабиниҳо ба маҳфили адабии ширу шакар мубаддал гардида, қироати шеър аз тарафи хонандагону шоирони муосир, барномаи фарҳангӣ, баҳсу мунозира, саволу ҷавоб ташкил карда шуд. Чунин чорабиниҳо имкон доданд, ки наврасони шеърдӯст ба шоирони шуҳратёр шиносоӣ пайдо намуда, устодон онҳоро ба шогирдӣ қабул намуданд ва равобити доимӣ дар миёни онҳо ташкил карда шуд. Мо дар асоси ҳамкории доимӣ дарёфтем, ки шогирдон – хонандагони ин муассиса аз устодони худ (шоирони дар боло номбурда) моҳирона истифода намуда, шеърнависиашон рӯз то рӯз беҳтару баландтар гардида истодааст. Хонандагон аз тарафи устодон – шоирони маҳал супориш гирифтаанд, ки дар эҷоди шеър ба мавзуи ташаккули сирати миллӣ, дар баробари дигар мавзуъҳо, диққати асосӣ диҳанд. Ичрои ин супоришро аз шиносоӣ бо корҳои эҷодии хонандагон шоҳид гардидем. Хонандагон дар бораи мавзуъҳои дур будан аз рафторҳои бад ба мисли майзадагӣ, нашъамандӣ, дуздиву мардумфиребӣ ва амсоли инҳо шеърҳои худро эҷод намудаанд.

Гузаронидани чунин чорабиниҳо собит намуд, ки омӯзгорони муассисаҳои таълимии озмоишӣ ба мавзуи таҳқиқотӣ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намуда, дар амалигардонии «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс» дар муассисаҳои таълимӣ ба муҳаққиқи ин мавзуъ ҳамкории мақсаднокро ба роҳ мондаанд. Барои амалигардонии мавзуи таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон нақша-чорабиниро таҳия ва тасдиқ намуда, марҳила ба марҳила мавриди амал қарор дода истодаанд. Дар амалигардонии ин мавзуъ дар алоқамандӣ бо мавзуъҳои барномаи таълимӣ аз фанни адабиёти тоҷик омӯзгорони ин муассисаҳо аз усулҳои фаъоли таълим фаъолона истифода мебаранд.

Масалан, истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои омӯзгорони адабиёти тоҷики муассисаҳои таълимии ноҳияи Ванҷ ҷиҳати амалӣ намудани мавзуи таҳқиқотии «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс» дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ мақсаднок роҳандозӣ гардида,

таҳқиқоти моро боз ҳам асоснок менамояд. Истифодаи ҳамаи 5 стратегия ё усули барномаи «Алоқамандии таълим бо ҳаёт – омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» мувофиқи талаботи озмоиши мо ба роҳ монда шуда, дар кори таълиму тарбия аҳаммияти махсусро касб кард. Масалан, гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз тарафи ҳамаи омӯзгорони фанни номбурда бо усули фаъоли замонавӣ мавриди амад қарор дода шудааст. Аз шиносоӣ бо ҳисоботҳои сафари хизматии кормандони филиал, ки масъули ноҳияи Ванҷ мебошанд, дарёфтем, ки омӯзгорон: Шошаева Лола МТМУ-и №1, Бошиева Ҳаво, Қамарова Шаъмигул, МТМУ-и №4, Раҷаббов Шамшод №12, Бобониёзова Гулафзо №2, Ҳусейнов Файзиддин №21 ва дигарон чорабиниҳои беруназсинфиро бо роҳҳои фаъол, ки бевосита рушди салоҳиятҳои хонандагонро таъмин мекунанд, мегузаронанд. Баргузории чорабинии Наврӯзӣ дар мавзуи «Нақши анъанаҳои миллӣ дар тарбияи насли наврас ва ташаккули сирати миллӣ» дар муассисаи таълимии рақами 1, аз тарафи омӯзгор Шошаева Лоларо метавон ба унвони мисол овард. Ду моҳ пеш аз таҷлили иди Наврӯз омӯзгор ба хонандагони синфҳои 8-9 супориш додааст, ки мавзуи номбурдаро мавриди таҳқиқ қарор диҳанд. Хонандагон дар ҳамкорӣ бо омӯзгори худ нақшаи кориро таҳия намуда, аз рӯйи он фаъолият намудаанд. Бо куҳансолон, шоирону донишмандони маҳал суҳбату вохӯриҳоро доир намуда, аз маъхазҳои адабӣ, таърихӣ истифода намуда, маводди зиёдро ҷамъоварӣ кардаанд. Дар рӯзи гузаронидани чорабинӣ хонандагон корҳои худро муаррифӣ намуданд. Баҳси озод дар байни хонандагон ташкил шуда, ба саволҳои зиёд аз тарафи худи хонандагон ҷавобҳои асоснок дода шуданд. Аз ҷумла, оид ба анъанаҳои наврӯзии сокинони ноҳияи Ванҷ, нақши ин анъанаҳо дар ташаккули хирад ва сирати миллӣ, инкишофи арзишҳои миллӣ ва интиқоли ин анъанаҳои нек ба наслҳои оянда маводҳои зиёд аз тарафи хонандагон ҷамъоварӣ гардида, нақши ин анъанаҳо дар тарбияи насли наврас нишон дода шудааст. Масалан, хонандагон таҳқик намудаанд, ки сокинони Ванҷ Наврӯзро ҷашни аҷдодӣ ва омили тарбияи ахлоқӣ медонанд. Тавассути

иҷрои анъанаҳои миллӣ гузаштагон мардумро ба авфу гузашти гуноҳи ҳамдигар, дурӣ ҷустан аз бадиву бадкорӣ, машғул будан ба некиву некукорӣ, ҳамкорӣ, иттиҳоду иттифоқ ва амсоли инҳо даъват намудаанд. Тибқи эътиқоди мардуми тоҷик дар мисоли сокинони Ванҷ, агар мардум дар рӯзҳои аввали сол ба корҳои нек машғул шавад, ин сол бо хурсандӣ паси сар мешавад ва агар аъмоли зишт анҷом дода шавад то охири сол чунин хоҳад буд. Ин суннатҳо ҳам ба тариқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ дар байни мардум маълуму машҳуранд. Хонандагон таҳқиқотҳои худро бо навиштани нақли мухтасар, иншо, реферат, лоиҳаҳои эҷодӣ, кашидани расмҳо, банер, буклет ва амсоли инҳо ҷамъбаст намудаанд. Ин таҳқиқотҳои хонандагон дар тарбияи ахлоқии онҳо ва дигар хонандагон саҳми назаррас хоҳанд гузошт.

Чунин таҳқиқотҳои назариявӣ аз тарафи хонандагон бисёр анҷом дода шудаанд, аммо ҷанбаҳои амалӣ дар гузаронидани чорабиниҳо нақши асосӣ доштанд. Бо мақсади аз наздик мушоҳида намудани чорабиниҳои наврӯзӣ, ки як зербоби рисолаи докторӣ ба он бахшида шудааст, дар арафаи ҷашни иди Наврӯз сафар ба ноҳияи Ванҷ ба роҳ монда шуд. Ҳангоми сафар шоҳиди ҳол гаштем, ки дар муассисаи таълимии рақами 12-и ноҳияи Ванҷ бо ташаббуси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики ин муассиса Раҷаббов Шамшод чорабинии наврӯзӣ дар сатҳи деҳа ба нақша гирифта шудааст. Омӯзгор ба гузаронидани ин чорабинӣ дар баробари хонандагони синфҳои 8 ва 9, падару модар ва ҷавонони деҳаро ҷалб намуда, ба он омодагии пурра дида, хонандагону падару модар ва ҷавонони деҳаро ба гузаронидани он ҳаматарафа омода намудааст. Рӯзи дувуми сафар дар асоси нақша иштироки мо дар ин чорабинӣ сурат гирифт. Чорабинии наврӯзӣ дар саҳни муассисаи таълимӣ бо иштироки сокинони деҳа гузаронида шуд. Қисми амалии чорабинӣ ба амалан иҷро намудани оини «Ҷуфтбаророн», ки дар арафаи ҷашнгирии Наврӯз дар минтақаҳои мухталифи ВМКБ анҷом дода мешуд, бахшида шуд. Бо ташаббуси омӯзгор дар ҳамкорӣ бо раиси деҳа ба анҷом додани ин оин тайёрии ҳаматарафа дида шудааст. 4 нафар хонандаи синфи 8 ва 4 нафар хонандаи синфи 9 нақши деҳқонро иҷро намуданд. Раиси деҳа

барои иҷрои амалии ин оин як ҷуфт барзаговро омода намудааст. Деҳқонон (хонандагон) аввал дар хонаи як сокини деҳа ҷамъ омада, дастҷамъона оши ғизои идонаро, ки кадбону тайёр намудааст тановул намуданд. Чун анъанаи ниёгон шахси куҳансоли деҳа, мӯйсафед ба руҳи поки Бобои Деҳқон ва арвоҳи гузаштагон дуою фотиҳа тиловат намуд. Сипас деҳқонон ба сари замин рафта ба шохҳои барзаговҳо равғани зағир молиданд ва ба сару бадани говҳо орд пошиданд, ки тибқи анъанаи халқи тоҷик ин оин рамзи хайру баракат ва фаровонии ҳосилро ифода мекунад. Пас деҳқонон каме шудгор карданд ва мӯйсафеди деҳа ба тариқи рамзӣ ва муборакатии кор тухм - чанд мушт гандум ба замин пошид. Қисми аввали ин анъана иҷро шуд. Хонандагон ба ҳайси деҳқон шудгорро оғоз намуданд ва деҳқонони асосӣ аз рӯзи оянда корро идома медиҳанд. Пас аз анҷом додани ин оин дар байни хонандагон ва падару модар, аъзоёни ҷомеа, ки дар ин чорабинӣ ширкат варзиданд, саволу ҷавоб оид ба анъанаҳои наврӯзӣ ва нақши ин анъанаҳо дар равнақ бахшидани тарбияи насли наврас ташкил карда шуд. Ҳозирини соҳибтаҷриба ва омӯзгорон ба саволҳои хонандагон ҷавобҳои аниқ ва асоснок доданд. Аз мушоҳида аён гардид, ки дар партави иҷрои ин чорабинӣ дар хонандагон муҳаббат ба равнақ бахшидани ҳунарҳои мардумӣ, меҳнатдӯстӣ, омода шудан ба ҳаёти мустақил, эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ равнақ ёфта, он барои ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ заминаи мусоид мегузорад. Эҳё намудани анъанаҳои миллӣ, равнақ бахшидани ҳунарҳои мардумӣ, тараннуми касбомӯзӣ ва меҳнати якҷоя, мақсаднок гузаронидани вақт, саҳм гузоштан дар пешрафти зиндағӣ ва амсоли инҳо дар арзишҳои миллӣ ва минталитети тоҷикон нақши таърихӣ дошта, дар замони кунунӣ ба эҳё ва равнақ додани ин анъанаҳо таваҷҷуҳи бештарро зоҳир бояд намуд.

Гузаронидани чорабинии «Дасти дуои модар» дар МТМУ-и №12-и ноҳияи Ванҷ, омӯзгор Раҷаббов Шамшод ва МТМУ-и №1, омӯзгор Шошаева Лола бахшида ба Рӯзи модарон низ қобили зикр аст. Омӯзгорони номбурда чорабиниро ба роҳи таҳқиқот ба роҳ монда, хонандагон дар мавзуъҳои:

«Меҳру муҳаббати модар», «Тарғиби эҳтиром гузоштан ба модар дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI», «Нақши модар дар ҳаёти инсон», «Модар гавҳари бебаҳост», «Дасти дуои модар», «Эҳтироми модар ва нақши он дар педагогикаи мардумӣ « ва ҳоказо таҳқиқотҳоро анҷом дода, бо ташаббуси худи хонандагон дар муассиса конфронс ташкил карда шудааст. Ҳамаи хонандагони муассиса дар конфронс ширкат варзида, хонандагони муҳаққиқ бо мавзуъҳои худ баромад кардаанд. Ин мавзуъҳои таҳқиқотӣ аз тарафи ҳакамони конфронс баҳои хуб гирифтаанд. Дар бораи мавзуъҳои болозикр баҳсу мунозира дар байни хонандагон ташкил карда шуда, ба нақши модар дар зиндагӣ, тарбияи фарзанди хуб, эҳёи оину анъанаҳои мардумӣ, омӯзиши осори классикони тоҷик таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир карда шуд.

Гузаронидани викторинаҳо ва мизи мудаввар аз тарафи омӯзгорони ноҳияи номбурда Бошиева Ҳ., Қамарова Ш., Бобониёзова Г. низ баёнгари истифодаи доимии усулҳои фаъол, ҷиҳати равнақ бахшидани тарбияи насли наврас дар руҳияи ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ мебошад.

Мавриди амал қарор додани мавзуи таҳқиқотӣ бо истифода аз стратегияҳои «Алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт – омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» дар муассисаҳои таълимии номбурда имконият фароҳам овардааст, ки салоҳиятҳои хонандагон ҳаматарафа рушд ёбанд. Ҳамкории тарафайни хонандагону омӯзгорон мақсаднок ба роҳ монда шуда, фаъолиятҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Масалан, агар пештар омӯзгорон аз асбобҳои аёнӣ кам истифода мебурданд ва истифода накардани аёниятро дар мавҷуд намубани он баррасӣ мекарданд, ин усул имкон бахшид, ки маводҳои зиёди аёнӣ аз тарафи хонандагон дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон тайр карда шаванд. Муҳим он аст, ки ин маводҳои аёнӣ аз маводҳои дастраси маҳал, ки аутентикӣ - аз истифодабаромада мебошанд, тайёр карда шуда, на фақат дар дарсҳои як фан, балки ҳамаи фанҳо истифода бурда мешаванд.

Чунин маводҳо бештар аз тарафи омӯзгорони муассисаҳои дар боло зикргардидаи шаҳру ноҳияҳои вилоят Давлатов Мамадсаид, Саиданбиёев Ғолибҷон, Гулдарбоғова Чилла, Замирова Мавлуда, Зиёфатова Саида,

Мабатшоева Аслия, Алиназарова Аъло, Ҳукуматшоев Зиннатшо, Шодмонова Сабоҳат, Шодмонбекова Тахмина, Хоникова Зумрад, Бодурбекова Гулбарг, Бошаева Сабзина, Саидиброимов Саидиброим ва дигарон дар ҳамкорӣ бо шогирдонашон тайёр карда шудаанд. Асбобҳои аёнии тайёркардашуда ба мавзуъҳои андешаҳои тарбиявӣ – ахлоқӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI, нақши анъанаҳои миллӣ ва этнопедагогика дар ташаккули сирати миллӣ ва дигар мавзуъҳои барномаи таълимӣ бахшида шудаанд.

Дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки мушоҳидакунии амалигардонии таҳқиқот дар ин замина расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорон ва назарсанҷиҳои (менторинг ва мониторинг) барнома, шиносоӣ бо ҳисоботҳои ҳамкорон, мушоҳидаҳои фардиву гурӯҳии фаъолиятҳои омӯзгорон собит намуд, ки роҳандозӣ ва амалӣ намудани мавзуи таҳқиқотии «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс» бо истифода аз усулҳои «Алоқаманд намудани таълим бо ҳаёт – омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» дар муассисаҳо мақсаднок роҳандозӣ гардида, натиҷаҳои назаррасро ба бор овардааст.

Агар амалӣ намудани мавзуи таҳқиқотии «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X- XI тоҷику форс» бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ роҳандозӣ шавад, дар ташаккул додани сирати миллӣ, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ба талаботҳои давлат ва байналмилалӣ мувофиқ кардани сифати таълим ва рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ, фикрронӣ, мустақиломӯзӣ, ҳал карда тавонистани муаммоҳои ҷойдошта, амалӣ гардонидани назария дар амал ва амсоли инҳо мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, дар рафти гузаронидани таҳқиқот дар муассисаҳои таълимӣ, анҷом додани озмоишу таҷрибаҳо бо мақсади амалӣ намудани кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI» корҳои зиёд анҷом дода шуданд. Аз ҷумла:

1.Дар асоси нақша дар муассисаҳои таълимии интихобии дар боло зикргардидаи ВМКБ ҳар сол 2-3 маротиба дар мувофиқа бо маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, семинарҳои дастурдиҳӣ бо коллективи омӯзгорон дар мавзуъҳои: «Амалигардонии ақидаҳои тарбиявӣ - ахлоқии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба рушди хирад ва сирати миллӣ дар муассисаҳои таълимӣ», «Таҳияи нақшаи дарсӣ дар асоси талаботҳои тадриси муосир ва банақшагирии дарсҳо», «Инъикоскунии дарс», «Тафаккури интиқодӣ», «Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарси адабиёт», «Алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт бо истифода аз осори мутафаккирони асрҳои X-XI», «Нақши этнопедагогика дар тарбияи ахлоқии насли наврас», «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ бо истифода аз эҳё намудани анъанаҳои миллӣ» ва амсоли инҳо гузаронида шуданд. Дар ин семинарҳо маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, ҳамаи омӯзгорону роҳбарони иттиҳодияи методӣ ширкат варзиданд. Дар маҷмуъ, аз соли 2018 то соли 2022 дар ин муассисаҳои таълимӣ 22 адад семинарҳои мақсаднок гузаронида шуданд.

2. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимии озмоишӣ, шиносоӣ ва тавсиядиҳӣ ба роҳбарони иттиҳодияи методӣ оид ба амалигардонии мавзуи таҳқиқотӣ «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик» дар ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ, самаранок ва бо усулҳои фаъол гузаронидани ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ ба роҳ монда шуд. Дар рафти таҳқиқоти 5-сола ба 117 нафар роҳбарони иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои болоӣ оид ба натиҷабахш равнақ додани кори машғулиятҳои иттиҳодияҳои методӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, расонидани ёрии методӣ аз тарафи ин роҳбарон ба омӯзгорон, алоқа ва ҳамкории маъмурияти муассисаи таълимӣ ба роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, роҳбарони кабинети (гӯшаи) методӣ ба роҳбарони иттиҳодияи методӣ, баланд бардоштани сифати таълими фанҳои таълимии синфҳои болоӣ, бо мақсади амалигардонии мавзуи таҳқиқотӣ, ёрии амалии методӣ расонида шуд.

3. Аз арзёбӣ ва назарсанҷӣ маълум гардид, ки гузаронидани семинарҳо барои маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони иттиҳодияи методӣ, омӯзгорон натиҷаи дилхоҳ дода тавонист. Аз ҷумла:

- ҳуҷҷатҳои лозимӣ аз тарафи роҳбарони иттиҳодияи методӣ мувофиқи имкон ба роҳ монда шуда, «Амалигардонии осори мутафаккирони асрҳои X-XI оид ба рушди хирад ва сирати миллӣ дар дарсҳои ҳаррӯза» дар нақшаҳои ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ ҷой доранд;

- дарсҳои омӯзгорон аз тарафи роҳбарони иттиҳодияи методӣ мушоҳида шуда, тавсияҳо дар дафтари тавсияҳои фардии омӯзгорон оид ба амалигардонии мавзуи болозикр қайд гардидаанд;

- дафтари иштирок ба дарсҳои омӯзгорон ҷиҳати табодули таҷриба дар мавзуи «Амалигардонии осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба рушди хирад ва сирати миллӣ дар дарсҳои ҳаррӯза» ташкил карда шуда, қайдҳо дар дафтарҳо мавҷуданд;

- ба нақшаҳои роҳбарони иттиҳодияи методӣ мавзуъҳо оид ба мувофиқгардонии ҷараёни таълим бо ҳаёт бо роҳҳои истифодаи осори мутафаккирони асрҳои X-XI оид ба рушди хирад ва сирати миллӣ, анъанаҳои миллӣ, этнопедагогика, бо усулҳои фаъол гузаронидани дарсҳо, чорабиниҳои беруназсинфӣ, тафаккури интиқодӣ, инъикоскунӣ ва амсоли инҳо дохил карда шуданд;

- дар ҳамаи муассисаҳои таълимии озмоишӣ барои роҳбарони иттиҳодияи методӣ ва омӯзгорон дафтари фардии тавсияи методӣ, ҷиҳати амалӣ намудани мавзуи таҳқиқотӣ ташкил карда шуда, тавсияҳо дар ин дафтарҳо доимо аз тарафи муҳаққиқ, дар рафти гузаронидани ёрии методӣ, қайд карда шуданд;

- нақшаҳои дарсҳои кушоду намунавӣ, суратҷаласҳо ва нусхаи ҳисоботи ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ, рефератҳои омӯзгорон дар парвардаҳои алоҳида ҷой дода шудаанд. Аз таҳлили ин ҳуҷҷатҳо аён гардид, ки ба амалигардонии мавзуи таҳқиқотӣ «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати

миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X – XI» диққати асосӣ дода шуда, корҳои зиёд дар ин самт анҷом дода шудаанд;

- назорати маъмурияти муассисаҳои таълимӣ низ аз болои кори шаклҳои коллективонаи корҳои методӣ ба роҳ монда шудааст. Дар шурои педагогии муассисаҳои таълимии номбурда ва ҷаласаҳои назди директор масъалаҳо оид ба амалигардонии мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI» дохил гардида, мавриди муҳокима қарор дода шудаанд.

4. Тавре дар боло қайд гардид, дар рӯзҳои сафари хизматӣ ба қисмати муҳимми кори таълиму тарбия - мушоҳида ва таҳлили дарс диққати асосӣ равона карда шуд. Дар ҷараёни ёрии методӣ ба омӯзгорон оид ба усулҳои банақшагирии дарс ва истифодаи усулҳои фаъоли таълим маълумоти муфассал дода шуда, иштирок ба дарс аз шиносоӣ бо нақшаҳои дарсӣ сар шуд. Ба ёрии онҳо нақшаҳои дарсии яксоата тартиб дода шуда, оид ба тарзи гузаронидани дарсҳо бо усулҳои фаъоли таълим тавсияҳои доимӣ дода шуда, мавриди санҷиш ва арзёбӣ қарор дода шуданд.

5. Роҳҳои инъикос намудани дарс дар се марҳила: инъикоси пеш аз амал, дар раванди фаъолият ва инъикоси баъд аз фаъолият ба омӯзгорон фаҳмонда дода шуда, намунаи варақаҳои инъикосӣ низ ба онҳо дастрас карда шуданд.

6. Дар раванди ёрии методӣ, пеш аз иштирок ба дарсҳои омӯзгорон, нақшаҳои дарсӣ мавриди шиносоӣ ва додани тавсияҳои методӣ дар ин самт қарор дода шуда, иштирок ба дарсҳо амалӣ гардид. Таҳлилҳо нишон доданд, ки нақшаҳои дарсӣ дар асоси барномаи таълимӣ ва тавсияҳои муҳаққиқ таҳия шуда, дар дарсҳои ҳаррӯза аз онҳо мақсаднок истифода бурда мешавад.

7. Дар аксарияти муассисаҳои таълимӣ, мувофиқи мақсад дар мувофиқа бо маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон дарсҳои таҷрибавӣ ба навор гирифта шуда, маҳфуз карда шуданд. Теъдоди дарсҳои банаворгирифташуда 25 ададро ташкил медиҳад, ки ин дарсҳо дар доираи амалигардонии мавзуи таҳқиқотӣ гузаронида шуданд. Дарсҳои

мушоҳидашуда дар охири ҳар рӯз фардӣ мавриди таҳлил ва тавсиядиҳӣ қарор дода шуданд. Тавсияҳое, ки ба омӯзгорон дода шуданд, дар дафтари тавсияҳои методии фардии омӯзгорону роҳбарони иттиҳодияи методӣ қайд карда шуданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамаи тавсияҳо дар асоси нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ, талаботи стандартҳои фаннӣ оид ба мавзуи таҳқиқотӣ дода шуданд.

8. Ҷамъомадҳои иттиҳодияи методӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ моҳе як бор ва дар дигар муассисаҳо дар ду моҳ якбор мегузаранд. Ба роҳбарони иттиҳодияи методии муассисаҳои ғайритакягоҳӣ низ дастур дода шуд, ки мувофиқи имкон моҳе як бор иттиҳодияи методиро гузаронанд ва омӯзгорони ҷавону навкорро низ ба машғулиятҳои иттиҳодияи методӣ бештар ҷалб намоянд.

Барои арзёбӣ намудани таҳқиқотҳои анҷомдодашуда ва гузаронидани таҳлилҳо оид ба ҳалли муаммоҳое, ки дар ибтидои таҷрибагузаронӣ ва пурсишҳо дар муассисаҳои такягоҳӣ ва ҳамрадиф мавҷуд буданд, дар охири ҳар соли хониш санҷишҳо доир карда шуданд. Барои муайян намудани натиҷаи ташаккули дониши хонандагон аз фанни адабиёти тоҷик оид ба осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва нақши ин дарсҳо дар тарбияи насли наврас, аз ҷумла, ташаккули сирати миллӣ, санҷишҳо дар охири соли хониш низ бо роҳи пур кардани пурсишномаҳо (анкетҳо) ва корҳои хаттӣ гузаронида шуданд.

Чун таҳқиқоти ибтидоӣ дар таҳқиқоти интиҳоӣ низ пурсишномаҳо, корҳои хаттӣ ва вақти гузаронидани онҳо дар ҳамаи муассисаҳои такягоҳӣ ва ҳамрадиф яксон буд. Натиҷаи корҳои хаттӣ дар асоси баҳои 4 бала: 5-аъло, 4-хуб, 3-қаноатбахш ва 2-ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқиқоти интиҳоӣ дар ҷадвали №3 ва 4 инъикос ёфтааст.

Ҷадвали №3

Натиҷаи интиҳоии арзёбии дониши хонандагон дар муассисаҳои такягоҳӣ (т) ва ҳамрадиф (ҳ) дар синфҳои 8

Синфҳо	Соли таҳсили 2018 - 2020			
	аъло. бо %	хуб. бо %	қ\б. бо %	ғайри қ\б .бо %
8[а] (т)	35,5	40,9	23,6	-
8[а] (ҳ)	35,8	40, 7	23,5	-
8[б] (т)	34,9	40,4	24,7	-
8[б] (ҳ)	37,3	39,2	23,5	-
Шумораи хонандагон 42 нафар				

Ҷадвали № 4

Натиҷаи интиҳоии арзёбии дониши хонандагон дар муассисаҳои такягоҳӣ ва ҳамрадиф дар синфҳои 9

Синфҳо	Соли таҳсили 2018 - 2020			
	аъло. бо %	хуб. бо %	қ\б. бо %	Ғайри қ\б .бо %
9а (т)	34,2	41,4	24,4	-
9а (ҳ)	35,8	40,6	23,6	-
9б (т)	36,8	40,4	22,8	-
9б (ҳ)	36,1	40,1	23,8	-
Шумораи хонандагон 42 нафар				

Дар асоси таҳлили ин ҷадвалҳо шоҳиди ҳол гардидем, натиҷаи дониши хонандагон нисбат ба таҳқиқоти ибтидоӣ хеле баланд мебошад. Агар дар таҳқиқоти интиҳои ягон хонандаи синфҳои 8 ва 9 дар вақти санҷиш баҳои 5 (аъло)-ро соҳиб нагардида бошад, дар таҳқиқоти интиҳоӣ зиёда аз 34% хонандагон баҳои 5 (аъло) гирифтанд (нигар ба ҷадвалҳои 3-4). Нишондоди баҳои 4 (хуб) аз 3 (қанотбахш) баръакси таҳқиқоти ибтидоӣ баландтар гардид (нигар ба ҷадвалҳои 3-4). Дар таҳқиқоти интиҳоӣ ягон хонанда баҳои ғайриқаноатбахшро соҳиб нашуд.

Ин натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки гузаронидани озмоишҳо дар муассисаҳои такягоҳӣ боиси ташаккул ёфтани истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарс гардид. Натиҷаи дониши хонандагон дар муассисаҳои ҳамрадиф нисбат ба муассисаҳои такягоҳӣ пасттар аст ва ин аз кам истифода бурдани усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои ҳаррӯза шаҳодат медиҳад. Дар

рафти таҳқиқот таҳлилҳои муқоисавӣ ба роҳ монда шуд ва дар ҷадвали 5 натиҷаҳои муқоисавӣ оид ба самаранокии усулҳои фаъоли таълим ва дарсҳо оварда шудаанд.

Ҷадвали 5

Вобастагии ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс аз истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарс

Синфҳо	Муассисаҳои такягоҳӣ (фосила– 1 моҳ) теъдоди хонандагон бо %		Муассисаҳли ҳамрадиф (фосила– 1 моҳ) теъдоди хонандагон бо %	
	Таҳқиқоти ибтидоӣ	Таҳқиқоти интиҳоӣ	Таҳқиқоти ибтидоӣ	Таҳқиқоти интиҳоӣ
Зинаи 1	11	24	11	14
Зинаи 2	16	31	16	18
Зинаи 3	52	37	53	51
Зинаи 4	21	8	20	17

Нишондоде, ки дар ҷадвали 5 оварда шудааст, исбот менамояд, хонандагоне, ки дар муассисаҳои такягоҳӣ таҳсил мекунанд, дар гирифтани дониш ва рушди салоҳиятҳо пешравиҳои назаррас доранд. Бахусус, натиҷаи хонандагони зинаҳои якум ва дуюм беш аз ду баробар (мутаносибан аз 11% то 24% ва аз 16% то 31%) афзуд.

Дар баробари ин, фоизи хонандагони дар зинаҳои 3 қарордошта ба таври назаррас коҳиш ёфт (аз 52 то 37%) ва теъдоди хонандагони камфаъол (зинаи 4), ки нисбат ба хонандагони дигар зинаҳо баҳои пасттар доранд 8% боқӣ монданд. Ба ибораи дигар, фарқи байни санҷишҳои ибтидоӣ ва интиҳоӣ барои фоизи хонандагони зинаи 4 дар сатҳи 0,05 аз ҷиҳати оморӣ қарор дорад.

Натиҷаҳои болозикр исбот намуданд, ки гузаронидани озмоиш ва таҷриба дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади амалигардонии таълим ва омӯзиши мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI» натиҷаи мусбат дод. Ба маъмурияти муассисаҳои интихобӣ, роҳбарони иттиҳодияи методӣ, роҳбарони синфҳо ва

омӯзгорони дарсдиҳанда тавсия дода шуд, ки минбаъд низ ба ин мавзуъ диққати асосӣ равона намоянд, зеро мавзуи таҳқиқшуда дар тарбияи ахлоқии насли наврас нақши калон дорад.

Хулоса оид ба боби V

Боби панҷуми рисола раванди амалишавии арзишҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон, дар мисоли муассисаҳои таълимии интихобӣ ва ҳамрадифи шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ин вилоятро дар бар гирифта, асоснок карда шуд.

Озмоишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ гузаронида шуда, роҳҳои татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI дар ташаккули сирати миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар нишон дода шуданд. Лаҳзаҳо аз рафти гузаронидани дарсҳои омӯзгорон бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим, «Алоқаманд намудани ҷавраёни таълим бо ҳаёт – омили асосии рушди салоҳиятҳои хонандагон» оварда шуда, роҳҳои амалигардонии назария дар амал баррасӣ карда шуд. Мисолҳо оид ба гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ бо усулҳои фаъол дар ҳамбастагӣ бо аффкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI, этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ айнан аз таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таълимии интихобӣ оварда шуда, асоснок карда шуданд. Роҳҳои истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарси адабиёти тоҷик, бо мақсади алоқаманд намудани ҷараёни таълиму тарбия ба ҳаёт, таҳқиқу асоснок карда шуда, бо мисолҳо нишон дода шуданд.

Дар маҷмуъ раванди амалишавии арзишҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар муассисаҳои таълимии интихобии ВМКБ бо истифода аз таҷрибаи филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ» мавриди озмоиш қарор дода шуда, натиҷаҳои озмоиш ва таҷриба дар рисола ҷо дода шуданд.

ХУЛОСАИ УМУМӢ

Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ

1) Дар қисматҳои назариявии рисолаи докторӣ қайд намудем, ки мақсади ҳар як кори таҳқиқотӣ аз муайян намудани аҳаммияти ин ё он мавзуъ ва пешкаш намудани роҳи амалигардонии он дар ҳаёти ҳаррӯза иборат аст. Таҳқиқоти кори илмии мо собит сохт, ки мавзуи: «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс» мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, мубрам будани он исбот гардид ва дар боби IV, ки ба корҳои озмоишӣ ва таҷрибавӣ бахшида шуд, амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои болозикр дар дарсҳои омӯзгорон ва дар маҷмуъ, алоқаманд намудани ақидаҳои педагогии ин мутафаккирон ба ҳаёт муайян карда шавад. Дар ин рисола дар ҳар боб ва зербобҳо ақидаҳои ин мутафаккирон вобаста ба ташаккул додани хирад ва сирати миллии насли наврас, равнақ бахшидани сифати таълиму тарбия ва дигар ҷанбаҳои мухталифи ҳаёт мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, тавсияҳои мушаххас дода шуданд. Дар асоси тавсияҳои додашуда, омӯзгорон, падару модар, хонандагон ва бархе аз аъзои фаъоли ҷомеа, ки ба кори озмоишӣ ҷалб гардиданд, дар тарбияи насли наврас ин ақидаҳоро мавриди истифода ва амал қарор доданд [3-М], [4-М], [5-М], [6-М], [13-М], [14-М], [22-М], [23-М], [24-М], [25-М].

2) Мавриди ба қайд аст, ки давраи дигаргуниҳои қатъии рушди бемайлони ҷомеа омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони бузурги форсу тоҷик, минҷумла мутафаккирони асрҳои X-XI муҳим аст, зеро афкори педагогии онҳо на фақат барои мардуми тоҷик, балки барои мардуми саросари дунё, халқу миллатҳои мухталиф дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон ва дар маҷмуъ, пешрафти ҷомеа дорои аҳаммияти калон аст ва омӯзишу амалигардонии ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик роҳи дурусти пешрафти ҳаёт ва омода намудани насли наврас ба ояндаи босаодатро нишон дод. Аз ин лиҳоз, ин афкор дар кори таҳқиқотӣ омӯхтаву таҳқиқ карда шуд [7-М], [10-М], [11-М], [24-М], [25-М].

3) Дар эҳё ва равнақ бахшидани арзишҳои миллӣ ва бахусус, ташаккули хирад ва сирати миллии мардуми тоҷик бошад, афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс мавқеи асосӣ дорад. Таҳқиқот исбот намуд, ки афкори педагогии мутафаккирони ин аҳд ҷанбаҳои асосии таълиму тарбияро дар бар мегирад ва дар осори ин мутафаккирон ақидаҳои муҳим ва натиҷабахш оид ба равнақ бахшидани сирати миллӣ, тақвият бахшидани арзишҳои миллӣ аз қабили ватандӯстӣ, сулҳу субот, эҳтирому ҳамдигарфаҳмӣ, иттиҳоду иттифоқ, омӯхтани илму дониш, дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифта, баҳра гирифтан аз таҷриба ва ба роҳ мондани табодули таҷриба, тарбияи фарзанд дар руҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, шинохти ҳаққи падару модар, тозагиву зебопарастӣ, ҳамқадами замон будан, меҳмоннавозӣ, муҳаббат бо аҳли оила, хешу табор, ёру дӯст, тарбияи дурусти оилавӣ, пешрафти хуби фарзандон дар таълим, ҳамкории доимии муассисаҳои таълимӣ, падару модар ва аҳли ҷомеа, эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои милӣ, риоя кардани арзишҳои ахлоқӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ ва амсоли инҳо тарғибу ташвиқ шудаанд ва дар рисола ин ақидаҳо асоснок карда шуданд [10-М], [11-М], [12-М], [15-М], [16-М], [17-М], [22-М], [23-М], [24-М], [25-М].

4) Нуктаи калидие, ки дар афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик ҷой дорад ин аст, ки дунё бо суръати баланд пеш меравад, инсоният ба қуллаҳои баланди зиндагӣ мерасад, шароитҳои зиндагӣ тағйир ёфта, давра ба давра дигар мешаванд ва ба ҳаёт мутобиқ мегарданд, ҳаёт ранги дигар мегирад, аммо чизе ки бояд тағйир наёбад ин арзишҳову ахлоқи миллӣ мебошад. Ҷаҳонишавии ҷомеа набояд арзишҳои миллии мардуми тоҷикро аз байн бибарад ё арзишҳои бегона ҷойгузини он гарданд, балки онҳоро бояд ҳифз намуд ва ташаккул бахшид. Насли наврас ва ҷавон бояд тавре таълиму тарбия ёбад, ки ҷаҳонишавии ҷомеа ба арзишҳои миллӣ ва ахлоқии онҳо набояд таъсири манфӣ расонад, балки он бояд омили ташаккули сирати миллӣ гардад. Маҳз таҳқиқу амалигардонии афкори педагогии мутафаккирони асрҳои болозикр, ки дар ин рисола таҳқиқу аз

ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд, дар расидан ба ин мақсад мусоидат намуданд [22-М], [25-М]. Аммо ин маънои онро надорад, ки афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс оид ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ пурра дар рисолаи доктории мазкур омӯхта шуда бошад. Таҳқиқоти анҷомдодашуда низ баъзе роҳҳои ташаккули хирад ва сирати миллиро дар бар мегирад, аммо паҳлуҳои зиёди мавзуъ ҳанӯз ҳам таҳқиқталабанд [11-М], [12-М], [15-М], [17-М], [18-М], [24-М],

5) Таҳқиқ ва таҳлили мухтасари ақидаҳои педагогии мутафаккирон ва коркард намудани мавзуи: «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс» собит намуд, ки андешаҳои мутафаккирони ин аҳд дар ин мавзуъ ҳамабастагии ногусастанӣ доранд. Мутафаккирон хирадро подшоҳи вуҷуди инсон, мақсади асоии ҳастии ӯ, омили рушду нумуи зиндагӣ, омили ташаккули сирати миллӣ дониста, рушди фаъолияти ҷомеаро бе он тасаввур намекунанд. Инсон дар рӯйи замин ба зиндагии хуб, некиву некукорӣ, омӯзишу табодули таҷриба, таълиму тарбия, омӯхтани илму дониш, пешрафти соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ, рӯзгори хуш, тани сиҳат, ахлоқи шоистаи инсонӣ ва амсоли инҳо ниёз дорад. Ба қавли мутафаккирони номбурда ҳамаи ин пешравиҳо ва мақсадҳо ҳамон вақт ба даст омада метавонанд, ки одамони олам дар ташаккул бахшидани хирад ва сирати миллӣ собитқадам бошанд. Ба истифодаву равнақ бахшидани хирад таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, фарзандони хеш ва насли наврасро дар руҳияи истифодаи мақсадноки хирад, ташаккули арзишҳо ва сирати миллӣ, омӯхтан ва амалӣ намудани педагогикаи мардумӣ ва эҳёву равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ тарбия намоянд [15-М], [16-М], [17-М], [23-М], [24-М].

6) Дар маҷмуъ, кори илмӣ-таҳқиқотиро дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс»-ро хулоса намуда, исбот намудем, аз таҳқиқ ва асоснок намудани ақидаҳои педагогии ин мутафаккирон муайян гардид, ки онҳо дар пешрафти кори таълиму тарбия ва дар умум, инкишофи ҳаёт дар мадди

назари маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, падару модар ва аҳли ҷомеа, наврасону ҷавонон қарор додани нуктаҳои зерро муҳим мешуморанд, ки дар қисматҳои назариявию амалии кори таҳқиқотии мо роҳҳои амалигардонии ин нуктаҳо муайян ва асоснок карда шуданд:

1. Талаби илм намудан, пайваста ба донишандӯзӣ машғул шудан ва дар чаҳорчӯбаи ахлоқу арзишҳои миллӣ истифода намудани донишҳои гирифта. Масалан, исбот карда шуд, гурӯҳҳои тундрав низ ба дониш такя мекунанд. Онҳо низ дар тайёр кардану омода намудани насли наврасу ҷавон ба амалҳои зишт аввал ба таълими онҳо машғул мешаванд. Бо донишҳои ғайриахлоқӣ майнаи онҳоро вайрон мекунанд ва онҳоро ба доми фиреб гирифтор мекунанд. Ё дуздон барои тақвият бахшидани доираву гурӯҳи худ насли наврасу ҷавонро таълим медиҳанд ва роҳҳову усулҳои ба ин кор даст заданро ба онҳо меомӯзанд ва ғ. Аммо ин донишест, ки мутафаккирони асрҳои зикргардида ва мутафаккирони асрҳои баъдиву муосир низ онро сахт маҳкум мекунанд ва танҳо донишеро, ки дар чаҳорчӯбаи ахлоқи инсонӣ аст ва ба манфиати мардум ва пешрафти ҷомеа аст, тарғиб менамоянд.

2. Марҳила ба марҳила гирифтану такмили дониш ва маҳорати касбӣ ва амалӣ намудани ин дониш дар ташаккули хирад ва сирати миллии насли наврас.

3. Ҳамкории доимии маъмурияти муассисаҳо, омӯзгорон ва падару модар бо олимону донишмандон ва машварат гирифтан аз онҳо дар зиндагӣ.

4. Таъмини ҳамкории мақсадноки маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон ва ҳар як аъзои ҷомеа.

5. Мақсаднок истифода бурдан аз чаҳонишавӣ ва рушди бемайлони зиндагӣ, илму техникаи муосир.

6. Такмили маҳорати касбӣ, бозомӯзӣ ва худомӯзӣ.

7. Такмили маҳорати касбӣ бо истифода аз таҷрибаи мамлакатҳои дунё тариқи онлайн-омӯзиш ва такмили ихтисос намудан дар донишкадаҳои такмили ихтисоси байналмилалӣ дар асоси имкониятҳои мавҷуда.

8. Ба таълиму тарбия бо тайёрӣ ва омодагии ҷиддӣ машғул шудани омӯзгорон, нишон додани маҳорати намунавӣ дар фаъолияти педагогӣ, истифодаи доимии усулҳои фаъол ва замонавӣ дар дарсҳои ҳаррӯза.

9. Ҳавасмандгардонии омӯзгорон, расонидани ёрӣ аз ҷиҳати моддӣ ба омӯзгорон аз тарафи масъулини соҳаи маориф ва мақомотҳои маҳаллӣ, ташкили имтиёзҳо барои омӯзгорон.

10. Муносибати хуб доштани омӯзгорон бо аҳли ҷомеа ва муносибати хуби аҳли ҷомеа бо омӯзгорон, таъмини муносибати хуби таълимдиҳандаву таълимгиранда дар муассисаҳои таълимӣ ва берун аз он.

11. Ба омӯзгорони коромӯзу навкор ёрӣ расонидан аз тарафи маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва роҳбарони иттиҳодияи методӣ.

12. Ташвиқи дурусти интихоби касб ва самаранок дар амал истифода бурдани он дар байни наврасон. Ташвиқи шогирдон дар интихоби касбҳои ба талаботи бозори меҳнату замон ҷавобгӯ.

13. Мувофиқ гардонидани ҷараёни таълиму тарбия бо ҳаёт бо истифода аз афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс дар ҳамбастагӣ бо этнопедагогика ва анъанаҳои миллӣ.

14. Ҳамкорӣ дар таълим ва тарбия (ҳамкории муаллим бо хонанда, хонанда бо хонанда ва муаллим).

15. Равнақ бахшидани табодули таҷриба. Ба рушди салоҳиятҳои хонандагон диққати асосӣ равона кардан.

Аз гузаронидани озмоиш ва корҳои амаливу таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимии озмоишӣ дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс» муайян гардид, ки дар фаъолияти ҳаррӯза, бахусус, дар рафти дарс, чорабиниҳо, маҳфилҳо, тарбияи фарзанд дар оила омӯзгорон, падару модар ва аҳли ҷомеа ба нуктаҳои муҳимми зер диққати асосӣ равона намуданд:

1. Дониш асоси рушди хирад.
2. Таъмини ҳамбастагии хирад ва фарҳанг.

3. Роҳнамоӣ намудани насли наврас дар гирифтани панди хирадмандон.

4. Риояи одоби муошират.

5. Ба роҳ мондани табодули таҷриба байни хонандагон, омӯзгорон, падару модар ҷиҳати ташаккули хирад ва сирати миллӣ ва сабақ гирифтан аз таҷрибаи ниёгон.

6. Дар ниҳоди насли наврас тарбия намудани анъанаи ниёгон - машғул будан ба некӣ ва некукорӣ, саховатмандӣ ва меҳрубонӣ, дасти мадад дароз намудан ба ашхоси ниёзманд ва ғайра.

7. Таъмини ҳамбастагӣ ва алоқаи доимии хирад ва дониш. Такмили дониш бо истифода аз хирад ва равнақ бахшидани хирад бо истифода аз дониш.

8. Такя намудан ба истифода ва рушди хирад дар зиндагӣ, ташвиқу тарғиби ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар фаъолияти илмӣ ва эҷодӣ.

9. Ба кор бурдани чашми хирад дар зиндагии рӯзмарра. Бо чашми хирад нигаристан ба олами атроф, пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва дар доираи чаҳорчӯбаи ақлу хирад ва ахлоқи ҳамида ба кор бурдани тағйиротҳои замон.

10. Огоҳ будан аз таъсири муҳит ва мақсаднок мавриди истифода қарор додани он.

11. Тақвият бахшидани тарбия дар оила, замина гузоштан барои ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар оила ва интиқоли он аз оила ба ҷомеа.

12. Соҳиб будан ба ахлоқи неки инсонӣ ва тақвияти он.

13. Ташвиқу тарғиби насли наврас дар ба роҳ мондани машварати доимӣ гирифтан аз хирадмандон, олимону донишмандон, куҳансолон, шахсони рӯзгордидаи соҳибтаҷриба, падару модар ва ба кор бурдани ин раҳнамоиҳо дар зиндагии ҳаррӯза.

14. Дар ниҳоди насли наврас тарбия намудани авфу бахшиш, бо роҳи мусолиҳатомез ва бо истифодаи хирад ҳал намудани мушкилиҳо, муноқишаҳо ва ихтилофотҳои мавҷуда ва бо ин васила тақвият бахшидани дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, иттиҳоду иттифоқ, сулҳу субот ва ваҳдат дар миёни насли наврасу ҷавон ва аҳли ҷомеа.

15. Ташвиқи доимии ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар миёни насли наврас, муайян намудани роҳҳои расидан ба ин мақсад.

16. Дар ниҳоди насли наврас парваридани пеша кардани роҳи рост ва дур будан аз дурӯғ ва риё.

17. Тарбия намудани насли наврас дар руҳияи эҳтиром гузоштан ба модарон, занону бонувон, эҳтиром гузоштан ба масъалаи гендерӣ дар ҳаёт.

18. Бо такя бар хирад, панду насиҳат ва осори мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик ва мутафаккирони асрҳои баъдӣ ислоҳ намудани хатоҳое, ки дар зиндагӣ ба онҳо рӯ ба рӯ шудаанд ва барнагаштан ба такроран роҳ додан ба хатоиҳо дар зиндагӣ.

19. Ташвиқи ватандӯстӣ ва муҳофизати ватан, таъкими сулҳу субот дар ниҳоди насли наврас.

20. Пос доштани арзишҳои миллӣ ва ташаккули ин арзишҳо.

21. Эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳо ва арзишҳои милливу мардумӣ.

22. Дурӣ ҷустани наврасону ҷавонон аз хурофот ва ифротгароӣ ва муборизаи доимӣ бурдан бар зидди ин падидаҳои номатлуб.

23. Мусоидат намудани падару модар дар ташкили оилаҳои солим аз тарафи фарзандон.

24. Равнақ бахшидани ҳунарҳои мардумӣ.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Бо мақсади тақвият бахшидани тарбияи насли наврас ва бартараф намудани мушкилиҳои болозикр дар асоси ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷику форс, таълимоти этнопедагогика, таҷрибаҳои чандинсола дар соҳаи маориф ва кор бо ҷомеа, анҷом додани таҳқиқотҳо дар бораи

ташаккули хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ хулоса, тавсия ва пешниҳод менамоям:

1. Истифодаи доимӣ ва бамавқеи усулҳои фаъолу замонавии таълим дар дарсҳои ҳаррӯза, гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ аз тарафи омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони созмонҳои хонандагон.

2. Ба таҳсили ҳатмӣ фаро гирифтани наврасон ва таъмини давомоти хуб.

3. Ба маҳфилҳои фаннӣ, маҳфилҳои ҳунарӣ, забономӯзӣ, чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ ва дигар маросимҳо бештар ҷалб намудани духтарон, соҳиби таҳсилоти олӣ намудани онҳо, ҳамчун офаранда ва тарбиятгари насли имрӯзу фардои миллат.

4. Бартараф намудани нуқсониҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, то ки хонандагон аз надоштани дониш, маҳорат ва малакаҳои мусбати зарурӣ ба рафтори бад даст назананд ва таҳти таъсири тарбияи нодуруст дар ӯ рафтори қолабии манфӣ шакл нагирад.

5. Омӯхтан, пешгирӣ ва бартараф намудани нуқсониҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз тарафи падару модар, зеро вазъиятҳои номусоиди иқтисодии падару модар метавонанд омили ба дасти манфиатхоҳон афтидани фарзандон гарданд ва бо андаке бароварда шудани ниёзи иқтисодии наврасон аз тарафи ашхоси роҳгум замина барои аз даст рафтани арзишҳои миллӣ ва ахлоқи неки наврасон арзи вуҷуд менамояд.

6. Огоҳ будан аз нороҳатии амиқи равонии наврасон ва чораҷӯӣ намудан ҷиҳати бартараф намудани ин нороҳатиҳо.

7. Дар доираи имкониятҳои мавҷуда таъмин намудани шароити мусоиди ҳаётӣ ва рушд.

8. Аз ҷиҳати равонӣ расонидани кумак ба камфаъолон, наврасони эҳсосотзада, ки дар муҳити носолими психологӣ камол ёфта, ба нокомиҳои пайиҳам дар таълим, вайроншавии муносибатҳо бо ҳамсолон, муносибати

нодуруст (ноодилона, дағал, бераҳмона) аз ҷониби волидон, муаллимон, ҳамсинфон ва амсоли инҳо гирифторанд.

9. Муайян намудан ва бартараф кардани мушкилиҳои ба саломатии наврасон алоқаманд аз тарафи падару модар дар ҳамкорӣ бо роҳбарони муассисаҳо, роҳбарони синфҳо ва омӯзгорон.

10. Омӯхтану бартараф намудани тамоюлҳо дар ҳолати саломатӣ - инкишофи ҷисмониву равонӣ, буҳронҳои синнусолӣ, ифротии характер ва дигар сабабҳои хусусияти физиологӣ ва психоневрологидошта.

11. Таъмин намудани шароити мусоиди корӣ, ташаккули тафаккур, машғул гардидан ба фаъолиятиҳои мақсаднок, мақсадҳои дуруст гузоштан дар назди худ ва амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳо.

12. Саҳми арзанда гузоштани омӯзгорон, падару модар, фаъолону пешқадамон дар солимгардонии муҳити атроф ва таъмини шароитҳои мусоид барои тарбияи насли наврас.

13. Ташвиқи наврасон дар баланд бардоштани маданияти муошират, истифодаи бамавқеъ ва мақсадноки техникаи муосир: Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, телефонҳои мобилӣ, ВАО ва ғ. Наврасону ҷавонон ташвиқу тарғиб карда шаванд, ки васоити техникиро барои таълиму тарбия истифода бурда, аз гирифтани маълумотҳои ғайриахлоқӣ ва иттилооти хирадхаробкунанда, хушунатомез худдорӣ намоянд.

14. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳои фаъоли наврасону ҷавонон ташкил карда шуда, китобхонӣ, омӯзиши осори адибони тоҷик, омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI, эҳёи анъанаҳои миллӣ ва мардумӣ, таҳлили ашъори гузаштагон ба ҳукми анъана дароварда шавад.

15. Роҳҳои тақвият бахшидани оиладорӣ, таъмини солимии оила омӯхта шуда, таҳқиқ ва амалӣ карда шавад.

16. Таъмин намудани муносибати хуб дар оила аз тарафи падару модар, пешгирӣ намудани ҷудоӣ, ҳиҷрон, муҳоҷират, муноқишаву нофаҳмиҳо дар оила.

17. Ҷиҳати мақсаднок омода намудани насли наврасу ҷавон ба оиладорӣ, ки сарчашмаи асосии ташаккули хирад, сирату арзишҳои миллӣ мебошад, семинарҳои омӯзишӣ, курсҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат барои насли наврас ва оилаҳои ҷавон ташкил карда шаванд.

18. Ташкили маҳфилҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар мавзуъҳои оиладорӣ, амсоли «Маърифати оиладорӣ», «Дурандеш», «Хирадварзон», «Оилаи солим» ва ғайра.

19. Таъмини муносибати хуб бо хоҳару бародарон ва дигар аъзоёни оила аз тарафи сардорони оила, падару модар, куҳансолон ва кӯшиши интиқол додани ин анъанаҳо ба наслҳои оянда.

20. Ҷалб накардани наврасон ба корҳои тиҷорат, савдо дар бозорҳо, бо мақсади тақвият бахшидани иқтисодиёти хеш, ба даст овардани маблағ, таъмин намудани хонавода.

21. Кумак намудан ба шогирдон дар омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳо ҷиҳати бартараф намудани нокомиҳои доимӣ дар таълим.

22. Тақвияти ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳо ва ташкил намудани дарсҳои иловагӣ, маҳфилҳои фаннӣ, эҷодӣ ва фарҳангӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ ва амсоли инҳо.

23. Риояи одоб ва талаботҳои либоспӯшӣ, ташвиқи тақлид накардан ба фарҳангҳои бегона, наомадан ба дарс бо нақлиёт, телефонҳои мобилӣ, маблағи зиёд, ҷиҳати пешгирӣ намудани таассурот нисбати ҳамсинфон.

24. Роҳ надодани падару модар ба ғайримуқаррарӣ умедвор намудани фарзандон: умедвор накардан ба таҳсил бо роҳи сӯйистифода аз вазифа, мақом, дороӣ, пардохти маблағҳои иловагӣ, харидани нақлиёти гаронарзиш, умедвор накардан барои дохил намудан ба муассисаҳои олии кишвар ё берун аз он бо роҳҳои ғайрирасмӣ.

25. Ҳамкории доимии омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, аъзоёни маҳфилҳо, падару модар бо кумитаи телевизион ва радиои шаҳру ноҳияҳои кишвар. Роҳандозӣ намудани барномаҳо вобаста ба ташаккул бахшидани сирати миллии насли наврас. Дар барномаҳои

телевизионӣ баромадҳои кӯдакону наврасон дар мавзуъҳои «Афсонагӯй», «Донишвар» ва амсоли инҳо дода мешаванд, аммо ин қонеъкунанда нест. Аксарияти барномаҳо ба ташаккули дониш нигаронида шуда, ба рушди салоҳиятҳои хонандагон, тарбияи ахлоқӣ, арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи камтар равона карда мешавад. Хуб мешуд, ки ин тарафи масъала мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт.

26. Ба роҳ мондан ва тақвият бахшидани ҳамкориҳои насли наврас ва ҷавон бо бахши фарҳанг, ки ҷузъи ҷудонопазири адабиёт ва илм мебошад. Натиҷабахш мешуд, агар ҷавонон ба намоишҳо ва иҷрои нақшҳо оид ба ташаккули ахлоқи ҳамида, тақвият бахшидани ташаккули хирад ва сирати миллӣ дар доираи салоҳият ва маҳорати хеш ҷалб гардида, тавассути телевизион ва шабакаҳои иҷтимоӣ ин барномаҳо пахш карда мешуданд.

27. Аз тарафи олимон, муҳаққиқони соҳаи педагогика таҳияи системаи намунавӣ оид ба ташаккули хирад – ҳамчун падидаи сирати миллии насли наврас дар муассисаҳои таълимии кишвар.

28. Анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо мақсади бештар омӯхтани ташаккули хирад – ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи мардумӣ ва анъанаҳои миллии сокинони минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва берун аз он.

29. Чоп намудани китобҳо оид ба мавзуи болозикр. Аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва мақомотҳои маҳалӣ, вазоратҳои дахлдор, сарпарастон, шахсони хайрхоҳ аз ҷиҳати иқтисодӣ дастгирӣ намудани муаллифон дар чоп намудани китобҳо.

30. Дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами ниёгон оид ба тарбияи ахлоқии насли наврас бо такя ба педагогикаи мардумӣ, наворгирии ин таҷрибаҳо ва дастрас намудани манбаъҳои электронии ин таҷрибаҳо ба падару модар, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Осор, суханронӣ ва Паёмҳои Пешвои миллат

1. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22. 12. 2016 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/event/'missives/9777.

2. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-уми декабри соли 2018 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/3811.

3. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-уми декабри соли 2019 [Манобеи электронӣ]. - Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/event/'missives/19839.

4. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21-уми декабри соли 2021 [Манобеи электронӣ]. - Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/9389

5. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2002. - 128 с.

6. Раҳмон Эмомалӣ. Забони миллат - ҳастии миллат. Китоби 1. Ба суйи пояндагӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 516 с.

7. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. Муҳаррир: К. Абдураҳимов [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2007. – 144 с.

8. Раҳмон, Э. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ - нашриёт, 2018. – 436 с.

9. Раҳмонов, Э. Бист қадами созанда / Мураттибон: Ғ. Ғоибов, С. Аҳмадов. Таҳти назари А. Ализода [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2014.

10. Раҳмонов, Э. Имоми аъзам, рӯзгор, осор ва афкор [Матн] / Мураттибон: Ғ. Ғоибов, С. Аҳмадов. Таҳти назари А. Ализода / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 416 с.

11. Раҳмонов, Э. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ [Матн] / Муҳаррир: С.С. Фаттоев, Х.С. Зиёев. У.А. Юсуфов / Э. Раҳмон. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 132 с.

12. Раҳмонов, Э. Мероси Имоми аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи Озод, 2009. – 320 с.

13. Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни Ориёӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2006. - 375 с.

14. Раҳмонов, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 364 с.

15. Раҳмонов, Э.Ш. Давлатдории тоҷикон: аз Сомониён то оғози асри XXI [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе, 1999.

2. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

16. Государственный стандарт общего среднего образования Республики Таджикистан. Утвержден Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 2 апреля 2009 года №206. – Душанбе, 2006.

17. Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 №207 // Масъалаҳои маориф, 2010. - №3. - С. 83-101.

18. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 №94 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2006. - №6.

19. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13. 11. 2023 №1994 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009. - №9-10. - мод.546.

21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20.06.2024 №2049. – Душанбе, 2024.

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 02.01.2018 № 1497 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009. - №3. - мод. 82. – 2011. - №6 . -мод. 459. - Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1497.

23. Национальная концепция воспитания Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009.

24. Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ // Маҷмуи санадҳои меъёрию ҳуқуқии таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ. - Қисми 1. – Душанбе. - 2014.

25. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.08.2018. - №483 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015. - №494.

3. Захираҳои электронӣ

26. Артур Ҷ., Карр Д. Education, Professional Ethics, and the Curriculum: Integrating Moral Education and Professional Education [Манобеи электронӣ]: маҷаллаи илмӣ // Routledge, 2012. – Низоми дастрасӣ: https://allinweb.ru/pedagogika.

27. Исследовано в России [Электронный ресурс]: многопредмет. науч. журн. / Моск. физ.-техн. ин-т. – Электрон. журн. – Долгопрудный: МФТИ, 1998. - Режим доступа к журн.: http://zhurnul.milt.rissi.ru.

28. Музаффарӣ, М. Маъно ва мазмуни мафҳуми «интеллект», «хирад» ва «менталитет» дар адабиёти фалсафӣ (таҳлили муқоисавӣ) [Манобеи электронӣ]: мақолаи илмӣ / Низоми дастрасӣ: www.vestnik-ipovszrt.tj.

29. Ҳисоботи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, 2020 [Манобеи электронӣ]: ҳисобот / Душанбе, 2020. - Низоми дастрасӣ: www.maorif.tj.

30. Таибов, С.А. Аҳаммияти таълим ва тарбия дар оромии ҷомеа [Манобеи электронӣ]: мақолаи илмӣ. – Низоми дастрасӣ: www.tajmedun.tj.

4. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

31. Абдуллоев, А. Адабиёти тоҷик: китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 9 / А. Абдуллоев. – Душанбе: Маориф, 1990. - 350 с.

32. Алоқаманд намудани таълим бо ҳаёт - омили рушди маорифи миллӣ. Монографияи илмӣ – методӣ [Матн] / Муҳаррири масъул Ш.О. Саидиброимов, Филиали «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ. – Душанбе, 2020. - 240 с.

33. Атаханов, Т. Очеркҳои афкори педагогӣ: воситаи таълим [Матн] / Т. Атаханов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов. - Душанбе, 2005. - 224 с.

34. Давлатшоев, И. Рушди ҳамкориҳои мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбияи маънавии мактабиён: дастури методӣ [Матн] / И. Давлатшоев. – Душанбе, 2015. – 160 с.

35. Каримзода, М.Б. Независимость и образование, устремлённое в будущее. Научная монография [Текст] / М.Б. Каримзода. - Душанбе: Маориф, 2020. – 298 с.

36. Муносибати босалоҳият омили рушди таълиму тарбия: дастури методӣ [Матн] / Мураттибон: К. Мамадназарбеков, Д. Ғуломнабиев. – Хоруғ: Логос, 2014. – 80 с.

37. Саидиброимов, Ш.О. Системаи дидактикии Носири Хусрав. Монографияи илмӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 173 с.

38. Хоников, Ш. Маҷмуи мақолаҳои илмӣ-методӣ оид ба алоқаманд намудани ҷараёни таълим бо ҳаёт: дастур барои омӯзгор [Матн] / Ш. Хоников, Ғ. Қурбонов, Ҷ. Мулкамонов. – Хоруғ: Логос, 2013 – 160 с.

39. Шарифзода, Ф. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2 [Матн] / Ф. Шарифзода. - Душанбе: Маориф, 2023. - 342 с.

5. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо

40. Алидоншоев, Д. Назаре ба як «Насиҳатнома»-и Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ. Носири Хусрав, Дирӯз имрӯз, фардо // А. Дилбаршо. – Хуҷанд: Ношир 2005. - 682 с.

41. Алферов, Ю.С. Мониторинг развития образования в мире [Текст] / Ю.С. Алферов // Педагогика. - 2002. - №7. - С. 88-95.

42. Аминов, С. Салоҳиятдор, салоҳиятманд ва ё қобилият [Матн] / С. Аминов // Омӯзгор. – 2013. - №7. – С. 8.

43. Амир, Ҷ. Нақши ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ [Матн] / Ҷ. Амир. М. Холов // Хулосаи мақола ва гузоришҳои конференсия. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг. - 2006. - 134 с.

44. Аҳмад, Р. Сада ҷашни мулуки номдор аст. Оиди расми ниёгони миллати тоҷик [Матн] / Р. Аҳмад // Дин ва ҷомеа. - 2018. - №2(47). – С. 9-14.

45. Аҳмадбеков, А. Наврӯз дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ [Матн] / А. Аҳмадбек // Минбари омӯзгорони ҷавон. - №1. - Хоруғ, 2006. – С. 7-8.

46. Арипов, М.А. Первые оригинальные педагогические книги на таджикском языка в XI веке [Текст] / М. Арипов // Доклады АПН РСФСР. – 1961. - №6. – С. 121-129.

47. Атаханов, Т. Оташи гуё [Матн] / Т. Атаханов // Адаб. - 2002. - №2. – С. 11-17.

48. Байромӣ, Д. Муштаракоти фарҳангии Тоҷикистон ва Ирон, зери назари С. Сулаймонӣ [Матн] / Б. Дорюш // Фарҳанг ва омӯзиш дар ҳавзаи тамаддуни ironӣ: маҷмуаи мақолоти илмии устодон ва унвонҷӯёни Тоҷикистон, Ирон ва Афғонистон; Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон; Бунёди Ироншиносии тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 178 - 182.

49. Бекзода, К. Носири Хусрав ва муаммои фалсафаи миллӣ [Матн] / Б. Комил // Носири Хусрав. Дирӯз, имрӯз ва фардо. Мураттибон ва муҳаррирони масъул: С. Ниёз, Р. Назариев // С. Ниёз. - Хуҷанд: Нашриёти Ношир, 2005. - 685 с. С. 48-56.

50. Беспалько, В.П. Мониторинг качества обучения средство управления образованием [Текст] / В.П. Беспалько // Мир образования. Образование в мире. - 1996. - №2. - С. 31-38.

51. Бозорова, Н. Сада ҷашни қабл аз Наврӯз [Матн] / Н. Бозорова // Ҷумҳурият. – 2018. – №4. - 30 январ.

52. Горб, В.Г. Педагогический мониторинг образовательного процесса как фактор повышения его уровня и результатов [Текст] / В.Г. Горб // Стандарты и мониторинг в образовании. - 2000, №5. - С. 33 - 37.

53. Добрецова, Н.В. Построение открытого занятия. Вопросы и ответы [Текст] Н.В. Добрецова // Биология в школе. - 2003. - №7. - С. 51-55.

54. Ёраҳмадова, А.С. Аҳаммияти ҳисси дилбастагии кӯдак ба модар дар оила [Матн] / А. Ёраҳмадова, Б. Саидзода // Илм ва инноватсия. Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2022. - № 4(40). – С. 31-36.

55. Иматова, Л.М. Роҳҳои босамари баландбардории сифати таълим бо истифода аз таҷрибаи пешқадами педагогӣ [Матн] / Л.М. Иматова, Н.Д. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019. - №10. – С. 182-187.

56. Иноятова, М.А. Такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ: ҷараён, самара, хулоса [Матн] / М.А. Иноятова // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2004. - №2. - С. 28 – 34.

57. Исомиддинов, Ҷ.Ҷ. Ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи мероси шоирону нависандагони классики тоҷик [Матн] / Ҷ.Ҷ. Исомиддинов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. - №3- 4(7-8). – С.147– 152.

58. Камолзода, Х. Мутолиаи китоб тарғиб мехоҳад [Матн] / Х. Камолзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2022. - №3(44). – С. 47– 53.

59. Каримзода, М. Гузариш ба таҳсилоти босифат ва омӯзиши салоҳиятҳои калидии асри XXI – омили асосии рушди устувори мамлакат [Матн] / М.Б. Каримзода // Маводди конфронси ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзуи «Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ». - Душанбе: Ирфон, 2018. - 128 с.

60. Каримзода, М.Б. Педагогические идеи таджикско- персидских мыслителей доисламского и средневекового периода и обоснованность их современной трансформации в современную национальную

педагогику [Матн] / М.Б Каримзода // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2019. - № 1(30). - С.12-20.

61. Каримзода, М.Б. Таҳсилот ба хотири рушди устувор ва ташаккули салоҳиятҳои калидии асри XXI [Матн] / М.Б. Каримзода // Маорифи Тоҷикистон. - 2018. - №8.– С. 14-16.

62. Комилӣ, Ш.Ш. Масъалаҳои тарбияи ахлоқиву башардӯстӣ дар осори Абубакри Розӣ [Матн] / Ш.Ш. Комилӣ, Р.А. Манонова, Н.Д. Максумова // Ученые записки (Номаи донишгоҳ). Серия естественные и экономические науки**. –** Душанбе. - 2007. – С. 144-147.

63. Қаҳорова, Н.Ш. Эҳсону мурувват ва раҳму шавқат – сабаби ободии рӯзгори инсон [Матн] / Н.Ш. Қаҳорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №10. – С. 229-234.

64. Қосимов, О.Ҳ. Таҳлили лингвокултурологии вожаи «Наврӯз» дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [Матн] / О.Ҳ. Қосимов, Н.Б. Зуҳуров // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. - №1(249). - С. 117 -122.

65. Қурбонов, С.С. Мероси педагогии ниёгон дар тарбияи маънавӣ – ахлоқии донишҷуёни донишгоҳи омӯзгорӣ [Матн] / С.С Қурбонов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. - №3(44). – С. 108– 112.

66. Қурбонхонова, Н. Ҷойгоҳи боварҳои асотрӣ дар маросимҳои вобаста ба ҷашни Сада [Матн] // Паёми донишгоҳи Хоруғ. – 2022. - № 2(22). - Бахши 2. – С. 56-61.

67. Маҷмуи мақолаҳои илмӣ-методӣ дар мавзуи «Тақвияти дониши фаннии омӯзгорон аз фанни забон ва адабиёти тоҷик. Дастур барои омӯзгор [Матн] / Мураттиб Ш.О. Саидиброимов. - Хоруғ: Логос, 2014. – 87 с.

68. Мамадносирова, М.М. Афсонаҳои халқӣ сарчашмаи тарбияи насли наврас [Матн] / М. Мамадносирова, Г. Юсупова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. - №2(6). – С. 81 - 86.

69. Манзаршоева, Н. Инъикоси Наврӯз дар ашъори шоирони муосири Бадахшон [Матн] / Н. Манзаршоева // Раҳнамои омӯзгор. – Хоруғ. – 2015. - №2. – С. 14-18.

70. Маҳкамов, С. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ бахшида ба рӯзи илм. Такмили ихтисос ва беҳдошти сифати таҳсилот [Матн] / С. Маҳкамов. - Душанбе, 2014. - 220 с.

71. Мирзоева, С.Д. Омилҳои фаъолгардонии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ тавассути бозиҳои нақшофарӣ [Матн] / С.Д. Мирзоева // Илм ва инноватсия. Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. - №4(40). – С. 86-89.

72. Муллоаҳмадов, М. Ибни Сино-адиби инсонпарвар [Матн] // Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. Ибни Сина и культура его эпохи. Ҳайати таҳририя: М. Илолов, М. Диноршоев, А. Шарифов... / М. Муллоаҳмадов. - Душанбе: Дониш. - 2005. – С. 217 – 222.

73. Нақши ҳамкориҳои педагогӣ дар камолоти ахлоқию маънавии кӯдакону наврасон. Маҷмуаи илмӣ [Матн] / Мураттиб: И. Давлатшоев. – Душанбе. - 2012. – 237 с.

74. Нозим, Н. Забони миллӣ [Матн] / Н. Нозим Нуров // Ҷумҳурият. – 2014. - №206. – С. 4-5.

75. Оила – манбаи тарбияи неруи зеҳнии миллии хонандагони ҷавон [Матн] // Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 174 с.

76. Олимов, К. Масъалаи ҳастишиносӣ ва маърифат дар таълимоти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ [Матн] / К. Олимов, К.Аскардаев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри ҷашнӣ). - Душанбе, 2016.

77. Орлов, А.А. Мониторинг инновационных процессов в образовании [Текст] / А.А. Орлов // Педагогика. -1996.- №3. - С. 9-15.

78. Парпишоев, К.З. Мониторинги сифати таҳсилот дар макотиби муосир [Матн] / К. Парпишоев // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию – амалӣ бахшида ба рӯзи илм. Такмили ихтисос ва беҳдошти сифати таҳсилот. - Душанбе, 2014. - С. 120 – 127.

79. Парпишоев, К.З. Суннатҳои наврӯзии тоҷикон ва акс ёфтани онҳо дар Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К. Парпишоев //

Маводди конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба иди Наврӯз / К. Парпишоев. - Душанбе, 2014. - 160 с. С. 97-103.

80. Положение об общеобразовательной школе // Вестник Министерства Образования Республики Таджикистан (Некоторые нормативные документы общеобразовательных школ, дошкольных и внешкольных учреждений) [Текст]. - Душанбе, 1996. - 200 с.

81. Раев, А.И. Прогнозирование, кодирование и перенос как познавательные способности [Текст] // Сб. науч. труд. Проблемы развития познавательных способностей / А.И. Раев. - Л., 1983. - С. 21 – 33.

82. Расулиён, К. Пешинаи ориёӣ ва аҳвоми ориёӣ [Матн] / К. Расулиён // Адаб. – 2010. - №4-5. - С. 12-16.

83. Ризвонова, З.П. Нақши тренинги психологӣ дар баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии оилаҳои ҷавон [Матн] / З.П. Ризвонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №7. – С. 291 - 294.

84. Роботова, А.С. Познавательный интерес к гуманитарным предметам у старшеклассников [Текст] / А.С. Роботова // Сб. Педагогические основы формирования познавательных интересов учащихся / А.С. Роботова. - Л., 1977. - С. 23 – 68.

85. Рӯдакӣ ва замони ӯ. Маҷмуаи мақолаҳо. Ҷашнномаи Рӯдакӣ [Матн] // Дар таҳти таҳрири Абдулганӣ Мирзоев. - Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1958.- 239 с.

86. Рӯдакӣ: дирӯз имрӯз ва фардо. Маҷмуи мақолот [Матн] // Мураттибон: А. Раҷабов, Р. Муқимов, М. Каримов (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хулосаҳои англисӣ) / А. Рӯдакӣ. - Душанбе, 2007. - 628 с.

87. Саидиброимов, Ш.О. Наврӯз ва равнақи ҳунарҳои мардумӣ / Мақолаи илмӣ-методӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Илм ва инноватсия. Пажуҳишгоҳи рушди маорифи АТТ. – 2017. - №1-2(19). С. 8-11.

88. Саидиброимов, Ш.О. Нақш ва ҷойгоҳи ақлу хирад дар таълимоти Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Ибни Сино ва Носири Хусрав / Ш.О.Саидиброимов [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серия 2. – 2021. - №2(6). – С. 47-52.

89. Саидиброимов, Ш.О. Шинохти ҳаққи модару падар дар «Қобуснома» - и У. Кайковус ва педагогикаи мардумии Бадахшон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. - №6. – С. 263-270.

90. Сайҳомид, Н. Тарбияи фарзанд тақозои замон [Матн] // Н. Сайҳомид // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №7. – С. 333 - 338.

91. Сулаймонов, С. Забони фалсафа дар аҳди Сомониён ва саҳми Ибни Сино дар пешбурди он [Матн] / С. Сулаймонов // Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. - Душанбе: Дониш, 2005. – С. 310.

92. Тавакалов, Ҳ. Назари иҷмолӣ доир ба пайдоиши мадҳия ва инкишофи он [Матн] / Ҳ. Тавакалов // Паёми донишгоҳи Хоруғ. – 2022. - №2(22). - Бахши 2. – С. 82-94.

93. Улфатов, М.М. Корҳои беруназсинфӣ яке аз роҳҳои мукаммалгардонии салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. - №3(44). - С.27– 32.

94. Холикова, Ш.К. Вопросы нравственности и воспитания в поэзии Абушакура Балхи [Текст] / Ш.К. Холикова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. - №(249). - С. 133 – 139.

95. Холов, И.Б. Омилҳои асосии бавуҷудоии рафтори девиантӣ дар синни наврасӣ [Матн] / И.Б. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №7. – С. 294-299.

96. Хоников, Ш. Инноватсия дар мазмуни фаъолияти мактабҳо ва таъсири он ба мотиватсия дар муассисаҳои таълимӣ. Мақолаи илмӣ-методӣ [Матн] / Ш. Хоников // Раҳнамои омӯзгор. – Хоруғ. – 2013. - №3. – С. 21- 27.

97. Хоников, Ш. Ташкили модели менеҷменти фаъоли педагогӣ ва ҷорӣ намудани он дар мактаб [Матн] / Ш. Хоников // Раҳнамои омӯзгор. – 2014. - №4. - С. 15 -23.

98. Ҷашни табиат, иди миллат ва рамзи Ваҳдат [Матн] / Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба иди байналмилалии Наврӯзи фархундапай / Муҳаррир: С. Маҳкамов / Душанбе, 2012. - 164 с.

99. Ҷумъаев, М.Р. Ҷанбаҳои педагогӣ-иҷтимоии ташаккули шахсияти кӯдакони беназорат // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2021. №2(6). – С. 105-110.

100. Шарифзода, Ф. Ҷаҳонишавии ҳаёти муосир, геополитика ва маориф [Матн] / Ш. Файзулло // Масъалаҳои маориф, 2009. - №3. - С.17-24.

101. Шарифов, Дж. Практические аспекты дифференциации самостоятельных работ [Текст] / Дж. Шарифов // Школа и общество. – 2005. - №1. - С. 50 - 54.

102. Эшова, Г.Ш. Омодагии омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ [Матн] / Г.Ш. Эшова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2021. - №2(6). – С.110-117.

6. Диссертатсияҳо ва авторефератҳо

103. Гиёсиев, М.И. Педагогические воззрения таджикско-персидских мыслителей X и первой половины XI века и их трансформация в современную национальную педагогику [Текст]: автореф. … кон. пед. наук: 13.00.01 / М.И. Гиёсиев. - Курган-Тюбе, 2009. - 24 с.

104. Давлатбеков, Л.М. Устные и письменние традиции таджикской литературы в Бадахшане (вторая половина XIX и начало XX вв.) [Текст]: дис. … д-ра филолог. наук: 10.01.03 / Л.Д. Давлатбеков. – Душанбе, 2018. – 421 с.

105. Джонназаров, Х.Х. Становление и развитие педагогического образования в Таджикистане [Текст]: дис. … д-ра пед. наук: 13.00.01 / Х.Х. Джонназаров. - Душанбе, 1996. - 370 с.

106. Зубайдов У. Теоретико-педагогические основы дифференцированного обучения в школах Республики Таджикистан [Текст]: дис. . д-ра пед. наук: 13.00.01 / У. Зубайдов. - Душанбе, 1999. - 332 с.

107. Карамхудоев, Ш.Х. Сопоставительный анализ религиозно – флософских Джамеъ-ул-хикматайн Носири Хусрава как философских идеи Носири Хусрава и Джалаледдина Руми [Текст]: дис. ... к. ф. наук: 09.00.03 / Ш.Х. Карамхудоев. - Душанбе, 2009. – 160 с.

108. Каримова, И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы [Текст]: автореф. … д-ра пед. наук: 13.00.01 / И.Х. Каримова. - Душанбе, 2000. - 46 с.

109. Назирова, Л.К. Формирование познавательных интересов учащихся в условиях дифференцированного обучения гуманитарно-естественным дисциплинам [Текст]: дис. .. канд. пед. наук: 13.00.01 / Л.Н. Назирова.– Душанбе, 2006. – 210 с.

110. Парпишоев, К.З. Формирование познавательных способностей старшеклассников на уроках итория таджикского народа [Текст]: дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / К.П. Парпишоев.– Душанбе, 2010. - 170 с.

111. Равичев, С.А. Педагогические основы мониторинга экономических знаний учащихся [Текст]: автореф. … дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / С.А. Равичев.: М., 1997. - 22 с.

112. Саидиброимов, Ш.О. Теоретическая обоснованность дидактической системы Носира Хусрава по формированию логико-мыслительной деятельности учащихся 8-х классов таджикской школы [Текст]: дис. канд. пед. наук 13.00.01 / Ш.О. Саидиброимов.– Душанбе, 2013. – 170 с.

113. Устобоева, Д.М. Омилҳои косташавии ахлоқ ва роҳҳои пешгирии таъсири онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ) [Матн]: автореф. дисс. номз. илмҳои фалс 09.00.11 / Д.М. Устобоева. – Душанбе, 2016. – 19 с.

7. Китобҳо

114. Абаева, Т.Г. Очерки истории Бадахшана [Матн] / Т.Г. Абаева. – Ташкент: Наука, 1964. – 163 с.

115. Аббос, Ҳ. Оини таҳқиқи илмӣ [Матн] / Таҳияи Сафар Сулаймонӣ. - Душанбе, 1997. - 76 с.

116. Абдуллина, О.А. Мониторинг качества профессиональной подготовки [Текст] // Высшее образование в России, 1988. - №3. - С. 35-39.

117. Абунаср, Ф. Социально-политические трактаты [Текст] / Ф. Абунаср. - Алма-Ата, 1973.

118. Авакьян, С.А. Состояние, проблемы и перспективы местного самоуправления в России [Текст] / С.А. Авакьян // Местное самоуправление в России: состояние, проблемы, перспективы, 2003. – 210 с.

119. Авасто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эрониён [Матн] Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Чопи понздаҳум. Дар ду ҷилд. – Теҳрон: Марворид, 1389 ҳ. (2010). – 1189 с.

120. Авиценна. Семейное воспитание // Избранные произведения. Т.2 [Текст] / Авиценна. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 410 с.

121. Азаров, Ю.П. Семейная педагогика. Педагогика любви и свободы [Текст] / Ю. Азаров. - М.: Аргументы и факты. - 1993. - 603 с.

122. Азимпур, Ҷ. Сафири хуршед Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ [Матн] / Ҷ. Азимпур. - Душанбе: Кайҳон, 2008. - 320 с.

123. Айнӣ, К. Носири Хисрави Қубодиёнӣ. Гулчине аз девони апгьор [Матн] / К. Айнӣ. - Сталинобод, 1957. – 413 с.

124. Алифбеков, З. Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Мураттибон; З. Алифбеков, Б. Боқилов . – Душанбе, 2004. – 50 с.

125. Алфияздонов, А. Носири Хусрав ва «Зод-ул-мусофирин»-и ӯ [Матн] / А. Алфияздонов, С. Шохуморов, Т. Муродова. - Душанбе, 2010. – 310 с.

126. Амирзода, С. Падидаи нодир [Матн] / С. Амирзода. – Душанбе: Адиб, 2008. - 102 с.

127. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи) / М.С. Андиреев [Текст] / Сталинабад: Издательство Академии наук Таджикской ССР. Вып I. (Институт истории, археологии и этнографии Академия наук Таджикской ССР. Труды. Т. VII), 1953. – 251 с.

128. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи) / М.С. Андиреев [Текст] / Сталинабад: Издательство Академии наук Таджикской ССР. Вып II. (Институт истории, археологии и этнографии Академия наук Таджикской ССР. Труды. Т. LXI), 1958. – 526 с.

129. Антлогия педагогической мысли таджикского народа [Текст] / Сост. М. Лутфуллоев, С. Сулаймони, Х. Афзалов. – Душанбе: Матбуот, 2009. – 448 с.

130. Арабзода, Н. Носири Хусрав (Ба истиқболи 990-солагии зодрӯзи шоир). Тадқиқоти назарияи фалсафӣ. - Душанбе: Маориф, 1994. - 176 с.

131. Арабзода, Н. Носири Хусрав [Матн] / Н. Арабзода. - Душанбе, 1994. – 377 с.

132. Арипов, М. (Орифи). Из истории педагогической мысли таджикского народа. Часть I. (IX- XI в.в.) [Текст] / М. Арипов. - Душанбе: изд. Ирфон, 1962. - 180 с.

133. Аслонова, Н. Симои С.Айнӣ дар насри муосири тоҷик [Матн] / Н. Аслонова. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 135 с.

134. Асозода, Х. Устод Айнӣ дар шинохти С. Улуғзода [Матн] / Х. Асозода. - Душанбе: Деваштич, 2001. - 112 с.

135. Асосҳои таҳсилоти фарогир [Матн] // Зери таҳ.: Н. Софий, И. Каримова / Н. Софий. – Душанбе, 2013. – 250 с.

136. Асроров, Ш. Симои Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [Матн] / Ш. Асрорӣ. - Душанбе, 2005. -270 с.

137. Афзалов, Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик [Матн] / Х. Афзалов Б. Раҳимов. - Душанбе: Маърифат, 1994. - 192 с.

138. Афсаҳзод, А. Одамушшуаро Рӯдакӣ [Матн] / Рисолаи таҳқиқотӣ. Нашри дуюм / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Адиб, 2008. - 312 с.

139. Ахмедова, М.С. Тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллии ҷавонон – яке аз масъалаҳои муҳим [Матн] / М.С. Ахмедова, С.С. Мелиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №10. – С. 284 - 292.

140. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн] // Ҳайати таҳририя: А. Самад, А. Сатторзода, Х. Шарифов, К. Айнӣ. / А. Самад. - Душанбе: Адиб, 2007. - 475 с.

141. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн]. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. - 407 с.

142. Байзоев, А. Қадамҳои устувор дар рушди мактаб. Роҳнамо ба китоби «Индекси фарогирӣ» [Матн] / А. Байзоев. - Душанбе: Эр-Граф, 2015. - 50 с.

143. Бақозода, Ҷ. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар насри тоҷик [Матн] / Ҷ. Бақозода. –Душанбе: Ирфон, 1982. – 144 с.

144. Баҳор, М. Пажуҳише дар асотири Эрон. Ҷ.1 [Матн] / М. Баҳор. - Теҳрон, 1362. – 420 с.

145. Бартольд, В.В. История культурной жизни Туркистана [Матн] / В.В. Бартольд. - Ленинград, 1927. - 340 с.

146. Белкин, А.С. Педагогический мониторинг образовательного процесса [Текст] / А.С. Белкин, В.Д. Жаворонков, С.Н. Силина. Шадринск: Издательство Шадринского пединститута, 1998. - Выпуск 3. - 147 с.

147. Бертелс, Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ - тоҷикӣ (аз рӯзгори бостон то поёни аҳди Салчуқиён). Аз забони русӣ тарҷумаи Сируси Эзадӣ, таҳия, вироиш ва баргардон аз хати форсӣ: Муҳаммадалии Аҷамӣ [Матн] / Е. Бертелс. - Душанбе, 2015. - 650 с.

148. Бертельс, Е.Э. Насири Хосров и исмаилизм [Текс] / Е. Бертелс. - М., 1959. - С. 1-289.

149. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е. Бертельс. - М.: ИВЛ 1960. - С. 150-152.

150. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Москва, 1960. -556 с.

151. Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] /А.Берунӣ. -Душанбе 1990. -476 с.

152. Берунӣ, А. Таҳқиқ молил Ҳинд // Алиасғар Ҳалабӣ. Таърихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони исломӣ [Матн] / А. Берунӣ. –Теҳрон, 1373. - 248 с.

153. Беспалько, В.П. Слагаемые педагогической технологии [Текс] / В. Беспалько. - М., 1989. – 214 с.

154. Бойс, М. Зороастрийцы, верования и обычаи [Текст] / М. Бойс. – Санк-Птербург, 2003. – 303 с.

155. Болдырев, А.Н. К фольклору Таджикистана. Предварительные данные об эпической традиции у таджиков [Текст] / А.Н. Болдырев. - Труды Тадж. базы АН СССР. – М. – Л., 1963. т.3.

156. Буйдаков, Х. Психологические основы обучения учащихся в целостном педагогическом процессе [Текст] / Х. Буйдаков. – Душанбе, 1998. - 427 с.

157. Буйдоков, Х. Хусусиятҳои омӯзиши шахсияти хонандагон ва таълими онҳо дар раванди ягонаи педагогӣ [Матн] / Х. Буйдоқов. Душанбе, 2010. - 245 с.

158. Булбулов, Ҷ. Такмили ихтисос, воқеият, махсусият ва андешаҳо [Матн] / Ҷ. Булбулов. – Душанбе, 2013. - 370 с.

159. Булгаков, П.Г. Жизнь и труды Беруни [Текст] / П. Булгаков. - Ташкент: Фан, 1972. – 210 с.

160. Ваҳҳоб, Р. Ҳазору як ҳадис [Матн] / Р. Ваҳҳоб. - Душанбе: Ориёно, 1991. - 95 с.

161. Ваххобов, А. Изучение литературы в школе // Пособие для студентов филологических факультетов педагогических вузов и учителей таджикского языка и литературы [Текст] / А. Ваххобов, М. Козиджонов. - Душанбе: изд. Маориф. - 1987. - 192 с.

162. Волков, Г.Н. Этнопедагогика [Текст] / Г.Н. Волков. - Москва, 1999. – 168 с.

163. Выготский, Л.С. Педагогическая психология [Текст] // Под ред. В.В. Давыдова. - М.: Педагогика, 1991. - 480 с.

164. Гальперин, П.Я. Методы обучения и умственное развитие [Текст] / П.Я. Гальперин. - М., 1985. – 217 с.

165. Гершунский, Б.С. Философия образования для XXI века (в поисках практико-ориентированных образовательных концепций) [Текст] / Б.С. Гершунский. – М., 1998. – 347 с.

166. Гин, А.А. Приемы педагогической техники: свобода выбора, открытость, деятельность, обратная связь, идеальность: пособие для учителя: 7-е изд [Текст] / А.А. Гип. - М.: Вита - Пресс, 2006. - 112 с.

167. Грязева, В.Г. Петровский В.А. Одаренные дети: экология творчества [Текст] / В.Г. Грязева. - Челябинск: ИПИ РАО, ЧГИИК, 1993. - 40 с.

168. Гудман, Л. Муҳаммад Закариёи Розӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ. Ҷ.1. [Матн] / Л. Гудман. - Теҳрон, 1389. - 276 с.

169. Гузеев, В.В. Образовательная технология: от приема до философии [Текст] / В.Г. Грязева. - М.: 1996. - 112 с.

170. Ғафуров, Б. Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. - 456 с.

171. Давлатшоев, Н. Тарбияи маънавии мактабиён дар шароити кунунӣ [Матн] / И. Давлатшоев. – Душанбе, 2006. – 252 с.

172. Давыдов, В.В. Теория развивающего обучения [Текст] / В.В. Давыдов. - М: Интер, 1996. - 384 с.

173. Дастовези Наврӯзӣ. Мураттиб Қосимӣ Саъдӣ [Матн] / С. Қосимӣ.- Душанбе, Ирфон, 2018. - 225 с.

174. Девонақулов, А [Матн] / Таҳия ва тадвин / Хусрав Н. Девони ашъор ва маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» [Матн] / А. Девонақулов, А. Алимардонов, Ф. Бобоев. - Душанбе, 2003. - 955 с.

175. Диноршоев, М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / М. Диноршоев. - Душанбе: Ирфон, 1988. - 220 с.

176. Диноршоев, М. Плюралистическая философия Абу Бакра Рази / [Матн] М. Диноршоев. - Душанбе, 2013. - 255 с.

177. Додагӣ, Ф. Бундаҳиш [Матн] - Душанбе: Эҷод, 2006. – 193 с.

178. Додихудоев, Х. Философия крестьянского бунта [Текст] / Х. Додихудоев. - Душанбе, 1987. – 173 с.

179. Додихудоев, Х. Исмоилия ва озодандешии Шарқ [Матн] / Х. Додихудоев. - Душанбе: Ирфон. - 1989. - 281 с.

180. Дружинин, В.Н. Психология общих способностей [Текст] / В.Н. Дружинин. - М. 2002. - 356 с.

181. Дубровина, И.В. Младший школьник. Развитие познавательных способностей [Текст] / И.В. Дубровина, А.Д. Андреева, Е.Е. Данилова. - М., Просвещение, 2003. - 160 с.

182. Дурдонаҳои наср / Тартибиҳандагон: А. Афсаҳзод, А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев [Матн] / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 556 с.

183. Дьюи, Дж. Психология и педагогика мышления. Пер. с англ [Текст] / Дж. Дьюи - М.: Совершенство, 1997. - 208 с.

184. Занков, Л.В. Дидактика и жизнь [Текст] / Л.В. Занков - М.: Просвещение, 1968. - 173 с.

185. Зарринкуб, А. Бо корвони хулла [Матн] / Таҳия ва тавзеҳи Шодӣ Шокирзодаи Нуъмонпур, Райҳон Мамадаминзодаи Соҳибназар // А. Зарринкуб. - Душанбе: Пайванд, 2004. - 335 с.

186. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн]. - Душанбе: Адиб, 2007. - 395 с.

187. Зиёев, И.Ғ. Ахлоқ ва забоншиносӣ [Матн] / И.Ғ. Зиёев, З.И. Зиёева. –Душанбе: Донишварон, 2019. - 233 с.

188. Зиёев, Т.Н. Консепсияи маърифати шаҳрвандӣ [Матн] / Т.Н. Зиёев, Н. Кунтувдый ва дигарон. - Душанбе: Виза, 2008. - 119 с.

189. Змановская, Е.В. Девиантология: (Психология отклоняющегося поведения): [Текст] // Учеб. Пособие для студ. высш. учеб. заведений / Е.В. Змановская. - М.: Издательский центр «Академия», 2003. - 288 с.

190. Зорина, Л.Я. Слово учителя в учебном процессе [Текст] / Л.Я. Зорина. - М.: Знание, 1984. - 140 с.

191. Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. Ибни Сина и культура его эпохи [Матн] // Ҳайати таҳририя: М. Илолов, М. Диноршоев, А. Шарифов... / М. Илолов. - Душанбе: Дониш, 2005. - 470 с.

192. Иматова, Л, Туронов С. Хусусиятҳои педагогӣ-психологии кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ [Матн] / Л. Иматова, С. Туронов. - Душанбе, 2013. – 175 с.

193. Искандаров, Б. История Памира [Текс] / Б. Искандаров. – Хорог: Мерос, 1996. – 186 с.

194. Искандаров, Ҳ. Дастур ва тавсияҳои методӣ [Матн] / Ҳ. Искандаров. - Душанбе, 2007.- 47 с.

195. Исломӣ, Н.М. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома» [Матн] / Н.М. Исломӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1350. – 400 с.

196. История педагогики и образования. От зарождения воспитания в первобытном обществе до конца XX в.: Учебное пособие для педагогических учебных заведений [Текст] / Под ред. А.И. Пискунова. - М., 2001.

197. Кайковус, У. Қобуснома // Ҳайати таҳририя: А.Самадов, Ш. Исрофилниё, Б. Мақсудов, Р. Ваҳҳоб, Н. Зайниддинов [Матн] / У. Кайковус. - Душанбе: Маориф, 2016. - 240 с.

198. Каландаров, Х.С. Исмаилизм и пресидского – таджикская литература X-XII вв. [Текст] / Х. Каландаров. –Душанбе, 2021. – 460 с.

199. Карамхудоев, Ш.Х. Носири Хусрав ва Ҷалолуддини Румӣ [Матн] / А.Ш. Карамхудоев. - Душанбе, 2017. - 171 с.

200. Каримов, У.Н. Неизвестное сочинение ар-Рази. Книга тайны тайн [Текст] / У.Н. Каримов. –Ташкент, 1957. -310 с.

201. Каримова, И. Педагогикаи муқоисавӣ дар мактабҳои педагогӣ [Текст] / И. Каримова С. Сулаймонӣ. - Душанбе: АТТ, 2018. - 200 с.

202. Каримова, И.Х. Культура – источник гуманизма [Текст] / И.Х. Каримова. – Душанбе, 2010. – 270 с.

203. Кларин, М.В. Педагогическая технология в учебном процессе [Текст] / М.В. Кларин. - М., 1982. – 235 с.

204. Книшева, Е.Н. Менеджмент в сфере образования [Текст] / Е.Н. Книшева. - Москва, 1976. - 270 с.

205. Коджаспирова, Г.М. Педагогический словарь: Для студентов высших и средних педагогических учебных заведений [Текст] / Г.М. Коджаспирова, А.Ю. Коджаспиров. - 2-е изд., стереотип. - М.: Академия, 2005. – 176 с.

206. Комили, А.Ш. Физика Абубакра ар-Рази [Текст] / А.Ш. Комили. – М: МБА, 2014. -104 с.

207. Крутецкий, В.А. Психология обучения и воспитания школьников [Текст] / В.А. Крутецкий. - М.: Просвещение, 1976. - 303 с.

208. Кульневич, С.В. Единое образовательное пространство [Текст] / С.В. Кульневич. - Воронеж, 1998.- 175 с.

209. Культура современного урока [Текст] / Под редакцией Н.Е. Щуркова. - М.: Педагогическое общество России, 2000. - 112 с.

210. Левитов, Н.Д. О психических состояниях человека [Текст] / Н.Д. Левитов. - М.: Просвещение, 1964.-344 с.

211. Қаландаров, Ҳ. Рӯдакӣ ва исмоилия [Матн] / Ҳ. Қаландаров. – Душанбе, 2012. – 236 с.

212. Қомуси тарбия // Мураттибон: А. Муллоев, Н. Алиев … [Матн] / А. Муллоев. - Душанбе, Ирфон, 2011. - 336 с.

213. Қосимӣ, С.А. Бадеияти латифаҳои халқии тоҷикӣ [Матн] / Қ. Саъдӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 190 с.

214. Қосимӣ, С.А. Мулоҳизаҳо андар боби адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ [Матн] / Қ. Саъдӣ. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 393 с.

215. Кошифӣ, Ҳ.В. Футувватномаи Султонӣ, Ахлоқи мӯҳсинӣ, Рисолаи Ҳотамия [Матн] / Ҳ.В. Кошифӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - 320 с.

216. Лейтес, Н.С. Возрастная одарённость школьников [Текст] / Н.С. Лейтес - М., 2000. -320 с.

217. Леонтьев А.Н. Умственное развитие ребенка [Текст] / А.Н. Леонтьев. - М.: Правда, 1950. - 32 с.

218. Лернер, И.Я. Дидактические основы методов обучения [Текст] / И.Я Лернер. - М., 1981. - 185 с.

219. Лутфуллоев, М. Дарс [Матн] / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Маориф. - 1995. - 191 с.

220. Лутфуллоев, М. Дастури фаъолияти омӯзгор [Матн] / М. Лутфуллоев.- Душанбе, 2007. - 200 с.

221. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир [Матн] / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2001. - 331 с.

222. Лутфуллоев, М. Инсон ва тарбия [Матн] / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Собириён, 2008. - 320 с.

223. Лутфуллоев, М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин [Матн] / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2006.-170 с.

224. Лутфуллоев, М. Оғози қиссаи тарбия [Матн] / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Собириён, 2007. - 280 с.

225. Лутфуллоев, М. Педагогикаи башар [Матн] / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Матбуот, 2008. - 144 с.

226. Лутфуллоев, М. Педагогикаи шавқат [Матн] / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 1994. - 165 с.

227. Лутфуллоев, М. Равишҳои таҳқиқ дар педагогика [Матн] / М. Лутфуллоев, Қ. Абдураҳимов. – Қурғонтеппа, 2014. – 60 с.

228. Лутфуллоев, М. Тулуи хуршеди истиқлол ва масъалаҳои тарбия [Матн] / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2018. - 179 с.

229. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи Аҷам [Матн] / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 1997. - 150 с.

230. Майер, Б. Техника ва таҳсилот. Дидактикаи тахассусӣ / Б. Майер, С. Мануков, Н. Сангов, С. Раҳимов, А. Азизов. - Душанбе, 2011. - 226 с.

231. Макаренко, А.С. Педагогические сочинения в 8 томах. Т.1 [Текст] / А.С. Макаренко. – Москва: Педагогика, 1983. - 450 с.

232. Маргарет, Т. Искусство управления государством: стратегии для меняющегося мира [Текст] / Т. Маргарет. - М. 2007. - С.17.

233. Маркова, А.К. Формирование мотивации учения [Текст] / А.К. Маркова, Т.А. Матис, А.Б. Орлов - М.: Просвещение, 1990. - 192 с.

234. Махмутов, М.И. Организация проблемного обучения в школе [Текст] / М.И. Махмутов. - М., 1977. - 170 с.

235. Менчинская, Н.А. Проблемы учения и умственное развитие [Текст] / Н.А. Менчинская. - М., 1989. – 216 с.

236. Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А. Мец. - М.: Наука, 1966. - 460 с.

237. Мирзоев, А. Абу Абдулло Рӯдакӣ [Матн] / А. Мирзоев. - Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1958. - 277 с.

238. Мирзоев, А. Ҳикояҳо оид ба ибни Сино ва шахсияти ӯ [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1953. – 240 с.

239. Мирзоев, Г. Изучение истории таджикской литературы в 8 классе [Текст] / Г. Мирзоев. - Душанбе: Маориф, 1982. - 95 с.

240. Миров, Т. Методика преподавания таджикской литературы [Текст] / Т. Миров, Ш. Исломов, К. Ходжаев. - Душанбе: Маориф, 1991.- 254 с.

241. Муқимов, Р. Санъати замони Абуалӣ ибни Сино // Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ [Матн] / Р. Муқимов, А. Рачабов. - Душанбе: Дониш, 2005. - 470 с.

242. Муллоаҳмад, М. Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт [Матн] / М. Муллоаҳмад. - Душанбе: Дониш, 2008. - 320 с.

243. Муносибати босалоҳият дар таълим [Матн] / Дастури методӣ / Мураттибон: Ғ. Бобизода, Ш. Исрофилниё, Д. Имомназаров, А. Байзоев ва дигарон. – Душанбе, 2017. – 170 с.

244. Муҳаббатӣ, М. Симурғ дар чустучуи Қоф [Матн] / М. Муҳаббатӣ. - Теҳрон, 1382. - 500 с.

245. Муҳаммад, Ё. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ [Матн] / Ё. Муҳаммад. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1386. – 270 с.

246. Муродӣ, М. Бадахшон дар таърих. Ч.1. [Матн] / М. Муродӣ. – Кобул, бидуни соли нашр.

247. Мустафоқулов, Т., Нарзуллоева, М. Асосҳои педагогикаи синнусолӣ ва педагогӣ [Матн] / Т. Мустафоқулов. М. Нарзуллоева. - Маорифи Тоҷикистон. – Кулоб. - 1993. - 360 с.

248. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ дар саддаи ХХ [Матн] / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2004. – 302 с.

249. Назир, У. Шукӯҳи таъриху тамаддун (нигоҳе ба суннатҳо, расму оини идҳои тоисломӣ) [Матн] / У. Назир. – Душанбе, 2011. -114 с.

250. Назир, У. Шукӯҳи таъриху тамаддун (нигоҳе ба суннатҳо. расму ойини идҳои тоисломӣ) [Матн] / У. Назир. - Душанбе, 2011. - 114 с.

251. Назиров, У. Авасто мероси муштараки ҷаҳониён [Матн] // У. Назиров Адаб, 2004, №1. - 64 с.

252. Наҷафзода, М.Б. Кисоии Марвазӣ ва ашъори ӯ [Матн] / М.Б. Наҷафзода. – Қоимшаҳр: Руҷа, 1998. – 224 с.

253. Наршахӣ Абубакр. Таърихи Бухоро [Матн] / Н. Абубакр. – Душанбе: Дониш, 1979. – 217 с.

254. Насриддин, А. Куллиёти осор. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷилди якум [Матн] / А. Насриддин. - Хуҷанд: Хуросон, 2013. - 608 с.

255. Насриддинов, А. Маърифат ва шарҳи адабиёт [Матн] / А. Насриддинов. – Душанбе, Ирфон, 1991. - 192 с.

256. Нафисӣ, С. Аҳвол ва ашъори Абуабдуллоҳ ибни Ҷаъфар Муҳаммади Рӯдакии Самарқандӣ, ҷилди 1-3 [Матн] / С. Нафисӣ. – Душанбе, 1930. - 410 с.

257. Нафисӣ, С. Кушоиш ва раҳоиш. Носири Хусрав [Матн] / С. Нафисӣ. - Ироншаҳри Ҷанубӣ: Асотир, 1380. - 139 с.

258. Нафисӣ, С. Таърихи тамаддуни Эрони Сосонӣ [Матн] / С. Нафисӣ. Теҳрон. - 1952. – 270 с.

259. Немов, Р.С. Психология: В 3-х т [Текст] / Р.С. Немов. - М.: Просвещение, 1995.

260. Ниёзов, С. Носири Хусрав: Дирӯз, имрӯз ва фардо [Матн] / С. Ниёзов, Р. Назариев. - Хуҷанд, Ношир, 2005. - 682 с.

261. Ниёзов, Ф. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт / Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ [Матн] / Ф. Ниёзов, Ф. Олимова, М. Зиёев. – Душанбе, 2012. – 140 с.

262. Николаева, Е.И. История педагогики и образования. Учебник для вузов [Текст] / Е.И. Николаева, В. Кулганов, П. Юнацкевич. - ЛитРес, 2016. - 346 с.

263.Новиков, Д.А. Методология управления [Текст] / Д.А. Новиков. – М.: Либроком, 2011. – 128 с.

264. Нуров, А. Арзишҳои миллию умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон [Матн] / А. Нуров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 170 с.

265. Нуров, А. Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи мактабиёни хурдсол [Матн] / А. Нуров. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 175 с.

266. Нӯъмонӣ, Ш. Шеър-ул-аҷам, тарҷумаи Фахрии Доии Гилонӣ. Ҷ.1 [Матн] / Ш. Нӯъмонӣ. - Теҳрон, интишороти Ибни Сино, 1324. – 460 с.

267. Ҳазратқулов, М. Ориёҳо ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / М. Ҳазратқулов. - Душанбе, 2006. - 577 с.

268. Обидов, Д. Ҳафт пири сухансаро дар нақлу ривоятҳо [Матн] / Д. Обидов. – Душанбе, 2010. - 238 с.

269. Орифӣ, М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик [Матн] / М. Орифӣ. - Душанбе, 1962. - 143 с.

270. Орлова, Л.А., Нозимов С.Д. Воспитание дело творческое. (Инструктивно - методические материалы по воспитанию) [Матн] / Л.А. Орлова, С.Д. Нозимов. - Душанбе, 2008. - 361 с.

271. Осори мунтахаби Абуалӣ ибни Сино**,** ҷилди 1 // Ҳайати таҳририя**:** М.С. Осимов, Г. Ашӯров М. Диноршоев ва дигарон [Матн] / А. Сино. - Душанбе**:** Ирфон, 1980**.** - 477 с.

272. Осори Рӯдакӣ [Матн] // Дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. - Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сатлинобод, 1958. - 541 с.

273. Охонниёзов, В.Д. Берангӣ хосияти Офаридагор [Матн] / В. Охонниёзов. - Душанбе, 2010. - 243 с.

274. Охонниёзов, В.Д. Мафҳум ва рамзи рангҳо дар назми классикии форси тоҷик [Матн] / В. Охонниёзов. - Душанбе, 2010. - 243 с.

275. Охонниёзов, В.Д. Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон. Китоби аввал [Матн] / В. Охонниёзов. - Душанбе, 2022. - 326 с.

276. Парпишоев К.З. Такмили ихтисоси омӯзгор – асоси рушди касбӣ [Матн] // Ба муносибати 60 - солагии филиали «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф « дар ВМКБ / К. Парпишоев, Ғ. Қурбонов, Ғ. Ғарибшоев ва дигарон. – Душанбе, 2017. – 175 с.

277. Педагогика: педагогические теории, системы, технологии: учебник для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений [Текст] / С.А. Смирнов, И.Б. Котова, Е.Н. Шиянов и др.; [Текст] // Под ред. С.А. Смирнова 4-е изд., испр. - М.: Издательский центр «Академия», 2003. - 512 с.

278. Пиаже, Ж. Психология интеллекта [Текст] / Ж. Пиаже. - М., 1994.

279. Пидкасистый, П.И. Искусство преподавания [Текст] / П.И. Пидкасистый, М.Л. Портнов. - М., «Рос. пед. Агентство», 1998. - 184 с.

280. Пирумшоев, Ҳ. Таърихи Дарвоз [Текст] / Ҳ. Пирумшоев. - Душанбе: Ирфон, 2008. – 703 с.

281. Поливанова, Н.И. Диагностика системного мышления [Текст] / Н.И. Поливанова, И.В. Ривина. - М.: Психологический институт РАО, 1995.

282. Психология одаренности детей и подростков [Текст] // Под ред. М.С. Лейтеса. - М.: Изд. «Академия», 1996. - 416 с.

283. Равен, Дж.К. Продвинутые прогрессивные матрицы: руководство к Прогрессивным Матрицам Равена и Словарным Шкалам. Раздел 4 [Текст] / Дж. К.Равен. - М.: Когито-Центр, 1998.

284. Равен, Дж.К. Руководство для Прогрессивных матриц Равена и Словарных шкал. Стандартные прогрессивные матрицы (включая Параллельные и Плюс версии): Раздел 3 4 [Текст] / Дж.К. Равен. - М.: Когито-Центр, 2002.

285. Рази А.З. Избранные сочинения [Текст] / Р.А. Закариё. – Душанбе: Адиб, 1989. -157 с.

286. Раҳимов, Б. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик [Матн] / Б. Раҳимов, А. Нуров. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. - 310 с.

287. Раҳимов, Д. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Д. Раҳимов. - Душанбе: ЭР-граф, 2017. - 280 с.

288. Раҳимов, Б. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик [Матн] / Б. Раҳимов, А. Нуров. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. - 295 с.

289. Рашод, М. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / М**.** Рашод. - Душанбе: Ирфон. - 1990. - 478 с.

290. Рашод, М.. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / М. Рашод. - Душанбе, Ирфон, 2002.- 403 с.

291. Репкин, В.В., Репкина Н.В. Система развивающего обучения: проект и реальность [Текст] // В.В. Репкин Н.В. Репкина. - Развивающее обучение: теория и практика. - Томск, 1997. – 430 с.

292. Ривина, И.В. Факторы, влияющие на эффективность совместной деятельности [Текст] // Развитие основ рефлексивного мышления школьников в процессе учебной деятельности // Под ред. В.В. Давыдова, В.В. Рубцова. - Новосибирск, 1995. – 317 с.

293. Ризвоншоева, Г.Н. Афсонаҳои серомези Бадахшон (таҳқиқи ғоя ва образ) [Матн] / Г.Н. Ризвоншоева. – Душанбе: Дониш, 2011. – 256 с.

294. Ризозода, Ш. История литературы Ирана [Текст] / Р. Шафак. -– Тегран, 1369. – 423 с.

295. Рондӣ, М. Таърихи иҷтимоии Эрон. Ҷилди 2 [Матн] / М .Рондӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 253. - 672 с.

296. Рогов, Е.И. Настольная книга практического психолога в образовании [Матн] / Е.И. Рогов. - М. «Владос», 1995. - 528 с.

297. Роджерс, К. Взгляд на психотерапию. Становление человека. - М.: Прогресс, 1994. Терминологическая правка В. Данченко [Текст] / К. Роджерс. - К.: PSYLIB, 2004.

298. Розенфельд, А.З. Предисловие [Текст] / А.З. Резенфельд / Сказки и легенды горных таджиков. – М.: Наука, 1990. С. 5 -20.

299. Розӣ, З. Мунтахаби осор [Матн] / З. Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. - 377 с.

300. Розӣ, Ш.Қ. Ал-муъҷам [Матн] / Ш.Қ. Розӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с.

301. Российская педагогическая энциклопедия. Том 2-й [Текст]. - М., - 1993 - 672 с.

302. Роузенталь, Ф. Торжество знания: Концепция знания в средневековом исламе [Текст] / Ф. Роузенталь - М., 1978. – 200 с.

303. Рубинштейн, С.Л. О мышлении и путях его исследования [Текст] / С.Л. Рубинштейн. - М.: Педагогика, 1958. - 147 с.

304. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии [Текст] / С.Л. Рубинштейн. - М.: Питер, 2000. - 712 с.

305. Рубцов, В.В. Организация и развитие совместных действий у детей в процессе обучения [Текст] / В.В. Рубцов. - М., 1987. – 214 с.

306. Рудаки. Собрание сочинений Рудаки. Сборник наследия Абуабдулло Джафар бини Мухаммад Рудаки. Комментарии Манучехра Донишпажу [Текст] / А. Рудаки. - Тегеран, 1374. - 127 с.

307. Рӯдакӣ, А. Девон. Таҳия ва тасҳеҳи К. Рустам [Матн] / А. Рӯдакӣ.- Олиотӣ, 2007. -256 с.

308. Рӯдакӣ, А. Насими мулиён / Маҷмуаи ашъор / Дебоча ва танзиму тавзеҳи Асрори Раҳмонфар / А. Рӯдакӣ. - Душанбе: Адиб, 1999. - 192 с.

309. Сабақи Рӯдакӣ**.** Муқаддима ва таҳияи матн ва луғату тавзеҳот ба қалами Аҳмад Абдуллоев, китоби аввал [Матн] / А. Абдуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 300 с.

310. Саидзода, Ҷ. Мо ва Носири Хусрав [Матн] / Ҷ. Саидзода. - Душанбе, 2004. - 52 с.

311. Сайфуллоев, А. Паямбари ишқ [Матн] / А. Сайфуллоев. - Душанбе: Адиб, 2008. - 543 с.

312. Саодатномаи халқ [Матн] // Мураттибон: Маъруф Бобоҷон, Муҳаммад Субҳон / М. Бобоҷон. – Хуҷанд: Хуросон, 2014. – 287 с.

313. Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / З. Сафо. - Душанбе: Алҳудо, 2001. - 269 с.

314. Сафо, З. Таърихи улуми ақлӣ [Матн] / С. Забеҳулло. - Теҳрон, 1331.

315. Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии: Учебное пособие [Текст] / Г.К. Селевко. - М.: Народное образование, 1998. - 256 с.

316. Семёнов, А.А. Из области релегиозных верованний горных таджиков [Текст] / А.А. Семёнов // Этнографическое обозрение. – М.. - №4, 1990.- 350 с.

317. Сино, А. Осори мунтахаб. Ҷ.2 [Матн] / А. Сино. - Душанбе, 1980. - 560 с.

318. Сино, А. Рисолаи ахлоқ [Матн] // Тарҷума ва тавзеҳоти С. Сулаймонӣ, таҳти назари Ғуломҳусейнзода / А. Сино. - Ашқобод, 2003. - 340 с.

319. Сино, А. Саргузашт. Пирӯзнома [Матн] / А. Сино. – Душанбе, 1980. - 400 с.

320. Скаткин, М.Н. Проблемы современной дидактики [Текст] / М.Н. Скаткин.- М.: Педагогика, 1984. - 95 с.

321. Содиқов, А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ [Матн] / А. Содиқов. - Душанбе, 1989. -144 с.

322. Степанов, П.В. Как создать воспитательную систему школы: возможный вариант: Учебное пособие [Текст] / П.В. Степанов. - М.: Педагогическое общество России, 2005. - 64 с.

323. Стил, Дж. Критическое мышление - углублённая методика [Текст] / Дж. Стил, К. Мередит Ч. Темпл. - М.: Изд-во Института «Открытое Общество», 1998. – 317 с.

324. Стил, Дж. Основы критического мышления [Текст] / Дж. Стил, К. Мередит, Ч. Темпл. - М.: Изд-во Института «Открытое Общество», 1997. - 314 с.

325. Стил, Дж. Чтение и письмо для развития критического мышления (ЧПКМ) [Текст] / Дж. Стил, К. Мередит, Ч. Темпл. - М.: Изд-во Института «Открытое Общество», 1997.

326. Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абуалӣ ибни Сино [Матн] / У. Султонов. - Душанбе, 1975. - 168 с.

327. Суннатҳои ақлонӣ дар дини ислом // Танзим ва тадвин аз доктор Ф. Дафтарӣ. Тарҷумаи доктор Ф. Бадраҳӣ. Таҳия ва таҳрири матни тоҷикӣ аз академик М. Диноршоев / Ф. Дафтарӣ. - Душанбе: Нодир, 2002.- 327 с.

328. Суханони ҳикматомез [Матн] // Мутарҷим Н. Сиярӣ / Н. Сярӣ. Душанбе. - 2013. - 310 с.

329. Сухомлинский, В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ.3 [Текст] / В.А. Сухомлинский. - Душанбе: Маориф, 1988. - 672 с.

330. Сухомлинский, В.А. Избранные педагогические сочинения: В 3 т [Текст] / В.А. Сухомлинский. - М.: Педагогика, 1980. – 273 с.

331. Сухомлинский, В.А. Сердце отдаю детям [Текст] / В.А. Сухомлинский. - К.: Рад. шк., 1988 . – 425 с.

332. Теплов, Б.М. Проблемы индивидуальных различий [Текст] / Б. Теплов М.. - М., 1961. - 125 с.

333. Тимофеев, И.В. Бируни [Текст] / И.В. Тимофеев. - М. Молодая гвардия, 1986.

334. Тоҳирҷонов, А. Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ (аз забони русӣ тарҷумаи М. Муллоаҳмад) [Матн] / А. Тоҳирҷонов. - Душанбе: Деваштич, 2008. - 228 с.

335. Турсунов, А. Эҳёи Ачам [Матн] / А. Турсунов. - Душанде: Ирфон. - 2004. - 295 с.

336. Тӯсӣ, Н. Сайру сулук [Матн] / Н. Тӯсӣ.- Лондон, 1998. – 310 с.

337. Тучкова, Т.У. Урок как показатель грамотности и мастерства учителя [Текст] / Т.У. Тучкова. - М.: ЦГЛ, АПК и ПРО, 2003. - 64 с.

338. Улуғзода, С. Пири ҳакимони машриқзамин [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе, 1989. – 138 с.

339. Урок основная форма организации учебно-воспитательного процесса в общеобразовательной и профессиональной школе [Текст] / Под ред. Х. Буйдакова. - Душанбе, 1989. - 51с.

340. Урок эффективность и качество [Текст] / Коллектив авторов. - Волгоград: Ниж - Волж. кн. изд - во, 1988. - 128 с.

341. Ушинский, К.Д. О народности в обшественном восптании // Избр. Пед. Соч. В 2 т. [Текст] / К.Д. Ушинский. – Москва, 1974. Т.1 –С. 51-123.

342. Ушинский, К.Д. Собрание сочинений [Текст] / К.Д. Ушинский. - М.: Педагогика, 1989.

343. Фарҳанг, Б. Ҳазору як ҳадис [Матн] / Б. Фарҳанг. - Душанбе, Ориёно, 1991.- 95 с.

344. Фатҳӣ, Н. Мудирияти омӯзиши волидайн дар ислоҳи рафтори кӯдакони давраи дабистонӣ [Матн] / Н. Фатҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 108 с.

345. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома, иборат аз 9 ҷилд. Ҷ.4. [Матн] / Ҳайати таҳририя: А. Самад, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Алимардонов, А. Хуросонӣ, С. Маъмур, Ф. Каримов // А. Фирдавсӣ. - Душанбе, Адиб, 2008. - 475 с.

346. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн] / Таҳияи Жул Мул // А. Фирдавсӣ. - Теҳрон: Беҳзод, 1375. - 824 с.

347. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома, иборат аз 9 ҷилд. Ҷ.2. [Матн] / Ҳайати таҳририя: А. Самад, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Алимардонов, А. Хуросонӣ, С. Маъмур, Ф. Каримов // А. Фирдавсӣ. - Душанбе, Адиб, 2007. - 475 с.

348. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома, иборат аз 9 ҷилд. Ҷ.3. [Матн] / Ҳайати таҳририя: М. Осимӣ, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Маниёзов, М.Н. Османов, Х. Шарифов, М. Қаноат // А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. - 478 с.

349. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ.1. [Матн] / А. Фирдавсӣ. - Душанбе, 1963. - 478 с.

350. Фолклори Помир. Ҷ.1. Зарбулмасал ва мақолҳои сокинони Шуғнон ва Рӯшон [Матн] / Мураттиб ва муаллифи сарсухан Н. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1992. – 358 с.

351. Фолклори Помир. Ҷ.2. Асотир, ривоят ва нақлҳо [Матн] / Мураттиб, муаллифи муқаддима ва тавзеҳот Н. Шакармамадов. – Душанбе: Империал-групп, 2005. – 432 с.

352. Формирование личности старшеклассников. - М., 1989. - 168 с.

353. Хайрулло, А. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик [Матн] / А. Хайрулло. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 110 с.

354. Хансбергер, А. Насир Хусрав - рубин Бадахшана [Текст] / А. Хансбергер. – Душанбе, 2003. - Нашрийти Нодир. – 328 с.

355. Ходжаев, К.Т. Педогогические взгляды Унсурмаали Кайковуса и Носира Хусрава / К.Т. Ходжаев. – Душанбе: Ватанпарвар, 2009. - 203 с.

356. Хусейнзода, Ш. Таджикская литература в 8-м классе [Текст] / Ш. Хусейнзода. - Душанбе: изд. Маориф, 1982. - 271 с.

357. Хусрав, Н. Ваҷҳи дин [Матн] / Таҳия ва тадвини Аликул Девонақулов ва Нурмуҳаммали Амиршоҳӣ / Н. Хусрав. – Душанбе: Амри илм, 2002. - 381 с.

358. Хусрав, Н. Девон [Матн] / Н. Хусрав. - Кобул, 1366. - 450 с.

359. Хусрав, Н. Девони ашъор [Матн] / Н. Хусрав. - Теҳрон, 1372 (1994). - 692 с.

360. Хусрав, Н. Девони ашъор / Н. Хусрав. - Теҳрон, 1961. - 169 с.

361. Хусрав, Н. Девони ашъор ва маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» [Матн] // Таҳия ва тадвини А. Девонақулов, А. Алимардонов ва Ф. Бобоев / Н. Хусрав. – Душанбе, 2003. - 955 с.

362. Хусрав, Н. Зод-ул - мусофирин [Матн] / Н. Хусрав. - Душанбе, 2010. - 511 с.

363. Хусрав, Н. Куллиёт (осори фалсафӣ ҷилди 3) [Матн] / Н. Хусрав. - Душанбе: Нашриёти Нодир, 2004. -353 с.

364. Хусрав, Н. Куллиёт [Матн] / Таҳияи А. Девонақулов, С. Раҳимзода, М. Бақоева, А. Шоҳҳуморов, Л. Саломатшоева, Э. Басир. Дар 2 ҷилд / Н. Хусрав. – Душане: Ирфон, 1991. - 636 с.

365. Хусрав, Н. Куллиёт. Мунтахаби осор: дар ду ҷилд. Ҷ.1 [Матн] / Н. Хусрав. - Душанбе, Ирфон, 1991.- 636.

366. Хусрав, Н. Кушоиш ва раҳоиш [Матн]. - Лондон, 1998 - 92 с.

367. Хусрав, Н. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн [Матн] / Н. Хусрав. - Душанбе: ЭР-Граф, 2011. - 310 с.

368.Хусрав, Н. Стрела времени [Текст] / Н. Хусрав. - Душанбе: Адиб, 1991. – 45 с.

369. Хусрав, Н. Хон-ул-ихвон / Н. Хусрав. - Душанбе, 2003. - 404 с.

370. Чередов, И.М. Сравнительная эффективность отдельных форм организации обучения на уроке [Текст] // Сб. Организация познавательной деятельности учащихся / И.М. Чередов. – Свердловск, 1979. - С. 45 – 51.

371. Чудновский, В.Э. Воспитание способностей и формирование личности [Текст] / В.Э. Чудновский. - М.: Знание, 1986. - 80 с.

372. Ҷаъфарӣ, А. Готҳо [Матн] / А. Ҷаъфарӣ. - Интишороти Асотир, 1385. - 136 с.

373. Шакармамадов, Н. Наврӯзи Бадахшон [Матн] / Н. Шакармамадов, О. Шакармамадов. - Хоруғ, Маърифат, 2003. - 46 с.

374. Шамова, Т.И. Проблемный подход в обучении [Текст] / Т.И. Шамова. - Новосибирск, 1969. - 68 с.

375. Шарипов, А. Великий мыслитель Абу Райхан Бируни [Текст] / А. Шарипов. - Ташкент, Фан, 1972.

376. Шарипов, Х. Рози ҷаҳон [Матн] / Х. Шарипов. - Душанбе: Нодир, 2004. - 353 с.

377. Шарифзода, Ф. (Шарифов). Интегрированное обучение - основа развития и воспитания [Текст] / Ш. Файзулло. - Душанбе, Маориф, 1995. - 143 с.

378. Шарифзода, Ф. (Шарифов). Теория и практика интегрированного обучения на начальном этапе средней школы [Текст] / Ш. Файзулло. - Душанбе: Маориф, 1997 - 194 с.

379. Шарифзода, Ф. Ҳадафи фикр кашфи асрор аст [Матн] / Ф. Шарифзода. – Нашриёти «Нури маърифат», 2021. - 244 с.

380. Шарифзода, Ф. Педагогика: курс лекций [Текст] / Ш. Файзулло, И. Каримова. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 284 с.

381. Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ [Матн] / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 543 с.

382. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ [Матн] / Ф. Шарифзода, А.М. Миралиев. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 561 с.

383. Шарифзода, Ф. Пешгирии хушунат дар хонавода ва мактаб / Дастури илмию методӣ барои кормандони соҳаи маориф / Ф. Шарифзода, И. Каримова, С. Сулаймонӣ [Матн] / Муҳаррири фаннӣ М. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 125 с.

384. Шаъбонӣ, Р. Одоб ва русуми Наврӯзӣ [Матн] / Р. Шаъбонӣ. - Душанбе, 2011. - 300 с.

385. Шиор, Ҷ. Зиндагинома ва осори Носири Хусрав [Матн] / Ҷ. Шиор. – Техрон, 1371. – 247 с.

386.Шишов, С.Е. Мониторинг качества образования в школе [Текст] / С.Е. Шишов, В.А. Кальней. - М.: Российское педагогическое агентство, 1998. - 354 с.

387. Юсуфбекова, З. Семья и семенный быт шугнанцев конец XIX - начало XX века [Матн] / З. Юсуфбекова. - Москва, 2015. - 220 с.

8. Адабиёт бо забони англисӣ

388. Ax, Jan, and Petra Ponte. Moral Issues in Educational Praxis: A Perspective from Pedagogiek and Didactiek as Human Sciences in Continental Europe [Text] // Ax, Jan, and Petra Ponte. Pedagogy, culture, and society, 2010. - № 1(118). P. 228.

389. Barakoska, A.N. Pedagogical and psychological basis of moral education [Text] // A.N.Brakoska, A Jokovska. International Journal of cognitive research in science, engineering, and education, 2013. - №2 (15). P. 90.

390. Basourakos, J. Moral voices and moral choices: Canadian drama and moral pedagogy [Text] // J.Basourakos. Journal of Moral Education, 1999. - №4(28). P. 250.

391. Bergmann, D.S. The logical connection between moral education and physical education [Text] // D.S.Bergmann. Journal of Curriculum Studies, 2000. - №32 (4th ed). P.150.

392. Covell, K. and Howe, R. Moral education through the 3 Rs: rights, respect, and responsibility [Text] // K Covvell, R Howe. Journal of Moral Education, 2001. -№ 30 (1st ed). P. 180.

393. Hutmacher, W. Key competencies for Europe [Text] // W, Hutmacher. Council for Cultural Co-operation (CDCC) Secondary Education for Europe, 1997. -№1 (117). P.73.

394. Kohlberg, L. Moral education, the psychological view. In L. C. Deighton (ed.), Encyclopedia of Education, 6, (New York: Macmillan) [Text], (1971): 399–406.

395. Lee, H.L. and Bjervas, L.L. Pedagogical documentation and systematic quality work in early childhood: Comparing practices in Western Australia and Sweden [Text] // H.L. Lee, L.L. Bjervas. Contemporary Issues in Early Childhood, 2021. -№2 (139). P. 180.

396. Teresa, Z.M. and Piotr G. The Personal Aspect of the Moral and Axiological Upbringing of Children and Adolescents [Text] // Z.M Teresa, G, Piotr. Lubelski rocznik pedagogiczny, 2020. -№1 (39). P. 90.

9.Ҳисоботҳо

397. Ҳисоботи раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба натиҷаҳои соҳаи маорифи вилоят дар соли таҳсили 2019-2020. – Хоруғ, 2020

398. Ҳисоботи Филиали муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ, оид ба амалигардонии Барномаи «Робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ: сохторҳои молиявӣ барои рушди соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон». - Хоруғ, 2019

10.Маълумоти шифоҳӣ

399. Ғуломалиев Раҳмон, нафақахӯр, 67 сола, сокини н. Мурғоб, ВМКБ.

400. Доробов Мубораккадам, 90 сола (соли таваллудаш тахмин, 1930-32), сокини деҳаи Нимоси ҷамоати Сежд ноҳияи Роштқалъа, ВМКБ.

401. Исмоилшо Саидиброимов, собиқ омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик, аълочии маорифи Иттиҳоди Шуравӣ, шоир, нафақахӯр (соли таваллуд 1942, вақти суҳбат 75 сол дошт), сокини деҳаи Бидеҷи ҷамоати Барвоз ноҳияи Роштқалъа, ВМКБ.

402. Мамутхонова Саидхоним - 85-сола (соли таваллуд 1936), нафақахӯр, сокини деҳаи Ҷавшангози ҷамоати Сежди ноҳияи Роштқалъа, ВМКБ.

403. Хушолбеков Хусравбек - 92 сола (соли таваллуд 1925), иштирокчии ҶБВ, дорандаи ордени «Ҷанги Бузурги Ватанӣ» дараҷаи 1. сокини деҳаи Синдев ҷамоати Барвоз н. Роштқалъа,

404. Шодавлатов Ғуломиддин (соли таваллуд 1916), собиқадори меҳнат, дорандаи Ордени Ленин, сокини деҳаи Занудҷ ҷамоати Барвоз н. Роштқалъа, ВМКБ.

405. Шорустамов Қиноатшо, собиқ маорифчӣ, нафақахӯр, 80 сола, сокини деҳаи Мун ҷамоати Навобод, н. Шуғнон, ВМКБ.

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:

[1-М]. Саидиброимов, Ш.О. Насир Хусрав и Каран [Текст] / Ш.О. Саидиброимов // Известия Академии наук Республика Таджикистан, 2012, №2. – С 99-101.

[2-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ақидаҳои педагогии тоисломӣ дар асарҳои динии халқҳои сокини минтақаҳои Форсу Мовароуннаҳр [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012, №3/8 (101). Қ.1. – С. 246 – 251.

[3-М]. Саидиброимов, Ш.О. Инъикоси усулҳои самарабахшу фаъоли таълим дар «Саодатнома»-и Носири Хурав [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2013, №4(53) қ.2. – С. 166-170.

[4-М]. Саидиброимов, Ш.О. Истифодаи ангезиши зеҳн ва инкишоф додани маҳорати фикрронӣ дар «Кушоиш ва раҳоиш»-и Н. Хусрав дар синфи 8 [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Илм ва инноватсия. Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2014, №1-2(7-8). – С. 33-36.

[5-М]. Саидиброимов, Ш.О. Наврӯз ва равнақи ҳунарҳои мардумӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Илм ва инноватсия. Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2017, №1-2(7-8). – С. 8-11.

[6-М]. Саидиброимов, Ш.О Саёҳат омили асосии рушди тафаккур ва салоҳиятҳои хонандагон (дар ҳаммуалифӣ). [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019, №10. - С. 251-255.

[7-М]. Саидиброимов, Ш.О. Нақши хирад дар шинохти қадри падару модар аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои Х-ХІ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2020, №4(53) қ.2. – С. 166-170.

[8-М]. Саидиброимов, Ш.О. Усулҳои ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли наврас бо истифода аз ашъори шуарои муосири тоҷик (дар ҳаммуалифӣ) [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020, №7. – С. 286-291.

[9-М]. Саидиброимов, Ш.О. Тафаккури интиқодӣ - омили асосии рушди тафаккур ва салоҳиятҳои хонандагон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020, №10. – С. 379-382.

[10-М]. Саидиброимов, Ш.О. Нақш ва ҷойгоҳи падару модар дар таълимоти мутафаккирони асрҳои X-XI (дар ҳаммуалифӣ)[Матн] /Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серия 2, 2021, №2(6). – С. 27-31.

[11-М]. Саидиброимов, Ш.О. Нақш ва ҷойгоҳи ақлу хирад дар таълимоти Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Ибни Сино ва Носири Хусрав [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серия 2, 2021, №3-4(7-8). – С. 47-51.

[12-М]. Саидиброимов, Ш.О. Прославление интелекта (мудрости) в творчестве литераторов X века [Текст] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми донишгоҳи Хоруғ, 2021, №2(18). – С. 149-156.

[13-М]. Саидиброимов, Ш.О. Татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал аз диди мутафаккирони асрҳои X-XI [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми донишгоҳи Хоруғ, 2022, №2.– С. 74-82.

[14-М]. Саидиброимов, Ш.О. Тақвияти педагогӣ дар такмил бахшидани сифати таълим бо роҳи табодули таҷриба (дар ҳаммуалифӣ). [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2022, №3(44). – С. 86-93.

[15-М]. Саидиброимов, Ш.О. Нақши хирад дар рушди таълиму тарбия аз нигоҳи Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, 2022, №4(40). – С. 5-9.

[16-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ҳамбастагии ақидаҳои тарбиявӣ-ахлоқии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2022, №4(45). – С. 74-78.

[17-М]. Саидиброимов, Ш.О. Шинохти ҳаққи модару падар дар «Қобуснома»-и У. Кайковус ва педагогикаи мардумии сокинони Бадахшон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022, №7. – С. 332-337.

[18-М]. Саидиброимов, Ш.О. Дарси муосир ва инъикоси он дар раванди таълим [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишкадаи забонҳо, 2023, №3(51). – С. 170-176.

[19-М]. Саидиброимов, Ш.О. Рушди салоҳиятҳои хонандагон аз нигоҳи Ҳаким Носири Хусрав [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, 2023, №4 (28). – С. 242-249.

[20-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ҷашни Сада аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI ва нақши он дар рушди салоҳиятҳои насли наврас [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, 2024, №2 (30). – С. 128-135.

[21-М]. Саидиброимов, Ш.О. Таҳқиқи таҷрибаҳои педагогӣ (амалигардонии усулҳои фаъоли таълим) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон (дар ҳаммуалифӣ) [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, 2024, №4 (28). – С. 240- 247.

II.Монографияҳои илмӣ:

[22-М]. Саидиброимов, Ш.О. Системаи дидактикии Носири Хусрав [Матн] // Монографияи илмӣ / Ш.О. Саидиброимов. – Душанбе: Ирфон, 2014. - 173 с.

[23-М]. Алоқаманд намудани таълим бо ҳаёт омили рушди маорифи миллӣ-монографияи Филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ [Матн] // Монографияи илмӣ. Таҳиякунанда, муаллифи сарсухан ва муҳаррири масъул Ш.О. Саидиброимов / Ш.О. Саидиброимов. – Душанбе, 2020. – 240 с.

[24-М]. Саидиброимов, Ш.О. Хирад ҳамчун падидаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони форсу тоҷик (асрҳои X-XI) [Матн] // Монографияи илмӣ / Ш.О. Саидиброимов. – Душанбе, Сифат-Офсет, 2023. – 350 с.

[25-М]. Саидиброимов, Ш.О. Татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик дар педагогикаи муосири миллӣ [Матн] // Монографияи илмӣ / Ш.О. Саидиброимов. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2024. – 240 с.

III. Мақолаҳои дар маводҳои конференсияҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ батабърасида:

[26-М]. Саидиброимов, Ш.О. Мавқеи усулҳои фаъоли таълим дар осори Носири Хусрав / Ш.О. Саидиброимов // Маҷмуаи мақолаҳо ва фишурдаи маърӯзаҳо аз конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ

«Ислоҳоти соҳаи маориф ва шаклгирии муносибатҳои бозаргонӣ». – Душанбе, 2011. - С 240-251.

[27-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ҳамқадами замон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Ҷ. Булбулов. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият ва андешаҳо (монографияи илмӣ). - Душанбе: Ирфон. – 2011. – С. 240.

[28-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ақидаҳои педагогии Мирзо Турсунзода [Матн] // Ш.О. Саидиброимов. Вассофи сулҳу амонӣ ва дӯстии халқҳо. Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 100-солагии шоир. Мураттиб. С. Маҳкамов. – Душанбе, 2011. – С. 71-76.

[29-М]. Саидиброимов, Ш.О. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Забон бақои миллат (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Муҳаррир Л. Додо. – Душанбе: Маърифат, 2011. – С.112-119.

[30-М]. Саидиброимов, Ш.О. Таҷлили Наврӯз дар Бадахшон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Ҷашни табиат, иди миллат ва рамзи ваҳдат. Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба иди байналмилалии Наврӯзи фархундапай. Мураттиб. С. Маҳкамов. – Душанбе, 2012. – С.87-71.

[31-М]. Саидиброимов, Ш.О. Исламского педагогика как источник пегдагогического наследия Носира Хусрава [Текст] / Ш.О. Саидиброимов // Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир (маводди конференсияи байналмилалии илмиву амалӣ бахшида ба 80-солагии Пажуҳишгоҳи рушди маориф). – Душанбе, 20 ноябри соли 2013. – С. 235 – 237.

[32-М]. Саидиброимов, Ш.О. Бузургонро бузургон зинда доранд [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Таълими ҳамгиро (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Мураттиб ва муҳаррири масъул профессор С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 89-97.

[33-М]. Саидиброимов, Ш.О. Рамзи оташ дар фалсафаи Наврӯз [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Дастовези наврӯзӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Мураттиб Қосимӣ Саъдӣ. - Душанбе, 2018. – С. 148-155.

[34-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ба корафтода коромӯз мебош [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Маводди конфренсияи IV байналмилалӣ: «Таҳсилоти

фарогир, мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он. – Душанбе, 2018. – С. 182-189.

[35-М]. Саидиброимов, Ш.О. Шоҳфутур – азизи дилҳо [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандаров, АМИТ, 2019. – С. 113-128.

[36-М]. Саидиброимов, Ш.О. Зи омӯзандае маънӣ фаро гир [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Дар пайроҳаи таълим (мақолаҳои илмӣ-методӣ). Муҳаррири масъул Ш.О. Саидиброимов. – Хоруғ, 2020. – С. 2 - 7.

[37-М]. Саидиброимов, Ш.О. Рушди салоҳиятҳои фикрронӣ ва муошрати хонандагон дар осори Носири Хусрав [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Дар пайроҳаи таълим (мақолаҳои илмӣ-методӣ). Муҳаррири масъул Ш.О. Саидиброимов. – Хоруғ, 2020. – С. 77 - 87.

[38-М]. Саидиброимов, Ш.О. Забон калиди дари ганҷ / Ш.О. Саидиброимов // Алоқаманд намудани таълим бо ҳаёт омили рушди маорифи миллӣ - монографияи филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ. Муҳаррири масъул Ш.О. Саидиброимов. – Душанбе, 2020. – С. 151-169.

[39-М]. Саидиброимов, Ш.О. Андешаҳо перомуни тақдирсоз будани Иҷлосия XVI–уми Шӯрои Олии Тоҷикистон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. Конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор». – Хоруғ, 2022. – С. 420-424.

[40-М]. Саидиброимов, Ш.О. Садриддин Айнӣ. арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ (дар ҳаммуалифӣ) [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. Институти илмҳои гуманитарӣ ба номи академик Б. Искандаров, АМИТ, 2023. – С. 99-115.

[41-М]. Саидиброимов, Ш.О. Инъикоси дарс-воситаи рушди касбии омӯзгор ва ташаккули сифати таълим [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Маводҳои Конфренсияи байналмилалии ІІІ-юми илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли

минтақаи кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор». – Хоруғ, 14-15-уми июни соли 2024. - С. 280-287.

IV. Дар маҷаллаҳои соҳавӣ – таълимию методӣ батабърасида:

[42-М]. Саидиброимов, Ш.О. Истифодаи дурусти методҳои дарсдиҳӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ. – Хоруғ, 2008, №1. - С.7-9.

[43-М]. Саидиброимов, Ш.О. Истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар дарси адабиёт [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ. – Хоруғ, 2009, №12. - С. 6-9.

[44-М]. Саидиброимов, Ш.О. Иттиҳодияи методиро такмил мебахшем [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Масъалаҳои маориф.- Душанбе, 2009, №4. - С.46-49.

[45-М]. Саидиброимов, Ш.О. Иттиҳодияи методиро дастгирӣ бояд [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Масъалаҳои маориф.- Душанбе, 2009, №5. - С.68-74.

[46-М]. Саидиброимов, Ш.О. Назаре ба ботини барномаҳои таълимӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ. – Хоруғ, 2009, №11. - С.20-21.

[47-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ашъори ибратомӯзи зиндагисоз (бахшида ба 100 солагии Мирзо Турсунзода) // Масъалаҳои маориф.- Душанбе, 2011, №5. - С. 94-97.

[48-М]. Саидиброимов, Ш.О. Қатрае аз баҳри дастовардҳо [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ.– Хоруғ, 2011, №5. - С.26-30.

[49-М]. Саидиброимов, Ш.О. Чанд роҳи фаъолгардонии хонандагон аз нигоҳи Ҳаким Носири Хусрав [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ. – Хоруғ, 2011, №6. - С.12-19.

[50-М]. Саидиброимов, Ш.О. Наврӯз дар ашъори Лаъҷубаи Мирзоҳасан [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ.– Хоруғ, 2012, №50(142). - С.10-12.

[51-М]. Саидиброимов, Ш.О. Таълими босифат [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ.– Хоруғ, 2012. - №57. - С.26-28.

[52-М]. Саидиброимов, Ш.О. Усулҳои фаъолгардонии хонандагон дар дарс [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ. - Хоруғ, 2012, №58. - С.26-28.

[53-М]. Саидиброимов, Ш.О. Арзёбии дониш бо усули фаъоли таълим [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ. – Хоруғ, 2013, №1. - С.14-15.

[54-М]. Саидиброимов, Ш.О. Таҳлили муқоисавии ақидаҳои педагогии Носири Хусрав ва доктаринаи педагогии суфизм [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Раҳнамои омӯзгор. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ. – Хоруғ, 2013, №2. - С.26-28.

[55-М]. Саидиброимов, Ш.О. Шеър ва ташаккули худшиносӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Омӯзгор №11(12184), 2018. – С. 5-7.

[56-М]. Саидиброимов, Ш.О. Зан-модари тоҷик намунаи ибрати фарзандон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Бонувони Тоҷикистон. – июл, 2019, (№152). С. 48-49.